Расул Ҳодизода

Худоё, худро бишносам



Расул Ҳодизода

ХУДОЁ, ХУДРО БИШНОСАМ

китоби хотирот

Душанбе-2006

ББК 83.3 (тоҷик)
Ҳ - 74

Расул Ҳодизода. Худоё, худро бишносам. Душанбе, Деваштич, 2006, 372 саҳ.

Муҳаррир: ***Имомиддин Раҳимӣ***

Олим ва нависандаи маъруф Расул Ҳодизода дар китоби хотироташ ҳамзамон бо тасвири марҳилаҳои зиндагӣ ва фаъолияти худ дар бораи воқеаҳои таърихии илму маданият ва симоҳои шинохтаи адабиёт, илм ва фарҳанги тоҷик ҳикоятҳои ҷолиб аз диду дили худ нақл намудааст. Чунонки муаллиф гуфтааст, ин китоб "ёде аз саҳифаҳои таърихи замон ва одамон аст", ки ба хонандаи имрӯз тақдим мешавад.

Дар нашри китоб Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон низ саҳм гузоштааст.

ISBN 99947-36-05-1

© Расул Ҳодизода, 2006.с.

БА НОМИ ХУДОВАНДИ ҶОНУ ХИРАД

"Раббӣ ҳаблӣ ҳукман ва алҳиқнӣ биссолеҳин в-аҳъалнӣ лисона сидқин филохирин."
"Парвардигоро, ба ман ҳикмат арзонӣ дор ва маро ба зумраи шоистагон бипайванд ва дар ҳаққи ман дар забони ояндагон гуфтори неку қарор деҳ".

(сураи Шуаро, оёти 83-84)

МУҚАДДИМА

Ҳар шахсе ки аз хотироти худ сухан оғоз мекунад ё дафтарҳои хотираи гузаштаро ба ҳам мепайвандад, дар маркази гуфтор ё таълифоти вай аз аввал то охир "ман"-и ӯ қарор мегирад ва ин "ман" меҳвари васлкунандаи симоҳои гуногун, воқеаву ҳодисоти мухталиф мегардад. Муаллиф он чи дидаву аз таҷрибаи зиндагӣ андӯхтааст, худаш ба воситаи "ман" ҳикоят мекунад. Аммо ин "ман" набояд манзур ва мазмуни асосии китоб бошад, балки"ман" бояд як василае, як шишаи пурбине бошад, ки нуқтаи инъикоси воқеаҳо, ҳодисаҳо, шахсони мухталиф ва ҷолибро пеши чашми хонанда муҷассам созад ва хонанда дида тавонад, ки дар гирдоби ҳаводиси ҷомеа ва дар муомила бо афроди ҷомеа "ман"-и муаллиф чӣ такомулоте, чи табаддулоте ва чи таҳаввулоте аз сар гузаронидааст. Агар чунин набошад, хотироти муаллиф ба афсонаи "яке буду яке набуд" монанд мешавад, ки на ҳар кас майли хондану шунидани онро мекунад.

Ҳар гоҳе ки хотироти нависандагону аҳли илму фарҳангро мехонам, тасаввуре ҳосил мешавад, ки муаллифон дар тӯли умр ба марҳилае мерасанд, ки бо таҳрики илҳоми ғайбӣ ва садои ботинӣ худро ба навиштани сафаҳоти зиндагии гузашта омода ва вазифадор медонанд. Эҳсос мекунам, ки зиндагиномаи ишон на ҳамчун нақли саргузашт ҷолиб аст, балки хотироти онҳо барои насли имрӯз, барои ояндагон, барои таърих сабақе ва ибрате маҳсуб мешавад. Ман гуфтанӣ ҳастам, ки манзур ва ҳадафи умда аз таълифи дафтари хотирот барои насли муосир ва оянда аз замону давроне ки ту дидай, шоҳиди он будай, нақше боқӣ гузоштан аст. Чунин тасаввур ва тафаккур дар ман дар марҳилаи ҳафтодумин соли умр пайдо шуд. Ба тадриҷ майл ва неруи муҳаррике ҳис мекардам, ки маро ба таълифи дафтари хотирот даъват менамуд. Лаҳзаҳое мешуд, ки сафаҳоти айёми гузаштаро ба ёд меовардам. Дар аввал дар маънаву ботини воқеаву ҳодисаҳои гузашта камтар андешаву тааммуқ мекардам. Аммо имрӯз ёди айёми гузашта на худ ба худ, балки дар асари ягон воқеаи ҷомеа сурат мегирад.

Дар ҳаёти тӯлонии худ бо доираи калони шахсон ҳамнишасту ҳамнафасу рафиқу мӯънис будам. Дар ташаккули шахсияти ман онҳо нақшу таъсире

гузоштаанд. Гузашта аз ин дар симои онҳо таҷассуми муҳити маънавӣ ва ахлоқу одоби замону давраи муайянро мебинем. Бинобар ин нақлу ҳикояти лаҳзаҳои зиндагии онҳо пораҳои таърихи маънавии ҷомеаи мо мебошад.

Имрӯз ҳамаи ашхосеро, ки дар зиндагиам нақше аз онҳо мондааст ё умуман бо онҳо ошнову шинос будам ва дар кору зиндагӣ алоқамандие ба онҳо доштам, ба се гурӯҳ тақсим мекунам. Гурӯҳи аввал дар синну сол аз ман хеле бузург ва ба ҳукми устоду роҳнамо буданд. Як қисми зиндагии бошууронаи ин ашхос дар давраи пеш аз инқилоби октябр гузаштааст, ки онро давраи истибдод ва зулму ситами феодалӣ номзад мекардем. Ин давраи салтанати империятурии Русия ва амирони Бухоро буд. Шоҳидони ин давр, мисли устод Айнӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Қорӣ Масеҳои Тамҳид, амакбузург ва падари ман, Вадуд Маҳмудӣ ва дигарон ду давраи ба ҳам муқобилро дида буданд: онҳо аз замони "зулму ситам" раҳоӣ ёфта, ба давраи "озодӣ" расида ва ба сохтори нави сотсиалистии шӯравӣ ва ҳокимияти ҳизби коммунистӣ самимона хидмат кардаанд.

Гурӯҳи дуввум онҳое буданд, ки чанд сол пеш аз вуқӯи инқилоби Октябр чашм ба ҷаҳон кушода, аммо ташаккули шахсӣ, фикрӣ ва маънавии онҳо дар давраи нави "озодии коммунистӣ" сурат гирифта буд. Ин ашхос зодагони замони кӯҳан, аммо тарбиятёфтагони давраи нави иҷтимоиву сиёсӣ буданд. Хидмати онҳо дар истеҳкоми сохтори давлати шӯравӣ, дар таблиғ ва ташвиқи афкору ақоиди коммунистӣ аз рӯи самимият ва ҷонфишонӣ буд. Онҳо то охири умр дар ин пояи фикрӣ ва маънавӣ устувору пойдор буданд. Аксари онҳо табаддулотҳои солҳои охир - аз ҳам пош хӯрдани давлати бузурги шӯравӣ ва суқути пояҳои фикрии коммунистиро нодида аз ҷаҳон даргузаштанд, мисли Абдусалом Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ниёзӣ, Сотим Улуғзода ва амсоли онҳо.

Ва ниҳоят, гурӯҳи саввум ҳамсолону ҳамкорон ва дӯстони дуру наздики ман ҳастанд. Мо ҳама зодагони даврони шӯравӣ ҳастем, ки таваллуди мо дар миёна ва охирҳои солҳои бистуми асри гузашта воқеъ шудааст. Мо ҳама аз бозе ки чашм ба ҷаҳон кушуда ва гӯшро вақфи суханҳои атрофиён кардаем, он чи шунидем, "ҳокимияти шӯравӣ, роҳнамоии фирқа ё партияи болшевикӣ, доҳиёни пролетариати ҷаҳон Марксу Энгелсу Ленину Сталин" буд. Аз панҷ – шашсолагӣ моро ба гурӯҳи "октябрятҳо" мансуб мекарданд ва талқин менамуданд, ки мо — фарзандон, зодагони инқилоби октябр ҳастем ва шодии кӯдаконаи моро ҳадду канор набуд.

Аз синфҳои аввали мактаб моро ба сафи пионер қабул мекарданд. Дар системаи сохтори сиёсӣ ин ташкилоти нахустини бачагон ба як оину тартибу танзими мустаҳкам қарор ёфта буд. Гурӯҳи муайяни пионерҳоро "отряд" мегуфтанд ва ин отряд "сардор" дошт. Чанд отряд ташкилоти умумии пионерони мактабро созмон медод, ки сардори онро "вожатий" мегуфтанд. Вожатий калимаи русист, ки маънияш "роҳбар" аст. Пионерҳо шиоре доштанд ва он ба ин қарор буд: вожатий пионерҳоро ба саф ҷамъ мекард ва баъд аз суруду "марш" дар охир ба пионерҳои сафороста муроҷиат карда мегуфт: "Пионер,ба кори Партияи коммунистӣ (ё ба кори Ленину Сталин) тайёр бош!" Пионерҳо даст ба пешонӣ боло карда, баробар бо садои баланд мегуфтанд: "Доимо тайёр!"

Пионер бояд ҳамеша дар гардан аз матои сурхи сегӯша галстук дошта бошад. Ба мо мегуфтанд, ки ба гардан матои сурх бастан чунин маънӣ дорад, ки пионер ранги хуни қурбониёни роҳи инқилобро ҳамеша пос медорад.

Аз синни чаҳордаҳсолагӣ пионер метавонад (ва вазифадор аст), ки ба сафи комсомол дохил шавад. Ин ташкилотро "комсомоли ленинӣ" мегуфтанд, ки мухтасари ибораи русии "Коммунистический союз ленинской молодежи" (тарҷумааш: Иттифоқи коммунистии ҷавонони ленинӣ) мебошад. Шахси ҷавонро ба комсомол нахуст дар маҷлиси умумӣ бо санҷишу суолу ҷавобҳои сиёсӣ қабул мекарданд. Сипас ҷавон зина ба зина аз санҷиши комиссияҳои қабули ташкилотҳои болоӣ гузашта, ниҳоят аз кумитаи ноҳиявии комсомол китобчаи узвиятро мегирифт. Яке аз вазифаҳои нахустини комсомол пардохти ҳаққи узвияти ҳармоҳа буд. Комсомол дар таблиғ ва тарғиби афкору ақоиди коммунистӣ ниҳоят ҷонфишон ва мутаассиб буд. Дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат дасти мададгори неруманди ҳизби коммунистӣ маҳсуб мешуд. Чавононе, ки дар сафи комсомол ҷонсупорӣ ва фидокорӣ мекарданд, барои қабул ба сафи ҳизби коммунистӣ тавсия мешуданд.

Зиндагии мо, ҷавононе, ки дар солҳои бистуму сиюми асри XX ба ҷаҳон чашм кушудаем, ба ҳамин роҳе, ки аз он нақл кардам, ҷараён дошт. Мо танҳо таълимоти коммунистиро пайравӣ мекардем, фалсафаи материалистии Марксу Ленинро меомӯхтем ва онро ягона роҳи дурусти илму дониш мепиндоштем. Динро музахрафот ва афсонаи гумроҳкунандаи инсоният медонистем. Мо ҷавонони давраи музаффарияти сотсиализм будем, ки барои бунёди ҷомеаи олии коммунистӣ ҳастии худро набояд дареғ дорем. Мо Ленину Сталинро на танҳо чун пайғамбар, балки ҳамчун худо парастиш мекардем. Шоири ӯзбек Ғафур Ғулом дар мадеҳаи худ ба номи Сталин чунин фикреро ба назм кашида буд: "Агар дар осмон дар воқеъ ҳам Худо вуҷуд медошт, барои анҷоми корҳои дунё пеши ту ба машварат меомад". Аз ин шарҳи мухтасар хонанда шояд тасаввур карда тавонад, ки мо чӣ шахсоне будем дар даврони шӯравӣ ва ҳокимияти коммунистӣ.

Солҳои гуруснагии аввали солҳои сиюм гузашт, таъқибот ва зиндонӣ кардани шахсони номдору машҳури доираи равшанфикрон ва ходимони сиёсии ҳизбу давлат дар солҳои 37-38 ба айби "душманони халқ" сипарӣ шуд. Солҳои мушкилу маҳрумиятҳои ҷанги бузурги ватании солҳои 41-45 бо ғалабаи лашкари шӯравӣ анҷом ёфт.

Баъд аз ҷанг зиндагӣ душвор буд, вале мо эҳёи фарҳангиву илмию маънавиро дар муҳити сиёсии мамлакат ҳис мекардем. Ин ҷунбиши маънавӣ дар ҷумҳуриҳои миллӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ мушоҳида мешуд. Пеш аз ҳама ба омӯхтан ва нашри осори адабиёти классикӣ роҳ кушода шуд. Дар Душанбе Донишгоҳи давлатӣ, Институти политехникӣ ташкил шуд. Соли 1951 Академияи илмҳои Тоҷикистон таъсис гардид. Дар театрҳо дар қатори намоишномаҳои миллӣ осори драматургони ҷаҳон ба саҳна гузошта мешуд. Киностудияи "Тоҷикфилм" аз ҳаёти ҷумҳурӣ ва таърихи гузаштаамон филмҳо тайёр мекард. Китобҳои нахустин аз таърихи адабиёти классикии тоҷик, аз таърихи халқи тоҷик таълиф шуда, ба табъ расиданд. Тарҷумаи адабиёти ҷаҳон хеле тавсиа ёфт.

Қудрати давлати шӯравӣ меафзуд, мақому манзилат ва таъсиру нуфузи давлату ҳизби коммунистӣ бо ҳар роҳ ба қитъаҳои мухталифи ҷаҳон паҳн мешуд. Дар айни чунин авҷу камолоти кишвари сотсиалистӣ доҳии мо ва тамоми мардуми ҷаҳон Сталин ба нохост чанд рӯз бемор шуду дар аввали моҳи марти соли 1953 чашм аз ҷаҳон пӯшид. Расми видоъ ва дафни вай ниҳоят бо шукӯҳу ҳашамат ва мотаму сӯгвории ӯ бо гиряву навҳа ва яъсу андӯҳи самимиву ҷонгудози мардуми шӯравӣ сурат гирифт. Аз вафоти Сталин ду-се моҳ гузашту дар муносибати мақомоти болои ҳизби коммунистӣ ва давлати шӯравӣ нисбат ба Сталин як сардиву назари манфӣ эҳсос кардем. Аммо аз асли масъала касе огоҳ набуд. Ин хомӯшии сард ва фаромӯшӣ нисбат ба Сталин се-чор сол давом кард. Ниҳоят соли 1957 дар съезди бистуми ҳизб дар маърӯзаи Хрушчев Сталин ҳамчун ҳокими мустабид, бераҳм, роҳбари бетадбири инодкор ва... хулоса ба сони ҷиноятҳоре маҳкум гардид. Ҳамаи нокомиҳову хатоҳои ҷиддии сиёсати ҳизб ва давлати шӯравиро ба гардани Сталин гузоштанд ва гуфтанд: барои бартараф намудани ин хатоҳо ҳамаи коммунистон ва мардуми шӯравӣ бояд дар атрофи ҳизб муттаҳид гарданд ва ваҳдати ҳизбу мардумро пос ва пойдор доранд.

Маъракаи бузурги фош намудани Сталин ва кӯшишҳои аз нав мустаҳкам намудани қудрат ва сохтори ҳизбу давлат бо роҳбарии сарони мамлакат ва шахсан Хрушчев хеле муташаккилона мегузашт. Вале ин танҳо дар зоҳир буд. Он эътиқоду имоне, ки мардум ва ҳизбиён нисбат ба давлати шӯравӣ ва ҳизби коммунистӣ доштанд, акнун аз бунёдаш суст шуда буд. Шакке нест, ки ҳизб ҳанӯз дар сари қудрат буд, роҳбари ягонаи мо буд, мо ҳам ба расму одату оини пешин ҳизбро эътироф мекардем, аз сахтгирии он метарсидем. Аммо эҳсос мешуд, ки ҳизби коммунистӣ дигар ба рӯҳу афкори мо таъсири пешинаро надорад. Ин ҳизб ташкилот ва сохторе буд, ки дар идораи давлат фаолияти ҳукуматро сахт назорат мекард, лекин бунёди он, неруи идеологии он хеле суст шуда буд. Ва сабаби ба як вазиши бод аз ҳам пош хӯрдани давлати шӯравӣ ва ҳизби коммунистӣ ҳам дар ҳамин буд.

Пас аз суқути ҳокимияти коммунистӣ ва барқарор гардидани сохторҳои "демократӣ" дар собиқ ҷумҳуриҳои иттиҳоди шӯравӣ интиқод ва фошгӯии айбу иллатҳо ва нуқсону "ҷиноятҳои" коммунистон шурӯъ шуд. Маълум гардид, ки сарманшаи ҳамаи айбу иллатҳои ҷомеаи шӯравӣ, нобасомонии иқтисодӣ ва истибдоду кушторҳо роҳбари нахустини инқилоби октябр ва сарвари давлати шӯравӣ Владимир Ленин будааст. Интиқод ва маъракаи зиддикоммунистӣ ба як назму муташаккилие, ки дар фош намудани "ҷиноятҳои Сталин" мушоҳида мешуд, сурат намегирифт. Ҳукумат ва ҳизбҳои нави демократӣ бештар бо истиқрори ҳокимият ва давлати "мардумӣ" машғул буданд ва ба тартиб додани эъломия ва муроҷиатномаҳои расмию назариявӣ дар маҳкум намудани асосҳои сиёсиву иҷтимоии сохтори шӯравӣ вақту фурсат надоштанд. Ба назарам, дар ин кор онҳо худро чандон ҳақдор ҳам намедонистанд. Ин сабабҳои ҷиддӣ дошт.

Баъд аз фуру афтодани ҳокимияти шӯравӣ ва диктатураи ҳизби коммунистӣ қариб дар ҳамаи мамлакатҳои собиқ коммунистӣ бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ рух дод Дараҷаи зиндагии мардум паст рафт, бенавоӣ дар ҷомеа ҳукмрон гашт. Албатта дар чунин шароит

сарони давлатҳои нави демократӣ аз минбару матбуот зиндагии замони шӯравиро маломату мазаммат карда наметавонистанд. Онҳо бештар ба тартиб ва таблиғи муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ рӯй меоварданд ва чунин роҳро воситаи баланд гардидани дараҷаи иқтисодии мамлакат медонистанд.

Гурӯҳи якуми ашхосе, ки аз онҳо дар боло зикр шуд, дар ин замон ҳама зиндагиро падруд гуфта буданд ва ин харачу марачи ҷангҳои дохилӣ, зиндагии бенавоёнаи мардум, минҷумла аҳли илму адабро надида рафтанд. Аммо онҳое, ки аз гурӯҳи дуввуми ашхоси зикр кардаи ман зинда буданд, пош хурдани давлати шуравӣ ва ҳизби коммунистиро ҳамчун як фоҷеа ба хунобаи дил мушоҳида мекарданд ва чунин сурати воқеаро ба ҳеч ваҷҳ қабул карда наметавонистанд. Гузашта аз ин медиданд, ки барои муқовимат ба ин ҷараёни нави сиёсӣ имкони набарду мубориза ва неруи ба майдон баромадан надоранд ва аз ин вазъ боз ҳам зиёдтар маъюстару навмедтар мегаштанд.

Тақдиру раванди зиндагӣ ва фаолияти зодагони солҳои бистум ва сиюми асри гузашта ба гунаи дигар сурат гирифт. Барои мо аз ҳам пош хӯрдани давлати муқтадири шуравӣ ниҳоят вазнин ва аз тасаввур берун буд. Лекин мо медидем, ки аз рӯзҳои аввали арзи вуҷуд кардани ҷумҳуриҳои нави мустақили демократӣ як фазои тозаи беғубори озодии шахс, озодии андешаву эътиқод, озодии пиндору гуфтор пайдо шуд ва ҳамаи ин нафаси ҷонбахшу руҳафзое ба ҷомеа ворид намуд.

Ман узви ҳизби коммунистӣ будам ва ба сони аҳли қаламу илм барои таблиғ ва тарғиби идеяҳои коммунистӣ самимона хидмат мекардам. Вақтҳои охир ҳис мекардам, ки эътиқоди коммунистӣ ва оини ҳизби коммунистӣ ба ман имкон намедиҳанд, ки он чи аз омӯзиши Қуръон ва таълимоти ислом ва ақоиди ирфон ҳосил шуда буд, озодона таҳқиқ намоям ва ҳақиқати ҳолро арза дорам. Ба хотирам суханҳои файласуфи аз тарафи Ленин мардудшудаи рус Бердяев меомад, ки гуфта буд /мазмунан/: "Ман мухолифи сарсахти сотсиализм нестам. Таълимоти иҷтимоӣ ва иқтисодии он барои ҷомеа муфид аст ва ман онро қабул дорам. Аммо бо он ки сотсилизм шахси инсонро таҳқир ва хор мекунад, мувосо карда наметавонам".

Таълимот ва ақоиди коммунистӣ, гуфтан мумкин аст, дар ҳастии ман ҳулул карда буд, аммо бо вуҷуди ҳамин нисбат ба дин муносибати ниҳоят манфӣ ва бадбинонаи коммунистиро қабул карда наметавонистам.

Фазои наву хушҳавои маънавии ҷомеаи тозабунёди мо зодагони солҳои бистуму сиюмро зуд аз банди идеологияи коммунистӣ раҳоӣ бахшид ва мо барои хидмат дар сохтани ҷомеаи демократии мамлакат сахт азм намудем. Ҳарчанд ба равшанфикрон ва аҳли илму адаб зумомдорони давлат камтар ғамхориву эҳтиром зоҳир менамуданд ва маоши зиндагии мо танг ва эҳтиёҷмандона буд, вале азми қатъии мо дар хидмати ҷомеаи нав суст намешуд.

Муносибати мо ба гузаштаи ҷомеаи шӯравӣ, ба тарзи умумӣ гӯям, ҳам мусбату ҳам интиқодӣ аст. Мо айбҷӯиро як су гузошта, аз рӯи инсоф бояд гӯем, ки дастовард ва табаддулотҳои куллии таърихии ҷомеаи худро дар муддати ҳафтод соли таърихи шуравӣ ба тарзи ҳаққонӣ арзёбӣ бояд кард.

Яке аз бузургтарин неъматҳои маънавие, ки мо ба шарофати ҳокимияти шӯравӣ ба он даст ёфтем, имкон ва ҳуқуқи соҳиб шудан ба мероси бой ва қадими маданӣ буд. Мо имконият пайдо кардем, ки ин меросро биёмӯзем ва дар дастраси мардум гузорем.

Ҷои баҳс нест, ки сохтори давлатӣ ва диктатураи коммунистӣ айбу нуқсонҳои ҷиддии сиёсиву иҷтимоӣ дошт. Ошкор ва интиқод намудани он барои сабақу ибрати таърих зарур ва лобуд аст. Лекин интиқоди мо бояд ҳақиқатпарварона, ҳаққӯёна ва ҳақгӯёна бошад. Мо набояд дастовардҳои бузурги таърихамонро инкор кунем, балки онро ҳамеша эътироф бояд кард. Аммо мутаассифона дар навишта ва суханрониҳои ҳамсолону ҳамкоронам гоҳо назари ифротии манфиро мушоҳида мекунам. Дар байни ин танқидгарони ифротӣ шахсоне ҳастанд, ки тарбияи хуби маънавии замони шӯравиро гирифтаанд, дар он даврон онҳо дар ҳамду санои сохтори шӯравӣ самараҳои хуб ба даст дароварда, соҳиби ҷоизаву унвонҳо шуда буданд. Ва чунин шахсон аз танқидгарони сарсахти даврони коммунистӣ шуданд. Кӣ медонад, онҳо ба ин восита мехоҳанд дар назари зумомдорони давлат ва аҳли ҷомеаи нав худро бо ороиши нав ҷилва диҳанд!

Ман шахсан ба таърихи гузаштаи давраи шӯравӣ назари холисона дорам, ҳеч набошад мекӯшам, ки дар арзёбӣ ва интиқоди худ мунсиф ва ҳақгӯй бошам. Давлати шӯравӣ маро ба осмонҳо набардоштааст, ҷоизаву ифтихорномаҳоро ба сари ман баҳудаву беҳуда нарехтааст, баръакс борҳо шудааст, ки айбеву гуноҳеро ба сари ман бор карда, пеши аҳли ҷомеа маро забонкӯтоҳ карданӣ мешуданд. Лекин чунин озурдагӣ ба ман ҳуқуқи маънавӣ намедиҳад, ки ба таърихи тараққиёт ва пешрафтҳои таърихи ҳафтод соли давраи шӯравӣ хати батлон кашам. Бар акс ман аз ин рушду равнақи кишварамон фахр мекунам, аз ривоҷи беназири илми тоҷик, адабиёти тоҷик, санъати тоҷик сарфарозӣ мекунам... Ва имрӯз ҳам ба қадри қуввату тавонам, дар доираи имкони фикру андешаи худ бе ҳеч тамау чашмдорӣ ба ҷоизаву унвонҳои фахрӣ барои равнақи маънавиёти мардум заҳамоте ба харҷ медиҳам.

Аз он чи дар ин муқаддима гуфтам, ҳадаф он аст, ки навиштани хотирот танҳо нақлу ҳикояти зиндагии нигоранда нест, балки ёде аз саҳифаҳои таърихи замон ва одамон аст. Ин саҳифаҳо ба чӣ тарз тасвир мешаванд, ҳақиқати ҳол то чӣ андоза риоят мегардад, нафаси замон, симою сирати одамон то чи андоза "ҳамчу моҳтоб дар оби ҷӯй" (Мавлонои Рум) мунъакис мегардад, ин ба дурустии андешаҳои нигоранда, ба доираи нигоҳи вай вобаста аст. Аз Худои мутаол умедворам, ки чашми маро дар дидани ҳақиқат хира ва қалами маро дар навиштани ин авроқ тира нагардонад.

ФАСЛИ ЯКУМ. САМАРҚАНД

Ман дар шаҳри Самарқанд мутаваллид шудаам. Ин шаҳр гаҳвораи ман аст, мураббии ман аст, ҳар чи дар ман ҳаст, аз ҳамин шаҳр сарчашма гирифтааст, фазои ин шаҳр нафаси маро доимо тоза медорад, осмони он дили маро, дидаи маро равшанӣ мебахшад. Ин шаҳр ифтихори ман аст ва бахти ман будааст ки дар ин шаҳр чашм ба ҷаҳон кушодаам...

Пеш аз он ки дар бораи Самарқанди айёми кӯдакиву наврасиам ҳикоят кунам, мехоҳам аз насабу аҷдоди худ иттилое диҳам, ки кай ба ин шаҳр расидаанд ва дар ин шаҳр чи ҷойгоҳе доштаанд

Аҷдоду авлоди мо ба хоҷагони Мираконӣ маъруфанд. Дар Самарқанд хонадонҳои бисёре буданд, ки худро ба "хоҷагон" мутааллиқ медонистанд ва имруз ҳам бозмондагони онҳо насабномаи худро гум накардаанд. Чунончи, хоҷагони махдуми хоразмӣ, хоҷагони Хоҷа Аҳрорӣ, хоҷагони ҷомафурӯш (аксари онҳо тоҷирони номдор буданд), хоҷагони Хоҷа Абду ва ғайра. Модарам мегуфт, ки хонадони падарат, мираконихо хоҷагони хеле асил ва мутабаррак ҳастанд. Аксари ишон мударрис ё дар мансаби қозиву муфтӣ буданд. Лекин дар даврони шӯравӣ худро ба хоҷагон, хусусан хоҷагони "мутабаррак" нисбат додан ё ба ин фахр кардан мамнӯъ буд ва ҳатто хатари мардудии ҷомеаи болшевикӣ гардидан мешуд. Аз ин ҷост ки падарону хешовандони мо, ки ба кори мактабу маориф ва идороти шӯравӣ маъмур буданд, аз "мираконӣ" будани худ лаб намекушоданд ва ҳатто дар вазъиятҳои ҳассос лақаби "хон" ва "хоҷа" - ро, ки ба номи ишон илҳоқ мешуд, ба забон намегирифтанд.

Мо фарзандони даврони коммунистӣ низ "мираконӣ" будани худро фаромӯш кардем, ҳарчанд дар оила ва муносибатҳои хешовандӣ урфу одат, муомилоти "хоҷагароиро" риоя менамудем.

Баъд аз он ки ба синни камолот расидем ва таъқибу тазйиқ дар ҳаққи "табақаи ашроф" камтар шуд, падар баъзан мегуфт, ки саромади хонадони мо Мир Тоҳири Садр буд ва ин шахси бонуфузу номдор сесад сол пеш аз Машҳад ба Самарқанд сафар карда, ҳамин ҷо иқомат ихтиёр кардааст. Ялангтӯш Баҳодур – ҳокими шаҳр дар вақти сохтани мадрасаи Шердор яке аз ҳуҷраҳои мадрасаро ба Мир Тоҳири Садр вақф карда ва дар тоқи ҳуҷра навишта будааст: "Ҳаст ин ҳуҷраи оликадр вақфи авлоди Мир Тоҳири Садр".

Насаби ин шахс ба имом Мӯсои Козим, падари Имом Ризо мерасида ва аз ин ҷо лақаби "мӯсавиюрразавӣ" доштааст. Авлоду бозмондагони ин шахс, ки дар мансаби қазову ифто буданд, дар мӯҳрҳои худ баъд аз ном лақаби "мусавиюрразавӣ"-ро илҳоқ мекарданд. Дар мӯҳри ҷадди ман, ки муфтӣ буд, "Мирҳодихоҷа муфтӣ ибн қозӣ Ширинхоҷа мӯсавиюрразавӣ" навишта шудааст.

Таърих ва тафсили ба Самарқанд омадани Мир Тоҳири Садр баъд аз даргузашти падарам ба ман маълум шуд. Дар аввали солҳои навадум яке аз

хешбачагони мо - Комилхон Каттаев нусхаи қаламии "Таърихи Муқимхонӣ"-ро мутааллиқ ба ҷадди худ пеши ман овард ва гуфт, ки дар ҳошияи боби аҳволи Надир Муҳаммадхони Аштархонӣ аз Мир Тоҳири Садр ахборе сабт гардидааст. Хулосаи навиштаҳои муаллифи "Таърих" ва шарҳи ҳошия ин аст, ки модари Надир Муҳаммадхон Шаҳрӣ-Бону аз содоти разавии Машҳад буда, ба никоҳи Динмуҳаммадхони аштархонӣ даромада будааст. Ба ҳамин насақ Надир Муҳаммадхон ба авлоди содоти Разавӣ, ки шаҷараи онҳо ба аҳли байти пайғамбари акрам /с/ мерасад, мансуб шуда ва аз ҳамин хон сар карда, ҳукмронҳои аштархонӣ ба номи худ унвони фахрии "саййид"-ро илова мекардаанд.

Надир Муҳаммадхон баъд аз ҷулус ба тахти Бухоро аз Машҳад тағоии худ (яъне бародари Шаҳрӣ - Бону) Мир Тоҳирро ба Бухоро даъват макунад ва ӯро мавриди эҳтиром ва эъзози махсус қарор дода, унвони фахрии уламо-"садр"-ро ба ӯ арзонӣ медорад. Уламо ва умарои дарбор, ки бе ин ҳам ба "эронинажод" будани Надир Муҳаммад назари манфӣ доштанд, аз ҷойгоҳи эҳтироми Мир Тоҳири Садр норозигӣ ва шиква оғоз мекунанд, то он ҷо ки Надир Муҳаммад маҷбур мешавад, тағоии худро ба Самарканд ба ҳимояти Ялангтӯш Баҳодур фиристад. Ин воқеа тахминан дар солҳои 1640-42 ба вуқӯъ меояд. Ва аз ҳамин сол Мир Тоҳири Садр дар Самарқанд ҷою манзил сохта, бо иёлу фарзандонаш "самарқандӣ" мешаванд.

Ба ҳамин тариқ сарриштаи гиреҳ ба даст омад. Баъд аз ин дар ҷустуҷӯи бозмондагони Мир Тоҳири Садр афтодам. Дар охири солҳои навадум фурсате даст доду тазкираи Малеҳои Самарқандиро бо диққат ва ҳавсалаи тамом хонда баромадам. Дар тазкира Малеҳо аз Хоҷа Миракшоҳ – дӯст ва шарикдарси падараш зикри хайр карда, дар чанд ҷои тазкира васфи хислатҳои шахсӣ ва дараҷаи илму дониши ӯро овардааст. Аз навиштаҳои Малеҳо чунин бармеояд, ки Миракшоҳ аз мударрисони номдори Самарқанд буда ва баъдтар бо фармони хони аштархонӣ Абдулазизхон ба мансаби қозикалони Самарқанд маъмур шудааст.

Малеҳо аз се фарзанди Хоҷа Миракшоҳ, аз ҷумла писари аршади вай Султон Иброҳим зикре карда, ӯро бо тахаллуси Халил дар зумраи шоирони он давр дар тазкира дохил намудааст. Дар ҳамин боб аз Миракшоҳ зикре карда, ӯро "разавӣ алқоб ва мӯсавӣ интисоб" васф менамояд ва шаҷараи хонадони ӯро чунин сабт мекунад:

"Ва нисбати силсилаи интисоби ҷаноби мазкур ба Расули Худо чунин буда ки: Хоҷа Миракшоҳ ибн Мир Абӯ Тоҳир ибн Абулҳасан ибн Мир Абдулғаффор ибн Султон Иброҳим ибн Султон Муҳаммад ибн Султон Иброҳим ибн Султон Ҳусайн ибн Тоҳир ибн Ҳасан ибн Алӣ ибн Муҳаммад ибн Иброҳим ибн Мӯсо ибн Ҷаъфар ибн Муҳаммад ибн Исмоил ибн Аҳмад ибн Муҳаммад ибн Аҳмад ибн Муҳаммад ал-аъробӣ ибн Қосим ибн Ҳамза ибн Имом Мӯсо ибн Имом Ҷаъфари Содиқ ибн Имом Муҳаммад Боқир ибн Имом Зайнулобидин ибн Ҳазрати Имом Ҳусайни шаҳиди мазлум ибн Амиралмӯъминин Алӣ ибн Абӣ Толиб ва умма Фотима бинти Муҳаммад Расулуллоҳи саллоллоҳу алайҳи ва ало олиҳи ва саллам".

Нигоранда баъд аз ҷустуҷӯй ва тафаҳҳусҳои дақиқ интисоби худро ба шаҷараи Хоҷа Миракшоҳ ба ин тариқ муайян намудам: Расулхон ибн

Ҳайдархон ибн Муфтӣ Ҳодихоҷа ибн Қозӣ Ширинхоҷа ибн қозӣ Абулҳайхоҷа ибн Абилхайр аълам ибн Амир Иброҳим ибн Хоҷа Миракшоҳ ибн Мир Абӯ Тоҳири Садр...

Дӯсти ман аз Машҳад донишманди дақиқ Маҳдӣ Саййидӣ шаҷараи дар санги болои мақбараи Масҷиди Хиштини Машҳад сабтёфтаро бо шаҷараи тазкираи Малеҳо муқояса кард ва маълум шуд, ки ин ду шаҷара баъд аз номи Мир Абӯ Тоҳир бо ҳам мутобиқат доранд. Хулосаи дигаре, ки ишон ҳосил намуд, ин аст, ки хоҷагони Миракониии Самарқанд ба содоти Мӯсавӣ интисоб доштаанд ва Разавӣ лақабе будааст, ки ишон ба нисбати мӯсавии худ илҳоқ намудаанд.

Хулосаи тақрибӣ ин аст, ки "миракони" ба авлоди мо бо номи Хоҷа Миракшоҳ иртибот дорад. Номи гузари Қозӣ Калон, ки имрӯз ҳам вуҷуд дорад, низ ба Миракшоҳ мутааллиқ аст ва аз замоне ки дар ҳамин гузар иқомат доштааст, ин гузар ба Қозӣ Калон мавсум шуда ва ҳоло ҳам ба ҳамин ном машҳур аст. Ин гузар ва чанде аз маҳаллоти атрофи он, аз ҷумла гузарҳои атрофи Масҷиди Ҷомеъи Темурӣ қисми қадимии шаҳри Самарқанд будааст..

Аз он чи гуфтам, натиҷа ин аст, ки пайванди ман ба Самарқанд на танҳо аз он аст, ки ин ҷо зода шудаам, балки ба он сабаб низ аст, ки иқомати хонадони мо дар ин шаҳр таърихи беш аз се қарнро дорад. Муҳаббати фитрии ман ба ин шаҳр шояд аз ҳамин ҷо маншаъ гирифтааст.

Самарқанд имрӯз хеле тағйир ёфтааст, зебову шукуфо гаштааст. Лекин дар ёди ман ҳамон Самарқанди айёми бачагиам ҳамеша зиндаву муҷассам аст. Қисми қадими шаҳр ҳоло бо тарҳи таърихиаш нигаҳдорӣ шудааст, ҳар чанд бисёр тағйироту дигаргуниҳое бе дурбиниву риояи гузаштаи таърихӣ дар намуди зоҳирии он ворид шудааст.

Дар айёми кӯдакиам (ва аз он пештар ҳам) ҳудуди Самарқанд дар назди дарвозаҳои қалъаи шаҳр, ки аз онҳо танҳо ном боқӣ монда буд, ба охир мерасид. Дар ҷануб охири шаҳр Дарвозаи Сӯзангарон, дар шарқ Дарвозаи Қаландархона, дар шимоли шарқ назди Масҷиди Хизр, дар шимоли ғарб Дарвозаи Пои Кабоқ, дар ғарб назди Булвари Абрамов (Абрамовский булвар) Дарвозаи Бухоро, дар ҷанубии ғарб Дарвозаи Хоҷа Аҳрор буд. Ҳаммомҳои машҳури шаҳр ҳаммоми Арк, ҳаммоми Пули Сафед, ҳаммоми Қӯшҳавз, вайрон карда нашуда буданд. Мадрасаи Шайбонихонум, тимҳои савдои рӯ ба рӯи Регистон, бозорҳои чорвою ниҳолу коҳу ангишт (зуғол), саройҳои навсохти (ба тарзи урупоию маҳаллӣ) тоҷирону бойҳои шаҳр ҳанӯз аз байн бардошта нашуда буданд. Умуман шаҳр дар ҳамон тарҳе, ки дар замони Темур ва фарзандони ӯ аз вайронаҳои замони чингизиён қад барафрошта буд, вуҷуд дошт. Баъд аз он ки русҳо дар нимаи дуввуми асри 19 бар Самарқанд истило ёфтанд, дар ғарби Самарқанд шаҳри наве ба тарзи русӣ бино карданд ва он шаҳр низ номи Самарқандро гирифт. Аммо дар байни мардум ва дар баъзе китобу саёҳатномаҳо қисми қадими шаҳр "Шаҳри кӯҳна" ва қисми нав "Шаҳри нав" ном гирифт.

Ин ду шаҳри Самарқанд то инқилоби Октябр ҳар кадом зиндагӣ ва тарзу оини худро дошт. Мардуми шаҳри кӯҳна зиндагонӣ ва урфу одати суннатии мусулмонии худро идома медод ва ҷомеаи рус ба тарзи худ, ба оину урфу

одати хоссаи худ зиндагӣ мекард. Идораҳои маъмурии Русия дар шаҳри нав ҷой гирифта, аз ҳамон ҷо фармонфармой мекарданд. Аз аввали асри 19 сар карда баъзе равшанфикрон ва тоҷирони русигарой, инчунин чанде аз тоҷирони номдори яҳудиёни Самарқанд дар шаҳри нав барои манзил ва корхонаҳои худ иморатҳои урупой сохта, ҳамон ҷо иқомат мекарданд.

Баъд аз инқилоби Октябр солҳои 1927-29 Самарқанд пойтахти Ӯзбекистон буд. Тамоми идораҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ дар шаҳри нав дар биноҳои пешини маъмурияти Русия ҷойгир шуда буд. Мактабҳо, омӯзиши олии нав ҳам дар қисми русии шаҳр таъсис гардид. Ба ин сабаб омаду рафти мардум ба шаҳри нав торафт зиёдтар мешуд.

Аз майдони тарафи ҷанубии Мадрасаи Улуғбек ба шаҳри нав як автобус рафту омад мекард. Ғайр аз ин дар як тарафи ҳамин майдон избошҳои (фойтунҳои) кироя буданд, ки одамони хоҷатмандро ба шаҳри нав ва вокзали роҳи оҳан мерасониданд.

Хулосаи калом, ки ҳамин тарҳу намои таърихӣ ва суннатии шаҳр дар дидаву хотири ман нақш бастааст.

Муҳити зиндагӣ ва фазои он солҳои Самарқанд орому ҳаловатбахш, бе ташвишу такудав ва дар оғӯши сулҳу салоҳият буд. Дар кӯчаҳои шаҳри кӯҳна мошину автобусҳо ангуштшумор буданд, воситаи ҳамлу нақл ва рафтуои мардум асосан аробаҳои кӯтаку (мухаффафи "кӯтоҳак", зеро ин ароба нисбат ба аробаҳои хӯқандӣ хурдтару кӯтоҳтар буд) хӯқандӣ ва аспу харҳои зебою тару тоза ва избошхои дуаспаву яккаасп буданд. Дар шаҳри кӯҳна ба ҷуз чанд кӯчаи калону идораҳои маъмурӣ дар гузарҳову бозорҳо чароғи барқӣ набуд. Баъд аз фуромадани торикӣ ҳама ҷо хомӯшу сокит мегардид, шаҳр дар оғӯши пардаи сиёҳ мепечид ва танҳо шақшақи посбонҳои гузарҳо тарсу бими шабҳои ҳавлангезро камтар мекард.

Аз хурдӣ ба гӯши мо мардуми шаҳрро ба тоҷику ӯзбек ҷудо кардан намерасид. Мулоқоту дидор бо мардуми рус чи дар шаҳри наву чи дар шаҳри кӯҳна ҳеҷ бегонагӣ ва дурӣ дар дилҳо бедор намекард. Ҳатто ба хаёл намеомад, ки шаҳр шаҳри тоҷик аст ё ӯзбек. Медонистем, ки ҷумҳурии мо Ӯзбекистон аст, дар ҳама ҷо аксу суратҳои сарони давлат ва ҳизби коммунистӣ – Файзулло Хоҷаев, Акмал Икромов ва Охунбобоев ба назар мерасид, маҷлисҳои калон ва нутқу суханрониҳои расмӣ ба забони узбакӣ сурат мегирифт... Аммо на мани хурдсол ва на дар доираи оилаву шиносон намешунидам, ки оё Самарканд шаҳри тоҷик аст ё ӯзбек?

Ба назарам,чунин суоле дар он солҳо муҳол буд, ки ба сари касе биёяд. Охир дар Самарқанд зиндагӣ, муомилот, урфу одат ҳамагӣ тоҷикӣ, дар рӯҳи тоҷикӣ ва дар забони тоҷикӣ буд. Тамоми гузарҳои шаҳр номи тоҷикӣ дошт, баъзеи онҳо бо ин ном дар замонҳои Восифию Малеҳо вуҷуд доштаанд. Расму оин ва урфу одатҳо - чунончи маросими тӯи никоҳ - ба забони тоҷикӣ сурат мегирифт: ноншиканон, ошхӯракон, рӯбинон, талбон... Бегоҳи се, худой, бист, чил, оши сол дар мурдадорӣ...

Дар гузарҳо мардум тоҷик буданду тоҷикӣ гап мезаданд, ба ҷуз баъзе калонсолҳову муйсафедони гузарҳои Тошкандӣ ё Зоминӣ, ки гоҳо байни худ ӯзбакӣ сӯҳбат мекарданд. Мактабҳои машҳуру номашҳури шаҳр тоҷикӣ буданд. Муаллимон омӯзишгоҳҳои тоҷикиро хатм карда ё қисме аз онҳо дар

донишгоҳи Самарқанд дар риштаҳою тахассусҳои гуногун ба забони узбекӣ таҳсил карда, вале ба забони фасеҳи тоҷикӣ дарс мегуфтанд. Ба донишгоҳ хатмкунандагони мактабҳои тоҷикии шаҳр ва умуман Ӯзбекистон бе ҳеҷ монеа баробари толибилмони узбеку рус дохил мешуданд.

Дар Самарқанд чанд солҳо нашриёти давлатии Тоҷикистон кор мекард, дар Самарқанд рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" (ба ҷои "Овози тоҷик") ҳамчун нашири афкори ҳукуматӣ интишор меёфт. Маҷаллаи ҳаҷвии "Бигиз" низ дар Самарқанд чоп мешуд. Шоиру нависандагони ҷавон дар мактабу омӯзишгоҳҳо маҳфилҳои адабӣ доштанд, бо роҳнамоии устодони тоҷик дарси адабу шеър меомӯхтанд. Аз байни чунин ҷавонон мисли Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Ҳабиб Аҳрорӣ шахсони номдори адабиёти тоҷик зуҳур карда буданд.

Дар Самарқанд ғайр аз китобҳои дарсии тоҷикӣ адабиёти бадеӣ ниҳоят бисёр буд. Дар дӯконҳои калони шаҳр китобҳои тоҷикӣ дар рафхо озодаву ороста меистоданд ва аз шаҳру деҳоти атроф харидорони зиёде доштанд...

Бо вуҷуди чунин рӯҳи тоҷикӣ дар мардуми Самарқанд нисбат ба миллатҳои дигар бегонагӣ ё осоре аз хусумат ҳис намекардам. Як зиндагӣ ва ҷараёни рӯзҳои осоишта моро фаро гирифта буд. Модарам мегуфт, ки падари ишон Қозӣ Исохон аз хоҷагони ӯзбакияи мавзеи Казоқҳоҷа будааст (даҳ-дувоздаҳ километр дар шимоли Самарқанд). Дар ҷавонӣ ба шаҳр омада, дар мадраса таҳсил намуда, ба қатори толибилмони пешқадам гузаштааст. Баъд аз хатми мадраса ба мансаби қозӣ мансуб шудааст. Дар шаҳр иёлу фарзанд карда, дар соатҳои фароғат ба духтаронаш хондани Ҳофизу Фузулиро меомӯхтааст. Дар муҳити оилаи тоҷикон ва ҳамсоягон чунон тоҷик шудааст, ки ҳатто аз ӯзбек будани худ ёдовар намешудааст. Ишон ду-се сол пеш аз инқилоб аз ҷаҳон чашм пӯшидааст.

Ёд дорам дар кӯдакӣ модаркалонам духтару набераҳояшро ба аробаҳо бор карда, ба деҳаи Қазоқҳоҷа мебурд. Бошандагони деҳ забони тоҷикиро кам медонистанд ва ба як лаҳҷаи душвори ӯзбакӣ гап мезаданд. Омадани мо барои онҳо суре буд: гӯё мо аз осмон фуромадему онҳо ба сар бардоштанд. Тамоми нозу неъмати беҳтарини деҳашонро пешкаши мо мекарданд, ҳамаи моро ҳамчун нишонае аз Исохон ба ҷону дил посдорӣ мекарданд. Мо хешу табор ва одамони ба дил наздики ҳамдигар будем, на ӯзбеку тоҷик...

ГУЗАРИ ҚОЗӢ КАЛОН

Гузари Қозӣ Калон аз Чорсуи маркази шаҳр тақрибан як-ду километр дар тарафи шарқ воқеъ гардидааст. Аз Чорсу кӯчаи калони сангфарш (ҳоло асфалт) ба маркази гузари Қозӣ Калон мерасонад. Дар ин гузар сокинони асосӣ хоҷагони Мираконӣ буданд. Дар чанд ҳавлии маъмур хонаводаҳое бо номи Ҷавсариҳо иқомат доштанд, ки мухлис ва иродатмандони Миракониён буданд.

Ман дар ҳамин гузар мутаваллид шудаам, аммо солҳои аввалини зиндагии оилаамон дар ин гузар ёдам нест, зеро дар хурдсолии мо аз ин гузар ба маҳалли дигар кӯчида, ҳавлию ҷои нав карда будем. Лекин ман аз

шиш-ҳафтсолагиам сар карда ба ин гузар зуд-зуд мерафтам ва гуфтан мумкин аст, ки ин хонаи дуввуми ман буд.

Ҷадди ман ва амубузургонам дар ҳамин гузар дар ҳавлиҳои ба ҳам наздик зиндагӣ мекарданд. Бародари бузург Мӯсохоҷа муфтӣ буд ва дар саргаҳи гузар ҳавлии калони пуршукӯҳе дошт. Ишон моҳи феврали соли 1916 падруди зиндагӣ карда ва дар назди девори ғарбии Шоҳи зинда мадфун аст ва қабраш ҳоло бар ҷост. Каме дуртар аз ҳавлии Мӯсохоҷа муфтӣ баъд аз масҷид ҳавлии ҷадди ман Ҳодихоҷа муфтӣ воқеъ буда ва ҳоло ҳам он ҷо писари амубузургам иқомат дорад. Дусад метр дуртар ҳавлии Исохон машҳур ба Қозӣ - мударрис воқеъ буд, ки ҳоло дар дасти шахсони бегона аст. Исохон мударриси номдор буда, аз охири солҳои навадуми асри 19 дар мадрасаи Шердор ба тадрис машғул будааст. Баробари ин дар амри қазо низ ном бароварда ва пеши ҳукуматдорони рус обрую эътибори зиёде доштааст. Баъд аз инқилоби октябр яке аз сарони ташкилоти "Шӯрои ислом" буда ва ба муқобили болшевикон мардумро таблиғ ва тарғиб мекардааст. Дар китобчае хонда будам, ки ишон дар қатли болшевики ҷавони самарқандӣ Шамсиддин фарзанди шоир Иброҳими Ҷуръат даст доштааст. Баъд аз хондани ин хабар дар ҳайрат будам, ки чаро ҳукумати шӯравӣ ӯро зиндонӣ накардааст, ки то охири умр дар манзили худ зиндагии осудаву ором ба сар бурдааст. Исохон соли 1932 дар синни 87- солагӣ аз ҷаҳон чашм пӯшида, дар паҳлӯи Мӯсохон муфтӣ мадфун аст.

Ниҳоят дар чанд қадам дуртар аз манзили Қозӣ Исохон ҳавлии бародари чорум Қозӣ Абдулҳайхоҷа воқеъ аст ва имрӯз соҳибони ин ҳавлӣ яке аз бозмондагони ҳамин хонадонанд. Даргузашти ишон дар соли 1915 аст ва қабраш дар паҳлӯи ду бародари марҳуми фавқуззикр воқеъ гаштааст.

Дар миёни бародарҳо ҷадди ман Ҳодихоҷа- муфтӣ шахси бетакаллуф буда, зиндагии фақиронаи бе дабдаба ба сар мебурдааст. Ишон мисли қозӣ мударрис дар ҳавлӣ ошпазҳои хоссаву пешхидматони чобукдаст надоштааст. Ҳам дар боғе, ки дар Тайлоқ дошт ва ҳам дар боғи хурдтаре, ки барои модаркалонам аз Қаволаи поёни Самарқанд харидорӣ кардааст, худ ба киштукор ва нигоҳубини ниҳолу дарахтон машғул будааст. Фарзандҳоро низ маҷбур мекардааст, ки бо корҳои рӯзгору хона машғул бошанд.

Боре ҷадди ман сахт бемор мешавад ва чанд рӯз дар табу ларз бистарӣ мехобад. Қозӣ Мударрис ба аёдати ишон меояд ва муддате назди он кас менишинад, Аз бемор садое намебарояд. Ниҳоят Қозӣ Мударрис мегӯяд:

— Эшони муфтӣ, чаро гап намезанед, ягон чиз гӯед, васият дошта бошед, бе истиҳола гуфтан гиред.

Ҷадди ман чашмашро ним кушода мегӯяд:

-Аҷаб гапҳо мезанед, эшони қозӣ. Ман чи васият мекунам? Охир дар зиндагиам гуфтаҳои ман ҷомаи амал намепӯшаду баъди мурдан кӣ гапи маро пос медорад?.

Гоҳо дар ҳавлӣ танҳо монад, падарамро барои чой ба чойхонаи гузар мефиристодааст ва ба дасташ чойники кӯҳнаи шикаставу бо коғазу суф ширешкардаро медодааст. Падарам мегуфтааст:

— Ман бо ин чойник шарм медорам ба чойхона равам.

- Шарм медорӣ? Пас ана чойники нави хитоиро гиру ба чойхоначӣ гӯй, ки

отаам ана ҳамин хел чойникҳо ҳам доранд, агар мо ҳар рӯз бо ин чойник ба чойхона бароем, ду рӯз нагузашта ин чойник ҳам шикаставу қадоқӣ мешавад.

Падарам боз нақл мекард:

- Гоҳо дар кӯдакӣ ҳамроҳи қиблагоҳӣ ба сайри кӯчаву бозор мебаромадем. Ман бозичаву ҳалвоҳои ширинро дида исрор мекардам, ки барои ман аз он чизҳо харида диҳанд. Ишон мегуфтанд:

- Писарам, ту ки дар киса пул надорӣ, ҳар чизро ҳаваси харидан мекунӣ, бин, ман ки пул дорам, ба ҳеҷ чиз ҳавасам намеравад.

Ҷадди ман гузаштагони худро, ки аслан аз Машҳад ва дар мазҳаби ташаййӯъ буданд, ҳамоно пос медоштааст ва ба он ифтихор низ мекардааст, ки ба рағми бародарони худ фарзандонашро бо номи имомони шиа мавсум кардааст: Ризохон, Алихон, Ҳайдархон, Ҷаъфархон. Аммо ишон на дар ташаййуъ ва на дар тасаннун таассуб ва ифрот надоштааст, балки гумон мекунам як навъ ринд ва озодандеш будааст. Дар боғи Тайлоқ дур аз чашми шаҳриён аз ангурҳои олии кишмиши сафед бо ёрии як мухлиси худ мусаллас месохтааст ва дар давоми сол мунтазам аз он истеъмол мекардааст. Хумҳои мусалласи ишон солҳои сол дар таҳхонаи ҳавлии ишон нигаҳдорӣ мешуданд.

Ҷадди ман дар тафовут аз бародарони худ шахси китобдӯст ва китобхон будааст. Ба ҷуз китобҳои чопии илми фиқҳ ва усули дин шумори зиёди осори манзуму мансури адибони гузаштаро дар дастнависҳои ниҳоят гаронбаҳои қадим ҷамъ намудааст. Китобҳои гаронбаҳои нусхаҳои қаламӣ, ки аз ишон ба мерос мондаанд, дар дасти амуи бузургам буданд ва ишон ҳам аз рӯи эҳтиёҷ ва ҳам аз бими маъмурони полиси махфӣ ин китобҳоро ба китобхонаҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон фурӯхтааст. Ман баъд аз омадан ба Душанбе дар ганҷинаҳои дастнависҳои ин шаҳр чанд нусхаи нодирро дидам, ки мӯҳри китобхонаи Ҳодизодаро дошта, бешак аз китобхонаи ҷадди ман буданд.

Гузари Қозӣ Калон на танҳо чун зодгоҳ, балки чун ёдгори гузаштагони хонаводаи мироконiён, ҳамчун манзилгоҳи ҷаддам ва бародарони ишон, ҳамчун иқоматгоҳи хешовандону акрабо ба дил наздику ба рӯҳ созгору нерубахш аст. Ман ба ин гузар аз солҳои ҷавониам то имрӯз на танҳо барои дидори хешовандон, балки ҳамчун қадамгоҳи гузаштагони хонадонамон ба зиёрат меравам...

ПАДАРАМ

Падарам Ҳайдархон ном дошт. Вай фарзанди чоруми волидайн буда, тақрибан солҳои 1892-93 дар гузари Қозӣ Калон мутаваллид шудааст. Дар хондану навиштан ва ҳифз намудани Қуръону байтҳои шойгон аз кӯдакӣ қобилияти хубе дошта ва аз ин рӯ мавриди дилбастагиву меҳри хоссаи падар будааст. Дар даҳ-дувоздаҳсолагӣ бе ёрии устод дар навиштани настаълиқ маҳорати хуб пайдо карда ва бо супориши падар "Гулшани тавҳид" ном маснавии орифонаро ба хати ҷалӣ китобат намуда, аз падар силаву ҳадя ҳам гирифтааст. Ин нусхаро ман дертар дар даст доштам - дар воқеъ ҳам сарфи назар аз синну сол ба хати зебое истинсох шуда буд.

Падар дар синни чордаҳ-понздаҳсолагӣ ба мадраса рафта, дар ҳуҷраи

вақфии авлоди мо чанд муддат бо амубузургам Ризохон ва баъд худ танҳо зиндагӣ кардааст. Ишон аз тафсили таҳсили худ ва устодони мударрис камтар сӯҳбат мекард. Танҳо аз як мударрисе ки ба ишон берун аз улуми мадраса шеъру адаб ёд медода, бо меҳру шукрона ёдовар мешуд. Ин мударрис Бурҳон-маҳдум ном дошта, аз кӯҳистони Фалғар будааст ва баъд аз фароғи таҳсил ба мансаби мударрисӣ мансуб шудааст. Аз рӯи нақли падар ин шахс хеле дарвешона ва бенавоёна, бе зану фарзанд танҳо дар яке аз ҳуҷраҳои мадраса умр ба сар мебурдааст. Шахси хеле зариф, кушодазабон, шеърдӯст буда, бо ҷавонони ҳушёру мустаид сӯҳбат ороста, аз китобҳои Калилаву Димна, Маснавии Румӣ, Бедил ҳикоятҳои судманд ва пандомӯз мехондааст. Дар ҳар маврид аз китобҳои ахлоқу адаб ҳикоятҳо оварда, баъд ба панду насиҳат мегузаштааст. То инқилоб сокини ҳуҷраи мадраса буда, баъд аз таъқибу зӯроварии болшевикӣ дигар тарки мадраса гуфтааст ва касе аз тақдири баъдии вай хабар надоштааст.

Баъд аз инқилоб таҳсилу тадрис дар мадрасаҳо мамнӯъ гардид ва падар ба Тайлоқ омада, дар мулки маврусии падар зиндагӣ ба сар бурд ва дар ҳамин ҷо ба модари ман аз шаҳр издивоҷ намуд.

Дар хотир надорам, ки аз хурдсолӣ маро ба шеъру шеърхонӣ кӣ тарғиб ва роҳнамоӣ карда бошад. Аз он даме ки худро мешинохтам, дар рафи китобҳои падар китоберо ба ҳуруфоти кӯҳнаи форсӣ намедидам. Хеле кам воқеъ меафтод, ки падар дар мавриде барои мо шеър хонда бошад.

Сабаби ин ҳама хомӯшӣ ва беҳавсалагиро нисбат ба шеър баъдтар фаҳмидам. Падар хуб мефаҳмид ки хондани китобҳои кӯҳна ва тарғибу таблиғи осори гузаштагон аз тарафи ҳукуматдорон ва мақомоти махфии ҳокимият таъқиб мешуд. Аз ин сабаб дар хона аз нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои қадими осори гузаштагон китоб нигоҳ намедошт. Як сандуқи калон китобҳои дарсии мадраса ва осори классикони чопи Ҳиндустон дар ҳавлии модаркалони модариам ба тарзи пинҳонӣ нигаҳдорӣ мешуд.

Баъд аз солҳои ҷанг, ки таъқибу назоратҳои махфӣ аз болои китобҳои "қадим" камтар шуд, дар хонаи мо каму беш китобҳои шеъру адаби гузаштагон пайдо шуд ва падар ошкор аз ин китобҳо истифода мебурд. Тадриҷан мефаҳмидам, ки вай дар улуми динӣ ва шарҳу тарҷимаи оёти Қуръон дониши хуб дорад. Дар хондану шарҳи ашъори Анварию Ҳофизу Бедил низ вуқуфи комилеро дорост. Дар солҳои охир Маснавии Румӣ ва Куллиёти Бедилро бисёр мехонд ва абёти зиёдеро аз маснавию ғазалиёти ин шоирон аз бар медонист. Ин ҷониб аз захираи дониши ишон торафт зиёдтар баҳравар мешудам. Қиблагоҳӣ дар омода намудани маҷмӯаҳои осори Анварӣ, Румӣ, Аҳмади Дониш ба банда ёрӣ мекард ва ба ин восита ба фаҳмидани шеър роҳро равшан менамуд.

Боре дид, ки барои тарҷумаи русӣ аз Куллиёти Бедил рубоиёти шоирро интихоб мекунам. Гуфт, ки "чӣ тур, Бедил бо ту гап мезанад?" (яъне шеърҳои вайро дуруст мефаҳмӣ?). Гуфтам: "Рубоиҳои ҳазрати Бедил ба фаҳми ман наздиктаранд, лекин маснавиҳою ғазалиёташ чун тилисмоте ба назар мерасанд". Гуфт, ки барои фаҳмидани Бедил пеш аз ҳама маснавии "Ирфон"-и ӯро ба тааммуқ хонда фаҳмидан лозим аст. Баъд дари тилисмоти Бедил ба рӯи кас боз мегардад". Баҳори соли 1970, вақте ки падару модар дар

Душанбе дар меҳмонии мо буданд, бо ёрӣ ва роҳнамоии падар "Ирфон"-и Бедилро хонда баромадам ва баъд ҳис кардам, ки каме ба Бедил наздик шудаам. Хулоса, падар дар хурдсолӣ ба бедории шавқи "адабии" ман чандон кӯшишу рағбат надошт, аммо дертар дар такомули дониши шеършиносӣ ва камолоти маънавиам нақши боризе аз худ боқӣ гузошт.

Падар шахси хеле зариф, ҳозирҷавоб, базлагӯй ва маъракаорои ҳалқаи дӯстону хешовандон буд. Нисбат ба ҷавонон ва шогирдон сахтгир, вале мушфиқу ғамхор буд. Имрӯз бисёр шогирдонаш, ки дар Самарқанду Душанбе бо ман мулоқот мекунанд, ишонро ба некӣ ҳамчун "устод" ёдовар мешаванд, ки шодиву масаррат ва ифтихори маро афзун мегардонад. Худо раҳмат кунад!

МОДАРАМ

Модарам Уламохон нахустфарзанди хонадонаш буд. Вай дар гузари Хоҷаҷон Хоҷа (ин гузар ҳоло ҳам ҳаст) мутаваллид шудааст. Аз ҳафтсолагӣ назди модаркалонаш, ки дар ҳавлии худ мактаб дошт, хату савод омӯхта, бо зеҳни тез дар се-чор сол китобҳои мутадовили мактабҳои он замонро "хонда фаровардааст". Ғайр аз ин падараш ба духтари нахустин ва дӯстдоштааш хондани девони Ҳофизро омӯхтааст. Модар то охири умр Ҳофизро дӯст медошт ва бисёр шеърҳои ӯро ба оҳанги махсус бо садои хуш ва форам барои мо - фарзандон ва гоҳо барои меҳмонону дӯстон месуруд. Инчунин шеърҳои шоири туркзабон Фузулиро, ки дар мактабҳои кӯҳнаи тоҷикӣ мехонданд, аз ёд медонист. Хондани Фузулӣ барои шогирдони тоҷик душвор набуд. Баробари оҳанги хуши забони шеър ғазалҳои ӯ аз калимаву иборoти тоҷикӣ моломол буд, ки онро бе тарҷума ҳар як тоҷик мефаҳмид. Чунончи, дар ин ду байти шоир ба ҷуз чанд вожаи туркӣ ҳама тоҷикии форсӣ аст:

Дӯст бепарво, фалак бераҳм, даврон бе сукун,
Дард чӯх, ҳамдард йӯх, душман қавӣ, толеъ забун.
Ҳар сиҳиқад чилваси бир сели тӯфони бало,
Ҳар ҳилолабрӯ қоши бир сархати машқи ҷунун...

Инқилоби октябр ба раванди зиндагии модарам бетаъсир намонд. Воқеаи аввалини инқилобӣ барои модарам маъракаи "озодии занон" ё чунон ки дар миёни мардум ба номи дигар машҳур гашт, "маъракаи фаранҷипартоӣ" буд. Ҳизби коммунистӣ ва ҳукумати шӯро ба маъракаи "озодии занон" ранги сиёсӣ ва ҷунбиши умумихалқӣ дод. Яке аз воқеаҳои умумихалқие, ки дар Самарқанд ба ташкили он қаблан омодагии калон мединанд, дар майдони Регистон ба муносибати рӯзи 8-ми март ташкил намудани фаранҷипартоии умумии занони шаҳри кӯҳна буд. Модарам мегуфт, ки падарат чанд рӯз пеш аз ин воқеаи "мудҳиш" ба ман гуфт, ки "Шумо фаранҷиро дар Регистон напартоеду ҳамчун зани муаллими пешқадам аз хона ба сар рӯймол баста, бо рӯи кушода ба кӯча бароед. Ин беҳтар аз он аст, ки ба Регистон рафта, фаранҷии худро аз сар гирифта ба оташ андозед".

Барои модарам, ки аз дувоздаҳсолагӣ зери фаранҷӣ буд, ба кӯча пеши мардуми номаҳрам бо рӯи кушода баромадан воқеаи даҳшатнок ва гуноҳи азими нобахшуданӣ буд. Ба чунин исёну бебокӣ модарам ҳеҷ розӣ намешуд.

Охиру охирон падарам гуфтааст, ки агар ин корро накунад, маъмурони ҳукумат ва сарони ҳизб падарамро ҳамчун як шахси ҷонибдори дунёи кӯҳан ва хусусан ҳамчун муфтизода ва хоҷанасаб аз корҳо пеш карда, радди маърака мекунанд. Модарам дигар илоҷи муқобилат кардан надошт. Рӯзи 8 марти соли 1928 (ё 27) додари хурдиам Маҳдихон - тифли ширхорро парпеч карда, бо сарпарастии тағоии хурдии худ Қорӣ Бақохон, ҷавони бист-бисту панҷсола, ба Регистон мебарояд. Регистон он рӯз мисли маҳшар - рӯзи қиёмат буд. Занони фаранҷипӯшу бефаранҷӣ ва мардони ҳизбиву ҳукуматӣ майдонро пуропур карда буданд. Дар як тараф минбар сохта буданд, ки он ҷо марду зан ба сухан баромада, "зиндагии зиллатовар ва пурмашаққати занони беҳуқуқро" дар замони зулму ситам маломат мекарданд ва имрӯз офтоби озодиро чун толеи дурахшони зану духтарон ситоиш менамуданд. Баъд аз ҳар суханронӣ баъзе занҳо худашон ва аксар занҳои ҳизбии бефаранҷӣ фаранҷиҳои тозаву оҳариро аз сарҳои занон гирифта, ба оташ меандохтанд.

Дар ин шӯру ғавғо, растохези фаранҷипартоӣ - ин воқеаи мудҳиши бегона, ҳуш аз сари модарам парида буд ва надониста монд, ки ба дасти касе ё қасдан ё тасодуфан рӯймоли он кас дармонду қариб аз сар афтода буд. Модарам беихтиёр бачаи парпечашро ба як ҷавонписаре, ки дар паҳлуяш буд, дода ҳанӯз рӯймолро ба сар накашида буд, ки ҷавонписар якбора ғоиб шуд.

— Тағотӯра, бачемро гирифта гурехтанд, - ногаҳ ба худ омада фарёд мезанад модарам.

— Охир, чӣ кор кардӣ, бачаро аз даст додӣ, бадбахт! - тағотӯра зуд дар байни издиҳом ба ҷустуҷӯи ҷавонписар медавад. Модарам гирёну нолон аз ҷояш намеҷунбад. Ногаҳ тағотӯра бача дар даст пайдо мешавад.

— Бачаи лаънатӣ танҳо набудааст, як зани фаранҷипӯш ҳамроҳаш будааст. Маълум мешавад, ки бачаи туро таги чашм карда будаанд. Бачаро гирифта, писарбачаро чанд торсакӣ зада будам, ки зани фаранҷипӯш гурехта рафт.

Ҳамон солҳо дар кӯчаву бозор бачадуздҳо пайдо шудаанду кӯдакҳои хурдсолро дуздида мефурӯхтанд, - гуфт модарам баъд аз он ки ин воқеаи нохушро ба мо нақл кард.

Баъд аз ду-се соли ин воқеа модарам ба курси муаллимтайёркунии тоҷикӣ дохил мешавад. Ин курсҳо дар мадрасаи Шайбонихон (ки дар кӯчаи Тошканд буд) онро дар аввали солҳои панҷоҳуми асри гузашта вайрон карданд) барои ҷавонони бисту панҷ-сисола ташкил шуда буданд ва хонандагон аз районҳои кӯҳистони гирду атрофи Самарқанд ва Фалғару Панҷакент буданд. Мақсад аз ташкили ин курсҳо зудтар тайёр намудани муаллимони синфҳои ибтидоии мактабҳои тоҷикӣ буд. Дар ин курсҳо аз занҳо танҳо чор нафар таҳсил мекарданд ва ҳамаи онҳо аз Самарқанд буданд: модари ман, холаи ман, ҳамсари устод Садриддин Айнӣ ва боз зане аз гузари Дегчабирён — Комилова, ки то охири умраш муаллими синфҳои ибтидоӣ буд. Толибилмони ин курсҳо ба ҷуз омӯхтани навиштану хондани алифбои нави лотинӣ аз ҷуғрофия, таърих, табиатшиносӣ, ҳисоб ва забони русӣ дарс мехонданд.

Баъд аз хатми ин курсҳо модарамро ба муаллимии синфи якуми мактаби

номдори чорум қабул карданд. Мактаб дар гузари мо – "Маданият" дар ҳавлии як бои табъидшуда воқеъ гашта ва дар қатори мактабҳои машҳури шаҳр буд. Дар мактаб муаллимҳои маъруфи Самарқанд кор мекарданд ва модарам ягона муаллима буд.

Баъд аз як сол мо ба Панҷакент кӯчидем ва модарам дар он ҷо муаллимиро идома дод. Ғайр аз синфҳои якум дар мактаби маҳви бесаводӣ ба занони Панҷакент савод меомӯхт. Дар муддати кӯтоҳи муаллимӣ миёни модараму шогирдон меҳру муҳаббати мутақобила пайдо шуд. Занҳои ҷавон модарамро на танҳо чун муаллимаи донову зебо, балки ҳамчун дугонаву хоҳари мушфиқу меҳрубон дӯст доштанд.

Як сол нагузашта идораи маорифи шаҳр кори муаллимии модарамро тақдир ва таҳсин карда, ба вай ҷоизаи пулӣ ва Раҳматнома дод. Ин коғази Раҳматнома, ки ба дасти котиби шӯъбаи маориф навишта ва бо имзою мӯҳри мудири маориф тасдиқ ёфта буд, дар он вақтҳо мисли ордену нишон қадру арзиш дошт. Ман ин ҳуҷҷатро ҳоло ҳамчун санади таърихии мактабу маорифи тоҷик нигаҳдорӣ мекунам.

Баъд аз як соли муаллимӣ модарам сахт бемор шуд, то дараҷае ки бими он касро гум кардан ба миён омада буд. Бемории сахт ва дуру дароз дигар ба кори муаллимӣ монеъ омад. Соли 1936 мо ба Самарқанд бозгаштем, модарам сиҳҳат ёфт, аммо ба муаллимӣ дигар майл накард. Ӯ ҳис мекард, ки ҳоло сатҳи донишу маориф дар шаҳр боло рафта ва дараҷаи дарс додани он кас ба муқтазои замон ҷавобгӯй нест. Дигар ба корҳои рӯзгор ва тарбияи фарзандон машғул шуд.

Модарам зани хушфеъл, хушсухан ва муҳиммаш аз ҳама хеле мувосокору бе кина буд Чунон ки худ такрор мекард, "бо дӯстон муруввату бо душманон мудоро" дошт. Бо ҳамсоягон, бо хешовандон, бо ошнову шиносҳои нав дар муомилаву муносибатҳои ҳасана буд. Танҳо дар охири умр бо келини хурдӣ ва хислатҳои ношоистаи вай чораи мувосо наёфта ва решаи бурдборӣ хушк шуда, хонаву ҳарами дар муддати зиёда аз панҷоҳ сол ба орзуву умед бунёд намудаашро тарк гуфта, ба ҳимояи ману духтаронаш паноҳ бурд. Мо ҳама кӯшиш мекардем, ки модар дарди зиллату хориро фаромӯш кунад...Дигар солҳои боқимондаи умрашро ба шукронаи фарзанду наберагонаш ба тарабу шодӣ сипарӣ менамуд, то он даме ки 23-ми декабри соли 1983 дар Самарқанд дар хонаи хоҳарам Ҳумоюнхон дар синни 87 сол чашм аз ҷаҳон пӯшид.

Аз модар меҳри дили гарм, чеҳраи пуртаббассуму навозишкорона, сурудхои гӯшнавози ғазалҳои Ҳофиз... хуллас ҳама некиву хайрият ба ёдгор мондааст. Барои ман бештар аз фарзандони дигар боз як чизи гаронбаҳо ба ёдгор мондааст. Ин ёдгор омӯзгории модарам дар роҳи таълими алифбои форсии тоҷикӣ мебошад.

Дар соли 1938 буд, ки дар ман шавқи ёд гирифтан ва хондани алифбои арабӣ пайдо шуд. Чанд бор ба падар мурочиат кардам, ишон ҳамоно аз вазъи замон бим дошт, ки бо чеҳраи навмедӣ мегуфт: "Ба ту чӣ лозим ҳамин алифбою ҳамин китобҳо? Мана ман як умри ҷавониамро сарф карда, арабию китобҳои қадимро омӯхтам, имрӯз фоидае накард, балки чун доғи гунаҳкорон сабаби биму тарс шудааст".

Аммо ман дар азми худ қотеъ будам ва модарам дар соатҳои фароғат

хондану навиштани хати арабиро омӯхт. Ман ҳам аз рӯи шавқу ҳавас зуд ёд гирифтам ва хонданро аз шеъри Ҳофиз сар кардам. "Ҳа нагуфта" ба хондани қиссаи "Чор парӣ" ва баъдтар "Ҳазору як шаб" даст ёфтам. Ба ҳамин тариқ, ба шарофат ва мадади модарам ба ҷаҳони пурнури таърихамон роҳ ёфтам ва ин роҳи ояндаи зиндагӣ ва ҳаёти маънавии ман гардид.

МОДАРКАЛОНҲОЯМ

Мо ҳарчанд ба дидори бобоҳо нарасидем, аммо хушбахтона ба дидору меҳру навозиш ва тарбияи ду модаркалон – ҳам модариву ҳам падарӣ мушарраф будем. Модаркалони падарии маро Садоратхон мегуфтанд. Аз рӯзе ки ишонро дидаву шинохтаам, ҳамеша дар сар қарсу ридои сафеди оҳарӣ, дар бар пироҳани васеъ бо остинҳои дароз дошт, ки дасти ӯро қариб то ангуштҳо мепӯшид. Ин либос чеҳраи сафедгунашро ба назар пурҷилову пурҷозиба менамуд. Номбурда зани ниҳоят тақводор ва мутадайян буд. Намози панҷгонааш тарк намешуд, илова бар ин бомдоди ҳар рӯз баъд аз намоз чанд порае аз Қуръон (Қуръони чопи насхи зебо ва ба матои раҳдори симобӣ пӯшидаи он кас имрӯз аз пеши чашм намеравад) ва дуову муноҷотҳои зиёде мехонд.

Модаркалон мегуфт, ки падари он касро Обидхоҷаи Кӯлобӣ мегуфтаанд, ки аслан аз Кангурт буда ва дар ҷавонӣ ба Самарқанд омада, ҳамин ҷо иқомат ихтиёр намуда, дар мадрасаи Шердор таҳсили улум намудааст ва дар ҳамин ҷо ба тадрис мансуб шудааст. Модаркалонам мегуфт, ки падараш овози баланди ҷарангдоре доштааст ва ҳангоме ки ишон дарс мегуфтааст, ҳатто амири раҳгузар аспашро нигоҳ дошта, аз дур ба садои марғуби вай гӯш меандохтааст.

Модаркалон китобҳои диниву достонҳои пайамбаронро озод мехонд, дуоҳои зарурӣ ва барои худ лозимаро менавишт. То охири умр қалами ноӣ ва сиёҳиву сиёҳидони қадимӣ дошт. Ба ҳамин сиёҳиву қалам барои мо бачагон ё келину наздиконаш тӯмор менавишт, беморие рух диҳад, дар атрофи пиёла дуоҳои шифобахш навишта, ба мо мехӯронд ва бо дуову даму нафаси он кас мо, кӯдакон, сиҳҳат меёфтем.

Модаркалон урфу одат ва оину суннатҳои диниро сахт риоя менамуд, мисли ошурохонӣ дар моҳи муҳаррам,(дар самарқанд маросими "моҳи ашӯр" мегуфтанд) мавлуди набӣ, одоб ва русуму оини идҳои Рамазон, Қурбон ва ғайра. Падарам қатъан манъ карда буд, ки модаркалонам маъракаҳои диниро аланан ва бо иштироки занони беруна ба иҷро расонад. Аммо модаркалон "хуб" мегуфту рустиву пинҳонӣ дар вақтҳои муносиб оину русуми худро ифо менамуд.

Модаркалон ба ин ҷониб меҳри хосса дошт ва ман ҳам ӯро на танҳо чун модаркалон, балки ҳамчун таҷассуми покиву тақво дӯст медоштам. Дар хотир дорам, ки шабҳо маро ба хоначаи худ мебурд, аз паҳлуяш ҷой медод ва дар торикии шаб як-ду афсона мегуфту баъд "оятулкурси"-ро хонда "акнун хоб мекунем" мегуфт. Ман ҳам баъд аз шунидани афсона ва ба гӯш расидани "оятулкурсӣ" орому осоишта хоб мекардам. Боре маро (ба назарам чор ё

панҷ сол доштам) ба Тайлоқ ба боғи маврусии худ бурд. Дар хотир дорам, дар аробаи каппадори Хӯқандӣ қариб як рӯз роҳ тай карда ба Тайлоқ расидем. Дар ин боғ модаркалонам бо ҳамсару фарзандонаш солҳо зиндагӣ карда буд ва дар байни занони ин маҳал ва ҳамсояҳо ба номи "пошшои тайлоқӣ" эҳтирому иззати калон дошт. Ман бо чашми кӯдакона медидам, ки дар ҳар маъракаву меҳмондорӣ ҷои модаркалонам аз пешгоҳи хона болои кӯрпачаҳои нарму пурнақш буд. Ман ҳамеша паҳлӯнишину "эркаи пошшои тайлоқӣ" будам.

Модаркалонам боғи Тайлоқ ва боғи назди шаҳрии худ - "Қаволаро" ниҳоят дӯст медошт. Ин боғҳоро ба зӯрӣ ба колхозҳо илҳоқ карданд, падарам дигар ба он ҷоҳо қадам намегузошт, лекин модаркалонам то охири умр ба ин боғҳо рафта меомад ва ҳар бор дуд аз димоғаш баромада, гиря гулӯгираш мешуду мегуфт: "Поёни боғро (дар Тайлоқ) ба роҳ гирифтаанд, худобехабарҳо дарахти зардолуи маҳтобиро афтонда (дар Қавола) ҳезум кардаанд".

Моҳи сентябри соли 1942 модаркалонам аз меҳмонии Тайлоқ омаду якбора бо таби баланд дар бистари беморӣ хобид. Ҳамагӣ даҳ рӯз хобид (дар ҳавлии амаки хурдиам, ки дар рӯ ба рӯи ҳавлии мо буд) ва ниҳоят як шаб падарамро даъват кард:

— Ҳайдархон, имшаб маро танҳо намонед, Ҷаъфархон аз бачагӣ аз одами касал метарсад. Шумо сари бистари ман бошед, баъзе дуову оятҳоро мехонед.

Падарам ба хона омада, сурати воқеаро гуфт. Ман ҳам ҳамроҳи вай ба пеши модаркалонам рафтам. То соатҳои дувоздаҳ ҳамон ҷо будам, дасташро мемолидам ва ҳис мекардам, ки даст торафт сард мешавад. Вале ӯ ҳушёр буд, ба падарам мефармуд, ки "фалон оятро хонед, Қуръонро гиред, дар даруни ҷилдаш дар як коғаз фалон хел дуо ҳаст, раҳматӣ бародарам дода буданд, баланд-баланд хонед".

Дар миёни дуохониҳо баъзан васият мекард. Соат қариб як шуда буд, ки падарам оҳиста гуфт: "Расулхон, акнун ту ба хона рав". Бо модаркалонам хайру хӯш кардам. Ӯ дар ҳолате ки чашмҳояш пӯшида буд, гуфт: "илоҳӣ барака ёб, Расулхон, дардҳои дастамро таскин додӣ... хайр акнун рав, агар аз роҳрав тарсӣ, "лофато"-ро хон." Ман рафтам. Баъд аз як соат падарам омаду гуфт: "Соф шуданд".

Бори нахуст буд, ки ман дар сари беморе, ки нафасҳои охирини зиндагиро мекашад, нишаста будам. Тарси кӯдакӣ доштам, ки дақиқаҳои ҷонканӣ ниҳоят бимангез аст. Вале он соатҳо дар симои модаркалонам на як тарсу бим, на як воҳима, на як нишони нафаси охирини зиндагиро медидам. Чунон орому осуда буд, ки гӯё ба сафари якрӯза ё дурӯза меравад. Ҳоло фикр мекунам, ки дар он лаҳзаҳо модаркалон нури илоҳиро медид, медид, ки дар пеш дарҳои ҷаннат боз мешаванд ва ӯ ба маъвои абадии худ меравад...

Модаркалони модариам Маҳтобхон ном дошт ва дар гузари Хоҷаҷонхоҷа дар хонадони Оқилхоҷа ба дунё омада. Падараш соҳиби боғу ҳараму ҳавлиҳои пуршукӯҳ, шахси мутадайян, аммо ба илму маносиби шаръия мансуб набудааст. Мо аз модаркалони модарӣ ҷудо истиқомат мекардем ва таъсири мақоми ишон дар ҷараёни зиндагии мо камтар буд. Лекин пайванду меҳру муҳаббати байни мо аз наберагони дигар тафовут дошт.

Баъд аз вафоти шавҳараш Исохон, ки ҳам қозиву ҳам мударрис буд, тамоми бори зиндагӣ ба дӯши модаркалонам афтодааст. Бо захираҳои шавҳар тӯю маъракаҳои пурхароҷотро модаркалон адо кардааст. Баъд аз ин бе даромади муайян зиндагӣ ба сар бурдан худ мушкили калони ҳаёт буд. Илова бар ин дар муддати ҳашт сол бемордории духтари хурдӣ, ки бо дасту пои фалаҷ оҷизу нотавон мехобид, фоҷеаи бедармон буд. Дар ин муддат модаркалон ба касе рӯи тамаъу ниёз наоварда, он чи дар муддати зиндагии шавҳараш ҷамъ карда буд, фурӯхта, бо кашу кӯк зиндагӣ ба сар мебурд. Ҳеҷ гоҳ ба касе шиква накарда, талхиҳои зиндагиро ба бурдборӣ фурӯ бурда, ба истиғно байни мардум мегашт.

Ман эҳтиёҷу мушкилиҳои зиндагии модаркалонамро аз хурдӣ ҳис мекардам. Ва аз он рӯзе ки пул пайдо мешуд, ширинкомае ё тӯҳфае ба он кас мебурдам. Чунин ёриву ёдоварии ҳамешагии ман то охири умри ишон давом кард.

Мо, наберагон, модаркалони падариро "тӯта" ё "тӯтапошшо" ва модаркалони модариамонро "ояпошшо" мегуфтем. Ояпошшо зани намозхон ва Қуръонхон буд. Лекин мисли тӯтаамон тақводор ва миёни занон мавриди парастишу посдорӣ набуд. Боре нашунидаам ва надидаам, ки вай дар вақти бемории бачаҳо дуо хонда "суфу куф" карда бошад. Аммо хислати хоссааш ин буд, ки зиндагишинос ва таҷрибаи рӯзгор дидаву аз он ибрат бардошта буд. Дар мавридҳои муносиб ояпошшо аз лаҳзаҳои зиндагии худ бо ҳамсараш, аз сафарҳои дар ҷавонӣ ба Қазоқҳоҷа кардааш ҳикоятҳои ҷолиб мекард. Агар насиҳате ё панде карданӣ бошад, аввал ҳикояте аз зиндагии худ ё наздиконаш меоварду дар охир аз ин ҳикоятҳо натиҷа гирифта, ба панду насиҳат мегузашт. Ҳар як нақлу ҳикояти ӯро бо шавқу ҳавас ва диққату таваҷҷӯҳи том мешунидам. Ҳикоятҳояш орому ба тамкин, бо тафсилу таъбирҳои муносиб нақл мешуд. Кӣ медонад, шояд дар сабки нақлу ҳикоёти ман нақше ё таъсире аз гуфторҳои аҷоиби вай монда бошад.

Меҳнату кулфат ва ҷафоҳои зиндагӣ баъд аз вафоти шавҳараш ҷисми наҳифи ояпошшоро охир фарсуда кард. Дар охири ҳаёташ, ки ба ҳадди ҳаштод расида буд, ояпошшо бемори барҷомонда шуд. Парастории духтарон ва кӯмаку ёрии тиббиву моддии наберагон ҳоли ӯро беҳтар карда натавонист. Аз Душанбе ҳатталимкон аз ояпошшо хабардорӣ мекардам, вале мешунидам, ки беҳбуде дар вазъи вай падидор нест. Дар яке аз рӯзҳои апрели соли 1959 модарам аз телефон хабар дод, ки ҳоли ояпошшо хеле бад аст ва агар имкон бошад, ҳар чи зудтар ба Самарқанд биёям. Хоҳиши ман буд, ки агар ба ояпошшо хатари марг биёяд, ҳатман хабар диҳанд, ки ба видои он кас расида бошам.

Баъд аз як рӯзи ба Самарқанд омаданам ояпошшо ҷон ба Ҳақ таслим намуд. Ҳамаи фарзандону наберагону аберагон, хешу табор ва дӯстдорону мухлисони дуру наздики ояпошшо ҷамъ шуда буданд. Тобутро бардоштанд, аз тангкӯчаҳои Хоҷаҷонхоҷа ба кӯчаи калони Қӯшҳавз баромада, ба сӯи қабристони Шоҳи зинда равона шудем. Тобут болои китфи наберагон ва рохгузарони савобталаб мисли заврақ шино мекард. Ман ба тобут назар

дӯхта будам: ояпошшо ҳамаи озору ранҷу талхиҳо ва сахтиҳои тоқатфарсои зиндагиро дар ин хокдон гузошта, ҳоло озодона, сабукборона ба сӯи манзили охират мешитобид, то орому осоиши абадӣ насибаш гардад...

АМАКҲОИ МАН

Ҷадди ман панҷ писар доштааст. Ду писар аз зани аввалии фавтидааш ва се писар аз тӯтаи ман, ки дар аввали солҳои навадуми асри 19 ба издивоҷи он кас даромада буд. Ду писари калонӣ Бақохон ва Ризохон ва се писар аз тӯтаи мо Алихон, Ҳайдархон ва Ҷаъфархон ном доштанд.

Дар бораи Бақохон он чи шунидаам, ҳама нақлу ҳикоятҳои падарам дар бораи ишон аст. Бақохон таҳсили мадрасаро хуб анҷом дода, вале ба тадрису мансабҳои қозигиву муфтигӣ майл накардааст. Ба ҷуз таҳсили хуби мадраса Бақохон мактаби русии барои мардуми маҳаллии Самарқанд кушодашударо (Русская туземная школа) бо мувафаққият хатм карда, баъд аз фароғи таҳсил дар радифи донишҷӯёни беҳтарин ба тамошои Маскаву Петербург рафтааст.. Пас аз таҳсили мактаб номбурда дониши худро дар забони русӣ боз ҳам такмил медиҳад, то дараҷае, ки ба хондани осори чунин файласуфе мисли Словёв даст ёфтааст. Аз як ҳуҷҷати ишон, ки дар дасти ман аст, маълум мешавад, ки он кас ба ҷои муаллими рус, ки ба таътил рафтааст, дар мактаби хатмкардааш аз забони русӣ дарс гуфтааст. Ин ҳуҷҷат ба соли 1908 тааллуқ дорад.

Бақохон ба маҷаллаву рӯзномаҳои форсиву туркии нашри Русия ва хориҷа обуна буда ва аз воқеаҳои ҷаҳон ва дунёи мутамаддини берун аз ватан хуб ошноӣ доштааст. Ишон адабиёти турки усмонӣ ва осори маорифпарварони Туркия ва Озарбойҷонро хуб медонистааст. Гувоҳи ин китобҳои бисёре буд, ки аз нашрияҳои туркиву озарӣ дар китобхонаи он кас нигаҳдорӣ мешуд ва ман ба хондани чанде аз ин кутуб дертар даст ёфта будам. Ошноӣ бо адабиёти туркиву озарӣ шояд дар вақти сафари ишон ба ин кишварҳо даст дода бошад. Баъд аз вафоти падарам дар байни коғазҳои кӯҳнааш номае ба назар расид, ки онро Бақохон аз роҳи сафари Туркия ба қиблагоҳиаш ирсол доштааст.Ин номаро мехоҳам айнан дар ин ҷо нақл кунам:

Ҳувалфайёз! Ба ҷаноби ҳазрати қиблагоҳӣ - салламаҳуллоҳу таоло!

Баъд аз арзи бандагӣ ба ҷаноби муаллоюлалқоб шафқат ва марҳаматмаоб, нусфат ва макраматинтисоб, раъфат ва утуфат оёт ҳазрати абавии қиблагоҳӣ умедгоҳӣ ва пушту паноҳӣ каъбамақоме ва зулэҳтироме халладаҳуллоҳу ашфоқаҳу ва аътофаҳу маъруз мегардонад, ки дар понздаҳуми шаҳри ҷумодиюлаввал явми сешанбе соати даҳи шаб дохили шаҳри Ботум шуда бо ҳамроҳии ҷаноби Сотиболдӣ дар ин ҷо то явми ҷумъа дар як нумур истиқомат карда, иншооллоҳу таоло явми ҷумъа 18-ми моҳи ҷумодиюлаввал озими Исломбул мешавем. Ва дигар маротиби аҳвол ва тариқаи ахбор хайрулмаол ба дараҷаи офият ва хуррамӣ даргузар буда субҳу шом, балки аладдавом бақои зоти волосифот, мустаҷмаул-ҳасанотро ба ҷамеи аттибоаҳу ва авлодаҳу истидъо медорам. Умед он чунон аст, ки тири дуо ба ҳадафи муддао мақрун гардад. Он ҷаноби ҳазрати қиблагоҳӣ

низ ба дуои хайрият ёдоварӣ менамуда бошанд, сармояи саодати дунявӣ ва ухравӣ мегардида бошад. Иншаоллоҳ баъд аз дохил шудани Исломбул боз як хат карда, ҷои истиқоматро навишта мефиристонам. Боқӣ ассалому алайкум, айём ба ком бод. Дар санаи 1320, дар шонздаҳуми шаҳри ҷумодиюлаввал явми чоршанба таҳрир ёфт, дар шаҳри Ботум, 7-и июл (ин ҷо иштибоҳе роҳ ёфта Р.Ҳ.) сана 1902. ад-доӣ Бақохоҷа.

Бақохон ба рӯзномаву маҷаллаҳои Бухорову Самарқанд ва махсусан Туркияву Русия хабару мақолаҳо менавишт ва дар он ҷо масъалаҳои муҳимми маданиву фарҳангии кишвари худ ва умуман олами исломро ба миён мегузошт. Чунон ки боре устод Айнӣ гуфта буд, баъд аз таъсиси рӯзномаи "Бухорои шариф" Бақохон дар идораи ин рӯзнома муддате фаолият доштааст.

Бақохон шахси донишманд ва дар шеъру адаби форсӣ низ аз пешқадамони замонаш буд. Китоби "Маснавии" Румӣ, "Анвори Суҳайлӣ", ки имрӯз дар дасти ман аст, аз осори дӯстдоштаи амуям будааст, ки бо хати зебо ва хонои худ дар ҳошияҳо ёддоштҳои пуразриш аз худ боқӣ гузоштааст. Хондани шеъру китобҳои ҳикоётро ба падарам он кас талқин ва тарғиб намудааст ва падарам аз ин мавзӯъ борҳо ба миннатдорӣ ёдовар мешуд.

Бақохон бештар дар ҳуҷраи вақфии мадрасаи Шердор иқомат мекардааст. Баъд аз издивоҷ низ дар ҳавлӣ камтар меомада ва зани ҷавонашро бештари авқот танҳо мегузоштааст. Шояд ба ин сабаб байни амуяму ҷаддам сардие вуҷуд доштааст, ки аз ин хусус падарам ба тафсил нагӯяд ҳам, ба он ишора мекард.

Дар як рӯзи аввали тирамоҳ, ки ҷаддам бо иёлу фарзандон дар боғи Қавола иқомат дошт, бомдод дарвоза сахт тақтақ мешавад. Дар андоми ҷаддам тарсу бим ҳувайдо мегардад.

– Бақо мурд, Бақо мурд,– оҳиста зери лаб бо ранги парида мегӯяд ҷаддам. Падарам бо ҳарос ба дарвоза мебарояд. Касе аз шаҳр хабар мерасонад, ки имрӯз субҳ Бақохонро дар ҳуҷраи худ мурда ёфтаанд. Ҷаддаму падарам зуд ба шаҳр рафта, маросими таъзия барпо мекунанд ва ҳамон рӯз амуям Бақохонро ба хок месупоранд.

Сабаби марги муфоҷоти амуям то охир ба касе маълум набуд. Падарам мегуфт, ки гумони ману қиблагоҳиям бар он буд, ки бародарам заҳр хӯрда худкушӣ кардааст. Мегуфт, ки ин гумони мо то андозае асос дошт. Бақохон акаам каси тунду тез буд, вақтҳои ожир болои масъалаи оилавиаш бо қиблагоҳӣ хеле ҷангу харҳаша дошт, то он ҷо ки падар бори охир сахт ранҷида, ишонро аз наздашон бо ғазаб пеш карда буд. Шояд дар айни тезиву тундӣ савдое ба сар зада, вай ба ин кори мудҳиш иқдом карда бошад.

Аммо ман солҳои охир бо фикру андешаи худ ба тақриб натиҷаи дигаре гирифтам. Дар китоби "Мавнавии" Румӣ амуям зери бисер байтҳои шойгон ва ба рӯҳу дили худ наздик хат кашидааст. Аз ҷумла зери бисёр байтҳое, ки аз зиштии ин дунё шикоят дорад ва хонандаро ба тарки ҷаҳон тарғиб мекунад, бо мидоди сурху кабуд хат кашида шудааст. Ман ба андешае омадам, ки амуям навмедӣ ва маъюсӣ ва танҳоӣ дар зиндагӣ доштааст ва сабаби худкушӣ шояд аз ҳамин бошад.

Дигар. Чанд сол пеш аз байни китобҳои амуям як корт (открытка) пайдо

кардам, ки аз роҳ аз Чорҷӯй ба Когон - Новая Бухара ба номи амуям аз Ася ном зани рус ирсол шудааст. Дар он корт омадааст (айнан):

Новая Бухара, хлопкоочистительный завод Бухарского правительства Контора. Мирзе Мустафе, для передачи Бакахану. Многоуважаемый Бакахан! Искренне благодарю Вас за карточку и газеты. К несчастю Вашей просбы насчёт карточки исполнить не могу, у нас такие фотографии, что уж лучше не сниматься, но я скоро уезжаю в Россию и оттуда Вам пошлю. Я теперь очень занята и писать Вам не смогу и Вы тоже не пишите до следующего моего письма. Уважающая Вас Ася.

Ин мактуб аз Чорҷӯй 31-ми январ ирсол шудааст. Бақохон дар поёни мактуб навиштааст: якуми феврали сана 1912, 26 сафари сана 1330 явми чоршанба гирифта шуд.

Тарҷумаи мактуб ин аст: Бақохони басо мӯҳтарам! Барои мактуб ва рӯзномаҳо аз самими қалб ташаккур изҳор медорам. Бадбахтона илтимоси Шуморо дар бораи ирсол доштанам акси худро иҷро карда наметавонам. Ин ҷо аккосҳо чунонанд, ки беҳтараш аксамро набардоранд. Вале ман ба зудӣ ба Русия меравам ва аз он ҷо бароятон мефиристам. Ҳоло ман бо корҳо ниҳоят гирифтор ҳастам ва ба Шумо хат навишта наметавонам ва Шумо ҳам то мактуби ояндаам хат нанависед. Бо эҳтиром Ася.

Дар ин вақт адреси ҷои иқомати Бақохон-амак Когон- Новая Бухара будааст ва дар ҳамин моҳҳо (март-июл, тахминан) будааст, ки Бақохон-амак дар рӯзномаи "Бухорои шариф" кор мекардааст.

Мазмуни мактуби хеле сарди Ася – хонуми рус маро ба андешае меорад, ки сабаби марги ногаҳонии амуям шояд ишқи нокоми ишон бошад ба ин зани рус. Зеро баъд аз ҳафт-ҳашт моҳи ин мактуб Бақохон ба Самарқанд бозмегардад ва танҳо дар ҳуҷраи худ ба нохост мемирад. Хуб, ин ҳама занну гумонҳои мост. Кӣ медонад шояд сактаи дил шуда бошад ё ягон иллати сахти ногаҳонӣ! Афсӯс ки ҷавон рафт. Вагарна шояд барои миллат хидматҳои шоиста мекард. Худо раҳмат кунод ва маъвояш ҷаннат бошад!

Александр Николаевич Самойлович, туркшиноси машҳури рус (1880-1938), ки бо амуям дӯсти наздик будааст, баъд аз хондани таъзияномаи рӯзномаҳои "Бухорои шариф" ва "Вақт" (Оренбург) нисбати даргузашти амуям дар маҷмӯаи "Мусульманский мир" навишта буд: "Мо ҳам ба таъзияи ду рӯзнома ба муносибати фавти сокини хоксори ҳуҷраи Мадрасаи Шердор мутакаллими тоҷик Бақохоҷа шарик мешавем. Шодравон ба адабиёти рус шавқи калоне дошт, бо ҷанде аз шарқшиносони рус дар мукотиба буд ва бо рағбати том ба ишон вақти ба пойтахти Темур омаданашон мададгорӣ мекард. Бақохоҷа ба файласуфи мо Соловьев шавқи калон дошт ва асарҳои вай дар ҳуҷраи шодравон мавҷуд буд. Ҳангоме ки баъд аз вафот коғазу дафтарҳои ҳуҷраи ӯро аз назар мегузарониданд, баъзе мусаввадаҳо пайдо шуданд, ки аз онҳо маълум шуд, ки шодравон ба навиштани рисолае дар бораи масъалаи зан машғул будааст".

Аз Бақохон як фазанд монд ба номи Абдулҳамидхон, ки дар вақти даргузашти падар ду сол дошт. Ман намедонам, ки ӯ дар куҷо таҳсил карда бошад, аммо аз понздах-шонздаҳсолагӣ мухбири пуркор ва тезқалами газетаҳои тоҷикии шаҳри Самарқанд будааст. Дертар бо

фаолияти омӯзгорӣ машғул шуда, дар курсҳои муаллимтайёркунӣ ва омӯзишгоҳҳои тоҷикии Самарқанд дар сафи муаллимони номдору пуртаҷрибаи калонсол буд. Дар аввали соли сивуми асри гузашта ба Сталинобод омада, ҳам ба омӯзгорӣ ва ҳам ба таълифи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ бо муваффақият машғул гардид.

Абдулҳамид (дар китобу мақолаҳояш - Ҳамид) забони хеле ширину фасеҳ дар таълифу таҳрир дошт. Маро дӯст медошт, як-ду бор аз Сталинобод мактубҳои ширину навозишкорона ҳам навишта буд. Шавқу ҳаваси маро ба адабиёт ва хондану навиштан тарғиб ва табрик менамуд. Баробари меҳрубонӣ ва меҳри гарм ба атрофиён одами хеле тунд ва тез нисбат ба беадолатӣ ва риёву дурӯғ буд. Бо шахсоне ки бе саводу дониши казой даъвии олимӣ мекарданд, мувосо карда наметавонист. Ин тундмизоҷӣ ва носозии ӯ хусусан дар ҳолати мастии ӯ хеле боло мегирифт. Соли 1942 ӯро ба аскарӣ даъват карда ба ҷанг фиристоданд. Мегуфтанд, ки ба ин даҳшаткадаи ҷанг рафтани вай низ ба сабаби мизоҷи оташин ва носозгори ӯ будааст. Вагарна Абдулҳамидхон ҷуссаи наҳифу хурде дошт мисли Ватвот, ки ёрои туфангбардорӣ намекард. Хулоса, соли 1943 хабари ҳалокати вай ба Самарқанд расид. Модари бечора дар ғаму ғуссаи писари ҷавонмаргаш савдозада аз ҷаҳон гузашт.

Бародари хурдии Бақохон – Ризохон тақрибан дар соли 1887 мутаваллид шудааст. Мо ишонро ба эътибори бузургӣ аз падар ва амуи хурдиамон "амактӯра" мегуфтем. Ризохон низ дар мадрасаи Шердор таҳсили илм намуда буд. Пас аз хатми мадраса падараш дар ивази заҳамоти тӯлонии таҳсили улум ӯро ба сафари Бухоро мефиристад. Дар ҳамин шаҳр Ризохон ба кадом муносибате бо Садриддин Айнӣ шинос мешавад ва онҳо зуд бо ҳам дӯст мешаванд. Айнӣ Ризохонро бо ҷойҳои мутабаррак ва таърихии Бухоро ошно мекунад. Ризохонро барои дидор ва зиёрати Шарифҷон махдуми Садри Зиё ба шаҳри Каркӣ мебарад, ки охируззикр ба мансаби қозигии ин музофот маъмур буд.

Дӯстии Ризохон - амакам бо устод Айнӣ баъди инқилоб ҳам идома дошт. Баъд аз ҳичрати Айнӣ ба Самарқанд соли 1918 дар қатори равшанфикроне, ки ишонро хуш пазируфтанд ва барои сиҳҳати комили ишон хеле саъю кӯшиш ба харҷ доданд, Ризохон низ буд. Хато чанд муддат Айнӣ дар ҳуҷраи вакфии мадрасаи Шердор ба ҳамроҳӣ ва парастории Ризохон иқомат карда будааст. Баъд аз ин ҳам Ризохон ба ҳавлии устод Айнӣ рафту омад дошт. Солҳои 37-38 хурд будаму Ризохонамак ба падарам аз дидору сӯҳбати худ бо Айнӣ ҳикоят мекард. Дар ин зимн номҳои Фирдавсӣ, султон Маҳмуд, Ҳасани Маймандиро аз даҳони амакам мешунидам. Боре аз Восифӣ низ сӯҳбате доштаанд бо устод Айнӣ ва аз мазмуни сӯҳбат ба падарам нақлҳо мекард. Агар хато накунам, яке аз нусхаҳои хубтарини "Бадоеулвақоеъ"-ро барои устод Айнӣ Ризохон пайдо кардааст.

Ризохон аз соли 1918 дар мактабҳои тоҷикии Самарқанд ба таълими синфҳои ибтидой машғулият дошт. Аввалҳо дар мактаби номдори 11-ми гузари Шарбатдор ва баъд то ба баромадан ба нафақа дар мактаби рақами 15-и гузари Фақеҳ Абӯлайс муаллим буд. Барои хидматҳои тӯлонӣ дар соҳаи

маориф бо фармони Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ бо ордени Ленин сарфароз гардида буд.

Ризохон-амак каси тунд ва бадхашм буд. Аммо зуд дармегирифту зуд аз қаҳр мефуромад. Дар ин маврид хеле нарму хушфеъл ҳам мешуд. Ҷӯраҳояшон ин хислати Ризохонро хуб медонистанд. Дар вақти хашм гирифтанаш аз вай намеранҷиданд. Падарам дар ин маврид ҳикояте карда буд. Баҳром-махсум ном дӯсти бародарашро тасодуфан дар роҳ дидааст. Пурсидааст куҷо меравад. Баҳром-махсум хандида мегӯяд: "Назди Ризохон меравам. Камтар дилҳоро сиёҳ карда биёем. Вагарна хеле аз ҳуд рафтаем."

Ризохон – амак хоҳари калониам ва маро, ки ҳар ду дар ҳавлии маврусии ҷаддамон чашм ба дунё кушода будем, дӯст медошт. Дар даҳ-дувоздаҳсолагӣ зуд-зуд меҳмони он кас мешудам. Гоҳо ба шӯхӣ мегуфт, ки "Расул, шикаматро дар хона дуруст сер карда омадӣ? Мо дар хона ҳезум надорем, ки ягон чиз пухта туро зиёфат кунем". Он кас шавқу ҳаваси маро ба шеър дида ва хусусан шеърнависии маро шунида, байтҳои шоирони гузаштаро мехонд ва вазифа медод, ки то рӯзи дигар чанд байти онро аз ёд кунам. Ҳамсараш зани ниҳоят меҳрубон буд ва фарзанд надошту аз ҳар омаданам як ҷаҳон шодиву хурсандӣ дар дилу рӯҳаш пайдо мешуд, хӯрокҳои болаззат пухта маро меҳмон мекард. Рӯзи дигар саҳар бедор шуда, ба амактӯра мегуфтам: "Хӯроки дишабаатон чунон кам буд, ки аз гуруснагӣ шаби дароз хобам набурд". Амактӯра қоҳқоҳзанон механдид.

Ризохон-амак пас аз фавти ҳамсараш дар соли 1942 сахтиҳои танҳоиро дид. Боре бо касалии домана дар бемористон хобид. Ягона мо будем, ки аз вай хабардорӣ мекардем. Рӯзе модарам ба бемористон ба аёдати Ризохон-амак рафт. Духтурҳо гуфтаанд, ки ҳолаш хуб нест ва коғазеро аз он кас ба модарам супурдаанд. Коғазро падарам хонд: васиятнномаи амаки нимҳушу нимбедор будааст. Тамоми адои маросими мурдадорӣ ва тақсими меросро ба падарам ба тафсил навиштааст. Ҳангоме падар хонд, ки "ҳама китобҳои дастнависро ба Расулхон диҳед", гиряаамро нигоҳ дошта натавонистам. Маълум мешавад маро ба ҷои фарданд дӯст медоштааст, ба ман бовар ҳам доштааст.

Худоро шукр, ки аз ин бемории хатарнок сиҳҳат ёфт. Баъд аз ду сол ба як зани бофаҳму бомаънӣ ба номи Ҳоҷархон бо тарғиб ва тавсияи модарам издивоҷ кард, зиндагии хеле осудаву аҳлона сохт, дар шасту панҷсолагӣ падари се фарзанд – ду духтару як писар шуд.

Ҳар бор ки аз Тошканд ба Самарқанд омадани маро мешунид, ба диданам меомад. Ман ҳам дар навбати худ чанд бор ба хонаи ишон мерафтам. Аз таърих ва китобҳои таърихӣ бисёр сӯҳбат мекард. Боре дар поёни сӯҳбати гарму пурмеҳр гуфт:

— Расул, аз бобои ту бисёр китобҳои нодиру гаронбаҳо ба мерос монда буд. Афсӯс ки ин китобҳо ба сабабҳои гуногун аз дасти ман рафт. Агар медонистам, ки дар хонадони мо мисли ту як китобдӯсту илмдӯст ба воя мерасад, китобҳоро ба ҷон барои ту ҳифозат мекардам. Ҳоло ду-се дастнависи қадиму пурбаҳо дар дасти ман аст, онҳоро ба ту месупорам. Ин китобҳо на фақат аз ман, балки аз бобои ту, аҷдоди ту ба ёдгорӣ мондааст.

Китобҳоро хуб нигаҳдорӣ кун, бигзор аз насл ба насл гузаранду нишони хотираи аҷдоди мутабарраки мо бошанд.

Ин сӯҳбат тахминан ду-се сол қабл аз даргузашти вай воқеъ шуда буд. Дастнависҳо ҳоло дар дасти мананд. Худо кунод, ки солҳои дароз аз насл ба насл гузашта, ёдгори аслофу аҷдоди мо гарданд.

Ризохон-амак соли 1962 ба олами бақо риҳлат намуд. Ҳоло писари ишон Шуайбхон чароғи падарро дар ҳавлиаш фурӯзон медорад.

Амаки хурдиам Ҷаъфархон соли 1908 мутаваллид шудааст. Аз солҳои кӯдакӣ то хонадор шуданаш зери парастории падарам буд. Баъд аз хонаву ҷой кардан ҳам мо ҳамчун як оила бо ҳам наздик зиндагӣ мекардем. Ишон хондану навиштанро ба хати арабӣ назди падараш ва бародаронаш омӯхтааст. Баъд аз инқилоб муддате дар омӯзишгоҳ таҳсил намуда, соли 1926 бо гурӯҳи донишҷӯёни Ӯзбекистон ба Боку, ба омӯзишгоҳи таълимӣ меравад. Баъд аз бозгашт дар Самарқанд ба Академияи педагогӣ ба факултаи биология дохил шуда, баъд аз хатми он соҳиби дипломи ихтисоси илмҳои биологӣ мешавад. Аз соли 1932 Ҷаъфархон-амак то охири умр дар мактабҳои тоҷикии Самарқанд ва чанд муддат дар омузишгоҳҳои Панҷакент, Сталинобод ва ноҳияҳои кӯҳистони он аз биология ва кимиё дарс мегуфт.

Ҷаъфархон-амак ҳарчанд биолог ва кимиёшинос буд, аммо ба шеъру адаб ва ҷамъоварии китобҳои қадимиву нависандагони муосири тоҷик шавқу муҳаббати саршор дошт. На танҳо китоб ҷамъ мекард, балки ин китобҳоро ба диққати том ва бо назари таҳқиқ мехонд ва сараро аз сақат хуб ҷудо мекард. Адабиёти турки усмонӣ ва озариро хуб мехонд ва нағз мефаҳмид. Падарам ҳикоят мекард, ки "ман ба амакат қариб ҳар ҳафта ба Боку пул мефиристодам, ки сарфи маошу зиндагӣ кунад, аммо вай ба ин пул китобҳои таъриху таърихи адабиёти турк харида, бо почта ба ман мефиристод". Дертар ҳам, хусусан дар солҳои панҷоҳум, ман дар хонаи ишон аз дастнавису чопи ҳинду эрон осори классикони форсу тоҷикро медидам, ки дар сандуқу қуттиҳо пинҳон медошт. Аз ин китобҳо ба касе иттилооте намедод, ҳатто падари ман ҳам аз ин китобҳо бехабар буд. Вақтҳои таътил ба Самарқанд омаданам китобҳои нодири худро ҷудо карда, ба ман нишон медод ва барои хондан низ ба амонат ба ихтиёри ман вомегузошт.

Ҷаъфархон- амак маро чун нахустҷияни худ дӯст медошт ва аз бачагӣ ҳамеша бо худ ҳамроҳ гирифта мегашт. Ман базӯр дар хотир дорам, ки чор сола ё панҷ сола будам, маро гирифта ба техникуми тоҷикии гузари Хонақоҳ ба дарс мебурд. Дар пеши худ ба стуле менишонду баъд ба дарсгӯй сар мекард. Барои он ки дилгир нашавам, китобҳои мусаввари олами ҳайвонот, наботот ва дигар аҷоиботро ба дастам медод, ки то охири дарс саргарми дидани суратҳои аҷиб будам. Баъд аз он ки китобхони гузаро шудам, Ҷаъфархон-амак аз Сталинобод китобҳои чопи навро савғотӣ меовард, чунки ин китобҳо ба дӯконҳои Самарқанд дертар меомад. то ҳол фаромӯш намекунам, ки се китоби "Бачаҳои капитан Грант"-ро, ки аз Сталинобод оварда буд, бо шавқи тамом такрор ба такрор мехондам.

Ҷаъфархон-амак чанд сол дар Сталинобод дар Комвуз ба ҳайси муаллим кор карда, дӯстони бисёр пайдо карда буд. Агар хато накунам тобистони соли 1936 сайри Сталинобод ихтиёр карда, маро ҳамроҳаш гирифт. Ин

саёҳат ҷаҳони наве барои ман буд. Хусусан як шабона дар поезд хоб кардан, стансияҳоро аз тиреза тамошо кардан, ба ресторан барои сарфи ғизо рафта, болои чарҳҳои гардон нишаста таом хӯрдан ҳама аҷоиботи ин сафар буд.

Дар Сталинобод мо ба хонаи Суҳайлӣ рафтем. Ин квартирае буд дар иморати чӯбини дуқабата, ки он ҷо шоиру нависандагон зиндагӣ мекарданд. Баъдҳо фаҳмидам, ки ин ҳамон хонаи таърихии кӯчаи Орҷоникидзе, иқоматгоҳи шоиру нависандагони номдори он солҳо будааст.

Дар ин хона боз киҳоро дидам, дар хотирам нест, аммо рӯзе пагоҳӣ ба хонаи Суҳайлӣ аз табақаи дуввум касе фуромад ва онҳо байни худ сӯҳбате доштанд. Баъд аз рафтани он шахс амакам ба ман гуфт, ки "ана ҳамин одам Ғанӣ Абдулло - драматурги зӯри Тоҷикистон аст." Симои ҳамонвақтаи Ғанӣ Абдулло то имрӯз пеши назар ҷилвагар аст. Дар ин даргоҳ албатта меҳрубонӣ ва нармсухании соҳиби хона Суҳайлӣ маро ҳамчун кӯдаки навозишдӯст мафтун карда буд. Шабе амакам ва дӯстонашон ба тамошои пиесаи "Мубориза" рафтанд ва маро низ ҳамроҳ гирифтанд. Дар балкон нишаста намоиши муборизаи зидди босмачиёнро бо шавқи кӯдакона тамошо кардам. Ин пиесаи аввалин буд, ки ба забони тоҷикӣ тамошо мекардам. Дар Самарқанд ду- се бор театр бурда буданд, намоишҳо ҳама ба забони ӯзбекӣ буданд.

Баъд аз чанд рӯз Ҷаъфархон-амак бо ду-се нафар дӯстонаш озими тамошои Маскав шуданд. Баъд аз як шабонарӯз тахминан соатҳои 12-и шаб ба Самарқанд расидем. Маро ба як дӯсташ супорида хоҳиш намуд, ки ба ҳавлиамон расонад. Шаб дар шаҳри нав дар хонаи ҳамон одам хобидам. Рӯзи дигар падарам омада ба хонаамон бурд. Ин буд сафари аввалинам ба "диёри тоҷикон", ки ба шарофати Ҷаъфархон-амакам муяссар шуда буд.

Баъд аз понздаҳ-бист рӯз Ҷаъфархон-амак аз сафари Маскав бозгашт ва барои ман ду китобчаи аксҳо ба армуғон оварда. Яке маҷмӯи аксҳои рангини меъморияҳои таърихии Кремл буд. Дигаре китобчаи фотои стансияҳои метрополитени аввалини Маскав буд. Бо хоҳараму додарам аксҳоро такрор ба такрор тамошо мекардем. Ба ҷӯраҳову хешбачаҳо бо ифтихор нишон медодам. Ин аксҳо ороишу зинати китобхонаи хурди ман буд. Қисми зиёди аксҳо имрӯз дар фототекаи ман нигаҳдорӣ мешавад.

Ҷаъфархон-амак соли 1932 издивоҷ кард ва соли 1939 аз рӯ ба рӯи ҳавлии мо манзиле харидорӣ кард ва то охири умр дар ҳамон ҷо зиндагӣ ба сар бурд.

Ҷаъфархон-амак одами хандонрӯй, шӯх, зариф, мутоибадӯст ва ринд буд. Гоҳо шӯхиҳое мекард, ки куҷо росту куҷо ҳазл аст, фаҳмидан душвор буд. Медонист, ки Ризохон-амак каси тунд ва бадқаҳр аст, бо вуҷуди ҳамин бо он кас шӯхиҳои бебокона мекард. Ризохон-амак як оташ гирифта, Чаъфархон-амакро сахт коҳиш менамуд. Ҷаъфархон-амак оромона табассум карда бо сари хам ҷанги он касро гӯш мекард. Баъд аз чанд лаҳза Ризохон-амак каме аз қаҳр фуромада мегуфт: "Лекин ин шӯхию мулоимхунукиро фақат Ҷаъфархон карда метавонад ва ба худаш мезебад ҳам".

Солҳои охир Чаъфархон-амак бо ман унс гирифта, муносибат ва сӯҳбатҳои мо бародарона ва "калонона" мешуд. Дар ҳар сӯҳбат медидам, ки

ишон аз вазъи адабӣ ва китобҳои ба тозагӣ чопшудаи Тоҷикистон хуб воқиф аст. Аксари китобҳои матбӯъ ва намунаҳои адабии дар мачаллаву рӯзнома чопшударо хонда, роҷеъ ба ҳар яки онҳо фикру мулоҳизаҳои дақиқ ва қобили таваччӯҳ дошт. Дар зимни сӯҳбатҳои ширин медидам, ки бемории зиққи нафас дар ҳар дидор сахттар ва сурфаҳояш дилхароштар ва тӯлонитар мешуд.

Дар аввали моҳи июни соли 1974 писараш Парвизхон телфон кард, ки вазъи сиҳҳати падар нохост вазнин шудааст. Рӯзи дигар субҳ ба Самарқанд парвоз кардам. Пеш аз расиданам ба Самарқанд чанд соат пеш Ҷаъфархон-амак ин ҷаҳонро падруд гуфтааст. Ҳамон рӯз ба хок супурдем дар қабристони Шоҳи зинда, наздик ба маҳалли мадфани хонадони мираконiён. Ҳар бор ки ба Самарқанд месям, нахуст ба зиёрати қабрҳои падару модар, Ҷаъфархон-амак ва се амубузурги худ меравам. Болои санги хорои сиёҳфом ному насаби амакам бо илҳоқи унвони фахрии "Муаллими хидматнишондодаи Ӯзбекистон" сабт шудааст. Бале, ишон муаллими бисёр шогирдон буд. Имрӯз чанд тан адибу нависандагони Панҷакентӣ дарсҳои пурмазмуни ишонро дар омӯзишгоҳ бо миннатпазирӣ ёдовар мешаванд. Ман имрӯз ишонро ҳамчун мураббии худ, ки бори аввал ба дарсхонаи худ бурда буд ва баъд ҳам борҳо ба ман чизи маҳбуб ва марғубтарини бачагиам - китобҳои аҷибу ғарибро эҳдо мекард, ба ёд меорам. Аминам, ки дар нумӯи шукуфаҳои аввалини машқҳои адабиам нақши Ҷаъфархон-амак муҷалло ва назаррас аст. Ҷояшон ҷаннати таҳтаҳуланҳор гардад!

ГУЗАРИ МАДАНИЯТ

Падарам дар вақти ба вуқӯъ омадани инқилоби октябр толибилми мадрасаи Шердор буд. Баъд аз барқарор гардидани ҳокимияти шӯравӣ таҳсили мадрасаҳо қатъ гардид ва падарам ҳуҷраи меросиро ба ҳолаш гузошта, ба Тайлоқ, ба боғи меросии падар баргашта, бо модару ду бародараш – Алихон ва Ҷаъфархон иқомат ихтиёр намуд. Баъд аз даргузашти ҷаддам ҳавлии гузари Қозӣ Калон ба Ризохон ва боғҳои Тайлоқу Қавола ба модаркалонам ва се писари он кас мутаалиқ шуд.

Падарам соли 1918 модарамро ба издивоҷ дароварда ба Тайлоқ меорад. Ҳамин сол дар Тайлоқ мактаби хурде ташкил намуда ба таълими хату саводи кӯдакони боғот машғул мешавад. Ҳамзамон ба бародари калониаш Алихон дар боғдориву деҳқонӣ ёрӣ мекард. Рӯзҳои муайян ба шаҳр рафта дар курси муаллим тайёркунӣ таҳсил менамуд. Баъд аз гирифтани ҳуҷҷати расмӣ ба номи муаллими мактабҳои нави шӯравӣ ба яке аз мактабҳои шаҳр ба ҳайси муаллим таъйин мешавад. Дар шаҳр кор кардан ва сари чанд вақт ба Тайлоқ рафта омадан мушкилиҳои зиёд дошт. Бинобар ин падар охири соли 1922 ба Самарқанд бо модарам мекӯчад ва дар яке аз хонаҳои ҳавлии калони боҷааш Масъудхони Беҳбудӣ манзил мегирад.

Баъд аз омадан ба шаҳр фаолияти муаллимии падарам хеле вусъат меёбад ва ҳамчун ташкилотчии корҳои таълим ном мебарорад. Вай дар қатори муаллимони таҷрибадор мисли Абдулқодир Шакурӣ, Исматулло

Раҳматуллозода, Саййид Ризо Ализода бо ҳамсафони худ – Осим Исматӣ, Аъзамхон Шаҳидӣ, Ҳақбердӣ Усмонӣ ва ғайра барои ташкил ва ҳифзи мактабҳои тоҷикии Самарқанд заҳамоти зиёде ба харҷ додааст.

Соли 1924 падарам модар ва бародари хурдиаш Ҷаъфархонро ҳам (се сол пеш Алихон аз ҳаёт чашм пӯшида буд) ба шаҳр кӯч медиҳад. Ва ҳамаи онҳо ба ҳамон ҳавлии Қозӣ Калон – дар қисмати берун манзил мекунанд. Дар аввали соли 1926 маорифи шаҳри Самарқанд падарамро ба мактаби машҳури Самарқанд - мактаби якум мудир таъйин мекунад. Мактаб дар ҳавлисарои Усмонбои пахтафурӯш дар гузари Қӯшҳавз воқеъ гардида буд.

Дар чунин мактаби номдор мудир таъйин шудан обрӯву мартабаи баланд буд. Амакбачаи падарам Бурҳонхон, шахси босаводу шоиртабиат, падарамро бо ин вазифаи пурифтихор табрик намуда, қасидае иншо намудааст, ки хостам ба ёди шоири шодравон ин ҷо мундариҷ созам:

Фазлат мазид бод, аё зубдаи шубоб,
Аз ҳар улуми дунявӣ дорӣ ту иртикоб.
Аз кофаи улуму фунун ҳастӣ баҳравар,
Чун илму фанни ҳикмату ҳам санъати ҳисоб.
Санноъи лоязол туро карда эътибор
Дар назди ин ҳукумат, ҳам байни шайху шоб.
Дар мактаби якум шудӣ раъсулмуаллимин.
Он ҷо нишаста мекунӣ таълиму иктисоб.
Рӯзе ки ин ҳукумати шӯро намуд зуҳур,
Дорӣ ба ҳар вазифааш .....(?)ҳитоб.
Аввал шудӣ муаллиму в-аз баъди он мудир,
Лекин надидам як даме аҳволат инқилоб.
Ин ҷодаи мудирият бодо аладдавом,
То рӯз дорӣ дар ҷаҳон, бошӣ ту комёб.
Ковӣ ҳамеша доъии ту аст дар ҷаҳон,
Эй дил, набинӣ як даме чун кулфату азоб.

Дар поёни шеър Бурҳонхон илова намуда: Огоҳӣ: Барои ёдгорӣ ва аз камолоти дӯстӣ ин мадҳи муназзам ба сӯи Шумо фиристода шуд. Умед аст баъзе ғалат шуда бошад, ба тасҳеҳи он кӯшед. Чунки фақир аз илми шеъргӯй барӣ, аммо шуғли номунтаҳо дорам дар бораи шеъргӯй. Биноан гоҳо барои аҳбоб ин гуна шеърҳои лояънӣ мегӯям. Дӯсти шафиқатон Вализода (Бурҳонхон), соли 1926 милодӣ, 27 июл.

Дар ин солҳо обрӯю манзилати падар дар шаҳр чун муаллим ва равшанфикр афзуд ва вазъи иқтисодии оила ҳам хеле беҳтар гардид. Падарам мегуфт, ки он солҳо наздик ба дусад червони тиллоӣ моҳона мегирифт ва ба як-яку ним сӯм аз бозор гӯсфанди бӯрдоқӣ харидан мумкин буд.

Баъд аз он ки падар аз моҳонаи худ маблағи муайяне пасандоз кард, соли 1927 аз гузари Маданият ҳавлии маъмур ва ободро харидорӣ намуда, бо аҳли оила ва модару додараш Ҷаъфархон ба он ҷо кӯчид. Ин ҳавлиро Рустамбой ном шахси боғдор барои иқомати хонаводааш дар фасли зимистони шаҳр андохта буд. Саҳни ҳавлӣ хеле хурд ва гирдогирди саҳн айвону таҳхонаҳо ва болои онҳо хонаҳои истиқоматӣ воқеъ гашта буд. Гузари Маданият дар асл Орифҷонбой ном дошт ва чунонки дар "Самарқанднома"

навиштаам, дар охири садаи 18 ва аввали 19 бо кӯшиш ва маблағи Орифҷонбои тошкандӣ бунёд ёфта буд.

Баъд аз инқилоб гузарро Маданият ном ниҳоданд. Ин чанд сабаб дошт. Аввал ин ки дар гузар мактаби рақами 4 кушода шуд, ки дар шаҳр соҳиби шӯҳрату эътибор гардид. Дигар ин ки аз ин гузар равшанфикрони маъруфи Самарқанд зуҳур карда буданд. Яке аз сокинони собиқадори гузар Қорӣ Осим Исматӣ буд, ки дар он солҳо мудири мактаби номдори Абдулқодири Шакурӣ таҳти рақами 11 дар гузари Шарбатдор буд. Додари Қорӣ Осим Обид Исматӣ дар охири солҳои бистуми асри гузашта ба Сталинобод рафта, дар идораҳои фарҳангу маориф маъмури вазифаҳои масъул буд. Аз ҷумла дар назди Шӯрои Вазирони Тоҷикистон котиби масъули Кумитаи алифбои нав буд. Вай соли 1937 гирифтори террори сталинӣ гашт ва дар ҳамин шаҳр ба қатл расид. Ҳоло дар девори ҳавлии Қорӣ Осим лавҳаи ёдгорӣ ба хотираи Обид Исматӣ гузошта шудааст.

Қорӣ Осим аз шахсони пешқадами шаҳр буд. Дар ҳамон солҳо ҳавлии кӯҳансохти худро аз нав ба тарзи урупоӣ таъмир ва тармим намуда, ба оини нав зиндагӣ мекард. Дар маркази гузар дар ҷоҳои харобу валангор чорбоғи нав сохта ва чойхонаи сурхи гузарро бунёд ниҳод. Дар ин гузар хонадони Шаҳидиҳо зиндагӣ мекард. Сарвари ин хонадон се бародар дар шаҳр шахсони обрӯманд ва номдор маҳсуб мешуданд. Шаҳидиҳо аз хоҷагони ҷомафурӯш буданд, ки касбу кор ва машғулияти онҳо тиҷорат ва дӯкондорӣ буд. Муқаддасхон Шаҳидӣ калони ин хонадон соҳиби маърифат ва одами шеърдӯсту адабпарвар буд. Ишон дар охири солҳои бистум бо оилаи худ ба Душанбе кӯчида, ҳамин ҷо иқомат ихтиёр кард. Писари вай Зиёдуллохон дар дастаҳои мусиқӣ ва гурӯҳҳои театри тоҷик кор мекард. Муқаддасхон соли 1937 дар солҳои террор зиндонӣ ва ба Сибир табъид гардид ва ҳамон ҷо аз ҷаҳон чашм пӯшид.

Зиёдуллохон дар театр ва доираҳои санъати мусиқӣ фаолияти худро бо муваффақият давом дода, дар андак муддат ба сифати оҳангсоз ҳам шинохта шуд. Таҳти роҳбарӣ ва ёрии мусиқишиносони рус ва дертар дар натиҷаи таҳсил дар Консерваторияи Маскав Зиёдулло Шаҳидӣ ба таълифи асарҳои мусиқии полифонӣ ҳам даст ёфт. Чанд симфония ва операҳои миллии тоҷикӣ аз ҷумлаи солҳои охирини Шаҳидӣ буд. Суруду таронаҳои Шаҳидӣ ки бо рӯҳи халқӣ ва классикӣ дар байни мардум то имрӯз маъруф ва маҳбуб аст.

Оҳангҳои Зиёдулло Шаҳидӣ ҳанӯз пеш аз ошной бо ӯ дар дил нисбат ба ин шахс эҳтиром ва гармие бедор карда буд. Баъд аз он ки ба Душанбе омадам, бо Шаҳидӣ ошнову ҳамсӯҳбат ва солҳои охир наздику қаринтар гаштам. Вай марди хушсурате буд, ки бо садои нарм ва оҳанги хуши гуфтор (мисли ноии классикӣ) зуд касро ба худ ҷалб мекард. Дар сӯҳбат камсуҳан, аммо дар меҳмоннавозӣ ва унсу улфат хеле гиро ва ҷолиб буд. Дар вақти таълифи операи "Комде ва Мадан", хусусан операи "Ғуломон" аз рафти кор, душворию лаҳзаҳои илҳомбахши худ, аз осори Айниву Бедил бо эҳсоси гарм сӯҳбат мекард. Оҳангсозони касбии ҷавон, ки пас аз хатми консерватория дар назария ва амалияи мусиқии муосир дасти боло доштанд, оҳангҳои дилчаспу нотакрори устоди худро эътироф мекарданд, дар мусиқии полифонӣ низ кӯшиш ва самараҳои заҳматоти ишонро тақдир ва таҳсин менамуданд.

Дар аввали соли 1984 рӯзе Шаҳидиро дар Вазорати маданият дидам. Медонистам, ки ҳамон сол моҳи май Шаҳидӣ 70 солро пур мекунад. Аз ин мавзӯъ гап кушодам, табассум карду гуфт:

— Ҳафтодсолагӣ хуб аст, лекин мехостам ба ин синну сол ягон асари нав эҷод кунам ё ба таълифи он шурӯъ кунам. Мана дар ҳамин ҷо дар бораи шумо фикр мекардам. Чӣ мешуд, ки ҳардуямон дар бораи Ҳоҷӣ Абдулазизи самарқандӣ опера созем. Либретто аз шумову мусиқӣ аз ман. Воқеоти зиндагии Ҳоҷӣ ва мусиқиҳои он кас бунёди хуби опера хоҳад шуд.

Гуфтам, ки бо камоли шавқу ҳавас ба иҷрои ин кор омода ҳастам

Бале, ҳамон сол мебоист ҷашни ин шахси намоёни ҷумҳуриро сазовори хидмату мартабаи ӯ таҷлил мекарданд. Бояд гӯям, ки Шаҳидӣ дар ин марҳилаи умр ташнаи шӯҳрату ҷоизаву нишонҳо набуд. Ӯ мувофиқи заҳмат ва хадамоташ ба тақдиру таҳсини давлату ҷомеа сазовор гашта буд. Ӯ раиси Иттифоқи оҳангсозон ва чанд муддат вакили Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шуда буд. Аз ин сабаб шахсан худаш чандон ташнаи таҷлили ҳафтодсолагиаш набуд. Аммо дар омодагӣ ва ташкили ҷашн , ки ба он дӯстону шогирдону ҳамкоронаш мутасаддӣ гаштанд, сардӣ ва муносибати носазои Котиби кумитаи марказии ҳизб Гулҷаҳон Бобосодиқоваро ҳис намуд. Ман ҳам чунин муносибатро дидаву шунида дар ҳайрат мондам.

Хулоса, ҳам соҳибҷашн ва ҳам аҳли хонаводаи вай ба дастгирии идораи мӯътабари ҳизбӣ умед набаста, дар яке аз шабҳои моҳи маи соли 1984 дар ҳавлии Шаҳидӣ пайвандонаш зиёфате ба ифтихори 70-солагӣ оростанд. Дар ин шаб Муҳаммад Осимӣ, Миршакар, Мӯъмин Қаноат ва дигар оҳангсозону адибони мухлис ва дӯсти Шаҳидӣ ҷамъ омадем. Шаби оҳангу наво, шаби бузургдошти санъати мусиқии мо, шаби фаромӯшнашавандаи ҷашни зодрӯзи Шаҳидӣ буд. Аз симои Шаҳидӣ намоён буд, ки озурдагии дили нозуки худро аз сардиҳои нобаҷои калоншаванда фаромӯш карда, дар оғӯши гарми меҳри дӯстон, дар фазои баланди илҳоми эҷодӣ озодонаву дур аз ғам нафас мегирифт...

Як сол аз ин шаби биҳиштӣ нагузашта буд, ки 15-ми феврали соли 1985 Шаҳидӣ дар асари бемории ғайричашмдошт аз ҷаҳон чашм пӯшид. Дар саҳни ҳавлие, ки фасли баҳори соли гузашта садои шодиву қаҳқаҳи дӯстон фалакпеч буд, имрӯзи зимистон оҳангҳои мотам ва садоҳои ҷонхароши "Шашмақом" садо медод...

Ҳоло дар ин ҳавлӣ Музеи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ ва Бунёди байналмилалии Зиёдулло Шаҳидӣ созмон ёфтааст ва чароғи ёди падарро фарзандонаш фурӯзон медоранд.

Бармегардем ба гузари Маданият, ба қиссаи Шаҳидиҳо. Аз ин хонадон боз ду Шаҳидӣ буданд. Аъзамхон ва Аълмхон Шаҳидӣ. Аъзамхон Шаҳидӣ аз математика ва Аълмхон аз табииёт дарс медоданд. Аълмхон дар ҷавонӣ, тахминан солҳои 1939 аз олам даргузашт. Аъзамхон Шаҳидӣ то солҳои 1960 дар мактабҳои миёнаи тоҷикӣ аз математика дарс медод ва дар ин ҷода аз муаллимони номдор буд. Аъзамхон Шаҳидӣ бо падарам дӯсти қарину бародар буд. Ҳар ду ҳамеша аз ҳоли ҳамдигар бохабар буданд. Аъзамхон Шаҳидӣ дар синну сол аз падарам хурдтар буд ва панҷ шаш сол пештар аз падарам фавтид. Падарам то дами охирин аз Аъзамхон Шаҳидӣ

бо меҳри бародарӣ ёдовар мешуд. Ман ҳам симои дилкаш ва нуронии ӯро, ки ба ин ҷониб меҳри гарм дошт, аз ёд намебарорам.

Аз сокинони обруманди гузари Маданият Ғанӣ (ё Абдулғанӣ) Саломзодаро бояд ёдовар шавам. Ғанӣ Саломзода аслан аз гузари Тошкандии Оқсабот буд. Бародарони ӯ Абдулваҳҳобака, Абдуислом, Абдунабӣ ва худи Абдулғанӣ қассобҳои касбӣ буданд.

Ғанӣ Саломзода дар омӯзишгоҳи тоҷикии шаҳр аз забони модарӣ дарс мегуфт. Бо падарам дӯсти наздик буду дар забономӯзӣ худро шогирди ӯ ҳисоб мекард. Ҳавлии Саломзода ба манзили мо наздик буд ва ҳар субҳ ҳамроҳи падарам пиёда ба омӯзишгоҳ мерафтанд. Каси шӯх, мутоибадӯст ва зариф буд. Гоҳо субҳ баъд аз он ки падар либос пӯшида аз хона мебаромад, "хӯш, муаллим, рӯймолча фаромӯш нашудааст? Конспект чӣ? Хӯш, қаламу қариндош-чӣ" гуфта мепурсид ва баъд мегуфт: "Ана акнун хотирҷамъ то омӯзишгоҳ чақчақ карда меравем. Вагарна муаллим дар айни сӯҳбат дар роҳ "э сабиле, фалон чиз, беҳмадон чиз аз ёд баромадааст" гуфта моро дар ташвиш мемонанд."

Саломзода дар курсҳои болоии омӯзишгоҳ дарс мегуфт. Шогирдон ба дарсҳои ӯ бо камоли шавқ мерафтанд. Саломзода дарсро бо шарҳу тавзеҳоти осон ва наздик ба фаҳми сомеон бо мисолу нақлҳои ҷолиб ва ҷозиб мегузашт. Шогирде агар дар вақти дарс рафтори нобаҷое кунад, Саломзода бо асабоният сарзаниш намекард, балки ба лутфу тамсил ё ба шӯхиву ҳазл рафтори нодурусти шогирдро ба вай мефаҳмонд ва ин ҳама ба хандаву зарофат анҷом мегирифт.

Баъд аз ҳамлаи фашистон ба хоки шӯравӣ дар моҳи июни соли 1941 сафарбарии умум ба сафҳои аскари сурх сар шуд. Одамоне, ки аз синни сафарбарӣ гузашта буданд, бегоҳиҳо дар назди Булвари Абрамовский ҷамъ шуда, машқҳои ҳарбӣ мегузарониданд. Саломзодаро низ ба сафи ҷанговарони оянда даъват намуданд. Борҳо дида будам, ки хаставу шалпар аз машқ назди падарам меомад. Дар ҳамин ҳолат ҳам аз шӯхиву ҳазл наметмонд. Боре ҳикоя кард, ки як командири рус, ки ба зӯр ӯзбекиро медонист, ба лаҳҷаи вайрону ночаспон ҷанговаронро гоҳо сарзаниш мекардааст. Саломзода як таъбири ӯро ба тарзи худи вай гуфта падарамро механдонид ва ин гапи командир то ҳол дар ёди ман ҳаст: "қаққа, командир салган қулаққа" мегуфтааст, ки маънияш "куҷо нигоҳ мекунӣ, ба гапи командир гӯш андохтан лозим аст."

Баъд аз се-чор моҳ Саломзодаро дар қатори ҷанговарони машқдида рост ба фронт фиристоданд. Дигар аз вай на хабаре буду на мактубе... Зани ҷавон, аммо қаҳрамони вай, ки чор фарзанди ноболиғу бе парастории бо ранҷи дастони пурҳунар ба воя расонд, хононд ва ҳамаи онҳоро ба роҳи зиндагӣ бароварда ва гӯё бори вазнини вазифаи худро иҷро карда бошад, ба беморие лоилоҷ гирифтор шуда, ҳам бо бачаҳо, ҳам бо зиндагӣ ва ҳам бо шавқари нокомаш видоъ намуд...

Ба сафи зиёиёни гузари Маданият соли 1927 падари ман ва амуям Ҷаъфархон ҳамроҳ шуданд. Ва ҳамаи зиёиёни номбурда гули сари сабади гузар буданд. Ба ҷуз ин шахсони мӯътабар дар гузар боз чанд нафар муаллимони ҷавон ва маъмурони ҳизбию давлатӣ иқомат доштанд.

Ман соли 1944 аз Самарқанд баромадаам. Вале дар муддати зиёда аз шаст сол ҳамеша дар Самарқанд ва бо Самарқанд, бо дӯстону хешовандони самарқандӣ, бо аҳли гузари худ будам. Ғайр аз сафару иштирок дар тӯю маъракаҳо, ба ҷуз хондани лексия дар факултаҳои тоҷикии Донишгоҳ ва Институти Педагогӣ ҳар сол тобистон бо аҳли оилаам ду се моҳ дар Самарқанд иқомат доштем. Аз ин ҷост, ки фарзандони ман дар рӯҳи самарқандӣ ба воя расидаанд, ва ҳамсарам, ки бухориюласл аст, Самарқандро шаҳри дуввуми худ мешуморад.

Соли 1992 барои огаҳӣ аз аҳволи оилаи муаллим Қорӣ Осим ба ҳавлии он кас рафтам. Бо писари ишон Шавкат сӯҳбат кардам ва хоҳиш намудам, ки агар мавҷуд бошад, бо ҳуҷҷатҳои солҳои хидмати он кас дар соҳаи маориф ошно шавам. Шавкат ду папкаро пеши ман оварда. Дар ин папкаҳо тамоми ҳуҷҷатҳои шодравон Исматӣ бо дасти худаш ба як тартибу танзим ҷузъбандӣ шуда буд. Пеши назарам солҳои тӯлонии хидматҳои ҷонсупоронаи Исматӣ мисли кадрҳои кино ҷилвагар гардид. Ҳайфам омад, ки аз чунин шахс вақтҳои охир мо ёдоварӣ намекунем ва ҳатто қариб фаромӯш кардаем.

Баъд аз бозгашт ба Душанбе бо номи "Муаллим Қорӣ Осим" дар рӯзномаи "Овози тоҷик"-и Ӯзбекистон мақола ба чоп расонидам. Ин мақола дар миёни равшанфикрони ҷавони Самарқанд ҷунбише ба вуҷуд овард ва дар рӯзномаву маҷаллаҳо дар бораи ин шахси баруманд чанд мақола ба чоп расид. Ва ниҳоят бо ташаббуси зиёёни шаҳр ва аҳли гузар ба ёди Қорӣ Осим маҷлис ороста, қарор додаанд, ки ба гузари Маданият номи Осим Исматӣ мансуб гардад.

Қорӣ Осим марди ринду озодманиш, сӯҳбаторо буд. Дар мавридҳои муносиб байтҳои шойгон аз шоирони классик мехонд. Дар лаҳзаҳои майгусориву мусиқӣ бо қади болову мавзун мерақсид ва бо чашмони пурхумор мегуфт:

Наравад одати тифлӣ зи димоғам ҳаргиз
Гар ба тобут равам, ҷунбиши гаҳвора кунам.

Чанд муддат мани наврасу ҷавон дар мактаб бо ишон як ҷо кор мекардам. Дар мактаб муаллимаи ҷавони забони русӣ дар ниҳояти зебоӣ ва таровати ҷавонӣ кор мекард. Рӯзе ӯ ба оинаи калоне нигоҳ карда, мӯйҳои худро дуруст менамуд. Осимӣ бо шавқу иштиёқ ба ӯ нигоҳ мекард ва ҳангоме ки вай аз оина каме дур шуд, гуфт:

Ту зи ҳусни худ хабар кай доштӣ,
Бишканад дасте ки ин оина сохт.

Қорӣ Осим ба падари ман, ба оилаи мо, ба фарзандони ин оила меҳру муҳаббати хосса дошт. Мо ҳама омадани ишонро ба хонаи худ рӯзу соати хушнудиву фараҳмандӣ медонистем. Ин марди барнодилро гумон намекардам, ки дар синни 53-солагӣ (соли 1950) марг аз ин дунё мерабояд. Ёди ин мард ҳамеша дар хотири ман аст ва ҳамин ёди неки у буд, ки маро ба навиштани мақолаи "Муаллим Қорӣ Осим" тарғиб намуд.

Солҳои аввали зиндагии мо дар ҳавлии нави гузари Маданият дар ёдам нест - хеле хурд будам. Он чи баъд маълум шуд, ин аст, ки дар солҳои 1928-29 падарамро ба мудирии Техникуми (омӯзишгоҳи) аввалини занони

Самарқанд таъйин намудаанд. Дар ин техникум таҳсил ба забони тоҷикӣ буд ва муаллимоне, ки аз забони русӣ дарс мегуфтанд, низ забони тоҷикиро хуб медонистанд. Дар аввали солҳои сивум ба хонаи мо зани русе меомад, ки ӯро Рейс мегуфтанд ва бо оилаи мо ва алалхусус бо модарам хеле маънус ва наздик буд. Ба забони тоҷикӣ хуб ҳарф мезад. Ин зан дар техникуми занон ва баъд дар курси муаллимтайёркунии Шайбонихоним дарс медод ва аз ҳамон ҷо бо модарам дӯст ва рафиқ шуда буд. Дар техникуми занон чанд муддат Ситсилия Бону (дертар ҳамсари Лоҳутӣ) низ кор мекардааст. Дар сӯҳбатҳое, ки баъдҳо бо ин хонум доштам, аз Самарқанд ба некӣ ва эҳсоси махсус ёдовар мешуд ва дар зимни ин аз падарам зикри хайр менамуд. Ситсилия Бону дар солҳои 1972-74 аз Маскав ба Самарканд барои иқомати муваққатӣ омада буд. Табибон барои сиҳҳати ӯ ҳавои хушку гарми ҷанубро тавсия намудаанд ва ӯ аз Самарқанд беҳтар ҷоеро намедонист. Бо фармоиши Котиби якуми ҳизби коммунистии Ӯзбекистон Шароф Рашидов аз шаҳри кӯҳна аз биноҳои навсохт барои Бону хонае тахсис намуданд. Чунон ки Бону мегуфт, вай дар ин шаҳр худро хуб ҳис мекард, бо таълифу тарҷумаҳои асарҳои нав машғул буда дар соатҳои фароғат аз кор ба тамошои шаҳр ва мулоқоти дӯстону устодони пешини худ мерафтааст.

Бону адреси ҳавлии моро пайдо намуда, рӯзе ба аёдати падарам омадааст ва қариб ду соат бо падару модарам сӯҳбат доштааст. Модарам нақл карда буд, ки, ки Бону зани пурдону сухандон будааст, ки падарат бемории худро фаромӯш карда саргарми сӯҳбат шуданд. Вақти рафтан ваъда кардааст, ки ба аёдат ва сӯҳбати падарам боз хоҳад расид. Вале баъд аз як ҳафтаи ин сӯҳбат 13 феврали соли 1975 падар ба олами бақо риҳлат намуд.

ҚИССАИ БОҒИ ҚАВОЛА

Аксари ҳавлиҳои Самарқанд, аз ҷумла ҳавлии мо низ, танҳо барои иқомати зимистонӣ мувофиқ буд. Аз ин сабаб шахсони доро берун аз Самарқанд боғ доштанд ва аввали баҳор бо иёлу фарзанд ба боғ баромада, то фуромадани сардиҳои тирамоҳ дар ҳамон ҷо дар сояву салқин зиндагӣ мекарданд. Ҷаддам муфтӣ Ҳодихоҷа аз дурии боғи Тайлоқ ба малол омада, тахминан дар соли 1909 аз Қавола ном боғоти Самарқанд боғи на чандон калон (як-яку ним таноб) харида ба номи тӯтаам —модаркалонам васиқа кардаанд.

Аз он ҷо ки ман медонам, аз асри 19 гирдогирди шаҳри Самарқандро боғҳои серобу сабзу хуррам ҳалқавор иҳота карда буданд. Ин минтақаро самарқандиҳо "боғот" мегуфтанд. Боғотҳо ном доштанд. Чунончи, дар тарафи шарқ, баъд аз дарвозаи Қаландархона боғоти Кафтархона, Рақабамин, Пули Мағок, дар шимол баъд аз дарвозаи Шоҳи зинда Боғи Баланд, Кони Гил, Боғи майдон, дар ҷануб, баъд аз дарвозаи Сӯзангарон боғоти Қавола, Мӯлиён, Даштаки боло, Қавчинон...

Боғи мо дар ҷануб, дар Қаволаи поён ва ба шаҳр наздик буд. Боғ дарвозаи калон дошт, ки (на ҳар боғ чунин дарвоза дошт) аз он аспу ароба даромада

метавонист. Дар поёни боғ қўрғон - работ буд барои истиқомати аҳли оила . Қўрғон бо деворҳои лой ё хишти хом иҳота шуда, дари дутабақа дошт, ки дар вақти зарурат онро бастан (ҳатто ба қуфл) мумкин буд. Дар дохили қўрғон як хонаи хоб, як айвон барои нишаст ва хуфту хоб, ду айвон - собот барои гову гўсфанд ва айвончаи дигар барои пухту пази хўроку нонҳои хонагӣ воқеъ гашта буд. Дар беруни боғ наздик ба қўрғон сарҳавз буд. Ҳавз ҳамеша аз оби равони тозаи ҷўй пур буд. Дар паҳлўи ҳавз суфаи калоне аз хокҳои тўдашудаи ҳавз бардошта буданд. Хоктўдаро ба шакли чаҳоркунҷа рост карда болои онро бо коҳгил андова ва ҳамвор карда буданд. Ин суфа бо таровиши оби ҳавз аз зер салқин ва аз гармии офтоб хушк буд. Дар суфа аксар вақт меҳмонҳои падарам ҷамъ меомаданд, дар ҳамин ҷо мехўрданду ҳамин ҷо мехобиданд. Дар тарафи шарқи суфа майдони калони юнучқазор буд барои қути гову гўсфанд. Майдони дигари боғ токзор буд. Дар атрофи девор ва ҷойҳои дигари боғ дарахтони мевадор ва дар саҳни дарвозахона як дарахти калони тути марворидак ҳам доштем.

Аввали баҳор падарам як ё ду ароба кироя карда, ба он асбоби хонаву рўзгорро бор мекард, болои кўрпачаҳои нарм мо, бачаҳоро ҷой медод. Дар аробаи дигар бо асбобу ҷиҳози хона модаркалону модару амуям нишаста, гову гўсоларо ба ақиби ароба баста, ҳама ба сўи боғ роҳ мегирифтем.

Ҷаннати рўи замин буд дар гармои тобистон боғи мо дар Қавола. Хурд будам, аммо тарҳи работу намои сарҳавзу токзори боғ, дарахтони сарсабз, ҷўйҳои равону алафзору, юнучқазор, дарахти тути пеши дарвозахона ва умуман фазои озоду софи боғамон сахт дар хотирам нақш бастааст ва то имрўз пеши назарам муҷассам ҷилва мекунад.

Падарам то сар шудани таътил ба асп савор шуда ба шаҳр, ба кор мерафт. Баъд аз кор ва рўзҳои истироҳат обдориву даравидани юнучқа ба ўҳдаи он кас буд. Тўтаам бо ёрии як зани мухлисашон ба номи Ҳоҷӣ-она мева хушк мекарданд, гов медўшиданд, ҷуғроту қаймоқу маска тайёр менамуданд, аз тут шиннӣ мекашиданд, ғўлунг қоқ мекарданд, мавиз хушк мекарданд. Тирамоҳ бо маҳсулоти боғу гову гўсфанд ба ҳавлӣ мекўчидем.

Зиндагӣ ба ҳамин насақ ҷараён дошт. Соле ногоҳ гапу номи колхоз ба гўш расид. Гуфтанд, ки ҳамаи боғҳо, аз ҷумла боғи мо ҳам аз они колхоз шудааст. Касе аз ҳамсоябоғҳо раис шудааст. Бачаҳоро манъ кардааст, ки аз қўрғон берун баромада, аз дарахт меваю аз ток ангур хўранд. Ёд дорам тарсида аз қўрғон берун намебаромадем мо бачаҳо. Баъд воқеаҳо чӣ гуна сурат гирифт, дар хотир надорам. Фақат ҳаминашро медонам, ки падарам ҳам аз бими муфтизода буданаш ва ҳам аз нотавонӣ дар муқобили зўроварии колхоз боғро тарк кард. Тамоми иморатҳои қўрғон ва дарахту токзорҳои пурҳосилро бе соҳиб, бе посбон ба ҳоли худаш гузошта, дигар шаҳрнишин шуд.

Дар ин миён тўтаам буд, ки баҳору тобистон пиёда ба боғ мерафт ва баъд аз омадан бо ашкҳои равон гиряолуд мегуфт, ки "фалончаи бе инсоф айвонро вайрон карда ба хонааш бурдааст, фалон дарахтро бурида партофатааст, дарвозаи боғро канда рафтаанд". Ба ҳоли тўтаам дилам месўхт, қариб ҳамроҳи он кас гиря кунам - охир ман боғамонро хеле дўст медоштам... ва ҳоло ҳам...

ПАНҶАКЕНТ

Дар аввали соли сиюми қарни бистум тамоми мамлакати бузурги Шӯравиро гуруснагӣ ва қаҳтии шадид фаро гирифт. Дар Самарқанд низ асари ин гуруснагӣ хеле сахт ва тоқатфарсо будааст. Дар он солҳо мо хурд будем ва қаҳтию гуруснагиро эҳсос накардаем. Фақат дар хотир дорам дар айвони пеши хона як аробачаи чӯбини бачагонаро ба сангчаву кулӯх пур карда, аз ин тарафи айвон ба он тарафаш "ба дӯкон нон" мекашонидем. Қаҳтиву гуруснагӣ ба дараҷае сахт будааст, ки аз мағозаву дӯконҳои шаҳр ҳатто миқдори бо заборни (карточкаҳои нон) муқаррар шударо пайдо кардан мумкин набудааст. Модарам асбоби симу зари солҳои арӯсии худро ба тадриҷ ба магазини махсус бурда месупоридааст ва дар ивази он орду равған оварда, дафъи гуруснагӣ мекардааст. Ин магазинҳоро Торгсин мегуфтанд ва дар бачагиам аз забони падару модар ин номро бисёр шунидаам. Аммо то имрӯз маънии Торгсин барои ман равшан нашудааст.

Дар ин солҳо Сталин тарзи иқтисодии НЭПро маҳв намуд. Ба ҷои червонҳои тиллоии солҳои бистум "рублҳои" нави беқурби болшевикӣ дар муомила ҷорӣ шуд. Дар натиҷа пули маоши муаллимон ва кормандони идоравӣ хеле паст рафт. Падарам, ки пеш аз ин бо червонҳои тиллоӣ моҳонаи хуб мегирифт, муфлис шуд ва якмоҳа пул ба якрӯза таъмини ғизои оила намерасид. Илоҷе ёфтан лозим буд, ки бачаҳо аз гуруснагӣ намиранд.

Илоҷи мушкили бедармонро падар бо ёрии як дӯсти худ пайдо кард. Дӯсти падарам Фаттоҳ Раҳматуллозода ё Раҳматзода аз зиёиёни пешқадами Самарқанд буд ва бо падарам дӯстии дерина дошт. Раҳматзода солҳо дар Самарқанд ба корҳои мактабу маориф маъмур буд ва баъдҳо ба Душанбе (тахминан солҳои чилум) омада, дар ҳамин ҷо муқим гардид. Ман дар Душанбе ба воситаи писари аршади ишон, Хуршед Раҳматуллоев, ки ходими нашриёт ва масъул ба нашри китобҳои дарсӣ буд, гоҳе ба манзили онҳо рафта, ба сӯҳбати падараш мерасидам. Раҳматзода шахси хушсурати ором ва чеҳраю чашмони пуртабассум дошт. Бо овози нарм гап мезад ва аз дӯстии худ бо падарам ба гармӣ ёдовар мешуд.

Раҳматзода дар аввали солҳои сивум ҳамоно барои беҳ намудани вазъи зиндагӣ ба Панҷакент меравад ва дар шаҳру атрофи он ба корҳои мактабу маориф машғул мешавад. Раҳматзода падарамро низ тарғиб мекунад, ки муддате ба Панҷакент рафта, вазъи зиндагиро ба эътидол биёрад. Соли 1932 падарам ба Панҷакент меравад. Вазъи мо бе он кас чӣ гуна буд, дар ёдам нест. Фақат дар хотирам ҳаст, ки модарам ба падарам хат менавишту хат мегирифт. Боре ман, ки навиштани баъзе ҳарфҳоро ёд гирифта будам, ба падарам дар як коғаз мактубе навиштаам, падарам хати маро бо ифтихор ба дӯстонаш нишон медодааст. Раҳматзода дар мулоқотҳои солҳои охир аз ҳамин мактуби ман ёдовар мешуд.

Падарам ҳар сари чанд вақт ба мо пул ва орду биринҷ мефиристод. Боре ба модарам хабар додааст, ки ба қарибӣ одами шиносашро мефиристаду моро ба Панҷакент кӯчонда мебарад. Баъд аз се-чор моҳ падарам ва бародари калонии Ғанӣ Саломзода - Абдунабӣ қассоб, ки низ дар Панҷакент

буд, барои бурдани оилаҳояшон Раҳмонқул ном аробакашро ба Самарқанд фиристодаанд. Мову модарам як шаб пеш ба ҳавлии бародарони Ғанӣ Саломзода рафта, ҳамон ҷо хобидем, то ки бомдод, чашми рӯз кушода нашуда ба роҳ бароем.

Дар хотир дорам, ки тобистони гарм буд. Саҳари барвақт, дар торикӣ бедор шудем, ба аробаҳое ки назди ҳавлии Абдунабӣ - ака ва бародаронаш қатор шуда буд, нишастем. Кӯчҳоро ба аробаҳо бор карданд. Сапедии рӯз надамида аробаҳо ба ҳаракат даромаданд. Ва мо роҳи Панҷакентро гирифтем.

Роҳи Самарқанду Панҷакент дар он солҳо нисбатан васеъ ва дар масофаҳои зиёди роҳ бо регу сангреза ҳамвор шуда буд. Бо вуҷуди ин баъзе масофаҳо пур аз хок буд, ки ҳини гашти аробаҳо чарҳҳову сумҳои асб гарду ғуборро бархезонда ба сару рӯи мо мерехтанд. Пастиву баландиҳо гоҳо гашти аспҳоро ба душворӣ мекашид ва тароқотуруқи аробаҳоро зиёдтар мекард.

Бештар аз ҳама мо, кӯдаконро,гармои ҳаво азоб медод. Офтоб то рафт баланд шуда, шӯълаҳои оташини худро ба сари мо шадидтару сахттар меандохт. Бисёр бачаҳо қай карда ташна мемонданд, вале оби дурусти хӯрданӣ набуд. Хоҳари калонам Ҳумоюнхон низ аз фарти гармӣ ва беҳузурии дил шалпар шуда беҳол мехобид. Ман бошам бо вуҷуди гармо чашм нопӯшида роҳ ва манзараҳои атрофро тамошо мекардам.

Гашти пешин буд, ки садои "ба Ҷартеппа расидем" баромад ва аробаҳоро ба сарои калон даровардаанд. Ҳамаи мо дар айвон ҷой гирифтем ва аз гармои пуршиддати нисфирӯзӣ каме таскин ёфтем. Дар ин ҷо ғизо хурдем, аз чою об ташнагиро шикастем, як-ду соат истироҳат кардем... Ва боз ба роҳ даромадем.

Вақти говгум ба Панҷакент расидем. Аробаҳо ба кӯчаи пастхам дохил шуда, дар пеши ҳавлие истоданд. Баъд аз чанд вақт падарамро дидам, ки бо Абдунабӣ-амак ба пешвози мо баромаданд. Аз аробаҳо пиёда шудем ва ба ҳавлии калони дарахтзору салқин даромадем. Ин ҳавлии Раҳмонқули аробакаш буд.

Ҳама дар роҳату оромиш будем. Кӣ медонад шояд бӯи сабзаву баргони дарахтон ба ман ҳамон буй ва нафаси гарми ҷонбахши боғи Қаволаро оварда бошад. Вале дар ин ҷо як садои форами ноошно ҳис кардам. Намедонам аз ин садо пурсидам ё не, дар ҳар сурат фаҳмидам, ки ин овози шохобу шохобчаҳои Зарафшон будааст, ки дар масофаи наздик аз ин ҳавлӣ ҷорӣ мешудааст. Ин як садои тозаи навозишпарваре буд, ки бори аввал ба гӯшам мерасид ва ин овоз дар зиндагии кӯдаконаам навиди марҳилаи нав буд.

МАНЗИЛИ МО ДАР ПАНҶАКЕНТ

Баъд аз он ки чанд рӯз дар ҳавлии Раҳмонқул-амак меҳмон будем, моро ба бинои таълимии техникуми педагогӣ кӯчониданд. Дар ин ҷо то арафаи оғози соли таҳсил зиндагӣ кардем. Баъд аз ин ба мо аз ҳавлии Мулло Наҷмиддинбой ном шахс ҷой доданд. Ин шахс аз сарватмандони Панҷакент будааст, ки ҳамоно дар аввали инқилоб ё зиндонӣ шуда ё аз бими таъқиботи болшевикӣ ҷою манзилро партофта аз шаҳр ғоиб шудааст. Ҳавлӣ даруну берун дошт ва мо аз як хонаи ҳавлии берун ҷой гирифтем. Зери намаду шолҳо ба ҷои бурё пахол андохта буданд ва ҷои хоби мо нарму мулоим буд. Аммо дар хона канаҳои калон хона монда буданд, ки шабонаҳо хунҳои моро макида, рӯзона дар деворҳо часпида мехобиданд. Ҳам бо шакли зишт ва ҳам бо хунхории худ канаҳо ба назар хеле манфур менамуданд.

Баъд аз ду-се моҳ ба мо аз ҳавлии дигар ҷои иқомат ҷудо карданд. Ин ҳавлии Мулло Сабурбой ном шахси обрӯманд ва соҳибсарвати Панҷакент будааст, ки дар аввали солҳои сивум аз тарафи ҳукумати шӯрой зиндонӣ шудааст. Ман дертар - солҳои ҳафтодум буд магар - шунидам, ки Мулло Сабурбой дар натиҷаи арзаву муроҷиатҳои фарзандонаш аз тарафи мақомоти додрасӣ шахси бегуноҳ дониста шуда ва ин ҳавлиро ба ворисони ӯ баргардонидаанд.

Ҳавлии Мулло Сабурбой дар ҳамон кӯчае, ки мо дар манзили Наҷмиддинбой истиқомат мекардем, воқеъ гардида ва ба сари кӯчаи калон наздиктар буд. Ҳавлӣ аз қисматҳои даруну берун иборат буд. Ҳавлии дарун барои аҳли оилаи бой тахсис гардида ва аз чанд хонаи қаламакории муқаррарӣ иборат буд. Дар болои роҳрави ҳавлии даруну берун болохоначаи хурд буд. Қисми беруни ҳавлӣ ба завқу писанди боёна бино гардида буд. Дар тарафи шимол хонаи калони даҳлездор буд, ки пешайвони баланд дошт. Сақфи хона бо болору вассаҳои мунаққаш пӯшида шуда буд. Деворҳои хона низ гачкорӣ ва мунаққаш ба гулҳо буд. Дар муқобили ин хона болохона ва зери он айвони баланд низ буд. Ба назарам, болохона барои меҳмонон ва тоҷирони шаҳрҳои дигар, айвони зери он барои амвол ва борҳои тиҷоратӣ пешбинӣ шуда буд.

Ҷаъфархон-амакам бо завҷаю писарчааш ва тӯтаам дар ҳавлии дарун ва мо дар ҳавлии берун ҷой гирифтем ва то он соле ки дар Панҷакент будем, ҷои иқомати доимии мо ҳамин ҳавлӣ шуд. Дар болохона Элизаров ном яҳудии самарқандӣ бо оилааш ва падари пираш, ки ӯро Ҳоҷибобо мегуфтанд (ба зиёрати Байтулмуқаддас мушарраф шуда буд), зиндагӣ мекарданд. Дар муддати се соле, ки дар ин ҳавлӣ будем, бо хонаводаи Элизаровҳо хеле дӯст шудем ва мисли як оила ҳаёт ба сар мебурдем. Баъд аз рафтани мо Элизаровҳо боз чанд солҳо дар Панҷакент зиндагӣ карданд. Ман гоҳо Яъқуб ном писари Элизаровро, ки аз ман ду-се сол калон буд, дар Самарқанд медидам ва аз аҳволи онҳо дар Панҷакент хабардор мешудам. Баъд аз соли 1940-ум дигар аз Элизаровҳо иттилое надоштем.

Панҷакент дар он солҳо шаҳри хеле хурд буд. Дар шарқ Дарвозаи Бухор,

дар ғарб сой ва дар ҷануб Қайнар, дар шимол кӯчаи Лаби чашма - ин буд ҳудуди шаҳр то он ҷо ки ман медонистам.

Дар маркази шаҳр бинои якқабатаи навсохти сафедтоби омӯзишгоҳ меистод, ки дар он солҳо макони ягонаи донишу маърифат, чароғи аввалини маорифу маънавияти шаҳри Панҷакент, тарбиятгоҳ ва тарбиятгари фаолу ҷонфишони насли донишҷӯю доништлабон, тарғибкадаи шеъру адаб ва риштаҳои гуногун дар ҳаёти чомеаи шаҳр буд. Падарам бо амакам Ҷаъфархон ба ҳамин омӯзишгоҳ ба сифати муаллим омада буданд. Ғайр аз падару амакам аз Самарқанд боз чанд нафар муаллимон барои тадрис ба ин омӯзишгоҳ омада буданд. Онҳое ки дар хотири ман мондаанд: Бозор Раҷабзода - муаллими фанни ҳисоб ва риёзиёт, сокини гузари Каландархонаи Самарқанд, муаллими сахтгир ва дар муомилаву муошират ҷиддӣ буд. Идрисхон Умарӣ - дар хотир надорам аз чӣ дарс медод, аммо шахси хеле меҳрубону кушодачеҳра буд. Болта Рауфзода - муаллими расм ва нақшакашӣ, шахси хеле ҳалим, нарм ва зариф буд. Барои синфхои узбекӣ Зиёев ном муаллими тошкандӣ омада буд, ки дар таййи чанд соли ҳамкорӣ бо падарам тарҳи дӯстиву рафоқат доштанд. Боз як нафар самақандӣ ба номи Усто Олим буд, ки чанд сол пештар ба Панҷакент омада, муқими ҳамин шаҳр шуда буд. Ин устои харрот ва дуредгар ҳам дарси меҳнат медоду ҳам тамоми корҳои чӯбкориву харротии омӯзишгоҳро дар ӯҳда дошт. Худи Усто Олим ва оилаи он кас бо падару модар ва оилаи мо хеле дӯст шуданд ва дар ҳамаи кору бори зиндагии мо ҳамеша мададгору шарик буданд. Ҳавлии онҳо дар охири тангкӯча дар муқобили дарвозаи ҳавлии Мулло Сабурбой воқеъ гашта буд ва аз ин сабаб рафту ой байни мову хонадони Усто Олим осон ва доимӣ буд. Мо, бачагон, ҳам бо ду писари Усто Олим -Ӯлмасу Шодӣ чӯраҳои наздик будем. Усто Олим дар як гӯшаи ҳавлии беруни Мулло Сабурбой дар тарафи рост аз хонаи мо устохона дуруст карда, бештар вақти худро ҳамон ҷо мегузаронид. Бачаҳо низ барои дарси меҳнат ба ҳамин устохона меомаданд. Усто Олим шахси хеле меҳрубон ва ба мо наздику қарин буд, ҳамеша барои рафъи эҳтиёҷи мо омода буд, мо, бачаҳоро хеле дӯст медошт.Симои ин шахс имрӯз дар назари ман хеле гарм ва пур аз меҳр менамояд.

Ба сафи муаллимони самарқандӣ каме дертар Носирҷон Маъсумӣ дохил шуд. Ин ҷавони бист-бисту як -сола дар Самарқанд курси муаллим–тайёркунии Шайбонихонро тамом карда, бо машварати устоди худ Абдулҳамид Бақозода ба ин ҷо омада буд. Бақозода, додарзодаи падарам, хостааст, ки ин ҷавони мустаид дар пеши муаллимони асили самарқандӣ таҷриба андӯзад ва одобу муошират омӯзад. Аз рӯзҳои аввал Маъсумӣ ба оилаи мо унс гирифт ва ба назди мо мисли як узви оила зуд-зуд меомад ва падарам низ ба ишон чун фарзанд бо меҳру ғамхорӣ муносибат мекард. Маъсумӣ то охири умр падарамро ба ҳайси устод эҳтиром мекард ва дар ҳозиру ғоиб ӯро ба ин унвон ном мегирифт.

ОМӮЗИШГОҲИ ПАНҶАКЕНТ

Мехоҳам дар бораи омӯзишгоҳи Панҷакент муфассалтар сӯҳбат кунам. Зеро мақом ва нақши ин таълимгоҳ барои ҳаёти маънавию мадании Панҷакент дар ҳамон солҳо хеле калон буд ва баъдтар ҳам ин мақому манзилат мустаҳкамтару нофизтар гашт. Ин таълимгоҳ барои ман ҳам хеле азизу фаромӯшношуданӣ аст. Агар табиат ва худованд дар фитрати ман аз ишқи илму дониш ва шеъру адаб чизе ниҳода бошад, аввалин сабзаҳои ин кишт дар ҳамин таълимгоҳ ва дар ҳамин шаҳри Панҷакент падидор гашт. Инро ҳеч гоҳ фаромӯш намекунам.

Ин таълимгоҳро дар он солҳо Педкомбинат мегуфтанд. "Пед" шакли кӯтоҳи "педагогический" аст ба маънии он ки ин омузишгоҳ "педагогӣ" аст, яъне кадрҳои "педагог ва муаллим" тайёр мекунад. "Комбинат" аз калимаи "комбинированний" аст ба маънии "навъҳои гуногуне ки дар як ҷо ҷамъ шудааст". "Комбинат" нисбат ба ин омӯзишгоҳ аз он сабаб тааллуқ дошт, ки дар ин ҷо тарзу усулҳои гуногуни тарбияву таълим дар як ҷо ба ҳам пайваст ҷорӣ карда мешуд. Дар чунин "комбинатҳо" бачаҳои хурдсол ба хондан қабул мешуданд - тахминан даҳ-ёздаҳсола, ки мактаби ибтидоиро тамом кардаанд. Ин бачаҳо дар хобгоҳи умумӣ зиндагӣ мекарданд, хӯроки шабонарӯзии онҳо дар ошхонаи "комбинат" таъмин буд. Ба талабаҳо барои тамоми фаслҳои сол либосу пӯшоки мувофиқ дода мешуд.

Ба педкомбинати Панҷакент бачаҳоро баъд аз синфи чорӯм қабул мекарданд. Марҳилаи аввали таълим "тайёрӣ" номида мешуд ва ин "тайёрӣ" чор фосила дошт, ки онро бо вожаи русии "симистир" (аслаш - семестр) таъбир мекарданд. Ҳар як "симистир" ним сол давом мекард ва баъд аз ду сол, ки чор "симистир" тамом шуд, ба синфҳои асосӣ мегузаштанд ва ин синфҳоро "асос" мегуфтанд ва аз се асос иборат буд: асоси якум, асоси дуввум ва асоси сеюм. Баъд аз тамом кардани комбинат ҷавонон ҳуҷҷати муаллими мактаби ибтидоиро мегирифтанд. Усули таълим дар ин донишкада чӣ гуна буд, ҳоло аз тафсили ин чизе гуфта наметавонам, зеро ман хурдтарини талабаи "тайёрӣ" будам. Ҳамин қадар гуфта метавонам, ки муаллимҳои забардасти самарқандӣ ба бачаҳои тайёрӣ таълим намедоданд. Онҳо фақат ба таълими синфҳои "асосӣ" машғул буданд. Хатмкунандагони омӯзишгоҳро баъд аз чанд солҳо ҳар кучо медидам ва ҳамаи онҳо бо арзи миннатпазирӣ аз дарсҳои хеле муфид ва ниҳоят пандомӯзи муаллимон ёдовар мешуданд.

Дар комбинат берун аз таҳсил машғулиятҳои зиёде буд, ки барои тарбияи зебопарастиву санъатдӯстӣ, тартибу муташаккилии шогирдон, сиҳҳату қуввати ҷисмонӣ аҳамияти хосса дошт. Яке аз ин машғулиятҳо ташкили дастаҳои рақсу суруду мусиқии ҳаваскорон буд. Дастаҳои ҳаваскорон на танҳо маҳфилу маҷлисҳои ин таълимгоҳро обод мекард, балки дар саҳнаҳои қулубҳои (яъне клуб, ки дар он вақт иттиҳодияҳои мадании шаҳру деҳот буд) шаҳр низ баромад мекарданд. Дар ин дастаҳо хоҷари калониам Ҳумоюнхон ва худи ман фаолона иштирок мекардем. Дастаҳои ҳаваскорони санъат ба дараҷае ривоҷ дошт, ки муаллимон низ як дастаи "драмавӣ" ташкил намуданд. Тафсили ин воқеа чунин аст.

Соли 1933 ё 34 буд. Сталин дар кадом як нутқи худ дар бораи тарбияи кадрҳои ҷавон сухан ронда, таъкид карда буд, ки ғамхорӣ ва муносибати махсус ба кадрҳо вазифаи муқаддаси коммунистон аст. Зеро, гуфта буд Сталин, "кадрҳо ҳамаро ҳал мекунанд". Ин шиори Сталин дар он вақт дар ҳама ҷо бо ҳарфҳои калон сабт мегардид ва нутқу маърӯзаҳо ба ташвиқу таблиғи ин шиор масруф мегардиданд. Котиби якуми ҳизби коммунистии Панҷакент дар он солҳо Ҳасанов ном коммунисти эронӣ (ҳамоно аз инқилобчиёни солҳои бистуми Эрон) буд ва ӯ падари ман, Маъсумӣ ва боз як муаллимро даъват намуда пешниҳод мекунад, ки дар мавзӯи кадрҳо пиеса навишта, онро бо иштироки муаллимони комбинат ба саҳна гузоранд.

Ба ҳамин тариқа кор аввал аз таълифи пиеса сар шуд. Дар хотир дорам, ки падарам баъзе шабҳо бевақт меомад ва мегуфт, ки ба навиштани пиеса машғуланд. Ниҳоят пиесаро навишта тамом карданд. Ҳасанов ба Сталинобод рафта ин пиесаро аз назари "аҳли кор" гузаронида, ба тасвиб расонида омад. Мазмуни мухтасари асар то он ҷое, ки мефаҳмидаму ҳоло дар хотир дорам, чунин аст: кадри ҷавон барои кор ба деҳе меояд ва ало рағми кадрҳои "кӯҳна" хеле хуб кор мекунад. Нотавонбинон баҳона мекофтанд, ки ба вай айбе монанду аз деҳ пеш кунанд. Ниҳоят ба духтаре ошиқ шудани ин ҷавонро баҳона карда, ӯро бо тӯҳмату ғуноҳҳои сохта аз кор пеш карданӣ мешаванд. Аммо ҳақҷӯён аз ҷумлаи ҳизбиён ин ҷавонро аз тӯҳматҳо наҷот дода, душманони ӯро мағлубу шармсор месозанд.

Ин пиесаро дар саҳнаи комбинат бо номи "Кадрҳо ҳамаро ҳал мекунанд" ба намоиш гузоштанд. Дар пиеса киҳо бозӣ мекард - дар хотир надорам. Ёд дорам, ки нақши кадри ҷавонро Маъсумӣ бозӣ мекард. Саҳнае, ки кадри ҷавон маъюсу навмед аз тӯҳмати душманони худ суруди ғамангезеро мехонд, ҳоло дар пеши назарам аст. Ин сурудро Маъсумӣ хеле пуртаъсир мехонд:

Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад,
Ғамамро булбуле, к-овора шуд аз лона, медонад.

Кори дигари берун аз дарс, ки хеле бо тартибу танзим ва шавқу ҳаваси талабагон ба роҳ монда шуда буд, варзиши умумимактабӣ буд. Дар он солҳо дар тамоми мамлакати шӯравӣ ҷунбиши варзишӣ бо шиори "Ба меҳнату мудофиа тайёр бош!" авҷ гирифта буд. Ба ин кор тамоми ҷавонони мактабхон ва ҳатто қисман мактабҳои олӣ фаро гирифта шуда буданд. Ҷавонон вазифадор буданд, ки барои гирифтани ду нишон саъю кӯшиш ба харҷ диҳанд. Яке нишони "ГТО" - Готов к труду и обороне" (яъне ба меҳнату мудофиа омода аст) буд, ки барои гирифтани он наврасони боло аз чордаҳсола (ё понздаҳсола - дар хотирам нест) мусобиқа мекарданд. Ин нишон дараҷаи якуму дуввум дошт. Нишони дигар "БГТО" - "Будь готов к труду и обороне!" (Ба меҳнат ва мудофиа тайёр бош!), ки барои гирифтани он бачаҳои 12-14-сола мусобиқа мекарданд. Ба ин нишонҳо соҳиб шудан ифтихоре буд барои бачаҳо ва онҳо ин нишонҳоро бо суруру ғурури хосса ба сина овезон карда мегаштанд.

Донишҷӯёни омӯзишгоҳ ба ин мусобиқаҳо бо шавқу иштиёқи том иштирок мекарданд. Ба ҳамаи иштироккунандагон комбинат либосҳои варзишӣ медод. Дар майдони васеъи назди бинои таълимӣ мусобиқаҳои пурҷӯшу хурӯши довталабони нишонҳо барпо мегардид, ки тамошогарону "балегӯёни" бисёреро гирд меовард.

Дар комбинат тартибу интизоми пионерӣ хеле хуб ба роҳ монда шуда буд. Ин тартиб на бо зӯриву сахтгирӣ, балки бо эътиқоду рағбати томи худи талабагон вазъ гардида буд. Чунин эътиқоду бовару имонро ман дар худ ҳис мекардам.

Интизоми қавӣ ва шавқу иштиёқи ҳаёти пионерӣ миёни талабаҳо баъд аз омадани Маъсумӣ боз ҳам афзунтар гашт. Ба назарам, Маъсумӣ роҳбари ташкилоти комсомолӣ ва роҳнамои корҳои пионерӣ таъйин шуда буд. Дар ёд дорам, вожатии калони ҳамаи мо Отақул Низомӣ буд. Байни Отақул Низомӣ ва Маъсумӣ дӯстие падид омад, ки солҳо баъд аз Панҷакент ҳам пойдору мустаҳкам буд. Отақул Низомӣ ба ман ҳамчун пионери пешқадам меҳри бародарона дошт ва то солҳои охир дар ҳозиру дар ғоиб маро ба некӣ ёдовар мешудааст.

Яке аз зуҳуроти интизом ҳамеша бо галстуки пионерӣ дар мактаб ҳозир будани пионер буд. Дигар, баробари шунидани садои шайпури пионерӣ ба ҳамон ҷое, ки садои шайпур баромад, дафъатан ҳозир будани пионер камоли ҳушёрӣ ва бо интизомӣ маҳсуб мешуд. Дар рӯзҳои истироҳат бозие ҳам доштем: вожатий аз даруни сой ё аз ягон ҷои ба мактаб наздик чанд бор шайпур мезад ва мо тозон ба мактаб ва атрофи он давида ҷои вожатийро пайдо мекардем. Ба бачагоне, ки бо садои шайпур назди вожатий меомаданд, тӯҳфа медоданд. Чунин бозӣ санҷиши ҳушёрӣ ва интизоми баланди пионерон буд... Хуллас, аҷаб ҳаёти хушу хурсанди пионерӣ доштем, ки ман он рӯзҳоро ҳоло дар ин синну сол ба шодиву сурур ва эҳсоси кӯдакӣ ба хотир меорам.

Умуман имрӯз вақте ки солҳои бачагии дар Панҷакент гузаронидаамро ба хотир биёрам, натиҷае мегирам, ки ҳам дар комбинати педагогӣ (омӯзишгоҳи оянда) ва ҳам дар байни зиёиёни шаҳр бедории фикр, шавқу ҳаваси илмомӯзӣ, муҳаббат ба шеъру санъат - хуллас як зиндагии саршор аз маънавиёт вуҷуд доштааст. Ин зиндагии воқеии он солҳо романтикаи саъю кӯшиш ба ояндаи умедбахшу пурнур буд. Чунин романтикаи эҳсоси бачагӣ дар ҳамон вақт дар ман пайдо шуда буд ва нуре ба ояндаи ман мепошид. Аз ин сабаб солҳои бачагии Панҷакентро фаромӯш намекунам ва меҳру муҳаббат ва эътиқод нисбат ба ин шаҳр имрӯз дар дилам равшанӣ эҳдо мекунад.

Манманӣ нест, аммо дар бораи Панҷакент ва эҳсосу тафаккуроти бачагии худ дар он солҳо нанавишта наметавонам. Зеро "худшиносии" бачагии ман бо Панҷакент алоқаманд аст. Шарҳи ин гуфтаҳо ба ин ранг аст.

Ман дар бачагӣ дар Самарқанд аз синни чор ё панҷсолагӣ ба хондану камкам ба навиштан ошно будам. Хоҳари калониам Ҳумоюнхон ба мактаб мерафт, гоҳо ҳамроҳи ӯ ба мактаб мерафтам, китоб мехондам, навиштани баъзе ҳарфҳоро ҳам ёд гирифтам. Баъд модарам муаллими синфи як дар мактаби рақами 4 дар гузарамон таъйин шуд. Маро ҳамроҳ барои таълим ба синфи худ бурд. Як-ду рӯз дар синфи ӯ будааму баъд гуфтаам (модарам нақл мекард): "шумо дарс дода наметавнед, ман ба синфи Саломзода меравам". Ва ба синфи Саломзода рафтаам. Муҳаммадӣ Саломзода аз муаллимҳои номдори Самарқанд буд ва то солҳои шастум - то синни ҳафтод муаллимӣ мекард. Дар хотир надорам, ки дар синфи он кас чӣ мехондаму чӣ

менавиштам, оё китоби Алифбо доштам ва агар дошта бошам, он китоб чӣ гуна буд. Дар ҳар сурат хурдсол будам, аммо синфи якумро гӯё хатм кардам.

Ба Панҷакент, ки омадем, маро ба мактаби ибтидоӣ надоданд. Тайёрии якуми Комбинат маро ба хондан қабул кард. Падар ҳамоно мехост, ки дар пеши назари он кас ва ҳамроҳи хоҳарам Ҳумоюнхон бошам. Ин дафъа мо хонандаи як синф шудем. Аз тарафи дигар Комбинат бо сару либос ва бо хобгоҳу ғизо таъмин мекард. Ин барои муаллиме мисли падарам, ки моҳонаи калон намегирифту чаҳор нафар хӯранда ба парастории он кас мӯҳтоҷ буд, манфиати махсусе дошт.

Дар соли аввал мо чӣ мехондем ва чӣ муаллимҳое буданд - дар хотир нест, вале он ки баъди як сол баъзе "истеъдодҳои" худро, ки пеш аз ин падидор набуду дар Панҷакент пайдо шуд, хуб дар хотир дорам. Дар як консерти ҳаваскорони таронаву суруд ман ҳам иштирок кардам. Дар он вақт як сурудро худам ёд гирифта хонда мегаштам бо номи "Аз зайӯм нагрифта мондам, эй рафиқон, ҳайфакак!" Ҳамин сурудро дар консерт хондам, ба мардум хеле маъқул шуду кафкӯбиҳои зиёде карданд.

Шеъри ин суруд, ба назарам, аз Аминзода буд ва мазмуни ҳаҷвию танқидие дошт, ки ба заём худро нанависондан чӣ қадар зарар дорад. Ана, аз ҳамин суруд дар Панҷакент бо номи "асмушка" шӯҳрат пайдо кардам. Асмушка калимаи таҳрифшудаи "восмушкаи" русист ба маънии ҳаштяки як чиз. Дар Самарқанд артисти хурдҷуссае буд, ки дар нақшҳои ҳаҷвӣ ва хандахез бозӣ мекард. Вай гоҳо дар Панҷакент ҳам пеши мардум баромад мекард. Лақаби ҳамин артист "асмушка" буд. Банда ҳам ба қиёси ҳамон артист лақаби "асмушкаро" гирифтам. Дар кӯча баъзе ҳангоматалабон маро бинанд, "ана асмушка, канӣ як ашӯлаи "Аз зайӯм"-ро хон мегуфтанд. Ман дар хиҷолат будам, аммо фахр мекардам, ки сурудам ба одамон мақбул афтодааст.

Аз ин пас фаолияти "саҳнавии" ман меафзуд ва такомул меёфт. Ғайр аз суруди машҳури "Аз зайӯм..." шеърҳои Лоҳутиро пеши тамошобинон мехондам. Дар хотир дорам, боре баъди суруд ё шеър хонданам буд, ки барандаи консерт эълон кард, ки барои суруду шеърҳои хуб хонданаш ба Расул Ҳодизода аз тарафи мактаб як ҷуфт туфлӣ эҳдо мешавад. Ва ин туфлиро оварда аз ресмонаш ба китфи ман овехт. Ман шармгинона сарамро хам карда ба туфлӣ нигаристам - ростӣ ки калонию дарозии туфлӣ қариб бо қадам баробар буд.

Ана ба ҳамин тариқ, дар Панҷакент буд, ки ба қавли Максим Горкий "дар байни мардум" дохил шудам. Дар корҳои пионерӣ фаолона иштирок мекардам. Ҳатто бо ҷисми хурду наҳиф зӯр задам, ки нишони БГТО-ро низ соҳиб шавам. Ба иҷрои ҳамаи шартҳои варзишӣ муваффақ нашуда бошам ҳам, ташкилкунандагони маъракаи эҳтимол ҷуссаи хурду саъю кӯшиши калони маро ба назар гирифта, як нишони дараҷаи якуми БГТО-ро ба ман тақдим намуданд. Шодии маро ҳадду канор набуд.

Фаолияти "шоирии" ман ҳам дар ҳамин ҷо сар шуд. Шеър менавиштам дар бораи пионерҳои далер, дар бораи аскари сурх, дар бораи мактаб. Чун шоири "намоёни" бачаҳои мактабӣ шинохта шудам. Рӯзе гуфтанд, ки Раҳимӣ ном шоири калон аз Сталинобод омадааст, бачаҳои шеърнависро ҷустуҷӯ

доштааст. Шеърнависи маро шунида, як-ду шеърамро аз муаллимҳо гирифтааст ва хоҳиш намудааст, ки аксе аз ман ба он кас диҳанд. Ҳамон рӯз мӯйсарам баланд будааст, модарам зуд бо қайчӣ мӯямро ба тартиб оварда ба дастам пул дода ба фотограф фиристод. Рӯзи дигар акс омода шуд, ба воситаи падарам онро ба Раҳимӣ расониданд.

Таъсир ва намунаи шахсии одобу рафтори ниҳоят ҳамидаи Маъсумӣ ба талабагон хеле калон буд. Ман шахсан Маъсумиро ҳамчун муаллим ва сарвари комсомолу пионерон муқаддам аз ҳама медонистам. Маъсумӣ низ ба ман меҳри махсусе дошт, ба фаолияти саҳнавӣ ва шеърнависии ман бо ҷиддият ва бо майли тарғибкунанда муносибат мекард. Шеърҳои бачагонаи маро гӯш мекард, баъзе ҷоҳояшро тасҳеҳ менамуд ва чаро тасҳеҳ шуд, фаҳмонда медод.

Рузе маро ба ҳуҷраи худ, ки дар хобгоҳи умумии талабагон барои вай ҷудо карда буданд, бурд, чою конфет зиёфат кард. Баъд аз даруни стол як дафтари калонҳаҷми ба ҷилди сурхи картонӣ муқовашударо баровард. Дар миёнаи рӯи ҷилди дафтар коғази оҳории сафед часп шуда ва болои он чизе навишта ҳам буд. Дафтарро кушод.

— Ана ман ҳам шеър менависам,- гуфт Маъсумӣ. - Ҳозир чанд шеърамро ба шумо хонда медиҳам.

Шеърҳо хеле хушоҳанг буданд ва бо овози форами Маъсумӣ чун мусиқӣ садо медоданд. Чанд шеър хонд, бо завқу шавқи кӯдакӣ гӯш кардам. Ба фаҳми кӯдакӣ ҳамин қадар пай бурдам, ки шеърҳо ишқӣ буданд. Ба гӯшам чун байти Лохутӣ мерасид, ки тамоми ғазалро аз бар медонистам.

Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад,
Ғамамро булбуле, к-овора шуд аз лона, медонад.

Ин ғазалро Маъсумӣ дар пиесаи "Кадрҳо ҳамаро ҳал мекунанд" дар соати ғамгиниву навмедии қаҳрамон месуруд. Ман хурсанд будам, ки Маъсумӣ шеърҳояшро ба ман хонда дод. Лекин чаро ба ман хонд, чаро маро ба шунавандаи шеъри худ интихоб кард? Дар он лаҳза ва баъдҳо ҳам дар ин нукта фикр намекардам. Акнун баъд аз гузаштани шасту анд сол сирри ин шеърхонии ӯро фаҳмидам гӯям мешавад.

Он вақт Маъсумӣ духтареро дӯст медошт, ки аз оилаи самарқандиҳои муқими Панҷакент буд. Дар аввали кор касе аз ин хабар надошт ва шояд худи духтар ҳам аз ишқи ҷавон бехабар буд. Маъсумӣ аз эҳсоси пурҷӯши худ ба касе чизе гуфта наметавонист. Сирри дил, ҷӯшиши ишқ ва симои ин духтарро дар лаҳзаҳои танҳоӣ фақат дар шеър гуфта метавонист. Аммо ин шеърҳоро ба ҳар кас хонда дили ошуфтаро таскину ором кардан ҳам душвор буд. Дар ҳамон рӯз, ёди он духтар Маъсумиро ҳамоно ба талотуми баҳри ишқ андохта буд, ки барои вай мисли ман шунавандаи бегараз ва аз сирри ишқ бехабар лозим будааст. Гӯё он кас арзи ҳоли дил мекарду ман сабабе барои арзи ҳоли дили он кас будам... Бад-ин минвол миёни мани хурдсолу Маъсумии ҷавони бистсола риштаи дӯстие вуҷуд дошт.

Баъд аз он ки ман ба синфи "асос" гузаштам, хондану бозиҳои кӯдаконаам ранги ҷиддитар гирифт. Дар ин сол машғули "қулуббозӣ" будам. Қулуб дар он солҳо дар ҳаёти мадании шаҳру деҳот мавқеи муҳим дошт. Ин калима аз "клуби" русӣ гирифта шуда ва маънояш "ҷои ҷамъомад" аст. Мавқеи қулуб

дар он солҳо ба қарори ташкилоти маданию маърифатие буд, ки чорабинӣ ва тадбирҳои адабӣ, сиёсӣ ва ҳунариро анҷом медод. Биное, ки дар он чунин чорабиниву тадбирҳо созмон меёфт, "клуб" ва дар байни омма "қулуб" ном дошт: қулуби шаҳр, қулуби район ва ҳ.к.

Инак, дар ман низ фикре пайдо шуд, ки қулубе ташкил намуда, дар он бо иштироки ҷӯраву рафиқонам маҷлису маҳфилҳои адабию ҳунарӣ баргузор кунам. Барои ин дар ҳавлии Мулло Сабурбой шароит набуд. Дар ҳамин кӯча каме болотар аз мо ҳамсинфам Сангинбой истиқомат мекард. Онҳо ҳавлии калони боғмонанд доштанд. Дар ҳамин ҳавлӣ як хоначаи холиро дидам ва бо Сангинбой ба падари вай муроҷиат кардем, ки хоначаро барои қулуби мо ҷудо кунанд. Падари Сангинбой - пирамарди косиби хонанишин - розӣ шуду хоначаро ба қулуби мо дод.

Ман бо Сангинбой ва боз чанд ҷӯраҳои дигар аз падарҳоямон пул ҷамъ карда, сурату китобу тасвири сардорони ҳукумати шӯроӣ ва ҷумҳуриро харида, деворҳои хоначаро ороиш додем. Дар хотир дорам, ки болои дари даромади қулуб сурати Раҳимбоевро ба девор насб карда будем. Дар қулуб ман "наркомпрос"(яне комиссари маориф), Сангинбой - "гороно" ва боз як ҷӯраам "районо" шуд. Ин калимаҳоро ҳамчун рутбаи соҳаи маориф дар педкомбинат ва дар хона бисёр мешунидам.

Рӯзҳои истироҳат ё дар соатҳои аз дарс фориғ бачаҳои ҳамсоя ва ҷӯраҳои худамонро ҷамъ карда маҷлис мегузаронидем. Ман - наркомпрос маърӯза мекардам, баъд шеърхонӣ мешуд ва дар охир бо суруду таронаҳои худамон консерт барпо менамудем.

Кори қулуб нағз мерафт. Аз кори мо падарам, амакам нағз воқиф буданд ва кори моро меписандиданд. Хостам, ки аз қулуби мо Маъсумӣ ҳам хабардор бошад. Рӯзе ба он кас аз кори қулубамон нақл кардам ва гуфтам, ки омада қулуби моро бубинад. Он кас даъвати маро пазируфт ва дар рӯзи муайян ба қулуби мо омад. Ман омадани Маъсумӣ ва дар як лаби саҳнаи қулуб болои кӯрпача нишаста тамошо карданаш қулуби моро ва бо табассуму чеҳраи кушод писандиданаш кори моро ҳозир пеши назар равшан тасаввур мекунам. Баъд шеърхониву сурудгӯии моро шунид ва чӣ тавре ки мегӯянд "ба корҳои мо муваффақият орзу намуда" хайру хуш карда рафт.

Баъд аз чанд рӯз пас аз дарс дар толори таълимгоҳ маҷлиси донишҷӯён шуд. Дар вақти маҷлис, намедонам барои чӣ бошад, дар саҳни мактаб машғули бозӣ будам. Бачае давон омада гуфт, ки "ба маҷлис даро, Маъсумӣ дар бораи ту гап зада истодаанд". Ман зуд ба толор даромадам. Маъсумӣ аз будану набудани ман бехабар дар бораи қулуби мо сухан мекард. Гуфт, ки "бинед, пионерҳои мо вақти аз мактаб берун ба корҳои беҳуда машғул намешаванд, корҳои барои таълиму тарбия заруриро иҷро мекунанд." Хуллас, қулуби моро хеле таъриф кард. Дар охир гуфт: "Мо ба қулуби Расулхон Ҳодизода як китоби навбаромадаи устод Айнӣ "Ғуломон"-ро тӯҳфа мекунем. Инчунин ба қулуби онҳо даҳ сум пул мукофот медиҳем, ки ба харидани сурату шиору китобҳо сарф кунанд". Шодии маро ҳадду канор набуд. Дар зери кафкӯбиҳои шогирдону муаллимон ба саҳна баромада, тӯҳфаҳоро аз Маъсумӣ гирифтам.

Дар бораи Маъсумӣ баъд аз вафоташ хотираву очеркҳо навишта шуд.

Ҳамсари бовафои ишон Вера Пантелеевна китоби пур аз меҳру гармӣ таълиф намуд. Аммо дар бораи солҳои ҷавонии Маъсумӣ, аз ҷумла дар бораи солҳои фаолияту зиндагии ишон дар Панҷакент то имрӯз чизе нанавиштаанд. Шояд ин барге чанд аз хотироти ман дар боби ёдбуди ишон гуле ба шукуфоӣ бирасонад.

Маъсумӣ ба падари ин ҷониб эътиқод ва эҳтироми самимие дошт. Баъд аз он ки муаллимони самарқандӣ дар миёнаи соли 1936 фаолияти худро дар Панҷакент ба охир расонида, азми бозгашт ба Самарқанд намуданд, Маъсумӣ аз падарам дар кори ояндаи худ машварат хост. Падарам ба Маъсумӣ гуфтааст, ки ишон ҳатман таҳсили худро давом диҳад ва ба камолот расонад. Маъсумӣ бо машварати падарам ҳамон сол ба Душанбе омада, ба Институти педагогӣ (ҳоло омӯзгорӣ) дохил мешавад. Баъд аз хатми Институт давраи омӯзиши мустақил, камолоти илмӣ ва такомули одобу ахлоқи одамияти ишон шурӯъ мешавад. Ишон муаллим, устоди варзида буд, ишон роҳбари хирадманди муассисаҳои илмӣ, рафиқи мушфиқи ҳамкорон ва шогирдон буд. Ба дараҷаҳои баланди роҳбарияти илмӣ ва ташкилӣ расид, лекин хоксорӣ, самимият ва хайрхоҳӣ зебу зинати инсонии ишон буд. Солҳои охир дар Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ бо ишон кор мекардам. Маъсумӣ директор буд, роҳбари расмии муассисаи илмӣ ба шумор мерафт. Лекин ба назари ман он кас ҳамон Маъсумии солҳои ҷавонии Панҷакент буд. Некхоҳӣ, меҳри одамӣ, нури хирад аз чашмони он кас, аз табассумҳои пурҷозибааш таровиш дошт.

Маъсумӣ шахси қадршинос буд. Роҳнамоии ғамхоронаи падарамро дар Панҷакент ҳеч гоҳ фаромӯш намекард. Дар маҳфилҳои дӯстон, дар маҷлисҳои адибон агар сухан аз устодон мекард, номи Ҳайдархон Ҳодизода дар радифи номҳои дигар бо ифтихор аз забони Маъсумӣ садо медод. Ҳар бор ки ба Самарқанд сафар мекард, ба дидори падару модарам меомад. Соли 1969 буд, ки падару модарам ба меҳмонии ман омаданд ва як-ду моҳ дар хонаи мо иқомат доштанд . Рӯзе чанд шиноси қадими падарамро, аз ҷумла Раҳим Ҳошим, Бобо Раҷабзода, Маъсумиро ба меҳмонӣ даъват кардам. Маъсумӣ бо ҳамсараш омад.

— Янгапошшо, ман бо Вера омадам, дер шуда бошад ҳам гуфтам, ки келинро ба шумо нишон диҳам. Вера ҳам бинад, ки дар Панҷакент бо чӣ гуна одамони асил нишасту бархост доштам, - гуфт Маъсумӣ ба модарам.

Дар воқеъ Маъсумӣ аз ин пеш ва баъдҳо ҳам дар бораи Панҷакент ва хусусан дар бораи ғамхориҳои падару модарам суханҳои хуб ва хотираҳои нек гуфтааст, ки Вера Пантелеевна баъд аз чор моҳи фавти Маъсумӣ ба падарам табрикномае ба Самарқанд равон карда навишта буд: “Муаллими азиз! Шумо ва оилаатонро бо соли нави 1975 табрик мегӯям. Ба шумо хайру некӣ ва хусусан сиҳҳату саломат мехоҳам. Дил мехоҳад ба Шумо арзи ташаккур намоям барои он илму донише, ки дар вақташ ба Носир дода будед, барои он дониши зиндагӣ, ки вай ҳамеша дар хотир дошт ва ҳамеша кӯшиш мекард, ки аз рӯи ин панду насиҳатҳо кор бандад. Ташаккур. Бо арзи эҳтиром оилаи Маъсумӣ.”

Он шаб сӯҳбат хеле гарм шуд. Меҳмонон, ба назарам, аз нафаси гарми ҳамдигар ба зӯр дил канда азми рафтан карданд. Маъсумӣ ба Вера

Пантелеевна гуфт:

- Вера, биё, имшаб дар ҳамин ҷо монем. Аз ин хона бӯи ҳавои хуши фазои лоҷувардии Панҷакент меояд. Хотираи солҳои ҷавониам дар ин шаб пеши назарам омада. Ҳамон ҷавоние, ки борҳо ба ту нақл карда будам.

Нишасти оилавӣ кардем. Маъсумӣ на аз май, балки аз ёди рӯзҳои ишқу ҷавонӣ маст буд. Чанд суруд хонд. Ва ниҳоят ҳамон суруди пиесаи машҳурашонро замзама кард:

Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад,
Ғамамро булбуле, к-овора шуд аз лона, медонад.

Падарам бо чашмони пӯшида ва сари хам хомӯш гӯш мекард.

— Зинда бошед, Маъсумӣ, - гуфт падарам баъди поёни суруд, дар ҳоле ки дар чашм нами ашк милтос мезад. - Як ҷаҳони хотираҳои ширинро пеши мо ҷилвагар кардед. Офарин!

Ҷаҳони хотираҳои ширин буд Панҷакент. Барои ман низ! На танҳо! Давраи ба ҷаҳон чашми ибрат кушодан буд. Ман ғунчае будам дар Самарқанд, шукуфоии ин ғунча дар Панҷакент шурӯъ шуд. Дар зери "мазраи сабзи" осмони софу беғубор, дар ҳавои муаттару ба сардии пиряхҳои дуродур омехтаи кӯҳҳо, дар насими руҳафзое, ки Зарафшон бо худ аз тангнои дараву оғӯши кӯҳсорҳо меовард, аз садои осудапарворонаи маҷрову шохобу шохобчаҳои Зарафшон, ки дар фазои Панҷакент маҳсусу номаҳсус гӯшҳоро навозиш менамуд... Ман бе ғаму бе олоиши буғзу кина медавидам, мехондам, шеър мегуфтам, месурудам. Баробари ин ҳиссе дар қалб , дар сина пайдо буд, ки маро шодиву фараҳ эҳдо мекард ва ҳамеша як хоҳиши парвоз намуданро бедор менамуд. Ман бо ҷӯраҳоям ба дарёбод рафтанро дӯст медоштам. Дар оби чашма шиновари мекардем. Аз дур тобиши оби маҷрои калони Зарафшонро дида орзу мекардам, ки кош парвозкунон лаби ҳамон дарё равам ва ба мавҷҳои об ҳамроҳ бошам. Аз дур дар доманаи кӯҳ деҳи Ғарибакро медидам, ба назарам аз дур боғистони чашмасору обшор менамуд. Шабҳо дар бағали кӯҳҳои болои Ғарибак нури оташро медидам. Баъзеҳо мегуфтанд, ки дар он чо чӯпонҳо оташ афрӯхта, барои худ хӯрок тайёр мекунанд. Орзу мекардам, ки кош боле дошта бошаму назди чӯпонҳо равам, шояд он ҷо шеру палангҳоро бубинам. Ҳатто ба навиштани ҳикояе шурӯъ кардам. Мехостам саргузашти худамро нақл кунам, ки аз хона гурехта ба кӯҳсор меравам ва баъди дидани аҷоибу ғароибот боз ба хона сиҳҳат ва саломат бозмегардам... Бале, чунин эҳсосе дар ман пайдо шуда буд, ки имрӯз онро "романтика" таъбир кардан мумкин аст. Шояд чунин эҳсос дар ман фитрӣ ва ҷибиллӣ буд, лекин дар ҳар сурат Панҷакент бо тамоми романтикаи табиати худ ин эҳсосро бедор кард...

БОЗГАШТ БА САМАРҚАНД

Хидмати чорсолаи муаллимони самарқандӣ дар Комбинати педагогӣ ба охир расид. Ходимони маориф, муаллимони ҷавон ва аҳли зиёи Панҷакент мехостанд, ки устодони самарқандӣ боз чанд сол дар Панҷакент бошанд, аммо ватан - Самарқанд онҳоро ба сӯи худ мекашид.

Омӯзишгоҳи навбунёдро муаллимони самарқандӣ ба пояи мустаҳками таълиму тарбия гузоштанд. Ин таълимгоҳи ба ном хурд дар тақдири фарҳангу маорифи Панҷакент нақши ниҳоят бузург гузошт. Хатмкунандагони аввалини донишкада дар он солҳо барои пешрафти маданияту маорифи Панҷакент хидматҳои шоиста намуданд. Омӯзишгоҳ дар солҳои баъдӣ, дар солҳои ҷанг ва баъди ҷанг ҷавононеро тарбия намуда ба воя расонид, ки симои миллату фахри мардуми кишвар гаштанд. Лоиқ Шералӣ, Мастон Шералӣ, Убайд Раҷаб, Файзулло Ансорӣ, Аълохон Афсаҳзод, Алӣ Муҳаммадӣ, Шарофиддин Рустамов ва... ва... Агар гӯям, ки мавқеи омӯзишгоҳи Панҷакент дар тайёр намудани кадрҳои ҷавон баробари як донишгоҳ аст, хато намешавад.

Солҳо сипарӣ гаштанд, аммо Панҷакент, омӯзишгоҳ номи муаллимони самарқандиро ҳамчунон пос медорад. Соли 1999 моҳи сентябр бо донишмандони эронӣ ба сарварии доктор Ёҳаққӣ ба Панҷакент ва Самарқанд сафар кардем. Дар Панҷакент моро хуб пазирой карданд. Мизбони мо хонум Хайринисо Мавлонова, - муовини раиси Ҳукумати шаҳр буд. Касе маро ба хонум муаррифӣ кард. Вай дар ҷавоб гуфт:

- Ман дар бораи устод бисёр шунидаам, аммо бори аввал мебинам. Ному насаби падари ин касро аз ишон пештар шунидаам. Аҳли Панҷакент то ҳол аз муаллимон – бародарон Ҳодизодаҳо ба некӣ ёд мекунанд.

Гармои тобистони соли 1936 нарасида бо Панҷакент видоъ кардему ба ватани маълуфи худ бозгаштем. Тамоми оила бо модаркалону Ҷаъфархон-амаку ҳамсараш ва писарчаи нахустинашон. Ба ҳамон гузар, ба ҳамон ҳавлӣ бозгаштем. Акнун лозим буд, ки ҳавлиро ба тартиб биёранду шикасту рехт кунанд ва ҷои кору ҷои хондани моёнро муайян кунанд. Падарам ба ҳайси муаллими забон ба Омӯзишгоҳи тоҷикии рақами 13 ба кор даромад. Хоҳарамро низ ба ҳамин омӯзишгоҳ ба курси аввал қабул карданд. Ӯ дар Панҷакент “асоси” якро тамом карда буд. Лекин маро, ҳарчанд “асоси” якро тамом карда будам, ба омӯзишгоҳ қабул накарданд. Гуфтанд, ки барои омузишгоҳ хурдсол ҳастам. Падарам бо директори мактаби рақами 22, мактаби даҳсола гапзанон карда қарор додаанд, ки маро ба синфи ҳафтум қабул кунанд.

Ҳамон сол дар шаҳри кӯҳнаи Самарқанд барои мактабҳо чанд бинои нави “типӣ” сохта буданд, ки яке аз онҳо бинои нави ҳамин мактаби рақами 22 буд. Бинои мактаб берун аз дарвозаи Сӯзангарон воқеъ шуда, аз тарафи ғарб ба гузари Ашӯрчиркин мебаромад, аз тарафи шарқ ба Ҷӯи шаҳр наздик буд, ки он солҳо оби сарди равони пуропур дошт. Директори мактаб Ғиёсӣ марди тануманди қоматбаланди пургӯшт аз ходимони шоистаи маорифи Самарқанд буд ва дар ташкили мактабҳои тоҷикӣ хидматҳои калон дошт.

Шояд ба сабаби обрӯю манзилати Ғиёсӣ бошад, ки дар мактаб чанд тан аз муаллимони номдор ҷамъ омада буданд. Аъзамхон Шаҳидӣ - муаллими риёзиёт дар синфҳои 8-10, Шодизода - муаллими физика, муаллим Назриқулов аз дарси биология, Бобозода - муаллими адабиёт. Дар ҳамин мактаб Муҳаммадқул Нарзиқулов, ки студенти курси сеюми факултаи биологияи Донишгоҳи Самарқанд буд, дар синфи ҳафтум аз зоология дарс медод. Муҳаммадқул Нарзиқулов баъди чандин солҳо ба Душанбе омада, олими намоёни энтомолог ва узви Академияи илмҳои Тоҷикистон гардид.

Ба муҳиту шароити ин мактаб зуд одат кардам. Дере нагузашта ба "фаолияти" овозхонӣ, шеърхонӣ ва шеъргӯӣ сар кардам. Чанд бор дар саҳнаи мактаб ва ҳатто боре дар радиоузели шаҳр баромад кардам. Баъди чанд вақт - ба назарам дар аввали соли 1937 буд - сарвари пионерони мактаб (вожатий) - Турдиев ном ҷавоне гуфт, ки мо туро муҳаррири газетаи девории пионерон таъйин мекунем ва як рассом ҳам ёфта медиҳем, то иди якуми май газетаи нағз бароретон. Рӯзи дигар аз синфи ҳаштум шогирдеро ҳамроҳаш оварда гуфт, ки "ана ин рассом, номаш Назрулло фамилияаш Рустамзода. Аз пагоҳ ба кор сар кунед. Хоначаи пионеронро ба шумо медиҳем".

Рӯзи дигар ба кор сар кардем. Қарор додем, ки аввал тасвирҳои газетаро тайёр кунем, баъд ба навиштани мақолаҳо мегузарем. Назрулло бачаи зардинаи камгӯшт ва аз ман каме баландтар буд. Дар кашидани сурат хеле ба таанӣ буд, гоҳо дуру дароз ба коғазу тарҳи кашидааш нигоҳ карда мемонд. Ман дилтанг мешудам, ки агар кор ба ҳамин насақ давом кунад, моҳи маи соли оянда ҳам газетаро бароварда наметавонем. Не, баъд корҳо нағз рафту газета дар вақташ баромаду моро таърифу тавсиф карданд.

Аз ҳамкорӣ дар ҳамин газета дӯстии ману Назрулло оғоз ёфту то охири умри шодравон давом дошт. Баъд аз мактаб омӯзишгоҳ, баъд донишгоҳи Самарқанд... - ҳамеша мо як ҷо будем. Солҳои душвори ҷанг, солҳои қаҳтию гуруснагӣ бо ҳам дӯст будем. Баъд аз он ки ба Душанбе омада, ин ҷо муқим шудам, Назрулло Рустамзода ҳам бо сабабе ҳамин ҷо омада, ба аспирантура аз рӯи ихтисоси фалсафа дохил шуд. Баъдтар оилаи худро низ оварад. Солҳои сол дар таҳқиқ ва омузиши Имом Ғаззолӣ кор кард. Аммо натиҷае ҳосил нашуд. Зеро қариб даҳ-понздаҳ сол ба ҷамъ кардани маохиз ва кутубу рисолаҳо роҷеъ ба таҳқиқи Ғаззолӣ сарф шуд. Ман ҳар бор мегуфтам, ки "охир корро зуд анҷом додан лозим аст", мегуфт, ки "боз чанд китобу маъхаз дар хориҷи кишвар ҳаст, онҳоро ба даст овардан лозим аст".

Дар Институти фалсафа дар тарҷума ва таҳияи осори Абӯ Алӣ Сино корҳои муфид анҷом дод. Дар дониш ва покизакорӣ бо донишмандони унвондору рутбадор баробар буд, аммо дар дифои рисолаи илмӣ ҳавсала ва шитоб намекард. Берун аз корҳои илмӣ ба ҳунару пешаҳои гуногун шавқу ҳавас дошт. Чунончи, вақте дар манзили худ ба кафшер (сварка) намудани баъзе чизҳо зарурат афтодааст, Рустамзода аз рӯи китоб ин ҳунарро омӯхта, тамоми асбобу таҷҳизоти кафшергариро муҳайё намуда, кори манзили худро анҷом дод. Ба дӯстони худ, аз ҷумла ба ман ҳам дар анҷом додани чунин корҳо омада, мисли устоҳои пуркор ёрӣ мерасонид. Чунин корҳои туфайлӣ вақти зиёди ӯро мегирифт, вале аз ин машғулиятҳо хурсанд ва қонеъ буд.

Назрулло Рустамзода ба падари ман эҳтирому муҳаббати хосса дошт.

Модар ва додару хоҳарони маро мисли узви хонадони хеш дӯст медошт, ҳурмат мекард. Зеро аз бачагӣ ба хонаи мо рафту ой дошт, бо ҳамаи мо дар унсу улфат буд. Мо бо Назрулло дӯст ва бародар будем. То солҳои охир зуд-зуд бо ҳам мулоқот доштем, аз айёми бачагӣ, донишҷӯй, рӯзҳои зиндагии Самарқанд дуру дароз сӯҳбатҳои гарму ширин мекардем. Ва нохост дар яке аз рӯзҳои пурбарфи январи соли 1998 Рустамзода чашм аз ҷаҳон пӯшид. Ӯ рафту ёди неки вай дар хотирҳо монд. Ҷояш равзаи ҷинон бод!

Таҳсили соли 1936-37 дар мактаби 22 ба охир мерасид. Баъд аз хатми синфи ҳафтум аз рӯи ваъда маро бояд ба омӯзишгоҳ қабул кунанд Пеш аз видоъ бо мактаб дар ҳаёти ман воқеае рӯй дод, ки дар роҳи ояндаи зиндагиам нақши равшане гузошт.

Дар яке аз рӯзҳои баҳорон директор Ғиёсӣ қариб бист нафар хонандаро ҷамъ карда гуфт, ки пасфардо дар мактаби рақами 21 мулоқоти хонандагон бо нависандаи бузург устод Садриддин Айнӣ барпо мешавад. Дар он ҷо хонандаҳои мактабҳои шаҳр ҷамъ меоянд. Аз мактаби мо шумоён ба ин мулоқот мераветон ва Расул устодро табрик карда дар бораи китобҳои он кас гап занад.

Аз ин хабар хурсанд шудам. То ин вақт тамоми асарҳои ба ҳуруфоти худамон чопшудаи Айниро хонда будам ва дар орзуи он будам, ки кош нависандаи ин асарҳои аҷибу ғарибро медидам. Ниҳоят ба орзуям мерасам. Ҳамон рӯз модарам либосҳои тоза пӯшонда маро гусел кард. Дар мактаби 21, ки мисли мактаби мо бинои навсохт дошт, бачаи бисёре аз синфи ҳафт то даҳ ҷамъ омада буданд. Дар саҳнаи толор дар Президиум муаллимон, директорҳо ва дар миёна Айнӣ бо камзӯли сафеду каллапӯши чустӣ нишаста буд.

Мулоқот сар шуд. Чанде аз муаллимон дар бораи устод Айнӣ ва асарҳои он кас гап заданд, сипас Айнӣ аз манфиати мактабу хондан сухан кард. Баъд навбат ба хонандаҳо расид. Пас аз як-ду нафар номи худро шунидам. Аз шарму ҳаяҷон суп-сурх шуда пеши минбар истодам. Шарм медоштам, аммо ҷуръате пайдо шуду ба сухан оғоз кардам. Гуфтам, ки тамоми асарҳои устод Айниро хондаам. Бештар аз ҳама ба ман "Одина" таъсири калон гузошт. Хеле афсӯс мехӯрдам, ки Одина, ки ҷавони синнаш ба мактаб лоиқ буд, хонда натавониста, дар даргоҳи бой хору зор шуда, оқибат аз зулму ситами вай гурехта, дар ғарибӣ аз олам гузашт. Мо, бачагони даврони сталинӣ, - озоду хушбахт дар мактаб мехонем... ва боз мисли ҳамин фикру андешаҳои бачагонаи худро гуфтам. Баъд аз тамом кардани суханам аз саҳна фуромаданӣ будам, ки устод Айнӣ "ин ҷо биёед" гуфта назди худ даъват карда, аз ақибаш дар як стул шинонд.

— Шумо писари Ҳайдархон мешавед? - Баъд аз ҷавоби тасдиқ пурсид, ки падарам ҳоло дар кучо кор мекунанд, мо дар кадом гузар зиндагонӣ мекунем, амаки калониам Ризохон дар кучоянд ва мисли ҳамин суолҳои мухтасар доду гуфт: - Аз ман ба падаратон салом гӯед. Гӯед шуморо гирифта ба ҳавлӣ биёянд

Ман ба хона омада, саломи устодро ба падарам расонидам. Ростӣ аз ин пеш намедонистам, ки падарам бо Айнӣ шинос аст. Пурсидам, ки бо Айнӣ кай боз ошноӣ дорад. Падар дар ҷавоб нақли мухтасар кард.

— Соли 1918 амири Бухоро чандин одамони равшанфикрро, аз ҷумла домуло Айниро ҳам, ба гуноҳи ҷадидӣ азобҳои сахт дод. Айниро ба тахтапушташ ҳафтоду панҷ чӯб зада, қариб ба куштан расонида буд. Он касро русҳо озод карда дар беморхонаи Когон муолиҷа карданд. Баъд Айнӣ ба Самарқанд омада, чанд муддат дар хонаҳои дӯстонашон муолиҷа ва истироҳат карданд. Чанд вақт дар ҳуҷраи амаки калониат Ризохон дар мадрасаи Шердор ҳам истиқомат карда буданд. Ана дар ҳамон ҷо ман бо он кас шинос шуда будам. Баъд аз ин дар мактабу маориф, дар маҷлису маҳфилҳо бисёр вомехӯрдем. Баъд аз он ки домулло аз мактабу муаллимӣ дур шуда, бештар дар хона нишаста китобнависӣ мекарданд, бо он кас камтар мулоқот мекардем.

Падарам баъд аз шкаф китоби ба ҷилди зарди картонӣ муқовашударо бароварда, аз аввали он ҳамон сурати дар беморхонаи Когон бо тахтапушти пурҷароҳату захмӣ акс ёфтаи Айниро нишон дод. Ин китобро пеш аз ин ҳам баъзан дар дасти падарам медидам ва ду шеъре, ки бештар аз ин китоб мехонд, дар ёди ман нақш баста буд. Яке шеъри хеле пурсӯзе буд, ки баъд аз ҳар банд ин байт такрор мешуд:

Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

Баъдҳо донистам, ки ин шеър аз марсияи Айнӣ аст дар кушта шудани додараш ба дасти ҷаллодони амир. Як банди шеъри дигар ин буд:

Дил бохтаам, тарки муҳаббат киву ман кӣ!
Фикри худу парвои маломат киву ман кӣ!
Савдоии дардам,ғами сиҳҳат киву ман кӣ!
Кулфатзадаам, бодаи ишрат киву ман кӣ!
Бемори ғамам, бистари роҳат киву ман кӣ!

Баъдҳо маълумам шуд, ки ин мухаммаси Абдурауфи Фитрат будааст бар ғазали Ҳасрат.

Ин мулоқоти аввалини ман буд бо устод Айнӣ. Он вақт намедонистам, ки ин мулоқот дар зиндагии ман марҳилае хоҳад шуд ва қазои осмонӣ чунин навишта буда, ки Айнӣ дар роҳи ҳаёти шахсӣ ва фаолияти адабиву илмии ман нақши роҳнамоиро хоҳад дошт.

ОМӮЗИШГОҲИ ТОҶИКИИ САМАРҚАНД

Соли 1937 ба курси якуми Омӯзишгоҳи педагогии Самарқанд рақами 13 қабул шудам. Кӯдаквор хурсандӣ мекардам, ки ба ин омӯзишгоҳ дохил шудам. Аввал ин ки омӯзишгоҳи номдоре буд мисли Донишгоҳи давлатии Самарқанд. Сониян, дар ин ҷо муаллимони маъруфи Самарқанд кор мекарданд, ки бо падарам ошно буданд ва ҳар бор, ки онҳоро медидам, орзу мекардам, ки кош ба шогирдиашон бирасам. Сеюм ин ки Омузишгоҳ дар чаҳорбоғи хушҳавое ҷой гирифта, дар маркази он гулгашти сабзу шукуфон воқеъ буд. Боғбон марди озарие ба номи Алӣ Тағиев боғро дар камоли зебоӣ ва тароват нигоҳ медошт. Ва ниҳоят ин омӯзишгоҳ барои ман аз он сабаб марғуб ва матлуб буд, ки дар вақти хонишам дар мактаби 22 ба маҷлисҳои идонаи он

омада будам, ки шогирдон консертҳои хуб нишон медоданд, дар саҳна намоишҳо мегузоштанд. Боре аз рӯи "Дохунда" - и Айнӣ намоишномаи хеле хуб ба саҳна гузоштанд, ки овозаи он дар тамоми Самарқанд паҳн шуда буд.

Омӯзишгоҳи точикӣ соли 1931 аз тарафи Комиссириати маорифи Ӯзбекистон дар сатҳи Техникуми педагогии тоҷикии ба номи Бауман ташкил шуда буд. Карл Янович Бауман (1892 - 1937) ходими намоёни ҳизби коммунистӣ буд ва аз соли 1931 чанд муддат вазифаи котиби якуми Буюрои ҳизби коммунистиро дар Осиёи Миёна иҷро мекард. Баъд аз он ки ӯро соли 1937 зиндонӣ карда, ба қатл расониданд, Омӯзишгоҳ рақами 13-ро гирифт (ҳамоно дар ҳисоби омӯзишгоҳҳои Ӯзбекистон). Соли 1938 дар айни маъмурият ва маъруфияти Ежов ҳамчун Вазири корҳои дохилӣ (НКВД) омӯзишгоҳ номи ин шахсро гирифт. Баъд аз он, ки ин шахс ҳам чун душмани халқ зиндонӣ ва мақтул шуд, ба Омӯзишгоҳ номи Ленинро доданд. Ба ҷуз ин дар Самарқанд омузишгоҳи ӯзбекӣ буд (билим юрти) ба номи Сталин.

Техникуми тоҷикӣ ду-се соли аввал дар бинои наве, ки шояд махсус барои ин таълимгоҳ андохта бошанд, дар гузари Хонақоҳ воқеъ гардида буд. Баъд техникумро ба ҳамон чаҳорбоғе, ки дар боло зикр шуд, кӯчонданд. Дар солҳои ҷанги ватанӣ дар биноҳои таълимию маъмурии чаҳорбоғ госпитали ҳарбӣ ҷойгир шуд ва омӯзишгоҳро ба Сарои Мамараҳимбой (ин сарои боҳашамати бои самарқандӣ баъд аз инқилоб солҳои дароз макони мактабу таълимгоҳҳои гуногун буд) воқеъ дар сари кӯчаи Қӯшҳавз бурданд. Баъд аз ҷанг омӯзишгоҳ ба ҷои аввалааш кӯчид. Пас аз ду-се сол Вазорати маорифи Ӯзбекистон омӯзишгоҳро ба техникуми варзиш табдил дод. Таҳсил ба забони узбекӣ шуд. Аммо гурӯҳҳои тоҷикӣ боз се-чор сол нигоҳ дошта шуд ва охири охирон ин ҳам барҳам хӯрду ба сари омӯзишгоҳи таърихию овозадори тоҷикӣ об рехтанд.

Чанд сол пеш 50-солагии омӯзишгоҳро таҷлил намуда, маро ба маҷлиси ҷашн даъват карда буданд, вале ман нарафтам. Зеро таърихи омӯзишгоҳро на аз соли 1931, балки аз таърихи таъсиси омӯзишгоҳи узбекӣ гирифтаанд. Дуввум ин ки дар ин омӯзишгоҳ ғайр аз директори он Юсуфӣ ва боз чанд муаллими омӯзишгоҳи пешин рӯҳи тоҷикӣ дар фазои таълиму дар ҳавои чаҳорбоғ намонда буд.

Чанд вақт пеш винеткаи (маҷмӯи аксҳои) нахустин хатмкунандагони омӯзишгоҳи тоҷикӣ (солҳои 1931-1934) дар дастраси ман буд. Аз ин аксҳо маълум шуд, ки дар сафи муаллимони нахустини он мисли Зеҳнӣ, Абдулҳамид Бақозода, Фаттоҳ Раҳматзода, Холиқ Мирзозода (Мирзозода ва Бақозода аз муаллимони ҷавон буданд), Аҳмад Камолӣ, Маҳмуд Исмоилзода, Рейс омӯзгорони номӣ ва ботаҷриба дарс медодаанд. Дар байни хатмкунандагон Ҳабиб Юсуфӣ - шоири шаҳид ва шаҳири тоҷик ва Раҳим Эгамбердиев - муаллими донишгоҳи Самарқанд буданд. Дар ин солҳо падарам ва амакам дар Панҷакент буданд, аз ҳамин сабаб дар коллективи муаллимони ин солҳо набуданд.

Дар соле, ки ба омӯзишгоҳ омадам, иморату боғи он хеле ободу тозаву озода буд. Ду корпуси таълимӣ, як бинои хурди зебои ҷудогона барои дирексия, ташкилоти касабавӣ, ташкилоти комсомоливу ҳизбӣ ва як бинои хобгоҳи дуошёна дар дохили ҳамин боғ буд. Ғайр аз ин ду – се хобгоҳ берун

аз деворҳои боғ низ вуҷуд дошт.

Дар он солҳо дар муҳити таҳсил ҳам дар байни шогирдону ҳам дар байни муаллимон осоишу оромӣ, тартибу танзим ва дӯстиву рафоқати самимӣ ҳукмрон буд. Дар хотир надорам, ки муаллиме шогирдеро ба ҷурме аз синф берун карда бошад ё муаллимҳо болои ягон масъала ё манфиати худ бо ҳамдигар муноқиша ё хусумат дошта бошанд. Инро бо бовари комил мегӯям, зеро падарам, муаллими омӯзишгоҳ, аз ҳамкорони худ дар хона ёде кунад, ҳамеша аз хислати неку, аз гуфторҳои зарифона ва латифаҳои онҳо нақл мекард. Ҳатто дар солҳои ниҳоят шуми 37-38, ки сели балои террор шаҳрро ба ларза даровард буд, дар омӯзишгоҳ ҳамон оромиву осоиш эҳсос мешуд.

Омузишгоҳ кабинетҳои таълимии муҷаҳҳаз дошт. Дар кабинетҳои физика, кимиё, табииёт, ҷуғрофия асбобҳои таҷрибавӣ, нақшаву харитаҳои қитаоти гуногуни ҷаҳон, реактивҳои зарурии кимиёвӣ ва ғайра мавҷуд буданд ва аз ин сабаб дар ин кабинетҳо дарсҳоро бо шавқу ҳавас интизорӣ мекашидем.

Худи муаллимон як ҷаҳони зиндаи илму дониш буданд, ки масъалаҳои гуногуни мавриди баҳси дарсро чунон бо сӯҳбатҳои ширин ва шарҳу тавзеҳи ҷолибу нишонрас баён мекарданд, ки гумон мекардед шумо на дарси мушкил, балки як ҳикояти шавқангези ҳазору як шабро гӯш мекунед. Муаллимҳо ҳама соҳиби маълумоти олӣ буданд. Онҳо дар Донишгоҳи Самарқанд таҳсил карда буданд, ки он ҷо дарсҳо ба забони ӯзбекӣ ё русӣ тадрис мешуд. Вале ҳамаи муаллимҳо забони тоҷикиро хуб медонистанд ва дар хотир надорам, ки дар сухан ягон калимаи русӣ ё ӯзбекӣ ворид кунанд ё ба лаҳҷаи оми самарқандӣ ҳарф зананд: талаффуз ва такаллуми онҳо ҳама дар доираи маъмулии забони адабии тоҷик буд. Мехоҳам баъзе аз муаллимони худро, ки симои онҳо имрӯз пеши назарам ҷилвагар аст (ва ҷилвагар хоҳад монд), ёдовар шавам.

Муаллими солхӯрдаи мо дар он солҳо устоди дарси табииёт Шариф Турсун буд. Ин марди қоқинаи миёнақад дар асл аз хонадони ҳалвопазҳо буда, бо мардуми пешавар ва авом бисёр шишту хез карда буд. Сухани муаллим тоҷикии тоза, аммо ба оҳанги шеваи мардуми ҳунарманд буд. Дарсро ҳам ба ҳамин забони бе такаллуф мегузаронид. Мавзӯъҳои дарси ботаника, зоология, анатомияро ба ибораву таъбирҳои халқӣ чунон хуш адо мекард, ки аз гуфтори хоссаи ӯ лаззат мебурдем. Дар соатҳои холӣ аз дарс - "окно" – хусусан фасли баҳор - навдаи ниҳоле дар даст дар боғи омӯзишгоҳ сайр карда мегашт. Гоҳо бехи дарахтеро тоза мекард, гоҳо замини гулзорро хишова мекард. Рӯзе падарам пурсидааст, ки "ҳа, муаллим дарс надоред магар?", ҷавоб додааст: "Ҳо, мо як соат дар ҳайдав ҳастем.". Дар вақти авҷи киштукор гоҳо асп ё барзговеро аз кор озод карда, ба пояш ҳалқа андохта ба алафзор озодона сар медоданд ва ҳамин озод гаштани онҳоро "ҳайдав" мегуфтанд. Шариф Турсун ба ҳамин одати деҳқонон ишора кардааст. Дар солҳои ҷанг боре ба заъфи меъда дучор шуда, ба духтур мурочиат мекунад. Духтур тафтишу таҳқиқ карда, баъд дар бобати муолиҷа мегӯяд: "Шумо набояд гӯшти гӯсфанду равғани думба хӯред. Аз равғани маска ҳам камтар истеъмол намоед..." Шариф Турсун гапи духтурро хомӯш гӯш карда, баъд хандида мегӯяд: "Духтурҷон, ин вақтҳо гӯшти гӯсфанду равғани думбаро дар бедорӣ он тараф истад, дар хоб ҳам намебинем. Агар фаразан ягон вақт гӯшти

гӯсфанду равғани думба ба даст афтад, як серӣ хӯрда мегирам... Бигузор дар шаҳр овоза шавад, ки Турсунов гӯшти гӯсфанду равғани думба хӯрда мурда мондааст".

Муаллими кимиё Юрий Израилович Рубинов - яҳудии маҳаллии самарқандӣ буд. Марди миёнақади пургӯшт буд, дар чашм айнак ва мӯи марғуладори сиёҳ ва дар тан костюм ва куртаи сафеду галстук дошт. Чеҳраи кушод ва сухани нарме дошт. Дарсро бештар ба шӯхиву мутоиба мегузаронид. "Ана, агар ин натрийполвонро ба об андозед, паҳлавониашон гум мешавад, дар як дам сӯхта дар даруни об хокистар мешаванд" - мегуфт ва инро ба мо намоиш медод. То хеле вақт дар омузишгоҳу мактабҳо муаллимӣ кард, чанд солҳо дар пенсия буд. Баъзан дар кӯча дида монем, "канӣ, мулло Абдурасул, шумо нағзед? Аз Тошканд, аз родию овозатонро гӯш карда, аз падаратон дар факултаи шарқ нағз хонда гаштанатонро шунида хурсанд мешавам"- мегуфт. Худо раҳмат кунод, ба ман меҳри самимонае дошт.

Муаллими ҷуғрофия Қамариддин Шамсиев худро шогирди падарам меҳисобид. Дарси ҷуғрофияро чунон бо самимият, чунон бо эҳсосу дилу ҷон дарс медод, ки гузаштани вақтро надониста мемондем. Агар аз қитъаву мамлакатҳои ҷаҳон сухан кунад, ба ҳадде саргарми нақлу ҳикоят ва тасвиру тавсиф мешуд, ки гӯё худ ҳамон ҷоҳоро дидаасту ҳамин ҳоло аз сафар баргаштааст. Ӯ ягон кори нохуш ё номувофиқро бинад, "ҳе безобразие" гуфта хитоб мекард, аз ин сабаб баъзе муаллимони ҳамсӯҳбаташ ба ишон лақаби "Шамси безабраз"-ро дода буданд. Қамариддин Шамсиев ба ҷанги ватанӣ рафт ва баъд аз адои хидмат ба шаҳри Тошканд омада, дар газетаи "Фрунзеветс" ба ҳайси корманди бахши тоҷикӣ бо рутбаи капитан кор мекард. Баъд аз чандин солҳо ишонро тасодуфан дар ҳамин ҷо дида мондам. Акнун мову ишон гӯё ҳамкасб ва ҳамкор будем - ман сарвари редаксияи адабии тоҷикии радиои Ӯзбакистон будам. Дар ин солҳо ӯро як марди ринд, марди озодманиш, рафиқи ғамхору мушфиқ дидам. Ҳамсари дӯстдоштааш ҳанӯз пеш аз ҷанг фавтида буд ва дар Тошканд ба ӯзбекзани бева хонадор шуда, бо вай хуш зиндагӣ мекард. Дар хонааш сӯҳбатҳои дилнишин барпо мекард ва ҳамеша аз дидори мо - Аҳрорӣ, Мидҳат Беҳбудӣ шод буд. Ҳар бор ки падарам аз Самарқанд ба Тошканд меомад, Қамариддин Шамсиев мешукуфт, таомхои лазиз омода мекард, озоду шодона шароб менӯшиду менӯшидем. Боре падарамро ба поезд гусел кардем. Билет харидан мушкил буд. Шамсиев аз кассаи ҳарбӣ билет харида, падарамро то вагон бароварда монд. Чамадони падарам дар китф, хумори арақ дар сар назди вагон омада, ба забони русӣ "капитан Шамс идёт, дайте дорогу" гӯён роҳро холӣ карду падарамро то ҷои худаш бурда нишонд.

Муаллим Шамсиев баъд аз сабукдӯш шудан аз хидмати ҳарбӣ дар рӯзномаи "Овози тоҷик" ба ҳайси мухбири махсус ва баъд дар вазифаи мудири шӯъба хидмат кард. Аммо охири зиндагӣ ба Шамсиев омад накард. Ҳамсари дуввумаш низ фавтид. Шамсиев танҳо монду ба Самарқанд пеши духтараш, ки аз зани аввалааш монда буд, кӯчида омад. Ду-се сол хуб зиндагӣ кард. Бори охир, ки ба Самарқанд омада, ба дидори муаллим расидам, дар вай асари бемории диққи нафас дида мешуд, лекин ӯ мисли ҳамеша

хушсӯҳбат ва чусту чолок буд. Баъд аз чанд вақт хабар расид, ки Шамсиев дар моҳи январи соли 1992 дар синни 87солагӣ ҷаҳонро падруд гуфтааст.

Муаллими педагогика дар омӯзишгоҳ Собиров шахси ниҳоят олуфта, хушлибос, нармгуфтор буд. Синни ӯ дар ҳамон вақт 35-40 буд. Қомати баланд, рӯи дароз ва чеҳраи сафед дошт. Сару либос ҳамеша покизаву пироста, галстук мувофиқи ранги курта интихоб шуда буд. Солҳои 1938-39, ки дар Самарқанд велосипед хеле маъмул шуда буду аммо на ҳар кас ба он дастрасӣ дошт, муаллим Собиров велосипеди гаронбаҳое харида, ба омузишгоҳ велосипедсавор меомад. Собиров бо вуҷуди озодагиву хушлибосӣ шахси хушкмизоҷ буд ва мисли дигар муаллимон ба шогирдон наздику маънус набуд.

Мехоҳам дар бораи як муаллиме, ки мавриди эҳтиром ва маҳбубияти самимии ман буд, чанд сухан гӯям. Ин мард Муҳаммадӣ Ҳақбердиев ном дошт ва аз шогирдони хеле содиқ ва то охир вафодори падарам буд. Вай се ё чор сол дар омӯзишгоҳи Бозори ниҳол дар солҳои муаллимӣ ва мудирияти падарам таҳсили илм карда буд, ва аз ҳамон вақт падарамро эҳтиром мекард ва самимона дӯст медошт. Ҳақбердиев комати баланд ва бозувони паҳлавонона дошт, чашмаш ҳамеша аз табассуми ноёан медурахшид. Хеле муаллими ҷиддӣ буд, кам механдид, аммо агар хандад, дар рӯяш гуё нуре пайдо мешуд. Номбурда дар омӯзишгоҳ каме зиёдтар аз ду сол кор кард, вале ҳам дар тарзи таълими омузишгоҳ ва ҳам дар муносибату муомилоти байни муаллимон нақши мусбате гузошт. Ба ахлоқу одоби шогирдон диққати калон медод, ҳатто гоҳо дар хурдтарин рафтори онҳо. Боре вақти танфффус дар берун оҳангеро бо ҳуштак кашида мерафтам. Маро дида оҳиста аз дастам гирифту гуфт: "ҳуштаккашӣ умуман одати чандон хуб нест, хусусан дар мактаб ва боз хусусан ба шумо шогирди мактаб намезебад." Ин суханҳо ба ман сахт нарасид, аммо танбеҳ барои як умр шуд.

Ҳақбердиев баъд аз омӯзишгоҳ ба роҳбарии соҳаи маориф гузашт. Чанд сол мудири маорифи вилояти Самарқанд буд. Баъд аз ҷанг се-чор сол вазифаи котиби аввали кумитаи ҳизбии шаҳри Самарқандро иҷро кард. Ин вазифаи масъул ва бонуфузе буд. Дере нагузашту харидорони ин курсии "равғанин" бо тӯҳмате ӯро аз кор дур карданд. Вай боз ба муаллимӣ бозгашт ва дар Донишгоҳи Самарқанд аз фалсафа ва мантиқ дарс мегуфт. Дар охири солҳои шастум барои дифоъ дар мавзӯъи мантиқ ба Душанбе омад. Дӯсти самарқандии ӯ донишманди номдори Тоҷикистон Баҳоуддинов барои дифоъ ба вай хеле ёрӣ намуд. Ман ҳам дар таълифи баъзе қисматҳои рисолааш ба шакли китобча мадад расонидам. Баъд аз дифоъ то охири умр дар Донишгоҳи Самарқанд устоди фалсафа буд ва миёни зиёиёни шаҳр ва донишмандон эҳтиром ва маҳбубият дошт.

Ҳақбердиев хоҳ дар курсии мансаб бошад, хоҳ не, падарамро фаромӯш намекард ва ҳар вақт аз он кас хабардорӣ менамуд. Агар фурсате дошта бошад, аз сӯҳбатҳои хеле намакини падарам баҳравар мешуд. Ба аҳли оилаи мо - модарам, хоҳари калониам (ки муаллим ва мудири мактаби миёна буд) ва худи ман меҳри гарм дошт. Соли 1948 наздики фасли баҳор дар асари хастагии рӯҳ ва бемории аъсоб хонданро дар Тошканд тарк карда, ба Самарқанд омада ва дар вазъи хеле афтодагиву бедимоғӣ рӯз

мегузаронидам. Ҳақбердиев вазъи ногувори маро аз падарам шунида, рӯзе бо фойтуни хидматиаш (он вақт сардори маорифи вилояти Самарқанд буд) ба ҳавлӣ омада, маро ҳамроҳи худ ба тамошои атрофи Самарқанд бурд. Дар ин сафар дар мактабҳои тоҷикӣ будем, сӯҳбатҳои хуби муаллимону аҳли деҳотро шунидем - хуллас бегоҳӣ ба хона бо осоиши рӯҳ ва аъсоби ором баргаштам.

Дар як рӯзи гарму нарми тирамоҳи соли 1978 дар Самарқанд будам ва ба дидори Ҳақбердиев рафтам. Аз омадани ғайричашмдошти ман хурсанд шуд. Дар саҳни ҳавлӣ, дар назди гулгашти хурд миз оростанд. Қариб ду соат сӯҳбат кардем, аз дӯстони худ ва хусусан падари ин ҷониб ба некӣ ёдовар шуд. Вақти хайрухӯш таъкид кард, ки ӯро фаромӯш накунам ва дар ҳар сафар ҳатман ба дидори ҳамдигар расида бошем. Аммо дар сафари дигарам соли 1979 шунидам, ки муаллими азиз ҷаҳонро падруд гуфтааст. Дар ҳамон рӯзе, ки ба дидори он кас расида будам, осори бемории саратон дар вуҷуди он кас пайдо будаасту бо ман гӯё видоъ карда гуфтааст: "маро фаромӯш накунед! " Шодравон хамеша дар ёди ман аст!

Дар аввали соли таҳсили 1938-39 муаллим Ҳақбердиев бо як нафар пирамарди нуронии рус ба клосси мо даромад ва баъд аз салому эҳтиром гуфт:

- Шогирдони азиз, аз ҳамин рӯз сар карда, барои шумо ҳамин шахси мӯътабар ва мӯҳтарам аз забони русӣ дарс мегӯянд. Исми ин кас Владимир Иванович Орлов, аз шаҳри номдори Ленинград ҳастанд. Ҳоло ду-се сол дар Самарқанд истиқомат хоҳанд кард ва мо ишонро бо камоли мамнуният ба коллективи муаллимони омӯзишгоҳ даъват кардем.

Симои нуронию дилкаши ин пирамарди болоқади қавичусса зуд ба дилу дидаи мо нишаст. Риши на чандон калони мисли барф сафедаш рухсораи ӯро равшантар мекард, чашмони пуртобиши вай аз зери пенсне боз дурахшонтар менигарист. Дар сар фуражкаи сиёҳе дошт, ки пеш аз инқилоб аксари зиёиёни рус, хусусан муаллимон онро мепӯшиданд (Чехов аксе дорад бо чунин фуражка). Сюртуки сиёҳи дӯхти қадим ва ангуштарии калони ақиқдор дар пеши назари мо шахси поки хушсурату хушсиратеро муҷассам менамуд.

- Здравствуйте, мои дорогие ученики, - садои бами ширадори Орлов дар хомӯшии синф чун садои осмонӣ ба гӯш мерасид.- Акнун ки ман муаллими шумо бошам, шумо шогирдони ман ҳастед, яъне мову шумо бояд як тану як ҷон шавем. Дар ҳамон сурат ман ба шумо чизе дода метавонам ва шумо аз ман чизе гирифта метавонед. - Мазмуни суханҳои ба забони русӣ гуфтаи он кас тақрибан ба ҳамин маънӣ буд.

Ва аз ҳамин рӯз сар карда мо дарси Орловро мисли дарси муаллимони дигар бо иштиёқ ва завқи махсус интизорӣ мекашидем. Як сол муаллими забони русии мо марди тотори қримии бадқаҳр ва инҷиқе буд, ки дарси ӯро ба зӯр гӯш мекардем ва зуд хаставу шалпар мешудем. Баъд аз чунин вазъи ногувор муаллим Орлов чун офтобе ба синф медаромаду зуд моро гармиву равшании суханҳои он кас фаро мегирифт. Як дарс аз грамматика мегузашт, дарси дигар ба хондан, таҳлил ва аз бар намудани шеърҳои шоирони рус ҷудо шуда буд. Хондани шеърро бо задаву фосилаҳои вазн ва оҳанги мантиқӣ ёд медод. Хусусан шеъри Пушкинро, ки шоир худро мисли шахси зиндонӣ

тасвир мекунад ва мехоҳад, ки мисли уқоб озод бошаду ба дуродур парвоз кунад, дар чандин дарс таҳлилу тавзеҳ мекард:

Сижу за решеткой в темнице сырой.
Вскормленный в неволе орёл молодой,
Мой грустный товарищ, махая крылом,
Кровавую пищу клюет под окном.
Клюет и бросает, и смотрит в окно,
Как будто со мной задумал одно.
Зовет меня взглядом и криком своим
И вымолвить хочет: «Давай улетим!
Мы вольные птицы, пора, брат, пора,
Туда, где за тучей белеет гора!
Туда, где сияют морские края,
Туда, где гуляем лишь ветер... да я...

Баъдтар фаҳмидам, ки чаро Орлов ин шеърро бо эҳсосу кӯшоии махсус ба мо омӯхт, то он ҷо ки онро ҳама аз ёд кардем ва ба вазну оҳангҳои талқин кардаи Орлов мехондем. Баъд аз гузаштани панҷ-шаш моҳ падарам ҳикоят кард, ки Орлов аз мардони донишманди Ленинград буда ва унвони илмии номзади илми филологияро доштааст. Дар аввали соли 1938 писари ӯро чун "душмани халқ" зиндонӣ ва ба ҷойҳои дурдасти шимол – Дудинка табъид мекунанд. Ба Орлов ва завҷаи писараш тавсия мекунанд, ки Ленинградро тарк намуда, ба Самарқанд ҳиҷрат кунанд. Орлов аз саргузашти худ ба падарам мухтасар нақл намуда, хомӯш ба хаёл фурӯ рафтааст ва баъд аз чанд дақиқа ба тарафи шимол, ба Россия, рӯй оварда ин шеърро хондааст:

Прощай, немытая Россия!
Страна рабов, страна господ!
И вы, мундиры голубые,
И ты, послушный им народ!
Быть может, за хребтом Кавказа
Укроюсь от твоих царей,
От их всевидящего глаза,
От их всеслышащих ушей.

Он вақт дар ёди падарам фақат мисраи аввали шеър монда буд. Баъдҳо бо ин шеър нағзтар ошно шудам. Фаҳмидам, ки дар синаи пирамард чӣ қадар ранҷу алам ниҳон будааст, чӣ қадар оҳу гудоз доштааст, ки ҷисму ҷони аз ватани азизаш дур афтодаро месӯзонидааст. Лекин инро на ҳама медонист ва хусусан мо, шогирдон ки ба дарсҳои шавқангез ва симои нурониву дилкаши ӯ меҳр баста будем.

Владимир Иванович Орлов аз равшанфикрони шинохтаи Петербург буд. Ҳанӯз пеш аз инқилоб ӯ бо шоир Анненский ва нависанда Олга Форш ошно буд ва бо онҳо дар ривоҷи мактабҳои умумӣ барои бачаҳои ғайри ашроф дар Тсарское Село хеле хидмат карда буд. Баъд аз инқилоб ба узвияти ҳизби коммунистӣ дохил шуда, дар соҳаи маорифи нави Россия заҳамоти фаровон ба харҷ дода буд. Вай яке аз асосгузорони таълими якҷояи писарону духтарони Россия буд, соли 1918 дар ислоҳоти мактабу маорифи Русия

фаолона иштирок кардааст. Орлов мудири аввалини факултаи коргарии Донишгоҳи давлатии Ленинград буд. Ӯ таърихи забону адабиёти русро хуб медонист, чандин забонҳои аврупоию шарқро балад буд.

Ин шахси фаолу донишманд дар Самарқанд низ фақат бо тадрис маҳдуд нашуд. Вай пеш аз ҳама ба омӯхтани забони тоҷикӣ шурӯъ намуд. Бо ёрии падарам грамматикаи тоҷикиро аз худ намуд, ба тадвини луғати тоҷикиву русӣ шурӯъ намуд. Мусаввадаҳои ин луғат ҳоло дар дасти ман аст: мебинаму ба покизакорӣ, диққат ва ҷиддияти илмии он марди шариф офарин ва аҳсант мегӯям. Дар зарфи ду сол забони тоҷикиро ба дараҷае фаро гирифт, ки тарҷумаи таърихи партияро ба забони тоҷикӣ таҳқиқ намуда, дар бораи камбуд ва мазиятҳои он дар "Правда" тақризе ҳам ба чоп расонид.

Орлов тадриҷан ба зиндагии Самарқанд ва самарқандиён одат мекард, бо ҳайъати муаллимони омӯзишгоҳ унсу улфат гирифт. Вай дар яке аз ҳавлиҳои коммуналии шаҳри нав истиқомат мекард ва омаду рафташ ба омӯзишгоҳ душвориҳо дошт. Бинобар ин директори омӯзишгоҳ фойтуни хидматии худро ҳар субҳ барои овардани Орлов роҳӣ мекард ва баъд аз дарс ҳам ӯро ба манзил мерасонид. Баъд аз як сол чӣ шуд, ки фойтунро аз омӯзишгоҳ гирифтанд ва рафтуои Орлов боз ба мушкилӣ оид шуд. Аз ин душворӣ илоҷе ёфтан лозим буд. Ин илоҷро худи Орлов ёфт. Ба падарам гуфт, ки чӣ мешавад, ки ӯ харе бихарад ва мисли мӯйсафедони Самарқанд харсаворирро ёд гирад ва харсавор ба омӯзишгоҳ омаду рафт кунад. Падарам гуфтааст, ки дар ин синну сол харсаворирро ёд гирифтани як шахси урупоӣ амри муҳол аст, беҳтар он аст, ки Орлов ба пули худ хар бихарад ва боғбони омӯзишгоҳ Тагиев ба аробаи бекор хобидаи омӯзишгоҳ харро баста, ҳар рӯз Орловро ба омӯзишгоҳ биёраду ва боз пас барад.

Аз бозори шаҳри кӯҳна харидани хар ва чанд рӯз дар ҳавлӣ ба он нигоҳу бин кардан худ як достоне буд, ки Орлов бо шӯхиву мутоиба ва муболиғаҳо ба падарам нақл мекард ва падарам ин достонро ба мо ҳикоят мекард. Хулласи калом, чанде нагузашта буд, ки хараробаи омода шуд ва ҳар субҳ аз кӯчаҳои сангфарши дар он вақт камҳаракати Самарқанд хараробаи Орлов аз шаҳри нав ба кӯчаи Даҳбед дохил шуда, ба тарафи омӯзишгоҳ равона мешуд. Хари калони хокистарранги тавоно бо резачорпои худ аз зери суми наълбандаш садо бароварда, мастона медавид. Дар як тарафи пештахтаи аробаи Тагиев халачӯб ва нӯхтаи хар дар даст нишаста, гашти аробаро идора мекард. Дар паҳлӯи вай Орлов бо сюртуки сиёҳи дӯхти классикӣ, бо риши кулӯтаи сафед ва пенснэ дар чашм, каллапӯши чустӣ дар сар бо симои ҷиддӣ рост ба пеш нигариста, омирона менишаст. Портфели чармиаш дар паҳлӯяш рост меистод. Ман ду-се бор ин наморо ба чашми худ дида будам ва ҳоло ҳам ҳамон намуди сайри Орлов дар хараробаи дар пеши назарам мутасаввир аст.

Дар ин миён чанг сар шуд. Омӯзишгоҳро ба ҷои дигар кӯчониданд. Омаду рафти Орлов ба омӯзишгоҳ камтар шуд. Падарам ҳам бо чанде муаллимони шаҳр ба мактаби назди Самарқанд ба муаллимӣ гузаштанд. Мо аз Орлов камтар хабардор будем ва якбора соли 1944 Орлов аз Самарқанд ба куҷое рафт. Падарам гуфт, ки соли охир вай адреси писарашро пайдо карда буд, шояд ба пеши писараш, ба ҷои табъиди ӯ рафта бошад...

Тирамоҳи соли 1964 дар Тошканд дар китобхона ва архивҳо кор мекардам. Ногоҳ дар шумораи 28 ноябри газетаи "Правда востока" мақолае дар бораи калимаи "товариш" ба чашмам расид ва поёни он имзои В. И. Орлов сабт шуда буд. Дар сарсухани мухтасаре, ки онро писари муаллиф Алексей Владмиривич Орлов навишта буд, аз солҳои сахти таъқиб гардидани падараш ва фаолияти муаллимиаш дар Самарқанд нақл кардааст. Шубҳае набуд, ки нишоне аз Орлов пайдо кардам. Ба редаксияи газета телефон карда, адреси Алексей Орловро гирифтам. Ба Душанбе бозгаштаму ба Ленинград ба писари Орлов мактуб навишта, дар бораи солҳои дар Самарқанд будани падараш баъзе маълумоти нав додам ва гуфтам, ки дар яке аз сафарҳои наздикам ба Ленинград ҳатман бо ҳам мулоқот хоҳем кард.

Тобистони соли 1965 сафаре ба Ленинград доштам ва ба Алексей Владимирович телефон карда, ба манзили ӯ рафтам. Вай дар соҳили Нева, ки ба халиҷи Фин наздик буд, истиқомат дошт. Мулоқоти мо ниҳоят гарм ва ниҳоят ҳаяҷонангез буд. Алексей Владимирович нақл кард, ки соли 1937 вақте ки ӯ дар Академияи ҳарбии тиббии Ленинград ба ҳайси дотсент кор мекард, ӯро ба ҳабс гирифтанд ва ба Дудинка табъид намуданд. Ин шаҳре буд дар шимоли кишвари Красноярск дар соҳили дарёи Енисей ва он ҷо асосан зиндониён ва табъидшудагон кор мекарданд. Соли 1947 мӯҳлати маҳбусии ӯ тамом шуду аммо барои бозгашт ба Ленинград иҷозат надодаанд.

Соли 1945 Орлов аз мақомоти идораҳои махфӣ иҷоза гирифта, бо келинаш ба Дудинка назди писараш меравад. Ва аз ҳамин сол зиндагии нимозодонаи онҳо дар Дудинка шурӯъ мешавад. Владимир Иванович Орлов фаолияти пурбори маърифатомӯзиву тарғиби адабиётро ин ҷо густариш медиҳад. Дар андак муддат ӯ дар байни коргарону аҳолии Дудинка маҳбубият ва маъруфият пайдо мекунад. Дар рӯзи вафоташ дар баҳори соли 1953 дар синни 83-солагӣ мардуми бисёр барои видоъ дар сари қабри вай ҷамъ меоянд. Писараш болои қабри падар тахтасанге гузошта, он ҷо ному насаб ва солҳои зиндагии ӯро сабт кардааст. Акси ин қабр ҳоло дар дасти ман аст.

Худи Алексей Владимирович ҳамчун аскари сурх солҳои 1919 дар Шаҳрисабз ва атрофи он барои барқарор намудани ҳокимияти шӯравӣ дар ҷангҳои шадид иштирок кардааст. Соли 1967 бо даъвати махсус ба муносибати 50-солагии инқилоби октябр ба Қаршӣ ва Шаҳрисабз чун меҳмони фахрӣ сафар карда буд. Ҳамсари Алексей Владимирович зани хушгилу меҳрубон аз Самарқанд ва ҷойҳои зисту зиндагӣ ва дидагиаш суолҳо мекард.

Баъд аз ин ҳар бор ки ба Ленинград сафар иттифоқ меафтод, ба дидори Алексей Орлов ва ҳамсараш мерафтам. Азбаски онҳо фарзанд ва меросхӯр надоштанд, Орлов мусаввадаҳои луғатномаи нотамоми падарашро дар чанд дафтар ба ман дод. Чанд сурати худ ва падараш, инчунин ёддоштҳои солҳои мактабиашро дар Тсарское село ва хотираи мулоқоташро бо шоир Анненский ва Олга Форш низ ба ман дод.

Баъд аз ду сол ба Ленинград омадам, ки завҷаи Алексей Владимирович дар асари бемории саратон дар азобу азиятҳои тоқатфарсо аз ҷаҳон чашм пӯшидааст. Дар ин мулоқот Алексей Орлов хеле рӯҳафтода ва ҷисман шикаста буд. Баъд аз як ё ду сол боз дар Ленинград будам, бегоҳ ба Алексей Орлов телефон кардам. Баъд аз зангҳои дуру дароз овози хастаи ӯро

шунидам. Бе он ки пурсад кӣ телефон мекунад, хеле бо ҳаяҷон ва садои гирифта гуфт:

— Ман қуввати гап задан надорам, ба пой истода наметавонам, бубахшед маро, дигар занг назанед!

Ин буд сухани охирин, ки аз ӯ шунидам. Ба гӯшам чун овози ҷонканӣ расид. Дигар телефон накардам. Намедонам вай бо кӣ буд ва баъд аз ин чӣ шуд. Хеле мутаассир шудам, андӯҳу ғами ҷонсӯз дар сина хала мезад. Бале, ин видои Орлов, садои аз зери лаҳад бархостаи падари вай, садои дарду алами зиндагии бебақо ва бевафо буд... Беадолатӣ ва зулмпешагии як нафар зиндагии як оилаи солим ва қавиро бе самар ва бе асар хазон кард... Дар ин навиштаҳои ман танҳо "зи дидаҳо ду - се ашки чакидаи" онҳо боқӣ мондаасту бас! Ва як шӯълаи шамъи ёдгори нек аз муйсафед Орлов ва писари вай Алексей...

МАН ДАР ОМӮЗИШГОҲ

Дар омӯзишгоҳ хонданам ба тартибу танзим даромад. То ин вақт аз синф ба синф ҷаҳидану бе дастуру барномаи мушаххас хондан насиби ман буд. Омӯзишгоҳ ба ман дар доираи муайян, дар низому тартиби мушаххас донишҳои зарурии мактабиро дод. Аз тарафи дигар, одобу ахлоқи матин ва покиза, ки бе шак муаллимон бо кӯшишу ҳиммати ҷонсупорона ба донишҷӯён талқин менамуданд, муҳити солим ва рӯҳпарваре ба вуҷуд оварда буд, ки ба тарбия ва такомули шахси ҷавонон таъсири мусбат дошт. Аз ин сабаб таҳсил ва тарбияи худро дар оғӯши гарми омӯзишгоҳ марҳилаи муҳимми зиндагии худ медонам ва он солҳоро ҳамеша бо ёди нек ба хотир меоварам.

Дар омӯзишгоҳ шавқу ҳавас ба шеъру адаб боз ҳам зиёдтар шуд. Дар гурӯҳи дӯстдорони ҷавони шеъру адаб, ки муаллими адабиёт Одилӣ ташкил карда буд, фаолона иштирок мекардам. Ба муносибати идҳои инқилобӣ ва ҷашнҳои таърихӣ шеърҳо менавиштам. Ин шеърҳоро дар маҷлисҳои умумии омӯзишгоҳ қироат мекардам. Баъзан шеърҳои ҷашниро бо супориши -"по заказу"- кумитаи комсомоли омӯзишгоҳ низ менавиштам. Умуман дар муддати як сол ба сафи шогирдони пешқадам гузаштам. Дар охири ҳамин сол маро муҳаррири газетаи деворӣ таъйин карданд ва фармуданд, ки ба шарафи иди май шумораи идона омода созам. Ба ҳайси шарик ва рассоми газета Назрулло Рустамзодаро ба ёрӣ гирифтам. Рустамзода низ ба омӯзишгоҳ баробари ман дохил шуд (ҳарчанд вай як синф дар мактаб аз ман муқаддамтар буду метавонист ба курси дуввум дохил шавад.) Назрулло дар хобгоҳ зиндагӣ мекард. Дар корпуси хобгоҳаш ҷои холии зери зинапояро бо фанер иҳота карда устохонаи фото ва рассомӣ сохта буд. Дар ин коргоҳи ором ва муҷаҳҳази вай ороиши рӯзномаро анҷом дода, баъд ба хати духтари курси дуввум мундариҷаи рӯзномаро мураттаб сохтем. Дар арафаи якуми май газета ба девор баромад - ҳама аҳсант мегуфтанд, котиби кумитаи комсомол донишҷӯи курси саввум ба ману Рустамзода ташаккурномаи махсуси шифоҳӣ эълон кард.

Соли аввали таҳсил дар омӯзишгоҳ бо муваффақият ба охир расид. Натиҷаҳои имтиҳонот низ чору панҷ буд. Дар курси дуввум муаллим Одилӣ

шавқу ҳаваси моро ба адабиёт боз ҳам зиёдтар кард. Ин шахси дар зоҳир на чандон намоёну фаол, дар амал хеле пурғайрат буд. Одилӣ дар зоҳир чандон ҷозиба надошт, аммо марди хушхисолу нексирате буд. Шеърро ба овози нарм муассиру маънидор қироат мекард. Ҳар моҳ як ё ду бор маҳфили дӯстдорони шеъру адабро ҷамъ мекард, мо шеърҳои худро мехондем ва ҳамроҳи вай таҳлил менамудем. Дар як ҷамъомади маҳфил пешниҳод кард, ки ҷавонони шеърдӯст бояд газетаи девории худро дошта бошанд. Номи рӯзномаи деворироро "Услуби ҷавонон" гуфт ва ба муҳарририи он маро таъйин кард. Ба ҳамин тариқа, ман муҳаррири ду газетаи деворӣ шудам ва ин ҷо ҳам Назрулло Рустамзодаро ба шарикӣ ва мададгорӣ ҷалб кардам.

Ба кор дӯстони наздик ва ҳамсолонро низ аз курсҳои дигар шарик кардам. Дӯст ва хешбачаи наздикам Азимхонро, ки аз ман як сол калон буду як курс поинтар мехонд, наққоши рӯзнома таъйин кардем. Азимхон аз падараш Солеҳхон, ки писари амубузурги ман Мӯсохони муфтӣ буд, дар ширхорагӣ ятим монда бо парастории модари бечорааш дар радифи дигар бародаронаш калон шуд. Хуб мехонд. Каме ҳунари наққошӣ дошт, ки барои газетаи деворимон истифода мебурдем. Бо Азимхон дӯстии қарини мо то вафоти нобаҳангоми вай соли 1986 давом кард. Дар солҳои таҳсили омӯзишгоҳ ҳар ду ҳар гуна эҷодкориҳо доштем: баёзе тартиб додем бо нақшу нигорҳои зебо аз ашъори шоирони гузаштаву ҳозира; ба муносибати идҳо ҳар гуна шиору суратҳо кашида ба девори ҳавлиҳо насб мекардем, фонусҳои идона месохтем, таомҳои "дилбаро" дуруст мекардем; палаве эҷод кардем ба тарзи худ ва номашро "азимулрасул" гузоштем; вақте ки калон шудему соҳиби оила гаштем, ба меҳмонии ҳамдигар мерафтем. Азимхон мураббоҳои гуногунро аз сабзавоту меваю гулу райҳон худаш мепухт, ки аксари он маҳсули эҷоди тахайюлоти ӯ буданд. Дар чунин мавридҳо палави "азимулрасул"-ро ба хотир оварда завқ мекардем.

Дӯсти дигари ҷонии ман Абдураҳим ном дошт. Вай аз гузари Муборак буд. Бе падар бо мадади модараш, ки дар фабрикам "Ҳуҷум" кор мекард, имкони хондан пайдо карда буд. Бачаи ниҳоят содиқ, дар гуфтор зариф ва шӯх буд. Дар нақлу ҳикоят хеле моҳир буд: бо ҷозиба ва завқу шавқ ҳикоят мекард, ки воқеаҳои хурди ночиз ҳам дар нақли вай касро иштиёқманд месохт. Худ дӯст медошт, ки баъзе воқеаҳои ҷолибро дар коғаз нависад. Хондани навиштаҳои вай аз шунидани нақлҳои шифоҳияш ҳам шавқангезтар буд. Абдураҳим ба Абдусалом Деҳотӣ нисбати хоҳарзодагӣ дошт. Ҳавлиҳои онҳо ба ҳам наздик дар лаби ҳавзи гузари Муборак воқеъ шуда буд. Ман баъзан навиштаҳои Абдураҳимро хонда мегуфтам: "зӯр зан, ҷӯра, мисли тағоят нависандаи калон мешавӣ!" Дӯстии мо — Назрулло Рустамзода, Абдураҳим, Азимхон мисли муҳити омӯзишгоҳ, мисли обу ҳавои боғи омӯзишгоҳ покиза, софу беғубор пур аз сидқу сафо буд.

СОЛИ МУДҲИШИ 1937

Соли 1937 чун соли даҳшату беадолатиҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар таърих боқӣ мондааст. Тарсу бими даҳшати рӯзҳои он соли мудҳишро ман низ бо дилу дидаи кӯдакӣ, бо эҳсоси изтиробу ҳаяҷонҳои ҳавлангез аз сар гузаронидаам. Солҳои 35-36 мурофиаи Зиновеву Каменев ва шарикони вай дар газетаҳо чоп мешуд. Ман ин мурофиаҳоро ба диққат мехондаму диламро ҳавл пахш мекард, ки дар чунин ватани осудаи мо ҳамин хел душманони пинҳонӣ будаанд, ки қасди ҷони роҳбарони мо кардаанд. Баъд аз ин ҳуҷум ба Файзулло Хоҷаев сар шуд. Ман ин шахсро ғоибона дӯст медоштам ва фахр мекардам, ки тоҷики бухории хоҷа дар сари ҳукумати Ӯзбекистон аст. Сурати вай, суханрониву нотиқии ӯ маро мафтун карда буд. Аз ҳуҷуму айбдоркуниҳои сахти ҷиноӣ бим пайдо шуд, ки мабодо ӯро низ зиндонӣ кунанд. Дере нагузашта шунидем, ки ӯро ҳам дар Маскав ба ҳабс гирифтаанд. Бовар намекардам, ки вай душмани халқу мамлакат бошад.

Миёни мардум, махсусан миёни аҳли зиё биму тарс ба вуҷуд омада буд, чунки аз паси зиндонӣ шудани сарони ҳукумату давлат ба сари шахсони намоёни равшанфикр ҳам хатари гуноҳи "душмани халқ" омада буд. Вале дар хонаи мо оромӣ буд. Шояд ин оромии зоҳирӣ буд, кӣ медонад ки аз дили падарам, дар сари падарам чӣ фикру хаёлҳо мегузашт!

Тирамоҳи соли 1937 ман ду-се рӯз дар гузари Қозӣ Калон дар меҳмонии хешовандонамон будам. Баъди ду рӯз субҳ ба хона омадам, ки рӯи даҳлез бист-сӣ китоб тӯда хобидааст. Аз модарам пурсидам, ки китобҳо аз куҷост?

— Ин китобҳоро отаат ҷамъ карданд. Барои сӯхтану ба қудуқ партофтан. Дирӯз то ними шаб аз шкаф китобҳоро гирифта ғун карданду баъд дар танӯр сӯхтанд, қисмашро ба қудуқ партофтанд. Ду-се рӯз пеш ҷӯраҳои отаат Аҳмад Камол ва Маҳмуд Исмоилиро НКВД ҳабс кардааст. Аз хонаашон китобҳои кӯҳнаро гирифта бурдаанд. Отаат инро шунида тарсида монданд.

Аҳмад Камол аз дӯстони наздики падарам буд ва дар техникумҳои педагогӣ аз табииёт дарс медод. Шахси баландқомати ситорагарм буд. Дар чашм пенсне дошт ва дар сар ҳамеша фуражкаи интеллигентии русӣ мепӯшид. Маҳмуд Исмоилӣ дар омӯзишгоҳ ба шогирдони курсҳои боло аз математика дарс медод. Шахси болобаланди тануманде буд, чашмони сиёҳу абрувони пайваста дошт. Ин ду муаллим аз рӯи мавқеи иҷтимоии худ ва авлоду насаб ба аҳли дину мансабдорони замони гузашта тааллуқ надоштанд ва то имрӯз намефаҳмам, ки оё онҳоро ба кадом гуноҳ зиндонӣ карда бошанд.

Бегоҳ падарам аз омӯзишгоҳ омад, парешону музтариб буд. Наздики хуфтан боз ба сӯхтани китобҳо сар кард. Ман ба он кас ёрӣ медодам, муқоваҳои сахту оҳарии китобхоро ҷудо мекардам. Аксари китобҳо ба забони туркии усмонӣ ва озарӣ буданд. Ин китобҳорро Ҷаъфархон-амакам ҳангоми таҳсил дар Боку ба номи падарам мефиристод. Падарам хомӯш дар банди андешаву хаёлот китоб месӯхт, ман аз биму тарс чизе нагуфта ба вай ёрӣ мекардам.

Рӯзу моҳҳо дар изтиробу биму хавф мегузашт. Падарам дар ин муддат хонанишин буд, на меҳмон даъват мекарду на ба меҳмонӣ мерафт. Тӯтаам пинҳонӣ аз чашми падарам дар коғазчаҳо ба хати худаш дуоҳои балогардонро

навишта дар кунҷу деворҳои роҳрав овезон карда мемонд.

Тарсу бими падарам сабабҳои ҷиддӣ дошт. Аввал ин ки он кас муфтизодаи ба ҳама маълум буд. Дуввум ин ки аз аввали инқилоб дар қатори равшанфикрони Самарқанд дар ташкили мактабу маорифи тоҷик фаолона иштирок карда буд, дар тарҷума ва нашри китобҳои дарсӣ низ саҳме дошт. Аксари равшанфикрони пешқадами тоҷик ва ҳамроҳу ҳамсафони падарам паси ҳам маҳбус мешуданд.

Хатари калонтарин ва бимангезтарин ин буд, ки падарам дӯсти наздики хеши моён Ҳамроҳхон буд. Номбурда аз наздикони Файзулло Хоҷаев буд. Табиист, ки дар чунин вазъияти пурхатар падарам навбати худро мепоид. Аммо ин балову вабо ба падарам газанде норасонида гузашта рафт. Умуман аз авлоди мо, ки ҳама қозизодаву муфтизодаҳо буданд, офати соли 1937 ба касе осеб нарасонида гузашт, Магар Ҳамроҳхон Хоҷаев.

Ҳамроҳхон писари хурдии амубобои ман Қозӣ Абдулҳайхоҷа буд. Модари вай зани дуввуми қозии мазкур аз мироконiёни Бухоро ва ба хонадони Файзулло Хоҷаев наздик будааст. Файзулло Хоҷаев баъд аз воқеаи Колесов ва шикасти ҷавонбухориён чанд муддат дар Самарқанд ба сар бурда ва аксари вақти худро дар меҳмонхонаи Ҳамроҳхон гузаронидааст. Баъд аз таъсиси Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро Файзулло Хоҷаев Ҳамроҳхонро дар консулгарии ин ҷумҳурӣ дар Самарқанд ба вазифае таъйин мекунад. Дар ин вақт дар консулгарии Бухоро Садриддин Айнӣ ҳам кор мекард. Баъд аз ташкили Ҷумҳурии Ӯзбекистон Хамроҳхон (албатта, бо тавсияи Файзулло Хоҷаев) директори Институти қарокӯлпарварии Ӯзбекистон таъйин мешавад. Институти қарокӯлпарварӣ на танҳо аз ҷиҳати илмӣ, балки аз ҷиҳати базаи моддӣ низ аз марказҳои калонтарини ҷумҳурӣ ба шумор мерафт. Институт ҳоло ҳам дар Самарқанд, дар ҳамон ҷои аввалааш вуҷуд дорад. Дар рӯ ба рӯи институт дар ҳавлии калони типи русӣ манзили Ҳамроҳхон буд. Аз хешовандон Ҳамроҳхон бо падарам бештар наздик ва қарин буд. Вай борҳо ба ҳавлии мо омада ва падарам ҳам зуд-зуд ба ҳавлии он кас меҳмон мешуд. Ман ҳам боре бо падарам дар ин ҳавлӣ будам. Тарзи аврупоии зиндагии онҳо ба ман хеле маъқул шуда буд. Як воқеаи хурди аҷиб:

Боре тӯтаам ба ҳавлии Ҳамроҳхон меҳмон мешавад. Он касро хуб меҳмондорӣ мекунанд. Баъд аз васфи ҷою манзили Ҳамроҳхон тӯтаам шиква оғоз кард.

— Ҳавлию ҷои манзили Ҳамроҳхон нағз, аз ҳавлиҳои қозӣ чанд бор болотар аст. Лекин зани Ҳамроҳхон бутун урусмизоҷ шудааст. Охир, вай келини қозӣ Абдулҳайхоҷаи овозадор мешавад. Бинед ки мисли урусҳо мӯяшро буридааст, боз бе рӯмол сари луч гаштааст.

Тӯтаам чанд рӯз аз рафтори "ношоистаи келини қозӣ Абдулҳайхоҷа" ранҷидахотир мегашт.

Баъд аз маҳбус гаштани Файзулло Хоҷаев Ҳамроҳхон бо маъмурияте ба Тошканд меравад. Ӯро дар ҳамон ҷо ба ҳабс мегиранд. Дере нагузашта ба қатл мерасонанд. Баъд аз ин ҳамсари Ҳамроҳхон бо ду писари хурдаш ба шаҳри кӯҳна ба ҳавлии меросии шавҳараш меояд.

Баъд аз чанд солҳо аз мақомоти дахлдори Ӯзбекистон ҳуҷҷати расмӣ ба дасти писари Ҳамроҳхон расид, ки вай гуноҳ надошта ва аз ин рӯ мӯҳри

маҳкуми сиёсӣ аз вай бардошта шудааст. Бечора, Ҳамроҳхон марди тануманду хирадманд ва дар корҳои маъмурӣ мудаббиру доно дар синни чилсолагӣ бе ҳеч гуноҳ кушта мешаваду баъд аз солиёни дароз аз бозмондагонаш узр мехоҳанд, ки вай гуноҳ надошту ба тӯҳмат кушта шуд. Узри бадтар аз гуноҳ. Ҳоло фарзанди хурдии вай - Фазлихон дар ҳавлии маврусии бобояш чароғи падару гузаштагонашро посдорӣ мекунад. Ҳар бор ки дар Самарқанд бошам, ба он ҳавлӣ рафта, ёди гузаштагон ва хусусан ёди Ҳамроҳхони бегуноҳ мақтулшударо гиромӣ медорам.

* * *

Баҳори соли 1940 бори аввал дар таърихи омӯзишгоҳ имтиҳоноти давлатӣ ҷорӣ гардид. Моҳи июн ба омодагӣ ва супоридани панҷ имтиҳони давлатӣ гузашт ва ба гирифтани дипломи аъло сазовор шудам. Шабнишинии охирини мо дар саҳни боғи омӯзишгоҳ хеле фараҳангез ва бо шукӯҳ гузашт. Дар шабнишинӣ эълон карданд, ки аз донишҷӯёни соҳиби дипломи аъло ва чанд нафар пешқадамон ба гирифтани роҳхати саёҳати туристӣ сазовор шудаанд. Аз ҷумла ба ман роҳхати саёҳати шаҳрҳои водии Фарғона тақдим шуд.

Омӯзишгоҳи тоҷикӣ дар ҳаёти ман саҳифаи дурахшони илму маърифат буд. Гумон мекунам, ки ин таълимгоҳ умуман дар ҳаёти маънавии зиёиёни тоҷики Самарқанд, дар таърихи маорифи шӯравӣ давраи пурифтихоре буд. Омӯзишгоҳи Самарқанд анъанаҳои беҳтарини мактабу маорифи давраи нави маорипарварии ибтидои асри 20-ро бо муваффақият давом дод. Чароғе ки дар ин омӯзишгоҳ дар таълиму фарҳанги тоҷикон фурӯзон гашт, имрӯз ҳам нурпошӣ мекунад ва шуои ин нурро хомӯш кардан аз ҳукми таърих берун аст.

РОҲ БА СӮИ МАКТАБИ ОЛӢ

Роҳ ба сӯи мактаби олӣ барои мо кушода буд. Хусусан барои ман, ки дипломи "аъло" доштам, ҳуқуқи бе имтиҳон ба мактаби олӣ дохил шудан таъмин буд. Мо се нафар дӯстону рафиқон - ман, Назрулло Рустамзода ва Абдураҳим факултаи филологияи Донишгоҳи Самарқандро интихоб намудем. Медонистем, ки он ҷо таълим ба забони ӯзбекист, аммо бовар доштем, ки мо мутахассисони забону адабиёти тоҷик хоҳем шуд.

Барои ду рафиқи ман садди роҳ супурдани имтиҳоноти дохилшавӣ буд. Барои ман садди роҳ синни чордаҳи ман буд, ки мумкин аст барои ба Донишгоҳ дохил шудан монеъ шавад. Зеро дар он солҳо камолоти сол барои ба Донишгоҳ дохил шудан хеле аҳамият дошт. Ман ҳуҷҷатҳоро супурдам, лекин то комиссияи қабул бими онро доштам, ки мабодо ки маро хурд гуфта қабул накунанд. Не, хайрият чунин нашуд. Дар охири моҳи август дар кабинети ректор комиссия дохилшавандагони факултаи филологияро барои сӯҳбат даъват кард. Хуб дар хотир дорам, ки комиссия корашро соатҳои 5-6 бегоҳ сар кард. То навбат ба ман расид, ки шаб ҳам фуромад. Ба кабинет даромадам. Панҷ-шиш нафар ӯзбекону русҳо нишаста буданд. Проректор, агар фаромӯш накарда бошам, Лазуревский баробари даромаданам ҷуссаи хурду наҳифи маро дида, оҳиста хандиду сарашро хам карда, гӯё худро ба

нодонӣ зад. Фақат гуфт, ки "он принят без экзаменов". Дар хотир надорам - суол доданд ё на, - гуфтанд, ки ман ба донишгоҳ қабул шудаам. Аз шарму ҳаячон сурх шуда аз кабинет баромадам. Бовар намекардам, акнун студенти мактаби олӣ – ӮзГУи овозадори Самарқанд шудаам. Падару модарам, ки чашм дар роҳи ман доштанд, ин хабарро шунида хурсанд шуданд.

Дар донишгоҳ ба як шавқу ҳавас ва эҳсоси нави донишомузӣ ба хондан шурӯъ кардам. Албатта, ба муҳити мактаби олӣ одат кардан лозим буд. Рӯзҳои аввал ман тамошогаҳи студентони курсҳои болоӣ будам: писарчаи мактабӣ имрӯз дар курси якуми Университет мехонад. Ҳатто ду-се русдухтари калон, ки ҳамоно аз курсҳои охирин буданд, рӯзе пеши ман омада "о, какой хороший малчик, как он поступил в университет" гуфтанд, ки ҳам боиси шарму ҳам сабаби ранҷиши ман шуд. Лекин дере нагузашта ҳама ба дидани ман одат карданд, ман ҳам дигар худро донишҷӯи комилҳуқуқи донишгоҳ ҳис мекардам.

Аз рӯзҳои аввал ман лексияҳои Румянтсев ном дотсентро, ки аз назарияи адабиёт дарс мегуфт, хеле бо шавқ гӯш мекардам. Фолклори русро Ефимов ном муаллим бо шавқу завқ мехонд. Дарсҳои профессори машҳури Самарқанд Абдураҳмон Саъдӣ (ҳамон тотори равшанфикр, ки устод Айнӣ дар Бухоро дар ташкили мактаби усули ҷадид аз ёриву дастгирии вай баҳравар буд) аз таърихи адабиёти қадими турк як ҷаҳони нави донишро рӯи мо кушод. Аз рӯзҳои аввалин ба дарси забони фарансавӣ, ки Эстера Блюм ном зани мӯйсафеди ситорагарм таълим медод, шавқу муҳаббати беандоза пайдо кардам.

Дар бинои факултаи филология китобхонаи донишгоҳ ҷойгир буд. Ин китобхонаи хеле бой буд, ки китобҳои пеш аз инқилоб чопшудаи нашрияҳои мухталифи Русияву Урупо нигаҳдорӣ мешуд. Баъд аз чанд муддат ман ҷуръат карда, ба ин китобхона даромадам ва ҳуҷҷати хонандагиро ба даст овардам. Ду-се зани солхӯрдаи китобхона ба ман меҳрубонӣ карданд ва чандин асарҳои шавқовари барои синни калонсоли мактабӣ навишташудаи нависандагони русу урупоиро пайдо карданд. Дар аввали кор ин китобҳоро гирифта, ба шавқи тамом мутолиа кардам ва ба забони русӣ ҳам хубтар ошно шудам. Баъд аз ин ба интихоби асарҳои нависандагони рус ҳам роҳ ёфтам. Муҳимтар барои ман он буд, ки ду-се китоби роҷеъ ба таърихи адабиёти форсиро пайдо намудам. Китоби аввалини хеле ҷолиб ба қалами Е.Бертелс тааллуқ ва "Персидская поэзия в Бухаре X в." ном дошт. Ҳам муаллиф ва ҳам мундариҷаву мавзӯи китоб барои ман як ҷаҳони наверо кушод. Китобро мухтасар ва баъзе варақҳои онро муфассал ба тоҷикӣ гардонда, ба дафтари худ сабт намудам. Баъд аз ин китоби В. Жуковскийро дар бораи Анварӣ ба даст овардам. Онро низ қариб муфассал ба тоҷикӣ тарҷума карда, ба дафтари худ дарҷ сохтам. Баъд аз ин ба хондани китоби В.Бартолд "История изучения Востока в Европе" даст ёфтам ва аз он баъзе пораҳоро хонда ба тоҷикӣ гардондам. Ин навиштаҳоям имрӯз дар дасти ман аст ва ҳоло ки онро аз назар мегузаронам, ёд надорам, ки оё кӣ буд, ки маро ба хондану омӯхтани ин китобҳо ҳидоят кардааст. Ба назарам, шавқу ҳаваси шахсии худам будааст.

Дар донишгоҳ ман донишу таҷрибаи худро дар омӯхтан ва аз худ намудани забони русӣ хеле такмил додам. Дар ин кор нақши муаллими

забони русии мо Волошин хеле калон буд. Баъд аз Орлов ин устоди дуввумин буд, ки моро ба хазинаву ганҷинаи забони русӣ роҳбаладӣ кард Ин марди таълимгари доно аввало дуруст ва бе хато навиштани матнҳои русиро ёд дод ва шахсан маро ба хондани асарҳои бадеии русӣ тарғиб ва роҳнамой намуд. Натиҷаи таълими ҳамин муаллим буд, ки ман дар охири курси якум дар семинари дарси назарияи адабиёт роҷеъ ба таҳлили "Замини корамшудаи" М. Шолохов ба забони русӣ маърӯзаи шогирдонае ҳам кардам.

Дар донишгоҳ майлу хоҳиши шеър навиштан камтар буд. Пас аз он ки ба хондани китобҳои шеъру адаб ба алифбои арабӣ даст ёфтам, баъд аз он ки ба хондани осори шарқшиносони рус дар таҳқиқи адабиёти форсӣ роҳ кушода шуд, шавқу ҳаваси омӯхтани таърихи адабиёту таърихи гузаштаамон ҳамон қадар зиёдтар мешуд. На танҳо шавқу ҳавас, балки дар дилу рӯҳ ифтихоре ба гузаштаи дурахшону пуршукӯҳамон падидор мегардид. Равоқу манораҳо, кунгуру гумбадҳои иморатҳои даврони гузашта, ки ҳар рӯз аз кӯдакӣ аз назди онҳо мегузаштам, акнун ба назар чунон менамуданд, ки дар онҳо асрору розҳое нуҳуфта аст, ки на ҳар кас ба фаҳмидану дидани он қобил аст. Хаёлҳои орзумандона мекардам, ки таҳсили донишгоҳро тамом мекунам, баъд бо омӯхтани ҳамин осори замонҳои гузаштаи Самарқанд машғул хоҳам шуд, китобҳо хоҳам навишт. Бо таҳрики қуввае дар оғози кор аз гузаштаи пурифтихори худамон, аз он ки мо киҳо будему чиҳо кардем, ду-се мақолача навиштам. Ин мақолачаҳоро ба хоҳарам Ҳумоюнхон ва додарам Маҳдихон хонда медодам. Хоҳарам, ки он вақт донишҷӯи курси дуввуми факултаи биологияи Донишгоҳ буд, маро гӯш мекарду аҳсант мегуфт. Ман ҳам бо ғурури бачагона мегуфтам:

— Агар калон шавам, УзГУ-ро тамом кунам, мебинӣ ин хел мақола не, чанд китоб менависам.

Бо ҳамин парвози орзуҳо, бо ҳамин иштиёқу муҳаббати хондану мутолиаҳои муттасил давраи аввали таҳсили мактаби олиро ба поён расонидем. Ҳанӯз аз хастагиҳои имтиҳонот ба худ наёмада, ҳанӯз нақшаҳои таътилро накашида, ҳанӯз аз шодиву сурури хатми давраи аввали таҳсили пурбаракату пурбори донишгоҳ лаззати кофӣ начашида будем, ки хабари шуми ҳамлаи фашистон ба хоки Шӯравӣ моро мабҳут кард.

22-ми июн рӯзи истироҳат буд. Ҳама дар хона будем. Бегоҳ тайёрии хӯроки шомро медидем. Ман ба айвони назди хонаи хоб баромада, радиои девориро баланд кардам, ба умеди он ки шояд аз Тошканд консерте шунавем. Ва дар ҳамин сония диктори Маскав хабари ҳамлаи урдуи фашистонро ба хоки шӯравӣ эълон кард. Баъд баромади Молотовро пахш карданд. Сифати шунавониданҳои радио дар он солҳо хеле бад буд. Ҳам овози диктор ва ҳам нутқи Молотовро дуруст нашунидем. Ҳаминаш аниқ буд, ки дар сарҳадҳои дуродури мамлакати шӯравӣ ҷанг сар шудааст.

Хабари сар шудани ҷанг ниҳоят нохуш буд. Аммо ин хабар дар он лаҳза дар дили мо чандон биму хатаре барнаангехт. Зеро аз ташвиқу таблиғоте ки сарони давлат ва махсусан доҳии мо Сталин ба мардуми мамлакат талқин менамуданд, дар муқобили қудрату тавоноии СССР ва қувваҳои мусаллаҳи он ҳеҷ давлате истодагарӣ карда наметавонад ва чунин мамлакат мисли Германия ба хоки шӯравӣ қадам нагузошта, дар сарҳадди худаш мағлубу торумор хоҳад шуд.

Лекин сад афсӯс ки чунин нашуд. Маълум шуд, ки аскарони сурх ба ҳуҷуми душман тоб наоварда ақибнишинӣ мекунанд, қисми зиёди хоки шӯравӣ дар муддати кӯтоҳ зери тасарруфи немисҳо гузашт. Як моҳ ду моҳ сипарӣ гашт, шиддати ҷанг торафт зиёдтар мегашт ва ҳолати пурхатари мамлакат дар Самарқанд ҳам эҳсос мешуд. Хусусан ба Самарқанд фавҷ-фавҷ омадани гурезагон аз Полшаву Украина биму ҳароси ҷангро дар ҷоҳои мо пуршиддаттар мекард.

Дар чунин вазъият ба таҳсили курси дуввум шурӯъ кардем. Аз оғози соли хониш як моҳ нагузашта эълон карданд, ки Донишгоҳи Самарқанд баста мешавад ва ба Тошканд мекӯчад. Тамоми донишҷӯён метавонанд озод ба Тошканд гузаранд, онҳое ки намехоҳанд ё наметавонанд ба Тошканд раванд. ихтиёр доранд ҳуҷҷатҳои худро аз донишгоҳ бозгиранд.

Рӯзҳои хеле душвори навмедию вомондагӣ буд. Аз як тараф лашкари фашист бо суръат қисми зиёди хоки шӯравиро забт намуда, ба тарафи Маскав ҳаракат мекард. Биму хавфе ба дил роҳ меёфт, ки мабодо пои лашкари фашистон ба сарзамини мо расад. Аз тарафи дигар қатъ гардидани таҳсили донишгоҳ ҳамаи умеду орзуҳоро барбод дод. Ман ва чанд рафиқонам имконияти ба Тошканд рафтан надоштем. Замони қаҳтӣ буд. Роҳи Тошканд ва идомаи таҳсил дар он ҷо ба рӯи мо баста шуд. Дар Самарқанд ҳам оянда торик буд. Ҷои хондан ва шароити коре карда зиндагиро таъмин намудан ба чашм намерасид. Ман худамро дар саҳрои бе аввалу бе охир танҳову бе кас ҳис мекардам. Умеду орзуҳои ширин ба тундбоди саҳрои махуф нопадид гашта буд...

Зиндагии мардум вазнинтару бенавоёнатар мегашт. Хусусан шароити зиндагии муаллимон мушкилиҳои зиёд дошт. Падарам дар омӯзишгоҳ дарс мегуфт, моҳонааш ба таъмини рӯзгор намерасид. Хоҳарам, ки таҳсили донишгоҳаш қатъ гардид, ба муаллимии мактаб даромада, каме ба оила мадад мерасонид. Додарам Маҳдихон дар омӯзишгоҳ мехонд ва баъд аз таҳсил гову гӯсфандамонро, ки барои таъмини рӯзгор мададе буд, ба атрофи шаҳр бароварда мепоид. Модарам бо хоҳарам Маҳвашхон калапӯш дӯхта мефурӯхтанду ба пули он қути лоямуте меоварданд. Дар оила танҳо ман будам, ки барои пул ёфтан ҳунар надоштам ва рӯзи дароз ба китобхониву навиштан мегузаронидам. Яъсу навмедӣ, рӯҳафтодагиву бедармонӣ ниҳоят азият медод, дарди дилро ба касе гуфта наметавонистам, ҷуз он ки дар дафтари хотирот ин ҳолати худро бо ҳузну андӯҳ бинависам.

Ниҳоят падар барои ман ба воситаи шогирдашон мудири маорифи райони Сиёб Мардонқул Узоқов дар мактабе кори муаллимӣ пайдо кард. Аммо ин кор ба ман маъқул набуд. Барои муаллимӣ ҳам ҷисму ҳам синнам хурд буд ва аз ин сабаб маро танҳо ба таълими синфи якум маъмур карданд. Шогирдони синфҳои боло қариб бо ман баробар буданд ва аз ин сабаб ба ман лақаби "муаллимча"-ро дода буданд. Шояд онҳо ба оҳанги шӯхӣ мегуфтанд, вале ба гӯшам чун таҳқир мерасид.

Ба муаллимӣ дилу бедилон рафта меомадам. Дар дил орзуи ягона – давом додани таҳсил буд. Ниҳоят қарор додам, ки ба курсҳои шабонаи Институти педагогӣ дохил шавам. Курсҳои ӯзбакӣ набуданд, ба курси русӣ дохил шудам. Ҳафтае чор маротиба ба хондан мерафтам. Дар курсҳо одам

кам ва фақат занҳо буданд. Муаллимҳо низ намерасиданд. Дар курси мо аз таърихи адабиёти асрҳои миёнаи Аврупои ғарбӣ ва адабиёти асри XIX рус лексия мехонданд. Дарсҳои пурмазмуни Сойфер ном муаллим аз таърихи адабиёти асрҳои миёнаи Аврупои ғарбӣ ниҳоят ҷолиб буд. Ин марди хушсурат дар солҳои панҷоҳум дар Донишгоҳи Тоҷикистон низ тадрис мекард.

Ҷанг ҳамчунон давом дошт. Зиндагӣ барои муаллимон торафт душвортар мешуд. Хусусан аввали соли 1942 қаҳтиву гуруснагии сахт буд. Бисёр муаллимон ба мактабҳои боғот ва деҳу қишлоқҳои дурдаст рӯй оварданд. Дар он ҷоҳо ба муаллимон барои кишт замин медоданд ва дар вақтҳои ҳосилғундорӣ аз амбори колхоз маҳсулот ҷудо мекарданд.

Дар чор-панҷ километр ҷанубтари Самарқанд боғоти Даштаки Боло (ё Оқмасҷид) воқеъ гашта ва он ҷо мактаби номдори рақами бисту як вучуд дошт. Директори мактаб хатмкардаи омӯзишгоҳи тоҷикии Самарқанд Аббосхон Акрамов буд. Ин шахс ба хотири қадршиносӣ падари ман ва боз чанд собиқ муаллимони худро ба мактаб даъват кард, бо ваъдаи он ки ба онҳо замини кишт ҷудо карда, аз амбори колхоз бо маҳсулоти кишоварзӣ мададгорӣ мекунад.

Падар аз тирамоҳи соли 1942 ба муаллимии мактаби Даштаки Боло шурӯъ кард. Ҳар рӯз масофаи панҷ километрро пои пиёда ду бор (ҳам ба мактаб ва ҳам аз мактаб) тай мекард. Дар рӯзҳои зимистон агар барфу сармо шиддат гирад дар мактаб, дар хонае мехобиданд. Дар Даштаки боло колхози машҳур ба номи "Ленин байроғи" ("Байрақи Ленин") ном дошт ва дар чанд соли ахир раиси колхоз Абдулфаттоҳ Абдуллоев буд. Ин мард дар солҳои НЭП дар тиҷорату молиёти Самарқанд дар мақоми роҳбарӣ буд ва бо бисёр муаллимони шаҳр, аз ҷумла бо падари ман ҳам рафиқу дӯст будааст. Вай аз назди қӯрғони боғи худ барои падарам замини кишт ҷудо кард, то ки фарзандону аҳли оилааш ба киштӣ замини мо назорат кунанд ва дар обдориву обёрӣ кӯмак расонанд.

Баҳори соли 1943 мо картошка шинондем. Падар, ки дар ҷавонӣ ба боғдориву киштукор машғул буд, ҷӯякашӣ, тешаву каландкунии ниҳоли картошкаро худаш анҷом дод ва ману додарам ба он кас ёрӣ медодем. Картошка ва помидор ҳосили хуб дод. Қисме аз картошкаро фурӯхтем, қисми дигарро барои рӯзгор сарф кардем. Тирамоҳ ҳам аз картошкаву сабзӣ ҳосили хуб бардоштем. Аз замини колхоз барои ҳезуми зимистон як беди калон доданд. Мо се кас як бегоҳ то ними шаб бедро афтонда бурида ҳезум карда бо хараробa ба шаҳр бурдем. Хуллас ин зимистон хонаҳо гарм, шикамҳо сер ва димоғҳо "чоқ" буд.

Тирамоҳи соли 1943 ман ба мактаби деҳи Рақабамин (ҳамон мактабе ки Абдулқодир Шакурӣ пеш аз инқилоб ба тарзи нав бино карда, усули ҷадиди таълимро ҷорӣ намуда буд) чун муаллими забону адабиёт ба кор даромадам. Акнун калонтар шуда, касби муаллимиро ҳам ёд гирифта будам. Ғайр аз маоши ҳармоҳа колхоз ало қадри ҳол ба мо бо хӯрокворию маҳсулоти саҳро ёрӣ мерасонид. Ба муаллимони мактаб, аз ҷумла ба ман ҳам барои кишт замин ҷудо карданд ва мо ҷувории макка коридем. Ҳар рӯз ба сари замин омадан ва сабзидану қад кашидани танаҳои ҷувориро тамошо кардан лаззате дошт. Тобистон, вақте ки ҷувориҳо калон шуда нишонаҳои аввалини ҳосил

ба чашм намудор гашт, ба замин об додан лозим буд. Ману як рафиқи давраи омӯзишгоҳам ба номи Қодир Саломов – муаллими ҳамин мактаб, шабонаҳо пиёда ба обёрӣ мерафтем. То аз саргаҳи ҷӯи калон кушодани об торикӣ мефаромад. Дар торикии шаб бо шилдироси гӯшнавоз ба ҷӯяҳои ҷуворӣ равон шудани об ба ҷисму рӯҳи кас оромиву осоиши роҳатафзо ато мекард. Дар сари киштзор нишаста дастурхонро мекушодему ҳар чи аз шаҳр оварда будем, ба иштиҳои соф тановул мекардем. Баъзан дар ин соатҳо як ҷавони савдозада, ки рӯзонаҳо дар ҳамин атроф медидем, каланд дар китф побараҳна бо курта эзори сафед назди мо меомад. Ҷавони ниҳоят хушсурате буд бо чашмони маҳзуну хумор. Дақиқаҳо хомӯш менишаст. Дар дил гоҳ биме пайдо мешуд, ки мабодо ҷунуни вай боло гираду бо каландаш сари мо давад, дар ин шаби торик чӣ метавонем кард.

— Шабона обдорӣ кардан нағз, - мегуфт вай, - касе ба ту кордор нест, ҳама дар хоб... Рӯзонаҳо бачаҳо маро танг мекунанд, ба сарам сангу кулӯх мерезанд...Бачаҳои шум...

Шабе омад, ки мо хӯрок мехӯрему чой надорем. Хомӯш аз назди мо дур шуду баъди ним соат дар чойчӯш оби гарм ва ду пиёлаи сафол оварда.

— Қӯрғони мо наздик, ҳар чи ба шумоён лозим шавад, гӯетон мебиёрам.

Ба ин ҷавони савдоӣ нигоҳ мекардаму Қайси Маҷнун ба ёдам меомад. Хаёл мекардам шояд ишқи нокоме ӯро ба ин савдо оварда бошад.

Дар солҳои ҷанг орзуву умедҳои бо илм машғул шудан, ҷусту ҷӯй намудани китобҳои таърихи гузаштаамон қариб аз сар дур шуд. Бо вуҷуди ҳамин чанд китоби аз сӯхтори соли 37 газанд нодида ба даст омад. Як ҷилди асари олими турк Исмоил Ҳикматро дар таърихи адабиёти қарни 19-и турки усмонӣ хонда баромадам. Эҷодиёти Номиқ Камол ва Зиё-пошшо таассуроти амиқ гузошт. Аз китоби Фаредун Кӯчарлу “Озарбойҷон адабиёти таърихи” бобҳои роҷеъ ба Низомӣ ва Хоқониро мутолиа кардам.

Дар вақти таътили тобистони солҳои 1942-43 баъзан ба зиёрати Гӯри Мир мерафтам. Он ҷо аз хешовандони мо Ниёзхон-амак посбони мақбара буд. Баробари посбонӣ гоҳо ба сайёҳоне, ки ба тамошои мақбара меомаданд, аз таърихи Темуру бинои мақбара нақл мекард. Ниёзхон-амак писари амубузурги ман Қозӣ Абдулҳайхоҷа буд. Чанд вақт дар мадраса таҳсил намуда, аммо ба натиҷае муваффақ нашуда буд. Хати хуби настаълиқ дошт, китобҳои таърихро бисёр мехонд, барои худ ва талабгорон аз китобҳо нусха мебардошт. Ҳамсараш чанд сол пеш фавтида, як писар аз вай монда ва он ҳам ба ҷанг рафта ҳалок гардид. Ниёзхон-амак ҳавлии дурусти меросӣ надошт, баъд аз фавти занаш ба посбонии мадрасаву биноҳои таърихӣ гузашта дар ҳамин ҷоҳо иқомат мекард.

Рӯзҳои тобистон ба Гӯри Мир мерафтам. Ҷои салқину хушҳаво буд. Ниёзхон-амак шавқи маро ба таъриху китобҳои таърихӣ дида аз замонҳои қадими Самарқанд нақлҳои ҷолиб мекард. Гоҳо дастнависе ба даст дарорад, онро хонда шарҳу эзоҳ медод. Боре дастнависи форсудаеро нишон дода гуфт, ки ин “Тузуки Темур” аст ва онро худи амир Темур аз саргузашту ҷангу юришҳояш таълиф кардааст. Ҳамон рӯз чанд сафҳаи китобро хонд. Рӯзи дигар дафтари конспектҳоро оварда хоҳиш намудам, ки “Тузуки Темур”-ро хонад ва ман ба хати худам нависам. Ҳамон рӯз ду-се саҳифа навиштам.

Дидам, ки кор душвор аст, хоҳиш намудам дастнависро чанд рӯз ба ихтиёри ман вогузорад, то онро ба дафтарам гузаронам.

Дастнависи "Тузуки Темур" бе аввалу охир буд. Бо вуҷуди ҳамин ин дастнависро ба дафтарам ба хати арабии навомӯхтаам навишта гирифтам. Навиштаҳоям дар дафтари конспектҳои китоби Бертелс ва китоби Жуковский (дар бораи Анварӣ) ҳоло дар даст аст.

Дар аввали тобистони соли 1944 дар чанд рӯзномаи ҷумҳуриявӣ эълон баромад, ки имсол дар Донишгоҳи Тошканд факултаи шарқ ташкил мешавад бо шӯъбаҳои форсиву арабию туркии усмонӣ. Баъд аз хатми таҳсил донишҷӯён метавонанд муаллими забонҳои шарқ шаванд ё дар соҳаи илм кор кунанд ё дар риштаҳои дипломатӣ маъмурият дошта бошанд.

Ду-се сол буд, ки дар бораи ояндаи худ ва идома додани таҳсил дар ягон донишгоҳ фикр намекардам. Ояндаи касбу кору машғулиятам чандон равшан набуд. Муаллимӣ? Ҳеч гоҳ ба ин кор рағбату шавқ надоштам. Шеъру мақола ё мухбириву рӯзноманигорӣ? Дар Самарқанд ва хусусан дар солҳои ҷанг барои матбуоту нашрияи тоҷикӣ майдон танг буд. Дар ду соли охир радиои Самарқанд барномаҳои тоҷикӣ ташкил намуда, ғайр аз ахбору иттилоияҳои расмӣ мусиқии тоҷикӣ ва порчаҳои адабӣ аз шеъру ҳикояҳои нависандагони тоҷик пахш мекард. Муҳаррир ва наттоқи доимии ин барнома аз дӯстони мактабии ман буд. Бо тарғиби вай чанд бор аз радио баромад карда, баъзе порчаҳои адабии худ ё адибони дигарро қироат мекардам. Машғулиятҳои адабии радио маро ба навиштани шеъре дар мавзӯи ақибгоҳи ҷанг тарғиб намуд. Ин шеъре буд дар шакли қасида зиёда аз панҷоҳ байт дар бораи духтари деҳотие, ки баъд аз ба фронт рафтани номзади дӯстдоштааш ба ҷои вай сари рули трактор нишаста, корҳои мардҳоро анҷом медиҳад. Дӯстам гуфт, ки ин шеърро бояд аз тариқи радио бихонам. Лекин пеш аз ин мо бояд шеърро аз назари устод Айнӣ гузаронем. Гуфтам, ки ҷуръат намекунам пеши устоди бузургвор рафта, шеъри шогирдонаи худро бихонам. Дӯстам гуфт, ки "ман барои машварат дар мавзӯи барномаҳои тоҷикӣ назди устод гоҳо меравам ва ишон ҳамеша маро хуб қабул мекунанд".

Хуллас, назди устод рафтем. Ман шеърамро зери арақи шарму ҳаяҷон ба устод хонда додам. Устод хомӯш бо диққияти тамом шеърро то охир гӯш кард. Гуфт, ки аз радио хондан мумкин аст. "Лекин, - гуфт он кас, - шунавандаҳо гумон намекунанд, ки ин шеърро як шахси ҷавон навиштааст..." Дар охир гуфт, ки ин шеърро ба Сталинобод ба иттифоқи нависандагон ба номи Раҳимӣ фиристам, зеро он кас роҳнамои шоирони ҷавон аст, шояд ки ба шумо машварате диҳад.

Ман шеърро аз тариқи радио хондам, баъд ба Сталинобод фиристодам. Ҳоло аз ин шеър нусхае дар даст надорам. Чанд сол пеш шахсе ки дар музей-хонаи Раҳимӣ кор мекард, гуфт, ки шеъри ман дар байни коғазҳои архиви Раҳимӣ нигаҳдорӣ мешавад. Ҳавсала накардам, ки рафта он шеърро аз назар гузаронам.

Ин буд шарҳи баъзе корҳои "эҷодӣ" дар солҳои душвори ҷанг. Вале ин ҳама лаҳзаҳои тасодуфӣ буданд, ки ба роҳе ҳидоят намекарданд. Дар ин солҳо мисли мусофири гумшудаи кӯчаҳои сарпечу сарбастаи шаҳр будам, ки қадам мезадаму аммо мақсад чист, кучо бояд рафт ва охири роҳ дар кучост -

намедонистам. Эълони рӯзнома дар бораи кушода шудани факултаи шарқ гӯё барқе буд, ки ғайри чашмдошт бидурахшиду умеди пайдо кардани роҳи равшану мустақимро дар дилам бедор кард. Бе ихтиёр азми қатъӣ кардам, ки бояд барои таҳсил ба ин донишкада равам. Роҳи дуруст, роҳи ояндаи ман ҳамин аст.

Баъд аз андешаҳои бисёр аз ин мавзӯъ пеши падар гап кушодам. Падарам вазъи ноҳамвори маро медид, ҳис мекард. Бинобар ин қасди маро писандид. Албатта ба шаҳри дигар рафта таҳсил кардан мушкилиҳои моддиву иқтисодӣ дошт. Маълум буд, ки падар ба ман мадади моддии ҳармоҳа карда наметавонад. Лекин ҳамоно дилаш гувоҳӣ медод, ки агар ба Тошканд, ба ҳамин донишкадаи бонуфуз равам, корҳо кушоиш хоҳад ёфт.

Дар оилаамон тадриҷан ҳама ба рафтани ман ба Тошканд ҳамраъй мешуданд. Азми маро шунида холабачаам Надимхон Беҳбудӣ хоҳиш намуд, ки ӯро низ ҳамроҳ ба Тошканд гирам. Надимхон саввумин писари Масъудхон Беҳбудӣ - писари калонии Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ буд. Масъуд Беҳбудӣ бо холаи ман Саидахон издивоҷ карда ва ба ҳамин тариқ мо бо хонадони Беҳбудиҳо хешӣ пайдо карда будем. Қиссаи издивоҷи Масъудхон ба холапошшоям аҷиб аст.

Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ғайр аз он ки дар шаҳри кӯҳна дар гузари Ёминӣ ҳавлии бошукӯҳе дошт, дар шаҳри нави русӣ ҳам ду ҳавлии калон бино карда буд. Яке барои идораи маҷаллаи "Оина" ва қабули меҳмонони расмиву урупой, дигаре барои иқомати оилаи худ. Модаркалонам - ояпошшоям дар шаҳри "урусҳои кофир" зиндагӣ кардани Маҳмудхоҷа ва дар мактаби "урусӣ" хонда тарбия гирифтани писари ишон Масъудхонро шунида, ҳеҷ розӣ намешавад, ки духтарашро ба шаҳри "урусҳо" дода фиристад. Фақат бо ташвиқ ва ҳатто таҳдиди бародараш Аббосхон, ки шахси равшанфикри он замон буд, ояпошшо дилу бедилон ба никоҳи Масъудхону духтараш розӣ мешавад.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ баъд аз Масъудхон боз ду писар ва як духтар дошт: Мақсудхон, Матлубхон, Сурайёхон. Баъд аз марги фоҷеавии Беҳбудӣ дар Қаршӣ бачаҳо бе парастор мемонанд. Аҳли оила ба ҳавлии гузари Ёминӣ мекӯчанд. Масъудхон дар идораҳои шаҳр ба ҳайси тарҷумон (аз русӣ ба тоҷикӣ) адои хидмат мекард.Дар аввали солҳои сивум ҳавлии Ёминиро фурӯхта, дар гузари Хоҷачӯн Хоҷа қисми калони ҳавлии ояпошшоро харидорӣ намуда, ба ҳамсоягии модарарӯсаш мекӯчад. Додари калонии ишон Мақсудхон, ки ҷавони таҳсилдида буд, дар бисту панҷсолагӣ дар асари бемории шуш фавт мекунад. Бародари хурдӣ Матлубхон солҳои сол дар райониҳои дурдасти Тоҷикистон ба касби муаллимӣ машғул шуда, аз ҳамин ҷо соли 1943 ба ҷанг меравад ва дар майдони ҳарб ба ҳалокат мерасад. Масъудхон то солҳои сиву панҷ дар нашриёти давлатии Тоҷикистон (дар Самарқанд), дар идораи рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ хидмат мекунад. Баъд аз ин ба Сталинобод омада, солҳои дароз ба ҳайси тарҷумон ва адиб дар нашриёти давлатии Тоҷикистон кор мекард. Дар аввали солҳои панҷоҳум ба сабаби бад шудани сиҳҳаташ ба Самарқанд омада, дар ҳамин ҷо дар синни панҷоҳу чаҳор солагӣ (соли 1953) аз ҷаҳон чашм пӯшид. Аз Масъудхон чор писар монд: Шавкат, Мидҳат, Надим, Назир, ки мо то охир ёру бародар ва

аксар вақт хамроҳу ҳамзист будем.

Инак Надимхон, писари чоруми Масъудхон азми дохил шудан ба факултаи шарқи донишгоҳи Тошканд кард. Мо қарор додем, ки дар аввали моҳи август ба Тошканд сафар карда, ҳуҷҷатҳоро ба комиссияи қабул супорем ва масъалаи имтиҳоноти дохилшавиро низ муайян намоем.

Ба Тошканд рафтанамон барои волидайни мо чандон боиси ташвишу хавотир набуд. Зеро бародари калонии Надимхон - Шавкатхон дар идораи округи ҳарбии Туркистон дар шӯъбаи разведка дар хидмати ҳарбӣ буд. Дар аввали ҳамин тобистон Шавкатхон ба хоҳарам Ҳумоюнхон издивоҷ карда ва дар тадоруки он буд, ки завҷаашро ба Тошканд барад. Яъне мову Надимхон дар Тошканд ҷои иқомат доштем ва аз ин лиҳоз худамон ҳам то андозае осуда будем.

Соли 1944 ҳанӯз ҷанг ба охир нарасида ва ҷадвали омаду рафти поездҳо хеле бе низом ва харидани билет ҳам ниҳоят душвор буд. Мо билет надоштем. Поезди Тошканд дер карда омад. Бо Надимхон аз як вагон ба вагони дигар давида, аз кодукторҳо хоҳиш мекардем, ки моро ба пули нақд то Тошканд расонанд. Касе аз кондукторҳо ба ин розӣ намешуд. Хавфи он буд, ки поезд ба ҳаракат медарояду мо аз роҳ боз мемонем. Ниҳоят қарор додем, ки ба паси вагон гузашта ба зинапоя нишаста як-ду стансия тай кунем, шояд ягон кондуктор ба ҳоли мо раҳм карда ба даруни вагон роҳ диҳад.

Мо ба зинапояи вагоне нишастем. Поезд ба ҳаракат даромад. Шаббодаи сард мевазид ва мо бо либосҳои тобистона хунук хӯрдем. Ба даруни тамбур даромадем. Ҳанӯз ба стансияи Куропаткино нарасида, ду-се милисионер омада аз мо билет ва ҳуҷҷат пурсид. Бе билет ба Тошканд равона будани моро фаҳмида амр карданд, ки ҳамроҳи онҳо ба вагони якум роҳ гирем. Вагони якум қариб холӣ буд ва дар тахтахобҳо чанд ҷавон ва ду-се марди ӯбадапӯш хобида буданд. Тирезаҳои вагон панҷараҳои оҳанин дошт. "Моро ҳабс карданд, Надимхон, акнун ҳоламон чӣ мешуда бошад?" - бо тарсу ларз гуфтам ман. Бо вуҷуди тарсу ларз дар хомӯшии вагон ва ҷои хоби аниқ хоб бурдаст моро.

Баъд аз чанд соат садои милисионерҳо моро бедор кард. "Канӣ, як қатор шуда ҳама аз вагон бароед" - амр дод яке аз милисаҳо. Ҳама берун баромада дар як ҷо ғун шудем. Баъд чор милиса бо тапончаҳои бе ғилоф дар даст моро иҳота карда ба роҳ дароварданд. Ман ба тоқи вокзал нигоҳ кардам, ки ин ҷо стансияи Ховост будааст. Моро ба шаҳр ба милисахона дароварданд. Ҳама хомӯш болои харакҳо ҷой гирифта, мунтазир будем, ки дигар чӣ хоҳад шуд.

Чанд дақиқа гузашта буд, ки ду нафарро ба дарун пеши сардор дароварданд. Баъд аз чанд хомӯшӣ аз дарун садои омирона баланд шуд: "в камеру", яъне ба маҳбас. Дар дил боз биме пайдо шуд: наход моро ҳам ба маҳбас фиристанд. Охир навбати ману Надимхон расид. Сардори милиса ҳуҷҷатҳои моро ба диққат санҷида баромад. Баъд гуфт, ки барои бе билет ба поезд даромадан фалон қадар ҷарима диҳед. Ҷаримаро гирифта гуфт, ки "ба шумо ҷавоб, лекин дигар ба поезд бе билет надароед."

Мо ба перрон омадем. Болои харак шишта каме хӯрок хӯрдем. Аз ҷадвали ҳаракати поездҳо фаҳмидем, ки поезди навбатӣ ба Тошканд баъд аз чор соат, бомдод меояд. Дар касса билет набуд. Поезд омад, аммо билет

надоштем. Як кондуктори ӯзбек ҳамоно ба мо раҳм карду ба маблағи муайян моро ба вагонаш гирифт. Баъд аз чор соат ба Тошканд расидем. Аз рӯи адреси пешакӣ хонаи Шавкатхонро ёфта рафтем. Моро хуб пазирой кард. Хайрият Донишгоҳ аз ҷои иқомати вай - аз бозори Алай дур набудааст. Баъд аз як-ду соат ба Донишгоҳ рафтем. Декани факултаи навбунёд Абдураҳмон Ҳамроев ном марди хушсурати профессорнамои айнакдор самарқандӣ будани моро фаҳмида ба тоҷикӣ гап зад. Маълум шуд, ки вай аслан аз Бухоро будааст. Ҳуҷҷатҳои моро қабул кард. Ҳар ду ҳам дипломи аъло доштем. Гуфт, ки мо бе имтиҳони қабул ба факулта дохил мешавем. Баъд аз ду рӯз дар бораи ба таҳсили факултаи шарқ қабул шуданамон ҳуҷҷат гирифта метавонем ва баъд дар аввалҳои сентабр ба хондан омадан мумкин аст.

Ба ҳамин тариқа, охири сафарамон ба хайр анҷомид, корамон осон шуд. Хушу хурсанд ду-се рӯз Тошкандро тамошо карда ба Самарқанд бозгаштем. Акнун тайёриву омодагии зиндагии ғарибонаи Тошкандро дидан лозим буд. Кори Надимхон саҳлтар буд, зеро вай дар паноҳи бародари калониаш буд. Аммо ман бояд зиндагии мустақилонаи худро ташкил диҳам, ки ҳам қути лоямут ҳосил шаваду ва ҳам таҳсил бо муваффақият идома ёбад.

Баъд аз омадан зуд бо мактаби Раҷабамин ҳисобӣ кардам. Ҷувориҳои расидаро ғундошта, ба ҳавлӣ овардам, қисмеро фурӯхта, барои хариди либосҳои зимистонӣ захира кардам ва қисмашро барои эҳтиёҷи оилаамон вогузоштам.

Ниҳоят охири моҳи август озими Тошканд шудем. Хоҳарам Ҳумоюнхон ҳамроҳи мо буд. Модараму холапошшоям ба гусели мо баромаданд. Поезд набуд, дар касса билет ҳам намефурӯхтанд. Дар вокзал як шабу як рӯз хобида ва боз бе билет ба кӯмаки як кондуктори тошкандӣ ба поезд савор шудем. Роҳамон рост ба Тошканд буд.

ФАСЛИ ДУВВУМ. ТОШКАНД

ФАКУЛТАИ ШАРҚ

Ба Тошканд баъд аз бисту ду соат расидем. Шаҳри ноошно, шаҳри сарпӯшида, асроромез ва мисли тилисмоте буд барои ман. Бо ин ҳама бегонагӣ дар ин шаҳр гаронбаҳотарин чизи гумкардаи худро пайдо кардам: давраи нави таҳсили илм. Илме, ки боре ба муҳотаи бӯстони ӯ расида, вале бӯе набурда, неъмате ба даст наёварда ва самаре ба коми дил наёфта, онро гум карда будам. Инак, расидан ба орзуву умедҳои дил дар ин шаҳри бегона, ноошно, пурасрор гармиву сурури ниҳонӣ дар ҳастӣ барангехта буд. Аз ин сабаб ноҳамвориву душвории зиндагӣ, ки ғайри чашмдошт аз пеши мо баромад, заррае ба навмедиву рӯҳафтодагӣ сабаб нашуд.

Омадем ба Тошканд, ки Шавкатхон набуд, ба муддати даҳ — понздаҳ рӯз ба сафари Маскав рафтааст. Дар ду хоначаи хурде, ки дар ҳавлии коммуналии сохти пеш аз инқилоб воқеъ буд, ҷой гирифтем. Дар хоначаҳо ду- се каравоти оҳании ҳарбӣ гузошта шуда ва -шароити маҳдуди хуфту хоб муҳайё буд. Дигар ҷои шусту шӯй ва хӯрокпазӣ дар саҳни ҳавлӣ буд. Азбаски

ҳуҷҷати иқомати Тошканд надоштем, карточкаи нон надоданд ва нону хӯрокворирo ба нархҳои гарон аз бозор харидорӣ мекардем. Захирае, ки барои сару либоси зисмистонӣ оварда будем, ҳама масрифи озуқаворӣ гардид.

Шукр, ки Шавкатхон аз сафар баргашту таъмини зиндагӣ ба ӯҳдаи он кас гузашт. Миқдори муайяни озуқаворӣ, ки ба ишон аз идораи ҳарбӣ мерасид, сатҳи зиндагии моро дар ҳадди эътидол нигоҳ медошт.

Рӯзи аввали соли таҳсил аз тадриси забонҳо шурӯъ шуд. Донишҷӯёнро ба чанд гурӯҳ ҷудо карда, ба таълими забонҳои инглисӣ, форсӣ, арабӣ, туркӣ шурӯъ карданд. Эълон карданд, ки то курси саввум тадриси забон ва дарсҳо барои ҳама умумӣ аст. Аз курси чорум донишҷӯёнро аз рӯи тахассус ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд: тахассуси филологияи эронӣ, арабшиносӣ ва таъриху забону адабиёти туркии усмонӣ. Донишҷӯён пас аз хатми факулта дар риштаҳои таълим, таҳқиқу тадқиқи илмӣ ва инчунин дар ифои вазифаҳои дипломатӣ хидмат хоҳанд кард. Ба назарам, тахассуси саввум бештар ҷавонони "дипломатшавандаро" ҷалб карда буд. Аксари ҷавонҳо хушлибос, олуфта ва муддай буданду донишҷӯёни бечораву бенаворо чандон писанд намекарданд. Вале қариб ҳамаи ин олуфтаҳо баъд аз нимсолаи аввал ва хусусан баъд аз хатми курси аввал аз нақшаву чашмдоштҳои худ навмед шуда, хонданро тарк карда рафтанд.

Муаллими аввалини забони форсӣ дар таълими хату хондан Муталлибов ном марди тахминан панҷоҳсолаи миёнақад бо ришу мӯйлаби сиёҳ буд. Баъд аз ду-се дарс дид, ки ман ба таълими алифбо ва давраи саводомӯзии форсӣ эҳтиёҷ надорам, аз хонааш китобе оварда мунтахаботи "Гулистон", то ки дар вақти дарс ба хондани он машғул бошам. Бо ман ба забони тоҷикӣ ҳарф мезад. Рӯзе маро ба хонааш бурд ва дидам, ки бо ҳамсар ва фарзандонаш низ ба тоҷикӣ гап мезанад. Баъдтар фаҳмидам, ки Муталлибов аз эрониҳои Бухоро буда, дар мадраса низ таҳсил намуда, забону адаби форсиро хуб медонист. Хати зебои настаълиқ дошт. Забони форсиро дар клосс ба талаффузи эронӣ тадрис мекард. Аз ин ҷо натиҷа гирифтам, ки ӯ шояд дар донишгоҳи баъди инқилоб дар факултаи шарқ таҳсил дида бошад. Дар ҳар сурат усули таълими Муталлибов барои донишҷуён мувофиқ буд ва онҳо хондану навиштани форсиро зуд ёд гирифтанд.

Дарси дигаре ки маро тамоман шефтаю мафтун кард, забони арабӣ буд. Сохтор, рӯҳу оҳанги ин забон дунёи нав буд ва аз соатҳои аввалин бо муҳаббату ҷиддияти тамом машғули омӯзиш шудам. Сабаби ба дил наздик шудани забони арабӣ ба устод ва усули тадриси вай низ ба дараҷаи зиёде вобаста буд. Муаллими забони арабӣ Евгения Бетгер ном зани тахминан панҷоҳсола, хатмкардаи собиқ факултаи шарқшиносии ҳамин донишгоҳ дар солҳои сивум будааст. Усули тадриси вай таълими урупоии забони арабӣ буд ва ин усул барои донишҷӯёни гурӯҳи мо созгор омад. (Ба гурӯҳи дигар Содиқ-домулло ном марди ӯзбек бо усули тадриси қадими мадрасавӣ таълим медод.) Грамматикаи арабиро ба осонӣ аз худ мекардам, ҳикояву амсолҳои арабӣ, ҳадисҳои набавиро аз рӯи хрестоматия аз бар менамудам.

Забони саввуми шарқӣ забони туркии усмонӣ буд, ки устоди он марди озарбойҷонӣ ба номи Юсуф Зиёӯғли Шервонӣ буд. Ин марди олуфта ва ба

худ мафтун забони форсиро ҳам хуб медонист. Дар навиштани хатҳои настаълиқ, насх, арабии хоссаи туркӣ хеле моҳир буд. Агар ба дарс додан ҳавсала надошта бошад, аз саргузаштҳои худ воқеаҳои аҷибу ғариб ва пандомӯзро дар тахайюлоти худ бофта ҳикоя карданро дӯст медошт. Забони туркии усмониро хуб медонист, аммо таълими қоидаҳои илмии онро намедонист. Аз ин сабаб бештар дар тахтаи клосс аз нависандагони турк порчаҳои ҳикояту қиссаҳо менавишт ва мо онро ба дафтарҳо мекӯчонидем. Пас луғатҳоро шарҳ медод, баъд навиштаҳоямонро қироат мекардем. Аз грамматикаи забони туркӣ маълумоти ниҳоят ноқис меовард. Ба ҳамин тариқ аксари шогирдон дар муддати се сол аз тадриси забони туркии усмонӣ баҳрае ва натиҷае набардоштанд.

Дар факултаи Шарқ тадриси забонҳои русиву инглисӣ ҳам мавқеи муҳимм дошт. Аммо таълими ин забонҳо бо тахассуси умумии факулта камтар алоқаманд буд. Аз ҷумла омӯзиши забони русӣ ба мо натиҷаи дилхоҳ наовард. Ҳар чи аз русӣ омӯхта будам, натиҷаи заҳамоти муаллимони худораҳматӣ Орлов ва Волошин, инчунин ҳосили машғулиятҳои мустақилонаи худам буд.

Бояд гӯям, ки тадриси забони инглисӣ аз курси чаҳорум хеле пурбор ва натиҷабахш буд: ҳам дар қоидаҳои забон, ҳам дар машқҳои гуфтутӯй, ҳам дар хондани матнҳои илмӣ ва ҳам дар иртибот бо тахассуси шарқшиносӣ.

Баробари дарсҳои тахассусӣ мо курсҳои барои тамоми донишгоҳҳои шӯравӣ мутадовилро таҳсил мекардем: таърихи ҳизби коммунистӣ, иқтисоди сиёсӣ, материализми таърихӣ, материализми диалектикӣ ва ҳоказо. Ин мавзӯъҳо барои ман нав набуд, аз онҳо дар вақти таҳсили солҳои донишгоҳи Самарқанд огаҳӣ доштам.

Дар солҳои ҷанг иддаи зиёде аз донишмандони машҳури шарқшиноси Ленинграду Маскав ба Тошканд кӯчида буданд ва онҳо дар муассисаҳои илмии Академияи Ӯзбекистон ва Донишгоҳ кор мекарданд. Декани факултаи Шарқ Абдураҳмон Ҳамроев чанд тан аз ин донишмандонро барои тадрис ба факулта даъват намуд. Ва мо ба ин тариқа ба дидан ва шунидани дарсҳои донишмандони номвари кишвари шӯравӣ шарафёб шудем. Ба ман пеш аз ҳама дидан ва шунидани чанд соат дарси Евгений Эдуардович Бертелс саодати бузурге буд. Чанд сол пеш аз ин асари донишманди бузургро ба номи "Персидская поэзия в Бухаре X в." хонда ва аз ҳамон вақт мухлис ва муриди вай гашта будам. Инак ӯ дар клосси факултаи мо пеши шогирдони навомӯз нишаста, аз таърихи адабиёти форсӣ лексияҳои хулосавӣ мехонад. Шахси камгӯшти ришдор назди мизи муаллимӣ дар курсӣ такя карда бе ҳеч коғазу ёддошт ба забони фасеҳ, ба овози хеле форами мусиқӣ саҳифаҳои таърихи адабиёти ғании моро оромона варақ мезад. Бертелс чунон хушоҳанг ва чунон пайваставу ногусиста сухан меронд, ки гумон мекардед вай на сухан меронад, балки китоби худро барои мо қироат мекунад. Шеърҳои форсӣ мехонд ва дафъатан ба русӣ тарҷумаи шоиронаи таҳтуллафз мекард. Симои ниҳоят нуронӣ дошт, гӯё шаъшаъаи шеъри форсӣ дар рухсораҳои вай мунъакис мегашт.... Ин буд таассуроти нахустине, ки аз дидор ва гуфтори донишмандонаи Бертелс пайдо шуду як умр дар хотири ман нақш баст.

Аз устодони забардасти ленинградӣ Андрей Николаевич Кононов (аз

соли 1974 академик, он вақт 38 сол дошт) аз грамматикаи забони туркии усмонӣ, Евгений Беляев аз муқаддамоти арабшиносӣ як сол сол - якуним сол ба мо дарс гуфтанд. Аз таърихшиносони номии рус Иля Павлович Петрушевский аз таърихи мамолики Шарқи Миёна ва Наздик ду сол лексия хонд. Аз ин донишманд боз сӯҳбат хоҳам кард.

Дар нимаи дуввуми соли хониши аввал Михаил Степанович Андреев ба мо дарси забони форсиро оғоз намуд. Ин олими номвар, ки ҳам пеш аз инқилоб ва ҳам баъди инқилоб дар таҳқиқ ва тадриси фарҳангу этнографияи тоҷикон хидматҳои басо шоистае кардааст, аз тадриси забони классикии форсӣ бо ғуйиши тоҷикӣ шурӯъ намуд. Хеле хурсанд буд, ки дар гурӯҳи на чандон калони вай ду ҷавони тоҷик таҳсили илм мекунанд. Андреев одами нарму чеҳракушод ва бе такаллуфу оддӣ буд. Ба талаффузи тоҷикии луғатҳо ва аз ёд намудани матн ва хусусан шеърҳо диққати махсус медод. Ман ҳарчанд бо бисёр матнҳои классикии устод ошно ва онҳоро хонда будам, вале дар дарсҳои вай бо шавқу иштиёқ иштирок мекардам. Вай чунин кӯшоӣ ва шавқу ҳаваси маро дида, муносибати хеле меҳрубонона ва падарона мекард.

Михаил Степанович зодаи кишвари мо буд. Вай соли 1873 дар Тошканд ба дунё омад ва тамоми ҷавонию фаолияти ояндаи илмию таълимиаш дар Ӯзбекистону Тоҷикистон гузашт. Солҳои 1914 – 18 дар риштаи маорифи мардуми маҳаллии Хуҷанду Самарқанд кор кардааст. Вай аввалин ректори Институти шарқшиносии Тошканд буд. Андреев устоди баргузидаи забони форсию тоҷикӣ буд. Баробари ҳамин дар таърихи мардумшиносии мардуми Осиёи Миёна ва махсусан тоҷикони кӯҳистону Помир чун донишманди тавонову пурмаҳсул маъруфият дошт. Дар натиҷаи омӯзиши забону урфу одати тоҷикон дар байни мардум ва дар дохили ноҳияҳои тоҷикнишин Андреев на фақат осори илмии пуразиш таълиф намуд, балки нисбат ба мардуми тоҷик меҳру муҳаббати самимие пайдо кард. Осори илмии Андреев ва ҳамсари мардумшиноси вай Антонина Писарчик саҳифаҳои дурахшони тоҷикшиносӣ маҳсуб мешавад. Андреев аз соли 1929 узви пайвастаи Академияи илмҳои СССР ва аз соли 1943 узви вобастаи Академияи илмҳои Ӯзбекистон буд. Бо вуҷуди мавқеи шоиста ва мӯҳтарам доштанаш дар кишвари ӯзбекон муҳаббати бузургаш ба тоҷикон буд, ки ба даъвати Бобоҷон Ғафуров бо ҳамсараш ба Тоҷикистон омад. Баъд аз фавташ дар соли 1948 ҳамсараш Писарчик кори ӯро давом дод. Китобхонаи ниҳоят бой ва пурбаҳои Андреевро ба Академияи илмҳои Тоҷикистон тӯҳфа кард.

Омадем ба сари қиссаи худ. Дар муддати се-чор моҳ ба Тошканд одат кардем, бо ҳамкурсону ҳамсабақон унс гирифтем, дар назари муаллимон ба меҳрубониву эҳтироми онҳо сазовор гаштем.

Зимистони соли 1944 хеле сахт омад. Либос ва пойафзори дурусти гарм надоштам. Аз пулҳои захирашуда каме сарф карда, аз бозори Бешяғоч як палтои гарму як ботинкаи коргарӣ харидам. Палто аслан формаи коргарони роҳи оҳан будааст, ки соҳибаш арзон дод. Хоҳарам тугмаҳои оҳанини тамғадор ва погонҳои онро канда як намуди палтои граждани дод ва дар сармои пуршиддати Тошканд ин палто садди балои ҷон шуд.

Таътили зимистонӣ сар шуду зуд роҳи Самарқандро гирифтам. Аҳли хонавода ва шаҳрро хеле пазмон шуда будам. Чанд рӯз дар хуфту хӯрди

оромонаву болаззат ва зиёрати амакҳову хешовандон гузашт. Аз сӯҳбату дидори падар, меҳрубониву навозишҳои модар ва бозиву шӯхиҳои додару хоҳарон ҷисму рӯҳ ғизо гирифт. Рӯзҳои таътил зуд гузашту боз хумори Тошканд, хумори донишгоҳ боло шуд.

Дар нимсолаи дуввум ба Тошканд хеле хӯй гирифтем, ба дараҷаи зиёд тошкандӣ шудем. Зиндагии якҷоя бо хоҳарам, шавҳари он кас - холабачаам Шавкатхон ва Надимхон ҳисси ғарибиро сабуктар мекард. Шароити зиндагии хобгоҳи Донишгоҳ ниҳоят бад буд, бинобар ин Шавкатхон майл накард, ки ман ба он ҷо равам. Дар охири зимистон ба Шавкатхон аз кӯчаи Железняк (наздики бозори Туркман ва дар ақиби театри Навоӣ) як хонаву даҳлези истиқоматӣ доданд. Мо ҳамагӣ ба ин хонаи кӯҳна кӯчидем. Насиба чунин будааст, ки ҳамин хонаву ҳамин кӯча то охири иқоматам дар Тошканд манзилгоҳи ман ва холабачаҳоям гардид.

Дар ин муддат дар факулта аз тошкандиҳо ва донишҷӯёни маҳалҳои дигар чандин дӯсту рафиқ пайдо кардам, ки риштаҳои дӯстӣ бо чанде аз онҳо то имрӯз маҳкаму пойдор аст. Яке аз онҳо Азизхон Қайюмов аст, ки фарзанди муаллими куҳансоли хӯқандӣ будааст. Дабири аввали ҳизби Ӯзбекистон Усмон Юсупов, ки ба воситае бо падари Азизхон шинос будааст, истеъдод ва одобу хулқи ҳамидаи ҷавонро дида, ба Тошканд оварда, ба ҳамин факулта ба хондан гузошта ва аз хонаи худ ба вай ҷои иқомат тахсис намудааст. Азизхон ҷавони хушсират ва хушсурат, хоксор ва ҳалиме буд, ки то хеле вақт бо чунин шахси машҳур наздик буданашро ҳеҷ маълум намекард. Вай шеър менавишт, шеърҳояш бад набуданд, аксар дар мазоқи классикӣ. Инро ҳам мо баъдтар фаҳмидем. Рафиқи дигар Абдулқодир Ҳаитметов аз сокинони Тошканд буд ва дар канори шаҳр – Қуйлуқ дар ҳавлии падару модараш мезист. Бисёр шеър мехонд ва шеър медонист, худаш ҳам шеърҳои хуб менавишт. Ин ду рафиқи ман ошиқ ва рағиби таҳқиқ ва омӯзиши адабиёти ӯзбек буданд ва ҳадафи ишон ин буд, ки барои амиқтар ва ҷиддитар омӯхтани таърихи адабиёти узбек забони форсӣ ва арабиро аз худ кунанд. Дӯсти ҳамаи мо Убайдулло Каримов буд. Ин кас аз мо панҷ-шиш сол калонтар ва иштирокчии ҷанги ватанӣ буд. Марди қоматбаланди зардинарӯй ва чашмкабуди тотор монанд ва дар хислат хеле хоксор буд. То дер вақт намедонистем, ки ӯ пеш аз ҷанг институти технологии Тошкандро тамом карда, диплом ҳам гирифта будааст. Маълум шуд, ки вай ба ин факулта барои омӯхтани забони арабӣ ва форсӣ дохил шудааст, то ки барои таҳқиқи таърихи илми шарқ ва хусусан улуми табиӣ заминаи мустаҳкам дошта бошад. Дӯстии мо, ки дар донишгоҳ реша гирифта буд, баъдҳо дарахти тануманде гашту шоху баргҳои он барои илми адабиётшиносии ӯзбеку тоҷик самарҳои муфиде бор оварда.

Баъд аз як-ду моҳи оғози нимсолаи дуввуми таҳсил рӯзе Михаил Степанович Андреев маро ба деканат даъват карда гуфт:

— Ман аз хондану кӯшиши донишҷӯён қонеъ ҳастам. Шумо ҳам хуб мехонед, таҳсили шумо барои ояндаи тоҷикон судманд аст. Акнун лозим аст, ки кружоки илмии донишҷӯёнро созмон диҳем. Ин барои ҷавонон аҳамияти калон дорад. Шумо ташкили кружокро ба ӯҳда мегиред, ман роҳнамоӣ мекунам ва то охири сол кружок бояд ба фаолияти илмӣ сар кунад. Рӯзи истироҳат ба манзили мо мебиёед, бо шумо роҳҳои ташкили кружокро маслиҳат мекунем.

Ҳавлии Андреев дар Тезяково ном маҳалли Тошканд (дар ҷануби вокзал, дар рохи аэропорти пешинаи шаҳр) воқеъ гардида буд. Ин маҳаллаи иқомати мардуми рус ҳанӯз пеш аз инқилоб пайдо шуда буд. Манзили аксари онҳо ҳавлиҳои калоне буд, ки дарахтҳои меваю сояафган ва заминҳои обчакорӣ дошт. Ҳавлии Андреев хеле калон буд, аммо дарахту сабза камтар дошт. Ба назарам, Андреев ва завҷааш барои киштукорӣ обдории замин камтар фурсату ҳавсала доштанд.

Андреев нахуст маро бо китобхонаи калону пурганҷи худ шинос кард. Чунин китобхонаи бои шахсиро бори аввал медидам. Баъзе аксу албомҳоеро, ки аз вақти иқоматаш дар Деҳлӣ ва фаолияти илмиаш дар Тошканд ба ёдгор монда буд, нишон дод. Сипас пешхидматзан барои мо чою ширинӣ оварда. Ва ниҳоят Андреев нусхаи оинномаи кружоки донишҷӯёни собиқ факултаи шарқи донишгоҳи Тошкандро ба ман дод ва гуфт:

— Ин кружок дар аввали солҳои бист дар вақти декани факултаи шарқ буданам ташкил шуда буд. Ана аз ҳамин оиннома истифода бурда, дастури нав тартиб диҳед. Баъд ман дида мебароям.

Ба хона омада, зуд ба тартиб додани оиннома шурӯъ кардам. Баъд аз он ки тамом кардам, аз назар ва таҳрири Андреев гузаронидам. Пас аз як моҳ маҷлиси аввалини кружокро даъват кардем. Дар маҷлис ғайр аз Андреев декани факулта Ҳамроев ширкат дошт. Оинномаро қабул карданд, маро раиси кружок интихоб намуданд ва фармуданд, ки маҷлиси якуми илмиро ташкил кунам ва он ҷо баромади Андреев ва Бетгерро дар бораи солҳои бистуми факултаи шарқ ва муҳити илмии донишҷӯёнаш гӯш кунем. Ин аввалин муваффақияти ман дар корҳои илмию ташкилии факулта буд. Дар ин ҷода боз ҳам дӯстони зиёде ва тарафдорони иқдомоти худро пайдо кардам.

Дар ин моҳҳо знааму хоҳарам аз афсарони тоҷик, ки дар қисмҳои округи ҳарбии Туркистон кор мекарданд, ошноҳои хубе пайдо карданд. Рӯзе ҳангоме ки аз аввалин меҳмондории тоҷикон бозгаштанд, хоҳарам дар бораи ду нафар самарқандии навошноашон нақл кард. Яке аз онҳо нависанда Фотеҳ Ниёзӣ_ном доштааст. Вай дар редаксияи тоҷикии газетаи ҳарбии "Фрунзеветс" муҳаррир будааст ва аз хоҳарам шеърнависию адабиётдӯстии маро шунида, таъйин кардааст, ки ҳатман назди он кас биёям.

Баъд аз ду-се рӯз ба идораи газета омадам, рухсатнома гирифта ба идораи редаксия даромадам. Маро ҷавони навчаи либосҳои шинами ҳарбӣ дар тан бо погони майор қабул кард. Чеҳраи кушод ва хандаи ҷаззоби он кас маро зуд ба худ ҷалб намуд. Ин ҷавон Фотеҳ Ниёзӣ буд.

— Ман падари шуморо медонам, дар мактаби якум мудир буданд ва ба мо дарс медоданд,— гуфт Ниёзӣ баъд аз салому пурсупосҳои гарм.

Ниёзӣ аз вазъи зиндагӣ ва рафти таҳсили ман ба тафсил суол кард ва гуфт, ки дар редаксия баъзе корҳо ҳаст аз тарҷумаю таълиф, агар шумо ба иҷрои ин корҳо қодир бошед, барои зиёд кардани малакаи эҷодӣ ва дуруст кардани вазъи зиндагӣ кӯмак хоҳад шуд. Пас як очерки хурд ва чанд мисраъ шеъри русиро барои тарҷума дод. Ман чунин корҳоро аз ин пеш накарда будам, лекин ҷуръате пайдо шуду бо ваъдаи иҷрои кор супоришҳои ишонро қабул кардам.

Он рӯз оғози шиносоии ман бо Фотеҳ Ниёзӣ буд. Ин ошноӣ тадриҷан ба

дӯстиву бародарии наздик мубаддал гашт. Дар рӯзҳои ғарибӣ ва камошноӣ, ҷустуҷӯҳои роҳи зиндагӣ ёриву дӯстии Ниёзӣ барои ман қуввати дил шуд. Ишон ҳам ёрии маънавию ҳам мадади моддӣ расониданд. Дертар маро ба доираи сӯҳбатҳои нависандагони тоҷик, дӯстону рафиқонаш, ки ба Тошканд ба меҳмонӣ меомаданд — Турсунзода, Деҳотӣ, Улуғзода ва дигарон — ворид намуд. Ниёзӣ одами покизакор, ба дӯстону ҷавонон ғамхор, дар иҷрои ваъдаву қавл бовафо ва боҳиммат буд.

Хоҳарам аз меҳмонони он маҳфил аз Кибриё Лутфуллоева ном хонуме нақл намуд. Гуфт, ҷавонзани зебо, доно, хушсухан ва аз самарқандиҳои асил будааст. Дар округи ҳарбии Туркистон кор мекунад ва баробари ин аз радиои Тошканд барномаҳои тоҷикиро мехонад. Кибриё Лутфуллоева гуфтааст, ки ман ҳатман он касро дар идораи радио бубинам, ба онҳо диктори тоҷик лозим аст, агар садову хонданам мувофиқ афтад, ба дикторӣ қабул мекунанд.

Номи Кибриё Лутфуллоева ба ман ошно буд. Дар баъзе китобҳои адабии нашри Сталинобод номи ин зан ба чашмам расида буд. Номи Кибриё Лутфуллоева дар қатори тартибдиҳандагони китоби машҳури "Намунаҳои адабиёти тоҷик" дар соли 1940 дар хотирам нағз нақш баста буд. Ва ҳоло ин зани адиба мехоҳад маро бубинаду чун диктори тоҷик ба кор гирад.

Дар яке аз рӯзҳои аввали баҳор ба дидори Кибриё Лутфуллоева ба идораи радиои Ӯзбекистон рафтам. Дар хонаи калони муҳаррирони радио дар паси стол зани ҷавони мӯйбуридаи либоси ҳарбии занона дар бар бо нишони лейтенантӣ нишастааст. Лутфуллоева ҳатман ҳамин зан аст дар дил гуфтам ман. Кибриёхонум бо лабханду табассуми оташафрӯзи чашмонаш маро пешвоз гирифт. Аз аввали сӯҳбат хеле хоксор ва бетакаллуфона аз ҳолу аҳвол ва хондани ман пурсуҷӯй намуд. Сипас ба сари мақсад омад.

— Мо чанд нафар тоҷикони равшанфикр ин ҷо барномаи тоҷикӣ ташкил намудем. Ҳар рӯз як бор ахбор пахш мекунем ва ҳар ҳафта як ё ду маротиба консерти тоҷикӣ мешунавонем. Мехостам, ки диктории ин барномаҳоро ба ӯҳдаи шумо гузорем, то кори ман сабуктар шавад.

Ҳамон соат ба дастам як порча аз хабарҳои тоҷикӣ дод ва гуфт, ки "шумо инро хонед, такрор кунед, ман рафта студияро барои гӯш кардани овозатон омода мекунам". Он чи ба ман дода буд, назди микрофон хондам, чандон дар ҳаяҷон ҳам набудам. Шояд аз он сабаб буд, ки аз ин пеш дар Самарқанд чанд бор аз студияи радио баромад карда будам. Садоям, оҳанги хонданам ва талаффузам ба дикторӣ мувофиқ омад. Пас аз ду рӯз маро ба вазифаи дикторӣ қабул карданд.

Ҳар рӯз баъд аз соати ҳафт, баъди ахбори ӯзбекиву русӣ ахбори тоҷикӣ мехондам, ҳафтае ду бор аз сабтҳои навори "тонфилм" консертҳои мусиқии тоҷикӣ пахш мекардем. Дикторҳои овозадори ӯзбек шоир Ҳамид Ғулом ва шоир Туроб Тӯла буданд. Онҳо садо ва оҳанги гуфтори маро писандиданд. Дӯстони аввалини ман дар радио ҳамин ду нафар буданд.

Хондан ва корҳои ҷамъиятӣ дар нимаи дуввуми сол дар факулта бо муваффақият ҷараён дошт. Маро ба сафи комсомол қабул карданд. Илова ба кори кружоки илмӣ ба кори газетаи деворӣ ҳам ҷалб карданд. Вазъи зиндагӣ беҳтар мешуд, аз ҷиҳати маънавӣ ва рӯҳонӣ ҳам эътиқоду устувориам

бештар мегардид. Дар поёни соли таҳсил рӯзи мубораки Ғалабаи Ҷанги бузурги ватанӣ омад. Шукӯҳу тантанаву шодии бузурги ин рӯзу ин соатро аз ҳамсолону шарикон шояд ман бештар ҳис карда бошам.

Дар идораи радио 8-ми май гуфтанд, ки мо бояд дар сари кор бошем, зеро фармони сарфармондеҳ Сталин меояд, онро ба се забон хондан лозим аст. Бевақтии шаби 8-ми май матни фармони Сталин омад, ба тоҷикӣ Исҳоқ Маҳвашев тарҷума кард. Аз соати 6 рӯзи 9-ми май сар карда, ҳар соат фармони Сталинро ба забонҳои ӯзбекию тоҷикию русӣ мехондем. Дар кӯчаҳои атрофи бинои радио ва гулгашти рӯ ба рӯй мардум дар либосҳои идона иҷтимоъ карда мераҳсиданд, суруд мехонданд, ашкҳои шодӣ мерехтанд... Ин рӯзи офтобии равшану мунаввар ҳеҷ аз ёд намеравад... Аз ёд намеравад, ки муждаи ин рӯзи бузурги таърихиро ба забони тоҷикӣ аз радиои Тошканд ман пахш кардам.

Соли аввали таҳсили донишгоҳ ба охир расид. Дар пеш ду ним моҳ таътил буд. Ин муддати дарозро дар Самарқанд дар бекорӣ гузаронидан аз рӯи салоҳият набуд. Чанд вақт пеш устоди забони арабиам хонум Беттер пешниҳод кард, ки дар вақти таътил дар Институти дастнависҳои шарқии Академияи улуми Ӯзбекистон ба ҳайси лаборант кор кунам, шояд барои ояндаи корҳои илмӣ таҷрибае ҳосил гардад. Ба ин пешниҳод розӣ шудам - таҳти роҳбарии директори институт профессор Александр Александрович Семенов кор кардан шарафи бузурге буд.

Ҳар рӯз соати нӯҳ ба кор мерафтам. Он вақт бинои Институт дар охири кучаи Ленин (ҳозир хиёбоне ки ба майдони намоишҳо наздик аст) мунҷар ба кӯчаи Сталин воқеъ гардида буд. Семенов маро хуб пазируфт. Як дастнависи таърихиро пешам монд, онро мехондаму вай ба дастнавис нигоҳ мекард ва хондани маро ба диққат гӯш мекард. Гуфт, ки саводам нағз аст, метавонам дар тадқиқи дастнависҳо кор кунам. "Ин албатта дар оянда мешавад" - гуфт ва маро пеши як нафар ходими илмӣ ба шогирдӣ гузошт, то бо роҳбарии он шахс бо сохтору навиштаҷоти дастнависҳо ошно шавам. Ман ҳар рӯз то соати ду дар Институт кор мекардам, баъд ба хона омада хӯрок мехӯрдаму истироҳат мекардам. Бегоҳ ба радио ба кори дикторӣ мерафтам.

Як моҳи таҷрибавӣ дар Институт ба охир расид. Ғайр аз мададгорӣ ба он шахси китобшинос, аз рӯи тавсияи Семенов дастнависи "Таърихи Муқимхонӣ"-ро мехондам. Семенов дар ҳар ду-се рӯз ним соат "Таърихи Муқимхонӣ"-ро хононда маънии баъзе калимаву ибораҳоро мепурсид, агар нафаҳмам шарҳи муфассал медод. Ба ҳамин тариқа, дар зарфи як моҳ бо анвои дастнависҳо ва хусусиятҳои онҳо, каме бошад ҳам бо тарзу усули роҳбарии илмии чунин шахси номдор мисли Семенов ошно шудам.

Дар радио низ кор мекардам. Кибриёхонум ба ман чун додараш ғамхорӣ мекард. Рӯзе дид, ки каме лоғар ва либосҳои тобистониам кӯҳнаву фартут шудааст, гуфт:

— Расулхон, пули дикторӣ ба хаёлам ба шумо камӣ мекунад. Самарқанд рафтанӣ ҳастед, ба пеши падару модар бо либосҳои нав рафтан лозим аст. Фардо ба хона биёед, як-ду ҳикояи хурди Абдуллоакаро ба шумо медиҳам, тарҷума кунед, каме пул кор кунед. — Баъд хандида илова кард.- Абдуллоака, яъне Абдулло Қаҳҳор, нависандаи узбек. Мо ду - се моҳ пеш издивоҷ кардем.

Акнун нависандаи ӯзбек язнамуллои шумо мешаванд.

Ин хабар ғайри чашмдошт буд. Кибриёхонум забони ӯзбекиро хеле бад медонист ва ба омӯхтани ин забон чандон рағбате ҳам надошт. Чӣ хел вай бо нависандаи номдори ӯзбек ошно шудааст ва акнун онҳо байни худ чӣ хел гуфтугӯй мекарда бошанд.

— Ҳайрон шудед-а? Чӣ тавр хоҳари шумо шавҳари ӯзбекро интихоб кардааст. Он кас аслан тоҷик ҳастанд, аз тоҷикони атрофи Хӯқанд, мо ба забони тоҷикӣ ба ҳам ошно шудем, ба забони тоҷикӣ зану шавҳар шудем ва дар хона ба забони тоҷикӣ гап мезанем.

Кибриёхонуму Абдулло Қаҳҳор дар кӯчаи Жуковский иқомат доштанд. Саргаҳи кӯча маҳалли иқомати табақаи ашрофи зиёиёни Ӯзбекистон буд. Дар ҳавлиҳои (котеҷҳои) пеш аз инқилобии мансабдорони рус имрӯз шахсони маъруфи Ӯзбекистон истиқомат доштанд. Иқоматгоҳи Абдулло Каҳҳор аз ду хонаи калон, ошхона ва ҳуҷраҳои дастшӯиву таншӯй иборат буд. Хона ҷиҳозу мафрашу мебелҳои ба назар намоён надошт. Дар хонаи калони умумӣ нишаста будам, ки Абдулло Қаҳҳор марди тахминан чилсолаи қоматбаланд ва хушсурат аз хонаи хоб баромад.

- Ана, Абдуллоака, диктори ҷавони тоҷики ба шумо маъқул ҳамин кас, Расулхон Ҳодизода ҳастанд. Худо хоҳад тарҷумони аввалини шумо ба забони тоҷикӣ мешаванд. - Кибриёхонум хушҳолона маро ба шавҳараш шиносонд.

- Ҳа, то ҳол як худатон будед, Кибриёхон, акнун ду кас шудетон, худо хоҳад маро ба асли тоҷикиам мерасонетон, - бо табассум гуфт Абдулло Қаҳҳор.

Абдулло Қаҳҳор каси камгап буд, аммо бо мутояба ва шӯхиҳои пурзарофат сухан мекард. Тоҷикиро хуб ҳарф мезад, ҳарчанд осори талаффузи ӯзбекӣ ҳис карда мешуд.

Он рӯз Кибриёхонум палави хушмазаву хушбӯй пухт. Дар вақти рафтанам ду ҳикояи ҳаҷвии Абдулло Қаҳҳорро барои тарҷума дод. Тарҷумаи ҳикояҳоро баъди чанд рӯз пеши Абдулло Қаҳҳор ва Кибриёхонум хондам. Абдулло Қаҳҳор дар чанд ҷои тарҷумаро тасҳеҳ намуд, Кибриёхонум ҳам сабку услуби ҳикояро беҳтар сохт, то ба оҳанги навиштаҳои нависанда наздик шавад.

Ҳикояҳоро аз радио хондам, ҳаққи қалами тарҷумаро гирифтам, аз пули он сару либосҳоро нав карда, озими Самарқанд шудам. Кибриёхонум каме пулу савғотӣ барои падару модараш дод ва як конвертро бо номаи худаш ба ман супурда гуфт:

- Ин конвертро ба дасти падарам медиҳед, зеро ин мактуби маро фақат он кас хонда метавонанд. Ба хати арабӣ навиштам, арабие, ки падари бузургвор худашон ба ман омӯхта буданд.

Таътил дар Самарқанд хуб гузашт. Сабаби ин пеш аз ҳама поён ёфтани ҷанги чорсолаи пурдаҳшат буд. Сатҳи зиндагӣ ҳарчанд ҳанӯз баланд набуд, аммо оромию осудагӣ ҳам дар фазои шаҳру ҳам дар симою рӯҳи мардум ҳис карда мешуд. Чанд рӯз ба дидору сӯҳбати падару модар, амаку амакбачаҳо гузаронидам. Падарам аз дидор ва аз кору хонданам шоду қонеъ буд. Тавфиқу барори кор дар таҳсил, дар корҳои ҷамъиятӣ, дар Институти дастнависҳо, дар радио, шиносҳои нави тоҷику ӯзбек, ки ба ман роҳнамоию мададгорӣ мекарданд, падарамро шод гардонид. Хусусан ҳаррӯза шунидани садои ман аз радиои

Тошканд боиси осудагӣ ва ифтихори падару модар буд.

Баъди як-ду рӯзи омаданам ба Самарқанд ба дидори падари Кибриёхонум — Лутфулло-махдум рафтам. Падарам ишонро дар ҷавонӣ дидаву ҳамсӯҳбат шуда будааст. Хоҳарам Маҳвашхон бо духтари хурдии ишон дар Донишгоҳи Самарқанд таҳсил мекардааст ва боре ба ҳавлии онҳо рафта, ба дидори Лутфулло-махдум расида будааст.

Дар роҳрави ҳавлӣ додари Кибриёхонум пешвоз гирифту ба айвони сояву салқин бурд. Дар айвон рӯи кат мӯйсафеде болои кӯрпачаҳо ба паҳлӯ ёзида буд. Ин кас Лутфулло-махдум – падари Кибриёхонум буд. Он чи аввал ба назар расид, риши дарози сафеди мисли абрешим маҳини он кас буд. Мӯйсафед дар сар калапӯши "ҳоҷигӣ", дар тан куртаву эзори суфи оҳарӣ дошт ва болояш бо ҷойпӯши тунук пӯшида буд. Болои кат поёни пои Лутфулло-махдум ҷой гирифтам. Баъд аз пурсупос аз Тошканд, аз аҳволи ман, аз падару амакҳои ман, Лутфулло-махдум гуфт:

- Авлоди шумоён, хоҷагони мираконӣ одамони мутабаррак ҳастанд. Қариб дувоздаҳ сол дар маҳкамаи қозӣ Эсохону Қозӣ Абдулҳайхоҷа - амакбобоҳоятон мирзо шуда кор мекардам, дар иҷрои муҳиммоташон хидматгузор будам. Қиблагоҳии шумову амакҳотонро дар ҳамон ҷоҳо дида будам. Бобою амакҳотон одамони табаррук буданд, ҷояшон ҷаннати таҳтуланҳор аст.

Лутфулло-махдум каме ба хаёл фурӯ рафта, баъд пурсид:

— Оҷизаи мо чӣ тур аст? Шунидам ба никоҳи нависандаи ӯзбак даромадааст. Аз кадом ӯзбакҳо бошад домод?

— Домод аслаш тоҷик будаанд. Одами хеле хуб, хеле меҳрубон. Ҳардуяшон тоҷикӣ гап мезананд. Ду-се бор дар хонаашон будам, нависандаи калон бошанд ҳам, хеле хоксор ҳастанд.

Лутфулло-махдум чашмонашро пӯшида ба андеша фурӯ рафт ва баъд гуфт:

- Кибриёпошшо барои ман ҳам духтару ҳам писар буд. Аз бачагиаш зираку хушзеҳн буд, шеърфаҳм буд. Шеърҳоро зуд аз ёд мекард. Худам ба вай алифбои арабиро ёд додам. Дар як сол китобҳои форсиро мехондагӣ шуд. Ҳар куҷо бошад, саломат бошад, худо аз офаташ нигоҳ дорад.

Ман дар ин сафар ва дар сафарҳои дигар ба дидори ин мӯйсафеди нуронӣ мерафтам. Одами хеле шӯх, зариф, улфат буд он кас. Аз саргузаштҳои худаш, аз ҳикоёти гузаштагон чизҳои аҷиб нақл мекард. Чанд қитъа шеърро бо хати ҷалии худ ба расми тӯҳфа ба ман эҳдо намуд.

Тобистони соли 1946 бо хоҳиши Кибриёхонум Лутфулло-махдумро ба Тошканд бурдам. Ба ин сафар қиблагоҳии ман ва бародарам Маҳдихон ҳампой карданд. Онҳоро ба як мошини боркаш савор карда, худам бо поезд ба Тошканд рафтам. Лутфулло махдуму падару бародарам як шаб дар Ҷиззах хоб карда, рӯзи дуввум бегоҳӣ ба Тошканд расиданд. Абдулло Қаҳҳор ҳам падари худро аз Хӯқанд даъват карда будааст. Кибриёхонум ба ҳар ду мӯйсафед хонаи маҳрамона ҷудо карда дод ва муйсафедон ба ҳам унс гирифта, чанд рӯз ҳамсӯҳбату ҳамхоб буданд. Падари Абдулло Қаҳҳор саллаву ҷома надошт, калапӯши чустиву камзӯли сиёҳ пӯшида, дар ваҷоҳат шахси оддии деҳотӣ менамуд. Ба забони тоҷикии лаҳҷаи кӯҳистонӣ гап мезад.

Баъд аз понздаҳ-бист рӯз Лутфулло махдуму падару бародарам боз бо мошини боркаш ба Самарқанд бозгаштанд.

Соли 1945 Шавкатхонро ба Туркманистон ба хидмат фиристоданд. Дар хонаи кӯчаи Железняк ману Надимхон танҳо мондем. Кормандони идораи ҳарбӣ чизу чораҳои ба амонат додаи худро гирифта рафтанд. Дар хонаи калони холӣ ману Надимхон бо як каравоти нимкора ва чанд кӯрпаву лӯлаи аз хоҳарам монда зиндагӣ сар кардем. Дару тирезаи хона рост ба кӯча мебаромад. Дар ҳавои гарм баъди дарс ҳар ду берун баромада, дар лаби ҷӯйча шолча партофта дар карасинка хӯрок пухта, чой ҷӯшонда менишастем.

Аз курси дуввум олими номдор, археологи машҳур Шишкин аз таърихи Осиёи Миёна лектсия мехонд. Ин устоди пурдониш аз ҷой нахеста, сар аз дафтари навиштааш набардошта бо садои паст сухан меронд, ки дар аудуторияи калон шунидани гапаш душвор буд. Илова бар ин донишҷӯён аз суханронии дилгиркунандаи устод ба танг омада, байни худ сӯҳбат мекарданд ва дар натиҷа дар толор ғулғуле ба миён меомад. Шишкин ба ҳамаи ин эътино накарда, ба хондани лектсия саргарм буд. Гоҳо ғулғули донишҷӯён аз ҳад гузарад, мегуфт: "Товарищи, прошу тишину, ведь я сам себя еле слышу" "Рафиқон, хоҳишмандам хомӯширо риоя кунед, охир ман овози худамро худам ба зӯр мешунавам." Хулоса, аз ин устоди пурдон баҳраи дуруст бардошта натавонистем.

Аз нимаи дуввуми курси дуввум барои донишҷӯёни факулта профессор Иля Павлович Петрушевский (1898-1977) аз таърихи кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна ба лексия сар кард. Шунидани дарси устоди бузургвори Донишгоҳи Ленинград барои мо шарафи бузург буд, ҳарчанд на ҳама донишҷӯён ба қадри ин неъмат мерасиданд. Петрушевский портфели калони пурбор дар даст чубук, гӯё ба дарс дер карда бошад, ба клосс дохил мешуд. Портфелро болои миз мегузошт ва дар таййи тамоми дарс боре онро намекушод. Дар ёдаш буд, ки дарси гузашта дар куҷо ва дар кадом воқеаи таърих қатъ ёфта буд. Зикри мухтасаре аз он воқеа карда ба дарси нав мегузашт. Вай ба забони фасеҳу равшани русӣ сухан мекард ва суханҳояш равон, бурро ва хушоҳанг буданд. Дар вақти хондани лексия каме бошад ҳам наменишаст. Номи ашхос, шаҳру билоду мамлакат, унвони китобу маъхазҳо ва санаҳои таърихиро дар тахта менавишт, то мо дар дафтар бе хато сабт кунем. Баъд аз ҳар ду лексия Петрушевский барои суолҳои мо вақт ҷудо мекард.

Петрушевский аз мутахассисони номдори таърихи Эрон дар давраи пас аз истилои муғул буд. Хусусан дар таърихи элхониёни Эрон дар асри 13 донишманди тавоно буд. Ҳангоме ки аз таърихи элхониён дарс мехонд, гӯё қиссаи дилангезе мегуфту мо гӯшу ҳуш шуда гӯш мекардем. Баъд аз чанд лексия ҷуръат карда ба Петрушевский гуфтам, ки аз таърихи ҳамин аср мавзӯе пешниҳод кунад, то дар кружоки илмии донишҷӯён гузориш намоям. Петрушевский дар ҷавоб зуд мавзӯи Ғозонхон ва Рашидиддинро пешниҳод кард. Давраи ҳукмронии Ғозонхон, ки ислом оварда буд, солҳои шукуфоии давлати элхонӣ ва илму адаби мусулмонии Эрон буд. Вазири Ғозонхон Рашидиддин, донишманд ва таърихшиноси машҳур,асари бузургтаринеро

ба мисоли доиратулмаорифи таърихӣ бо номи "Ҷомеуттаворих" бо мададу ҳамкории муаррихони маҳалливу муғул ба вуҷуд оварда буд. Хуллас, Рашидиддин симои бузурги тамаддуни эронии давраи ҳукмронии элхониён - хонадони охирини чингизиён дар Эрон буд.

Симои Рашидиддин ва шахси Ғозонхон торафт маро бештар ҷалб менамуд ва дар муддати ду моҳ аз рӯи адабиёти забони русӣ ва инглисӣ маводи бисере ҷамъ оварда, ба навиштани маърӯзаи илмӣ шурӯъ кардам. Маърӯзаро менавиштаму дар гӯшаи хаёлам фикре меомад, ки кош маро қудрати нависандагӣ бошад, ки дар бораи замони Ғозонхон ва нобиғаи аср Рашидиддин романи таърихӣ таълиф кунам. Ба назарам, ин аввалин орзуи ба асарҳои бадеии таърихӣ рӯй овардани ман буд. Ва баъд аз бист сол ба остонаи ин орзу расида, нахустин қиссаи таърихии "Бӯи ҷӯи Мӯлиён"-ро таълиф намудам.

Дар аввали моҳи май дар кружоки илмии факулта маърӯзаи худро ба ҳукми устодон ва донишҷӯёни факулта баровардам. Иля Павлович ба гузориш баҳои хуб дод. Донишҷӯён ҳам аз рӯи дӯстиву рафоқат ва мазмуни ҷолиби гузоришам таҳсину офарин гуфтанд. Ин аввалин маҳсули кӯшиши илмӣ буд, ки ба шакли мақола ҳозир карда будам. Шояд ҳамин мақола ва роҳнамоии Петрушевский буд, ки роҳу услуби ояндаи таҳқиқ ва таълифи маро дар илм муайян намуд. Бинобар ин то имрӯз симои нуронӣ ва пур аз дониши устоди шодравон Иля Павлович Петрушевскийро бо арзи миннатпазирӣ ва меҳри гарми шогирдона пос медорам.

Петрушевский баъд аз як сол, яъне баҳори соли 1947 лексияи худро ба охир расонида ба Ленинград рафт. Вай дар он ҷо дар Академияи илмҳо ва дар Донишгоҳи Ленинград машғули тадрис ва таҳқиқоти илмӣ буд. Дар ин солҳо асарҳои бузургтарини худро доир ба таърихи давраи истилои муғул дар Эрон таълиф намуд. Ман асарҳои вай, ҳатто мақолаҳои хурдтарини ӯро пайдо карда мутолиа мекардам ва як ҷаҳон дониш меандӯхтам. Хусусан китоби Петрушевский "Ислом дар Эрон" аз китобҳои рӯимизии ман аст. Қабраш пурнур бод!

* * *

Дар соли дуввуму саввум факултаи мо аз факултаҳои номдори Донишгоҳ буд. Баъд аз мо ҳам ба факулта аксар донишҷӯёни шавқманди илм ва таърихи шарқ, донишҷӯёни хушодобу бофазилат дохил шуданд. Дар факулта муҳити созгори таҳсил ва ҷамъияти ба ҳам дӯст ва пурмеҳри ҷавонон гирд омада буд. Ҳаёти оромона, ҳаёти солиму мусолиматомез ва маҳдуд дар доираи расмияту талаботи идораҳои болоӣ идома дошт.

Аз соли 1947 дар ҳаёти факулта табадуллоти мусбат, ҷунбишу ҷӯшу хурӯши нави ҷавонона оғоз ёфт. Ҳамаи ин ба фаолияти ташкилоти нави комсомолии факулта вобаста буд. Дар ин сол ба котибии кумитаи комсомоли факулта Азизхон Қайюмов баргузида шуд. Ин ҷавони вазнин, камгап ва камомезиш ба ҷамъият баъд аз ба котибӣ интихоб шуданаш каси дигар шуду дар ҳаёти факулта низ нафаси тоза ворид намуд. Ҳамон ғайрату фаолияти пуркоронаи Усмон Юсупов, сӯҳбату насиҳатҳои хонагии ин шахси

фавқулоддаи сиёсатмадор ҳамоно ба Азизхон таъсири худро гузошта буд. Азизхон дар фазои факулта гӯё ҳамон фаолияти ташкилотчигии Усмон Юсуповро ҷорӣ мекард. Бо ғайрати Азизхон фаолияти кружои илмиро бештар густариш додем. Аз ҳамин сол сар карда маъруфияти кружок дар байни донишҷӯён ва иштироки донишҷӯён дар кружок зиёдтар ва фаолтар гашт. Баъд аз дарс дар байни донишҷӯён сӯҳбатҳои гуногун ташкил мекардем: дар бораи шарқшиносони машҳур, донишмандони бузурги шарқ, шоирони форсизабон, хусусан Саъдиву Ҳофиз. Қаблан ба шогирдҳо мефармудем, ки онҳо ғазалҳои ин шоиронро аз бар кунанд ва дар маҳфил қироат намоянд.

Яке аз навсозиҳои шахсан Азизхон ташкил намудани мулоқоти донишҷӯёни факулта бо олимон, шоирон ва шахсони баргузидаи илму маданияти Ӯзбекистон буд. Мулоқоти мо бо шоир Ғафур Ғулом, шоир ва олим Мақсуд Шайхзода, бо файласуфи номдори ҳамон солҳо Воҳид Зоҳидов ва хусусан бо ректори Донишгоҳ Султон Умаров хеле пуршавқу пурзавқ гузашта буд. Барномаҳои тоҷикии радиои Тошканд дар байни донишҷӯён шӯҳрат дошт. Оҳангҳои тоҷикӣ ва суруду мусиқиҳои Шаҳидиву Юдакову Бурҳонову Левиев ҷавонони факултаро мафтун карда буд. Азизхон ва боз ду-се нафар аз ҳамкурсон хоҳиш намуданд, ки чанд суруди тоҷикиро бо оҳанги биёмӯзам, то дар маҳфилу маҷлисҳо мусиқии тоҷикӣ садо диҳад. Ба ҳамин тариқа, чанд суруди тоҷикиро, аз ҷумла "Ба чашмонат қасам", "Як бӯса", "Бути нозанинам"-ро овозхони ҷавони радио ба донишҷӯёни ихтисосии факулта биёмӯхт. Мо ин сурудҳоро хор шуда, дар маҳфилҳои мулоқоти шахсони бузург мехондем. Дар мулоқоти Султон Умаров ҳатто ансамбли навбунёди тоҷикиро даъват кардам, ки маҷлиси моро гарму тарабангез намояд.

Дар аввалҳои баҳори соли 1948 дар Тошканд маҷлиси пуршӯкӯҳе ба ифтихори 500 солагии таваллуди Навоӣ барпо гардид. Ин ҷашн, ки мебоист соли 1941 баргузор гардад, ба сабаби оғози ҷанги немисҳо созмон наёфта буд. Ба ин ҷашн аз Тоҷикистон устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ ташриф оварданд. Онҳо дар меҳмонхонаи номдори ҳамон солҳо "Натсионал" ҳар ду дар як хонаи муҷаҳҳаз иқомат доштанд. Ман ҳанӯз пеш аз маҷлиси тантанавӣ ба зиёрати устод Айнӣ рафта будам ва дар ҳамин ҷо бори аввал ба дидор ва сӯҳбати устод Лоҳутӣ расидам. Донишҷӯёни мо омадани ду тан симои бузурги адабиёти тоҷикро шунида, илтимос намуданд, ки онҳоро ба мулоқоти факулта даъват намоям. Боз ба дидори ду устоди бузургвор рафтам. Устод Айнӣ узр оварда, ки сиҳҳаташ чандон хуб нест ва дар ин вазъ ба мулоқоти ҷавонон рафтанро муносиб намедонад. Устод Лоҳутӣ зуд розӣ шуд ва ба устод Айнӣ рӯй оварда гуфт:

— Тоҷикҳо мегӯянд, ки "асои пир ба ҷои пир".

— Устод шумо худ ҳам пир ҳастеду ва ҳам асои маҳкам, - бо табассум дар ҷавоб гуфт Айнӣ. - Ва ҷавонона қадам ҳам мезанед. Муносиб он аст, ки шумо ба мулоқоти ҷавонон равед.

Мо ба эҳтироми Лоҳутӣ ва бо назардошти ҷамъ омадани шумораи зиёди шавқмандон қарор додем, ки мулоқотро дар толори калони Донишгоҳ гузаронем. Дар толори Донишгоҳ иҷтимои бузурги донишҷӯён ҳозир буданд: донишҷӯёни факултаи мо, инчунин тоҷиконе, ки дар факултаҳои дигари донишгоҳ таҳсил мекарданд. Аз устодон ва донишҷӯёни ӯзбек ҳам иддаи зиёди иштиёқмандон гирд омада буданд.

Маҷлисро Азизхон Қайюмов ба забони тоҷикӣ кушод. Тоҷикӣ гуфтанам сабаб дорад. Ҳарчанд ба мо забони форсиро ба гӯиши эронӣ таълим медоданд, аммо доншҷӯёни узбек ба талаффузи эронӣ одат карда натавониста, ба лаҳҷаи тоҷикӣ ҳарф мезаданд. Дигар маҷлис аз аввал то охир ба забони форсию тоҷикӣ буд. Ҷавонону духтарон устодро хайра мақдам мегуфтанд, табрик менамуданд, шеърҳои лирикӣ ва сиёсии ишонро ба забони форсию тоҷикӣ қироат мекарданд. Сипас Лоҳутӣ ба сухан баромад. Мазмуни суханҳои ишон иҷмолан ҳамин буд:

— Ман имрӯз худамро на танҳо дар Машриқзамин, балки дар як гӯшаи Эрони худам ҳис мекунам. Шумо имрӯз ба забони халқи ман, ба забони ман, ба забони форсие, ки мардуми Осиёи Миёнаву Эрону Ҳинду Румро дар қарнҳои гузашта ба ҳам мепайваст, ба забони тоҷикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ватани дуввуми ман сухан кардед. Забони форсие, ки имрӯз шумо дар донишкадаи Шарқ таҳсил мекунед, барои омӯхтани таърих ва гузаштаи тамаддуни мардуми Осиёи Миёна, Эрон, Ҳиндустон кӯмак хоҳад кард. Бо ин забон шумо метавонед муносибат ва робитаҳои илмию фарҳангии байни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Эрону Афғонистонро ривоҷу равнақ бидиҳед.

Баъд аз суханрониҳо хори суннатии факултаи мо оҳангҳои тоҷикиро бо шеъри Лоҳутӣ иҷро кард. Ҳангоме ки донишҷӯён суруди "Бути нозанинам"-ро сар карданд, Лоҳутӣ ба ваҷд омада, аз қатори якум ҷаҳида ба саҳна баромад ва дар қатори донишҷӯён рост истода ба оҳанги ин суруд ҳамсозӣ кард.

Маҷлиси мулоқоти Лоҳутӣ ба донишҷӯён таассуроти амиқ гузошт, ки дер вақт онро ба ёд меоварданд. Барои ман низ ин дидори фаромӯшношуданӣ буд. Ин мулоқоти аввалин ва охирини ман буд бо устод Лоҳутӣ. Мутаассифона, дигар саодати ба сӯҳбату дидори ишон расидан ба ин ҷониб муяссар нагардид.

* * *

Солҳои донишҷӯӣ зуд мегузаштанд. Аз курси чорум гурӯҳи филологияи эрон ташкил шуд ва мо ҳамон дӯстони наздик на зиёда аз понздаҳ нафар дар ин гурӯҳ шомил гардидем. Дӯстиву рафоқатамон қавитар, ақлу хирадамон комилтар ва синну соламон ҳам болиғтар мешуд. Афсӯс, ки дар солҳои охир дарсҳои тахассусӣ ва устодони моҳиру номдор камтар шуданд. Михаил Степанович Андреев дар охири соли 1946 ба Сталинобод рафт. Устодони шарқшиноси маъруфу машҳур ба шаҳрҳои худашон – Маскаву Ленинград рафтанду дигар бознагаштанд. Юсуф Шервонӣ баъд аз курси саввум ғоиб шуд ва баъд аз ӯ омӯзиши туркии усмонӣ низ матрук монд. Евгения Бетгер - ягона устоди забони арабӣ ба усули аврупоӣ фавтид ва ҷойгузини вай дигар касе нашуд. Омӯзиши забони арабӣ дар курсҳои охирин бе низому систем буд аз ҷониби устодони мадрасадидаи ӯзбек. Аз дарсҳои муҳимтарине, ки дар курсҳои охирин дар хотир дорам, таърихи санъат ва меъмории Осиёи Миёна буд, ки донишманди маъруф Пугаченкова тадрис менамуд. Дигар курси таърихи адабиёти форсу тоҷик буд, ки онро Александр Николаевич Болдирев дар курси панҷум дар муддати ду моҳ барои мо дарс дод. Ин лексияҳо дар сатҳи баланди шарқшиносии рус ва аврупоӣ буд - ба

мо ҳам дониши хуб дод ва ҳам ба усули таҳқиқу тадриси шарқшиносии урупой даричае боз намуд.

Бо вуҷуди камбуду дурӣ аз марказҳои шарқшиносӣ (хусусан дар солҳои ҷангу баъд аз ҷанг) аз факултаи шарқшиносӣ ҳам дониши хубу ҳам таҷрибаи фаолияти ҷамъиятиро омӯхтем. Хусусан вақте ки чанд тан аз фаолони факултаро ба гурӯҳи лекторони ташкилоти ҷумҳуриявии комсомоли Ӯзбекистон дохил намуданд, малакаи фаолияти ҷамъиятии мо бештар ва беҳтар гашт. Ба ин восита шахсан ман ба миёни мардум роҳ ёфтам ва василаи бо онҳо гуфтутӯй кардану улфат шуданро ёд гирифтам. Бо роҳхати комсомоли Ӯзбекистон ду бор ба Самарқанд рафта, дар шаҳр ва районҳои атрофи он аз таърихи маданияти тоҷик, аз ҳаёти ҷавонони Ӯзбекистон ва мавзӯъҳои дигар дар байни ҷавонон ва калонсолон ба забони тоҷикӣ лексия хондам. Шояд мардум аз ин лексияҳо манфиате бардошта бошанд, аммо судмандии он барои ман бештар аз ҳама буд: ман бо оммаи мардум муомилаву муоширатро омӯхтам.

Дар факултаи шарқ ғайр аз ману Надимхон боз ду нафар тоҷик таҳсил мекарданд. Яке Салоҳиддин Солеҳов, ки аз Сталинобод буд ва дар Тошканд бо ҳам хуб ошно шудем. Ошноӣ, рафоқат ва ҳамкории мо то имрӯз ҳам дар Душанбе устувор ва маҳкам буд.. Вай дар Институти забону адабиёти Рӯдакӣ солҳо кор карда, дар тартиб, тадвин ва таҳрири луғатҳои тоҷикиву русӣ заҳмати фаровон кашид. Кори охирини ӯ иштирок дар таҳрири луғати нави тоҷикиву русӣ буд. Ҷилди аввали луғат охири соли 2004 аз чоп баромад. Афсӯс вай нашри ҷилди дувумро надида, моҳи декабри ҳамин сол дар синни 77 сол аз ҷаҳон чашм пӯшид.

Ҷавони дигар Турсунбой Неъматзода буд, ки баъди ду соли мо аз Ашт омад. Аз рӯзҳои аввали омаданаш бо ман шинос шуд. Одобу ахлоқ ва гуфтору кирдори ниҳоят муаддабонаи ин кас маро мафтун намуд ва байни мо дӯстӣ барқарор гардид. Баъд аз омаданам ба Душанбе хабар ёфтам, ки Неъматзода ҳам ба аспирантура дохил шудааст. Мо зуд ҳамдигарро ёфтем ва аз ҳамон соли 1957 то имрӯз дӯстии оилавӣ, қадршиносона байни мо пойдор аст. Ба гуфти он кас мо дӯстбародар шудем. Ҳоло ишон профессор, доктори илми филология ва устоди кордидаву собиқадори факултаи филология тоҷик мебошад.

Панҷ соли ҳаёти донишҷӯй зуд гузашт. Ба остонаи хатми донишгоҳ расидем. Ҳанӯз аз рӯи "тақсимот" ба ҷое муқаррар накарда, аксари мо ояндаи худро муайян карда будем. Ман ҳам медидам, ки роҳи ягонаи ман дар оянда илм аст. Орзую умеде, ки ҳанӯз дар Самарқанд ба факултаи шарқ баста будам, гӯё амалӣ мегашт. Баъд аз хатми донишгоҳ ҳар ҷо ки бошам, бо таҳқиқу ковишҳои илмӣ машғул хоҳам шуд. Дар муддати панҷ сол, бо роҳнамоии устодони номӣ таҷрибаи хурди омӯзиши илмӣ ҳам ҳосил намудам. Шавқу ҳавас ва меҳру муҳаббат ба тадқиқи адабиёти классикиамон зиёд шуд. Ва мегуфтам, ки бояд бо ҳамин роҳ равам.

Дар донишкадаи шарқ на танҳо илму дониш андӯхтем, балки таҷрибаи зиндагӣ низ захира намудем. Дар муддати панҷ сол шахси мо такомул ёфт, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии мо ташаккул ёфт, одобу ахлоқи муайян ҳосил

намудем. Баробари ҳамин ишқ омӯхтам - ишқ ба зиндагӣ ишқ ба дӯстону рафиқон ва ниҳоят ишқи ҷавонӣ...

Такомули шахс ва камолоти маънавии ман танҳо бо ҳаёти донишҷӯӣ маҳдуд набуд. Ҳамзамон бо таҳсили донишгоҳ корманди мустақил, эҷодкор ва ташкилгари як бахши идораи ниҳоят мӯътабар ва бо нуфузи ҳаёти маданиву маънавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон - Кумитаи радиошунавонии Шӯрои вазирони ҷумҳурӣ будам. Панҷ соли хидмати муттасил дар ин коргоҳ дар рушду камоли шахси ман, дар булуғи ақлонии ман ҷаҳони нав, "таҷрибагоҳи олами сулҳу набард" (Бедил) буд. Бинобар ин ман аз сафаҳоти зиндагии берун аз донишгоҳи худ сарфи назар карда наметавонам.

РАДИО

Барои ин боб беҳтар ва муносибтар аз ин сарлавҳа ёфта натавонистам. Радио ҳамчун воситаи таблиғотӣ ва таъсири маънавии психологӣ ба омма ва мамлакат ҳам дар дасти ҳизби коммунистиву давлати шӯравӣ ва ҳам барои аҳли қаламу санъат дар мақоми аслиҳа буд.

Радио аз ҷиҳати мӯъҷизаҳои техникӣ ба сатҳи тараққиёти имрӯз нарасида буд, аммо аз ҳайси нуфузу таъсир ва маъруфияту маҳбубуият аз радиои имрӯза бештар мақому мавқеъ дошт. Дар он вақтҳо радиоприёмникҳо кам буданд, радиои шабакавӣ (яъне радиои деворӣ) низ на дар ҳамаи хонаву ҳавлиҳо мавҷуд буд. Дар гузарҳо мардум бегоҳӣ ба чойхона мебаромаданд на танҳо барои сӯҳбату чойхӯриву дидори ҳамдигар, балки онҳо радио гӯш мекарданд, аз консертҳои радио лаззат мебардоштанд. Имрӯз мардум шефтаи телевизион ҳастанд, шабҳо соатҳо нишаста, барномаи телевизионро тамошо мекунанд – хоҳ он барнома манзуру мақбули онҳо бошад, хоҳ на. Радиоро камтар гӯш мекунанд. Ҳол он ки аз муқоисаи телевизиону радиои имрӯзи тоҷик ҳукм мекунам, ки мазмуну мундариҷа, мавзӯъ ва мӯҳтавиёт, гуногунии консертҳо ва ҳайъати васеи овозхонон ва ниҳоят забони адабии радио ба дараҷот аз телевизиони тоҷик беҳтар ва бартар аст.

Бале, дар ҳамон вақте ки Радио дар ҳаёти маънавии мо мавқеи калон дошт, дар муассисаи обруманд ва бонуфузи он кор мекардам. Чунон ки дар боло гуфтам, аз аввали соли 1945 ба ҳайси диктори барномаҳои тоҷикӣ дар радио ба кор даромадам. Кибриёхонум муҳаррири барномаҳои адабӣ ва мусиқӣ буд. Ҳафтае як ё ду бор консерти оҳангҳои тоҷикӣ ва баъзан гуфторҳои адабӣ пахш мегардид. Хабарҳои охирин ҳар рӯз даҳ-понздаҳ дақиқа пахш мешуд. Муҳаррир ва мутарҷим Исҳоқ Маҳвашев буд. Хабарҳои охиринро гоҳо ман ва гоҳо худи Маҳвашев мехондем. Исҳоқ Маҳвашев забони тоҷикӣ, хусусан забони классикиро хуб медонист ва баъдҳо ба Душанбе ки омад, ба радифи тарҷумонҳои забардаст дохил шуд. Исҳоқ Маҳвашев дар "тоҷикгарой" аз Кибриёхонум ҳам муқаддамтар ва фаолтар буд. Барои зиёд кардани соатҳои барномаҳои тоҷикӣ бо калонҳои радио баҳсу муноқаша мекард ва ба гуфти худаш ба ТсК ВКП(б) (Кумитаи марказии ҳизби коммунистии умумиттифоқӣ) ҳам хат навишта будааст.

Охири соли 1945 Кибриёхонум рӯзе ба ман гуфт:

— Расулхон, баъд аз муддате аз кори радио меравам. Акнун ман

хӯҷаиндор шудам. Бояд ба хӯҷаинам нигоҳубин кунам. Дар солҳои танҳоӣ, баъд аз ҷудоӣ аз зани аввалашон, зиндагии Абдулоака хеле вайрон шудааст. Бештар ба шаробхориву ҷӯрабозӣ рӯз гузаронида, аз корҳои эҷодӣ тамоман дур рафтаанд. Ҳоло ман зӯр зада зиндагии он касро каме ба низом даровардам. Мебинам, ки ин кам аст, аз ин ҳам беҳтар кардан лозим аст. Абдуллоака нависандаи тавоно ҳастанд, агар шароит мусоид шавад, асарҳои хуб метавонанд эҷод кунанд. Ман мехоҳам он чи метавонам дар ин роҳ сарф кунам. Кори худамро дар радио ба ӯҳдаи шумо мегузорам. Шумо хеле таҷриба ҳосил кардед, бовар дорам, ки ин вазифаро ба хубӣ адо хоҳед кард.

Ба ин кор розӣ шудан ва ҷуръат кардани ман танҳо натиҷаи тарғиб ва ба ман далерӣ илҳо намудани Кибриёхонум буд. Дар он вақт ин бахши радио редаксияи мусиқии халқҳои СССР номида мешуд ва дар ин редаксия бартарӣ ёфтани ҳиссаи тоҷикӣ, ҳатто ба роҳ мондани гуфторҳои адабии тоҷикӣ танҳо ба шарофати кӯшиши Кибриёхонум буд. Ман ҳам кори ин редаксияро ба ҳамон тарзу услуби муқарраршуда давом додам.

Кибриёхонум маро танҳо намегузошт. Дар ҳар даҳ-понздаҳ рӯз бо телефон ҳолпурсӣ мекард, маслиҳатҳо медод. Гоҳо ба хонаи онҳо мерафтам. Боз як-ду ҳикояи Абдулло Қаҳҳорро ба тоҷикӣ тарҷума карда, аз тариқи радио хондам. Ҳар бор ки мерафтам, ҳис мекардам, ки Абдулло Қаҳҳору Кибриёхонум ҷиддан ба корҳои эҷодӣ машғуланд. Абдулло Қаҳҳор барои тарҷумаи "Война и Мир"-и Толстой шартнома бастааст. Вай тарҷума мекард, Кибриёхонум дар мошинка тозанавис менамуд. Баъд ҳар ду саҳифаҳои тарҷума ва чопшударо таҳрир мекарданд. Кибриёхонум, ки забони ӯзбекиро намедонист ва ба омӯхтани он чандон шавқ надошт, дар муддати чанд моҳи ҳамхонагӣ бо Абдулло Қаҳҳор ӯзбекиро хуб ёд гирифтааст.

Умуман Кибриёхонум ба эҳёи эҷодии Абдулло Қаҳҳор хеле кӯшиш кард ва ба ин муваффақ ҳам шуд. Кибриёхонум на танҳо зани донишманд ва соҳиби ақли расо, балки кадбонуи хуб ҳам буд: дар пазандагиву созандагӣ ва тартибу танзими хонаву ҷой беҳамто буд. Зани меҳмоннавоз, хушсӯҳбат, зариф ва шеърдону шоиртабиат буд. Абдулло Қаҳҳор баъд аз ҳамхонагӣ бо Кибриёхонум чандин қиссаву роман, намоишномаву киноповестҳо навишт, бо заҳмату истеъдоди худ аз пешсафони адибони ӯзбек ва аз соҳибэҳтиромони адибони русу ҷумҳуриҳои миллӣ гашт.

Кибриёхонум забони ӯзбекиро чунон хуб ёд гирифт, ки худ осори адибони рус, ҳатто "Университетҳои ман"-и Горкийро ба ӯзбекӣ тарҷума кард. Баъд аз вафоти нобаҳангоми Абдулло Қаҳҳор (соли 1968, дар синни 61 сол, аз бемории қанд) Кибриёхонум билкул ба омӯхтан, танзим додан ва нашр намудани мероси боқимондаи Абдулло Қаҳҳор машғул шуд. Дар бораи ҳамсараш китоби хотиротро ба забони ӯзбекӣ таълиф намуд ва худ онро ба тоҷикӣ баргардонд. Афсӯс ки ин китоб дар Душанбе ба чоп нарасид.

Робитаҳои дӯстӣ ва эҷодии ману Кибриёхонум ҳеч гоҳ қатъ наёфта, балки дар солҳои танҳоии ишон боз қавитар гашт. Ман худам ва баъзан бо ҳамсарам Баширахон дар сафари Тошканд ба ҳавлии он кас рафта, аз Абдулло Қаҳҳор, аз вазъи адабии Ӯзбекистону Тоҷикистон, аз адибони гузаштаву зиндаи тоҷик, ки аксари онҳоро Кибриёхонум дар ҷавонӣ дидаву мусоҳиб шуда буд, сӯҳбатҳо мекардем. Солҳои охир Кибриёхонум зуд-зуд

бемор мешуд, аммо бемориро ба осонӣ мегузаронид, "ин ҳама аломати пирӣ" гуфта ба ханда тамом мекард. Бори охир Кибриёхонумро соли 1996 дар Тошканд зиёрат карда будам. Онгоҳ ба ҷашни амир Темур рафта ва фурсат ёфта ба дидори он кас расидам. Соли 1997 ба сафари кӯтоҳмуддате дар Тошканд будам. Телефон кардам, Кибриёхонумро пурсидам, зане гуфт, ки яку ним моҳ шуд, ки он кас аз олам гузаштанд. Зуд ба таъзия ва фотиҳахонӣ рафтам. Хоҳаронаш дар хона буданд. Қуръон хондам, онҳо аз воқеаи бемории кӯтоҳмуддат ва рӯзҳои охирини хоҳарашон ҳикоят карданд. Дар паҳлӯи Абдулло Қаҳҳор дар қабристони аҳли адабу санъат ба хок супурдаанд. Синни муборак ба 82 расида... Раҳматуллоҳи алайҳо...

* * *

Дар редаксияи мусиқии халқҳои СССР ва барномаҳои адабию мусиқии тоҷикӣ танҳо будам. Исҳоқ Маҳвашев ба омода сохтани танҳо ахбори тоҷикӣ машғул буд. Ихтиёри кулли тартиб додан ва пахш кардани барномаҳо дар ӯҳдаи ман буд. Дар фонди мусиқии радио қариб чил-панҷоҳ сабти мусиқии тоҷикӣ дар тонфилм буд. Аз ин суруду мусиқиҳо барномаи консерт тартиб дода, ҳафтае ду ё се бор ба эфир мебаровардам. Гоҳо порчаҳои адабӣ низ аз шеъру ҳикояҳои нависандагони ӯзбеку тоҷик пахш мекардам. Шабе (ҳамоно аввали соли 1946 буд) барномаи консерти тоҷикӣ мешунавонидам. Дар барнома суруди Маъруфхоҷа Баҳодуров дар оҳанги "Ушшоқи Содирхон" буд. Баъд аз иҷрои суруди Маруфхоҷа боз чанд суруди дигар пахш гардид. Дар вақти пахши суруде зани навбатчии барномаҳои бегоҳӣ маро берун даъват карду гуфт:

— Худи ҳозир аз қабулгоҳи Усмон Юсупов телефон карданд, Усмон Юсупов хоҳиш намудааст, ки боз як суруди Маъруфхоҷа Баҳодуров шунавонида шавад.

Шӯҳрат ва мақоми волои шахси аввали республика Усмон Юсупов ва хадамоти вай дар роҳи рушду равнақи санъату адабиёти Ӯзбекистон ба ҳама маълум буд ва ман низ хуб медонистам. Маълум мешавад, ки вай илова бар ҳамаи ин шунаванда ва дӯстдори барномаҳои тоҷикӣ ва махсусан мусиқии тоҷикӣ низ будааст. Албатта, чунин хабар боиси ифтихор буд. Лекин дар барнома ва радио дигар суруди Маъруфхоҷа набуд. Ин узрро ба зани навбатдор гуфтам, вай гуфт, ки "хайр ҳамон сурудро такроран пахш кун". Ман ба студия даромадам ва дар поёни барнома гуфтам:

- Шунавандагони азиз, ҳофизи хушовози тоҷик Маъруфхоҷа Баҳодуров дар ҷумҳурии Ӯзбекистон машҳур ва маҳбуб аст. Лекин мо азбаски дар даст сурудҳои дигари овозхонро надорем, бо хоҳиши ҳаводорони ҳофиз суруди "Ушшоқи Содирхон"-ро такроран мешунавонем.

Телефони ғайричашмдошти Усмон Юсупов, ба назарам, мақому эътибори барномаҳои тоҷикиро баландтар бардошт. Ман ҳам дар иҷрои вазифаи худ далертар шудам.

Ман ҳар рӯз то пешин дар факулта дарс мехондам ва баъд дар радио дусе соат кор мекардам. Дар консертҳои тоҷикӣ ба ҷуз сурудҳои лента имконият доштем, ки баъзе овозхонҳои тоҷикро даъват кунем. Лекин дар он вақт ман

ғайр аз Шоҳназар Соҳибов каси дигареро аз ҳофизони тоҷик ё хонандагони суруди тоҷикӣ намешинохтам. Шиносой бо Шоҳназар Соҳибов ҳам ба воситаи Кибриёхонум буд. Шоҳназар Соҳибов даъвати моро рад намекард ва бо камоли майл дар консертҳои тоҷикӣ иштирок менамуд.

Шоҳназар Соҳибов бо чанде оҳангсозон, овозхонон ва мусиқишиносони муқими Ӯзбекистон пеш аз ҷанг дар студияи назди Консерваторяи Маскав таҳсил карда буд. Баъд аз оғози ҷанг фаолияти студия қатъ гардид ва донишҷӯён ба Ӯзбекистон бозгаштанд. Аз ҷумла Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов, ки овозхонҳои машҳури бухорӣ ва устодони "Шашмақом" буданд, ба Тошканд бозгаштанд. Баъд як ё ду сол Фазлиддин Шаҳобов бо тарғиб ва таҳрики устод Лоҳутӣ ба Сталинобод омада, роҳбари қисми мусиқии радиои тоҷикро ба ӯҳда гирифт. Шоҳназар Соҳибов ба ҳайси роҳбари мусиқии кадом як театри Тошканд дар ҳамин шаҳр иқомат ихтиёр кард. Ишон бо ҳамсар ва се фарзанд дар иморати мӯҳташаме, ки барои аҳли санъату адаб пеш аз ҷанг бино ёфта буд, дар як квартира ду хонаро дар ихтиёр дошт. Дар хонаи дигар яҳудии амрикой бо духтари негрзодаш иқомат мекард.

Манзили Соҳибов дар рӯ ба рӯи бинои радио воқеъ гардида ва омаду рафти он кас ба студия осон буд. Соҳибов аксар вақт танҳо консерт медод ва репертуараш иборат буд аз оҳангҳои "Шашмақом". Боре пешниҳод намудам, ки мусоҳибаи мусиқие дар бораи "Шашмақом" ва сохтору таърихи он пахш кунем. Соҳибов чандон майл накард. Умуман дар ҳайрат будам: қариб зиёда аз як сол аст, ки Соҳибов, овозхони барномаҳои тоҷикӣ, ба студияи мо зуд-зуд меояд, аммо ҳамеша чун меҳмон меомаду мерафт. Аз оғози консерт ним соат пештар омада дар студияи хурд каме машқ мекард. Баъд дар студияи калон назди микрофон сурудҳои беҳтарини "Шашмақом"-ро ба маҳорати беназир иҷро мекард. Мо дар он вақт шояд камтар мефаҳмидем, вале дар барномаҳои тоҷикии радиои Ӯзбекистон бо сурудҳои "Шашмақом" баромад кардани Шоҳназар Соҳибов воқеаи фавқулодда ва пурифтихор буд. Баъд аз консерт танбӯрро ба ҷилд андохта бо табассуми хуш худоҳофизӣ карда роҳи манзил мегирифт. Шахси ботамкин, муҷалло ба одоби ашрофонаи бухоро буд, аммо ба он кас наздик шудан, чизеро машварат кардан душвор буд. Дар миёна ҳиҷобе буд, ки ӯро аз мо дур медошт. Чунин бегонагӣ дар ошной баъд аз ин ҳам байни мо вуҷуд дошт, ҳарчанд дар муомилоту муносибат дар доираи эҳтиром будем. Баъд аз ба Душанбе омаданам борҳо ба дидори ҳамдигар расида ҳамсӯҳбат мешудем. Вале ҳамон ҳиҷоб дар миёна афтода буд. Аз ин ҷост ки дар ёд надорам, ки Шоҳназар Соҳибов (мисли ҳамсолон ва ҳамкасбонаш) аз устодони худ, аз маҳфилҳои Шашмақомхонии Бухоро, аз саргузашти ба "Шашмақом" унс гирифтанаш ва аз бисёр воқеаҳои аҷиб нақле карда бошад. Афсӯс, ки ба ҷуз сабти овози хушу алҳони ҷаззоб ёдномае аз ин шахси устоди "Шашмақом" боқӣ намондааст...

Дар ин миён консертҳои тоҷикии мо дурахше пайдо кард, ки ҷилои он зинатафзои барномаҳои мо буд. Ин мавқуф ба пайдо шудани хонандаи нав дар консертҳои мо буд. Тафсили ин воқеа чунин аст.

Аз яҳудиҳои бухорӣ Бараев ном танбурие буд, ки гоҳо дар барномаҳои

мусиқии тоҷикӣ ширкат менамуд. Аз ҳамин танбӯрӣ буд, ки бори аввал садои саторо шунида будам. Бараев шахси ниҳоят хоксор ва фақир буд. Дар театри мусиқиву драмавии Муқимӣ дар оркестри миллӣ танбӯр менавохт. Рӯзе ба ман гуфт:

— Расулҷон, ман барои консертҳои тоҷикӣ як сурудхони аҷоибе ёфтам. Номаш Саодат Қобилова. Вайро ба қарибӣ Ҷӯрахон Султонови номдор аз Андиҷон пайдо карда овард. Овози нотакроре дорад. Ҳолӣ ҳозир овозхонҳои овозадор чандон майл надоранд, ки ин духтар ба саҳнаи калон барояд. Аммо вай ҳатман мебарояд. Саодат ба барномаҳои тоҷикӣ шавқи калон дорад. Хусусан ба сурудҳои "Шашмақом". Сурудҳои Шоҳназар Соҳибов ӯро мафтун кардааст. Илтимос кард, ки аз "Шашмақом" ба вай чанд суруд ёд диҳам, мехоҳад дар консертҳои тоҷикӣ иштирок кунад.

Дар яке аз рӯзҳои баҳори соли 1946 Бараев Саодат Қобиловаро ба радио барои шиносоӣ ва санҷиш овард. Дар ин санҷиш ман будаму Исҳоқ Маҳвашев. Саодат духтари ситорагарм ва тарҳи рӯяш ба тоҷикон наздик буд. Чашмони сиёҳи хумор дошт ва хандаҳои шинами маъсумона. Он рӯз вай Ироқи Бухороро дар шеъри Тоҷуддавлат, Ушшоқи Самарқандро дар шеъри Зебуннисо ва боз чанд сурудҳои хурди "Шашмақом"-ро хонд. Ҳусни савт, ҳусни камол, ҳусни ҷамол ҳама ба ҳам тавъам буданд. Дар талаффуз ва оҳанги тоҷикӣ хатое ба гӯш намерасид. Баъд аз сурудҳои Шоҳназар Соҳибов ин як ҷаҳони нави "Шашмаком" барои ман буд. То ин дам зани овозхонеро надидаву нашунида будам, ки суруде аз "Шашмақом" хонда бошад. Исҳоқ Маҳвашев, ки дар шашмақомдонӣ аз ман муқаддамтар буд, баъд аз шунидани сурудҳо ба Саодат аҳсанту офарин гуфт. Бараевро таърифу таҳсин кард, ки барои барномаҳои тоҷикӣ чунин хонандаи хушовозро пайдо намудааст.

Пеш аз консерти аввалини Саодат ба Фотеҳ Ниёзӣ ва Кибриёхонум телефон кардам, то онҳо сурудҳои хонандаи нави моро гӯш карда, фикру мулоҳизаашонро гӯянд. Рӯзи дигар ҳар ду телефон карда, дар бораи лаҳну овозу хониши Саодат суханҳои гарму ҷӯшон гуфтанд. Абдулло Қаҳҳор, ки дар тамйизи сурудхонон хеле хӯрдагир буд, консерти Саодатро таърифу ситоиш намудааст.

Ба ҳамин тариқа барномаҳои тоҷикӣ баъд аз Шоҳназар Соҳибов боз як овозхони варзидаву маҳбуб пайдо кард. Саодат дар консертҳои мо зуд-зуд баромад мекард, репертуари сурудҳои тоҷикиаш низ зиёдтар ва гуногун шуд. Табиист ки ба воситаи консертҳо дидору мулоқот ва сӯҳбатҳои дӯстонаи мо зуд-зуд воқеъ мегардид. Ба ҷуз ин, агар гоҳе ӯро ба ягон маҳфили хосса ва маҳрамона даъват кунам, хоҳиши маро рад намекард. Дар ин маҳфилҳо паҳлуи ман нишаста сурудҳои ҷонбахшу рӯҳафзо мехонд. Баъди ин сӯҳбатҳо ман ӯро то манзилаш гусел мекардам. Дар дил ба ҷуз дӯстиву маваддат як эҳсоси аҷиби муҳаббатомезе ҳис мекардам, ҳис мекардаму аз гуфтани он худдорӣ менамудам. Ман гӯё шоҳине будам, ки аз ин эҳсоси тоза дар фазо парвоз мекардам ва Саодат низ дар ин фазо мисли кабутарҳои шӯху маст ҷилваҳо менамуд, парфишонӣ мекард, гоҳ ба шоҳин наздик меомаду гоҳ ба бозиву парзанӣ аз ӯ дур мешуд. Шоҳин аз ин бозиву парвозҳои нозпарвари вай шаҳди шодиву хушнудӣ мебурд, аммо ба сайди кабутар ҷуръат, иқдом

наменамуд. Кабутар шодкомона сабук парвоз мекарду намедид, ки дар як гӯшаи фазо зағани сиёҳе камин гирифтааст ва фурсате мепояд, ки шоҳин дур шаваду кабутари озоду маъсумро ба чанголи худ гирад... Ин парвозҳо ду-се сол озодона идома дошт...

Дар ин миён Саодат консертҳои худро дар барномаҳои тоҷикиву ӯзбекӣ бо мувафаққият давом медод. Ба саҳнаи театр низ роҳ ёфта, шунавандагону бинандагони зиёд пайдо кард, ки ба ҷон мухлису дӯстдори ӯ буданд.

Ва якбора аз назарҳо ғоиб шуд... Як моҳу ду моҳу аз он бештар ӯро намедидам. Ҳар гуна гапҳои пасту баланд ба гӯш мерасид. Баҳорони соли 1950 рӯзе баъд аз пешин тасодуфан ӯро дар радио дидам. Чеҳраи хандон дошт, аммо гунаи тираву парешон... Берун баромадем. Дар нишастгоҳи гулгашти муқобили бинои радио нишастем. Фикре, андешае ӯро музтариб мекард, вале ин ҳолро ҳувайдо намекард.

— Расулҷон, мехоҳед ман ба шумо як суруди навамро замзама кунам. Ин сурудро Донӣ Зокиров гӯё махсус барои ман эҷод намудааст. Ман ҳоло дар ҳеч ҷо онро нахондаам. Барои шумо замзама мекунам.

Ман Донӣ Зокировро мешинохтам. Оҳангсози хубе буд аз тоҷикони Самарқанд. Суруду мусиқиҳои дилчасп дошт писанди ҳама. Бесаброна интизорӣ мекашидам, ки ин чӣ суруде будааст, ки Саодат мехоҳад ба ман тӯҳфа кунад. Садои пасти вай ба гӯш чун насиме расид

Кимга қилдим бир вафо ким юз ҷафосин кӯрмадим
Кўргузуб юз меҳр минг дарду балосин кӯрмадим...

Ин ғазали Навоӣ буд моломол аз дарду алам ва доду фиғон аз бевафоию бемеҳрии ёри бадаҳду паймоншикан:

Ҳар киро кардам вафое сад ҷафоҳо дидаам,
Меҳри дил бастам, вале дарду балоҳо дидаам.

Оҳанги суруд ниҳоят муассир буд, лаҳну савти он аз синаи Саодат бурун омада, ба аъмоқи дилҳо ҷойгузин мешуд, дар синаҳо акси садои ғамгинонае медод. Суруд ҳузнангез буд ва бо садои андӯҳгини шеъри шоир пас аз понсад сол ба ҳам тавъам ва қарин мегардид.

— Саодатхон, ин суруд не, балки як олами сеҳрангези мусиқӣ буд. Ин суруд барои овози шумо эҷод шудааст. Хушбахтам, ки ин сурудро нахуст аз овози шумо шунидам ва ин садову оҳанг як умр дар ёд хоҳад монд.

Дар воқеъ ин оҳанги хушро баъд аз Саодат аз бисёр хонандагон шунидаам, аммо дар гӯш ҳамон замзамаи Саодат то имрӯз садо медиҳад. Ман чанд дақиқа хомӯш будам. Дар ҳамин соат издиҳоме мурдаеро бо садои мусиқӣ аз пеши мо мебурданд.

— Расулҷон, мурдан ҳам гоҳе хушбахтӣ ҳисоб мешавад. Кас аз ҷафоҳои олам, аз бевафоиҳои нокасон чашм фурӯ баста, як умр ба олами хомӯшӣ ва осоиш меравад.

Баъд аз оҳанги ҳазини суруд ин суханҳои Саодат чун нидои мудҳише аз осмон болои ман фурӯ рехт ва маро моту мабҳут кард... Чӣ гуфтанамро намедонистам. Ба вай нигоҳ кардам. Дар чашмони сиёҳаш марворидиҳои сиришк пайдо буд... Ҳо, акнун фаҳмидам, ки он зағани сиёҳ кабутари озоду хушпарвозро ба чанголи худ хаставу забун кардааст...

Баъд аз ин Саодатро надидам. Мегуфтанд, ки нохалафе ба вай хиёнат кардааст. Намедонам. Ман ба Сталинобод омадам. Баъд ба Маскав барои давом додани таҳсили аспирантура рафтам. Роҳи зиндагӣ дигар шуда, сарнавишт маро ба сарои суруру хушбахтӣ кашида буд. Боре дӯсти азизам, оҳангсози номдор Мутаваккил Бурҳонов ба Маскав омад. Чанд рӯз бо ҳам будем. Рӯзе ба ман гуфт:

— Медонед, Расулҷон, Саодат дар Маскав аст. Баъд аз нохушиҳои рӯзгор тарки Тошканд карда, ба ҳамин ҷо омада, ба консерватория дохил шуд. Дусе рӯз пеш дар меҳмонии вай будам. Дар Маскав будани шуморо шунида хеле хурсанд шуд. Аз ман қавл гирифт, ки шуморо ба дидори вай бирасонам.

Бале, ман низ хурсанд будам, ки Саодат дар Маскав аст. Маълум мешавад вай мушкиливу ноомадҳои зиндагиро мағлуб карда, боз ба роҳи зиндагии нав бо умеду орзу баромадааст. Бале, ман ҳам мехоҳам ӯро бубинам... Лекин дар пеши пару боли орзуҳо садде гузоштам, кӯшиш кардам, ки аз дидору мулоқоти ҳамдигар худдорӣ кунам.

Саодат консерваторияро бо муваффақият хатм намуда, ба Тошканд баргашт ва ба театри опера ва балет ба кор даромад. Аз ҳамин ҷо шӯҳрату овозаи вай чун хонандаи яктову нотакрор баланд шуд. Ба вай унвонҳои фахрӣ, ордену нишонҳои олӣ арзонӣ доштанд. Ҳама ҷо ному овози вай садо медод. Дар саҳна нақшҳои мураккабу душвори операҳои милливу ҷаҳониро иҷро мекард, дар консертҳо сурудҳои классикиву халқӣ бо ҳамон лаҳни пурҷозибааш садо медод. Барори кораш бо номаш мувофиқ буд. Лекин мешунидам, ки ҳаёти шахсӣ ҳамоҳанги номаш набудааст.

Агар хато накунам, баҳори соли 1970 ё 71 дар сафари Тошканд будам. Шабе бо Мутаваккил Бурҳонов аз маҳфили дӯстони аҳли санъат ба хонаи муҷаррадонаи он кас бозгаштем. Қариб то соатҳои 12 шаб бо ҳам сӯҳбат доштем, каме шароби шампан менӯшидему ёди рӯзҳои гузашта мекардем. Дар айни сӯҳбат сухан аз Саодат ҳам оғоз шуд. Ва Мутаваккил гуфт, ки Саодат дар бинои паҳлӯи иморати онҳо иқомат дорад. Гуфтам алъон телефон мекунам. Баъд аз дуриҳои чандинсола хостам садои ӯро аз наздик шунавам. Бечуръатона телефон кардам. Ғайри чашмдошт мисли ҳамон Саодати солҳои ҷавонӣ аз телфон заданам изҳори хушнудӣ кард ва гарм сӯҳбат мекард. Пурсид аз куҷо телефон мекунам. Гуфтам: дар остонаи кошонаи шумо ташнаи дидору суруди шумо ҳастам. Агар илтифоте мекардед, дақиқае чанд ба ҳолпурсии дарвешон меомадед, худо аҷри саховати шуморо медод. Садои хандаи ширини ӯ ба гӯш расид. Гуфт: вақт чанде аз поси шаб гузашта шояд барои дидор фурсати дигар пайдо кунем. Ман дигар исрор ба хоҳиши худ накардам. Бо Мутаваккил ҳамчунон саргарми сӯҳбат шудем. Соате нагузашта садои зангӯлаи дар баланд шуд. Мутаваккил дарро кушод ва дар остонаи дар пайкари ба пероҳани сафед печида ва чашмони оташбори Саодат намудор гашт. "Баъд аз телефони шумо нишастаму ба худ андешидам, ки оҳи оҷизонаи дарвешон мабодо ки сабаби вубол гардад" - хандида гуфт Саодат. Он шаб гуё Саодати заминӣ аз ошёнаи баланд нарасида, балки саодати осмонӣ аз фазои ҷаҳон фуруд омада буд. Он шаби сӯҳбатҳои гарму дӯстона ва сурудҳои тарабангезу шодкомона буд. Саодат худ сари пиано нишаста, сурудҳои тоза ба тоза мехонд. Мутаваккил

бо илҳоми саршор пиано зада, оҳангҳои тоҷикиву ӯзбекӣ мехонд. Шабе буд, ки садои ғайбӣ мегуфт: "Он рӯзҳо фаромӯш нашудаанд ва ёди ҷавонӣ солҳои сол ба шумо илҳому имон эҳдо мекунад..."

Саодат Қобилова аз симоҳои барҷастаи санъати мусиқии Ӯзбекистон аст ва шубҳае нест, ки роҷеъ ба шахс ва санъати вай китобҳо тадвин хоҳанд шуд. Барои ман дар сароғози ташкили барномаҳои тоҷикӣ ба мададу ҳамкории мо омадани Саодат дар густариш ва неру ёфтани бахши тоҷикии радиои Ӯзбекистон фоли нек буд.

РАВНАҚИ БАРНОМАҲОИ ТОҶИКӢ

Дар охири соли 46 ё аввали 47 идораи радиоро ба кӯчаи Хоразм кӯчониданд. Ба ҳамаи редаксияҳо, аз ҷумла ба редаксияи барномаҳои тоҷикӣ низ, хонаи алоҳида ҷудо карданд. Дар паси бинои якошёнаи идораи радио студияи калони консертӣ ва ду-се студияи хурди дикторӣ андохтанд. Ҳамзамон дар паси ин биноҳо сохтмони Хонаи нави радио бо асбобу таҷҳизоти такмилёфтаи техникӣ ва студияҳои нави муҷаҳҳаз шурӯъ шуд. Коргарони бинокор асирони ҳарбии ҷопунӣ буданд.

Баробари сохтмони бинои Хонаи радио роҳбарияти радиоро нав карданд, роҳбарияти нав ҳайати кормандони эҷодӣ ва маъмуриро такмил ва тавсиа дод. Раиси нави радио Абдулло Имодович Уразаев таъйин шуд. Ин марди тақрибан чилу панҷсолаи хурдҷуссаи тотор аз ин қабл сардабири рӯзномаҳои ҳизбии ҷумҳурӣ ва дар ду-се соли ахир сарвари созмони иттилоотии Ӯзбекистон - ӮзТАГ буд. Ӯразаев шахси хеле мудаббир, кордон, одамшинос ва дар ташкили корҳо дурбин ва чорасоз буд. Вай қисми мусиқии халқии радиоро пурзӯр намуд, васеъ кард ва арбоби номвари собиқадор Юнус Рачабиро роҳбари бадеӣ таъйин намуд. Дар назди радио оркестри симфонӣ ва хор ташкил гардид. Баробари квартети торӣ мавҷуда секстети торӣ созмон ёфт. Дар сохтори редаксияҳои мусиқӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ворид шуд. Дар радио редаксияи барномаҳои хориҷӣ ба забонҳои форсӣ, уйғурӣ ва инлисӣ ташкил ёфт.

Ӯразаев чанд бор маро ба ҳузури худ пазируфта, фикру андешаҳои зиёд кардани соатҳои барномаҳои мусиқию адабии тоҷикиро ба миён гузошт. Фурсатро ғанимат шумурда, хоҳиш намудам, ки ба мо имконият дода шавад, ки ба ҷуз консертҳои тоҷикӣ бо иштироки овозхонону машшоқони "зинда" барномаҳои адабӣ, адабиву мусиқӣ ва адабиву драмавӣ дошта бошем. Барои ин соатҳои барномаҳои адабию мусиқии тоҷикӣ бештар ва ҳаққи заҳмати (гонорари) шӯъбаи тоҷикӣ зиёд гардад. Ба ҷуз ин мо мехоҳем ансабли мустақили асбобҳои миллӣ дошта бошем, то дар консертҳои тоҷикӣ машшоқони берунаро даъват накунем.

Пешниҳодҳои ин ҷониб қабул шуд ва тадриҷан ба амал татбиқ гардид. Дар ҳузури редаксияи тоҷикӣ иборат аз ҳашт нафар ансамбли асбобҳои миллӣ ташкил гардид, ки роҳбарии онро ба зиммаи артисти хидматнишондодаи Ӯзбекистон Ашот Иванович Туманян вогузор намудем. Туманян солҳои сол дар оркестри асбобҳои миллии филармонияи ӯзбек кор мекард, забони ӯзбекӣ ва мусиқии ӯзбекиро хуб медонист ва муаллифи чандин

суруду оҳангҳои ӯзбекӣ буд. Баъд аз омадан ба роҳбарии оркестри тоҷикӣ Туманян пеш аз ҳама тартиби қатъӣ ҷорӣ намуд. Худ ҳам ба эҷоди оҳанг ва сурудҳои тоҷикӣ рӯй оварда ва офаридаҳои вай рӯҳу шираи тоҷикӣ доштанд.

Дар ансамбл Яъқуб Довудов ном танбӯрӣ буд, ки оҳангҳои халқӣ ва Шашмақомро хуб медонист ва ин оҳангҳоро бо танбӯр нағз менавохт. Яъқуб Довудов дар гузашта дар рӯзномаву маҷаллаҳои яҳудиёни Бухоро дар Тошканд ходими эҷодӣ буда ва баъд аз баста шудани матбуоти яҳудиён дар соли 1937 машғулияти муайян надоштааст. Дар аввали ташкили барномаҳои тоҷикӣ бо мо омаду рафт дошт ва гоҳо дар консертҳои тоҷикӣ бо навои танбӯр ширкат менамуд. Дар ансамбли тоҷикӣ Яъқуб Довудов аз танбӯриҳои хуб маҳсуб мешуд ва баробари ҳамин чанд суруд ва мушкилоти Шашмақомро ба овозхонон ва машшоқони ансабли асбобҳои миллии радиои Ӯзбекистон дарс дод. Акси Яъқуб Довудов ба сифати устоди омӯзгор дар ҷилди аввали китоби "Шашмақом" чопи ӯзбекии Тошканд мундариҷ аст.

Хулоса, ҳаҷму соат ва рӯзҳои барномаҳои тоҷикии Радиои Ӯзбекистон зиёд шуд. Мувофиқи ҳамин ҳаққи заҳмати ҳунарпешагон низ афзуд. Ҳаҷми кори ман низ дар радио бештар шуд. Акнун ба ҳукми муҳаррири мустақил ба барномаҳои мусиқӣ, мусиқию адабӣ ва драмавӣ сардорӣ мекардам. Аз ин ҷиҳат роҳбарияти Радио бо деканати факултаамон мувофиқат намуд, ки иштироки ман дар дарсҳо озод бошад.

Баробари барномаҳои адабӣ ҳаҷму соатҳои барномаҳои ахбору иҷтимоиёту сиёсат низ зиёд гардид. Ба шӯъбаи ахбору иҷтимоиёту сиёсат Ҳабиб Аҳрорӣ, ки аз хидмати ҳарбӣ озод шуда ба Тошканд омад, таъйин гардид. Аҳрорӣ дар маҳалли Бешяғоч ҳавлиеро ба иҷора гирифта, бо модар ва ду додари хурдаш зиндагӣ мекард. Омадани Ҳабиб Аҳрорӣ барои мо мададу такягоҳи хуб шуд. Зеро ишон дар синну сол калон ва дар таҳриру тарҷума ва умуман дониши забони тоҷикӣ муқаддамтар ва пуртаҷрибатар буд. Дар аввали соли 1947 Мидҳат Беҳбудӣ низ ба сабабе ба Тошканд омад. Баъд аз мӯҳлати муайяни санҷиш ва таҷрибаомӯзӣ бо ёрии ман ва тавсияи Аҳрорӣ ба бахши барномаҳои ахбори тоҷикӣ муҳаррир таъйин шуд.

Ба ҳамин тариқа, шӯъбаи тоҷикии радиои Тошканд як қисми калон ва муҳимми фаолияти умумии кумитаи радиои Ӯзбекистон гардид. Ман бояд кушоду равшан гӯям, ки маъруфият ва овозаи барномаҳои тоҷикӣ бештар мавқуф ба қисми адабию мусиқию драмавӣ он буд. Дар ин ҷо агар хидмате карда бошам, ба дастгирии роҳбарияти радио ва шахсан раиси он Абдулло Уразаев вобаста буд. Албатта ин шахс низ бе нишондод ва роҳнамоии мақомоти ҳизбӣ он чи мехост карда наметавонист. Хирадмандӣ ва кордонии ӯ дар ҳамин буд, ки аз роҳнамоӣ ва нишондодҳои ҳизбӣ оқилона ва холисона истифода менамуд. Дар гуфтору рафтори вай ҳеч гоҳ ӯзбекгароӣ ва муносибати ҳокимона ба миллатҳои дигар эҳсос намешуд. Аз ин ҷост ки дар радио дар байни узбеку русу тоҷику уйғуру эронӣ иттиҳод, ҳамдастӣ ва дӯстиву самимият барқарор буд.

Қувват ва маҳбубият ёфтани барномаҳои адабию мусиқии тоҷикӣ инчунин ба мададу ёрӣ ва дӯстиву рафоқати нависандагон, оҳангсозон, ҳунарпешагон ва умуман зиёиёни хайрхоҳи узбеку тоҷику рус мавқуф буд.

Барномаҳои мусиқии мо. Дар боло гуфтам, ки барномаҳои тоҷикӣ аз

ахбор ва баъд аз мусиқӣ шуруъ шудааст. Ҳофизони аввалини мо Шоҳназар Соҳибов ва Саодат Қобилова буданд. Каме нагузашта Довуд Муллоқандов — овозхони театри опера бо ташаббуси худ омада чанд суруди худро пешниҳод намуд, ки аз барномаҳои тоҷикӣ пахш кунем. Сурудҳои вай иборат буданд аз оҳангҳои композиторони номдори Ӯзбекистон Мутаваккил Бурҳонов, Манас Левиев ва Сулаймон Юдаков бар ашъориЛоҳутӣ. Муллоқандов тенори лирикӣ буд ва дар хондани сурудҳои романсӣ маҳорати хуб дошт. Азбаски қадаш пасту ҷуссааш реза буд, дар саҳна нақшҳои калонро иҷро карда наметавонист ва бештар дар консертҳову барномаҳои радио баромад мекард. Довуд Муллоқандов аз Самарқанд буда, дар ҷавонӣ оҳангҳои халқӣ ва классикиро бо сарварии Гавраэл Муллоқандов ва Михаил Толмасов хуб мехондааст. Дар радио ҳам барномае тартиб дода буд аз сурудҳои "Шашмақом" ва халқӣ, ки онро бо танбӯри Яъқуб Довудов ва Бараев мехонд. Хусусан Ушшоқи Ҳоҷиро, ба назари ман, касе мисли вай хонда наметавонист.

Довуд Муллоқандов тавсия намуд, ки ҳунарпешаи номдори ӯзбек Назира Аҳмедоваро низ ба консертҳои тоҷикӣ даъват намудан мумкин аст. Назира Аҳмедова дар радифи ҳунарпешагони номдоре буд, ки ба театрҳои мусиқии ӯзбек асос гузошта буданд. Ҳамсари ӯ Расул Ғуломов раиси созмони санъати Ӯзбекистон, сипас дабири аввали кумитаи ҳизбии шаҳри Тошканд буд. Назира Аҳмедова дар ду-се соли охир ба иллати беморӣ (осори бемории шуш пайдо шуда буд) ба саҳна камтар мебаромад, аммо дар консертҳои оммавӣ ва радио зуд-зуд баромад мекард. Вай ба шарофати ошноӣ бо оҳангсозони тоҷикуласли Тошканд ва шунидани консертҳои барномаҳои мо ба оҳангу сурудҳои тоҷикӣ дилбастагӣ пайдо карда, чандин сурудҳои тоҷикиро омӯхтааст. Ҷавонзани ниҳоят шӯх, хандонрӯй ва улфат буд. Аз консерти аввалин бо ҳам унс гирифтем ва ӯ яке аз ширкаткунандагони доимии консертҳои мо шуд. Суруди халқии "Сияҳчашмак", сурудҳои "Дилбари мо", "Ёри мастчоҳиям" ва ғайраро ниҳоят хуб ва тоза иҷро мекард.

Баъд аз рафтанам аз Тошканд дар Душанбе шунидам, ки Назира Аҳмедова соли 1950 дар асари бемории шуш ҷаҳонро падруд гуфтааст.

Дар консертҳои тоҷикӣ овозхони машҳури ӯзбек Ҳалима Носирова ва боре Шаҳодат Раҳимова бо хоҳиши худҳошон ширкат карда буданд. Аз хонандагони мактаби операвӣ Салимахон Хоҷаева низ аз ширкаткунандагони доимии консертҳои мо буд. Салима бо Мутаваккил Бурҳонов ва хоҳари вай шиноси наздик буд ва дар квартираи онҳо ҳамзистӣ дошт ва ба ин муносибат мо ҳама ошнову дӯст будем. Дар консертҳои тоҷикӣ артисти номдори операи ӯзбек Насим Ҳошимов - тоҷики самарқандӣ ва ошноӣ наздики оҳангсозони маъруфи Ӯзбекистон низ баромад мекард. Баретони махмалӣ ва талаффузи тозаи тоҷикӣ сурудҳои ӯро хеле дилнишин ва ҷаззоб мекарданд. Мегӯянд, ки номбурда имрӯз ҳам дар консерваторияи Тошканд профессори клоссҳои вокалӣ мебошад.

Дар консертҳои мо аз ансамбли ӯзбекии радио бародарҳо Суфихоновҳо ва Шоҳҷалиловҳо низ баъзан хоҳиши иштирок кардан менамуданд ва барои ин чанд сурудҳои тоҷикиро ба ёрии ману Яъқуб Довудов аз худ карда буданд. Овозхони маъруфи ансабли узбекӣ Берта Довудоваро гуфтан мумкин аст мо чун ҳофизи "аз они худӣ" ба консертҳои тоҷикӣ ҷалб намудем. Берта Довудова

он замон духтари бисту дусола ба ансамбли ӯзбекҳо нав омада буд. Сурудҳои халқӣ ва классикиро ниҳоят хуб мехонд. Ӯро ба консертҳои худамон ҷалб намудам, ба оҳангҳои классикӣ ва халқиаш шеърҳои тоҷикӣ пайдо кардам ва Яъқуб Довудовро муаллими вай таъйин намудам. Ва Берта Довудова дар баробари Саодат Қобилова аз хонандаҳои доимии мо шуд.

Боре ба Тошканд (ҳамоно дар аввали соли 1948 буд) ба кадом муносибат Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ва Сотим Улуғзода омада буданд. Шабе Фотеҳ Ниёзӣ ба шарафи онҳо дар хонааш зиёфат орост ва хоҳиш намуд ("заказ кард" гӯем ҳам мешавад), бо худ Берта Довудова ва Яъқуб Довудовро биёрам. Берта Довудова духтари ниҳоят нозук, эрка ва хонагӣ буд. Ба хонааш ба модараш телефон карда аз вай иҷозат гирифту ба рафтан бо ман ба хонаи Ниёзӣ розӣ шуд. Он шаб дар хонаи Ниёзӣ аҷоиб сӯҳбате шуд ва ин сӯҳбатро Бертаи зебо, ороста ва моҳпайкар рангинтару ширинтару тарабангезтар намуд. Улуғзода ба ваҷд омада, танбӯри Яъқуб Довудовро ба даст гирифта чизе навохта, зери лаб замзама ҳам кард...

Тақрибан соли 1947 буд, ки дар барномаи мо Бахмал ном духтари сарояндае пайдо шуд, ки бо ду-се суруди Шашмақом ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Духтари яҳудӣ Бахмал Исҳоқова ном дошт. Вай тахминан 16-17-сола буд, дар тан курткаи пахтагии рангпаридаи замони ҷангро дошт ва маълум буд, ки аз хонадони на чандон бизоатдор аст. Суруди Шашмақомро бо чашмони пӯшида, гӯё маст шуда, хамидаву печида мехонд. Дар воқеъ офаридаи маъсумаи ҳайратангезе буд. Ду-се бор дар консертҳои тоҷикӣ баромад карду якбора ғоиб шуд... Баъд аз чанд сол, ки ба Сталинобод омадам, фаҳмидам, ки ҳамон Бахмали мо ин ҷо бо номи Барно Исҳоқова чун овозхони сурудҳои классикӣ ном бардоштааст.

Бахши тоҷикии радиои Тошканд на танҳо консертҳои суруду мусиқӣ, балки барномаҳои мусиқиву адабӣ, ки мо онро "монтажи адабӣ- мусиқӣ" мегуфтем, ташкил менамуд. Ин барномаҳо иборат буд аз хондани шеъру манзумаҳои классикону адибони тоҷику ӯзбек (дар тарҷуми тоҷикӣ) бо ҳамсадоии мусиқиҳои мувофиқу марбута ба шеър. Дар ин ҷо ҳам аз назми тоҷику форс ва ҳам аз шеърҳои адибони гузаштаву муосири ӯзбек истифода менамудем. Боре композитсияи мусиқиву адабии махсус бо номи "Шаҳрзод" (дар заминаи афсонаҳои "Ҳазору як шаб") бо мусиқии симфонии ҳамноми Римский-Корсаков ва шеърҳои Шчепкина-Куперник (дар тарҷумаи худам) ташкил намудам, ки ба шунавандагон писанд афтод ва онро борҳо такроран пахш намудем.

Баробари ҳамин дар мавзӯъҳои адабиёти классикӣ ва дар асоси достонҳои машҳури классикон композитсияҳои адабию мусиқӣ тартиб медодем. Ин композитсияҳо дар миёни шунавандагон хеле шӯҳрат ва маҳбубият пайдо кард. Мехоҳам дар борам ду барномаи мусиқиву адабӣ, ки ифтихору сарафрозии мо шуда буд, мухтасар нақл кунам.

Дар охири соли 1946 ба тайёр намудани барномаи мусиқиву адабӣ роҷеъ ба аҳвол ва осори Саъдии Шерозӣ шурӯъ кардам. Қариб як моҳ аз ғазалиёти Саъдӣ он чи дар мавзӯи одамияту ахлоқи ҳамида ва ишқи поку беолоиши инсонӣ иншо шуда буд, интихоб намудам. Аз тарҷумаи ҳоли шоир лаҳзаҳои ибратбахш ва пандомӯзонаро гирифта, бо ашъори вай пайваст намудам. Бо ёрӣ ва иштироки Довуд Муллоқандов бар ғазалҳои Саъдӣ оҳангҳои дилчаспу

марғуб эҷод гардид. Дар танбӯру сато Бараев аз оҳангҳои Шашмақом порчаҳои баргузидаро омода намуд. Дар аввали моҳи декабр ин барнома ба эфир баромад. Дар рӯзи дигар бисёр шунавандагон ва ошноён аз тоҷикону ӯзбекон аҳсанту офарини худро ҳам ба воситаи телефон ва ҳам шахсан ба ман изҳор намуданд. Зиёда аз ҳама арзёбӣ ва ташаккури шахси аввали ҷумҳурӣ Усмон Юсупов навиди ғайри чашмдошт ва қадршиносии олӣ буд. Баъд аз чанд рӯз аз хурсандӣ ва муваффақияти худ ба падарам мактуб навишта аз ҷумла гуфта будам:

"Рӯзи дигар раис маро ба идора(и худ) даъват намуд. Дар болои стол ҳамон тексти ман навиштагӣ истодааст. Аз ман "инро шумо тартиб додед-мӣ?" гуфта пурсид. Ман тарсидам, ки зоҳиран хатое рафтааст. Вай хандид. "Ҳа, чаро тарсидед?" гуфт. Ман "не, чаро метарсам?" гуфтам. Пас ӯ гуфт: "Ба кори кардаатон раҳмат. Усмонака (яъне Усмон Юсупов) аз шумо хеле миннатдорӣ баён карданд ва пурсиданд, ки аз номи он кас ба шумо ташаккур изҳор намоям". Дар рӯзи дигар раис бо фармон ба ман раҳматнома эълон кард ва маблағи 700 сӯмро, ки барои он барнома навишта буданд, ду баробар зиёд кард".

Ман ин порчаи мактуби худро махсусан барои он иқтибос намудам.ки хонандаи азиз эҳсоси онвақтаи як нафар ҷавони ғариби мусофир, донишҷӯи курси дуввумро, ки ба роҳбарии як шӯъбаи калони радио маъмур ва масъул буд, баъд аз панҷоҳу шаш сол ба худ тасаввур кунад.

Тобистони соли 1947 композитсияи адабиву мусиқии "Комде ва Мудан"-и Бедилро аз рӯи нашри устод Айнӣ дар маҷаллаи "Шарқи сурх" тайёр кардам. Дар таҳияи бахши мусиқии барнома Довуд Муллоқандов хеле заҳмат кашид: вай ба шеърҳои пайдокардаи ман мусиқиҳо баст, фони мусиқии достонро хеле моҳирона ба ҳам пайваст. Сурудҳои Комдеро худ сохтаву худ барои хондан тайёр кард. Умуман барои таҳияи ин барнома қариб як моҳ заҳмат кашидем. Он рӯз ки барнома барои эфир эълон шуд, таб кардам ва ангина шудам. Лекин мавқуф гузоштани барнома ҳеч мумкин набуд. Бо таби 37,5 ва овози каме хаста пеши микрофон нишаста, матну шеърҳоро мехондам. Суруду мусиқӣ бо роҳи худ мерафт. Дар миёнаи барнома, ки бештар аз як соат буд, аз хондани шеър фориғ шуда, аз ҷоям хеста, каме дуртар аз микрофон нафас рост карданӣ будам. Дар ҳамин вақт нохост дидам, ки дар ақиби студия дар стул шахси тануманде дар тан костюми сиёҳ ва дар сар кепка нишастааст. Ӯ бо сари хам ба касе нигоҳ наандохта суруди Комдеро гӯш мекард, ки Довуд Муллоқандов ниҳоят муассир мехонд. Он шахс бо ҷуссаи танумандаш ба Усмон Юсупов котиби якуми ҳизби коммунистии Ӯзбекистон монанд буд. Дурусттар нигоҳ кардам - дар воқеъ ҳам Усмон Юсупов буд. Дар шароити риояти хомӯшии студия рафта бо он кас салом кардан бемавқеъ буд. Худи вай инро медонист, ки ба касе ҳарфе назада хомӯш ва сархам буд.

Барнома боз бист дақиқа давом кард. Охири барнома ва ширкаткунандагону таҳиякунандагони онро эълон карда, микрофонро баста аз ҷой хестам. Усмон Юсупов ба хонандаҳо ва мусиқачиён наздик омад. Дасти ҳамаро фушурд ва ба забони русӣ гуфт: "Ташаккур барои шунавонидани хеле хуб ва ҷолиб. Дар роҳ дар мошин гӯш мекардам, гуфтам, ки ҳатман ба студия даромада, ин барномаро ҳам мебинаму ҳам гӯш мекунам.

Ташаккур ба ҳамаи шумоён, барномаҳои аз ин ҳам беҳтар ба мардум пешниҳод кунед".

Рӯзи дигар дар радио аз субҳ дар бораи барномаи мо ва ташрифи ғайри чашмдошти Усмон Юсупов сӯҳбат мекарданд. Роҳбарони радио аз мо ва шахсан аз ман хеле қонеъ буданд, ташаккуру офаринҳо мегуфтанд.

Усмон Юсупов соли 1937 баъд аз суқут ва ҳабси Акмал Икромов ба маснади котиби якуми ҳизби коммунистии Ӯзбекистон соҳиб шуд ва то нимаҳои соли панҷоҳум дар ҳамин ҷойгоҳ буд. Усмон Юсупов яке аз симоҳои дурахшон ва неруманди давлати Ӯзбекистон буд, ки барои равнақи ин сарзамин хадамоти бузурге ба харҷ додааст. Дар рушду ривоҷи санъати мусиқӣ ва театри ӯзбек шахсан саҳми бузург ниҳодааст. Ман худ шоҳид будам, ки вай дар бораи шахсони мустаид ва фидокори санъату фарҳанги ӯзбек чӣ ғамхориҳое менамуд. Мисоли барҷастаи он муносибати ниҳоят самимона ва ғамхоронаи вай ба оҳангсоз Мутаваккил Бурҳонов буд. Усмон Юсупов дар солҳои вазнини ҷанги ватанӣ шахсан ташаббускори ташкили театри нави мусиқӣ-драмавии Тошсовет буд. Бо ташаббус ва заҳамоти шахсии вай соли 1943 дар замони ҷангҳои шадиди зидди фашистон дар сарзамини шӯравӣ воқеаи бузурги илмиву фарҳангӣ, яъне таъсиси Академияи илмҳои Ӯзбекистон ба вуқӯъ пайваст.

Мегуфтанд, ки Усмон Юсупов аслан аз тоҷикони Қаротегин буда ва дар Кафтархона ном деҳи Фарғона ба ҷаҳон чашм кушодааст. Аҳолии деҳ аксар тоҷикон будаанд. Ба тоҷик будани ӯ бовар доштам. Ба барномаҳои тоҷикӣ шавқу ҳаваси хосса доштани Усмон Юсупов ва аз шунавандагони шавқманди ин барномаҳо будани вай гувоҳ аст, ки забони тоҷикиро мефаҳмид ва дӯст медошт. Гузашта аз ин дар замони роҳбарии Усмон Юсупов мактабу маориф, радиову матбуот ва санъати тоҷик ривоҷу равнақи беназир дошт. Дар мақомоти роҳбарии ҳизбӣ ва давлатӣ иштироки тоҷикон хеле фаол ва калон буд. Султон Умаров чанд вақт муовини раиси шӯрои вазирон оид ба фарҳангу маданият буд. Ваҳҳобови хуҷандӣ котиби КМ дар соҳаи идеология буд...Ман, ки корманди масъули бахши тоҷикии радио будам, ҳис мекардам, ки вусъату ривоҷи барномаҳои тоҷикӣ дар радиои Ӯзбекистон ба пуштибонии Усмон Юсупов мавқуф буд.

БАРНОМАҲОИ АДАБИИ ТОҶИКӢ

Барномаҳои адабӣ дар ҳудуди бист дақиқа рӯзҳои душанбе муқаррар шуда буд. Дар ин барнома асарҳои нави адибони тоҷикро аз рӯи матбуоти Тоҷикистон ба шунавандагон тақдим мекардем. Дар бораи аҳвол ва осори классикони форсу тоҷик суҳбатҳо пахш менамудем. Муаллифони сӯҳбатҳо мутахассисони гуногун буданд, аммо хонанда танҳо ман будам. Ба ҷуз ин кӯшиш мекардем тоҷикони муқими Тошканд низ дар барномаҳо иштирок дошта бошанд. Устоди Институти педагогии Тошканд Ҳамид Ҳомидии бухорӣ борҳо дар мавзӯи адабиёти классикии ӯзбек ва робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек сӯҳбат мекард. Шоир Чустӣ, ки ба ӯзбекиву тоҷикӣ шеър менавишт, аз муаллифони доимии мо буд. Мунирхон Муинзодаи хуҷандӣ муқими Тошканд (дар "Намунаи адабиёти тоҷик"-и Айнӣ мундариҷ аст, с.482.) гоҳо тарҷумаҳои

манзуми ашъори Ғафур Ғулом ва дигаронро қироат мекард.

Аз адибони тоҷик Фотеҳ Ниёзӣ ва Кибриёхонум баромад мекарданд. Боре Абдулмалик Баҳории бистсола аз Хуҷанд расида ба редаксияи мо омад. Бо ӯ хеле сӯҳбат кардем. Чанд шеърашро барои мо пешниҳод кард, шеърҳои хуб буд ва онро аз радио пахш кардем. Бояд гӯям, ки намунае чанд аз шеърҳои ҳиндустонии Мирзо Турсунзодаро мо аз аввалинҳо будем, ки ба шунавандагон тақдим доштем (дар ин хусус боз нақл хоҳам кард).

Аз шоирони ӯзбек ягона шахсе ки дар барномаи мо баромад кард, шоир, драматург ва олим Мақсуд Шайхзода буд. Шайхзода аслан марди озарбойҷонӣ буд ва дар солҳои ҷавонӣ ба Ӯзбекистон омада, ҳамин ҷо иқомат ихтиёр кардааст. Осори худро ба забони тоза ва фасеҳи ӯзбекӣ менавишт, лекин дар гуфтугӯй осори лаҳҷаи озарбойҷониаш равшан ҳувайдо буд. Мақсуд Шайхзода аз адибони барҷаста ва номдори ӯзбек буд. Чандин достон ӯ, драма ва фоҷиаҳои манзум ва ғайри манзумаш дар саҳнаҳои театрҳои беҳтарини ӯзбек ба намоиш гузошта мешуд. Дар ҷараёни таъқиботи сиёсии нави солҳои панҷоҳум Шайхзода гирифтори ҳамлаву ҳуҷумҳои сахти ошкоро дар матбуоту маҷлисҳо гардид. Вале ӯ бо истодагариву устуворӣ ҳамаи айбномаҳоро рад мекард. Охиру охирон ӯро аз маъракаву иттифоққо хориҷ карданд. Касе аз "дӯстонаш" ба ӯ гуфтааст, ки "агар ту ба воситаи газета гуноҳатро ба гардан гирифта узр хоҳӣ, аз ҳамаи айбномаву иттиҳомот халос меёбӣ". Шайхзода ҳамин тавр ҳам кард: дар газетаи "Совет Узбекистони" дар поёни саҳифаи охирин изҳороти панҷ-шиш сатрии Шайхзода чоп шуд ва баъд аз ин ӯро зуд ба зиндон гирифтанд ва ба ҳабси бисту панҷ сол маҳкум намуданд. Баъд аз вафоти Сталин Шайхзода озод шуд, аммо илҳоми саршор ва ҷӯшу хурӯши эҷодии қаблӣ дигар ба ӯ барнагашт.

Дар шабе ки мо бо Шайхзода дар факулта мулоқот ташкил намудем, бо ӯ наздиктар ошно шудам. Вай зуд-зуд ба радио меомад ва баромад мекард. Ҳар бор бо ман гарм пурсупос менамуд ва ба лаҳҷаи форсӣ сӯҳбат мекард. Ба назарам соли 1947 буд, ки Ӯзбекистон ҳосили пахтаро бори аввал ба ҳадди миллион тонна расонид ва ин воқеаро чун тӯю сури халқӣ ҷашн гирифтанд. Шайхзода ба ин муносибат "Миллион" ном шеъре навишт ба шакли озод. Шеър ниҳоят хушоҳанг, мутантан ва муассир буд. Ман ин шеърро ба тоҷикӣ гардондам ва аз Шайхзода хоҳиш намудам, ки тоҷикии шеърашро худаш хонад. Розӣ шуд. Бо овози пурҷозиба ва талаффузи форсию озарӣ шеърро хеле хуб хонд. Ба назарам худаш ҳам аз хонданаш лаззат мебурд.

Рӯзе дар редаксия нишаста будам, ки шоир Ғафур Ғулом омад. Мисли ҳамеша хумори май дар сар дошт. Бе ҳеч такаллуф аз рӯ ба рӯи ман нишаст.

— Ман туро аз ҳамон шаби мулоқоти донишҷӯён мешиносам ва дӯст ҳам медорам, - гуфт ӯ бе муқаддима. - Радиои тоҷикиро гӯш мекунам ва нағз мефаҳмам. Хусусан шеърҳои тоҷикиро, ки ту мехонӣ. Чунки ман авлоди Бедил ҳастам ва Бедил пири ман аст. Шайхзода шеъри тоҷикиро хонд, шунидам, аммо вай худ шеъри форсӣ навишта наметавонад. Ман бошам ба форсӣ ғазал менависам. – Вай аз бағалкисааш чанд варақ коғаз баровард пеши ман гузошт. - Ана ин ғазалҳои ман. Канӣ хонда бин, чӣ тур аст?

Варақҳоро гирифта дидам, ки чанд ғазал ба забони тоҷикӣ дар мошинка чоп шудааст. Баланд-баланд хондам, Ғафур Ғулом бо диққат гӯш мекард.

— Ғазалҳоро ман аз назари Мунирхон Муинзода мегузаронам, баъд он кас ба ту мерасонад ва ту аз радио мешунавонӣ.

Бо ҳамин сӯҳбати мо тамом шуд ва Ғафур Ғулом ба редаксияи ӯзбекӣ рафт. Ғафур Ғулом шоири тавоно ва номдори ӯзбек буд. Каси ринд, тунд, ҳаззол ва дар муомила ноустувор буд. Ӯ бештар бо тундравию тундгӯиҳояш, баъзан бо ҳазлу шӯхиҳои духӯрааш одамонро меранҷонд ё беҳуда таҳқир менамуд. Дар мулоқоти факултаамон дӯсти ман Ҳайитметов шеъре бо номи "Оянда аз ту ҷавоб мехоҳам" қироат кард. Шеър оҳанги маҳзунона ва каме навмедона ҳам дошт. Дӯстам хондани шеърро тамом карду Ғафур Ғулом зуд аз ҷояш хеста "Ояндаат дурахшон аст, аммо ту бояд на ба ин оҳангу чашми навмедӣ ба оянда нигоҳ кунӣ!" ва мисли ин суханҳои сахт гуфта ҷавонро мазаммату маломат намуд. Хулоса дар чанд ҷое ки ӯ буд, аз сӯҳбат ва гуфтор бо вай худдорӣ мекардам.

ҲУНАРПЕШАГОНИ БУХОРИИ ТЕАТРИ "ҲАМЗА"

Бисёр орзу доштам, ки дар барномаҳои тоҷикӣ асарҳои драматургони тоҷику русу ӯзбек садо диҳад. Лекин дар Тошканд нишоне аз ҳунарпешагони драмавии тоҷик ё тоҷикзабонро пайдо карда наметавонистам. Боре ба редаксияи адабии ӯзбекии радио ду-се нафар ҳунарпешагони театри машҳури ӯзбекии "Ҳамза" омаданд. Онҳо бо мудири редаксияи ӯзбекӣ дар бораи барномаи оянда сӯҳбат мекарданд. Баъд аз тамом шудани сӯҳбат аз байни ҳунарпешаҳо зани қоматбаланди хушгилу паричеҳра назди ман омаду гуфт:

— Ман аз театри "Ҳамза" ҳастам. Номам Муҳаббат Мӯсоева. Овози форами тоҷикиатонро мешунаваму лекин худатонро акнун дидам. Барномаҳои тоҷикӣ ба ман хеле маъқул аст.

— Шумо тоҷик ҳастед? - бо ҳайрат пурсидам ман.

— Ҳа, ман аз Бухоро мешавам.

— Хайрият тоҷикиро фаромӯш накардаед.

— Охир одам забони худашро фаромӯш мекунад?

— Истед ки мехоҳед ба забони тоҷикӣ дар барномаи мо иштирок кунед?

— Мехоҳаму лекин машқ карда дидан лозим аст. Тоҷикиро медонаму аммо дар саҳнаву радио ба тоҷикӣ баромад накардаам.

— Хайр, ман махсус барои шумо ягон чизи хуб тайёр мекунам, ба назарам машқ кунед, ба тоҷикӣ нағз баромада метавонед.

Баъд аз фикру андешаҳои бисёр қарор додам, ки порчаеро аз драмаи "Маскарад"-и Лермонтов тарҷума кунам. Як моҳ зӯр зада саҳнаи Арбенин ва Нинаро (ба Нина заҳр додани Арбенин ва ба ҳалокат расидани Нина) тарҷума кардам. Тарҷума олӣ набошад ҳам, лекин шеърият ва драматизми асар дар тоҷикӣ то андозае ҳифз шуда буд. Саҳна ҳамагӣ 30 дақиқа буд. Муҳаббат Мӯсоеваро даъват карда, матнро як бор ҳамроҳ хонда баромадем. Ду-се бор ба ҳамин тариқ такрор шуда буд, ки забони Муҳаббат Мӯсоева кушода шуд.

Ниҳоят саҳна тайёр шуду аз радио пахш кардем: ман Арбенину Муҳаббат - Нина. Онҳое ки шунида буданд, таърифу ситоиш карданд. Вале гапи ҳақро Султон Умаров - он вақт ректори донишгоҳи Тошканд - гуфт:

— Шумо хеле хуб хондед, лекин ҳамчун диктор хуб хондед. Ҳунари артистии Мӯсоева хеле нағз ҳис карда мешуд.

Барнома шояд ба дараҷаи дилхоҳ сурат нагирифта буд, вале муҳиммаш ин буд, ки ба воситаи Мӯсоева ба театри овозадори ба номи "Ҳамза" роҳ кушода шуд. Маълум шуд, ки дар театри ба номи Ҳамза чанд ҳунарпешаи маъруфи бухорӣ будаанд ва онҳо дар аксари намоишномаҳо нақшҳои асосиро иҷро мекардаанд.

Ба редаксияи адабии ӯзбекӣ аз театри ба номи Ҳамза Шариф Қайюмов ном артист омаду рафт дошт, ки ҳамчун режиссёр барномаҳои адабию драмавии ӯзбекӣ тайёр мекард. Маълум шуд, ки ин артисти халқии Узбекистон низ бухорӣ будааст.

Рӯзе бо Шариф Қайюмов мусоҳиб шудам ва орзуи худро гуфтам, ки кош артистони бухориюласли театр дар барномаҳои тоҷикӣ иштирок мекарданд ва саҳнаҳои майдаи инсенировкавиро иҷро менамуданд. Шариф Қайюмов гуфт, ки ин фикри дуруст аст ва артистони бухории "Ҳамза" ҳоло забонашонро гум накардаанд ва метавонанд аз радио баромад кунанд.

Бо машварати Шариф Қайюмов "Хирургия" ном ҳикояи Чехов ва боз як порчаи қиссаи Гоголро дар бораи Иван Иванович ва Иван Никифорович тарҷума кардам. Шариф Қайюмов матни барномаро гирифта рафт. Баъд аз даҳ-понздаҳ рӯз артистон хостанд, ки репетитсияи пешакиро дар ҳузури ман гузаронанд, то бидонанд, ки забони тоҷикиашон чӣ гуна аст. Ин ҳунарпешагон артисти халқии Ӯзбекистон Лутфулло Назруллоев, артисти халқии Ӯзбекистон Ҳикмат Латифов (бародари шодравон Латиф Латифов - артисти театри ба номи Лоҳутӣ), худи Шариф Қайюмов ва боз як нафар ҳунарпешаи ҷавони бухорӣ буданд. Забони тоҷикии онҳо каме лағзиш дошта бошад ҳам, забони тозаи тоҷикии бухорӣ буд. Аҳсант гуфтам, ки дар муддати қариб бист сол, ки аз Бухоро ба Тошканд омада шабу рӯз ӯзбекиро машқ мекунанд, забони модарии худро нағз ҳифз намудаанд.

Намоиши аввалини адабӣ-драмавӣ ниҳоят хуб гузашт. Ман хеле шод будам, ҳунарпешагон аз ман ҳам зиёдтар хурсанду қонеъ буданд. Хурсанд буданд, ки ба забони тоҷикии худашон тавонистанд ҳунарнамоӣ кунанд.

Баъд аз ин ҳам боз ду-се порчаҳои хурди драмавӣ пахш кардем. Артистони бухориюласли тоҷики театри ба номи Ҳамза гӯё дар гӯшаи бахши тоҷикии радио бӯи ватани худро ҳис мекарданд. Мо бо ҳам унс гирифтем, улфат шудем. Акнун дар фикри он будам, ки намоишномаи номдори ин театрро бо тарҷумаи мухтасар аз радио бишунавонам. Интихоб ба спектакли "Навоӣ" қарор гирифт. Пиесаи "Навоӣ", ки ба қалами Иззат Султон ва шоир Уйғун таълиф шуда буд, солҳо аз саҳна намефаромад ва аз намоишномаҳои дӯстдоштаи халқ буд. Дар ин хусус бо Шариф Қайюм сӯҳбат кардам ва пурсидам, ки оё иҷрокунандаи нақши Навоӣ, артисти халқии Иттифоқи советӣ, яке аз санъаткорони номдори саҳнаи ӯзбек Олим Хоҷаеви бухориюласли тоҷик розӣ мешуда бошад, ки нақши шоири бузурги ӯзбекро ба забони тоҷикӣ иҷро кунад. Шариф Қайюм гуфт, ки он кас ҳатман розӣ хоҳанд шуд.

Олим Хоҷаев (1910-1977) шахси хушодоб, зиёинамо, хушлибос ва хушандом, болоқаду мавзун буд. Айнаки тиллоияш ба чашмони табассумбор ва чеҳраи сафедгунаш хеле мувофиқ афтода буд. Шахси хеле нарм, дар

муомила дилкаш ва хушгуфтор - хулоса як нафар муллозодаи ҳақиқии бухорӣ буд. Олим Хоҷаев дар театри ба номи Ҳамза бисёр нақшҳои классикӣ ва миллӣ офарида буд. Аммо, ба назари ман, нақши "тоҷвари" ӯ нақши Ҳамлет ва Алишер Навоӣ буд.

Олим Хоҷаев пешниҳоди маро бо ризоияти мамнунона қабул кардааст. Баъд аз ин бо он кас сӯҳбате ҳам доштам, аз Бухорову аз таърихи театру аз санъати волои саҳна ва ғайра. Шахси донову ҳамсӯҳбати хубе ҳам буд.

Муддате ба тарҷумаи мухтасари (варианти радио) драмаи "Навоӣ" машғул шудам, саҳнаҳои беҳтарин, лаҳзаҳои пурҷозиба ва драматизми асарро интихоб кардам. Монолог ва диалогҳои манзуми пиеса, алалхусус Гуливу Навоиро ҳатталимкон нигоҳ доштам. Ба ҳунарпешагон оҳангу садои тоҷикии драма хеле писанд омад.

Ниҳоят пиесаро аз радио пахш кардем. Бо сарварии Олим Хоҷаев ҳамаи ҳунарпешагони номдор ва маъруфи бухории театри ба номи Ҳамза ба ҳамроҳии артисти халқии Ӯзбекистон Марям Ёқубоваи яҳудӣ дар барномаи адабию драмавӣ иштирок карданд. Муваффақияти барнома борҳо зиёдтар аз чашмдошт буд. Пеш аз ҳама роҳбарияти радио ва кормандони барномаҳои адабии ӯзбекӣ ин драмаро ба забони тоҷикӣ бо шавқу ҳавас гӯш карданд. Овози артистони ошнои онҳо ба тоҷикӣ садои муассире додааст. Ҳама ба як овоз ба ширкаткунандагони пиеса аҳсанту офарин хонданд. Шунавандагони ҳамешагии тоҷики мо низ ба воситаи телефон эҳсоси хурсандӣ ва қаноатмандии худро изҳор менамуданд... Баъд аз ин спектаклро ба навор сабт кардем (дар он вақтҳо лентаи магнит акнун ба радио омада буд ва онро беҳуда сарф намекарданд) ва бо хоҳиши шунавандагон борҳо пахш намудем. Бо бовари комил гуфта метавонам, ки радиоспектакли "Навоӣ" қуллаи баланди равнақу ривоҷи барномаҳои мусиқиву адабию драмавии тоҷик дар радиои ӯзбек буд.

Мо дар ин вақт (қариби охири соли 1947) чунон ки дар боло гуфтам, ансамбли худро доштем, овозхонҳои "штатӣ" доштем. Аз ин овозхонҳо ду нафар баъдтар санъаткорони номии Ӯзбекистон шуданд. Яке аз онҳо Исҳоқ Катаев буд. Вай дар курси саввуми институти ҳуқуқшиносии Тошканд таҳсил мекард ва ба воситаи Яъқуб Довудов ва ҳамкурсаш Камол Афзалӣ ба ансамбли тоҷикӣ дохил шуд. Овози хуб дошт, оҳангҳоро хеле ширадору форам мехонд. Аз Яъқуб Довудов чандин сурудҳои "Шашмақом" ва халқиро ба хубӣ омӯхт. Баъд аз хатми институт ба касби ҳуқуқшиносӣ машғул нашуда, бо шавқу ҷонсупории том ба роҳи санъат рафт. Дертар овозхони номӣ шуд ва дар иҷрои сурудҳои "Шашмақом" аз пешқадамон буд. Соли 1987 ба ҷашни шастсолагии Барно Исҳоқова ба Душанбе омад. Баъд аз сию ҳафт сол ҳамдигарро дидем. Тошкандро ба хотир овардем. Бо миннатпазириву шукронаҳо гуфт, ки дастгириву мадади ман ӯро ба роҳи санъат ҳидоят намуд. Соли 1997 ӯро дар Ню-Йорк дидам. Се сол пеш аз Тошканд ҳиҷрат кардааст. Ба иллати ҷарроҳии дил аз сурудхонӣ бозмондааст, ҳоло ҳам овози хуб дошт, дар синагоги яҳудиён дуову ниёиш мехондааст.

Овозхони ҷавони дигар Сосон Бенаминов буд. Ӯро ба ансамбл бо тавсия ва тарғиби Тамарахонуми машҳур қабул карда будем. Баритони хуб дошт, баробари оҳангҳои халқӣ, сурудҳои оҳангсозони муосирро бо пианино низ

мехонд. Дертар ба таҳсили консерватория рафт ва баъд аз хатми ин донишгоҳ дар Театри академии опера ва балети Ӯзбекистон аз солистони мумтоз ва дараҷаи аввалин ва соҳиби нишону унвонҳо низ шуд.

Бахши тоҷикии радиои Ӯзбекистон дар тарғиби сиёсати маданиву фарҳангӣ, дар тарбияи эстетикӣ ва маънавии мардум аз марказҳои бонуфуз ва тасъирбахши ҳизби коммунистӣ ва давлати Ӯзбекистон гардид. Баробари ҳамин бахши тоҷикӣ минбари тавоно ва обрӯманди адабиёту маданияти тоҷикон буд, ки ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам аз ҳайси инъикоси вазъи онрӯзаи фарҳанги тоҷикон хидмати шоистаеро анҷом медод.

Вуҷуди барномаҳои тоҷикӣ ва равнақу пешрафти он самараи дӯстии таърихӣ ва қудратманди тоҷикону ӯзбекон буд, ки чун саҳифаи дурахшон ва ибратангези ҳамбастагӣ дар таърихи халқҳои мо хоҳад монд.

Шукуфоии ин маркази фарҳангии тоҷикон пеш аз ҳама ба ҳиммат ва ғамхории самимии ҳизби коммунистӣ ва давлати Ӯзбекистон вобаста буд. Дар ривоҷу густариши беназири барномаҳои тоҷикӣ хидмати равшанфикрони тоҷик ҳам аз Ӯзбекистону ҳам аз Тоҷикистон бузург буд. Аммо ҷои худситоӣ нест ва пӯшида ҳам нест, ки ташкил ва амалӣ сохтани ҳамаи чорабиниҳои вусъат додани барномаҳои адабию мусиқию драмавию фарҳангии тоҷикӣ ба ӯҳдаи ман, донишҷӯи ҷавони Донишкадаи шарқи Тошканд вогузор буд.

Таҳсили донишгоҳ ва вазифаи пурмасъулияту пурборро дар радио иҷро кардан қуввату заҳамоти зиёдеро тақозо мекард. Соати 8 сари дарс ҳозир шудан, вазифаҳои ҳаррӯзаи устодонро сари вақт иҷро кардан ва пас аз дарс ғизое хӯрда - нохӯрда ба радио рафтан, барномаҳоро омода намудан, бо ширкаткунандагони барномаҳо ба воситаи телефон ё биловосита мулоқот кардан ва сипас соати шаши бегоҳ муддате чанд фориғ шуда, шоме масриф кардан ва боз бегоҳ соати ҳафт ба кори дикторӣ ё хондани барномаҳои адабӣ ҳозир будан - кори саҳл набуд. Дар чунин шароит танҳо аз соати 9-10 шаб имкон доштам, ки бо такрор ва тайёрии дарсҳо машғул шавам.

Дар хусуси рӯзҳои душвор ва пурбори донишҷӯй ва роҳбарии редаксияи тоҷикӣ ба хона, ба падару модарам номаҳо навиштаам. Ин номаҳо ҳарчанд аз кору машғулиятҳои ниҳоят зиёди ман нақл мекарданд, вале имрӯз дар онҳо оҳанги шикояту ранҷи хастагиро ҳис намекунам. Ин номаҳоро падари бузургвор бо эҳтиёт нигаҳдорӣ кардааст ва баъд аз вафоти ишон тасодуфан аз таҳхона пайдо карда будам. Ба назарам, баъзе номаҳо мафқуд шуда, баъзеи онҳо фартут ва рангпарида гаштаанд. Бо вуҷуди ин дар номаҳо муҳити таҳсил ва шароити кори радио, инчунин андешаву ормонҳои солҳои ҷавонӣ инъикос гардидааст.

Хондани ин номаҳо баъд аз панҷоҳ сол хеле шавқовар буд ва гумон мекунам чанд порчаи онҳоро иқтибос намудан барои ҷавонон ибратангез хоҳад буд.

Баъд аз як-ду моҳи ба Тошканд омаданам ба хона мактуб навишта, роҷеъ ба аҳамияти факултаи шарқ ва азму ниятҳои худ чунин изҳори ақида карда будам:

"Факултете ки мо дар он ҷо мехонем, ояндаи пуршарафе дорад. Зеро чи хеле ки рӯзе муовини (раиси) комиссарони халқи Ӯзбекистон раф. С.Умаров омада гуфт, "республикаи Ӯзбекистон ба мо бо дидаи умеду орзу

менигарад"...Ман фикр мекунам, ки дар чунин шароит дар Тошканд азми хондан намудам, инак охири кор (бояд) дорои як муваффақият шавад. Зеро ба Тошканд омадани ман фақат баъзе масъалаҳои маҳдудро дар бар нагирифта, балки ин панҷ соле ки ман ба он розӣ шудам, бояд ояндаи маро ҳал кунад. Тақдири ин панҷ солро, албатта, бе шак соли аввалин ҳал хоҳад кард. Барои ҳамин хеле умед, хаёл ва шавқу завқи бузурге дорам." Охири октябри соли 1944.

"Аз якуми моҳи июн Кибриёхонум ба семоҳа отпуск баромаданӣ. Дар редаксияи тоҷикӣ ба ҷуз ман каси дигар наметмонад...Ба болои ин шунавониданҳои тоҷикӣ боз бисёртар карда шуд. Ба ҷуз ин дар муддати наздик бо қарори махсус шўъбаи тоҷикии мо хеле васеъ карда мешавад. Барои ҳамин корҳо хеле нағз мешавад". 15 май, 1946.

"Ҳамчунон кор бисёр шуд, ки ҳатто "ба сар хоридан" даст нарасида монд. Хонданҳо рўзе 8 соат. Ба ҷуз ин дар радио боз кор ҷўш зад. Бисёртарини шунавониданҳои форсӣ ҳам ба зиммаи мо афтод. Барои ҳамин ҳам ҳамаи истироҳат ва роҳатҳои кардагиамон ба як пул баромада, боз ба ҳамон ҳолати аввала афтодем". 21сентябр, 1947.

Аз ҳикояти корҳои радио ва оҳанги порчаҳои мактуб чунин натиҷа бармеояд, ки миқёс ва масъулияти бахши адабию мусиқии тоҷикии радио ба ҳадде буд, ки шахси масъул бояд аз корҳои дигари туфайлӣ ва иловагӣ озод ва танҳо бо иҷрои ҳамин вазифа машғул бошад. Кори радио ҳарчанд шавқангез, бо ифтихору эҳтиром ва хусусан аз ҷиҳати моддӣ дар он солҳои душвору мушкил ҷолиб ва ҷозиб буд, вале ин корро дар зиндагии худ як марҳилаи гузаранда, як давраи таҷрибаандўзиву таъминоти маишӣ мепиндоштам, Бо вуҷуди ин ҳар чи дар доираи имкону тавон буд, аз самими дил иҷро мекардам. Мақсади асосӣ, орзуву умед, саъю химмати ман он буд, ки аз донишкадае, ки солҳо орзуи онро доштам, донишу илме бардорам, ки ояндаи маро муайян ва равшан созад. Дар ин бора чӣ фикру андеша доштам ва чӣ орзуҳое мепарваридам, дар мактубҳоям ба хона ва пеш аз ҳама ба падарам менавиштам. Хондани ин саҳифаҳо хеле шавқовар аст ва рўҳи ҷавонро дар тафаккур муҷассам менамояд.

"Корҳоям бад не. Зиндагониам ҳам хуб. Хондан аз вай ҳам дуруст. Ҳоло диққати бисёрро ба хондан дода истодаам. Ба наздикӣ маро ба қатори стипендиати сталинӣ гузарониданд. Ман аввал розӣ нашудам, вале онҳо миёнагир карда намонда анкета ва дигар ҳуҷҷатҳоро пур карда гирифтанд. Сабаби розӣ нашудан ин буд, ки ман дар мактаб хеле кам иштирок мекунам. Ба корҳои ҷамъиятӣ инчунин кам машғулам. Танҳо раиси Президуми гўшаи илмиам (Председател студенческого научного кружка по изучению истории кулътури народов Средней Азии/. Ин кор ба ман хеле маъқул ва ба муваффақиятҳо соҳибам. Валекин кору хондан хеле душвор. Ҳама ба ман ҳайрон мешаванд ва мегўянд, ки "шумо чӣ хел мекунед, ки ҳам хонданро хуб мебаред, ҳам коратонро?" 15 март 46.

Пораи дигар аз номаи ин ҷониб:

"Дар зарфи моҳҳои охирин ман аз кружоки илмӣ як мавзўъ гирифта будам: "Рашиддин ва Ғозонхон." Дар болои ин тема хеле бисёр кор кардан лозим омад. Зеро доклади ман дар конференсияи студентон гузошта шуда буд.

Чанд рӯз дар болои ин хеле ҷиддӣ ва аз таҳти дил кор кардам. Аксари маъхазҳо ба забонҳои аҷнабӣ буд. Барои ин чанде аз корҳои радио ҳам даст кашидам. Барои дар назди муаллимин ва толибин шарманда нашудан ҳаракат кардам. Худоро шукр, 10 моҳи май докладро кардам. Ба забони русӣ. Сазовори ҳурмат ва таърифи роҳбари ман гардидам.

Акнун дар радио кор кардан барои ман хеле душвор шуд. Зеро бе ин ҳам дар мактаб кор бисёр. Дар натиҷаи таҷрибаи қадами аввалин дар соҳаи кори илмӣ чунин хулоса баромад, ки барои ман ҳоло бисёр кор кардан лозим аст. Ба он дараҷае ки орзуи ягонаи ман аст, расидан кори хеле вазнин буда, меҳнати бисер талаб мекардааст". 15.У.46.

Ва ниҳоят андешаву фикрҳое ки солҳои ҷавонӣ аз таҷрибаи зиндагонии танҳоӣ ҳосил шудааст:

"Пас аз аз Самарқанд омадан корҳоям алалхусус дар мактаб бисёр шуд. Инчунин пас аз Самарқанд тамоми кирдору рафтор ва фикрҳои худро ба табдил додан ноил гардидам... Фикр мекунам, ки ҳарчанд дар вақти хондан кас бисёр пул гирад, одам ҳамон қадар аз хондан монда, ҳамон қадар қадри вақти мактабиро надониста гузашта меравад ва охир ба дараҷаи паст расида мондани худро ҳис накарда мемонад. Дар мактаб ба корҳои ҷамъиятӣ ва факулта бисёртар машғулам. Зеро барои ояндаи ман мактаб - факулта лозим аст. Радио, гарчанде дуруст кор кунам, маро ба ҳеч ҷо бурда наметавонад. Ба ҷуз пул ёфтан, ба ҳаёт лаёқат доштан дар ин синну сол муайян нахоҳад шуд. Дар ин айём инсон барои таъминоти моддии худ ба ҳар роҳ медарояд, ҳар кореро мекунад, то ҳаёти хуб ба сар барад. Вале дар натиҷа чӣ тавр аз ҷамъият дур шуда партов шуда, мондани худро нафаҳмида мемонад.

Душвориҳои чандрӯзаи хусусан давраи студентӣ набояд одамро навмед созад. Пас аз итмоми хондан ба оғозе, ба коре агар чунин душворӣ давом кунад, пас кас (бояд) шикоят аз бахти номусоид ва белаёқатии худ кунад. Барои ҳамин дар вақти хондан ба душворӣ тоқат бояд намуд. Агар ҷоиз бошад, ба қадри имкон мусоидати ҳоли худ пайдо намуда, ҳаёти ҳақиқии студентӣ ба сар барад. Танҳо дар ҳамин сурат ба қадри хондан, ба қадри илм ва ниҳоят ба қадри ҳаёт мерасад.

Аз ин сабаб дар радио корро камтар кардам. Ба ман ҳар моҳ 2000 ё 3000 кор карда, аз хондан дур шудан чӣ лозим? Бигузор ҳазор сӯм ё яку ним ҳазор сӯм кор кунаму хондани нормалии худро давом диҳам.

Гарчанде фалсафа ва сафсатаи бисёре навишта шумоёнро дилгир намуда бошам ҳам, вале ҳаминро барои худ зарур шуморидам". 25.1У.49. .

Бале, хондан, дониш андӯхтан ва бо роҳи илм рафтан мақсад ва ҳадафи зиндагии ман будааст. Аммо дар ифои вазифа дар радио ҳеч гоҳ фурӯгузорӣ накардаам ва он чи дар доираи тавону имкон буд, ба иҷро мерасонидам. Кори радио барои таҷрибаи зиндагии ман, барои коромӯзӣ аҳамияти бузург дошт. Ба воситаи кори радио ба доираи зиёиёни гуногункасби санъату ҳунар, ба сӯҳбати шахсони шинохтаи Ӯзбекистону Тоҷикистон шарафёб шудам, аз онҳо одамият, муомилат, донишу огаҳӣ дар риштаҳои гуногуни адабиёту санъат, шеъру мусиқиро омӯхтам. Ин донишгоҳи дуввуми зиндагии ман буд.

Барномаҳои тоҷикии радиои Ӯзбекистон берун аз марзи ҷумҳурӣ низ шӯҳрату овоза дошт. Тоҷикони бурунмарзӣ ва умуман мардуми форсизабон

шунавандаи барномаҳои тоҷикии радиои Тошканд буданд. Роҳбарияти радио ин таъсир ва нуфузи барномаҳои тоҷикиро ба эътибор гирифта, чанд муддат, то ташкил ёфтани редаксияи барномаҳои хориҷӣ барномаҳои форсиро ба зиммаи мо гузошт.

Барномаҳои тоҷикии мо дар Тоҷикистон маъруфияти калон дошт. Дар аввали соли 1947 бо Кумитаи радиои Тоҷикистон робитаҳои эҷодӣ барқарор намудем. Дар ҷашнҳои ду ҷумҳурӣ табодули барномаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро ташкил мекардем.

Дар ҳамаи барномаҳо, дар хондани ҳуҷҷатҳои муҳимтарини давлатию ҳизбӣ ва тарҷумаи маърӯзаҳои сарони Маскаву Ӯзбекистон наттоқ - диктор ман будам. Дар муддати як-ду сол садои ман сайқал ёфта, оҳанг ва танини он фораму дилчасптар гардид. Таърифу тавсифи хондану оҳанги садоямро аз ҳама мешунидам. Албатта, ин барои ман хеле гуворо ва боиси ифтихор буд. Аз ин ифтихори худ танҳо як бор ба хона ба падарам навишта будам:

"Дигар, аз таърифи худ баён кунам. Овозаи маҳорати хониши ман (дикторӣ) дар ҳама ҷо мунташир гаштааст. Аз Сталинобод ҳамеша аз одамони дуруст фикрбаёнкуниҳои хуб омада меистад. Ҳатто баъзе одамон мегӯянд, ки барои маро шунидан дар Сталинобод аз 3 санг роҳ меомадаанд. Ҳамин хел гапҳо! Ин бодигӣ не!" 16 феврали соли 1946.

САФАР БА СТАЛИНОБОД

Роҳбарияти радио чанд бор пешниҳод карда буд, ки барои густаришу истеҳком додани робитаҳои радиои Тоҷикистону Ӯзбекистон ба Сталниобод сафари хидматӣ анҷом диҳам. Лекин дар рафти таҳсили донишгоҳ имкони сафарро надоштам. Ниҳоят моҳи августи соли 1947 сафари Сталинобод даст дод.

Ин сафарро метавонам сафари нахустини худ ба Сталинобод гӯям, ҳарчанд саёҳати мухтасаре соли 1936 дар вақти хурдсолиам воқеъ афтода буд. Инак баъд аз даҳ сол боз дар ҳавлии нависандагон дар хонаи собиқи Суҳайлӣ - ва дар ин вақт хонаи Фотеҳ Ниёзӣ - манзил гирифтам. Ниёзӣ дар ин хона пеш аз ҷанг бо оила ва модару хоҳарону додараш зиндагӣ мекард. Баъд аз ба ҷанг рафтану дар Тошканд дар ифои вазифаи ҳарбӣ буданаш ин ҷо хонаводаи он кас зиндагӣ мекард. Дар ин сол, ки Фотеҳ Ниёзӣ барои таътил ба Сталинобод омада буд, маро меҳмони худ қабул кард. Дар муддати кӯтоҳ бо модару хоҳарону ягона додари ишон Шавкатҷон дӯсту улфат шудем.

Дар ин сафар саодате рух намуд, ки аз қадами аввалин ба муҳити адабӣ, ба зиндагонии ҳамарӯзаи нависандагон ва ба як доираи дӯстонаву хешовандии онҳо дохил шудам. Дар ин хона Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Самад Ғанӣ, Зиёдулло Шаҳидӣ, Боқӣ Раҳимзода зиндагӣ мекарданд. Аҷаб зиндагии аҳлона, шоирона, риндона, хирадмандонаву ибратомӯз - ва агар имрӯз гӯям - нотакроре доштанд онҳо дар ин хонаву ҳавлии аз нигоҳи имрӯз дарвешонаву хилватгузинона. Занҳо аксаран дар рӯи ҳавлӣ хӯрок мепухтанд. Бегоҳӣ, ки сояи дарахтон ҳавлиро сарду салқин мекард, ҳар кас болои кати худ бо аҳли хона ҷамъ меомаданд, гизо мехӯрданд.

Баъд аз сарфи ғизо мардҳо дар як каравот, занҳо дар каравоти дигар ҷамъ шуда, сӯҳбатҳои ширин мекарданд, шоирон латифаву зарофат мегуфтанд... Дар фазои ҳавои тозаи ҳавлӣ нафаси латифу беғубори бошандагони ин даргоҳ меҳрпарвару меҳрогин буд, хандаву қоҳқоҳи гӯшнавозу ҳаётбахши онҳо баланд мешуд... Ва пас аз ин як осоишу оромиш бол меафганду ҳама дар зери ин болҳои парниён ба хоби роҳат меғунуд.

Рӯзе чанд тан адибону шоирони сокини ҳамин ҳавлӣ ба сайри дараи Варзоб баромаданд ва бандаро ҳам ба ҳайси меҳмон ҳамроҳ гирифтанд. Ман дар чанд рӯз бо шоирону адибон, ки танҳо бо номашон ба эҳтирому муҳаббат ошноӣ доштам, ҳамнишин шудам, дар сӯҳбати онҳо далертару қаринтар гаштам.

Мо дар назди чашмае дуртар аз лаби дарё нишастем.

Кӯҳу кӯҳсорон барои ман тамошои нав набуд. Дар бачагӣ дар иҳотаи кӯҳсору насими дарёи Зарафшон чанд солҳоро сипарӣ карда будам. Аммо манзараи кӯҳҳои Варзоб, ҷараёни об ва шаффофию софии он намои дигаре дошт. Ман аз сӯҳбати адибону шоирон лаззат мегирифтам, аз ҳавои тозаи дараи Варзоб ва боди салқини оби дарё озодона ва ҳарисона нафас мекашидам.

Яке аз ҳадафҳои сафар ҷамъ намудани ашъори нави шоирон ва ҳикояву порчаҳои мансури нависандагони тоҷик буд. Дар ин кор аз кумитаи радио кӯмак хостам ва кормандони шӯъбаи адабӣ маводи фаровон омода карданд. Дигар аз Миршакар ва Мирзо Турсунзода хоҳиш намудам, ки чанд шеъри навашонро барои пахш кардан аз радиои Тошканд таҳвил кунанд.

Баъди ду рӯз субҳ баъди ношито Турсунзода рӯи ҳавлӣ маро дида гуфт, ки шеърҳо тайёр аст ва ҳозир метавонад ба ман бидиҳад. Ман рӯи каравоти рӯ ба рӯи хонаи он кас нишаста, мунтазири овардани шеър будам. Турсунзода бо яктаҳи беқасаби тунук дар бар чанд тахта коғази оҳарӣ дар даст аз хона баромада, дар рӯ ба рӯи ман нишаст.

— Ман аз таассуроти сафари Ҳиндустон як силсила шеър эҷод кардам. Аз ин шеърҳо барои радиои Тошканд ду шеърро интихоб кардам.

Турсунзода болишро зери оринҷи худ гузошта ба як паҳлӯ нишаст.

— Ман яктои ин шеърро барои шумо хонам. Ҳозир аз мусаввада покнавис кардам, канӣ бинем чӣ хел баромадааст. Шеър дар васфи раққосаи машҳури ҳинд Тара Чандри иншо шудааст.

Турсунзода бо садои на чандон баланд ба таннӣ ба хондани шеър шурӯъ намуд. Ман гӯш мекардаму тадриҷан ба олами афсонавии Ҳинд, ки шоир хеле ҳассосона тасвир ва тараннум намудааст, дохил мешудам. Шеър чун мусиқӣ садо медод ва дар паси пардаи мусиқӣ симои раққосаи ҳинд ба назар ҷилвагар мешуд. Дар Тошканд аз шоири тоҷик то имрӯз шеъре гӯш накардаам. Инак ҳоло шоири тоҷик, шоири пешқадами имрӯзи тоҷик барои ман шеър мехонад. На, вай на танҳо барои ман, балки барои миллионҳо шунавандагони мо шеър мехонд. Фахр мекардам, ки аввалин шунавандаи шеъри нави шоир ҳастам. Ниёзӣ гуфта буд, ки Турсунзода ба қарибӣ аз сафари Ҳиндустон баргаштааст. Бо таассуроти бузург ва тафаккуроти нави ҷолиб. Ҳоло аз таассуроту хотираҳои сафараш шеър менависад. Лекин гумон накарда будам, ки ман шеърҳои ҳанӯз эълон нашудаи ӯро мегирам.

Турсунзода вараққои ба ранги бунафш ба ҳарфҳои хеле хонову яккачин навиштаро ба дасти ман дод.

— Гуфтан мумкин аст, ки шумову шунавандаҳои радиои Тошканд аз аввалинҳо хоҳанд шуд, ки ин шеърро гӯш мекунанд, -гуфт Турсунзода бо табассуми гарм ва илова намуд. - Дирӯз аз Комитети марказӣ телефон карда буданд. Рафиқ Пӯлодов ё рафиқ Ғафуров шуморо ба қабули худ даъват карданӣ ҳастанд. Шумо пешакӣ тайёр шавед, агар баъзе хоҳишу пешниҳодҳо дар бораи корҳои радио дошта бошед, ба онҳо мегӯед.

Баъд аз ду рӯз Ниёзӣ хабар дод, ки имрӯз баъди соати ду рафиқ Пӯлодов - котиби комитети марказии ҳизб оид ба идеология маро ба ҳузури худ даъват мекунад. Ман дар бораи Пӯлодов аз ин пеш чанд бор аз Ҷаъфархон-амакам шунида будам. Ин марди самарқандӣ аз ходимони номдори ҳукумат ва ҳизби коммунисти Тоҷикистон буд. Баъд аз хатми мактабҳои сиёсиву ҳизбии Самарқанд ва иҷрои корҳои маъмуриву ҳизбӣ мисли бисёр зиёиён ва коммунистони самарқандӣ дар аввалҳои солҳои сивум барои ривоҷу равнақи ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон ба Душанбе меояд. Соли 1938 дар синни 32-солагӣ ба вазифаи Вазири маорифи Тоҷикистон маъмур мегардад. Солҳои ҷанг дар сафи қӯшунҳои шӯравӣ хидмат намуда, баъд аз ҷанг котиби кумитаи ҳизби коммунистии ҷумҳурӣ интихоб мешавад (то соли 1954). Сипас боз чанд сол дар мақоми Вазири маорифи Тоҷикистон кор карда буд (соли вафоташ 1979).

Шиносоии ман бо Тоҳир Пӯлодов дар ҳамин соли 1947 сурат гирифта ва баъд аз ба Душанбе омаданам борҳо бо ишон мулоқоту сӯҳбатҳои дӯстона доштам. Солҳои дар нафақа буданаш чанд бор бо дӯстонам Ҳабиб Аҳрориву Мидҳат Беҳбудӣ ба дидор ва сӯҳбати зиндаёд расида будем.

Кабинети Тоҳиров дар бинои кумитаи марказии Тоҷикистон, ки баъд аз ҷанг сохта шуда буд (ҳоло дар он ҷо Президиуми Академияи илмҳои Тоҷикистон фаолият дорад), дар тарафи рости иморат воқеъ буд. Пӯлодов аз дақиқаҳои аввалин бе такаллуф ва бе таоруф сӯҳбат мекард. Дар бораи барномаҳои тоҷикии радиои Ӯзбекистон суханҳои хуб гуфт ва аз кормандони радио, ки барои тоҷикон хидматҳои муфид анҷом медиҳанд, ситоиш намуд:

— Дар ин кор ва умуман дар равнақу ривоҷи маданияти ҷумҳурии Ӯзбекистон хидмати Усмон Юсупов калон аст. Мегӯянд, ки вай аз тоҷикони водии Фарғона аст. Шояд ҳамин хел ҳам бошад. Лекин гап дар ин не. Гап дар вусъати фикру сиёсати оқилонаи ин мард мебошад. Охир ман шоҳиди онам, ки дар Самарқанд солҳои бистум (он вақт пойтахти Ӯзбекистон Самарқанд буд) роҳбарони ҷумҳурии Ӯзбекистон - ҳатто Файзулло Хоҷаеви тоҷикуласл - ба муқобили мактабҳои тоҷикӣ, забони тоҷикӣ буданд. Айниву зиёиёни тоҷики Самарқанд чӣ қадарҳо ҷонфишонӣ карда, мактабҳои тоҷикӣ, матбуоти тоҷик, нашриёти тоҷикро дар Самарқанд нигоҳ доштанд. Дар ин бобат Усмон Юсупов имрӯз чун марди сиёсатмадори хирадманд кор мекунад. Як сол шуд, ки ба мақоми котиби аввали ҳизби коммунистии Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров интихоб шуд. Баъд аз чандин солҳо бори аввалин аст, ки ба котибии кумитаи ҳизб дар Тоҷикистон марди тоҷик интихоб мешавад. Ҳозир рафиқ Ғафуров барои баланд бардоштани иқтисоду маданияти Тоҷикистон корҳои муҳиммро анҷом медиҳад. Нақшаҳои калон ҳам дорад. Барои

Тоҷикистон ҳозир кадр лозим аст. Рафиқ Ғафуров барои муттаҳид намудани кадрҳои тоҷик ҳам аз ҷумҳурии худамон ва ҳам аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя хеле саъю кӯшиш мекунад. Ният дорем пеш аз ҳама олимони тоҷикро аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба Тоҷикистон даъват кунем. Инчунин олимони русро, ки берун аз Тоҷикистон бо тадқиқу таҳқиқи фарҳангу тамаддуни тоҷикон машғуланд, ба Сталинобод биёрем. Бояд гӯям, ки аввалин шуда мо профессор Андреевро ба Сталинобод овардем. Баъд кадрҳои ҷавони тоҷикро, ки дар донишгоҳҳои шаҳрҳои дигар таҳсил мекунанд, даъват мекунем. Маскав саъю кӯшишҳои Ғафуровро тарафдорӣ мекунад. Шахсан рафиқ Сталин ҳам. Шумо нағз медонед, ки мо шахсан бо ташаббуси рафиқ Сталин соҳиби ҷумҳурии комилҳуқуқи иттифоқӣ шудем. Ҳанӯз дар соли 1925 рафиқ Сталин баъди ташкили мухторияти Тоҷикистон телеграммаи гарму ҷӯшон ба халқи тоҷик фиристода, таърих ва қобилияти таърихии тоҷиконро таърифу тавсиф карда буд. Соли 1941 дар зиёфати иштирокчиёни даҳаи санъату адабиёти тоҷик ҳам тоҷикҳоро хеле ситоиш намуда буд.

Пӯлодов аз ҷой хеста сейфро кушод ва аз он ҷо як варақ коғазро гирифта ба ҷояш омада нишаст.

— Ана ин стенограммаи ҳамон нутқи рафиқ Сталин дар зиёфати иштирокчиёни Даҳаи тоҷик дар соли 1941.

Ман варақро гирифта, ба диққат хонда баромадам. Ин суханҳои ниҳоят гарму муҳаббатомези Сталин дар бораи тоҷикон барои ман чун навиди самовӣ садо медод. Хусусан суханҳои истиораомези Сталин дар бораи он ки "тоҷиконро беҳуда тоҷик намегӯянд, онҳо тоҷи халқҳо мебошанд" ба ман таассуроти калон гузошт. Ман аз зиёфати Кремл ба шарафи тоҷикон ва аз сухани қадаҳвораи Сталин бехабар будам.

— Мо бояд сазовори ҳамин суханҳо кор кунем. Мақому обрӯи руспубликаамонро сазовори ҳамин суханҳо баланд бардорем. Барои ин пеш аз ҳама бояд зиёиёни мо камари ҳиммат банданд. Аз он ки шумо дар Тошканд дар радио ба барномаҳои тоҷикӣ роҳбарӣ мекунед, мо хеле хурсанд ҳастем. Рафиқ Ғафуров ин корҳои шумо ва ҳамроҳони шуморо таъриф мекунанд. Мехостанд худашон шуморо қабул кунанд, аммо хеле банд шуданд. Мо медонем, ки ҳозир дар Ӯзбекистон нашриёту матбуоти тоҷик мисли пештара нест. Фақат барномаҳои тоҷикии радио ҷои ин нуқтаҳои муҳимро мегирад. Гуфтан мумкин ин чароғи тобони тоҷикон аст. Шумо бо вуҷуди синни ҷавонатон вазифаи муҳимро иҷро мекунед. Умедворем, ки шумо ва мисли шумо ҷавонҳое, ки имрӯз дар мактабҳои олии Ӯзбекистон таҳсил мекунанд, баъд аз хатми хониш ба Тоҷикистон меоянд. Мо бо чанди онҳо алоқа дорем. Ба баъзеи онҳо стипендияи ҳукумати Тоҷикистонро таъйин намудаем. Қарор додем, ки ба шумо ҳам стипедияи хоссаи ҳукумати Тоҷикистонро таъйин кунем. Фардо назди ҷонишини Раиси Совети Вазирон рафиқ Саломатшоев меравед, он кас хабар доранд, ҳуҷҷатҳои зарурироро ба расмият дароранд ва аз моҳи сентябр шумо соҳиби стипендияи Тоҷикистон мешавед.

Сӯҳбати Пӯлодов бо ин ҷониб зиёда аз як соат давом кард. Аз ин сӯҳбат бо таассурот ва эҳсоси моломол баромадам. Аз кӯчаҳои Сталинобод оромона қадам мезадаму ҳис мекардам, ки дар ин шаҳрчаи хурд, дар ин шаҳраки

ҷавони бистсола ҷунбише, бедорие, тапише ба вуҷуд омадааст. То имрӯз ман тоҷикӣ мехондам, тоҷикӣ менавиштам, тоҷикиро дӯст медоштам, вале аз тоҷик будани худ, аз забони шевои тоҷикии худ, аз шеъру адаби худ, аз таърихи худ ифтихоре эҳсос намекардам. Имрӯз дар дил як суруреву ғуруре аз тоҷику аз Тоҷикистон ҳис мекардам. Як суруре, як нуре дар сина медурахшид. Шунида будам, ки Ғафуров на танҳо шахси сиёсатмадор, балки марди донишманд ва донишдӯст аст. Ниёзӣ ҳикоя карда буд, ки Ғафуров бо вай сӯҳбат карда ба исрор ташвиқ намудааст, ки ҳатман ба Сталинобод баргардад. Ниёзӣ таъкид карда буд, ки Ғафуров ба аҳли илму адаб ва равнақу ривоҷи санъату адабиёт таваҷҷӯҳи хосса дорад.

Ман дар Сталинобод бори аввал китоби Ғафуров "Таърихи мухтасари халқи тоҷик"-ро мутолиа кардам. Ин китоб баъди як соли ба котибии ҳизб таъйин гардидани ин шахс ба табъ расидааст. Аз кӯчаҳо қадам мезадаму ба фаҳмам қариб меомад, ки муаллиф беҳуда ба китоби худ "Таърихи халқи тоҷик" ном нагузоштааст. Ин нишонае аз ҳамин ҷунбиш ва бедории халқи тоҷик будааст...

Рӯзи дигар ба Совети Вазирон рафтам. Совети Вазирон дар иморати дутабақаи тирагуни навсохт (биное ки ҳоло дар рӯ ба рӯи даромадгоҳи он бинои ҳукумати Душанбе воқеъ гардидааст) ҷойгир буд. Ба кабинети Зариф Саломатшоев даромадам. Мисли анкета коғазеро пур кардам. Саломатшоев маро бо тахсиси стипендия табрик гуфт. Илова намуд, ки чунин стипендияҳо бо нишондоди шахсан Ғафуров ба донишҷӯёни берун аз марзи Тоҷикистон таъйнн карда мешавад, то ки онҳо бе мушкилот таҳсили худро ба охир расонида ба Сталинобод биёянд.

Баъди ба Тошканд бозгаштанам фаҳмидам, ки ба чанде аз донишҷӯёни тоҷики донишгоҳи Тошканд чунин стипендия таъйин шудааст. Аз ҷумла донишҷӯи факултаи геология Маннон Ҳамидов низ аз ҳамин сол стипендияи махсуси ҳукумати Тоҷикистонро мегирифтааст.

Маннон Ҳамидов дӯсти ман буд. Шавқу ҳаваси геолог шудан ӯро аз Конибодом ба Тошканд оварда буд. Баъд аз шиносоии аввалин дар тирамоҳи соли 1947 мо дар университет бо ҳам зуд-зуд мулоқот доштем. Мулоқотҳо хеле боодбона, бо эҳтирому посдории ҳурмати ҳамдигар ва андаке дар сурати расмӣ ба вуқӯъ меомад. Маннон ҷавони вазнин, ором ва камсухан буд. Мулоқоти мо бештар дар доираи донишгоҳ (факултаи онҳо дар паҳлӯи донишкадаи мо буд) дар ягон маъракаи умумӣ ё маҷлису шабнишиниҳо сурат мегирифт. Пеш аз хатми донишгоҳ Маннон гуфт, ки устодаш дар донишкадаи геология профессор Ҳабибулло Абдуллоев ӯро ба таҳсили аспирантура тавсия намуда ва худаш ба кори илмии вай роҳбарӣ карданӣ будааст. Ба ҳамин тариқа, Маннон дар Тошканд монду ман ба Сталинобод омадам.

Баъд аз хатми аспирантура ба Сталинобод бозгаштам ва дидам, ки Маннон ҳам аспирантураро тамом карда омадааст. Ӯро ба роҳбарии шӯъбаи хеле муҳим - петрологияи институти геологияи филиали Тоҷикистонии Академиям илмҳои СССР таъйин кардаанд. Ба мо аз иморати ба тозагӣ сохташудаи академия дар кӯчаи Попов хона доданд ва ҳар ду муҷаррадона зиндагӣ ба сар мебурдем. Арӯси номзади ман дар Маскав таҳсил мекард ва арӯси Маннон - дар Тошканд. Дар Душанбе фаҳмидам, ки арӯси вай яке аз

хешони наздики Мутаваккил Бурҳонов - Раъно будааст. Раъно духтари амаки калонии Мутаваккил Бурҳонов - Мукаммил-махдум Бурҳонов будааст. Мукаммил-махдум соли 1937 зиндонӣ шуд ва ба қатл расид. Раъно дар тарбияи модар ва падари дуввуми ғамхору бомаърифаташ монд.

Соли 1957 ман бо арӯсшавандаам ва соли 1958 Маннон бо Раъно тӯйи никоҳ ороста аз "дарди ҳиҷрон раҳой ёфта" ба хушиву хурсандӣ ва саодатмандӣ дар ҷавори ҳамдигар зиндагӣ мекардем. Тобистони соли 1960 бо оила ва духтарчаҳои нахустини худ дар истироҳатгоҳи навбунёди Академия як моҳ бо ҳам дар роҳату фароғат будем. Хушбахт будем ва сояи абре дар осмони зиндагии худ намедидем.

Зимистони соли 1961 шунидам, ки Маннон бемор шуда ва духтурҳо аз вазъи сиҳатии вай дар ташвиш будаанд. Маълум шуд, ки дар ҷисми ӯ оризаи сафедхуниро пайдо кардаанд. Ин хабари шум барои оилаи наврустаи вай ва умуман барои дӯстону волидайни онҳо фоҷеае буд. Тобистон роҳбари илмии Маннон - Абдуллоев, ки он вақт Президенти Академияи Ӯзбекистон буд, Маннонро ба беморситони ҳукуматии Ӯзбекистон бурд. Баъд аз ин худи Абдуллоев ҳам ба бемории вазнин гирифтор шуда, дар бемористони дигари махсуси ҳукуматӣ бистарӣ гардид. Ман ҳамон сол бо оила азми сафари Кӯктебел доштам. Дар роҳ ба Тошканд омада ба аёдати Маннон рафтам. Вай вазнинии бемориашро медонист, аммо умед аз муолиҷаи духтурон дошт. Вай аз бемории ногаҳонии роҳбараш хабардор шуда хеле дар ташвиш буд. Мегуфт, ки рафта аз роҳбари худ хабар гирифтанӣ шудааст, вале духтурҳо иҷозат надодаанд.

Як рӯз пеш аз парвоз ба Кӯктебел ба аёдати Маннон рафтам. Аз солҳои донишҷӯӣ, солҳои муҷаррадӣ ва интизории арӯсҳои худ, аз нақшаву ниятҳои илмӣ сӯҳбати гарме доштем. Лаҳзаи видоъ хеле вазнин буд, лекин ҳар ду ҳам аз навмедӣ ва хатари беморӣ нишоне зоҳир намекардем. Ман бовар доштам, ки баъд аз бисту чор рӯз Маннонро боз зинда, ҳатто дар сиҳҳату саломат мебинам...

Ду рӯз пеш аз баромадан аз Кӯктебел, 20-ми август мактубе бо хабари даргузашти (рӯзи 16 август) Маннон расид. Навишта буданд, ки то лаҳзаи охирини зиндагӣ вай бо ҳама меҳрубон буд, бо васияту бими хатари марг касеро дар изтироб намегузошт... Даҳ рӯз пеш роҳбари вай Абдуллоев аз ҷаҳон чашм пӯшидааст. Ин хабари шумро ба Маннон нагуфтаанд. Вай то дақиқаи охирин аз вазъи сиҳҳати Абдуллоев мепурсидааст.

Бо исрори падару модар ҷасади Маннонро ба Конибодом бурданд. Ман ба Тошканд омадам, аз он ҷо ба Душанбе... Ҷои Маннон холӣ буд. Дар Тошканд сӯгвории ӯро дар сӯҳбати пур аз ҳузну андӯҳ бо Мутаваккил Бурҳонов гузаронидем. Ёди ӯро дар Душанбе бо ашкҳои шашқатор ва гиряву навҳаҳои ҳамсараш посдорӣ намудем.... Баъд аз чанд вақт Мутаваккил Бурҳонов Триои мотамии худро ба ёди Маннон таълиф намуд. Ман ҳам ҳикояте навиштам бо номи "Танбӯри дилкаш" ба ёди дӯстам, геологи ҷавони тоҷик Маннон Ҳамидов... Ва ин чанд сатри сафаҳоти хотираҳо низ ба поси ёди дӯсти ҷавонмарги зиндаёдам сабт гардид...

* * *

Корҳои радио баъд аз омадан аз Сталинобод авҷ гирифт. Редаксияҳои тоҷикӣ ва кормандони камшумори он - Аҳрорӣ, Беҳбудӣ, ман ва мошинисткаи босаводу хушодоб Хадичахонум - бо редаксияҳои дигари адабию мусиқию сиёсии ӯзбекиву русӣ дар дӯстиву муҳаббат кор мекардем ва дар радио мавқеи хубу маҳбубият низ доштем. Дар ин муддат боре чанд бо радиои Тоҷикистон табодули барномаҳо кардем ва ин табодулот хуб гузашт.

Кори роҳбарии барномаҳои адабию мусиқӣ ва драмавӣ ҳамзамон бо таҳсили донишгоҳ барои ман гаронӣ мекард. Чанд нафарро ба дикторӣ қабул кардем, аммо садову оҳанги хондани онҳо ба талабот мувофиқ набуд. Боре як нафар тоҷики фарғонагии хушқаду қомат ва бамаъниро ба дикторӣ гирифтем. Бад намехонд. Лекин баъд аз чанд рӯз ба кор дер меомад, баъдҳо дар вақташ биёяд ҳам, ширакайф меомад - намедонам май менӯшид ё аз нашъаҳо истеъмол менамуд - дар ҳар сурат гапу гапзаниҳову муомилаҳо аз чорчӯбаи ақлу мантиқ берун буд. Хулоса, шахси муносиб ба дикторӣ пайдо намекардем.

Ҳамон сол барои таҳсил дар мактаби ҳуқуқшиносии Тошканд аз Самарқанд шиноси ман Камол Афзалӣ омад. Вай дар Самарқанд мактаби миёнаи тоҷикиро хатм карда, гуфтори хубе ҳам дошт. Ӯро ба дикторӣ қабул карда чанд муддат чун шогирд таълими дикторӣ додем ва дере нагузашту ба ин вазифа мувофиқ омада "дикторӣ касбӣ" шуд.

Акнун барои хондани ахбори тоҷикӣ овози зан ҳам лозим буд. Дар давоми ду сол як-ду нафар занҳои ҷавони тоҷикро аз самарқандиёну бухориён ба кор гирифтем, вале онҳо ё аз ҷиҳати садо ё аз ҷиҳати талаффуз ё ба сабабҳои дигар ба дикторӣ мувофик набуданд. Ва ниҳоят ман шахсан қарор додам, ки Фотимахон Бурҳоноваро, ки як сол зиёдтар бо он кас ошноӣ доштам, ба кор даъват кунам. Даъвати ман барои он кас ғайри чашмдошт буд ва дар қабули он ҷуръат накард. Лекин ба исрор тарғиб кардам, ки дар ин кор худро озмояд. Чанд рӯз дар хона бо ишон машқ кардем, то ки оҳангу салиқаи хондани вай ба вазъи мувофиқ ворид шавад. Дар охир аз микрофон ҳам бо хондани хабарҳои хурд санҷиш гузаронидем. Овози форам ва талаффузи тозаи тоҷикии он кас барои дикторӣ хеле мувофиқ буд ва худаш ҳам тадриҷан далертар шуда, ба оҳанги кор ворид гардид. Аз охири соли 1947 то рафтани ман аз Тошканд - дурусттараш аз радио - диктори доимии хабарҳои охирин ба забони тоҷикӣ Фотимахон Бурҳонова буд.

Чунон ки пеш аз ин зикр шуд, бо Фотимахон Бурҳонова беш аз як сол буд, ки шинос будем ва баъдтар мисли додару хоҳар бо ҳам қарину хешованд шудем. Дар давоми чанд сол тадриҷан аз зиндагии гузаштаи ишон ва авлоду хешу табораш воқиф гардидам. Ин зан зиндагии пурташвиш, гоҳо фоҷеангез ва аз рӯи хислати худ ҳаёти лоуболонаеро сипарӣ карда буд. Фотимахон ва додараш Мутаваккил Бурҳонов дар зиндагии ман нақше гузоштанд, ки ҳеч гоҳ сутурда намешавад. То лаҳзаҳои охирини зиндагиашон мо ҳамдаму ҳамнафас будем. Ман дар ин китоби хотирот аз ҳикоят ва нақли ин ду нафар - хоҳар ва бародари худ - ба хомӯшӣ гузашта наметавонам. Зиндагии онҳо на танҳо барои ман, балки барои ҳама ва итминон дорам, ки барои ояндагон низ ибратомӯз хоҳад буд.

ҚИССАИ ФОТИМАХОН

Аз рӯзи дар радио ба кор шурӯъ карданам дар редаксияи мусиқӣ номи композитор Мутаваккил Бурҳоновро бисёр мешунидам. Дар консертҳои барномаҳои ӯзбекӣ суруду романсҳои дилчаспу гушнавози ӯ садо медод. Ба хонаи редаксияи мусиқӣ гоҳо даромада, бо ман салому алайк мекард. Ҷавони наҳифи хушқомат ва сафедгуне буд. Мӯйҳои дарозаш то буни гардан афтода буд. Шунида будам, ки Бурҳонов аз Бухорост, аммо ба тоҷикӣ гап задани ӯро боре дуруст нашунида будам.

Рӯзе вақти ба диктории бегоҳӣ омаданам Бурҳоновро дар роҳрави вурудии бино дидам, мутафаккирона меистод. Салом кардам. Ҷавоби салом карду омада дастамро фушурд ва бо табассуми ширин ба тоҷикӣ гуфт:

— Мо барномаҳои тоҷикиро бо камоли завқ гӯш мекунем. Хусусан аз Тошканд садо додани сухани тоҷикӣ ба гӯш хеле форам мерасад. Охир ин ҷо гапи тоҷикиро кам мешунавем. Хоҳарам хусусан суханҳои шуморо бо як ҷаҳон лаззат гӯш мекунад. Борҳо гуфт, ки шуморо ба хона даъват кунам, ки худатонро ҳам бинад. Шумо метавонед, ҳамин рӯз баъди кор ба хонаи мо биёед?

— Метавонам, лекин баъди соати ҳафт, баъд аз хондани хабарҳои охирин.

— Пас ман соати ҳафту ним шуморо ҳамин ҷо мунтазир мешавам,-гуфт ва зуд бо қадамҳои тез аз бино бадар рафт.

Корро тамом карда аз студия баромадам, ки Бурҳонов дар роҳрав мунтазир аст. Гуфт, ки манзили онҳо чандон дур нест, пиёда рафтан мумкин аст. Дар шаби на чандон сарди тирамоҳ аз кӯчаҳои Тошканд гапзанон мерафтем. Дар воқеъ хонаашон дар маркази шаҳр буд ва аз ин ҷо як кӯча гузашта ба манзили дарвешонаи мо расидан мумкин буд.

Дарро зани миёнақади сабзина бо чашмони шаҳлову абрувони пайваста кушод. Маро чунон бо хушнудиву меҳрубонӣ пешвоз гирифт, ки гӯё ошнои деринаи онҳо будаму баъд аз чандин соли дурӣ ба дидори ман расидааст. Хонаи калону васеи чароғон, ки иборат аз чор ӯтоқ буд, баъд аз кулбаи вайронаи мо ба назар қасри шоҳона ҷилвагар шуд. Маро аз пешгоҳ, аз болои дивани нарми чармӣ нишонданд. Фотимахон пайваста маро хайри мақдам мегуфт ва болои миз он чи дошт, оварда мемонд. Аз хиҷолат дар ҷавоби ширинсуханиҳо чӣ гуфтанамро намедонистам, фақат ба суолҳои Фотимахон кӯтоҳ-кӯтоҳ ҷавоб медодаму бас. Мутаваккил кам гап мезад. Духтарчаи Фотимахон Дилбари ёздаҳсола баъзан сари миз нишаста бо чашмони оташбори сиёҳаш кунҷковона ба мо менигарист, ки меҳмони нав ба модару тағоии вай чӣ хешигарӣ дошта бошад.

Сӯҳбати қариб дусоатаи мо дебочаи дӯстию пайванди бародарию хешовандии давомдори мо гашт. Аз ҳамин рӯзи аввалин дар дил ба ин зани хандону меҳрубон ва хушсӯҳбату дилбар, ба додари ҷавони вай Мутаваккил, ки дар ниҳояти тавозуъу одоби ҳамида буд, ва духтарчаи хушрӯи онҳо, ки гули муаттару навшукуфтаи хонадон буд, меҳри гарму муҳаббати ҷонфазо пайдо шуд. Таассуроти аввалини худро аз ин шиносоӣ ба падару модарам

дар номаам чун муждаи зиндагӣ ба ин тарз баён карда будам:

"Дар ин ҷо бо одамони хуб шиносоӣ дорам, аз хешҳои худам ҳам беҳтар. Мутаваккил Бурҳонов ном як композитор будааст, хеле ҷавони хуб. Рӯзе намонда ба хонааш бурд. Хонааш хеле хуб, наздики панҷ хона дорад. Зиндагонии басе шоҳона. Хоҳари калониаш, ки отаамро мешиносад, маро хеле эҳтиром мекунад. Чизҳоятонро биёред, ман шуста медиҳам, авқотҳои ҳавасатон рафтагиро гӯед, ман пухта медиҳам, гӯён маро хеле дилдорӣ медиҳад... Одамони такаббурдор не... Ман хеле орзу мекунам, ки монанди онҳо хоксор ва обрӯдор шавам". 14 ноябр, 1945.

Хулосаи калом меҳрубонӣ, ғамхорӣ ва одамияту самимияти онҳо буд, ки ба ин хонадони хурду вале баландмақоми ҷомеаи Тошканд ворид гаштам ва солҳо гузаштанду мо аз хешу ақрабо ҳам бештар ва қавитар ба ҳам наздику қарин гардидем. Медидам, ки онҳо аз ҷиҳати моддӣ ба дараҷаи фаровон таъмин набуданд, лекин дар саховат, дасткушодӣ, меҳмоннавозӣ ниҳоят волоҳиммат ва чашму дидаашон сер буд.

Мутаваккил Бурҳонов аз аҳли санъат буд ва аксари санъаткорон ӯро дӯст медоштанд, истеъдоди ӯро эҳтиром, қадршиносӣ ва ҳатто парастиш менамуданд. Онҳое, ки бо дӯстиву рафоқат ва эҳтирому эътиқод ба хонаи онҳо меомаданд, аз сӯҳбат ва ошноии аввалин мафтуни Фотимахон мешуданд. Дидори аввалин ба дӯстиву муҳаббати самимӣ мегузашт. Муносибати дӯстона ва пур аз меҳру гармии онҳо танҳо мавқуф ба эҳтиром ва посдории Мутаваккил набуд, балки Фотимахон худ дар дили онҳо, дар зиндагии онҳо, дар хонаводаи онҳо мақоми хосса пайдо мекард. Санъаткорони машҳур ва ҳамкасбони Мутаваккил ба Фотимахон муносибати ниҳоят самимиву дилбастагӣ доштанд. Дар миёни аҳли ҳунару мусиқӣ номи "Фотимахон" ё "Фотимаҷон" ё "Фотимаопа" вирди забонҳо буд. Хоҳ мард ва хоҳ зан, хоҳ аз зиёиву хоҳ мардуми оддӣ боре бо ин зан ҳамсӯҳбат ки шуд, орзу мекард, ки бори дигар ҳамнишин ва ҳамсӯҳбат бошад. Вай бо ҳама унс мегирифт, бо ҳама забон меёфт, бо ҳар кас мувофиқи табъу табиати вай сӯҳбат мекард, ҷояш биёяд қадаҳе чанд нӯшида, боз ҳам ширинсухантару марғубтару сӯҳбаторотар мегашт.

Доираи ошнову парастандагони Фотимахон ниҳоят васеъ буд. Бухориёне ки муқими Тошканд буданд, гуфтан мумкин аст бе истисно Фотимахонро мешинохтанд ва Фотимахон низ онҳоро, аҳли хонаводаашонро аз кӯдакашон сар карда, то пирмарду пиразанҳояшон медонист. Ба тӯи онҳо сарварӣ менамуд, ҷояш биёяд дасту остин барзада хидмат ҳам мекард.

Фотимахон бисёр шахсони обрӯманд ва соҳибмақомро аз солҳои ҷавониашон мешинохт, аз лаҳзаҳои аҷиби тарҷумаи ҳоли онҳо воқиф ва бо ҳамаи онҳо бо риштаҳои дустӣ пайванд буд, бо онҳо рафту омад мекард. Султон Умаров, ки аз мардони бузурги Тошканд ва дар маснади давлатӣ нишаста буд, Фотимахонро аз солҳои сивуми дар академияи Самарқанд таҳсил карданаш мешинохт. Фотимахон ҳам ӯро хуб медонист, таърихи ба духтари муллои тақводори Бухорӣ ошиқ шудану издивоҷ кардани ӯро шоҳид буд ва ба ман нақл ҳам карда буд. Султон Умаров ва ҳамсари оқилаву зебои ишон Сакинахон дӯстони наздиктарин ва дерини Фотимахон буданд, маъракаҳои оилавӣ ва меҳмондориҳои калони онҳо бе иштирок ва бе

маслиҳати Фотимахон намегузашт.

Дар ҙиндагии Фотимахон ягона сарвати бебаҳо духтараш Дилбар буд, ки бе падар калон мекард. Рӯзи таваллуди Дилбар якуми март рӯзи иди Фотимахон буд. Дар ин рӯз Фотимахон зиёфатҳои пурнозу неъмат меорост, дӯстони Фотимахон аз бухориёну самарқандиён, аз аҳли ҳунару мусиқӣ ҷамъ меомаданд. Оҳангсозон, аз ҷумла худи Мутаваккил ҳам, суруду навоҳои тозаэҷоди худро мехонданд, ҳофизон оҳангҳои шӯхи халқиву классикӣ месуруданд. Базме барпо мешуд, ки назири онро надида будам ва баъдан ҳам надидаам.

Бо ҳамаи ошнову дӯстони деринаву навини худ Фотимахон ба як гунаву ба як тарз меҳрубону дилёб буд. Хонаи вай қариб бе меҳмону бе мусофирони Бухорову Самарқанд набуд. Баъзан аз Бухорову Самарқанд ошноҳои дерин омада, чанд рӯзу чанд шаб дар хонаи Фотимахон иқомат менамуданд. Фотимахон бе хастагиву миннат дар хидмати онҳо буд.

Фотимахон агар ба Бухорову Самарқанд равад, "даст ба даст намерасид». Дӯстон навбатро интизорӣ мекашиданд, ки Фотимахонро ба манзилашон даъват кунанду аз дидору сӯҳбати вай баҳравар гарданд. Худи ман, ки дар Тошканд қариб ҳар рӯз бо ҳам будем, дар Самарқанд рӯзҳо интизорӣ мекашидам, ки ӯро ба меҳмонии падару модарам даъват кунам. Боре падарам ба тарзи гилаи шӯхиомез гуфт: "Фотимахон, шумо дар Самарқанд тухми анқо ҳастед, мешунавему ба дидор расида наметавонем". Фотимахон узр овард, ки "муаллим, чӣ кор кунам, дар ин ҷо ошнову хешҳои пиру дилшикастаро як сари қадам рафта набинам, намешавад". Падарам хандида гуфт: "Шумо қадоқчӣ будаед-дия, шикастаҳоро қадоқ мекунед." Фотимахон аз зарофати падарам чунон завқ кард, ки солҳо ин суханҳоро такрор мекарду самимона механдид (Дар Самарқанд "қадоқчӣ "устое буд, ки зарфҳои шикастаи чиниро ба ҳам мечаспонид).

Унсурӣ дар луғази шамъ байте дорад:

Хештан сӯзем ҳар ду бар муроди дӯстон,
Дӯстон дар роҳатанд аз мову мо андар меҳан.

Чунин шахсони "бар муроди дӯстон хештансӯзро" дар симои Фотимахон дидаам ва мисли вай то имрӯз аз зану мард касе ба ин сифат ба назарам нарасидааст. Ҳам дар рӯзҳои нек ва ҳам дар мушкилиҳои зиндагӣ ба кас агар мададу ёрӣ зарур афтад, ҷонсупорона хидмат мекард. Ман ду воқеаи хурдеро дар ин маврид нақл карданӣ ҳастам.

Дар хонаи Фотимахон пиразанеро медидам. ки даҳ рӯзу понздаҳ рӯз иқомат мекард ва Фотимахон ӯро мисли тифл парастории менамуд. Баъд фаҳмидам, ки ин пиразани нуронӣ хоҳари ҳофизи машҳури бухорой Домулло Ҳалим будааст. Кайҳост ки фарзанде надида, аз шавҳар ҷудо афтода, бекасу бе кӯй дар ҳимоя ва васояти хешон мезистааст. Фотимахон ӯро "бибиҷон" мегуфт ва мо ҳам ба ҳамин лақаб бо ӯ муомила доштем. Пиразани хушлибосу сафедгуну ширинсухан аз гузаштаҳои Бухорову бухориён нақлҳои аҷиб мекард. Дар тайи як-ду сол бо ӯ унс гирифтам ва ӯ низ маро мисли фарзанд дӯстдорӣ мекард.

Баъд аз чанд сол, дар сафари худ ба Тошканд аз Фотимахон ҳолу аҳволи бибиҷонро пурсидам. Фотимахон қиссаи ҳузновари охири умри пиразанро

бо гунаи ғамгину чашмони ашколуд нақл намуд.

Дар охири умр бибиҷон, ки синнаш аз ҳаштоду панҷ гузаштааст, дар асари склероз ақлу ҳушро гум мекунад ва дар баъзе мавридҳо аз ҳавлӣ бе ҳушу бе ёд баромада соатҳо гум мешудааст. Хешовандон бе он ки бо Фотимахон машварат кунанд, бибиҷонро ба табобатгоҳи бемориҳои рӯҳӣ ба шаҳри Ҷиззах бурда месупоранд. Баъд аз як сол хабари вафоти бибиҷон мерасад. Дар ин ҷо хешовандон ба Фотимахон муроҷиат мекунанд. Фотимахон мегӯяд, ки омода аст ба Ҷиззах рафта, ҷасади бибиҷонро биёрад. Хуллас бо мошини санитарӣ дар сардии сахти моҳи декабр ба Ҷиззах меравад. Як рӯз он ҷо истода, ҳуҷҷатҳои заруриро ба расмият дароварда, соати даҳи шаб ба роҳ мебарояд. Сардии моҳи декабр шабона боз ҳам шиддатноктар мешавад. Қариби саҳар Фотимахону ронанда дар роҳ ба ошхонае даромада гарм шуда нафас рост мекунанд. Як косагӣ шӯрбо хӯрда "каме ҷон мегиранд" ва боз ба роҳ мебароянд. Дар роҳ шиддати сармо камтар асар кунад гуфта, нақл намуд Фотимахон, каме арақ ҳам хӯрдам. Баъд дар паҳлӯи бибиҷон нишаста гаҳе бо хандаву гаҳе бо гиря бо он кас сӯҳбат мекардам. Бомдод ба ҳавлии хеши бибиҷон расидем. Марду зан расму оини мурдадориро ба ҷо оварда, бибиҷонро бо иззату икром ба хок супурдем.

Боз нақли дигар дар бораи ҷонсӯзии Фотимахон дар ҳаққи наздикони худ. Тобистони соли 1957 ман бо арӯсшавандаам Баширахон (ҳамсари ҳозираам) дар Маскав аз қайди расмии никоҳ гузашта, ният доштам, ки дар Душанбе маъракаи тӯямонро ташкил кунам. Аммо хоҳари ҳамсарам Малоҳатхон пинҳону ошкор саъй намуд, ки на танҳо тӯи арӯсии мо мавқуф монад, балки агар тавонад ба ҳамхона шудани мо монеъ гардад. Ман дигар илоҷе надоштам ғайр аз он ки бо арӯси нави худ ба Самарқанд омада, тӯи арӯсиро аз рӯи суннату расму оини нав барпо кунам.

Мо аз Маскав рост ба Тошканд омадем. Фотимахон ин воқеаро шунида гуфт:

— Ман ҳаргиз Баширарo танҳо намемонам. Шаҳобовҳо қадрдону хешовандони ман мешаванд. Худам аз номи ҳамаи онҳо арӯсро ҳамроҳатон ба Самарқанд бурда, ҳамчун хеши Шаҳобовҳо тӯйро мегузаронам.

Фотимахон боз хонаву ҷояшро ба касе супорида, бо мо ба Самарқанд омад. Тӯи арӯсиро ҳам аз рӯи урфу одоти қадим ва ҳам ба расму оини нав гузаронида, ба Тошканд бозгашт. Хидмати ин зани ҷонсупор буд, ки дар рӯзҳои тӯй на танҳоиву "ғарибии" арӯси нав ва на "бойкоти" модару хоҳари наварӯсам маълум шуд.

Бале, зани қаҳрамоне буд Фотимахон. Ҳамеша хандону меҳрубон, ҳамеша меҳрпарвару дилбар, ғамхору ғамгусор, рафиқи мӯъминусу ҳарифи суҳбаторо, нурбахшу нурафзо... Бисёриҳо, ки ин занро ба ин хислату сифат медиданд, гумон намекарданд, ки вай як ҳаёти пурташвишу фоҷеаангезеро сипарӣ карда ва сояи фоҷеаву ноҳамвориҳои зиндагӣ болои сари ӯ чун абри тираи мудҳиш мустақар буд, айши ӯро талх мекард, дили ӯро реш менамуд. Аммо ӯ ба касе сир фош намекард, бо касе оҳу воҳ наменамуд... Баъд аз духтару додари Фотимахон ман будам, ки аз ҷароҳати дили вай хабардор гаштам ва ҳамин огаҳии ман аз дарди дили вай ба гумонам ба ӯ таскин мебахшид. Ин аст сафҳаи аз назарҳо пӯшидаи зиндагии ин зан.

Ҷадди бузурги хонадони Фотимахон - Бурҳон-махдум мударрис ва шахси обрӯманди Самарқанд ҳанӯз пеш аз истилои Русия бар Самарқанд, ба қавли Мутаваккил Бурҳонов "рӯям ба рӯи урус наафтад гуфта" ба Бухоро ҳиҷрат мекунад. Аз Бурҳон-махдум чор писар мемонад: яке Музайян-махдум, фарзанди аршад, падари Фотимахону Мутаваккил; ва се писари дигар: Мукаммил, Муаммир ва Мазҳар, ки ҳар яке лақаби "махдум"-ро доштанд. Музайян-махдум ва ҳамсари вай дар кӯдакии фарзандон аз ҷаҳон чашм мепӯшанд ва фарзандонашон дар тарбияи амакҳояшон мемонанд. Муаммир ва Мазҳар дар қатори чанде аз ҷавонони бухорӣ дар аввали садаи 20 барои таҳсили илм ба Истамбул рафта, баъд аз фаро гирифтани улуми диния ва дунявӣ, инчунин аз худ намудани забону адабу таърихи Туркия ба Бухоро бозмегарданд. Мукаммил-махдум дар Бухоро ба ҷунбиши ҷавонбухориён шомил буд ва баъдан дар ҳукумати ҷумҳурии шӯроии халқии Бухоро дар мансаби калон маъмур мешавад. Мазҳар ва Муаммир бо фаолияти муаллимӣ ва таълиму тарбия машғул мегарданд. Баъд аз ташкили Ҷумҳурияти шӯравии сотсиалистии Ӯзбекистон ва ба ҳайси пойтахти ҷумҳурӣ баргузида шудани Самарқанд оилаи Бурҳоновҳо ба Самарқанд мекӯчад. Сабаби ба ин шаҳр омадани онҳо боз дар он буд, ки ду махдумзода пеш аз инқилоб бо ҳизби ҷавонбухориён ва сарвари он Файзулло Хоҷаев наздик буданд. Ба Самарқанд омадани онҳо ҳам ба рӯи хотири Файзулло Хоҷаев ва ҳам ба манзури такягоҳе дар шахси вай доштан буд.

Дар солҳое, ки Самарқанд пойтахти Ӯзбекистон буд, дар ин шаҳр баробари интеллигенсияи ӯзбек, равшанфикрони тоҷики шаҳрҳои дигар низ гирд омаданд. Зиёёни Бухоро, ки аксарашон дар солҳои мавҷудияти Ҷумҳурияти халқии Бухоро ба тарзи сунъӣ ба забони ӯзбекӣ ҳарф мезаданду менавиштанд (аз рӯи зарурат ва маҷбурият - зеро Файзулло Хоҷаев ва дигар роҳбарони ин ҷумхурӣ забони ӯзбекии туркиро забони давлатӣ эълон карда буданд) дар Самарқанд аз нав тоҷик шуданд. Мазҳар-махдум аз муаллимони номдори мактабҳои Самарқанд шуд. Донишманд, адиб ва шоири маъруф Абдурауф Фитрат, ки дар ҳукумати Бухоро аз ҷорикунандагони забони ӯзбекӣ буд, баъд аз омадан ба Самарқанд тоҷик шуд. Вай дар Академияи педагогии Самарқанд (Педакадемия) аз таърихи адабиёти ӯзбек дарс медод, аз таърихи адабиёти турку ӯзбек китобу мақолаҳо менавишт. Баробари ҳамин дар Самарқанд ӯ аввалин драмаи тоҷикӣ – "Шӯриши Восеъ"-ро навишт. Дар Самарқанд аз таърихи забону адаби тоҷик мақолаҳо иншо намуд. Ва ниҳоят дар масъалаи ба алифбои нави лотинӣ гузаштани тоҷикон фаолона ширкат намуд. Решаи тоҷикӣ ҳам дар Фитрату ва ҳам дар зиёёни дигари бухорӣ хушк нашуда буд.

Сабаби дар Самарқанд равнақ ёфтани забону адаби тоҷик дар он буд, ки баъд аз ташкили ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон Самарқанд маркази маданияту маорифу нашриёти тоҷик шуд. На танҳо мактаб, матбуот, нашриёт, маориф тоҷикӣ буд, балки худи шаҳр низ шаҳри тоҷик буд. Ба назарам, зиёёни ӯзбек, ки аз шаҳрҳои дигар омада буданд, дар ин шаҳр худро мусофир, бегона ҳис мекарданд.

Фитрат то ин дам издивоҷ карда буд ё на, ба ман маълум нест. Аммо дар Самарқанд ӯ муҷаррад будааст. Вай бо оилаи Бурҳоновҳо нағз ошно буд ва

бо онҳо рафту омад дошт. Дар вақти рафту омадҳо Фитрат духтари шонздаҳ - ҳабдаҳсолаи ин хонадон, духтари чусту чолок ва зебо Фотимахонро "таги чашм" кардааст. Ва марди чилсола духтари наврасидаро хостгорӣ мекунад. Бародарон Бурҳоновҳо, ки Фитратро пири худ медонистанд, ба вай не гуфта наметавонистанд, балки домодии ӯро барои хонадони худ ҳамоно шарафе медонистанд. Онҳо аз рӯи урфу одат аз Фотимахон напурсида, ба ақди издивоҷ ризоят медиҳанд. Фотимахон ҳам ба раъйи амакҳои худ мухолифат карда наметавонист.

Духтаре, ки орзуву умед ва хаёлҳои ҷавононаи ҳамсару ҳамсоли мувофиқ пайдо карданро дошт, ба ҳамхонагии марди калонсоли донишманд одат карда наметавонист. Ба зӯру иҷбор вазифаи зан ва ҳамсариро адо мекард, лекин дилаш ғунчавор ба рӯи шахсе кушуданӣ буд, ки ӯро дӯст дорад, дилу ҷон бидиҳад. Фотимахон мисли занҳои зиёёни пешқадам бо мӯйҳои бурида, либосҳои зебои урупоӣ ба кӯча мебаромад, дар сӯҳбати шоирону адибони тоҷику ӯзбек хандону шукуфон буд. Аммо дар сина, дар замири дил ҳамеша андӯҳе, ғаме ва ҳисси танҳоӣ дошт.

Дар ин солҳо ҷавони равшанфикру фозил ба номи Абдусалом Рашидӣ ба воситаи Пайрав бо Фитрат ошно мешавад. Абдусалом дар он солҳо дар маорифи тоҷики Самарқанд мақоми роҳбарӣ дошт ва бо аҳли адабу матбуот дар робитаҳои дӯстиву ҳамкорӣ буд. Вай аз илму суннатҳои гузашта огаҳӣ дошт ва аз мактаби қироати Қуръон гузашта буд, ки лақаби "қорӣ" ҳам дошт. Бо ин фазилату хислат ҳамоно мавриди истиқболи Фитрат гашта, гоҳ бо Пайраву гоҳ худ ба хонаи Фитрат рафту омад мекунад. Дар ин меҳмониву дидорҳо миёни Рашидиву Фотимахон муҳаббате рух менамояд. Фитрат аз ин ишқбозиҳо пай мебарад, вале худро ба нодонӣ мезанад, таҷоҳул мекунад. Фотимахон аз ишқварзиҳои худ ба ман чизе намегуфт, фақат дар зимни сӯҳбате гуфта буд:

— Боре Фитрат мисли ҳарсола ба Ленинград сафар дошт. Маро низ ҳамроҳ гирифт. Шояд ба он сабаб буд, ки бо Рашидӣ мулоқот накунам. Баъд аз гузаштан аз Тошканд, Фитрат фурсате ёфту ба ман гуфт:

— Фотимаҷон, ман медонам, ки шумо бо Рашидӣ муносибатҳои ғайриоддӣ доред, ишқварзӣ гӯям ҳам мешавад. Ин хиёнат аст. Ман аз гуноҳи шумо мегузарам, ба шарте ки дигар бо Рашидӣ мулоқот накунед ва ӯро тамоман фаромӯш кунед.

Фотимахон дар ҳамин ҷо кушоду равшан иқрор мекунад, ки вай ва Рашидӣ ҳамдигарро дӯст медоранд ва фурсате мечӯянд, ки бо ҳам як шаванд. Фитрат таҳдид мекунад, ки Фотимахон аз азмаш нагардад, вай ҳозир ӯро мебараду як лагад мезанаду берун аз вагон меандозад. Фотимахон нақл кард:

— Ин гап бевақтии шаб буд. Ба Фитрат гуфтам: "Ман аз ин роҳ боз намегардам. Агар шумо дар воқеъ ҳам чунин азм дошта бошед, биёед, ман худам назди дари вагон меравам ва шумо маро аз вагон берун андозед."

Фитрат дигар чизе намегӯяд. Мебинад, ки ин мурғи ба дом фитода дигар ресмонҳои қафасро пора кардааст ва озод парвоз мекунад. Кор аз кор гузаштааст. Ҷавондухтар ёри муносибро интихоб кардааст.

Фотимахон аз Фитрат ҷудо мешавад. Дигар ӯ озод аст. Мехоҳад лонаи нави баланду озод бо ҷавони равшанфикр ва дӯстдори худ бино кунад.

Фотимахон меравад. Фитрат танҳо мемонад. Ва дар ҳамин лаҳзаҳо ҳис мекунад, ки чӣ офаридаи зебову доноро аз даст додааст. Дарди дилу сӯзи ҳичронро дар шеъри ниҳоят муассир ва аламангез ба забони ӯзбекӣ баён месозад. Сарлавҳаи шеър "Ба Фотимаҷон (Фотимаҷонга)" ном дошт. Ман ин шеърро ба тоҷикӣ гардонда ба хонанда тақдим медорам:

Моҳи ман бевафо гулистонам,
Дар гулистони умр тоза райҳонам,
Аз ҳуҷуми ғаму ранҷаи рӯзгор
Ту будӣ меҳрубон нигаҳбонам
Хору зор кардиву зи ман рафтӣ,
Зинда дар гӯр, тарки ман гуфтӣ

Ҳон биё пеши пои ту уфтам,
Фурсате деҳ, то ки сер гирям,
Як даме мон ки хоки поятро
Бо ду дидаи тарам рӯбам
Хору зор кардиву....

Чӣ шуд он даме ки гуфтамат ёрам,
Мӯънисам, ҳамдамам, мададгорам,
Зери боли илтифотҳои ту
Роҳате дошт ҷисми беморам.
Хору зор кардиву...

Қадаме неҳ ки хуни дил резам,
Лаҳзае зи ҳаҷри ту бираҳам,
Дилбарам, ой то ба мӯйҳоят
Шонае бизанам, пас ҷон бидиҳам
Хору зор кардиву...

Дар шеъри Фитрат танҳо алами фироқу ҳаҷр аз ҷудоии ёри фаттону париваш садо медиҳад ва осоре аз маломату гилаҳои бевафои падидор нест. Оё ҳисси одамият нест, ки шоир гӯё ба ёру ҳамраҳи мувофиқ ёфтан Фотимахонро мазаммат намекунад, фақат аз танҳой ва дарди ҷудой нола мекунад.

Фитрат дар фироқи Фотимахон ба тоҷикӣ низ шеъри ниҳоят пурсӯзу гудозе навишта буд, ки ба чоп нарасида, вале бисёр дӯстони наздикаш ин шеърро хонда буданд. Шеърро аз рӯи чопи як рӯзнома ин ҷо дарҷ мекунам:

Рафт аз барам ёри нозанин,
Бар ҷабин зи қаҳр барфиганда чин.
Лолаам зи даст рафту боғ монд,
Тирагун шабам бе чароғ монд.
Ақлу ҳушу дил бе суроғ монд.
На боғ монд. На роғ монд!
На лола, на чароғ монд.
Дар шаби ғамам моҳтоб нест,

Рӯзи мотамам офтоб нест,
Оҳу нолаамро ҳисоб нест.
Сина меканам, дод мезанам,
Аз ягон тараф як ҷавоб нест.
Ҳамнафас намонд, ҳамқафас намонд,
Додрас намонд. Ҳеч кас намонд!
Хок бар сарам!

Ин воқеа дар миёни равшанфикрон ва ошноёни Фитрату Фотимахон шӯре барпо кард. Гуфтан душвор аст, ки он гоҳ кӣ Фотимахонро маломат ё офарин мегуфту кӣ Фитратро таскину тасаллӣ медод. Пайрав дар дилдории Фитрат ва коҳиш аз Фотимахон шеъре иншо кард дар ҷавоби шеъри тоҷикии Фитрат. Пайрав, ки худ сабабгори рӯй додани ин воқеаҳо буд (вай буд, ки барои Рашидӣ ба хонаи Фитрат роҳ кушод) дар ин шеър Фотимахонро маломат намуда, ба Фитрат таскину дилдорӣ медиҳад. Он шеър ин аст:

Боғбони гул, посбони гул,
Сӯхт дар вамат ошёни гул.
Гӯш кун даме достони гул,
Гарчи дидай навбаҳори гул,
Умр бурдай дар канори гул,
Синаат пур аст аз ғубори гул,
Ҷон фишондай дар вафои гул,
Сар фигандай зери пои гул.
Дар мизоҷи гул ранги вафо набуд,
Дар тароваташ нашъу намо набуд,
Дар сиришти ӯ асл ҳаё набуд,
Ошно набуд, ошно набуд!
Бӯ набурдай аз сафои гул,
Маҳв гаштай дар адои гул.
Ишваҳои гул ҳон гариб буд,
Ғамзаҳои ӯ бас аҷиб буд,
Рангу бӯи ӯ дилфиреб буд,
Аз вафову аҳд бенасиб буд,
Тухму решааш ноҷинс буд.
Бегумон будӣ аз ҷафои гул,
Бехабар будӣ аз хатои гул!
Ҳайфи меҳнатат, ройгона шуд,
Умри қиматат сарфи замона шуд,
Розҳои дил то фасона шуд,
Баҳри дилфиреб ин баҳона шуд.
Дил кашиду рафт, аз миёна шуд,
Эй фанои гул, мубталои гул,
Чанд хун шавӣ аз барои гул?!

Фотимахон боре гуфта буд:
— Ман ин шеърро хондаму ба Пайрав гуфтам, ки чаро маро таънаву

маломат кардед? Охир худи шумо ҳам дар ин ҷо гуноҳ доред, агар гӯед, ки ишқ гуноҳ аст. Пайрав гуфт: "Фотимаҷон, ин барои дилдорӣ ва таскини бечора Фитрат буд".

Баъд аз ин воқеа як-яку ним сол нагузашта Фотимахону Рашидӣ издивоҷ намуданд. Ниҳоят Фотимахони ноком ба коми дил расид ва оилаи саодатманд ташкил гардид. Якуми марти соли 1935 дар оилаи онҳо духтарчае мутаваллид шуд, ки ӯро Дилбар ном карданд. Дар аввали баҳор зодани фарзанд баҳори бахти падару модарро боз ҳам пурнуртару шукуфотар кард...

Вале ин бахти нурафшон барои Фотимахон дер давом накард. Дар охири соли 1936 Рашидӣ ногаҳон ғоиб шуд. Гуфтанд, ки ӯро одамони ГПУ аз ҷои кор ё аз кӯча дастгир карда ба маҳбас андохтаанд. Фотимахон бо духтарчаи худ дар хонае, ки Рашидӣ дар кӯчаи Ӯзбекистони шаҳри нав дошт, танҳо мемонад. Ба болои ин дарду алам соли 1937 амакҳои ӯ - Мазҳар, Мукаммил ва Муаммирро ба ҳабс мегиранд. Фотимахон дар Самарқанд танҳо, бе такягоҳу бе сарпараст мемонад. Вай бо янгаҳояш то чанд вақт дар рӯзҳои муайян ба зиндони Самарқанд, ки дар Боғи шамол воқеъ буд (ҳоло дар ин ҷо бемористон ҷой дорад) ба амакҳояш хӯрок мекашонд, аммо хӯроку нони онҳоро на ҳамеша қабул мекарданд.

Фотимахон дар Самарқанд дигар кас надошт. Модари Рашидӣ бо духтаронаш дар Боғи Баланд бо худ овора буданд. Мутаваккил Бурҳонов, ки чанд сол боз дар Маскав дар консерватория ва баъд дар студияи миллии шогирдони ӯзбекистонӣ таҳсил мекард,аз вазъи Фотимахон ва зиндонӣ шудани амакҳояш хабардор мешавад. Вай зуд хонае барои иқомати хоҳараш пайдо карда, Фотимахон ва духтарчаи ӯро ба Маскав мебиёрад.

Дар студия аз тоҷикони бухорӣ Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Фазлиддин Шамсиддинов, аз яҳудиён Довуд Муллоқандов, Сулаймон Юдаков ва боз ҷавонони дигар таҳсил мекарданд. Ҳамаи онҳо оилаи аҳлонае буданд, ки Фотимахон ҳам хоҳару ҳам сарвари онҳо буд. Фотимахон бо меҳрубонӣ ва одамдӯстии худ дар Маскав хешовандони наздик пайдо кард. Бо Лоҳутӣ, ки пеши ҷавонони тоҷики студия омаду рафт дошт, бо ҳамсари Лоҳутӣ Бону дӯст шуд. Ба оилаи устоди Консерватория Брюханов чун дӯсти ҷониву мӯъмин дохил гардид. Баъд аз даҳ сол бо ин оила ба воситаи Фотимахон ошно шудам. Ҳар бор ки Фотимахон барои дидани духтараш Дилбар ба Маскав меомад, Анна Франсовна - ҳамсари Брюханов ва писарони вай гирди Фотимахон парвонавор мегаштанд.

Ҷанги фашистон ба муқобили Иттиҳоди шӯравӣ сар мезанаду студияи миллии Консерватория баста мешавад ва донишҷӯёни студия ва Фотимахон ҳам ба Тошканд бозмегарданд. Баъд аз ду-се соли иқомат дар шаҳри кӯҳнаи Тошканд давлат аз иморати навсохт барои Мутаваккил Бурҳонов хонаи хуб медиҳад ва онҳо хоҳару додар ва Дилбарчаи хурд дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекунанд.

Рӯзе, ки нахустин бор ба хонаи онҳо омадам, акси калони марди хушсурат дар чорчӯбаи хуб дар девори хона меистод. Баъд аз бо ин хонадон дурусттар ошно шудан гуфтанд, ки ин акси падари Дилбар аст ва аз рамузи гапашон натиҷа гирифтам, ки ин шахс соли 1937 маҳбус шудааст ва ҳоло хабаре аз вай нест. Дар он вақт на аз шахси Рашидӣ ва на аз қиссаи ҳамсарии

Фотимахон бо Фитрат ва муҳаббати Рашидиву Фотимахон иттилое надоштам.

Баъдҳо Фотимахон маҳрамона гуфт, ки баъд аз панҷ-шаш соли ғоиб шудани шавҳараш хабар додаанд, ки вай бо супориши махсус дар яке аз кишварҳои шарқ кор мекунад. Хулоса дар ин солҳо Фотимахон аз мақомоти бехатарии давлат дар бораи шавҳараш гоҳо иттилооте мегирифт. Мутаваккил Бурҳонов баъд аз чанд солҳо ҳикоят кард, ки пас аз панҷ-шаш моҳи "ҳабс" мақомоти НКВД (дар хотир надорам дар куҷо) ӯро барои мулоқот бо Рашидӣ даъват мекунанд. Мутаваккил Бурҳонов дар хонае мунтазир менишаст, ки дари хонаи дигар кушода мешаваду дар он ҷо Рашидӣ намоён мегардад. Мутаваккил ӯро дар аввал намешиносад: вай курта эзори суфи сафед дар тан ва бо мӯю мӯйлабҳои тарошида болои курсие нишаста буд. Салом медиҳад ва фақат мегӯяд, ки "Фотимаҷонро пурсед, аз Дилбар хабардорӣ кунед. Ман ба сафари дур меравам ва умед аст, ки зиндаву саломат бозгардам". Сӯҳбат ҳамин буду бас.

Бо Фотимахон ҳам ду ба ду ва ҳам дар нишастҳои дӯстона бисёр сӯҳбатҳо воқеъ мешуд. Вай ҳамеша шукуфону хандон буд ва ман гоҳо ба худ меандишидам, ки шояд шавҳараш зиндаву аз богашти вай умед дорад. Фақат боре тирамоҳи соли 1949 мо ҳар ду аз меҳмонӣ бозмегаштем ва ҳар ду ҳам ширамаст будем. Фотимахон ало рағми одати худ хомӯш ва маҳзун ба назар мерасид. Дар дили ман биме пайдо шуду сабаби хомӯшии ӯро пурсидам.

- Ҳодизодаҷон (Фотимахон ҳамеша бо ҳамин ном ба ман муроҷиат мекард), чор моҳ аст, ки дар азобу шиканҷа ҳастам. Дардамро ба кӣ гӯям намедонам. Фақат ба шумо мегӯям: Қорӣ чанд моҳ боз дар ҳабс аст. Дар дасту пояш занҷиру завлона. Ман дигар умедамро аз бозгашти вай кандаам. Шабҳо хоб намекунам, на гиря мекунам, на як доду фарёд зада метавонам.

Фотимахон хомӯш шуд. Дар таскини вай чизе гуфта натавонистам. Баъд аз ин аз Фотимахон дар бораи "Қорӣ" сухане барнамеомад.

Соли 1950 тобистон ман ба Сталинобод омадам. Ҳар бор ки ба Тошканд мерафтам, дар хонаи Бурҳоновҳо мезистам. Бо ин хонадон, бо дӯстоне ки дар ин ҷо ҷамъ мешуданд, чӣ сӯҳбатҳои ширин, чӣ навою суруду мусиқӣ барпо мекардем!.. Аммо медидам, ки Фотимахон дар ду-се соли охир пир шуда, қуввату бардамии пештараро надорад, ҳарчанд кӯшиш мекард хастагии худро намоён накунад.

Соли 1968 Фотимахон ба Душанбе сафар кард. Рӯзе ӯро бо аҳли хонаводаам ба дараи Варзоб бурдам. Дар километри чилу панҷум ҷои хубе доштем. Он ҷо сихкабоб ва ғизоҳои хушмаза тайёр кардем. Каме шароб ҳам нӯшидем. Пас лаби дарё фуромадем. Фотимахон ниҳоят шоду хурсанд буд. Ба оби шӯхи равони Варзоб нигоҳе дӯхта гуфт:

— Ана умри одам мисли ҳамин ҷараёни об тез ва зуд мегузаштааст. Ҳодизодаҷон, ман агар ба шумо хизмате карда бошам, уҷри ҳамаи хизматҳои маро ҳамин рӯз баровардед. Илоҳо, саломат бошед, умри дарози бобаракат бинед...

Он вақт гумон надоштам, ки ин суханҳои охирини ӯ буд. Ҳамон сол бо ташвишу тараддуди дифои рисолаи докторӣ машғул будам. Моҳи январи 1969 дар Институти шарқшиносии Маскав рисолаи докториро ҳимоя намуда, баъд бо ҳамсарам барои истироҳат ба хонаи эҷодии Переделкино рафтем.

Ин ҷо Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Шавкат Ниёзӣ ҳам истироҳат мекарданд ва мо ҳама маҳфили дӯстонаву адабӣ доштем. Гоҳо барои табрики ман дӯстон меомаданд ва сӯҳбатҳову базмҳо меоростем. Рӯзе Муҳаммад Осимӣ бо Эшонхон Нӯъмонов омаданд. То бегоҳ ҳамроҳ будем, Шавкатҷон палави суннатии худро пухт, давраи хубе оростем. Бегоҳ меҳмононро гусел карда, ба хонаҳои худ омада истироҳат карданӣ будем. Шавкатҷон хост ба шаҳр телефон кунад. Телефон карду бо ваҷоҳати музтариб аз кабина баромад. Бо садои гирифтаву ларзон гуфт:

— Аз Тошканд телефон кардаанд, Фотимахон гузаштаанд.

Ҳама моту мабҳут шудем. Икромиву Ниёзиҳо аз бемории Фотимахон хабар надоштанд. Ман бемор хоб кардани Фотимахонро медонистам, лекин ба гӯшаи хаёл намеомад, ки ин беморӣ ӯро ба вартаи аҷал мебарад.

Нимаи моҳи феврал ба Душанбе бозгаштам. Дар хона мактуби Дилбар, духтари Фотимахон, аз таърихи 24 феврал маро мунтазир буд. Ӯ дар мактуб навиштааст:

"Расули азиз, имрӯз понздаҳ рӯз шуд, ки чашмони азизи модарам абадан пӯшида шуд. Шумо кай меоед, ки ба шумо аз рӯзҳои охирини мардонавор гузаронидаи модарам нақл кунам.... Дар муддати ҳабдаҳ рӯзи баъди бемористон модарам шабҳои дарози зимистон ҳамеша гап мезад, ҳамаи дӯстонро ба хотир меовард. Вай дар хавотир буд, ки мабодо мо шуморо бо дифои рисолаатон табрик накарда монем. Модарам таъкид карда гуфт, ки мо ду рӯзи таваллудро фаромӯш накунем: рӯзи таваллуди шумо ва Гулнора... Ман дар интизори шумоён ҳастам, зеро ғаму андӯҳе ки ҳар рӯз маро сари пуштаи гӯр мебарад, вақте ки ба дидори дӯстони модарам мерасам, маро раҳо мекунад, дур мешавад. .. Борҳо ба модарам бо ранҷидахотирӣ мегуфтам, ки вай худашро эҳтиёт намекунад, тамоми ҳастии худ, ҷону дили худро барои сабук кардани ғами дигарон сарф мекунад... Аммо модарам ҳақ будааст. Дар зиндагӣ нависандагон, коргарон, ошпазон бисёранд, аммо касби хоҳари мушфиқ хеле кам аст. Вай дуруст карда будааст, ки ҳамин пешаи шафқати умумиро роҳи зиндагии худ қарор додааст.... Башираи азизам, ту медонӣ ман чӣ модареро аз даст додам. Ту гиря накун, агар тавонӣ, чанд рӯз бо ман бош".

Баъд аз чанд рӯз барои таъзия ба Тошканд рафтам. Рӯзи дигар офтоб тулӯъ накарда сари қабр рафтем. Болои пуштаро барфи сафеди нуқрагун пӯшида буд. Зери барф, зери хок Фотимахон мехобид. Бо ҳама шодиву хандаҳои дилрабои худ, бо ҳама андӯҳу ғаму ташвишҳои зиндагӣ, бо орзуву умеди дидори ёри маҳбуби дурафтодааш ором, бесадо мехобид...

Моҳи декабри соли 1976, баъд аз чил соли ғайбат дар ватан, Рашидӣ аз "хидмат" бозгашт. Ӯ нахуст ба Душанбе омадааст. Дар ин вақт дар Душанбе набудам. Дар Душанбе хоҳари калонии Рашидӣ бо чанд писару духтараш ва ҳамсараш Фаттоҳ Раҳматзода зиндагӣ мекард. Рашидӣ чанд рӯзро дар хонаи хоҳар ва чанд рӯзро дар бемористон гузаронида, ба Тошканд меравад. Дар хонаи духтараш зиндагӣ мекунад. Шабҳо дар ҳалқаи духтару набераҳову домод мегузарад, рӯзонаҳо бо намояндагони Кумитаи бехатарӣ берун аз хона мегузаронид. Баъд аз даҳ-понздаҳ рӯз барои дидани хешовандонаш ба Самарқанд меравад ва чанде нагузашта ногаҳон бемор мешаваду ду рӯз

бистарӣ шуда, чашм аз ҷаҳон мепӯшад.

Пеш аз навиштани ин саҳифаҳо бо хоҳарзодаи Рашидӣ - Хуршед Раҳматуллоев, ки ӯро аз солҳои хидматаш дар нашриёт мешинохтам, ҳамсуҳбат шудам, то ҳар чи аз тағоияш донад, ҳикоят кунад. Вай аз солҳои ҷавонии тағояш чизи равшане нақл карда натавонист. Фақат ҳамин қадар гуфт, ки "ба хаёлам, тағоиям аз ҷавониашон дар зоҳир мудири маориф бошанд ҳам, аммо дар НКВД ҳам кор мекарданд. Зеро ду-се бор дида будам, ки дар шкаф таппонча доштанд, ки онро баъзан ба миён баста мерафтанд." Хуршед Раҳматуллоев гуфт, ки аз куҷо буданашон ва чӣ кор карданашон чизе намегуфтанд. Фақат боре гуфтанд, ки "ман соли 1943 (ҳамон соли конференсияи Теҳрон) Алоуддин Баҳоваддиновро дар Теҳрон дида будам ва гуфта будам, ки агар аз Эрон бозгардад, саломатии маро ба Фотимаҷон расонад: хавотир нашаванд, ман ба корҳои худ машғулам". Маълум мешавад, ки Рашидӣ дар вақти конференсияи Теҳрон дар корҳои таъмин намудани бехатарии мулоқоти саронии се давлати бузург иштирок доштааст. Аз ин ҷо натиҷа метавон гирифт, ки берун аз ватан вазифаҳои ҷиддиву масъули разведкаи шӯравиро иҷро мекардааст.

Рашидӣ дар муддати чил сол чӣ воқеаҳоро аз сар гузаронида, шоҳиди чӣ ҳодисаҳое будааст, ҳама бо худи вай ба гӯр рафт. Акси охирини ӯро дар дасти духтараш дида будам. Аз симои акси ҷавонӣ осоре намонда буд. Хеле пир шуда буд. Бо вуҷуди он дар синни 75 сол пирамарди тануманду боқуввате будааст. Агар умр вафо мекард, шояд аз корномахои худ достоне ба вуҷуд меовард. Лекин мисли бисёр разведкачиёни даврони шӯравӣ оромона, хомӯшона ва дар пинҳониву хуфя корҳои бузургро анҷом дода, хомӯшу бе садо аз ҷаҳон чашм пӯшид. Рӯҳашон шод бод ин ҳар дуро - Фотимахону Рашидиро!

МУТАВАККИЛ БУРҲОНОВ ВА ҶАҲОНИ МУСИҚИИ МАН

Дар солҳои кӯдакиву наврасӣ, гуфтан мумкин аст, то даврои баъд аз ҷанг, расидан ба шунидани суруду мусиқӣ ниҳоят кам воқеъ мешуд. Ба консерт рафтан ва ҳофизи номдореро гӯш кардан воқеаи калон буд. Ёд дорам падару модарам соли 1939 буд магар шуниданд, ки дар Самарқанд консерти Ҳалима Носирова, Карим Зокиров ва боз чанд ҳофизони Тошканд барпо мешудааст. Билет гирифтан ба ин консерт ниҳоят мушкил буд. Дар ин хусус устод Айнӣ ҳам дар як номааш ба устод Лоҳутӣ навиштааст (30 апрели 1939), ки ба қарибӣ онро хондам:

"Зимистон дастаи консерти Ӯзбекистон ба Самарқанд омад, ки сардори он Ҳалимахони машҳур буд. Бачагон бо сардории хоҳаратон хостанд, ки ба консерт рафта, хониши Ҳалимаро шунаванд. Ман барои харидани панҷ билет ба театр рафтам, ки билетҳо як рӯз пеш аз омадани Ҳалима фурӯш шуда будааст. Ман... ба директори театр муроҷиат кардам. Директор гуфт: "Барои тамошобинони умумӣ ягон ҷои фурӯш ҳам нест, аммо ман метавонам, ки аз ложаи совети шаҳр ба шумо ду ҷои маҷҷонӣ бепул диҳам". Албатта ман розӣ шудам... ва худам шахсан хоҳаратонро гирифта бурдам."

Холабачаҳои чусту чолокам ду билет барои модараму холаам пайдо

карданд. Модарам шоду хуррам аз консерт омада гуфт:

— Баъд аз консерт ҳанӯз мардум пароканда нашуда нохост Ҳалимахон пайдо шуду бо мо омада салому алек кард, пурсу пос намуд. Аҷаб ҷавонзани зебои хушгап будааст.

Хуллас, овози хонандаи машҳурро танҳо аз радиои деворӣ мешунидем. Баъдтар патефон пайдо шуд. Амакбачаи падарам Ҳамроҳхон аз Ленинград бо хоҳиши падарам патефони хуби навбаромад овард. Падарам гоҳ дар танҳоӣ ва бештар дар меҳмондорӣ қартаҳои Ҳоҷӣ Абдулазиз, Домулло Ҳалим, Бобоқул Файзуллоев ва Шоҳназар Соҳибовро мемонд. Сурудҳои ин ҳофизон ба тадриҷ ба ман таъсир мегузошт ва худам ҳам гоҳо ин қартаҳоро монда сурудҳои классикӣ гӯш мекардам.

Соли 1936 Ҷаъфархон-амак аз сафари Маскав ду қарта овард бо сабти мусиқиҳои аврупоӣ. Рӯзе ин қартаҳоро оварда дар патефон гӯш кардам. Мусиқии яке аз ин қартаҳо ба забони русӣ "Китайская серенада" ном дошт. Мусиқии дилнишине буд, ки аз садоҳои аввалин маро мафтун кард. Қартаи дигар ба ҳарфҳои лотинӣ навишта шуда ва мусиқии симфонӣ буд. Чунин мусиқии пурҷӯшу хурӯш ва тантанаворро бори аввал мешунидам. Аҷиб ин буд, ки мусиқӣ ба ман хеле писанд омад. Ду қартаро қариб ҳар рӯз гӯш мекардам. Ин шиносоии тасодуфӣ ва аввалини ман буд бо мусиқии урупоӣ ва симфонӣ.

Тобистони соли 1940 ба Самарқанд театри опереттаи Тошканд омад. Ҳамсояҷӯраи ман Соҳиб зодаи тотор, ки дар мактаби русӣ мехонд (мо ӯро Санка мегуфтем), таклиф кард, ки ҳар ду ба тамошои театр равем. Театр дар шаҳри нав, дар бинои тобистона намоиш мегузошт. Спектакли аввалини он ба ман хеле писанд омад ва мо бо Санка қариб ҳамаи спектаклҳои ин театрро тамошо кардем. Номи чанде аз опереттаҳоро ҳоло ҳам дар хотир дорам: "Силва", "Баядерка", "Свадба в Малиновке"...Ин буд вуруди дуввумини ман ба мусиқии урупоӣ.

Муҳити радио ва консертҳои русиву урупоӣ, ки муҳаррирони рус тартиб медоданд, ҳавасу иштиёқи маро ба олами ин мусиқӣ бештар мекард. Ҳамин шавқу ҳавас буд, ки ба воситаи барномаҳои тоҷикӣ бори аввал композитсияи адабӣ-мусиқии "Шаҳрзод"-ро дар заминаи симфонияи Римский-Корсаков тартиб додам. Ба ҳамин тариқа, ман бе ҳеч муршид ба олами мусиқии симфонӣ қадам ниҳодам.

Шиносоӣ бо Мутаваккил Бурҳонов бе муболиға гуфтан метавон, ки маро ба олами мусиқии нав ва доираи оҳангсозон ворид намуд.

Мутаваккилро дар Тошканду берун аз он дӯстонаш ва умуман аҳли мусиқӣ ба тарзи мухтасар Мутал мегуфтанд. Номи падараш Музайян буд ва аз рӯи расму оини замони шӯравӣ номи падарии ӯ (отчество)дар ҳуҷҷатҳо Музаинович буд. Шахсони наздиктринаш, ҷӯраҳои қарин, шиносони бухорӣ Мутаваккил ё Мутаваккилҷон ном мегирифтанд. Хоҳараш Фотимахон то охири умр ӯро Мутаваккилҷон мегуфт. Ман ҳам ӯро то охир Мутаваккилҷон мегуфтам (ҳарчанд аз ман даҳ-дувоздаҳ сол бузургтар буд). Инак дар нақлҳои ояндаам ӯро ба ҳамин ном зикр хоҳам кард.

Мутаваккилҷон қариб панҷоҳ соли умрашро дар Тошканд гузаронида буд ва ӯро оҳангсози ӯзбек мегуфтанд. Ба назарам, ӯро оҳангсози Ӯзбекистон гуфтан дурусттар аст. Худи Мутаваккилҷон ба чунин ном камтар аҳамият

медод. Аз вай кам шунидаам, ки худро ӯзбек гӯяд. Фақат ин ки бо асолати бухоригии худ фахр мекард. Дар воқеъ ман хуб ҳис мекардам, ки вай бо рӯҳи худ, бо хуни худ, бо одобу рафтори худ тоҷик буд, тоҷики асили бухорой. Сухани ӯро ҳамеша ба тоҷикӣ мешунидам, дар хона бо хоҳару ҷиянаш, бо як-ду хеши боқимондааш ба тоҷикӣ ҳарф мезад. Сухани тоҷикӣ, шеъри тоҷикиро нағз медид, аз ин забону гӯиш лаззати мусиқӣ мегирифт.

Мутаваккилҷон сабақҳои аввалини мусиқии касбӣ ва урупоиро дар Институти илмию тадқиқотии мусиқии Самарқанд, дар мадрасаи Шердор гирифтааст. Баъд аз ин чанд сол (аввали солҳои сӣ) дар Сталинобод дар театри тоҷикӣ ба ҳайси найнавоз кор кардааст. Парастори вай дар ин шаҳр бародари калониаш Мисбоҳиддин Бурҳонов - муҳаррири рӯзномаи "Тоҷикистони сурх" буд. Баъд аз ҳабс шудани бародараш Мутаваккилҷон Сталинободро тарк мекунад. Тарсу бим ва дилсардӣ аз бе ҷурму бе гуноҳ ҳабс гардидани бародараш дар дилаш монд. Аммо муҳаббати фитрӣ нисбат ба забону адаби тоҷикӣ, нисбат ба мусиқии халқию классикии тоҷикӣ дар вуҷудаш ҳамчунон боқӣ буд.

Вай солҳои 1935-39 дар студияи миллии Консерваторияи Маскав дар риштаи композиториву дирижёрӣ таҳсил мекунад. Донишҷуёни студия аксар тоҷикону яҳудиёни бухорӣ буданд. Лоҳутӣ бо бисёр донишҷуён дӯстиву рафоқат дошт. Дар ин миён вай ба Мутаваккил Бурҳонов меҳру дилбастагии хосса мепарварид. Дар заминаи ин дӯстию ҳамкории эҷодии Лоҳутию Бурҳонов ба вуҷуд омад. Лоҳутӣ ба Мутаваккилҷон шеъри "Умри гул"-ро барои сохтани оҳанг тақдим мекунад. Ин шеър ба хонум Шамси Касмой дар Табриз соли 1921 эҳдо шуда буд. Шамси Касмой аз занҳои донишманд ва равшанфикри замони Лоҳутӣ буд ва муртаҷеони Эрон писари ӯро ба ҷурми инқилобчии коммунист ба қатл мерасонанд. Шеър дар таслият ва тақвияти дили озурдаи Шамси Касмой навишта шуда буд:

Дар фироқи гули худ, эй булбул,
На фиғон баркашу на зорӣ кун!
Сабр бинмову бурдборӣ кун,
Макун ошуфта мӯй чун сунбул!

Ту ки Шамси самои ирфонӣ,
Бартарин ҷинси навъи инсонӣ,
Боиси ифтихори Эронӣ,
Беҳтар аз ҳар кас ту медонӣ,
Ки ду рӯз аст умри давраи гул!

Ин шеър гуё ба Мутаваккил низ ҳамчун тасалливу таскин эҳдо гардид. Дили ӯ аз дили Шамси Касмой пурзахмтару ранҷуртар буд. Соли 1934 бародари ӯ Мисбоҳиддин зиндонӣ ва мақтул гардид. Соли 1937 се амаки ӯ Мукаммил-махдум, Муаммир-махдум ва Мазҳар-махдум - ифтихори зиёиёни нави тоҷику ӯзбек зиндонӣ шуданд ва ба қатл расиданд. Ин шеър бо дили мусибатзада ва синаи решу пурҷароҳати вай ҳамоҳанг буд. Мутаваккил хост, ки суханҳои пур аз андӯҳу таслиятбахш дар мусиқӣ низ садо диҳад. Ва ӯ романси "Эй булбул"-ро эҷод намуд. Ин дар эҷодиёти Мутаваккили бисту

яксола романси аввалини урупоӣ буд, лекин бо услуби хосса, бо салиқаи нав ва бо оҳанги тоза романси аввалини тоҷикӣ буд. Дар барномаҳои мусиқии тоҷикии радиои Тошканд ин суруди ҳамешагӣ ва дӯстдоштаи тоҷикону ӯзбекон буд. Романсро дӯсти беҳтарин ва наздиктарини Мутаваккилҷон Довуд Муллоқандов мехонд. Нотакрор, аз дилу ҷон бо садои тенори лирикии худ мехонд. Солҳои ҳамкориву дустӣ бо Лоҳутӣ Мутаваккилҷон суруди "Бути нозанинам"-ро таълиф намуд. Дар ҳамин сол суруди шӯхи "Дилбари мо"-ро навишт. Духтарчаи Фотимахон, Дилбари чорсола хуб мерақсид. Лоҳутӣ ба ин духтарча ва рақси вай шеъре навишт, ки мисраи аввалаш "Дилбари мо гашта рақсон" буд. Ин суруди шӯхи гӯшнавозро Назира Аҳмедова дар консертҳои тоҷикии мо хеле хуш месароид. Яке аз сурудҳои ниҳоят дилнишин ва ба лаҳни халқӣ дар шеъри Лоҳутӣ сохтаи Мутаваккилҷон "Ба чашмонат қасам" ном дошт, ки ду мисраи аввали он дар ёдам мондааст:

Ба чашмонат қасам, дар чашми ман ту беҳтар аз ҷонӣ,
Азизам, дилбарам, ҷонам, магар инро намедонӣ?

Чунон ки мебинем, оҳангу сурудҳои нахустини Мутаваккилҷон, ки ба онҳо мусиқишинос Янов Яновская баҳои баланд медиҳад, тоҷикӣ буданд, лаҳни тоҷикӣ, рӯҳи амиқи тоҷикӣ доштанд. Дар солҳои баъдӣ низ дар эҷодиёти ӯ нақши тоҷикӣ ҳамеша ҳувайдо буд. Вай ба шеъри Ҳофиз романси олии "Ман намедонам чӣ ном дорад"-ро навишт, ки беҳтарин хонандаи он Довуд Муллоқандов буд. Дар сюита, осори симфонию хории худ ҳамеша як суруд, як оҳанги тоҷикиро ворид менамуд. Дар силсилаи сурудҳо барои хори акапелла Мутаваккилҷон "Сияҳчашмак"- и тоҷикиро таълиф намуд. Дар мусиқии филми "Ибни Сино" сурудеро бо шеъри Ҳилолӣ дохил кард. Дар операи "Навоӣ" суруди ниҳоят хуби тоҷикӣ садо медиҳад. Достони симфонию хории худро ба шарафи ҷашни 2500-солагии Бухоро бо шеъри машҳури Рӯдакӣ оғоз кардааст: "Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме"...

Мутаваккилҷон шахси ниҳоят ҳассос буд. Хурдтарин ноҳамвории зиндагӣ ба вай сахт таъсир мекард. Аз воқеаҳои фараҳбахш, аз шодиву омади кори ошноёнаш, хусусан эҳтиёҷмандон кӯдаквор хурсанд мешуд, дастонашро мисли боли мурғ ёзонда ҷунбишҳои рақсӣ мекард. Асар эҷод намудани вай ниҳоят душвор буд. Касе ӯро ранҷонад ва алалхусус ҳис кунад, ки нотавонбине пинҳонӣ ба ӯ халал расониданӣ аст, чандин вақтҳо аз кор мемонд, Дар хона ҳам чандон шароити хуби эҷодӣ набуд. Аввал ин ки меҳрубонӣ, меҳмондӯстӣ ва пазироиҳои гарму ҷӯшон аз дӯстон хонаи онҳоро ба маҳфилу маҷлиси базми мусиқию шеъру адаб табдил дода буд. Мутаваккилҷон, ки ринду лоуболу озод буд, дар ин маҷлисҳо зиёд шароб менӯшид, месуруд (асарҳои худро хеле хуб ва бо ҳассосият мехонд), кӯдаквор атрофи меҳмонону дӯстон дастҷунбону покӯбон бо суханҳои ширину латиф гирд мезад...

Мутаваккилҷон шахси побанди эҳсосу фармонбардори дили пурҷӯшу хурӯши худ буд. Рӯзи муайян, соати муқаррар барои кору эҷоди мусиқӣ надошт. Даромади мураттабу мунтазам набуд. Агар аз киностудия ё театри мусиқӣ ё аз ҷои дигар супорише барои навиштани мусиқӣ пайдо гардад ва агар мавзӯи мусиқӣ ва худи талабгор ба ӯ писанд ояд, мусиқиро зуд менавишт. Бо музди кор чанд рӯзу чанд моҳро бо лоуболиву меҳмондорӣ мегузаронд.

Чунон ки худ дар соати хумори май мегуфт: "соқӣ, биё ғами фардо нахӯрем", ба ҳамин озодиву таваккул рӯз мегузаронид. Худ бо шӯхӣ мегуфт, ки "номи маро беҳуда Мутаваккил нагузоштаанд, ман ба худо таваккал мекунам ва худо худаш маро аз газанди душманон эмин нигоҳ медорад."

Мутаваккилҷон осори зиёде дошт, ки ба фармони дил, бо таҳрики илҳому садои ғайбӣ навиштааст, мисли "Мадҳия ба партияи Ленин", "Қасидаи Навоӣ". Мутаваккилҷон Ленинро дӯст медошт, гумон мекард, ки ҳама беадолатиҳо, кушторҳову таъқибу табъиди зиёиён амали ношоистаи Сталин аст. Инро ошкоро гуфта наметавонист. Ҳамин "Мадҳияи партияи Ленин" эътирозе буд ба муқобили даврони Сталин, ки гӯё вай аз роҳи пешгирифтаи Ленин ақибнишинӣ кардааст.

Ҳар як асари навэҷоди Мутаваккилҷон воқеаи сурурангезу таҳсинофарине буд барои дӯстон, барои аҳли мусиқӣ, барои онҳое ки мусиқии ҳақиқиро аз думбаку карнойҳои пурдабдаба фарқ карда метавонистанд. Дилбар баъд аз итмоми "Мадҳия" навишта буд, ки дар вақти иҷрои ин асар, ҳатто дар вақти репититсия мусиқичиёни оркестр ҳар бор аз ҷой хеста, муаллифи асарро табрику таҳният мегуфтанд.

Мақсади бузурги Мутаваккилҷон таълифи опера дар бораи Навоӣ буд. Вай аз ҷавонӣ тақдири шахсӣ ва эҷодии Навоӣ, зиндагии пурташвиши Навоиро бо рӯзгори ноҳамвори худ муқояса мекард ва акси садои онро дар сарнавишти худ медид.

Тирамоҳи соли 1945 дар консерти идонаи ҷашни пуршукӯҳи Донишгоҳи давлатии Тошканд дар ҳузури меҳмонони хориҷӣ ва аъзои мақомоти олии ҳизбу ҳукумати Ӯзбекистон баъд аз иҷрои чанд суруду мусиқиҳои барномаи консерт конфронсе эълон кард: "Мутал Бурҳонов, арияи Гулӣ аз операи Навоӣ, ҳунарпешаи халқии СССР Ҳалима Носирова иҷро мекунад". Кафкӯбиҳо баланд шуд. Ва овози ширадору ҷарангосии Ҳалимахон зери гунбади театри Свердлов ба парвоз баромад:

Дод дастингдан фалак,
Фарёд дастингдан фалак,
Кимларга хор этдинг мани,..
Кимларга зор этдинг мани
Дод аз дастат фалак,
Фарёд аз дастат фалак,
Пеши кӣ зорам кардай?!..
Пеши кӣ хорам кардай?"!

Маълум мешавад Бурҳонов ном композиторе будааст ва ба навиштани операи "Навоӣ" машғул аст. Оҳанги дилхарош ва додхоҳона дар лаҳни сурудҳои халқӣ ва классикӣ гувоҳи он буд, ки дар майдони санъати нави ӯзбек операи ҳақиқии миллӣ дар сатҳи мусиқии ҷаҳонӣ ба вуҷуд хоҳад омад.

Лекин дигар аз ин опера садо намебаромад. Арияи машҳури Гулиро дар консертҳо Ҳалима Носирова мехонд, аммо худи Мутаваккилҷон хомӯш буд. Баъд аз он ки бо вай ошно шудам, аз набудани либреттои опера шикоят мекард. Борҳо мегуфт, ки тамоми опера дар тасаввури ӯ тайёр шудааст, барои оҳангу сохти опера либретто лозим аст. Либретто драма нест, мусиқӣ

аст. Суханҳои он чун мусиқӣ бояд садо диҳад. Ҳассосият ва табъи нозуки Мутаваккилҷонро дида на ҳар шоир ба навиштани либретто барои операи вай ҷуръат мекард.

Нияту азми навиштани опера Мутаваккилҷонро солҳо ором намегузошт. Аммо роҳ баста буд. Мактубе ки Мутаваккилҷон баъд аз ба Сталинобод омаданам навишта буд, асрори ниҳонии дили он касро баён мекард. Ин аст мухтасари он нома (тарҷума аз русӣ):

"...Рӯзгори мо мисли пешина ҷараён дорад. Диляи азизам дар Маскав. Фотимаҷон қариб тамоман ором шуданд ва вазъи рӯҳияшон хуб аст.... Акнун аз худам нависам. Ман то ҳол саъй мекунам, ки кор кунам. Аммо касолати пурдаҳшати ман - танбалӣ ва илова бар он беҳунарӣ азиятам медиҳад... Ҳангоме ки ҳама хоб мераванд, ашк мерезам... Тасаввур мекунам, ки зуд мемирам ва чанд саҳифае мусиқӣ аз худ боқӣ намегузорам. Хоҳише фаро мегирад, ки дар ягон ҷои дур зиндагӣ кунам, ки оромии тамом даст диҳад ва дар даст як акти либретторо дошта бошам. Вале дар ин хусус танҳо орзу кардан мумкин аст ва амалӣ шудани он барои ман душвор аст. Ҳатто номумкин аст. Ҳоло ки ба шумо ин сатрҳоро менависам, гиря мекунам... Ҳо, аммо оптимист шудан лозим аст. Барои ин номаи ҳузнангезам маъзур доред..." 17 сентябри соли 1955.

Мутаваккилҷон ба ин орзуи худ баъд аз сиву панҷ сол расид... Аз ин хусус баъдтар нақл хоҳам кард.

Мутаваккилҷон қомати расо, вале ҷисми ниҳоят наҳиф дошт. Чеҳраи сафедгун бо андаке доғҳои нонамоёни нағзак. Муйҳои дарозаш то буни гардан мерасид. Вақти гаштан сараш хам ва қоматаш низ андаке хамида буд ва ниҳоят тез мегашт. Ангуштони нарму сафеди борик дошт, мисли ангуштони занони ашрофзодаи дворянӣ. Ниҳоят кам ғизо мехӯрд, агар гӯем, ки "чаро ин қадар кам мехӯред?" - мегуфт: "не,не, гардам,бисёр хӯрдам, аз ин зиёдаш вазнинӣ мекунад, шикамро равған зер мекунад." Дар сӯҳбат ва зиёфат аракро гоҳо аз эътидол зиёдтар менӯшид. Дар чунин ҳолат сухани нобаҷое шунавад, ё дар маҳфил шахсе бошад,ки мавриди хусумату нафрати ӯст, дар охир албатта бо суханҳои тез ва пурхушунат он шахсро таҳқиру маломат мекард... Хуллас дар ҳолати хашму ғазаб камтар худдорӣ мекард.

Мутаваккилҷон барои дӯстон, эҳтиёҷмандон, алалхусус аз аҳли санъат, ҷонсупорона хидмат мекард. Барои беҳтар шудани вазъи зиндагонии ниёзмандон ё кушоиши мушкили касе назди роҳбарон ба идораҳои боло мерафт ва ниҳоят мушкилҳоро осон мекард. Бо вуҷуди он ки худ пули зиёд надошт, ниҳоят саховатманд ва ҳоҷатбарор буд. Соли 1947 дар вақти таҳсили консерватория барои дидани Миронов, муаллими давраи ҷавониаш дар Самарқанд меравад. Пирмарди ҳафтодсола аз вай хуш истиқбол мекунад ва дар вақти рафтан мегӯяд: "Муталҷон, мана ҳамин ду тумбаки ниҳоят олиро дар Самарқанд харидорӣ карда будам. Ҳоло эҳтиёҷ дорам, мехоҳам фурӯшам. Агар харидоре ёбед, бигузор омада гирад". Мутаваккилҷон баъд аз ду-се рӯз стипендия мегирад ва ба стипендия боз чизе илова карда назди Миронов меояд. Мегӯяд, ки тумбакро фалон кас мегирад, пулашро пешакӣ дод." Тумбакро ба хобгоҳ бурда мемонад. Баъд аз ин як моҳи дароз худаш бепул нимсеру нимгурусна мегардад. Ин тумбакро дар хонаи ӯ то охири умраш медидам.

Мутаваккилҷон дар байни аҳли санъат маҳбубияти махсус дошт. Ҳама, ҳам ҳунарпешагони драмавӣ, ҳам солистони опера, ҳам устодони мусиқӣ ӯро дӯст медоштанд, самимона эҳтиромаш мекарданд. Чунончи, ҳунарпешагони машҳури он давр Ҳалима Носирова, Тамарахонум, Назира Аҳмедова, ки ангуштнамоёни ҷомеа буданд, дӯстҳои наздиктарин ва ҳамдами рӯзҳои хурсандиву мушкилиҳои он кас буданд.

Гузашта аз ин бисёр шахсони мақомоти олии ҷумҳурӣ Мутаваккилҷонро тарафдорӣ, ҳимоят ва бо ҳар гуна ёрии худ ба эҷоди мусиқӣ тарғиб ва таҳрик мекарданд. Котиби аввали ҳизби коммунистии Ӯзбекистон Усмон Юсупов аз давраҳои таҳсили консерватория ҳомӣ ва ғамхори Мутаваккилҷон буд. Лекин Мутаваккилҷон аз марҳамату илтифоти "калонҳо" суи истифода наменамуд, ба рӯҳи озодаш иҷоза намедод, ки побанду ниёзманди ёриву ҳимоятҳо бошад. Ӯ бо заҳмати худ, бо илҳоми худ, бо ҳунари худ мехост дар ҷомеа мақоми хосса дошта бошад. Аз шахсони воломақом танҳо бо Султон Умаров, ки муовини раиси сарвазир буд ва баъд дар мақоми раиси донишгоҳи Тошканд кор мекард, робитаҳои хуби дӯстӣ дошт, ба хонаи он кас рафту омад мекард, ба машваратҳои дӯстонаи он кас бовар ва гӯш мекард. Мегуфт, ки Султон Умаров завқи нозуки шеърдониву мусиқишиносӣ дорад. Бо ҳамроҳии Султон Умаров суруде ба номи "Қалдирғоч" ("Парасту") таълиф кард, ки шеъри он аз қалами Султон Умаров буд.

Мутаваккилҷон танҳо ба қувваи ҳунари худ, ба илҳоми худ ва даъвати ботинии қалби худ, ба садои мусиқӣ такя мекард. Агар ҳамаи ин дар оромиву осоиш мавҷуд бошад, халале аз берун ба эътидоли вазъи вай оид нагардад, - ӯ зуд, хуб ва ҷавобгӯи талаботу завқи баланди худ мусиқӣ эҷод мекард. Мутаассифона оромии рӯҳу ҷисми ӯро хурдтарин воқеа аз эътидол мебаровард. Хусусан агар беадолатӣ ва ноҳаққиеро дар нисбати худ ва нисбат ба шахсони покизаву заҳматкаш бубинад ё ҳис кунад, рӯзҳову моҳҳо роҳату оромро гум мекард. Даргузашти шахсони ба қавли вай "ҳақпараст", дӯстони ҳаммаслакаш сахт таъсир мекард. Даргузашти дӯсти наздикаш мусиқишиноси "ҳақпараст" Вадим Александрович Мейен барои вай мусибати сахт буд. Дилбар дар ин хусус навишта буд:

"Ман аз тағоиям дар хавотир ҳастам. Баъд аз вафоти Вадим Александрович Мейен хеле хаставу ранҷур аст... Ҳар субҳ, ки телефон мекунам, аз овозаш пай мебарам, ки шаб нӯшидааст. Акаҷон, шумо метавонед суханҳое пайдо кунед. Ба он кас номае нависед... гӯед ки он кас барои ҳамаи мо шахси даркорӣ ҳастанд...Ё шояд як номаи содаи нурбори (умедбахше) ба вай нависед." 24 марти соли 1971.

Дар воқеъ ҳам шиори Мутаваккилҷон "ҳақиқат ва адолат" буд. Расулҷон, мегуфт ӯ, ман беҳуда барои ҳақиқат ва адолат ҷонсупорӣ намекунам. Ноҳаққиву беадолатиро дар тақдири пурфоҷеаи амакҳои худаму бародарам дидаам. Имрӯз чӣ гуна метавонам дар назди беадолативу ноҳаққӣ сар фуруд оварам. Адолату ҳақиқат маро ба боргоҳи олии мусиқӣ ҳидоят мекунад. Мутаваккилҷон маро дар радифи худ — муборизи роҳи ҳақиқат ва адолат медонист. Се сол пеш аз вафоташ китоберо, ки мусиқишиноси хеле пухтаву донишманд Янов Яновская дар бораи ӯ навишта буд, аз Бухоро ба расми тӯҳфа фиристод. Дар аввали китоб бо хати бачагонааш навиштааст: "Ба

дӯсти азиз, дӯсти ҳақиқат ва адолат Расулҷон!"

Бубинед, ки ҳатто дар айёми пирӣ (дар ин вақт ҳаштоду се сол дошт) шиор ва мароми зиндагии худро тағйир надодааст.

Баъзан ба вай нигоҳ мекардаму ба худ мегуфтам, ки муборизаҳо барои ҳақиқату адолат ба ҷисму рӯҳаш сахт таъсир мекунад, моҳҳо, ҳатто солҳо халалдори илҳоми ғайбии ӯ мегардад. Алалхусус афсӯс мехӯрдам, ки мубориза ва кашмакашҳои ӯ бо арбоби машҳури мусиқии Ӯзбекистон Мухтор Ашрафӣ (вай ҳам тоҷики бухорӣ буд) хеле тӯлонӣ ва барои Мутаваккилҷон хеле гарон буд. Кашмакашҳо, мубоҳисаҳо, муноқишаҳо на танҳо дар доираҳои эҷодӣ, ҳатто як-ду бор дар кумитаи марказии ҳизб бо иштироки шахсони олимақом барпо шуда буд. Яке аз айбномаҳои Мутаваккилҷон ба Ашрафӣ он буд, ки вай дар асархои мусиқии худ аз осори оҳангсозҳои дигар, хусусан муаллимони худ истифода бурдааст. Осоре, ки вай имрӯз ба он ифтихор дорад, маҳсули заҳмат ва қудрати хоссаи вай нест. Мутаваккилҷон дар ин самт ҳатто ҳуҷҷатҳои қотеъ ҷамъ мекард. Боре нусхаеро аз рӯзномаи С.Василенко (оҳангсоз, устоди Консерваторияи Маскав, муаллими аксар оҳангсозони ӯзбек) нишон дод. Василенко навиштааст: (мазмунан) "Операи "Бӯрон" хеле бо муваффақият гузашт. Ҳама марову Ашрафиро табрик мекарданд. Аммо Ашрафӣ чи нисбате дошта бошад?"

"Бӯрон", операи нахустини миллии ӯзбекӣ,асари Ашрафӣ ва С.Василенко буд. Дар атрофи опера бисёр ҳамду саноҳо хонда шуда буд. Мутаваккилҷон ҳам ситоишу таърифҳои аз ҳад зиёди опера ва ҳам мансубияти комили ин асарро ба номи Ашрафӣ рад мекард.

Муборизаи Мутаваккилҷон "барои ҳақиқат ва адолат" торафт шиддат мегирифт. Тарғибу ташвиқи рафиқон ба мусолиҳаву мувосо аз тарафи Мутавакилҷон қабул намешуд. Дар мубориза Мутаваккилҷон ба ғалабаи на чандон дур ноил ҳам шуд. Мухтасари воқеа ба ин қарор аст.

Дар аввали солҳои шастум Мутаваккилҷон раиси Иттифоқи оҳангсозони Ӯзбекистон интихоб шуд. Ин бори аввал ва охирин буд, ки Мутаваккилҷон ба ифои вазифаи роҳбарӣ маъмур шуда бошад. Дар яке аз пленум ё съезд Ашрафиро (ба назарам,ба ҳамон айби "плагиат") аз узвияти Иттифоқи оҳангсозон хориҷ мекунанд. Чунин маҷлису маъракаҳо бар зидди шахсони номдори даврони сталинӣ баъд аз съезди таърихии 20-ми ҳизби коммунистӣ хеле авҷ гирифта буд. Ба назарам, дар мавриди Ашрафӣ низ он маъракаҳо бе таъсир набуд.

Ман Мухтор Ашрафиро дида, аммо бо вай ошно ва ҳамсӯҳбат набудам. Соли 1971 дар Маскав дар рӯзҳое, ки мо 60-солагии зодрӯзи Мирзо Турсунзодаро таҷлил мекардем, бо Мухтор Ашрафӣ мулоқот кардам ва дар чандин маҳфилу қабулҳои расмӣ бо ҳам будем. Вай дар ин вақт боз дар мавқеи аввалаи худ барқарор шуда буд. Чун донист, ки ба Душанбе ба воситаи Тошканд меравам, бо исрор ба шунидани операи нави худ "Дилором" даъват намуд. Гуфт, ки ба аэропорт мошин ва шахсеро мефиристад, то маро пешвоз гирифта рост ба театр биёрад.Ҳамин хел ҳам шуд. Баъд аз тамошои опера маро ба манзили худ бурд ва гуфт, ки то рафтан аз Тошканд меҳмони вай бошам. Аз он ки дар хонаи "душмани" Мутаваккилҷон меҳмон ҳастам, хиҷил набудам. Ман умуман кӣ будани Ашрафиро каме бошад ҳам

фаҳмиданӣ будам. Дидам, ки Ашрафӣ дар воқеъ як нафар ходиме дар мақоми сарварии ҷамъияти мусиқичиён ва ҳунармандон аст. Ин корро ҳар кас ба ӯҳда гирифта наметавонад. Барои ин ғайрату қувват ва низоми сахти фаолият лозим аст. Ҳамон шаби аз Маскав баромаданаш Ашрафӣ то соати ёздаҳи шаб дар консерт дирижёрӣ карда, баъд соати дуи шаб (панҷи субҳи Тошканд) бо ҳавопаймо ба Тошканд мерасад. Чанд соат хобида ба репетитсияи опера меравад ва боз бегоҳ ба опера дирижёрӣ мекунад. Барои чунин кори пур аз заҳмат шавқу иштиёқ, қувват, ғайрат ва аз роҳату осоиш даст кашидан лозим аст. Барои санъати олӣ Бурҳоновҳо чи қадар лозим бошанд, вуҷуди Ашрафиҳо низ барои ҷомеа лобуд аст. Якеҳо ба амри дил, дигарҳо ба ҷенаки ақл кор мекунанд.

Бетховен ва Гӯте дар Карлсбад истироҳат мекарданд. Рӯзе ба тафарруҷ ҳамроҳ мебароянд. Аз дур рӯ ба рӯи онҳо короли Олмон бо ҳамсараш меоянд. Бетховен аз назди онҳо таъзим надода гузашта меравад. Гӯте ба як тарафи пайраҳа мегузарад ва то гузаштани онҳо ба таъзим рост меистад. Ҳар ду бузургвор буданд. Яке фармонбардори дил, дигаре чорасози ақлу хирад.

Дар сафари ман Мутаваккилҷон дар Тошканд набуд. Баъд аз чанд вақт дар Тошканд будам ва аз мулоқотам бо Ашрафӣ гуфтам. Танҳо табассуме карду монд. Фаҳмидам, ки дӯстии мо бузургтар аз ин иқдоми ман аст барои вай.

Мутаваккилҷон дар зиндагӣ дарвеш буд, аз молу сарвати дунё сарфи назар карда буд. Аз ороиши зоҳирии зиндагӣ дур буд. Баъд аз марги Фотимахон хонаву ҷои худро ба Дилбару фарзандони ӯ вогузошт, худ дар танҳоӣ, гӯё дар узлату усрат зиндагӣ мекард. Дар хонаи танҳои охирини вай, ки дар ҳамсоягии Дилбар воқеъ буд, як хонаи калонтаре гӯё барои қабули меҳмонон ва як утоқи хурди дигар барои кору хоб дошту бас. Солҳо ҳатто пианинои худро надошт. Дар хонаи вай пианиное буд, ки хазинаи мусиқии Ӯзбекистон ба орият дода буд ва Мутаваккилҷон ҳар сол ҳаққи уҷратро пардохт мекард. Фақат солҳои ахир дар хонаи кораш рояли хурдеро медидам, ки гуфт - ҳадяи хазинаи иттифоқи оҳангсозон аст.

Мутаваккилҷон ба болои озору ранҷҳои рӯҳонӣ ба зарбаву газандҳои ҷисмонӣ низ гирифтор мешуд. Боре шабона ду шӯрапушт ҳамла оварда, ӯро мушткорӣ кардаанд, ки сару рӯяш хуншор ва сараш садамаи сахт дида, чанд моҳ аз кор монда буд. Мегуфт, ки ин кори бадхоҳони ӯст. Ба назарам, гапаш ҷон дошт. Бори дигар дар хона сими барқро дуруст карданӣ шудааст, нохост барқ ба дасти ӯ зарбае ворид намуда ва ӯ чанд соат беҳуш хобидааст. Дар натиҷа ангуштони вай ду-се моҳ карахт ва беҳаракат аз кор мондаанд.

Соли ҳафтодум ба Тошканд рафта будам. Мутаваккилҷон дар хонаи Дилбар (яъне дар ҳамон манзили аввалини худ) буд. Гуфт, ки вай як бӯстонсарои олӣ гирифта ва ҳоло он ҷо иқомат дорад. Ҳамон рӯз ба бӯстонсаро рафтем. Бӯстонсаро ниҳоят дур, берун аз шаҳр буд. Ин манзилҳои навсохт буд, ки баъзе аз оҳангсозон бо оилаи худ зиндагӣ мекарданд. Он ҷо ҳоло газ набуд, барқ ҳам мунтазам намеомад. Дар кӯрасинка ё рӯи ҳавлӣ дар оташдон хӯрок мепухтанд. Ин барои Мутаваккилҷони муҷаррад на зиндагӣ, балки як заҳмати пурташвише буд. Гуфтам, ки зуд аз ин ҷо ба шаҳр кӯчидан лозим аст. Худи вай ҳам гуфт, ки

ҳамин тавр бояд кард. Роҳаш на фақат дур, балки барои ман хатарангез аст.

– Рӯзе, гуфт вай, бевақтӣ дар трамваи холиву бекас мерафтам. Дар роҳ як ҷавонмард савор шуд, назди ман нишаст. Ва ба таҳи гӯшам ба овози паст гуфт: "Хӯш, композитори миллионер шумо-мӣ? Ман шуморо нағз мешиносам. Ин роҳ барои шумо пурхатар аст. Агар хоҳед, ки ҳамеша ба саломат ба боғатон рафту омад кунед, фардо шаб дар ҳамин соат, дар ҳамин вагон панҷоҳ ҳазор сӯми нақд оварда ба ман месупоред. Баъд ҷони шумо дар паноҳи худо мешавад." Ман чӣ гуфтанамро надониста "хӯш" гуфтам. Рӯзи дигар ба зӯр панҷ ҳазор сӯм ҷамъ карда, дар ҳамон соат ва ҳамон ҷой омадам. Ҷавон дар вагон буд. Гуфт, ки дар истгоҳи оянда мефароем. Ман ба вай панҷ ҳазор сӯмро дароз карда гуфтам: "Мо дар воқеъ ҳам композитор ҳастем, аммо миллионери шумо мегуфтагӣ не. Буду шудамон ҳамин буд, маро мебахшед". "Хайр аз шумо ҳамин қадараш ҳам кифоя" гуфту пулро ба ҷайб андохта ғоиб шуд. Баъд аз ин бе ҳеч дудилагӣ ба шаҳр кӯчидам."

Мутаваккилҷон зиндагиро дар таҷрид сипарӣ намуд. Ҳеҷ гоҳ зан нагирифта буд. Медонист, ки бо чунин дарвешӣ, озодманишӣ, лоуболӣ, риндӣ душвор буд, ки оилае сохта тавонад. Борҳо мегуфт, ки Фотимаҷон фалонӣ ё бисмадониро барои ман хосторӣ мекунанд. Намедонанд, ки ман барои он номзадҳо зиндагии саодатмандро омода карда наметавонам".

Мутаваккилҷон бо қалбу вуҷуди худ ошиқ буд. Дар зиндагӣ талхии ишқи нокомеро чашида буд. Фотимахон мегуфт, ки додари вай дар Маскав вақти ҷавонӣ ошиқи шайдои як арманидухтар буд. Духтар низ Мутаваккилро дӯст медошт. Чӣ шуду онҳо ба ҳам расида натавонистанд. Дар солҳои шастум низ Мутаваккил ошиқи духтаре - духтари бухорӣ шудааст. Ин духтар барои таҳсил ба Тошканд омада, бо тавсияи баъзе шиносҳои Фотимахону Мутаваккилҷон ба хонаи онҳо зуд-зуд меомадааст. Фотимахон ҳис кардааст, ки Мутаваккилҷон ӯро дӯст дошта ва духтар ҳам моили он кас будааст. Фотимахон худ монеи ин ишқ шуда, ба он сабаб, ки гӯё синну соли онҳо ба ҳам мувофиқ набудааст. Мутаваккил аз ишқи нотамоми худ ба ман чизе нагуфтааст. Лекин ду-се сол, ки бо ҳамсарам ба Тошканд мерафтам ё худи Мутаваккилҷон ба меҳмонии мо меомад, дар айни сархушӣ агар ба ҳамсари ман муроҷиат кунад,"Баширахон, Баширичка" нагуфта беихтиёр номи ҳамон духтарро мегирифт.

Солҳои ҳаштодум ва аввалҳои 90-и асри гузашта оромиву осоиши рӯҳонӣ ва эътидоли сиҳҳату саломати Мутаваккилро мушоҳида мекардам. Баробари ҳамин авҷу барору уруҷи эҷодӣ насиби Мутаваккил гардида буд. Дӯстону пайвандонаш, аз ҷумла ман ҳам инро бахту саодати осмонӣ медонистем. Дар охири солҳои ҳаштодум Мутаваккилҷон азми қатъӣ намуд, ки ба навиштани операи "Навой" оғоз кунад. Ба ман либреттои охиринро,ки кадом як шоири мумтоз навишта буд, хонда дод. -"Охир ин либретто не, пиесаи хуб аст. Опера драматургияи махсуси худро дорад. Азм кардам, ки худам ҳам драматургияи опера ва ҳам матни онро созам".

Дар ду-се сафаре, ки охири солҳои ҳаштодум ба Тошканд иттифоқ афтод, Мутаваккилҷон порча ва саҳнаҳои таълифкардаи худро аз "Навой" дар пианино менавохт, онҳоро шарҳ медод, дар интихоби сухану таъбирот машварат мехост... Дар ин сӯҳбатҳо ба таъкид хоҳиш менамудам, ки ба

нахустнамоиши опера ҳатман маро даъват кунад.

Ба премераи аввалин расида натавонистам. 10-ми декабр, соли 1990 дар рӯзи гарму нарми тирамоҳ озими Тошканд шудам — бо ҳамсарам Баширахон ва набераам Ромини панҷсола. Ҳамон рӯз бегоҳ ба тамошои операи "Алишер Навоӣ" рафтем. Дар толори театр гули зиёиёни Тошканд ҷамъ омада буданд. Худи Мутаваккилҷон дирижёрӣ кард. Арияҳои зебою дилчасп, рақсҳои ниҳоят мавзунонаи ошӯбангез кафкӯбиҳои пурмавҷ бармеангехт. Ман ки аз заҳмату азиятҳои муаллиф воқиф будам, дар ин лаҳзаҳо аз дидаҳоям беихтиёр ашк ҷорӣ мешуд... Тирамоҳи соли 1945 — моҳи декабр буд — ба ёдам мерасад. Шабе ки дар консерт Ҳалимахонум нахустин бор арияи Гулиро суруда буд. Чилу панҷ сол гузаштаву акнун тифли нозпарвари Мутаваккилҷон рӯи саҳна роҳравон гаштааст... Дертар мақолае навиштам дар бораи таърихи опера, дар борам таъсиру нақши он дар дилу рӯҳи мо... Рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" моҳи июн соли 1991 онро ба чоп расонд.

Моҳи ноябри соли 1995 дар роҳи сафари Покистон ва дар бозгашт чанд рӯз дар хонаи Мутаваккилҷон ба сар бурдам. Мутаваккилҷон кантатаи худро ба ифтихори 2500- солагии Бухоро дар роял шунавонид. Ба ёдбуди қурбониёни террори сталинӣ Реквиеми тозаэҷодашро бо оби дида дар роял навохт, сурудҳои ҳазини онро замзама кард. Дар ин сафар такрор мекард:

— Расулҷон, дар Тошканд дигар иқомат карда наметавонам. Аз солҳои аввал азму нияти ба шаҳри худам, ба зодгоҳам Бухоро рафта, дар як гӯшаи хилвату узлат умр ба сар бурдан доштам. Лекин маро Фотимаҷон, Дилбари хурдсол побанд буданд. Акнун озодам. Ба Бухоро меравам, аз ин муҳити номаънус ва бегона дуртар меравам... Шумо ҳам, Расулҷон, Душанберо тарк гӯед, ба Самарқандатон, ба зодгоҳатон, ватани гузаштагони худ бозгардед.

— Шумо мурғи озодед, Мутаваккилҷон. Ман озод нестам. Дар Душанбе боғе пайафгандам, ки гулу ниҳолҳояш фарзандонам, наберагонам ҳастанд. Ҳайф бошад, ки боғбон бӯстонро ба ҳоли худ гузошта равад.

Нияти Бухоро рафтанро аз Мутаваккилҷон дар тӯли солиёни дароз бисёр мешунидам. Гумон мекардам ин ҳама аз ҷӯши эҳсосот ва арзи орзуҳои амалӣ ношуданӣ аст. Вале ин бор азм қатъӣ будааст. Мутаваккилҷон ба касе, ҳатто ба наздикони худ ҳарфе назада хонаро мефурӯшад, асбобу ҷиҳозашро ба мошин бор карда, ба Бухоро мефиристад ва баъди харидани билети ҳавопаймо барои хайру хӯш пеши Дилбару шавҳари вай медарояд. Ҳамоно метарсид, ки аз нияташ ба онҳо лаб кушояд, ҳатман ӯро аз роҳ боз медоранд...

Аввали моҳи июни соли 1997 аз сафари думоҳаи Амрико бо писарам Фаредун дар Тошканд таваққуф кардем. Мутаваккилҷон набуд...Як гӯшаи Тошканд барои ман сокиту хомӯшу холӣ буд...

Дар ин солҳо Мутаваккилҷонро аз рӯи ҳаққу ҳаққоният посдорӣ ва эҳтиром намуданд. Баъд аз он ки мусиқии вай бори дуввум бо шеъри Абдулло Орифов ҳамчун гимни Ӯзбекистон тасдиқ гардид (бори аввал ин мусиқӣ соли 1947 бо шеъри Темур Фаттоҳ чун гимни ҷумҳурӣ қабул шуда буд),шӯҳрату манзилати ӯ боз афзунтар гашт. Соли 1993 моҳи август Президенти Ӯзбекистон ӯро ба ордени "Барои хидматҳои бузург" - ҷоизаи олии давлат - мушарраф сохт.

Моҳи маи соли 2001 дар толори пуршукӯҳи "Туркистон"-и Тошканд ҷашни 85-солагии Мутаваккил Бурҳоновро баргузор намуданд. 18-ми моҳи май соли 2002 дар толори бинои навсохти Консерватория консерти калоне аз асарҳои Мутаваккилҷон ба ифтихори зодрӯзи ӯ барпо мегардад, ки дар он худи вай ҳам ширкат дошт. Баъд аз ду рӯзи консерт ба Бухоро бармегардад ва баъд — ногаҳон бемор шуда, 13-ми июн ҷон ба Ҳақ таслим мекунад. Ӯро бо эҳтироми бузург ва таҷлили шоиста ба хок месупоранд. Дар таъзияномаи ҳукумати Ӯзбекистон ӯро Инсони бузург гуфтаанд. Ман мегӯям, ки Ӯ Инсони комил буд, молу давлати бузурги дунявӣ надошт, аммо дили бузурги улвӣ дошт. Худо раҳмат ва шоистаи ҷаннат кунад.

Баъд аз ба Бухоро кӯч бастан Мутаваккилҷонро дигар надидам. Вазъи ноҳамвори зиндагӣ фурсату имкон надод, ки ба Бухоро сафар кунам. Дар сафарҳои Самарқанд чанд бор аз телефон бо вай сӯҳбат кардам. Садояш матин буд, аммо аз пириву заъфи тан шикоят мекард. Хабари фавти ӯ баъд аз як ҳафта расид. Ба Тошканд ба Дилбар телфон карда, арзи таслият ва ҳамдардӣ кардам...

Ин аст қиссаи Мутаваккилҷон ва дӯстиву ҳамрозии панҷоҳсолаи мо.

* * *

Ба шарофати дустӣ бо Мутаваккилҷон ба ҷаҳони мусиқии нобу олӣ дохил шудам, на танҳо гӯш кардани мусиқиро омӯхтам, балки асрори ниҳонии мусиқӣ барои ман садо мебаровард, дарду алам, шодиву нишоту фараҳи мусиқиро эҳсос мекардам, маънии бузург ва фалсафаи мусиқиро дарк менамудам. Ба тавассути Мутаваккилҷон бо оҳангсозони дҳираи вай, бо мусиқишиносон ва ҳофизони мактаби урупой ошно шудам, дар маҳфилу маҷлисҳои мусиқии онҳо ширкат доштам. Гуфта метавонам, ки барои ман ҷаҳони нав кушода шуд - ҷаҳони мусиқӣ: ҷаҳоне ки рӯҳу маънавияти маро ғанӣ гардонд ва дар фаолияти илмиву ришгаи эҷоди бадеии ман нақшу таъсири бузург гузошт.

Ман аз дӯстону рафиқони ҷаҳони мусиқиам мехоҳам дар бораи се тан марде, ки бо ман дӯст буданду ҳамзамон ба барномаҳои тоҷикӣ ҳамкорӣ ва мададгорӣ менамуданд, бо арзи миннатпазирӣ ёдовар шавам. Аз ин се тан мард дар бораи Довуд Муллоқандов мухтасар ёдовар шуда будам. Марди дигар Сулаймон Юдаков, оҳангсози хушзавқу хушсалиқа ва шахси самимиву содадиле буд. Соли 1946, ки бори аввал бо ӯ ошно шудам, ҷавони сисола буд. Дар давраи ҷанг муддате чанд дар Сталинобод зиндагӣ карда, оҳангҳои шӯху дилнишин ба шеърҳои Лоҳутӣ ва Миршакар таълиф намудааст. Дар Сталинобод суруди ҷанговаронаи машҳуроширо бар шеъри Лоҳутӣ бо номи "Бародарон" соли 1941 таълиф намуд:

Бародарон, бародарон,
Бародарон, ба модари ватан вафо кунем,
Агар ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем,
Ба душманон мо амон намедиҳем,
Ба дигарон хокамон намедиҳем, намедиҳем,
Собит ин гуфта бар Ҳитлери беҳаё кунем.

Зи ҳар канор, зи ҳар диёр
Кашида саф ҳама ба ҷанги ваҳшиён равем,
Пивои ленинӣ ба каф таронахон равем,
Ба теғи мо аждаҳо фано шавад,
Зи фитнааш сарзамин раҳо шавад, раҳо шавад,
Баҳри хушбахтии мардуми ин ҷаҳон равем.

Ватан, Ватан, Ватан, Ватан!
Дар ин ҷаҳон ягона меҳрубони ман туӣ,
Чӣ ҷои ин сухан, ки худ ҷаҳони ман туӣ,
Ҷавон шуд аз меҳри ту вуҷуди ман,
Бувад пур аз номи ту суруди ман, суруди ман,
Нури ман, зӯри ман, завқи ман, ҷони ман туӣ.

Соли 1946 ин мусиқӣ бо шеъри нави Лоҳутӣ Гимни давлатии Тоҷикистон тасдиқ шуд. Шеър дар Энсиклопедияи советии тоҷик ҷилди 2 оварда шудааст. Соли 1993 ба оҳанги Сулаймон Юдаков гимни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шеъри Гулназар Келдӣ қабул гардид. Панҷоҳу шаш сол аст, ки оҳанги Юдаков чун суруди миллии тоҷикон ҳам дар дохили сарзамини мо ва ҳам берун аз марзҳои он садо медиҳад.

Юдаков аз рӯзҳои нахустини ба радио омаданам бо ман ошно шуд ва солиёни дароз бо ҳам дӯсту бародар будем. Дар риштаи мусиқии барномаҳои тоҷикӣ бо машваратҳои пурарҷи худ ёрӣ медод. Дар барномаҳои адабиву мусиқӣ ва драмавӣ баъзе лаҳзаҳои мусиқиро таълиф менамуд. Мо барои сарояндагони барномаи тоҷикӣ ба Юдаков ва Левиев сурудҳо супориш мекардем. Юдаков чанд сурудҳои тоҷикӣ, аз ҷумла романси хубе ба шеъри Лоҳутӣ бо номи "Тасвири ту" эҷод карда буд.

Ту рафтиву тасвири ту дар дидаи ман монд,
Хандидану тақрири ту дар дидаи ман монд.
Рафтиву нарафт абруву мижгони ту аз ёд,
Шамшери туву тири ту дар дидаи ман монд.

Ин сурудро солҳои панҷоҳум дар Душанбе ҳам бисёр месароиданд, афсӯс ки имрӯз фаромӯш шудааст.

Юдаков баъд аз ин ҳам бо Тоҷикистон робитаҳои эҷодӣ дошт. Дар сабт кардани гимни нави тоҷикӣ соли 1946 Юдаков ба Сталинобод омада буд. Соли 1961 ба филми Б. Кимёгаров "Коваи оҳангар" мусиқӣ навишт.

Юдаков ба забони ӯзбекӣ суруд наменавишт - дар ҳар ҳол суруди дар ёд мондании ӯзбекии ӯро нашунидаам. Вай хор ва сюитаҳои симфонию вокалӣ менавишт, ки хеле хушоҳангу дилнишин буд. Дар ин мусиқӣ ва хорҳо рӯҳи умумии шарқӣ, махсусан унсурҳои тоҷикию эронӣ ҳис карда мешуд. Сюитаи "Мирзочӯл"-и Юдаков ба шеъри Туроб Тӯла аз ҳамин қабил мусиқӣ аст. Мусиқии операи мазҳакавии "Корҳои Майсара" низ ба оҳангу рӯҳи умумишарқӣ ва тоҷикӣ таълиф шудааст. Аз ин ҷост ки ин опера чанд муддат дар саҳнаи тоҷик низ бо муваффақият садо медод. Гузашта аз ин операи

номбурда дар саҳнаҳои Урупову Русия низ ба намоиш гузошта шуда буд.

Шояд чунин таъсири мусиқии шарқ ва эронӣ аз он будааст, ки падару модари Юдаков аслан аз Эрон буда, баъдан дар Марв ва дар охир дар Хӯқанд иқомат доштаанд. Юдаков дар Хӯқанд соли 1916 мутаваллид шудааст. Солҳои ҷанг ва баъди ҷанг дар музофоти Бешяғочи Тошканд, дар маҳаллаи ӯзбекон бо модараш зиндагӣ мекард. Чанд бор дар хонаи вай будам. Модари пири чусту чолоке дошт, ки ба лаҳҷаи эронӣ гап мезад ва аз гӯиши яҳудиёни бухорӣ тафовут дошт. Ба Юдаков мисли кӯдаки хурдсол нигоҳубини модарона мекард. Худи Юдаков ҳам ба парасториҳои ҷонсупоронаи модар одат карда ва ба корҳои рӯзгор таҷрубаи машғул шудан надошт. Баъд аз даргузашти модараш муддати зиёд ба идораи рӯзгор одат карда наметавонист. Ба издивоҷ ҳам чуръат намекард. Ёри мувофиқ барояш пайдо набуд. Бим дошт, ки занҳо ба чунин кас мисли вай танҳо барои пулу мол ба ҳамсарӣ розӣ мешаванд.

Солхои шастум барои оҳангсозон иморати хубе бо назардошти касби хоссаи онҳо бино карданд. Юдаков дар ин хонаҳои муҷаҳҳазу мувофиқ дар танҳоӣ метарсид — дари квартираро ба чандин қуфлҳо ва занҷирҳо мустаҳкам ва маҳкам баста буд. Баъди аз Тошканд рафтанам шунидам, ки издивоҷ ҳам кардааст, вале як сол нагузашта аз зан ҷудо шуда, боз дар танҳоӣ ба сар мебурдааст.

Юдаков шахси қавиҷусса ва чусту чолок буд. Дар кӯдакӣ ҳамоно дар асари бемории пӯсти сар мӯйҳояш рехта буд, ки сараш тозаву мусаффо буд, ба худаш мезебид. Шӯх буд, зарофат мегуфт, аз ҳазлҳои дӯстонаш намеранҷид. Дар маҳфилҳои дӯстон сурудҳои худро хуб месароид, ба оҳангҳои шӯх мерақсид. Хулосаи калом, шахси сӯҳбаторо буд.

Шахси дигар аз наздикони Мутаваккилҷон оҳангсози донишманд Манас Левиев буд. Дар синну сол аз Юдаков ва Мутаваккилҷон калонтар буд. Ин се тан шахсони гуногунсолу гуногунистеъдодро сабки умумии мусиқиашон, ахлоқи ҳамидаву одобу одамият, хокориву шоистахисолӣ, мусиқии ниҳоят табиияву дилчаспашон бо ҳам наздик мекард. Левиев дар консерваторияи Ленинград (Санкт-Петербург) таҳсил карда, солҳои ҷанг хонданаш қатъ гардиду ба Тошканд бозгашт. Баъд аз ҷанг таҳсили консерваторияро давом дода, бо мувафаққият хатм кард. Мусиқиҳои дилнишину аз ҷиҳати ҳунари оҳангсозӣ матину тоза менавишт. Бештар сурудҳои ӯзбекӣ, мусиқиҳои драмаву филмҳоро таълиф мекард. Чанде сурудҳои ӯро мардум чун созҳои ба дил наздик месуруданд. Аммо ӯ ба жанрҳои калони мусиқӣ кам рӯй овардааст. Ҳарчанд бо ман дӯстӣ ва ба барномаҳои тоҷикӣ таваҷҷӯҳ дошт, вале мусиқиҳои тоҷикӣ кам таълиф мекард. Боре дар арафаи ҷашни Навоӣ ба ӯ шеъри форсии Навоиро бо тахаллуси Фонӣ додам ва ӯ романси хубе бо номи "Басандаст" эҷод кард.

Ба рӯзам тобиши рӯе басандаст,
Шабамро тори гесӯе басандаст,
Сабукрӯҳам, надорам тоби занҷир,
Диламро ҳалқаи мӯе басандаст...

Он сол, ки ҷашни Навоӣ таҷлил мегардид, касе намедонист, ки ин шеър аз Фонии Кашмирӣ аст.

Бори дигар шеъри Чустиро додам, ки барои ансамбли мо суруди рақсӣ нависад. Левиев дар се-чор рӯз суруди дилнишине навишт. Оҳанги суруд ҳоло ҳам дар гӯшам садо медиҳад, ҳарчанд суханҳояш фаромӯш шудааст. Ин суруд ба ҳунарпешаи машҳури он замон Тамархонум писанд омада ва ӯ бо иҷозаи Левиев онро ба репертуари худ дохил намуда, чанд солҳо дар консертҳо мехонд. Оҳанги суруд бе шеър солҳои сол аз радиои Ӯзбекистон садо медод.

Ин се тан оҳангсозони бо ҳам дӯстро рафиқонашон ба муҷарраднои ҳамнафас номзад карда буданд. Се тан гоҳо сӯҳбату майгусориҳои риндона доштанд. Рӯзе Фотимахон телефон карда гуфт, ки Мутаваккилҷон се рӯз боз хона намеояд ва ҳар ҷо ки телефон мекунам, аз вай сароғе намеёбам. Гуфтам, ки "ба Юдаков телефон кардед?" Гуфт: "Он кас ба хонаи Юдаков намеравад, чунки шароите барои иқомати чандрӯза нест". Гуфтам, ки "биёед, ба ҳар ҳол аз хонаи вай хабар гирем." Соатҳои чори бегоҳ ба тарафи хонаи Юдаков, ба маҳаллаи Бешяғоч раҳсипар шудем. Аз трамвай пиёда шуда, ба тангкӯчаҳои Бешяғоч даромада будем, ки аз дур се тан оҳангсоз пайдо шуданд. Онҳо бехабар аз мо байни худ чизҳое гуфта ба завқ механдиданд Дар ин миён Юдаков сурудеро сар карду ба рақс даромада буд, ки чашмашон ба Фотимахону ман афтоду якбора хомӯш шуданд. Фотимахон ҳар серо коҳишу маломат кард. Онҳо бо ҳамон қоҳқоҳу хандаву бозӣ аз вай узр мепурсиданд. Ин воқеа дар баҳори соли 1948 буд, ки он вақт ин се тан "дарвеш" беш аз сиву ду сол надоштанд.

Дар миёни се тан Левиев дар хислату муомилот тафовут дошт. Дар зоҳир ба тамкинтар, дар ибрози эҳсосот худдор буд, замонасоз, дар мавридҳои ҳассос дар гуфтор бо эҳтиёт буд. Риояи таҷридро низ ӯ пештар вайрон кард: дар панҷоҳсолагӣ ба яҳудизани самарқандӣ (худи Левиев ҳам аз Самарқанд буд) издивоҷ карда, ба ҷодаи зиндагии оилавӣ дохил шуд.

Хулосаи сухан ин аст, ки ман бо ҳар сеи онҳо дӯсти наздик будам ва онҳо низ ба ин ҷониб ҳисси самимии дӯстона доштанд. Пас аз истиқрори истиқлоли ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна рафту омад ва робитаҳои дӯстонаи ин кишварҳо тира гардид, ба дидори якдигар кам мерасидем. Мегуфтем, ки наход "меваҳои" талху хилофи таърихи мо ҳамин истиқлол бошад!. Баъд аз солҳои наввадум танҳо аз дур аз вазъи Юдакову Левиев хабардор мешудам ва мешунидам, ки онҳо низ аз ман ба некиву пазмонӣ ёдовар мешаванд. Фаҳмидам, ки Юдаков соли 1992 дар синни 76 ва Левиев соли 1991 дар синни 79 фавтидаанд. Раҳмати ҳақ насибашон гардад.

"РАСИДА БУД БАЛОЕ, ВАЛЕ БА ХУБӢ ГУЗАШТ"

Ин мисраъ дар "Анвори Суҳайлӣ" аз забони мурғе омадааст, ки дар мавриди наҷот ёфтанаш аз доми сайёд гуфтааст ва дар мавриди воқеаи нохуше дар зиндагии ман хеле мувофиқ афтодааст.

Дар воқеъ ҳам баъд аз солҳои душвор, аммо оромонаи донишҷӯй ва дар айни барори корҳо дар радио якбора тағйир ёфтани вазъи рӯҳиву фикрӣ, рух додани ҳолати навмедиву дармондагӣ, хастагии аъсобу рӯҳафтодагӣ атрофиёни маро дар ҳайрат гузошта буд. Онҳо иллати асосии ин тағйироти рӯҳиро намедонистанд ва сабабҳои гуногунеро меҷустанду ба тақриб маншаи "бемории" маро муқаррар карданӣ мешуданд. Вале ин ҳама тағйироти рӯҳиву хастагии аъсоб сабабҳое дошт, ки он вақт гуфта наметавонистам ва агар, мегуфтам, гумон аст, ки касе онро дуруст тасаввур намояд. Имрӯз ки аз саҳифаҳои зиндагии худ ҳикоят мекунам, бояд ин асрори ниҳонии чандинсоларо ошкор кунам, то асли воқеа бо ҳақиқати ҳол ҷилвагар гардад. Чунин кореро кардан имрӯз мумкин ва зарур аст ба он ҷиҳат, ки баъд аз марги Сталин бисёр саҳифаҳои фоҷеавии мардуми шӯравӣ ошкор гардид ва ҳақиқати таърихӣ сад дар сад набошад ҳам, ба андозаи зиёд барқарор шуд.

Дар синни шонздаҳсолагӣ буд, ки маро ба ҳамкории пинҳонӣ бо мақомоти идораҳои махфӣ (он вақтҳо НКВД мегуфтанд,яъне Народний Комиссариат Внутренних дел – Комиссариати халқии корҳои дохилӣ, баъд онро КГБ – Комитет Государственной безопасности ном карданд ба маънии Комитети бехатарии давлатӣ) ҷалб намуданд. Дар он вақт ҳам аз тарс ва ҳам, рости гап, бо каме ифтихори ҷавононаи ватанпарастӣ ба ин кор ворид гардидам. Аммо мулоқотҳои мунтазами қатъӣ дар соатҳои муайян ва ҷойҳои муайян бо ходимони мақомоти махфӣ, расонидани хабарҳои даркориву нодаркорӣ аз вазъияти ақибгоҳи ҷанг ва суханчиниҳои пинҳонӣ дар бораи шахсони атрофи худ зуд маро аз ин кор дилсард кард. Табиати озодманишӣ ва ба ҳукми дилу хислат дар ғайби касе бадгӯй накардан бо фаолияти пинҳониву зӯр ба зуракӣ (ва ҳатто ҷосусӣ) ҳеч мувофиқат намекард. Кош роҳе пайдо мешуду аз ин дом озод мешудам – ин буд ягона орзуи ман баъд аз гузашти муддати муайян дар фаолияти "чекистӣ"!

Дар ин миён азимати таҳсили илм дар Тошканд пеш омад. Ман ҳам бе он ки ба чанд мулоқоти охирин ҳозир шавам, ба Тошканд сафар кардам. Гумони ғолиб он буд, ки аз "фаолияти чекистӣ", ки дар овони бетаҷрибагӣ ба он розӣ шуда будам, дигар озод шудам. Аммо хато карда будам ва гумон надоштам, ки бидуни ихтиёр побанди ин "фаолият" ҳастам.

Чор-панҷ моҳ озод машғули таҳсил будам ва "пинҳонкории" худро фаромӯш ҳам кардам. Вале ин саодати оромӣ дер давом накард. Мақомоти махфӣ маро пайдо карданд. Як марди руси баднамову ниҳоят пурхушунати ҷавон маро рост шабона ба бинои вазорати пурҳавл даровард. Дар кабинет сӯҳбат кард - на, ин сӯҳбат набуд, балки таҳдиду даъвоҳои айбдоркунандае буд. Маро кушоду равшан мутаҳҳам мекард, ки ба ин мақомот на дар Самарқанд ва на дар Тошканд аз вуҷуди худ ва сафари худ иттилооте надодаам. Хулосаи ин ҳама даъво ин буд, ки ман бояд бо намояндагони мақомоти махфӣ алоқа дошта бошам ва супоришҳои онҳоро иҷро кунам.

Раванди осоишта ва муваффақиятҳои кору хондан бо мулоқотҳои иҷборӣ дар ҷойҳои махсус ва супоришҳои хилофи хоҳишу имкон барои ман вазнин буд. Гоҳо мешуд, ки алоқаҳо ба сабаби вайрон карданам рӯзҳои мулоқотро, яъне беинтизомии ман қатъ мегардид. Ва боз афсари бепогоне пайдо мешуду аз нав ба ин корҳо ҷалб мегардидам. Азоби рӯҳӣ буд ин мулоқоту пурсишҳо ва ишораҳои равшан бо оқибати нохуш анҷом ёфтани беинтизомӣ ва саҳлу бе масъулият муносибат карданам ба мақомоти махфӣ.

Ман дар кору хондан, ҳам дар донишкада ва ҳам дар радио муваффақиятҳои шоиста доштам, озодона кор мекардам ва таҳсили илм менамудам. Дар ҷомеа мартабаю манзилати сазовор доштам. Аммо дар пеши идораҳои махфӣ гӯё гунаҳкору забонкӯтаҳ будам, ки ба иҷрои супоришҳои берун аз хоҳишу имконоти худ бояд гардан фурорам. Илова бар ин тадриҷан бо усулҳои махсуси психологӣ талқин мешуд, ки дар атрофам доме ҳаст ва маро таъқиб мекунанд, андешаву эътиқоди маро меомӯзанд, кӣ буданамро аз рӯи хабарҳои суханчинон муайян карданӣ мешаванд. Ба ин тариқа биму ҳарос бештар мешуд, ки мақомоти махфӣ дар паи ба дом андохтани ман ҳастанд.

Тирамоҳи соли 1948 хонае барои худ иҷора гирифта, танҳо зиндагӣ мекардам. Дар танҳоӣ биму ҳарос ва пиндорҳои ҳавлангез аъсобу иродаи маро хароб мекард. Навмедӣ ва яъсу дармондагӣ домангирам буд. Кор ба ҷое расид, ки ҳатто ба нобуд кардани худ иқдом намудам. Тасодуфе маро аз ин иқдоми фаҷеъ наҷот дод. Ниҳоят дар як мулоқоти охирин ба афсаре ки рӯзҳои охирин бо ман машғул буд, бе ихтиёр иброз доштам, ки дигар ба ин бозиҳо сабру таҳаммул надорам, мехоҳам бо сардори онҳо вохӯрам ва фикру андешаҳои худро гӯям.Рӯзи дигар шабона чунин мулоқот дар хонаи нимторики вазорат бо шахси ҳайбатдори бе погон барпо шуд. Пеш аз даромадан ба ин ҳуҷра намедонам махусан ё тасодуфан буд, ки аз назди ман маҳбусеро бо либосҳои ӯбада ва ранги парида ду шахси мусаллаҳ гирифта гузаштанд.

Шахси бе погон ба назарам симои Ҳитлерро овард: дар тан кители сиёҳ дошт, мӯяш кам ва як тараф шона зада буд. Бо абрузони чин ва чашмони хашмолуд аз ин мулоқот мақсади маро пурсид. Гуфтам, ки ҳар чи дар доираи қудрат ва имкон буд, барои идораи шумо кор кардам. Вале аз муносибат ва рафтори одамони шумо махсусан дар вақтҳои охир пай мебарам, ки гӯё гуноҳи азиме назди давлат дошта бошам. Агар дар воқеъ пеши мақомот ҷурме содир кардаам ва агар ба садоқату самимияти ман ба сохти советӣ шубҳае бошад, омода ҳастам, ки худи ҳозир маро ба ҳабс гиранд.

Сардори бе погон бо қаҳру таҳдид гуфт: "Чӣ, шумо хаёл мекунед маҳбаси мо осоишгоҳест, ки шуморо бо қанду конфет зиёфат мекунанд?" Гуфтам: "Ман намедонам маҳбаси шумо чӣ гуна аст, аммо омодаам ҷазоямро бинам, агар ҷурмеву хатое дошта бошам". Ва дар ин маврид сухан аз падару модарам низ гуфтам. Он шахси ҳайбатдор гуфт: "Оё падаратон ба шумо нагуфтааст, ки вай ба ҷунбиши ҷадидон алоқа дошт?" Ин сухан чунин маънӣ пайдо кард, ки "на танҳо ту, балки падарат ҳам аз шахсони зиддисоветӣ аст."

Дар ҳамин дақиқа симои падарам мисли барқ пеши назарам дурахшид. Ин гапи марди бе погон "таги коса нимкоса дошт". Тобистони ҳамин сол вақте

ки дар Самарқанд будам, шабе модарам бо ман рози дил гуфт:

— Расулхон, отаат як моҳ боз бедимоғ мегарданд. Аввалҳои тобистон ба НКВД ҷеғ зада гуфтаанд, ки ба онҳо хидмат кунанд, яъне агенти НКВД шаванд. Он кас ба як пой истода "не" гуфтаанд. Онҳо баъд тарсонда гуфтаанд, ки мо медонем, ки шумо бо ҷадидҳо ҳамроҳ будед. Аз мо рӯй гардониданатон гуноҳи шуморо зиёдтар мекунад, дар ин хусус дурусттар фикр кунед. Отаат мегӯянд, ки мумкин аст ба ҳабс гиранд, метарсам, ки ба бачаҳо, хусусан ба Расулхон зарарам расад.

Ин гап дар ҳамон вақт ба дилам гумону андешаҳои пурҳавл барангехта буд. Ин воқеаи фаромӯшшуда дар ин лаҳза ба ёд омада, ҷисми маро сӯзонд. Яқин кардам, ки хадамоти махфӣ тири худро ба падараму ман нишон кардаанд.

Баъд аз таҳдиди сардори гумном ҳолати яъсу навмедӣ — депрессия маро фаро гирифт. Дигар ба донишгоҳ ҳам намерафтам, дар кори радио мисли сурат меомадаму мерафтам. Дар пеши назари дӯстону шиносон торафт пажмурда мешудам. Дӯстон сабаби вазъи ногаҳониро мепурсиданд, баъзеҳо - шояд фиристодагони коргоҳи махфӣ бошанд — маро ресторан мебурданд, менӯшидем, пас аз сабаби вазъи ноҳинҷорам мепурсиданд. Чизе гуфта наметавонистам. Гоҳо бо шеър ҷавоб мегуфтам мисли ҷунунзада. Ин байти Ҳофизро бештар мехондам:

Ин чӣ истиғност ё раб в-ин чӣ қодир ҳоким аст,
Ин ҳама дарди ниҳон асту маҷоли оҳ нест.

Ниҳоят аз ҳама чиз дасту дил шустам ва дар ду нусха ариза навиштам, дар он ба худ гуноҳу ҷурмҳои сиёсиву идеологии зиёдеро нисбат додам ба он андеша, ки шояд бо ин коғаз ба ҳабс гиранду аз зиндагии бадтар аз зиндон наҷот ёбам. Аризаро ба деканати донишкада ва ба раиси радио супурда, тарки кору хондан гуфтам. Ин рафтор ҳамаро дар ҳайрату таассуфи ҷонгудоз андохт. Дӯстам ва ҳамкурсам Азизхон Қаюмов бо дилсӯзӣ бо ман сӯҳбат кард. Аммо ман дигар ба чизе розӣ намешудам. Ба назарам, фақат раиси радио Ӯразаев буд, ки оқилона кор кард. Маро даъват карда гуфт:

— Аризаатонро хондам. Ба назарам, навиштаҳоятон асос надоранд. Шуморо аз кор ҷавоб намедиҳам. Ба шумо отпуск медиҳам, ба Самарқанд рафта истироҳат кунед. Лозим шавад отпуски иловагӣ медиҳам. Ба гапи ман дароед, ба Самарканд равед, дам гиред, ба худ омада бозгардеду ба кор сар кунед.

Ба Самарқанд рафтам. Барои падару модарам дар ҳоли яъсу навмедӣ дидани фарзандашон, ки дар хондану корҳои эҷодӣ шукуфою пешдаст буд, ниҳоят вазнин омад. Онҳо парешонӣ ва андӯҳи худро вонамуд накарда саъй менамуданд, ки барои ман муҳити созгори истироҳату оромӣ муҳайё кунанд. Баъд аз муддате ором шудан табибе - пизишке низ омада муояна кард ва чандин сӯзану муолиҷаҳои физиотерапевтӣ фармуд, ки ҳар рӯз ба духтурхона рафта аз онҳо истифода менамудам. Дар рӯзҳое, ки ҳаво хуб, буд - моҳи феврал сардии баланд надошт - баъзе дӯстон ва ошноёни падар маро ба тамошо ва сайри атрофи Самарқанд ҳидоят менамуданд.

Баъд аз яку ним - ду моҳ ҷаҳони торик ба назар равшан шуд. Боз дар дил майлу хоҳиш ба кору таҳсил бедор гардид. Ва ниҳоят ба Тошканд бозгаштам.

Ҳарчанд ғайрату қуввати пешина набуд, аммо дар радио ба кор шурӯъ кардам. Тадриҷан ғубору тирагиҳои боқимондаи рӯзҳои рӯҳафтодагӣ бардошта мешуд. Сояи сиёҳи идораҳои махфӣ низ аз болои сар гузашта мерафт. Бо вуҷуди он гумон доштам, ки парвозҳои ман ба сӯи баландиҳои илму маърифат ба он идораҳо мақбул нест. Аз ин сабаб ба донишкада намерафтам. Шунида будам, ки маро ба сабаби беморӣ аз таҳсил хориҷ кардаанд. Қарор додам дигар ба таҳсили илм машғул нашавам ва агар имкон бошад, фаолиятамро танҳо дар радио идома диҳам.

Аммо тақдир чунин набудааст. Соли 1949 ҳамдарсу ҳамсабақонам донишгоҳро хатм мекарданд. Хатми аввалини донишҷӯёни факултаи Шарқ буд. Дӯстон афсӯс мехӯрданд, ки дар сафи онҳо нестам. Вале ҳама саъю кӯшиш ба харҷ доданд, ки баъд аз онҳо таҳсили худро идома диҳам. Ҳам аз деканат ва ҳам аз ташкилоти комсомолӣ маро ба идомаи таҳсил тарғиб мекарданд. Фотимахон низ исрор мекард, ки хондани худро давом диҳам. Гуфт, ки Султон Умаров раиси Донишгоҳ омода аст маро ба ҳайси донишҷӯи факултаи Шарқ барқарор намояд. Ниҳоят дар тирамоҳи соли 1949 маро ба сафи донишҷӯёни факултаи Шарқ барқарор намудаанд. Шарт ин буд, ки дар нимаи аввали соли таҳсил ба тарзи экстернат имтиҳонҳои соли гузаштаро бисупорам ва аз соли 1950 ба хондани мӯътадил идома диҳам. Кумитаи комсомол ҳам ҳаққи узвияти дар як сол супурда нашударо ҳамчун истисно бе танбеҳ қабул намуд, ки узви комилҳуқуқи комсомол шудам...

Солҳо гузаштанд. Чунин тӯфону тундбоде боз дар Душанбе болои сари ман омад. Боз қариб ба ҳамон сенарияи собиқ... Ва боз солҳо гузаштанду ба корҳои илмию фаолияти эҷодиам бо муваффақият идома додам, вале ҳеҷ намефаҳмидам, ки ин ҳама муносибатҳои "аҷиб" бо ман аз тарафи мақомоти махфӣ ба чӣ манзуру ҳадаф буда. Оё санҷиши аъсоб буд ё чорае буд, ки бо хислати озодманишӣ ва лоқайдӣ "аз худ наравам", зери назорат ё дар иҳотаи дастони оҳанин бошам. Баъд аз даргузашти Сталин ва хусусан пас аз суқути сохтори тоталитарии шӯравӣ бисёр пардаҳои оҳанин аз болои фаолияти ғайри қонунӣ ва ғайри инсонии ГПУ, НКВД, КГБ бардошта шуд. Шояд мо насли хушбахт будаем, ки дар зиндагиамон ҳақиқатро ба чашми худ дидем. Ва бадбахтии мо низ ин аст, ки фоҷеаи бе гуноҳ, бе ҷурму нуқсе куштаву нобуд гаштани падарони худро фаҳмидем.

Солҳо аз он ки дар бораи корҳои мақомоти махфӣ иттилоъ ва бо онҳо иртибот доштам, хомӯш будам. Имрӯз ки ҷомеаи мо аз фаолияти махфии сохтори шӯравӣ огоҳ шудааст, нахостам ки гӯшаи зиндагии ман аз фарзандону наберагонам, аз насли оянда пӯшида бошад. Ман ин сатрҳоро на бо кинаву ғазаб, балки чун сабақи дарси лоҷавоби ҳаёти худ менависам.

СОЛИ ОХИРИН ДАР ТОШКАНД

Дар нимаи аввали соли охирини таҳсил, яъне то оғози соли 1950 имтиҳоноти соли гузаштаро супурдам. Аз ибтидои соли 1950 донишҷӯи комилҳуқуқи факулта маҳсуб мешудам ва бо донишҷӯёне, ки бо онҳо камтар ҳамбастагии дӯстона доштам, хонданро идома медодам. Дар радио низ кор бо раванди пешина давом мекард. Барномаҳои мусиқӣ ва адабию бадей ба вазъи аввалаи худ бозгаштанд.

Дар аввали соли 1950 барои хондани курси таърихи адабиёти форсу тоҷик шарқшиноси маъруф Александр Николаевич Болдирев аз Ленинград омад. Мо ки солҳои гузашта аз шунидани лексияи таърихи адабиёти форсӣ маҳрум будем, омадани Болдирев навиди хуш ва неъмати беминнат буд, ки донишҷӯёни ҷавони эроншинос ниҳоят аз таърихи адабиёти форсӣ соҳиби дониш мешаванд. Барои ман низ гӯё худованд мушкилкушои мушкилотамро фиристод.

Дар ҳамин моҳҳо барои кори дипломӣ мавзӯе мебоист интихоб кунам. Мутахассиси ворид набуд, ки машварате кунам. Худ мехостам мавзуи кори дипломӣ ба таърихи адабиёти тоҷик тааллуқ дошта бошад. Дар ин маврид гӯё аз ғайб илҳоме омаду асарҳои илмӣ ва таҳқиқоти устод Айниро роҷеъ ба таърихи адабиёти тоҷик ва симоҳои бузурги он мавзӯи кори дипломӣ қарор додам. Деканат мавзӯъро тасдиқ кард. Қарор шуд, ки роҳбарии корро вақти омадани Болдирев аз вай хоҳиш хоҳанд кард.

Болдирев моҳи март омада ва дафъатан ба тадриси курси адабиёти форсу тоҷик шурӯъ намуд. Номи Болдирев чанд солҳо пеш ба ман ошно буд. Соли 1938 достонҳои "Шоҳнома" бори аввал мунтахабан ба тоҷикӣ аз тарафи Болдирев таҳти назари Евгений Бертелс чоп шуда ва ин китобро гаштаву баргашта мехондам. . Ин китоб чун ёдгори гаронбаҳо дар китобхонаам маҳфуз аст. Соли 1940 Ҷаъфархон-амакам аз Сталинобод "Намунаҳои фолклори тоҷик"-ро оварда, ки тартибдиҳандаи он Александр Николаевич Болдирев буд. Инак олими шарқшиноси номдорро ба чашми худ медидам. Симои нуронӣ, қаду қомати расо, тарзи гуфтори дилкашу пурҷозиба ва ниҳоят оҳанги хушу мисли назми классикӣ мавзуну гӯшнавоз лексияҳои ӯро дилнишину хотирмон мекард.

Аз сафари Болдирев истифода намуда, аз мавзӯи дипломӣ бо ишон машварат намудам ва хоҳиш намудам, ки роҳбари расмии кори дипломии ман бошад. Ба Болдирев аз он ки устод Айнӣ аз мавзӯи кор хабар дорад, нақл намудам. Сурати воқеа чунин буд:

Ҳангоме ки мавзӯъро интихоб намудам, ба устод Айнӣ мактуб навишта хоҳиш намудам, ки роҳбарии корро лутфан қабул кунанд. Он вақт омадани Болдирев ба Тошканд маълум набуд. Дере нагузашту аз устод ҷавоб гирифтам. Мактуб, ки бо узру маъзарати зиёд аз тарафи устоди бузург ба як нафар ҷавонписари толибиилм навишта шудааст, хеле ибратомӯз аст ва онро мукаммал ин ҷо дарҷ мекунам.

"Рафиқ Ҳодизода, мактуби 21 феврол навиштаатон 27 феврол расид. Бо афсӯс маҷбурам ба шумо маълум кунам, ки ман дар бораи дипломни

работетон ба шумо роҳбарӣ карда наметавонам. Сабаби аввалини ин пирӣ ва набудани вақт аст: ман мувофиқи шартнома маҷбурам, ки қисми чоруми Ёддоштҳоро тайёр карда ба нашриёт супорам (қисми саввумро 10 феврол супурдам). Ғайр аз ин барои ба чоп тайёр карда додани Дохунда ва Ғуломон ва ба забони ӯзбекӣ навишта додани қисмҳои 1-3 Ёддоштҳо ба наздикӣ бо нашриёти давлатии Ӯзбекистон шартнома бастам. Бинобар ин аз УзГу (Донишгоҳи Самарқанд - Р.Ҳ.), ки ман коркуни иштотии он ҷо мебошам, барои роҳбарӣ ягон дипломни работро қабул накардам ва ба аспирантҳои худам, ки кори асосии ман дар УзГУ бо онҳо кор кардан аст, имсол раҳбарӣ карда натавонистам. Ба болои ин номзади ман ба депутатии Совети Олӣ монда шуд, ки барои мақолаҳо навиштан, бо интихобчиён мулоқот кардан ва барои сессияи якум ба Москва рафта омадан яку ним - ду моҳ вақт меравад.

Ман умедворам ва боварӣ дорам, ки шумо ин узрҳои маро мефаҳмед ва барои рад карданам коратонро аз ман намеранҷед.

Дуввум ин ки модом ки кори шумо тадқиқи асарҳои илмии ман аст, худи ман раҳбарӣ карданам он қадар муносиб нест. Модом ки Москва рафта омаданатон мушкил аст, ман маслиҳат медиҳам, ки профессор Семёновро ба худ раҳбар қарор диҳед. Ӯ дар мавзӯи тадқиқоти илмӣ хуб раҳбарӣ карда метавонад. Бо саломи рафиқона Айнӣ. 27/феврал 50.

Илова: Панҷакент рафта истода будам (барои мулоқот бо интихобчиён), бинобар ин хатро ба таъҷил бад навиштам. Мебахшед. А.

Ба САГУ фаҳмонед, ки ба ман хати расмӣ накунанд, чунки барои рад карда ҷавоб навиштан ҳам вақт даркор мешавад. А."

Аз номаи устод маълум буд, ки ишон интихоби мавзӯъро меписандад ва ба оғози кор фотиҳа медиҳад. Ба Болдирев ҳам мавзӯъ писанд омад. Роҳбарияти донишкада ӯро ба расми роҳбари кори дипломӣ тасдиқ намуд. Рӯзҳое, ки Болдирев дар Тошканд буд, нуктаҳои асосии корро матраҳ намудем, Болдирев баъзе иловаю такмила намуд ва ман бо камоли майл ва ғайрат ба навиштан шурӯъ кардам.

Навиштани диплом бо суръат ва муваффақият давом мекард. Дар рафти кор ҳуҷҷату санадҳои аҷиб ва фикру мулоҳизаҳои тоза ба миён меомад. Торафт ба кор бо шавқу таваҷҷӯҳи зиёдтар фурӯ мерафтам. Аз интихоби мавзӯъ худ ба худ ифтихор мекардам ва шод мешудам. Дар воқеъ ҳам ин соҳаи муҳимми фаолияти устод Айнӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифта буд. Ҳол он ки С.Айнӣ дар бунёд ва ташаккули адабиётшиносии нави тоҷик саҳми бузург гузоштааст. Мақоми илмии С.Айниро доираи уламову донишмандони Петербург қадршиносӣ карда, ба ӯ унвони ифтихории доктори илмҳои филологиро тақдим намуда буданд. Маро шояд ҳамин иқдоми донишмандони воломақоми рус ба ин кор водошта бошад.

Дар айни авҷи кор рӯзе аз идораи радио хабар доданд, ки маро ба шӯъбаи матбуоти Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Ӯзбекистон даъват мекунанд. Гумон кардам шояд дар бораи барномаҳои тоҷикии радио сӯҳбате дошта бошанд.

Дар рӯзу соати муқаррар ба Кумитаи марказӣ воқеъ дар кӯчаи Гогол рафтам. Маро марди тахминан панҷоҳсолаи тотор бо насаби Бикбулатов қабул кард. Дар муқаддимаи суханаш сифати хуби барномаҳои адабию мусиқии тоҷикиро таъриф кард ва ниҳоят ба сари мақсад омад:

— Акнун мо шуморо барои иҷрои вазифаи аз ин ҳам муҳимтар ва заруртар таъҷилан даъват намудем. Мувофиқи қарори Бюрои сиёсии Кумитаи Марказии ВКП(б) дар Тошканд нашри газетаи ҷумҳуриявии тоҷикӣ аз нав барқарор мешавад. Мо хоҳиш мекунем, ки аз ҳафтаи оянда сар карда ба редаксияи газета гузаред ва то охири моҳи апрел якҷоя бо рафиқони дигар шумораи аввалини газетаро аз чоп бароретон.

Ин гап барои ман ғайри чашмдошт буд. Вақтҳои ахир дар радио корро сабуктар карда будам, ки дипломи худро навишта тамом кунам. Ба назарам чунин намуд, ки ба кори газета гузаштан аз баҳри кори дипломӣ, ҳатто аз баҳри таҳсил гузаштанро баробар аст. Узри бисёр оварда, хоҳиш намудам, ки дар ин кор маро муоф доранд. Бикбулатов бо диққат гапи маро гӯш карда гуфт:

— Вазъияти душвори шуморо хуб мефаҳмам. Аммо ҳиссиёти ватанпарварӣ ва миллатдӯстии шумо ҳамаи монеаҳоро бартараф мекунад. Агар ҳозир мо дар ин масъала таъхир ва фурӯгузорӣ кунем, рӯзнома ташкил намешавад ва ин айни муддаои баъзе касони муқобили тоҷикон мешавад. Дар вақташ майли ба тоҷикон гузаштани Самарқанду Бухоро ба миён омада буд, тоҷикон сустӣ карданд, ҳукуматдорони ӯзбек чолокӣ карда пойтахти Ӯзбекистонро зуд ба Самарқанд бурданд. Бо ҳамин Самарқанд аз они ӯзбекон шуд. Дертар қазоққо ба Тошканд даъво карданд, ки ин шаҳр аслан ба Қазоқистон наздик аст ва аҳолии зиёди шаҳр ва атрофи он қазоқ ҳастанд. Ӯзбекҳо вазъиятро фаҳмида пойтахтро зуд ба Тошканд кӯчониданд. Агар шумо барин касон аз вазъият истифода набурда саҳлангорӣ кунанд, рӯзномаи тоҷикӣ набаромада мемонад. Ҳолон ки дар қарори мазкур таъсиси боз чанд рузномаҳои тоҷикӣ дар назар дошта шудааст. Аз ҷумла газетаи вилоятӣ дар Самарқанд ва боз чандин газетаҳои шаҳриву районӣ...

Ман бори аввал таърихи пойтахт шудани Самарқанду Тошкандро аз шахси мӯътабари ҳизбӣ мешунидам. Чунин иттилоот дар он замон чандон акси садо барои ман пайдо накард. Аммо тарғиб ва ташвиқи Бикбулатов, далелу узрҳои овардаи маро суст кард. Ниҳоят розӣ шудам,ки дар таъсиси рӯзномаи тоҷикӣ ширкат кунам.

Аз Кумитаи марказӣ ба радио телефон карданд ва корҳои маро сабуктар сохтанд. Дар газета ба мудирияти шӯъбаи адабиёт ва маданият таъйин шудам. Мо чор-панҷ нафар тоҷик аз ҳар ҷо ҷамъ омада ба кор шурӯъ кардем. Ба вазифаи муҳаррири газета Фозилов ном рӯзноманигори собиқадорро аз Самарқанд оварданд. Муҳаррири техникиро низ аз Самарқанд даъват карда буданд. Котиби масъул Саъдӣ Мақсудов ном шахсе, ки дар рӯзномаҳои тоҷикии Тошканду Сталинобод кор карда буд, таъйин гардид. Идора дар се хонаи яктабақа воқеъ дар тарафи шарқи матбааи газетаҳои ҷумҳуриявӣ ҷой гирифт.

Рӯзномаи тоҷикӣ ҳамчун рӯзномаҳои расмии давлатии забонҳои ӯзбекию русӣ ("Қизил Ӯзбекистон" ва "Правда востока") ноширии афкори Кумитаи марказии ҳизб, Шӯрои олӣ ва ҳукумати Ӯзбекистон буд ва "Ӯзбекистони сурх" ном гирифт. Баъдҳо ин рӯзномаро ба "Ҳақиқати Ӯзбекистон" (рӯзномае, ки солҳои сивум дар Самарқанд ҳамчун ноширии афкори давлатӣ чоп мешуд) ва охир ба "Овози тоҷик" (рӯзномаи тоҷикии аввалин, ки дар Самарқанд нашр мегардид) номгузорӣ карданд.

Ду моҳи аввали таъсис ва нашри рӯзнома барои ман хеле вазнин буд. Рӯзонаҳо билкул ба корҳои рӯзнома ва қисман ба баъзе корҳои барномаҳои тоҷикии радио машғул будам. Бегоҳ аз соати нӯҳи шаб то соатҳои ду-сеи шаб дар кулбаи дарвешонаи кӯчаи Железняк рисолаи дипломӣ менавиштам. Ба таълиф ва навиштани рисола мушовир надоштам. Алалхусус ки ба забони русӣ менавиштам, шахсе пайдо набуд, ки сабку услуби навиштаҳои маро таҳрир ва тасҳеҳ намояд.

Ниҳоят моҳи июн расид. Дар аввали моҳ рисолаи дипломиро ҳимоя кардам. Оппоненти расмӣ профессор А.А. Семёнов (он вақт узви вобастаи академиям илмҳои Ӯзбекистон) тақризи хуб навишта, дар вақти ҳимоя худаш онро хонда дод. Аз рӯи тақриз ва арзёбии профессор Семёнов рисолаи дипломӣ сазовори баҳои аъло гардид. Баъд аз ин як имтиҳони давлатӣ буд аз "Асосҳои марксизм ленинизм", ки онро низ ба баҳои аъло супоридам. Комиссиям имтиҳоноти давлатӣ маро бо дипломи имтиёзӣ (сурх) сарфароз кард ва барои таҳсили оянда дар аспирантураи Донишгоҳ номзад тасдиқ кард. Мехостанд ба аспирантураи Ленинград тавсия кунанд, аммо дар идораи рӯзномаи ҷумҳуриявӣ дар ифои вазифа буданамро ба назар гирифта, таҳсили аспирантураи Тошкандро савоб донистанд.

Таҳсили донишгоҳ, имтиҳоноти давлатӣ, навиштани рисолаи дипломӣ ва маъмурияти аз ҳад зиёди рӯзномаи "Ӯзбекистони сурх" маро хаставу монда карда буд. Акнун аз донишгоҳ озод будам, аммо кори рӯзнома хеле зиёд буд. Бо вуҷуди ҳамин аз муҳаррир барои истироҳат понздаҳ рӯз иҷоза гирифта ба Самарқанд рафтам. Муҳити хонавода ва парастириву нигоҳубини модар, пазироии хушу хурсандонаи хешовандон ба ҷисму рӯҳи коҳида неруву болидагӣ эҳдо намуданд.

Баъд аз роҳату фароғат хостам ба дидори устод Айнӣ бирасам.

УСТОД АЙНӢ ВА РОҲИ НАВИНИ ЗИНДАГИИ МАН

Дар солҳои таҳсили донишгоҳ ва ифои вазифа дар радиои Тошканд ҳар боре ки ба Самарқанд меомадам, ба хидмати устод Айнӣ мерасидам ва аз ҳусни истиқболи ишон бархурдор будам. Сӯҳбат бештар дар атрофи вазъи таҳсил ва шароити зиндагии донишҷӯёнаи ман, дар мавзӯи барномаҳои тоҷикии радио ҷараён меёфт. Устод дар бораи забони радиои тоҷик, барномаҳои адабию мусиқӣ фикру андеша ва нуктаҳои интиқодии худро мегуфт.

Соли 1948 ба радиои Тошканд Тоҷӣ Усмон - рӯзноманигор ва адиби маъруфи тоҷик ба кор омад. Номбурда аз маъмурияти хидмати ҳарбӣ дар Эрон ба Тошканд бозгашта, ба вазифаи сармуҳаррири ахбори сиёсӣ ва иттилоотии тоҷикӣ маъмур гардид. Вай дастур дод, ки барои ба шунавандагони бурунмарзии тоҷик расидани барномаҳо забон бояд ба форсии эронӣ наздик бошад. Чунин дастур ба қисми адабии барномаҳои тоҷикӣ таъсире надошт. Аммо забони тоҷикии мақола ва ахбори сиёсиву иҷтимоӣ ранге гирифт на тоҷикиву на эронӣ. Маслиҳату эътирозҳои мо, муҳаррирон ва баъзе рафиқони тоҷик аз тарафи Тоҷӣ Усмон қабул намешуд.

Дар як мулоқот Айнӣ бо интиқоди сахт аз забони адабии радио гап сар

кард. Ман вазъиятро, он чунон ки буд, нақл кардам. Айнӣ баъд аз андаке тааммул гуфт:

— Кори беҳуда мекунад Тоҷӣ Усмон, ки барои гӯё мардуми Эрон шуда забони тозаи тоҷикиро вайрон мекунанд. Агар ба забони тозаи форсии тоҷикии худамон нависем ва сухан кунем, ҳар як эронӣ забони моро мефаҳмад. Агар кор ба ҳамин тарз равад, забони шумо (яъне забони радиои тоҷикии Тошканд) на забони форсии эронӣ ва на форсии тоҷикӣ мешавад. Чунин забонро на эрониву на тоҷик қабул мекунад.

Дере нагузашта Тоҷӣ Усмон ба Душанбе рафт ва забони барномаҳои мо ба асли худ бозгашт.

Устод Айнӣ ҳар шахсеро ки ба дидор ё қабули ишон меомад, дар хонаи корӣ дар ҳавлии берун истиқбол мекард. Ин қисми ҳавлиро соли 1936 ҳукумати Тоҷикистон ба шарафи сисолагии фаолияти адабии устод аз нав сохта буд. Он солҳо на зодрӯзи нависанда, балки фаолият ва хидмати ӯро аз рӯи шумори сол таҷлил мекарданд. Дар ҳамон сол ҳукумати Тоҷикистон қарор дода буд, ки ба устод Айнӣ мошини сабукрав эҳдо кунад ва ҳавлии он касро ба тарзи нав бозсозӣ кунанд. Айнӣ ҳамоно розӣ нашудааст, ки ҳавлии қадими хушсохтро тамоман вайрон кунанд. Бо лоиҳа ва пешниҳоди ишон танҳо қисми берунии ҳавлиро бозсозӣ намуданд. Аз тарафи рости ҳавлӣ ба хиштҳои пухта хонае барои машғулиятҳои илмиву адабии Айнӣ бино карданд. Аз тарафи рости дари даромад барои мошини сабукрав гараж сохтанд. Гараж ва дарвозаи даромади ҳавлӣ ба як шаклу андоза аз чӯбу тахта насб шуда ва тарҳи он имрӯз тағйир наёфтааст. Хонаи кори устод Айнӣ ба тарафи ҷануб, ба офтобрӯя нигоҳ мекард. Саҳни ҳавлии берун чандон калон набуд ва аз он бо дарича ба ҳавлии дарун медаромаданд. Мизи кории устод мисли столҳои кабинет набуд. Як мизи чорпояи калон буд. Дар паси миз дивани нарми чармпӯши сиёҳ буд, ки устод болои он рӯй ба тарафи ҷануб, яъне тиреза нишаста кор мекард. Дар рӯи миз сиёҳидон бо сиёҳии бунафш меистод, Айнӣ бо ручкаи (қалам) чӯбине, ки нӯги он перои фулузӣ насб шуда буд, менавишт. Дар паҳлӯи сиёҳидон як пора латтаи сафед буд, ки бо он нӯги қаламро дар вақти зарурат тоза мекард. Ҳар боре ки ба ин хона медаромадам, рӯи миз ба ҷуз сиёҳидону коғазу дафтари мактабӣ чизи дигарро кам медидам. Дар хона шкафи китоб набуд. Дар тарафи дасти рости устод дар девор ҷевоне буд пӯшида ба дарҳои хурди чӯбии сафедранг. Дар он ҷо китобҳои зарурии устод - ҳам чопиву ҳам дастнавис - меистод. Танҳо боре кушода шудани ин ҷевонро дида будам. Он вақт устод барои исботи як фикри худ шкафро кушода, дастнависеро гирифта, ба сони шоҳид шеъреро хонда буд.

Аз гӯшаи рости хона даре буд, ки аз он устод ба хонаҳои дарунӣ - хонаи хоб, хонаи фарзандонаш медаромад. Дар роҳрави байни хонаи кор ва хонаҳои дарун ҳаммом воқеъ буд. Устод қариб рӯзи дароз ва мумкин аст соате чанд аз шаб дар ҳамин хонаи кор буд. Ҳамин ҷо ба мутолиаву таълифу таҳрир машғул мешуд, меҳмон қабул мекард, бо шогирдону зиёратгарон сӯҳбат менамуд. Ман ҳам то соли 1947 танҳо дар ҳамин хонаи кор бо устод мулоқот доштам.

Ба мурури замон ва гузашти чандин мулоқот бастагии ман дар сухану сӯҳбат бо устод кушода шуд ва устод ҳам бо кушодарӯй ва муомилоти озоди

худ хиҷолат ва истиҳолаи маро камтар мекард. Ба ҷуз таҳсилу кору машғулиятам дар радио аз зиндагии ҳамарӯза ва шароити рӯзгору хурду хӯрок мепурсид. Боре гуфт:

— Ман шунидам, ки шумо хеле кам хоб мекардаед, шабҳои бедорхобӣ нишаста мақола навишта, дарс тайёр мекардаед. Ин коратон дуруст нест. Одам барои он ки кораш бобаракат бошад, бояд аз хоб сер шавад, шаб нағз истироҳат карда бардаму болидарӯҳ аз ҷой хезад. Агар шумо хоби шабонаро хуш гузаронида, саломату бардам хезед, дар рӯз ҳафт-ҳашт соат коратон аз чандин соатҳои кори бедорхобӣ бобаракаттар ва хушсифаттар мешавад. Шумо ба тадриҷ бояд тартиби кору истироҳатро ба танзиму эътидол дароред.

Бори дигар дар омади гап насиҳатгарона гуфт:

— Барои одам дӯсту ошнои биёр доштан хуб аст. Бо дӯстон баъзан сӯҳбатҳои шеъру мусиқӣ оростан ва каме маю шароб хӯрдан рӯҳи касро, ҷисми одамро ғизо медиҳад. Аммо дар шаробхӯрӣ одам бояд ифрот накунад. Медонам, ки шумо дар сӯҳбатҳо арақ мехӯред. Касе, ки бо кори фикрӣ машғул аст, бояд арақ нахӯрад. Ман гӯям, ки шумо кам - кам коняк истеъмол кунед, гапи ман ба ҳақиқат рост намеояд. Чунки ҷавонҳои имрӯза конякро на чун шифо, балки чун асбоби мастӣ ба кор мебаранд. Албатта дар сӯҳбатҳо нӯшидан расм шудааст. Дар ин хел мавридҳо беҳтараш , шароб - вино хӯред. Шароби хуш дар ҳадди эътидол ба мағзу димоғи одам таъсири мусбат мегузорад.

Ман панди устодро дар бораи тартиби кору истироҳат баъдҳо дар низоми машғулиятҳои илмиву адабии худ риоя намудам. То имрӯз хеле кам воқеъ гардидааст, ки шабҳои бедорхобӣ ба кор машғул шавам. Аз субҳ сари миз менишинам, аксари вақт ба навиштани таълифоти илмӣ ва адабии худ то соати яки рӯз машғул мешавам, китобҳои илмӣ, маъхазҳои муҳим ва матнҳои илмию интиқодиро мутолиа мекунам, дар вақтҳои зарурӣ ба тартиб додани маҷмӯаи осори классикон машғул мешудам. Нимаи дуввуми рӯз соатҳои муайян дар институт ё Иттифоқи нависандагон дар маҷлису маҳфилҳои илмиву адабию эҷодӣ мегузашт. Бегоҳ чанд соат ба хондани рӯзномаву маҷаллаҳо сипарӣ мешуд. Хуллас, панди устод дар танзими кор ва натиҷаи он нақши мусбате ифо намуд. Афсӯс ки баъди соли навадум парешониву иғтишошот дар ҷомеа тартиби кору зиндагиро тағйир дод.

Панди дуввуми устодро низ ҳатталимкон риоят менамудам - дар миқдор набошад ҳам, дар шароити мусоид дар интихоби навъҳои машрубот.

Боре устод суоле кард, ки тамоман ғайри чашмдошт буд, аммо баъдтар тааммуқ кардам ва фаҳмидам, ки ҳаёти шахсии ман барои ишон бе тафовут нест.

Дар он маврид устод нохост суол кард, ки "шумо бо духтари фалонӣ (ин шахси номдор аз аҳли санъат буд) тарҳи муҳаббат доштаед ва азми ҷиддӣ ҳам дар пеш будааст".

Ба ман чуз рости гапро гуфтан гузире набуд:

— Домулло, ин гапҳо овоза аст. Ман ба хонаи он кас рафту омад дорам, аммо чизе дар миён набудааст, ки боиси чунин гумонҳо шуда бошад.

Соли 1947 устод духтари калонии худ (яъне нахустфарзандаш) Холидаро барои давоми таҳсили аспирантура ба Тошканд овард. Ҳар дуи онҳо рост ба

хонаи Фотимахон омаданд. Дар ин вақт Мутаваккилҷон дар Маскав дар консерватория таҳсил мекард ва Фотимахон дар квартира бо духтарчааш Дилбар танҳо буд. Устод Айнӣ пеш бо хонадони Бурҳоновҳо нағз ошной дошт. Амакҳои Фотимахон Мазҳар-махдум, Муаммир-махдумро шахсан мешинохт. Бо Мукаммил-махдум боз ҳам наздиктар ошно буд. Солҳое ки Мукаммил-махдум дар Бухоро бо ҷавонбухориён ҳамроҳу ҳаммаслак буд ва баъдҳо дар ҳукумати Ҷумҳурии халқии шӯроии Бухоро дар мансаби нозир (вазир) кор мекард, Айнӣ бо вай мулоқот ва муомилот дошт. Аз воқеаи ба Фотимахон хонадор шудани Фитрат ва сабаби ҷудоии онҳо нағз воқиф буд. Устод Айнӣ шавҳари духтараш Фотимахон - Абдусалом Рашидиро чун яке аз равшанфикрони ҷавон ва мудири маорифи шаҳри Самарқанд низ мешинохт. Бо Фотимахон низ шинос ва аз саргузаштҳои ин зан баъд аз ҷудой аз Фитрат ва "ҳабс" шудани Рашидӣ огаҳӣ дошт.

Дар он солҳо писари устод Камолиддин дар Ленинград дар факултаи шарқшиносӣ таҳсил мекард. Духтари хурдии Айнӣ Лутфия дар синфи охирини мактаби даҳсолаи русӣ мехонд ва ӯ низ нияти давом додани таҳсил дар Маскавро дошт. Холида баъд аз таҳсил дар мактаб ва дар омӯзишгоҳи номдори тоҷикии Самарқанд факултаи филологияи Донишгоҳи Самарқандро хатм намуда, ба аспирантура дохил шуда буд. Роҳбари ғайрирасмӣ ва доимии Холида худи устод Айнӣ буд. Устод ба Холида таҳқиқ ва омӯзиши "Ирфони"–и Бедилро чун мавзӯи рисолаи номзадӣ пешниҳод карда буд. Зеро устод чун бедилшинос медонист, ки андешаву орои фалсафӣ, ирфонӣ, ҷаҳонбинӣ ва афкори ахлоқиву ҳаётии Бедил бештар ва равшантар дар "Ирфон" инъикос ва шарҳу баён ёфтааст.

. Устод Айнӣ мехост, ки Холида дар Тошканд бо ганҷинаи дастнависҳо ошно шавад ва аз шарҳу тавзеҳоте, ки дар тафсири осори Бедил навишта шудааст, аз ҷумла ба шарҳу тавзеҳоти Аҳмади Дониш даст ёбад. Устод мехост, ки Холида дар хонаи Фотимахон иқомат кунад, зеро дар он солҳо Академияи Тошканд ва Донишгоҳ барои аспирантон шароити мувофиқи иқоматӣ надошт. Фотимахон хоҳиши устод Айниро ба ҷон пазируфт. Ва Холидахон муқими Тошканд гардид.

Ман ҳарчанд борҳо ба ҳавлии устод рафта, бо ишон ҳамсӯҳбат ва мисли фарзанде наздик шуда бошам ҳам, аз аҳли оилаи он кас ҳеҷ танеро намешинохтам. Ошноии аввалини ман аз аҳли байти устод бо Холидахон буд. Ман, ки ба хонаи Фотимахон рафту омад доштам, бо Холидахон ҳамин ҷо ошно шудаму зуд бо ҳам мисли додару хоҳар унсу улфат гирифтем. Холидахон духтари ниҳоят хушгуфтор, хушсӯҳбат ва таҷассуми меҳрубонии латиф буд. Доираи дониш ва огаҳии ӯ аз адабиёти худамон, аз адабиёти рус ва ҷаҳон васеъ буд. Ба забони тоҷикиву русӣ хеле софу тоза ҳарф мезад. Дар кори хонаву пухту паз ҳам моҳир буд ва дар соатҳои фароғат аз кору таҳсил ба Фотимахон ёрӣ ҳам медод. Ду-се моҳ гузашту Фотимахону Холидахон ба ҳам қарин шуданд, меҳр бастанд ва мисли хоҳаронӣ чандинсола бо ҳам муомилаву муошират доштанд.

Ман як ё ду бор ҳамроҳи Холидахон ба Самарқанд ба таътил рафтам. Дар бозгашт ҳам ба он кас ҳамроҳӣ ва парасторӣ кардам. Ба воситаи Холидахон ба "андаруни" ҳавлии Айнӣ роҳ ёфтам. Бо модари Холидахон,

ҳамсари устод Айнӣ хонум Салоҳатбегим ошно шудам. Ин зани ниҳоят хушмуомилаву хуштавозӯъ дар назар таҷассуми иффату покизагиву фазилат менамуд. Дар воқеъ ҳам ҳамсари шоиставу сазовор ва ҳамдаму ҳамнафаси мувофиқи устод Айнӣ буд. Падари ишон аз мударрисҳои забардасти Самарқанд буда, ба фарзандони худ Вадуд-махдум ва духтараш Салоҳатбегим таълими илму ахлоқи ҳамида дода буд. Салоҳатбегим саводи хуби форсӣ дошт, китобҳои классиконро хуб мехонду мефаҳмид, хати зебову хоно ҳам дошт, ки на ҳамаи занҳои саводноки мо ба ин тарзи хуб навишта метавонистанд. Чунон ки пештар зикр шуда буд, курси дусолаи таълимгоҳи Шайбонихонро (ҳамсабақи модарам) тамом карда буд. Китобҳои нашри тоҷикӣ ва матбуоти тоҷикро мунтазам мехонд. Айнӣ осори худро ба ҳуруфоти арабӣ менавишт. Дар аввали солҳои бистум а.г. котибҳои хосса дошт, ки мусаввадаҳои ӯро покнавис карда ба нашриёт месупориданд. Баъд аз он ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи марказӣ ҳуруфоти лотинӣ қабул шуд, асарҳои Айниро аз арабӣ ба лотинӣ ҳамсараш Салоҳатбегим бармегардонд. Салоҳатбегим то охири умр дар мошинкаи қадрдонаш "Йангиалиф" кор мекард. Баъд аз даргузашти устод дар таҳияи осори ҳамсараш барои чоп ба фарзандон ёрӣ медод ва дар ин кор дастгоҳи ишон ҳамин мошинка буд.

Салоҳатбегим, ки аҳли оилаи мо он касро "холамулло" номзад карда буд, зани ниҳоят меҳмондӯст, нармгуфтор ва чеҳракушод буд. Дар солҳои донишҷӯӣ ва рафтуои ман ба хонаи онҳо хоҳаронам Ҳумоюнхон ва Маҳвашхон низ баъзан назди холамуллову Холида меҳмон мешуданд. Боре модарам низ бо таклифи холамулло бо хоҳари худ Саидахон (ҳарду ҳамдарсони холамулло буданд) ба меҳмонии он кас рафта буданд. Холамулло бо онҳо мисли хешовандони қадиму қадрдон муомилаи дӯстона мекард.

Соли 1953 ҳукумати Тоҷикистон барои иқомати доимии устод аз саргаҳи кӯчаи Ботаникӣ (ҳоло Ҳамза Ҳакимзода) ҳавлии хушманзару хушҳавоеро тахсис намуд. Манзур ин буд, ки устод Айнӣ тамоман ба Душанбе кӯчида биёяд ва ба осудагӣ ба корҳои Академия машғул шавад. Камолиддин Айнӣ ҳавлиро тармиму таъмир намуд, ки барои падар созгор бошад. Аммо Айнӣ фурсати ба ҳавлӣ кӯчиданро надошт ва ҳамчунон вақти ба Душанбе омаданаш дар бӯстонсарои шаҳрии ҳукуматӣ манзил мегирифт.

Моҳи маи соли 1954 устод бо бемории хатарангез ба Душанбе омад. Дар ин вазъияти сахт холамулло бо Холидаву кадбонуаш ба ҳавлӣ барои иқомат омад Пас аз даргузашт тобути Айниро аз ҳамин ҳавлӣ бароварданд ва холамулло чанд моҳ расму оини сӯгвориро дар ин манзил анҷом медод.

Баъд аз чил рӯзи вафоти устод аз Маскав ба Душанбе бозгаштам. Азбаски хонаву ҷой надоштам, бо илтифоту банданавозии Камолҷон ва модари меҳрубонаш чанд муддат дар ҳамин ҳавлӣ иқомат доштам. Холамулло ба ман мисли фарзанди худ парасторӣ мекард, дар хобу хуфт ва хӯрду хӯрокам ғамхор буд. Гоҳо бо ҳам менишастем ва ӯ аз рӯзҳои гузашта ва хусусан аз тарзи рӯзгори хонаводагии устод нақлҳои ҷолиб мекард. Ҳикоятҳояш хеле муфассал, бо ҷузъиёти ҷолибу шавқангез ва тасвироту нақлҳои нависандагӣ сурат мегирифт. Дар дил мегуфтам, ки сабки ривоятии Айнӣ дар вақти мошинка кардани асарҳои вай ба холамулло нақши худро гузоштааст.

Соли 1977 дар арафаи ҷашни пуршукӯҳи устод Айнӣ ҳукумати Тоҷикистон барои ҳамсари Айнӣ аз иморати навсохту муҷаҳҳази тарзи урупоӣ аз паҳлӯи бинои Иттифоки нависандагон манзили чандҳуҷрагии васеъ эҳдо намуд. Холамулло дар ин хона бо Холида зиндагӣ мекард. Камолиддину Лутфия дар ҷою манзилҳои худ буданд.

Ман бо ҳамсарам Баширахон ва фарзандонам зуд-зуд ба дидори холамулло ва Холида мерафтем. Гоҳо маҳфиле ба муносибати ид ё зодрӯзи фарзандону наберагон барпо мешуд. Мо ҷавонон мусиқӣ гӯш мекардем, сурудҳо мехондем, рақсҳо мекардем. Холамулло болои курсӣ нишаста, бо табассуми меҳрубонона ва завқу шавқ базми моро тамошо мекард.

Холамулло бекор наменишаст. Ҳамоно тартиб ва одати машғулияти доимӣ ба ҳукми одат даромада буд. Ёд дорам, бо тарғиб ва пешниҳоди ман холамулло ва Холида достони Айюқӣ "Варқа ва Гулшоҳ"-ро аз рӯи чопи Теҳрон ба тоҷикӣ гардонда, ба табъ расониданд.

Холамулло баъд аз бемории на чандон сахту на чандон тӯлонӣ 17 моҳи май соли 1983 аз олам чашм пӯшид. Фарзандонаш, хешу акрабо ва бисёр ошнову мухлисони ҷониаш, аз чумла ману атрофиёнам он касро дар қабристони Сари осиё ба хок супурдем. Ҳоло фикр мекунам, ки сазовор он буд, ки аз паҳлӯи ҳамсари якумрии худ манзили охиратро соҳиб мешуд... Ҳар ҷо ки хок шуд, ҷояш ҷаннат аст ва раҳматуллоҳи алайҳо...

Холида пас аз анҷоми машғулиятҳои илмӣ охири соли 1948 ба Самарканд бозгашт. Дар ин вақт ва дар аввали солҳои панҷоҳум ягона фарзанди ҳозиру нозир дар хонадони Айнӣ Холида буд. Дар ин солҳо фаолияти илмию адабии Айнӣ дар авҷи ҷамолот ва пурборӣ буд. Ғайр аз ин Айнӣ ҳамчун вакили парламенти Иттифоқӣ ва ходими ҷамъиятӣ ва баъдтар дар вазифаи Президенти Академияи илмҳо фаолияти пурҷӯш дошт. Бо хоҳиши рӯзномаву маҷаллаҳои марказии Маскав ва мухбирони шӯравию хориҷӣ мақолаву сӯҳбатҳо тартиб додан лозим буд. Дар мукотиба бо рӯзномаҳои русӣ ва дар таҳийяи мақолаҳои устод ба забони русӣ котиби хосса ва тарҷумони беминнати хушсалиқа Холида буд. (Дар ин солҳо Лутфия дар Маскав ва Камол дар Ленинград машғули таҳсил ва касби илму дониш буданд).

Дар айни замон Холида таҳқиқи илмии худро дар омӯзиш ва тадқиқи "Ирфон"-и Бедил идома медод. Дар ин кори мушкил мушовир, роҳнамо ва роҳбари илмии доимӣ устод Айнӣ буд. Ман сахт мӯътақидам, ки Холида дар он солҳо дар ҳалли мушкилоти осори Бедил ба ҷуз Айнӣ аз каси дигар чунин роҳнамо ва мушкилкушоро пайдо карда наметавонист.

Соли 1950 Холида ба муддати кӯтоҳ ба Маскав рафт. Бо роҳбарии шодравон Бертелс кори худро ба забони русӣ ба шакли диссертатсия ба танзим оварда ва дар Шӯрои илмии Институти шарқшиносии Маскав рисолаи номзадиро дар мавзӯи "Бедил ва маснавии "Ирфон"-и ӯ" дифоъ намуд. Баъд аз ин ба Самарқанд бозгашт ва то дами охирин дар назди падар ва дар хидмати падар буд.

Холида баъд аз даргузашти падар дар ташкили музеи устод дар ҳавлии кӯчаи Ҳамза Ҳакимзода, дар гирдоварии архив ва танзиму таҳқиқи он хидматҳои шоиста кард. Дар ин кор албатта саҳми фарзандони дигари устод, махсусан Камол Айнӣ ҳам калон буд, аммо кори асосии илмиву ташкилӣ дар ӯҳдаи Холида буд.

Холида баъд аз дифои рисолаи номзадӣ кори таҳқиқу омӯзиши осор ва аҳволи Бедилро идома медод. Вай ҳанӯз дар зиндагии устод ба таҳияи матни илмиву интиқодии асари бузургтарини Бедил "Чаҳор унсур" шурӯъ карда буд. Ин корро баъд аз сари падар дар муддати қариб бист сол бе фосила идома дод. Дар шарҳу тафсири нуктаҳои душвортарини ин асари Бедил мушовир ва роҳнамои Холида тағоии он кас Вадуд Маҳмудӣ буд. Ин кори бузургу пурзаҳматро Холида дар аввали соли 1980 ба охир расонид. Мехост аз назари таҳқиқ ва маслиҳати донишмандон гузаронида ба чоп супорад. Вай пеш аз баррасии умум чанд боби матнро ба ин ҷониб дод, то ҳамчун ошнои дерин ва сарпарасти бахши таърихи адабиёти форсу тоҷики Институти Рӯдакӣ аз назар гузаронам. Чанд сафҳаи корро ба диққати том ва шавқи тамом хондам. Дидам, ки Холида дар таҳия ва тафсиру шарҳи мундариҷоту мазомини "Чаҳор унсур" заҳмати мардона кашидааст. Холида дар воқеъ як ҷаҳони нав ва як муаммои мушкили орову афкори Бедилро барои аҳли илм ва шавқмандони мактаби бедилӣ кашф намудааст. Мо бо Холида аҳд кардем, ки ин кор ҳар чӣ зудтар дар ҳузури донишмандон матраҳ гардад ва баъд барои чопи он ҳар чи зудтар чорабинӣ кардан зарур аст.

Ҳайфо ки тадорукоту ҳиммати пешгирифтаи мо амалӣ нашуд. Дере нагузашту Холида ногаҳонӣ, дар асари корбурди табобати носанҷидаи шахсони наздики худ бе ҳеч бемориву касолат чашм аз ҷахон баст. Ин вокеа дар мохи ноябри соли 1984 рух дод, ки он вақт Холида шасту ду сол дошт. Марги ногаҳонӣ ва гӯё "худ харидаи" Холида барои ман сахт андӯҳе буд. Ин зан, ки дар зиндагӣ дӯстони бисёр дошт, дар хаёти шахсӣ танҳо, бе ёри дамсозу ҳамдаму ҳамроз буд. Хушнудии зиндагӣ барои вай пос доштани ёди падар ва дар дил парваридани меҳри модар, заҳамоти осоишу оромбахш дар роҳи илму касби дониш буд. Мо бо ҳам дӯст будем, ҳамдигарро гиромӣ мадоштем, ва хушбахтона эҳсос менамудам, ки ҳусни тавоҷҷӯҳ ва самимияти рафиқонаи ман барои Холида қуввату неруи рӯҳонӣ буд.

Дар Холида хислатҳои ҳамидаи падари бузургворашро медидам: ҳамон покизакорӣ дар таҳқиқи илмиву корҳои эҷодӣ, ҳамон самимияту бериёӣ дар сӯҳбат ва муносибат ба дӯстону ҳамнишинон, ҳамон сӯҳбатороӣ ва донишварӣ дар муҳовираю улфати дӯстона, ҳатто ҳамон тарзи гуфтору хандаҳои завқовар, ки устод дошт. Ҳар боре ки Холида аз падар "дадаҷонам ин хел мекарданд, ин тавр мегуфтанд..." гӯён ёдовар мешуд, як меҳри гарму оташбореро байни падару духтар эҳсос мекардам. Дилам гувоҳӣ медод, ки худи устод ҳам Холидаро хеле дӯст медошт. Соли 1922 барои кӯдакон китоби хониши ӯзбекӣ навишта буд ба номи "Духтарак ё Холида". Номи нахустфарзандаш Холидаро ба унвони китоби дарсӣ баргузида буд. Холида ба шарафи ҷашни садумин солгарди устод китобе навишт ба номи "Ҳаёти Садриддин Айнӣ" (ба забони русӣ). Ин китоби хурд дар омӯхтани зиндагиномаи устод Айнӣ аз беҳтарин ва нодиртарин китобҳост. Ҷои он аст, ки китоб ба забонҳои мухталиф чоп шавад, то лаҳзаҳои муҳимтарини зиндагиномаи Айнӣ, ки аз назарҳо пӯшидааст, ба аҳли илму дониш маълум гардад.

Дар урфият мегӯянд "ҷои шумо холӣ буд". Ин ибораи таоруфӣ шудааст. Аммо ман дар мавриди Холида мегӯям, ки "ҷои он кас холӣ мондааст". Инро

ман ҳамеша эҳсос мекунам ва ҳамеша дар ёди ин зани "аҳсанулфитрат" ҳастам...

* * *

Меоям ба ҳикояти мулоқотам бо устод Айнӣ дар моҳи июли соли 1950 баъд аз хатми Донишгоҳи Тошканд. Устод он рӯз сиҳҳаташ хуб ва авзоаш хеле фараҳманд буд. Аз натиҷаҳои имтиҳонот дар Донишгоҳ ва вазъияти редаксияи «Ӯзбекистони сурх" пурсид. Бо қарори имтиҳоноти давлатӣ, гуфтам ман, ҳуҷҷатҳоро барои таҳсили аспирантура ба раёсати Донишгоҳ супоридам. Мехохам дар таҳқиқ ва омӯзиши таърихи адабиёти форсу тоҷик машғулиятҳои илмии худро давом диҳам. Аммо дар роҳбарӣ дар ин ихтисос дар Тошканд шахси донишмандеро намебинам. Агар домулло Болдирев ба роҳбарии ман ризоят диҳанд, метавонистам таҳсили аспирантураро дар Тошканд бо муваффақият давом диҳам. Устод баъд аз тааммул фармуд:

— Дуруст, Болдирев ҳам донишманди хуб асту ҳам устоди моҳири роҳнамо. Ман инро аз роҳбарии он кас ба корҳои Камол ҳукм мекунам. — Устод хомӯш шуд, гӯё мунтазири охири сухани ман буд.

— Акнун мехоҳам – гуфтам ман - аз тамоми корҳо озод бошаму фақат ба хондану омӯхтани таърихи адабиётамон машғул шавам. Лекин мебинам, ки маро аз кори рӯзнома ҷавоб намедиҳанд. Редаксияи газета ҳоло ҳам ходимони дурусти рӯзноманигорро ҷамъ карда наметавонад.

Мунтазир будам, ки устод дар мушкилоти ман чӣ мегӯяд. Вай бо диққат гӯш медод ва ҳар замон аз таги чашм нигоҳе меандохт.

— Шумо ки дар таърихи адабиёти тоҷик кор карданӣ бошед, яъне шумо азми ҷиддӣ доред барои илму маданияти Тоҷикистон хидмат намоед,- гуфт устод. - Барои ин шумо бояд дар маркази илму маданияти тоҷик бошед. Тошканд шаҳри бузург аст, барои корҳои илмиву эҷодӣ шароити хуб ва мусоид дорад. Аммо дар он ҷо ба тадқиқи таърихи адабиёти тоҷик бояду шояд машғул шуда наметавонед. Шумо бояд ҳатман ба Сталинобод равед. Дар он ҷо ҳозир на танҳо шахсони ҷудогонаи донишманд ҳастанд, балки муҳити илмии хуб ба вуҷуд омадааст. Ба ривоҷу равнақи ин муҳит котиби ҳозираи кумитаи марказӣ Бобоҷон Ғафуров шахсан мусоидат мекунад. Он кас барои ҷамъ кардани кадрҳои илмии тоҷик саъю кӯшиши зиёд дорад. Шумо аз рӯи шунидам стипендияи хоссаи ҳукумати Тоҷикистонро низ мегирифтед. Яъне ҳукумати Тоҷикистон умед доштааст, ки шумо баъди хатми таҳсил ба Сталинобод меоед.

Ман ҳатто дар хаёлам набуд, ки устод чунин пешниҳоде ва бо чунин қатъият мекунад. Ман ба Тошканд одат карда будам, дар он ҷо дар доираҳои илмиву адабӣ ошнову шиносу дӯстони бисёр доштам, дар ин муҳит обруву мартабае низ маро муяссар буд. Хулоса Тошканд шаҳре буд, ки он ҷо рушду камол ёфтам, дониш омӯхтам, таҷрибаи зиндагӣ андӯхтам - наврасӣ норасида будаму ҷавони болиғ гаштам. Ба устод аз ин хусус узрҳо овардам, аммо ишон дар пешниҳоди худ қотеъ буданд.

— Ин узру сабабҳо далелҳои ҷузъӣ аст. Кори асосӣ ва ояндаи шумо бо таърихи адабиёт, ки вобаста бошад, бояд ба Сталинобод равед. Агар лозим шавад, ман ба Султон Умаров телефон мекунам, ҳуҷҷатҳоятонро ба шумо

бозгардонанд. Илоҷи аз редаксия ҷавоб доданашонро низ меёбем. Акнун ба хона рафта бо падаратон машварат кунеду омодагии сафари Сталинободро бинед.

Далелу суханҳои мантиқии устод то андозае дудилагии маро аз байн бурд. Дар роҳ фикр мекардаму ба дурустии суханони Айнӣ ва дурбинии ишон бештар бовар пайдо мекардам. То расидан ба хона қарор додам, ки ба ҳидояти устод бояд ба Сталинобод биравам. Падарам ҳам пешниҳоди устод ва азми маро писандид.

Охири моҳи июл ба Тошканд бозгаштам. Нахуст назди ректори Донишгхи Тошканд Султон Умаров даромада, мазмуни сӯҳбати Айниро нақл намудам. Султон Умаров бо нигоҳи чашмони ҳамеша хандонаш гапи маро ба диққат гӯш карда гуфт:

— Ҳозир роҳи ҳамаи тоҷикон ба Сталинобод меравад. Бобоҷон Ғафуров сиёсати хирадмандонаро пеш гирифтааст, ки пеш аз ҳама кадрҳои тайёру омодаи корро ҷамъ кунад. Ба Сталинобод рафтани профессор Михаил Степанович Андреев худ воқеаи бузурги илмию маданист дар ҳаёти Тоҷикистон. Ба муносибати кушода шудани Донишгоҳи аввалини тоҷикон олими шинохтаи Ӯзбекистон тоҷики хуҷандӣ Зариф Раҷабов ба Сталинобод даъват шуд. Аз хатмкунандагони Донишгоҳи мо низ чанд нафар имсол бо даъвати Тоҷикистон ё ба ихтиёри худ ба Сталинобод рафтанд. Шумо ҳам кадри тайёри тоҷик ҳастед, рафтани шумо ҳам ба манифати Тоҷикистон ва ҳам ба фоидаи худи шумо мешавад. Ман мефармоям ҳуҷҷатҳои шуморо бе мумониат ба дастатон диҳанд.

Ин сатрҳоро менависаму фикр мекунам, ки оё дар ҳамон лаҳза Султон Умаров тасаввур мекард, ки баъд аз ҳафт сол худи вай ба ҳайси Президенти Академияи илмҳо бо даъвати Ғафуров ба Сталинобод меояд.

Дар редаксияи "Ӯзбекистони сурх" исрор карданд, ки аз кор наравам ё ҳеч набошад як сол кор кунам. Диданд, ки азми ман қатъист, ҳуҷҷатҳоямро дода расми ҳисобу китобро зуд анҷом доданд.

Дар радио, дар донишгоҳ бо дӯстону ҳамсабақону ҳамнафасон видоъ мекардам. Баъзан ба шарафи "видои дӯстона" зиёфату маҳфилҳо месохтем ва дар маҷлисҳо борҳо мегуфтему такрор мекардем, ки дӯстию маваддате, ки дар солиёни иқомат ва таҳсил дар Тошканд байни мо бунёд гашт, фанонопазир аст ва мо боз ба дидор мерасем, бо ҳам дӯстиву ҳамкориро идома хоҳем дод.

Дар рӯзҳои охирини иқоматам дар Тошканд ва хайру хушу хайрбод бо дӯстон лаҳзаҳои душвор ва соатҳои ҳассосу дилошӯб видои ман бо духтаре буд, ки ӯро дӯст медоштам – на, ҳамдигарро дуст медоштем ва ба лавҳи хотир намеомад, ки соате мерасаду мо аз ҳам ҷудо мешавем.

Ин духтари эронӣ ба номи Шавкат то соли 1947 дар Табрез буд. Падару модари ӯ дар консулхона ё дар маркази мадании шӯравӣ ифои вазифа мекарданд. Баъд аз шикаст хӯрдани ҳизби Тӯда ва пош гардидани Ҷумҳурии демократии Озарбойҷон дар шимоли Эрон (ин ҷумҳуриро Сталин ба зӯроварӣ сохта буд) хонаводаи онҳо дар сафи муҳоҷирон ва фирориёни ҳизбиву ғайриҳизбӣ аз Табрез фирор карда, дар Тошканд иқомат ихтиёр карда буд. Шавкат дабиристони мутавасситро (мактаби миёнаро) дар Табриз тамом

карда буд. Азбаски ба хати русиву ӯзбекӣ ошноӣ надошт ва аз барномаи таҳсили мактабҳои шӯравӣ иттилоъ надошт, дар Тошканд ба идома додани таҳсил имкон набуд. Дар миёнаҳои соли 1949 яке аз кормандони барномаҳои форсӣ Шавкатро ба наттоқии забони форсӣ ба радио овард. Талаффуз ва тарзи хондани Шавкат ба талаботи радио ҷавобгӯ буд ва ӯро ба вазифаи гӯяндаи барномаҳои форсӣ қабул карданд. Ман, ки аксар вақт барои хондани барномаҳои тоҷикӣ шабона ба радио меомадам, бо Шавкат дар соатҳои фориғ аз кор сӯҳбат мекардем ва ин сӯҳбатҳои мо торафт гармтару ҷолибтар мешуд. Боре ӯро бо иҷозаи худаш то манзилаш гусел кардам. Ин ҳама соатҳои хуши мулоқоту сӯҳбат моро ба ҳам наздику қаринтар мекард ва ҳар ду бехабар будем, ки улфату унсҳои ҷавонӣ ба муҳаббати поки маъсумона мегузарад.

Шавкат ба гузашти айём ба муҳаббати ман, ба муносибати ниҳоят поку азми инсонгароёнаам бовар мекард. Медонистам, ки ғунчае буду акнун чашм ба ҷаҳон мекушуд, дар Эрон чунин тарзи озоду рафтори лоуболонаи муносибатҳои ҷавону духтарро надида буд. Муҳаббате байни мо падидор шуд, ки маро дилгарму орзуманд мекард, исмату фатонати беғуборе ҳастии маро мисли пардаҳои афсонавии осмонӣ иҳота карда, аз газанди эҳсоси ношоиста ҳимоят менамуд. Муносибатҳои мо торафт наздиктар ва улфату унси мо торафт маҳкамтар мешуд. Ман гоҳо бо ифтихору боландагӣ хамроҳи Шавкат ба маҳфили дӯстон мерафтам ва Шавкат ҳам аз ин маҳфилҳо канорагирӣ намекард. Гоҳо ба тамошои филм ё ба сайри боғҳои зебои шаҳр мерафтем. Ниҳоят гуфтам, ки агар донишгоҳро бо мувафаққият хатм кунам, илоҷе ёфта издивоҷ хоҳем кард.

Шавкат ба ин қавлу ваъдаҳо бовар дошт. Вале пай мебурдам, ки биме дар дил дорад. Бим аз он дорад, ки волидайни ӯ ба издивоҷи мо розӣ нестанд. Дар миёна ҷавоне, дурусттараш марде ҳаст, ки толиби Шавкат аст ва волидайни Шавкат ҳам тарҷеҳ ба он медиҳанд ва мехоҳанд фурсате даст диҳаду духтарашонро ба ҳамон марди озарбойҷонии эронӣ бидиҳанд.

Хабари азми Сталинобод карданам Шавкатро хеле ошуфтаву музтариб кард. Лекин баъд аз ду рӯз дар мулоқоти пеш аз азиматам ба Самарқанд Шавкат ором буд. Вақте ки ӯро ба хонааш гусел мекардам, гуфт:

- Расул, агар иҷоза фармоӣ, фардо барои гусели ту ба хонаи Фотимахон биёям. Ту ҳозир маро таскин надеҳ. Ман ба тақдири худ итоат мекунам. Ҳарчанд ту азм дорӣ, ки баъд аз муддате бозмегардию маро ба издивоҷ дароварда, ҳамроҳат ба Сталинобод мебарӣ, аммо ба гумонам волидайни ман дар ғайбати ту фурсат ҷуста, маро ба ҳамон хеши худ никоҳ мекунанд. Агар ту дар Тошканд мебудӣ, шояд кор ба коми мо мегашт. Лекин мебинам, ки нақши қазо дигаргуна аст. Акнун ту ором ба Самарқанд ва баъд ба Сталинобод рав. Агар фаразан кор бар хилофи хоҳиши мо сурат гирад, ин ҷо на ту гунаҳ дориву на ман...

Рӯзи охирин дар хонаи Фотимахон будам. Намедонам, ҳамон рӯз оризае рух доду каме таб кардам. Дар ин рӯз ғайр аз Фотимахону Мутаваккилҷон дигар касе набуд. Додарам Маҳдӣ барои ҳамроҳӣ дар ин сафар аз Самарқанд омада буд. Бегоҳӣ Шавкат омад. Дар кабинети Мутаваккилҷон муддате бо ҳам танҳо будем. Вай вазъи нохуши маро дида гуфт:

— Расул, дар ин дақиқаҳо мехоҳам ту орому осуда бошӣ. Мехоҳам ба ман боварат кам набошад. Ман бе риё мегӯям, ки ту дар зиндагии ман сафҳаи равшане боз кардӣ. Нури ин сафҳа ҳамеша ҳаёти маро равшаниву зиё эҳдо мекунад. Инак, ҳамин номаи кӯчак ва ин акси боз ҳам кӯчактарам ёдгоре бошад, то маро фаромӯш накунӣ.

Ҳамон шаби моҳи июл ба Самарқанд роҳӣ шудам.

Ҳоло баъд аз панҷоҳу панҷ сол номаи Шавкатро кушодам. Акси ӯ дар миёни нома аст. Сатрҳои номааш ба гӯшам мерасад:

"Шумо қадам ба зиндагии содаи ман ниҳода, онро саодатмандонатар кардед. Шумо хотираҳои хеле ширине дар сафҳаи зиндагиам боқӣ гузоштед, ки ҳеч гоҳ фаромӯш нашуда ва ман ҳамеша онҳоро бо эҳтиром ёд хоҳам кард"

Гулҳои муҳаббати маъсумонаи Шавкат аз миёни ҳарфҳои нома ҳоло ҳам атрфишонӣ мекунанд...

* * *

Аз он рӯз имсол панҷоҳу панҷ сол сипарӣ шудааст. Дар тамоми ним аср ман аз Тошканд дур набудам. Дар ин муддат бо дӯстони донишманду адибони ӯзбек тарҳи дӯстиву рафоқат ва ҳамкории худро қатъ накардаам. Ва онҳо низ риштаҳои дӯстиро ҳар чи қавитару маҳкамтар медоштанд. Дӯстони ҳамсабақ ва шарикдарси ман – симоҳои шинохтаи ҷомеа ва аҳли илми Ӯзбекистон Азизхон Қайюмов, арабшиноси номдор Убайдулло Каримов, адабиётшиноси маъруф Абдулқоир Ҳаитметов, тоҷикшинос ва эроншиноси барҷаста Шоислом Шомуҳаммаов, ва адибу шоирони номвар Ҳамид Ғулом, Шукрулло, Шӯҳрат, Эркин Воҳидов, Озод Шарофиддинов, Лазиз Қайюмов ва ... солҳои сол бо ману ва ман бо онҳо рафоқату ҳамкорӣ доштем, маҳфилу маҷлисҳои илмиву адабӣ дар Тошканду Душанбе ташкил менамудем, ба ҷашну тӯйҳои ҳамдигар мерафтем...

Моҳи июли соли 1976 Фарангис духтари ман барои ба Консерваторияи Тошканд дохил шудан озими Тошканд шуд. Ман ба вай ҳамроҳу роҳбалад будам. Дар муддати як моҳе ки дар Тошканд будем, ману Фарангис даст ба дасти дӯстону қадрдонҳо будем. Ҳар шаб ва гоҳо рӯзона ба меҳмонии дӯстон даъват мешудем. Бо вуҷуди ин на ҳамаи даъвати дӯстонро пазируфта тавонистем. Фарангис гуфт:

— Дада, имсол бисту шаш сол мешавад, ки шумо аз Тошканд рафтаед. Аммо бубинед, ки на шумо ва на чӯраҳоятон якдигарро фаромӯш накардаетон. Ба хаёлам, ин хел дӯстиву бародарӣ кам иттифоқ меафтад.

Фарангис ҳам дар тӯли панҷ соли таҳсил дар консерватория ба хонаи дӯстони ман рафту омад дошт ва онҳо ӯро чун фарзанди худ парасторӣ мекарданд. Худи вай низ дӯстону дугонаҳои бисёр пайдо кард, ки солҳои дароз бо ҳамдигар рафту омад ва мукотиба доштанд.

Соли 1977 буд, ки Фарангис ба ман номае фиристод ва дар зимни он навишта буд:

"Дада, дар ин ҷо як дӯсти шумо будааст – Шавкат, ки чанд сол бо ҳам дар радио кор мекардед. Вай маро ҷустуҷӯй карда, рӯзе ба консерватория омад. Бо ҳам шинос шудем, маро ба хонааш даъват кард. Рӯзе дар хонааш меҳмон

шудам. Аз шумо, вазъи зиндагиатон, корҳоятон пурсид. Гуфт, ки зуд - зуд ба хонаи вай меҳмон шавам. Ҳоло танҳо бо як писараш зиндагӣ мекардааст".

Бисту ҳафт сол гузаштааст аз он рӯзе ки бо Шавкат видоъ карда будам. Маълум мешавад, ҳамон рӯз рост гуфта будааст, ки маро фаромӯш нахоҳад кард... Баъд аз ин Шавкатро дар Душанбе дидам, боре ҳамроҳи ҳамсарам Баширахон низ дида будем. Фаҳмидам, ки ӯ аз шавҳари аввалааш ҷудо шуда, шавҳари нав кардааст, ки муқими Душанбэ будааст. Рӯзе ӯро бо шавҳараш дидам. Ба шавҳараш гуфт: "Ин оқои Ҳодизода, ҳамон шахсест, ки ман ба ту аз ишон нақл карда будам". Баъд аз ин ҳам Шавкатро дар шаҳр гоҳ-гоҳе медидам. Боре гуфт: аз сафари Машҳад омадам, он ҷо хешовандони худро дидам. Шояд ки мо ҳам ба он ҷо кӯч бандем. Пас аз муддате шунидам, ки Шавкат ба Машҳад рафтааст, тамоман.

Дар охири солҳои ҳаштодум ва аввали солҳои навад дар ҷомеаи шӯравӣ ташаннуҷу нооромиву безабтӣ ва падидаҳои нохуши ихтилофи байни ақвому миллатҳои ба ҳам дӯст воқеъ гардид. Бо вуҷуди ин ҳам мо бо даъват ё барои иштирок дар ҷашнҳо ба Тошканд мерафтем, аз Тошканд ба Душанбе меомаданд. Соли 1990 бо ҳамсарам ва ҳампоии дӯстам Неъматзода ба ҷашни 70-солагии Шоислом Шомуҳаммадов, соли 1996 бо шодравон Аълохон Афсаҳзод ба ҷашни таҷлили 660-солагии Амир Темур ба Тошканд сафар кардем. Абдулқодир Ҳайитметов ба ҷашни ҳазораи "Шоҳнома"- и Фирдавсӣ ба меҳмонӣ омад...

Аз соли 1999 вазъият шадидтар гашт. Ҳукуматдорони ӯзбек байни Тоҷикистону Ӯзбекистон тартиби виза ҷорӣ намуданд. Он чи ки дар тӯли ҳазору ду ҳазор сол ҳеч марзеву садде мардуми ӯзбеку тоҷикро аз ҳам ҷудо накарда буд, имрӯз ба як коғази тамғадори давлати мустақил тоҷику ӯзбекро аз ҳам ҷудо карданд. Ӯзбекҳову тоҷикҳо ба тӯю азои ҳамдигар бе виза озод рафта наметавонанд. Соли 2002 барои зиёрати Самарқанд, зодгоҳам, барои зиёрати қабрҳои падару модарам ва гузаштагонам маҷбур шудам виза гирам. Ба зодгоҳам, ба хоки азизу ба ҷон баробарам, барои ёди падарону бобоён имрӯз роҳи сафари озод ба рӯи ман баста аст!

Моҳи декабри соли 2002 писарам Фаредун бо маъмурияте ба Тошканд рафт. Таъкид кардам, ки дӯстони маро албатта бинад, аз вазъу ҳоли онҳо ба ман хабар биёрад. Абдулқодир Ҳайитметов худ ба дидани Фаредун омада, гаштаву баргашта аз ҳоли мову зиндагиамон пурсону ҷӯён шудааст. Чанд китоби ба тозагӣ ба чоп расидаашро ба расми тӯҳфа ирсол намудааст.

Ба ҳавлии Шоислом Шомуҳаммадов меравад. Зану шавҳар аз синни ҳаштод гузашта, осори пирӣ дар вазъашон ҳувайдо будааст. Шоислом Фаредунро ба кабинеташ медарорад. Он чо сурати Рӯдакӣ дар бофти қолӣ овезон будааст. Шоҳислом гуфтааст:

— Ин сурати Рӯдакӣ барои ман хеле азизу гаронбаҳост. Аввал ин ки онро дӯстам Расулхон дар ҳафтодсолагиам тӯҳфа оварда буданд. Дуввум ин ки Рӯдакӣ дар хонаи ман чароғи илму маърифат ва таърихи бузурги адабиёти тоҷикро ҳамеша фурӯзон нигаҳ медорад. Моро мехоҳанд аз ҳам ҷудо кунанд бо марзҳову визаҳо, аммо чунин бузургон мисли Рӯдакию Навой моро ба ҳам мепайванданд.

Дар чашмони Шоислом ашк пайдо мешавад. Ашки пазмониву ёди дӯстон,

ашки дарду аламе, ки ҷудоиҳои солҳои охир ҷону танро месӯзад...

Имрӯз навдавлатони по дар рикоб марзҳоро дар баъзе ҷоҳо бо маводи тарканда бастаанд. Чандин бегуноҳону бехабарон аз таркиш ба ҳалокат расидаанд. Рӯзе мерасад, ки ин навдавлатони по дар рикоби салтанатро таърих ба гӯшаи фаромӯшӣ меандозад ва мардуми тоҷику ӯзбек озодонаву сарфарозона ба ҳам мепайванданд, байраҳи иттиҳоду дӯстиро баланд меафрошанд...

ФАСЛИ САВВУМ. СТАЛИНОБОД

Ман бо як ҷаҳон хурсандиву фараҳмандӣ, бо як олам таассуроту хотироти неки ҷавонӣ, бо корвони самару ҳосили кишту даравi солҳои заҳматҳои худаму устодонам, бо гулу сабзаҳои умеду ишқу орзуҳои зиндагии оянда аз Тошканд, бо ин шаҳр видоъ – на видои вопасин - кардам.

Аз Тошканд ба зодгоҳам – Самарқанд омадам. Хостам пеш аз сафари Стадинобод чанд рӯз ин ҷо бошам, аз тамошои шаҳр, аз дидори падару модару додару хоҳаронам, хешовандонам сер шавам. Дар шаҳри кӯдакиву наврасиам гузаштаро ба ёд меовардам ва ояндаи худро дар ҷои нав, дар шаҳри нав ба гунаҳои мухталиф тасаввур мекардам. Лекин дар баҳри тасаввурот бештар ва равшантар солҳои Тошканд пеши назарам мутасаввир мегашт. Хусусан дар танҳоиву оромӣ, дар шабҳое ки дар ҳавлӣ ё дар боғи дӯстонам, пас аз ба хоби осоиш рафтани ҳамроҳонам хомӯшу сокит ба саҳрои пурситораи осмон дида медӯхтам. Ҳамон осмоне, ки айёми кӯдакиам дар боғот болои сари мо гунбадвор баланд уфтода ва тӯтаам аз галаситораҳои каҳкашон, ҳафтдодарон, сурфаи Халил, сепоя.. қиссаҳо мегуфт. Ман имшаб ба дашти бекарони осмон назар дӯхта, гӯё аз ҷодаҳои ситоразорҳо қадам бардошта, роҳҳои умри ҷавони сипарӣ шудаамро пеши назар мебинам, сардиву гуруснагиҳои солҳои аввал, клосҳои сарду тираи факулта, ки бо чеҳраи нурониву нигоҳҳои гарми устодон рӯшноиву ҳарорат дошт, навоҳои мусиқиву сурудҳои дилангез, маҷлису маҳфилҳои дӯстону ҳамсабақон, ки моломол аз эҳсосу нигоҳҳои ошиқонаву дӯстона буд, соату лаҳзаҳое, ки ҳамроҳ бо ситораи заминӣ қадам мезадам – ҳама дар шуоҳои дури ҷурмҳои самовӣ мунъакис мегардид, маро ба табақоти осмонҳо мебурд, ба боли саодат мебардошт.

Бо ин таассуроту хотирот, бо ин лаҳзаҳои ширини ёди ёру дӯстон дар сар ҳавои сафари оянда ва роҳи шаҳру манзили нав ҳамроҳу ҳамнаво буд. Як дуои хайру ҳидояти устод Айнӣ лозим буд, ки рахти сафар бубандам.

Панҷум ё шашуми август буд, ки ба зиёрати устод рафтам.

— Хайрият дар вақташ омадед, – гуфт устод – Ман баъд аз ду рӯз ба Сталинобод меравам, нашриёт мунтазири ман аст! "Ёддоштҳо» барои чоп омода шудааст, пеш аз чоп аз назар гузаронидан лозим аст. Шумо ҳам тараддуди сафарро бинед. Ба Сталинобод, ки омадед, маро пайдо кунед, шуморо барои тавсия ба академия худам мебарам. Ҷои истиқомати ман боғи ҳукуматист.

Баъд аз ду-се рӯзи рафтани Айнӣ ман ҳам озими Сталинобод шудам. Дар Сталинобод дӯстоне, ки омадани маро интизорӣ мекашиданд, кам бошанд ҳам, буданд: Фотеҳ Ниёзӣ, Ҳабиб Аҳрорӣ, Шавкат Ниёзӣ, холабачаам Надимхон бо падараш – Масъудхон – писари аршади Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ.

Се рӯзро дар боғчае гузаронидам, ки язнаам иҷора гирифта буд. Боғчае хубе буд, дар паси музеи ҳозираи устод Айнӣ. Дар ин гӯшаи сабзу ободу ором язнаам ба тарҷума машғул буд ва писараш Надимхон ба вай ёрӣ медод.

Рӯзи саввум баъд аз чоштгоҳ ба Хонаи матбуот рафтам, хостам аз Деҳотӣ

пурсам, ки ба назди устод Айнӣ чӣ гуна рафтан мумкин аст. Ҳанӯз ба дари даромад наздик нашуда будам, ки мошини сабукраве рӯ ба рӯи Хонаи матбуот таваққуф карду аз мошин устод Айнӣ камзӯли тобистона дар бар ва каллапӯши чустӣ дар сар ва асо дар даст пиёда шуд. Зуд ба истиқболаш рафтам.

— Ҳамин рӯз назди шумо рафтанӣ будам, - гуфтам ман.

— Ба Сталинобод кай омадед?

— Ду рӯз шуд.

— Ҷои истиқомат ёфтед?

— Ҳа, дар хонаи язнаам Беҳбудӣ.

— Масъудхон? Он кас дар ҳамин ҷо ҳастанд? Хайр, ҳозир ба нашриёт медароем, баъд ба академия меравем.

Айнӣ рост ба бухгалтерия рафт. Дар хонаи калон чанд зани рус машғули кор буданд. Дар пешгоҳи хона дар паси мизи калон марди пургӯшти сурхмӯи сурхинарӯй нишаста (ба андозае сурх, ки каси навшинос гумон мекунад, ки ҳамин ҳоло шароби зиёде истеъмол кардаст) ва болои миз чанд коғазпеч пул истода буд.

— Салом домулло, денги ждут вас (яъне пул дар интизори шумост) – гуфт марди сурхинарӯй.

Айнӣ аз рӯ ба рӯи ӯ нишаста, ба коғазе имзо карда, пулҳои коғазпечро ба ҷайбҳои дарунӣ андохт.

— Пулҳоро шумурда гиред, домулло, – гуфт марди сурхинарӯй.

— Пулро аз шумо беҳтар ҳеч кас дуруст шумурда наметавонад, Андрей Василйевич. Мову шумо ошноҳои дерин ҳастем. Ба ҳамдигар бовар дорем.

Андрей Василйевич табассуми хушҳолона карда монд.

Пеш аз он ки ба академия равем, пешопеш мехоҳам аз ин марди хеле аҷиб ва собиқадори Нашриёти давлатии Тоҷикистон нақли мухтасаре кунам. Ин ба он сабаб аст, ки баъд аз омаданам ба Сталинобод вобаста ба корҳои нашрия бо ин марди салимултану салимулақл дар муомилот ва иртиботи ҳасана будам.

Андрей Василйевич дар зоҳир марди бадқаҳру тундмизоҷ менамуд, вале табиатан одами нарму меҳрубон ва зариф ҳам буд. Шикорро дӯст медошт ва моҳе як - ду бор ба шикор мерафт ва мегӯянд, ки танҳо мерафт. Агар ӯро хурсанд карданӣ бошанд, одамони ҳолдон рӯзи дигар субҳ омада, бо вай салом мекарданду баъд аз барори шикораш мепурсиданд. Вай мисли шикорчиҳои Репин шикорашро таъриф намекард, вале ба ифтихор мегуфт:

— Рости гап шикор бад набуд. Занам, ки аз сайдҳои ман хурсанд аст, маълум мешавад беҳуда вақту борутро талаф накардаам.

Барои вай пурсиши одамон басанда буд: ҳама медонанд, ки Андрей Василйевич шикорчӣ аст. Вай чанд рӯз аз шодиву ифтихор ба куртааш нагунҷида кор мекард. Ба ҳама гапи ҳақро мегуфт ва дар ин ҳолат мақому мартабаи касро ба эътибор намегирифт. Боре муаллифи мӯътабаре омад, ки китоби ӯро дар сирқат сахт танқид карда буданд. Андрей Василйевич пули ӯро дода гуфт:

— Умуман ба ҷои шумо мебудам, барои ин китоб пул намегирифтам.

Боре директор Нурматов ӯро коҳиш намуда гуфт:

— Охир шумо чӣ хел бухгалтер ҳастед. ки ҳамин корро карда наметавонед?

— Директор чӣ соне ки ҳаст, бухгалтер ҳам ба ҳамон қиёс мешавад.

— Охир бухгалтер бояд шахси мустақил бошад. Ҳар корро бояд аз рӯйи ақли худаш кунад.

— Дуруст, лекин директор бухгалтерро побанд карда, мисли он ки хар шутуррро ба ҳар тараф кашола мекунад, маҷоли ҷунбидан надиҳад, чӣ кор кардан мумкин аст?

Нурматов чӣ ҷавоб гуфтанашро надониста, хандида мемонд. Ҳамин хел одами аҷиб буд Андрей Василйевич. Ҳама ӯро дӯст медошт ва ӯ низ ҳамаро.

Аз нашриёт то Филиали Академия бо устод пиёда рафтем. Иморати дуошёнаро пеш аз ҷанг махсус барои ҳамин муассиса сохта буданд. Солҳои ҷанг дар ин ҷо госпитали ҳабӣ барои захмишудагони майдони ҳарб ҷойгир шуд. Баъд аз ҷанг иморат ба соҳибаш бозгардонида шуд.

Филиали тоҷикистонии Академияи илмҳои СССР дар табақаи дуввум воқеъ буд. Раиси Филиал академик Евгений Никанорович Павловский буд. Ӯ бештар дар Маскав мезист ва корҳои ҷории филиалро Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов иҷро мекард. Вай як ё ду сол пеш рисолаи докториро дифоъ карда буд.

Дар ошёнаи якум Иттифоқи нависандагон ва идораи маҷаллаи "Шарқи сурх" ҷой доштанд. Айнӣ ба яке аз хонаҳои Иттифоқи нависандагон даромад. Дар хотир надорам киҳо он касро пешвоз гирифтанд. Аз нависандагон Фотеҳ Ниёзиро шинохтам. Ишон ду сол пеш ба Сталинобод кӯчида ва ҳоло муҳаррири "Шарқи сурх" буд.

Айнӣ баъд аз сӯҳбати мухтасар ба як ходими маҷалла фармуд, ки агар Ниёзмуҳаммадов дар ҷояш бошад, як сари қадам поин фурояд. Ниёзмуҳаммадов зуд ҳозир шуд.

— Мана ман барои шумо як кадри нав овардам. Ҳуҷҷатҳои ин касро барои аспирантура қабул кунед, расмиятҳои боқимондаашро аз рӯи қоида баъд анҷом медиҳед.

Ба ҳамин тариқа, дар чанд дақиқа ба аспирантура дохил шудам. Рӯзи дигар ҳуҷҷатҳои заруриро ба котиби илмӣ Алексей Павлович Колпаков супоридам. Вай ба забони тоҷикии тоза бо ман сӯҳбат кард. Баъдҳо дар чанд сол, ки бо ин марди шариф дар Интитути шарқшиносӣ таҳти сарпарастии Абдулғанӣ Мирзоев кор кардам, аз тарҷумаи ҳоли вай ва ҳамсолонаш воқиф гаштам. Колпаков ва ҳамсолони вай мисли Роза Неменова, Людмила Успенская, Николай Ершов ва дигарон дар аввали солҳои сиюм баъд аз хатми донишкадаҳои шарқшиносӣ ба Сталинобод омада, дар илму маданияти тоҷикон хидматҳои ҷонсупорона карданд. Ҳаққонияти таърих тақозо мекунад, ки мо имрӯз ба ҷои сафсатаҳои "истилои Русия" (истилоҳи дӯстдоштаи ватанпарварони навбаромади мо) дар бораи хидмат ва саҳми донишмандони рус дар рушду равнақи Тоҷикистон таърихномае таълиф кунем.

Колпаков дар корҳои илмиву ташкилии Академия то солҳои шастум фаолона иштирок мекард. Баъд аз ин ҳам дар Институти шарқшиносӣ бо вуҷуди пириву танҳоии оилавӣ аз кор бознамондааст. Бештар ба тарҷумаи

рисолаҳои таърихӣ ва асарҳои олимони тоҷик машғул буд. Вай бо ҳамкории Алоуддин Баҳоуддинов "Донишнома"-и Абӯалӣ Синоро ба русӣ бозгардонида буд ва бо ин кор то охири умраш фахр мекард.

Колпаков шахси хеле меҳрубон, ҳамеша омода ба осон кардани мушкили одамон ва хусусан бо олимони ҷавон ҳамеша дар муносибатҳои хуби рафиқонаву дӯстона буд (аз ҷумла бо ин ҷониб низ). Шӯхиҳои бамавриди зарифона – хусусан дар соатҳои шатранҷбозӣ – дошт.

Аввали соли шастум буд, ки дар "Литературная газета" нохост мақолаи Колпаков дар танқиди қиссаи бачагонаи (қиссаи хеле хуби дӯстдоштаи кӯдакон) нависандаи машҳур Корней Чуковский пайдо шуд. Мо нафаҳмидем ин ҳазли рафиқона буд ё танқиди ҷиддии як нафар олим? Колпаков ин қиссаро (дар бораи магас Муха Тсокотуха ва нонхӯракҳо) танқид мекунад ва мегӯяд ки таърифу тавсифҳои нависанда дар нисбати ин ҳашароти зараркунанда боиси таассуфи мост. Колпаков пеши мо ифтихор мекард, ки чунин рӯзномаи бонуфуз мақолаи ӯро дар танқиди нависандаи машҳур чоп кардааст. Аммо мо инро ҳамчун ҳазлу шӯхии Колпаков қабул кардем. Баъд аз чанд рӯз дар ҳамин рӯзнома ҷавоби хеле ҷиддӣ ва озурдаҳолонаи Чуковский чоп шуд. Мақола далелҳои мантиқиву ақлӣ дошт, ки онҳоро рад кардан душвор буд. Вале Колпаков бо қиёфаи ҷиддӣ мегуфт, ки Чуковскйй ноҳақ аст ва ӯ ҳатман ба вай ҷавоб хоҳад навишт. Колпаков ҷавоб нанавишт, аммо мақолаи ӯ дер вақт мавриди танқид ва истеҳзои адибони рус гардид.

Колпаков шахси озодманишу ринд ҳам буд. Дар ҳолати махмурӣ бо дӯстон ниҳоят меҳрубон ва дар изҳори муҳаббату маваддат саховатманд буд. Тирамоҳи соли 1952 буд. Устод Айнӣ баъд аз чанд муддат иқомат ва иҷрои вазифаҳои ҷории президентии академия азимати Самарқанд кард. Дар вагони ҳукуматӣ, ки барои ишон дар вокзал қаблан омода шуда буд, роҳбарияти академия барои гусел баромада буданд. Банда ҳам ба ҳайси шогирди устод дар як гӯшаи толори вагон нишаста будам. Колпаков ҳамчун котиби хоссаи устод дар паҳлӯи ишон нишаста ва хеле сархуш ҳам буд. Устодро ситоиш мекард, ба он кас изҳори муҳаббату эътиқод менамуд. Айнӣ ҳам ин шахси мӯътабарро ранҷондан намехост ва бо табассуми зӯр ба зӯракӣ суханҳои ӯро хомӯш гӯш мекард. Ниҳоят касе ӯро ба берун даъват карда, ҳозиронро аз суханфурӯшиҳои Колпаков наҷот дод.

— Одами хуб ва коргари хуб ҳам ҳаст, – гуфт устод,–лекин баъзан зиёд ва бемаврид менӯшад.

Колпаков дар корҳои маъмуриву ташкилии академия аз аввал то охир фаолона иштирок кардааст. Дар овони пирӣ ҳам бо вуҷуди синни нафақахӯриаш дар Институти шарқшиносӣ ба таҳқиқи масъалаҳои кишварҳои шарқи ҳамсоя машғул буд. Пас аз муҷаррадии чандсола ба зани нисбатан аз худ ҷавонтар издивоҷ кард. Ин зан барои Колпаков зиндагии мураттаб ва осуда ташкил намуд. Колпаков ба таълифи баъзе рисолаҳои таърихӣ шурӯъ намуд. Мо чанд сол дар кӯчаи Попов дар хонаи академӣ ҳамсоя будем. Рӯзе дар ҳолати каме сархушӣ маро рӯи ҳавлӣ дида гуфт:

— Расул, ман арақхӯриро тарк кардам. Ҳозир шароби ноби (сухое) "Душанбе" менӯшам. Фаҳмидам, ки барои саломатӣ ҳам хуб будааст,

Ӯ аз зиндагии оилавиаш хеле хурсанд буд. Аммо ду-се моҳ аз ин мулоқот

нагузашта, ӯ ногоҳ фавтид, Ҳама ӯро ба эъзозу эҳтиром ба роҳи охирин гусел карданд.

Одами хубе буд Колпаков. Таассуроти аввалини ман аз академия бо ҳамин шахс вобаста буд. Аз ин сабаб саргузашти сталинободии худро аз ёди ҳамин шахси беозори заҳматкаш шурӯъ намудам.

Ҳуҷҷатҳои заруриро ба дасти Колпаков додам. Гуфт, ки баъд аз ду рӯз ба назди Ниёзмуҳаммадов дароям. Ҳамин тавр ҳам кардам. Ниёзмуҳаммадов гуфт, ки барои хубтар анҷом ёфтани кор шумо аз ҳозир бояд роҳбари илмӣ дошта бошед ва роҳбари илмӣ унвони докторӣ дошта бошад, хеле хуб мешавад. Ман бо андаке ҳайрат ба Ниёзмуҳаммадов нигоҳ карда мондам. Зеро дар Душанбе ягон олими адабиётшинос, хусусан доктори илмро намешинохтам.

— Оё домулло розӣ мешуда бошанд роҳбари илмии шумо шаванд. Бо он кас маслиҳат кунед.

Рӯзи дигар назди Айнӣ рафтам ва ин гапро гуфтам. Устод зуд ризояти худро дод ва гуфт, ки агар коғазҳои расмӣ бошад, биёрам ишон имзо хоҳад кард.

Ба ҳамин тариқа ба сифати номзади аспирантураи Филиали тоҷикистонии Академияи илмҳои СССР зери роҳбарии илмии устод Айнӣ ба Самарқанд бозгаштам. Охири моҳи сентябр ба Сталинобод омада, имтиҳонҳои дохилшавиро супурдан лозим буд.

* * *

Охири август ва нимаи сентябр дар Самарқанд гузашт. Ба дидору сӯҳбати хешовандону дӯстон мерафтам, маҷлису маҳфилҳо меоростем. Ҳис мекардам, ки панҷ соли дурӣ аз Самарқанд ба пайванду алоқамандиҳои хешовандию дӯстӣ халале ворид накардааст. Ҳам одамон, ҳам шаҳру боғоти Самарқанд мисли даврaҳои бачагиву наврасӣ ба дилу дида наздику қарин буд.

Сӯҳбату ҳамнафасию ҳамнишиниву хонадонамон худ як саодати бузург буд. Мо чаҳор фарзанд будем ва ҳар як ба камолот ва дараҷаи дониши олӣ расида будем. Ҳар як хислату одоти хоссаи худро дошт,

Лекин байни мо мӯе аз бегонагиву ихтилоф набуд. Меҳрубониву муҳаббат байни мо имрӯз ҳам пойдор аст.

Ба назарам, меҳру гармии байни мо фарзандон ба хислату сирати падару модарамон мавқуф буд. Модарамон тартиби хонадориро чунин сохта буд, ки вақти таом дар соатҳои муайян сари дастурхон бояд ҳама ҷамъ бошад. Сӯҳбати падарамон сари дастурхон чунон ширину зариф ва пандомӯзона буд, ки лаззату мазаи хӯрокро як бар чанд меафзуд. Панду насиҳатҳои хушкмизоҷонаву омирона ва донотарошоёна намекард, балки байте ё пораи шеъре дар мавридаш меовард, ки гаронии пандомӯзиро ҳис намекардем. Мисли ғизое буд, ки мехӯранду лаззаташро ҳис мекунанду, қуввааи ҳозима ғизоро бо кадом роҳ ба ҷисму рӯҳи шумо мерасонанд намебинед, вале неруи ҳаёти шумо аз он реша мегирад. Модарам, худо раҳмат кунад, зани раҳмдил, хайрхоҳ ва дур аз кинаву кинаҷӯй буд. Гоҳо мешуд. ки яке аз мо дар айни

хашмгинӣ аз кирдори ношоистаи ҳамсоламон мегуфтем: "Вай ба ман ҳамин хел рафтор кард, ба вай аз ин бадтарашро нишон медиҳам!". "Ҳаргиз ин корро накун, вай кардааст, ту накун!"– таъкид мекард модарам. Ҳарчанд ба синни балоғат расида будам, аммо оғуши гарми хонаро тарк гуфтан чандон осон набуд. Гоҳо фикр мекардам, ки оё дар Сталинобод маро чӣ пеш меомада бошад? Ба ин суол ҷавоб пайдо набуд, фақат бовар доштам, ки маро чун аз як боғ ба боғистони дигар мебаранд. Он ҷо маро обу ҳаво ва хоки мувофиқу мусоид мунтазир аст.

АСПИРАНТУРА

Дар охири сентябр "бору будро баста", ба Сталинобод омадам. Аз бинои нави академия дар кӯчаи Айнӣ дар як квартира хонаеро барои иқомати муваққатӣ тахсис карданд. Дар хонаи дуввум аспиранти соли дуввуми таҳсил Раҷаб Амонов иқомат дошт, дар хонаи севвум кадом як корманди илмии соҳаи геология мезист.

Дар паҳлуи иморат бинои хушнамуде воқеъ буд. То ба бинои нави кӯчаи Ленин кӯчидан роҳбарияти филиал дар ҳамин бино будааст. Дар солҳои нав омаданам дар ин бино шӯъбаҳои кимиё ва геология кор мекарданд. Китобхонаи илмӣ низ дар ҳамин ҷо буд.

Дар шӯъаи аспирантура гуфтанд, ки пеш аз имтиҳонот директори Институти забон, адабиёт, таърих ва этнография Абдулғанӣ Мирзоев бо аспирантҳо сӯҳбат хоҳад кард. Шунидам, ки Мирзоев донишманди хуб ва сахтгиру серталаб аст ба ҷавонон. Аз олимони мавриди эҳтироми Ғафуров аст, ӯро ба вазифаи директории Институт шахсан худи Ғафуров тавсия кардааст.

Институти номбурда дар бинои Филиал дар тарафи чап воқеъ буд. Мирзоев маро дар хонаи хурд – кабинети директорӣ қабул кард. Бо чашмони хурди тезаш маро аз назар гузарониду ба нишастан фармуд. Аз чигунагии таҳсили факултаи шарқ, аз муаллимону устодон мухтасар пурсид ва баъд аз рӯи мизаш китоби чопи литографиро гирифта пеши ман монд ва саҳифаи аввали онро кушод. Дидам "Гулистон"-и Саъдӣ аст. Китобро варақ заду дар саҳифае истод ва фармуд, ки хонаму маънии ҳикоятро гӯям. Хондану нақл кардани ҳикоятҳои Саъдӣ барои ман душвор набуд. Мирзоев тахминан даҳ дақиқа гӯш карду гуфт:

— Шуд. Имтиҳони тахассусро, ки супоридед, ба Колпаков гӯед ҳуҷҷатҳоро барои имзо тайёр кунад.

Бале, ман аз имтиҳон гузаштам, на танҳо аз имтиҳони тахассус, балки аз имтиҳони шахси номдору донишманди Тоҷикистон, шахси сахтгиру "ҳайбатноки" Сталинобод ба осонӣ ва бе биму ҳарос гузаштам.

Аз якуми ноябри соли 1950 аспиранти комилҳуқуқи Филиали тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР маҳсуб мешавам. То сар шудани таҳсили аспирантура шаҳрро сайру гашт карда, бо дӯстону рафиқони наву кӯҳна сӯҳбатҳо оростан мумкин аст.

Дар тайёриву супоридани имтиҳонҳо рӯзҳо зуд гузашт. Имтиҳонҳо тамом шуда буд, ки давраи дилгиркунандаву бедимоғона падид омад. Сталинобод

баъд аз шаҳри бузург ва пурҷӯшу пурҷунбиши Тошканд шаҳрчаи хомӯшу сокит ва хурду камаҳолӣ ба назар мерасид. Шаҳр дар кӯчаи ҳозираи Айнӣ баъд аз мактаби мусиқӣ ва бемористони инфексионӣ (мардум онро "заразка" мегуфтанд) ба охир мерасид ва майдонҳои кишти пахтаву ғаллаи колхозҳо сар мешуд. Дар ғарб ҳудуди шаҳр дар охири кӯчаи Куйбишев (ҳоло кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо) ва дар назди бозори Путовский буд. Дар шимол Институти тиббӣ охири шаҳр буд. Воситаи ягонаи ҳамлу нақли мардум ду-се автобуси хурд буд, ки дер-дер байни вокзалу "Шаҳраки мактабӣ" ("Школний городок") ҳаракат мекард. Тамоми шаҳрро дар як рӯз пои пиёда тай зада баромадан мумкин буд. Ягона ҷои сайру гашт боғи шаҳр буд, ки масоҳати он аз хурдтарин боғҳои Тошканд камтар буд. Ошхонаву ресторану қаҳвахонаҳо низ хеле нообод ва дараҷаи хидматгузорӣ бо шаҳрҳои калони маданӣ ҳамсарӣ карда наметавонист. Дар ошхонаҳои аз фанеру тахта сохташудаи атрофи майдони вокзал ва назди театри тобистона (ҷойҳои ҳозираи чойхонаи Роҳат ва атрофи он) мантуву шӯрбоҳои миллӣ мефурӯхтанд, дар паҳлӯи онҳо гурҷиву осетинҳои фарбеҳу шикамкалону сурхинарӯй шаробу конякҳои кавказиро пешкаш менамуданд... Хуллас, барои ман, ки дар ободиву маъмурии Тошканд тарбия ёфта будам, ҷои дурусте дар шаҳр барои дилкушоӣ пайдо набуд.

Дилтангӣ аз танҳоӣ низ бармехост. Ёди дӯстони Тошкандӣ дидори ёри меҳрубон маро ба сӯи Тошканд мебурд. Дар соатҳои бедимоғӣ сӯҳбату дидор бо чанде аз рафиқони тошкандӣ мисли Фотеҳ Ниёзиву Ҳабиб Аҳрорӣ, занги дилҳоро мезудуд. Чизе ки дар Сталинобод маро мафтун кард, ландшафти шаҳр ва манзараҳои атроф - кӯҳсору обшорҳои фаровони он буд. Дар ҳеч шаҳр чунин манзараҳои зеборо надида будам. Зебоиҳои табиат чун дебову парниёнҳои мунаққаш нуқсу норасоиҳои шаҳрро мепӯшид.

Дилтангиҳо ки ҳамоно аз бекорӣ буд, зуд гузашт. Дар аввали ноябр қисме аз аспирантҳоро ҷамъ намуда, эълон карданд, ки дар мактаби миёнаи рақами понздаҳ воқеъ дар кӯчаи Айнӣ (он вақт ин кӯча номи дигар дошт, ки ҳоло дар хотир надорам) ду синф – класси хонишро барои мо, аспирантон, ҷудо кардаанд ва пас аз чанд рӯз бояд ба он ҷо кӯчем.

Иморати дуошёнаи зебои мактабро ҳамин сол ба истифода дода буданд. Азбаски мактаб дар канори шаҳр буд, шогирдон кам буданд. Дар ду синфхонаи рӯ ба рӯ ҳаштнафарӣ аспирант ҷой гирифтанд. Дар хобгоҳ ба ҷуз хуфту хоб шароити дигари зиндагӣ муҳайё набуд: на мизе буд барои ғизохӯриву машғулиятҳои дарсу мутолиаи китоб, на асбобе барои чой ҷӯшондану хӯрок пухтан. Аммо мо зуд сари ҳисоби худро ёфтем. Ман дар пешгоҳи хона ҷой гирифтам ва дар паҳлуи худ хараке гузошта, китобҳоямро ба истифодаи умум гузоштам. Плитаи электрикӣ харида, дар як гӯша ошхоначаи хурд ташкил намудем. Ҳар рӯз ба навбат касе маъмур буд, ки аз рӯи диду писанди худ аз бозор харид карда бегоҳӣ таом тайёр кунад. Баъд аз таом ба синфҳои холӣ гузашта, дарсҳои фалсафа ва забони хориҷӣ машқ мекардем. Шабҳои истироҳат ба театр мерафтем. Бештар ба тамошои операву балетҳои театри академикӣ мерафтем. Театр ба мо наздик буд ва дар он солҳо спектаклҳои хуб ба саҳна мегузоштанд аз осори оҳангсозони русу аврупоӣ. Шояд ба тарғиби ман буд, ки чанде аз рафиқон дӯстдори

мусиқии аврупой гаштанд. Билхосса шодравон Ҳикмат Назарови самарқандӣ, ки дар тахассуси геология таҳсил мекард, чунон шефтаи мусиқии симфонӣ гашт, ки баъдтар дар хонаи худ навиштаҳои осори Бетховену Чайковскийро ҷамъ карда гӯш мекард. Дар сафарҳои илмиаш ба Ленинград соатҳои истироҳатро дар театри Мариинка ва филармония мегузаронид.

Ҳамон сол ба аспирантураи академия толибони зиёдеро қабул карда буданд. Ғайр аз Хуҷанд аз Самарқанду Бухоро ҷавонони бисёр дар аспирантура ҷамъ омада буданд. Дар ин маврид сӯҳбати Пӯлодов ба ёдам расид, ки тобистони соли 1947 дар Кумитаи марказии ҳизби Тоҷикистон сурат гирифта буд. Пӯлодов гуфта буд, ки бо таблиғи Ғафуров ба Тоҷикистон ҷалб намудани кадрҳои ҷавони тоҷик хеле вусъат ёфтааст. Овозаи ҳамин кадрпарварии роҳбарияти Тоҷикистон берун аз ҷумҳурӣ миёни тоҷикони Ӯзбекистон паҳн шуда ва як ҳаракати умумӣ ба сӯи Сталинобод оғоз ёфта буд. Ин дар воқеъ ҳам эҳёи миллӣ ва маънавии ҷавонон буд. Ин ҷунбиши маънавиро торафт бештар ва амиқтар эҳсос менамудам ва ба Сталинобод омадани худро амри таърих медонистам, фахр мекардам.

Дар зимни ин воқеаҳо мешунидем, ки роҳбарияти ҷумҳурӣ ва шахсан Бобоҷон Ғафуров ба таъсис ва ифтитоҳи Академияи фанҳо (он вақт ҳамин хел мегуфтанд) тайёрӣ мебинанд. Бале, пас аз хомӯшӣ ва дилтангиву бедимоғии кӯтоҳ ҷунбиш ва бедорие дар ҷомеа ба назари ман ҷилва андохт.

Вазъи мо, аспирантон, дар Институти забон ва адабиёт аҷиб буд. Мирзоев дар воқеъ сахтгир буд ва аспирантонро маҷбур мекард, ки дар Институт ҳамеша ҳозир бошанд. Мо дар хонаи калоне, ки бо кабинети Мирзоев ҳамдевор буд, ҷамъ меомадем. Дар ин хона китобҳои дастнавис ва чопи литографӣ нигаҳдорӣ мешуд. Марди бухорӣ Тоҷиддинов – шахси ҳалиму хуштавозӯъ китобдори ин хазина буд. Бо ин марди хушсӯҳбат баъдҳо хеле наздик шудем. Хусусан баъд аз он ки ба омӯзиши дастнависҳо маъмур шудам, дар ошноӣ бо ганҷинаи дастнависҳо ӯ роҳнамо ва мушовири хуб буд.

Инак дар ҳамин "хонаи Тоҷиддинов" чанд нафар аспирант ҷамъ мешудем, сӯҳбат мекардем, гоҳо наҳор мехӯрдем ва баъд аз қазои соати кор ҳар кадом ба кори худу ба хонаи худ мерафтем. На кори илмӣ буду на роҳнамоии илмӣ. Беҳосилии гузашти рӯзҳо табъро хира мекард. Хусусан шоир Фарҳат, ки намедонам ба чӣ ҳадаф аспирантураро орзу кардааст, дар ин қафас аз пару боли озоди илҳом ҷудо афтода, оташин мешуд. Шукр ки зуд аз ин "домгоҳ" қадам берун ниҳоду ба шоириву тарҷумонии худ машғул шуд. Ман ҳам барои худ машғулият ёфтам. Бо супориши Фотеҳ Ниёзӣ ба омода намудани рисолаи диплом дар шакли мақола барои "Шарқи сурх"шурӯъ намудам.

Аз дӯстони қадрдони тошкандӣ Ҳабиб Аҳрорӣ як сол пеш аз ман ба Сталинобод омада буд ва чун ношир ва тарҷумони санҷида дар нашриёти давлатии Тоҷикистон вазифаи муовини сармуҳаррирро иҷро мекард. Баробари ҳамин бо тавсияи Иттифоқи нависандагон ва мақомоти дахлдори нашриёт Ҳабиб Аҳрорӣ ба тарҷумаи романи чорҷилдаи Лев Толстой "Ҷанг ва сулҳ" шурӯъ карда буд.

Рӯзе дар сӯҳбати ду ба ду аз камии кадрҳои тарҷумон ва шахсони қобили таҳрир ҳасрат намуд. Мурод аз ин муқаддима он будааст, ки ман аз рӯйи

имкони худ ба корҳои тарҷумаву таҳрир иштирок кунам. Баъд аз чанд рӯз сармуҳаррири нашриёт Абдусалом Деҳотӣ Ҳабиб Аҳрорӣ ва маро ба ҳузури худ талабида, аз корҳои нашриёт ва ояндаи он сӯҳбат кард ва изҳори ризоят намуд, ки омодаам ба корҳои нашриёт кӯмак расонам. Пешниҳод намуд, ки ба сифати муҳаррир ходими нашриёт бошам. Дар ҳамин ҷо китоби Кошевая "Қиссаи писарам"-ро дод, ки ба тоҷикӣ тарҷума кунам. Ин китоб дар бораи қаҳрамониҳои сарвари муборизони ҷавони пинҳонкори Донетск ба муқобили фашистон буд ва онро модари Олег навишта буд.

Бехабар аз мазмун ва сабку услуби китоб ба тарҷума розӣ шудам. Шабҳо хоб накарда, китобро ба азобу азият тарҷума кардам. Муаллифи китоб, ки ҳунари нависандагӣ надошт, дар бораи воқеаҳои ниҳоят шадид ва пурҳаячон бо забони хушку сабки дилгиркунанда ҳикоят мекард.

Ниҳоят тарҷумаро тамом карда ба Деҳотӣ супурдам. Узр овардам, ки китоб чандон ҷолиб набуд ва тарҷума ҳам хуб набаромад. Узри маро шуниду хандида гуфт:

— Аҳамияти китоб барои тарбияи ахлоқи коммунистӣ ҳамаи айбҳои онро мепӯшад. Пеш аз муҳаррир худам аз назар мегузаронам.

Андак хотирҷамъ шудам. Мегуфтанд, ки Деҳотӣ забонро хуб медонад ва дар таҳриру тасҳеҳ ниҳоят покизакор, бадиққат ва сахтгир аст. Аз хонаи Деҳотӣ баромада, назди Ҳабиб Аҳрорӣ даромадам. Ба вай аз сӯҳбати Деҳотӣ нақл кардам. Ҳабиб Аҳрорӣ бо диққат ба ман нигоҳ карда истод ва баъд гуфт:

— Медонед, Расулхон, ман чандин сармуҳарриронро дар нашриёт дидам ва ҳеҷ кас то имрӯз мисли Деҳотӣ ба ин вазифа мувофиқ ва сазовор набуд. Аввал ин ки Деҳотӣ шоиру нависандаи хуб аст. Дуввум ин ки забонро хуб медонад. Гӯё ҳисси забоншиносӣ аз кӯдакӣ ба хуну устухони он кас ҷой гирифтааст. Дар ин лаҳзаҳо худораҳматӣ муаллим Шакурӣ ва усули таълими мактабашро ба ёд оварда, ба рӯҳи ишон раҳмату таҳсинҳо мефиристам. Як-ду китоби хониши Шакурӣ ба мо чунон ҳисси забону сухандониро талқин намуд, ки китобҳои наҳву сарф ин қувваю таъсирро надорад.

Аҳрорӣ ҳаққи гапро гуфта буд. Дертар бо чанд нафар равшанфикрон, ки аз мактаби Шакурӣ таълим гирифта буданд, ошно шудам. Ҳамаи онҳо як тарзи суханронӣ, як тарзи одобу ахлоқ ва ҳатто як салиқаи умумии хату қалам (дар алифбои арабӣ) доштанд. Деҳотӣ дар ин қатор мустасно набуд.

Аз ҳамин сол сар карда бо Деҳотӣ наздиктар ошно шудам ва солиёни дароз (то вафоти нобавақти ишон дар феврали 1962) байни мо рафоқату дӯстӣ пойдор буд. Ин дӯстӣ шояд меросӣ бошад – Деҳотиву падарам ҳанӯз дар аввалҳои солҳои сивум бо ҳам ошно будаанд.

Деҳотӣ дар Самарқанд мутаваллид шудааст. Ҳарчанд марди интеллигенти ҳозиразамон буд, аммо самарқандигарӣ дар вуҷуди вай аз ҳар самарқандӣ бештар ва равшантар намоён буд ва ин намоёнгари ҳусни изофии тинату сирати ӯ буд. Падари Деҳотӣ марди таҳсилдида набуд. Мисли бисёр мардони таҷрибаи рӯзгордида соҳиби хиради ҳаёт ва зиндагии заминӣ ва инсонӣ буд. Боғи калони обод дар маҳаллаи Боғи баланд дошт. Ин мавзеи ниҳоят хуш обу ҳавои Самарқанд дар замони Темури Ланг машҳур буд. Яке аз боғҳои дӯстдоштаи Темур бо номи Боғи баланд (мисли Боғи Зоғон, Боғи Шамол) дар ҳамин ҷо буд. Падари Деҳотӣ боғбони гулдаст буд. Хусусан дар

парвариши ангури ҳусайнии воишӣ мегӯянд ҳамто надошт. Ҳунари боғбонӣ ба Деҳотӣ ҳам меросӣ гузашта буд.

Дар аввали солҳои панҷоҳум чанд нафар аз зиёиёни шаҳр, мисли Турсунзода, Шаҳидӣ, Маъсумӣ дар наздики доманаи кӯталҳои шарқии кӯчаи Партизани сурх дар ҳамсоягии ҳамдигар ҳавлиҳои хусусӣ бино карданд. Деҳотӣ бо дастранҷи боғбонӣ ҳавлии худро ба биҳишти рӯйи замин табдил дод. Дарахтони мевадор, воишҳои токҳои самарқандӣ, сабзаҳои хӯрданӣ ва гулҳои садбарги гуногун – ин ҳама маҳсули дастони боғбонии Деҳотӣ буд, ки барои роҳати чашму ҷисм ва истироҳати худашу дӯстон арзи вуҷуд кард. Ва аъҷубаи ин ҳавлӣ вентиляторе буд, ки таноби он аз шаршараи вазъкардаи ҷӯй ба ҳаракат меомад. Дар насими ин асбоб нишаста, бо бӯи сабзаву гулҳои боғ сӯҳбати Деҳотиро гӯш кардан ва бо байтҳои шойгони ишон шаробе нӯш кардан лаззати биҳишти ин ҷаҳонӣ буд. Ин ҳама аз табъи нозуки шоирии Деҳотӣ буд. Боғаш мисли шеъраш ва шеъраш мисли боғаш буд. Бисёр набуд, аммо дилкашу дилчасп буд.

Деҳотӣ мисли устоди худ Айнӣ заҳматкаши фидоии арсаи фарҳангу илму адаб буд. Дар солҳои "қаҳтурриҷолӣ" (таъбири устод Айнӣ дар як номааш ба ман ба маънии қаҳтии одам – кадрҳои тоҷик) ба ҳар ҷабҳае, ки ёрии вай лозим буд, бо амри дил ё бо даъвати мақомоти давлатӣ барои хидмат ва иҷрои вазифаҳои муҳим мерафт. Деҳотӣ барои шогирдони хурдсол китобҳои хониши ҷолиб менавишт. Вазифаи масъулиятдори сардабири маҷаллаи бонуфзи "Тоҷикистон"-ро ба ӯҳда гирифта буд. Ин ҷо мактаби тарбияи адибони ҷавонро ташкил кард, ки ҳоло аксари онҳо аз устод ба арзи сипос ёдоварӣ мекунанд. Деҳотӣ хусусан дар соҳаи луғатсозӣ хидмат карда ва дар ин боб аз донишмандони унвондор муқаддамтар буд. Луғати русию тоҷикии нашри соли 1949 зери таҳрири ӯ аз корҳои фундаменталии илми луғатшиносии тоҷик буд. Ин луғат. аз рӯи муҳаббату эҳтиром "Деҳотуллуғот" ном гирифт ва қариб панҷоҳ сол дар истифодаи аҳли илму адаб қарор дошт. Боре шоир Ғаффор Мирзо бо чанд далелҳои бебунёд ба танқиди ин луғат бархост. Деҳотӣ сӯхта пухта ҷавоби бамаъние навишта, дар сархати он байти Бедилро гузошт:

Эй мункири кайфияти парвози магас,
Бе зина ту ҳам то ба лаби бом баро!

Деҳотӣ аз шеър сар карда буд. Ба шоирӣ фотиҳаи Айниро дар Самарқанд гирифт. Дар Самарқанд дар рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ шеърҳояш чоп мешуд. Дар аввали соли сивум ҳамчун шоири шинохта ба Сталинобод омад ва дар ҳамин ҷо то охири умр иқомат ихтиёр кард.

Деҳотӣ кам шеър менавишт, аммо хуб менавишт, дар сабку услуби "қадим". Дар ин ҷо ба сухану шакли шеъри ӯ эрод гирифтан душвор буд. Барои кӯдакон шеърҳои ниҳоят хушоҳанг бо таъбироту шеваи гуфтори бачагон иншо кардааст. Ҳикояҳои Деҳотӣ низ дар насри тоҷик мақоми хосса дошт. Забони насраш ниҳоят равшану рехта, мӯҷазу нишонрас буд. Ба назари ман чун ғазале дар қолаби наср буд. Баъзе ҳикояҳои вай дар оҳанги ҳаҷву мутоибаҳои Зошченко ва баъзеи онҳо ба мазоқи лирикии ҳикояҳои Чехов буд. Афсӯс ки мо эҷодиёти Деҳотиро дуруст наомӯхтаем ва парда аз

ниҳонхонаҳои сабку услуб ва мазомини бадеии осори вай набардоштаем.

Деҳотӣ солҳои охир ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан шукуфо буд. Дар институти забон ва адабиёт ба ҷавонони луғатшинос сабақ меомӯхт, шеъру ҳикояҳои дилнишин менавишт, ороиши маҳфилҳои адабӣ ва маҷлису нишастҳои дӯстонаш буд. Ба назар чунин менамуд, ки синни панҷоҳ оғози бороварии эҷодии вай аст. Рамзи ин шукуфоӣ ва меваҳои ширини заҳамоти ояндаи вай ҳамон зиёфате буд, ки ба муносибати синни мубораки панҷоҳаш дар боғчайи биҳиштосои худ дар охири моҳи майи соли 1961 барпо намуд. Дар ин зиёфат дӯстони ҳамсолу ҳамкораш – Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ...аз сарварони давлату ҳизб Ҷаббор Расулов, Абдулаҳад Қаҳҳоров ҳозир буданд. Дар зиёфат ҷавонон – шогирдону дастпарварони Деҳотӣ низ хеле зиёд буданд. Фазлиддин Шаҳобову Нериё Аминов, Аҳмад Бобоқулову Барно Исҳоқова, Шоиста Муллоҷоноваю Ҳанифа Мавлонова навбат ба навбат суруду таронаро ба арши аъло мерасониданд. Ҳама дар хушнудиву айшу сурур ним асри сипарӣ шудаи умри Деҳотиро хушбош мегуфтанд ва нимаи дуввуми фуруд омадаро чун олиҳаи шодӣ пешвоз мегирифтанд. Аммо...Аммо моҳҳои нимаи дуввуми умр башумур будааст. Як сол аз он базми ҷамшедӣ нагузашта дар боғчаи сармозадаву барф зеркадаи Деҳотӣ дар мотами фавти ишон ҷамъ омадем. Деҳотӣ дар охири феврали соли 1962 аз бемории на чандон вазнин ногаҳон чашм аз ҷаҳон пӯшиду рафт. Аз худ номи нек ва осори нек бозгузошт, ки имрӯз мавриди ифтихор ва ёдоварии мост.

* * *

Имрӯз чор моҳи аввалини иқомат ва таҳсили худро дар Сталинобод ба ёд меоварам. Бо вуҷуди ноҳамвории зиндагӣ, душвориҳои одат кардан ба муҳити шаҳр ва унс гирифтан бо одамони нав тадриҷан ба кор бо саргармӣ фурӯ мерафтам, аз ҳамсолон ва аҳли илму адаб ошнову рафиқ пайдо мекардам. Мақолаи аввалинам дар асоси кори дипломиам бо номи "Тадқиқоти илмии Садриддин Айнӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик" дар маҷаллаи "Шарқи сурх" ба чоп расид. Барои ҳамин маҷалла ҳикояи хеле хуби Ф. Кнореро бо номи "Модар" тарҷума кардам. Барои нашриёт қиссаи нависандаи ӯзбек Парда Турсунро ба унвони "Муаллим" дар тарҷумаи Воҳид Асрорӣ таҳрир намудам. Тарҷумаи "Қиссаи писарам" баъд аз таҳрири нашриёт ба чоп имзо шуд.

Беҳосилии омаду рафтамро ба институт дида, аз Мирзоев иҷоза гирифтаму бештари вақтамро дар китобхонаи Фирдавсӣ мегузаронидам. Он вақт китобхона дар паҳлӯи муҷассамаи ҳозираи Исмоили Сомонӣ дар ҷои иморати ҷаҳортабақаи истиқоматӣ воқеъ буд. Яке аз иморатҳои мӯҳташами солҳои сивуми пойтахт ҳисоб мешуд. Дар толори васеу хушҳаво ва дар гармои тобистон сояву сарди он хонандаҳо кам буданд. Мудири шӯъба Музаффара Қосимова – зани босавод ва хушсурату хушсирате буд аз насли занҳои ҷавони солҳои сивум. ки аз мактабу маорифи нав баҳра гирифта, ба хидмати ҷомеа роҳ ёфта буданд. Падари ӯ Абдуллоҷон Холиқзода аз равшанфикрони Самарқанд буд ва китобдӯсту китоббози ғайраз низ буд. Китобҳои нодирро ҷамъ намуда ба китобхонаҳои Тошканду Самарқанд

месупурд. Баъд аз он ки писарони вай Ғанӣ Абдулло ва Рашид Абдулло сокини Сталинобод шуданд ва духтараш Музаффара бо домодаш Қосимов низ ба ин шаҳр омаданд, омаду рафти Абдуллоҷонака ба Сталинобод бештар шуд. Дар ин сафарҳо аз Самарқанд бисёр дастнависҳои пурқиматро барои китобхонаи шаҳр меоварданд.

Дар террори соли 1937 Абдуллоҷон Холиқзода ва писарҳояш Ғанӣ ва Рашид Абдулло ҳабс шуданд. Домодҳояш Маъруф Расулӣ ва Қосимов низ ба маҳбаси НКВД афтоданд. Ҳамаи онҳо ба қатл расиданд ва фақат Ғанӣ Абдулло аз чанголи аҷал раҳоӣ ёфта, баъд аз даҳ сол ба ватан бозгашт.

Музаффарахонум бо як писару ду духтар мемонад. Дар китобхона кор мекунад ва бачаҳои хурдсолашро калон мекунад. Бист соли охири зиндагиаш бо мо ҳамсоя буд ва ба нафақа баромада, бо писару келинаш зиндагӣ мекард. То охири умр (1897 – 1992) зани ситорагарм ва хандонрӯй буд. Ман ҳамон бинои зебои китобхона ва чеҳраи маҳтобии ин занро бо айёми ҷавонии худ тавъам ба ёд меорам.

Дар охири толори калони қироатии китобхона дар ҳуҷраи на чандон калон мудири дастнависҳои шарқӣ менишаст. Ин марди миёнсол бо вақоҳати яҳудӣ, Рутберг ном дошт ва ба забони форсии тоҷикӣ хуб ҳарф мезад. Ӯ зуд маро бо каталоги дастнависҳои форсӣ ва китобҳои чопии адабиёти классикӣ ошно кард ва чанд рӯзу моҳҳо бо шавқи тамом номи китобҳоро як ба як дида баромадам ва чандин дастнависҳои ҷолибро аз назар гузаронидам. Он вақтҳо майли он доштам, ки ғазалиёти Ҷомиро мавзӯи рисолаи номзадӣ интихоб кунам. Бинобар ин куллиёти Ҷомиро чанд рӯз ба диққат хонда баромадам.

Ганҷинаи дастнависҳои китобхонаи Фирдавсӣ хеле бой буд. Ман ки бо ганҷинаи дастнависҳои Тошканд ошноӣ доштам, ба назарам чунин расид, ки аз ҷиҳати миқдор ва арзиши таърихӣ дастнависҳои ин китобхона шояд дар ҷои дуввум бошад. Омӯзиш ва феҳристсозии дастнависҳои ганҷина ҳоло шурӯъ нашуда буд. Соли 1954 тамоми захираи дастнависҳои китобхона ба ихтиёри Академия гузашт. Дар академия омӯзиши дастнависҳо ба тарзи илмӣ ба роҳ монда шуд ва феҳристҳои мураттабу илмии нусхаҳои хаттӣ аз чоп баромаданд.

Баъд аз солҳои шастуми а.г. китобхонаи Фирдавсӣ боз ба ҷамъ намудани дастнависҳои шарқӣ шурӯъ кард ва ҳоло ганҷинаи бои китобҳои чопии форсӣ ва нусхаҳои хаттии зиёд гирд омадааст. Чанде пеш феҳристи нусхаҳои хаттии китобхона мунташир шуд.

Солҳои аввалини дар ин китобхона кор карданамро ҳаргиз фаромӯш намекунам. Дар ҳамин ҷо лаззат ва шавқи бузурги дар оромии хилватгузинона хондану аз худ намудани китобҳои аз асрҳои гузашта ба мо меросмондаро ҳис кардам. Вараққои парешоне ки он солҳо дар китобхона навишта будам, имрӯз гоҳ пайдо мешаванду соатҳои беҳтарини донишандӯзиамро ба ёд меоранд. Баъдҳо Маскаву Санкт-Петербургу Самарқанду Қазону Оренбург...

Дар айни шавқу завқи машғулиятҳоям дар корҳои илмиву адабӣ ва тарҷумонӣ воқеаи аҷибе рӯй дод, ки онро ҳеч чашмдор набудам. Ин баъд аз он буд, ки ман бо мақолаву тақризу иштирокам дар маҳфилҳои адабӣ байни аҳли илму қалам эътиборе пайдо карда будам. Берун аз машғулиятҳои

аспирантура бо Иттифоқи нависандагон, мақаллаву рӯзномаҳо робитаҳои эҷодӣ доштам.

Охирҳои январи соли 1951 буд, ки Турсунзода маро даъват карда гуфт, ки дар фалон рӯз (тахминан моҳи феврал) муҳокимаи мақаллаи "Шарқи сурх"-и соли 1950 барпо мешавад ва ман ҳам дар ин мақлис иштирок кунам. Хусусан аз он сабаб ки дар яке аз шумораҳои сол мақолаам дар бораи фаолияти илмии устод Айнӣ мундариҷ аст. Фараҳу фахре буд, ки ба чунин мақлиси мӯътабари нависандагон даъват шудам.

Мақлис бегоҳ тахминан соати панҷ дар нашриёти давлатӣ дар бинои Хонаи Матбуот дар кабинети директори нашриёт Мир Нурматов (ӯро дӯстонаш Мирако мегуфтанд) барпо шуд. Аз иштироккунандагони мақлис инҳо дар ёдам мондаанд: Турсунзода (раиси мақлис), Улуғзода, Деҳотӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Миршакар, Маъсумӣ, Ҷалол Икромӣ ва аз адабиётшиносон Юрий Бобоев ва Холиқ Мирзозода. Алҳақ гули сари сабади адабиёти тоҷик ҷамъ шуда буданд. Маро ҳамчун ҷавонтарини ин маҳфил котиб таъйин карданд.

Муҳокимаи мақалла хеле ҷиддӣ ва пурмазмун мегузашт. Сухан дар бораи асарҳои насри бадеӣ, шеърҳои лирикиву манзумаҳо, очерку публистика ва мақолаҳои мунаққидону адабиётшиносон дар мавзӯъи адабиёти муосир ва классикӣ мерафт. Баробари таърифу ситоишҳо суханҳои тунду тези танқидӣ ҳам шунида мешуд. Дар ин зимн дар бораи мақолаи ман суханҳои хуб ҳам гуфта шуд. Навбати сухан ба Холиқ Мирзозода расид. Ман пеш аз ин бо мақолаву баъзе китобҳои ишон ошно будам. Дар бораи тарзу салиқаи хуби дарсхониаш ҳам дар Самарқанд бисёр шунида будам. Солҳои 1947-48 дар Институти тоҷикии шаҳри Самарқанд, ки аз тарафи Тоҷикистон таъсис гардида буд, муаллими номдори адабиёти тоҷик Мирзозода буд. Ман суханронии ӯро бори аввал мешунидам — дар воқеъ ҳам гуфтору суханронии нарму орому форам дошт. Баъд аз муқаддимае ӯ ба таҳлили мақолаи ман гузашт ва сухани вай саросар танқид ва мазаммати мақола буд. Ман сурх шудам, хиҷолат кашидам, аммо ду чизро ҳис мекардам. Аввал ин ки дар ин суханҳо ғаразе ниҳон буд. Дуввум ин ки нотиқ барои тасдиқи суханҳои муғризона фикру нуктаҳои мақоларо таҳриф мекунад. Баъд аз ду-се нотиқ Улуғзода ба сухан баромад. Хеле ором ва ба таанӣ ҳарф мезад. Дар бораи мазмун ва мӯҳтавиёти мақалла таҳлилоти хуб эрод намуд. Дар охир аз мақолаи ман сухан карда, ба тарзи қотеъ интиқоди Мирзозодаро рад намуд ва гуфт: "Бо бовари комил метавонам гӯям, ки дар байни мақолаҳои танқидиву тадқиқии мақалла дар соли 1950 мақолаи Ҳодизода аз беҳтаринҳост".

Пас аз зиёда аз панҷоҳ сол, ки аз ин воқеа гап кушодам, манзур дифоъ аз мақолаам нест. Зеро мақола дертар мавқеъ ва эрзиши худро пайдо кард. Мо ҳам бо Мирзозода оштӣ кардем ва бо ишон дар сулҳу салоҳ будем. Аҷибаш ин ки донишманде ки "Намуна"-и Айниро на бош аз тазкира арзёбӣ карда буд, баъд аз бист сол мақолае навишта, ин асарро сароғози адабиётшиносии нави тоҷик қаламдод кард. Ҳамон фикре, ки бист сол пеш дар мақолаам гуфта будам.

Солҳо гузашту баъд фаҳмидам, ки танқиди мақолаи ман дар арзёбии мақоми Айнӣ ҳамчун асосгузори адабиётшиносии нави тоҷик решаҳои амиқи иҷтимоӣ ва таърихӣ доштааст. Ин аз равияи мафкуравие неш мезад, ки

мақому нуфузи Айниро дар тараққиёти адабиёти нави тоҷик то андозае паст кунанд. Мирзозода, метавон гуфт, яке аз таблиғгарони ҳамин равияи фикрӣ буд.

Холиқ Мирзозода дар аввали солҳои шастуми а.г. дар бораи роҳҳои тараққиёти адабиёти шӯравии тоҷик ба таълифи рисолаи докторӣ шурӯъ намуд. Дар ҳамин солҳо аз рӯи маводи рисолаи докторӣ мақолаву рисолаҳои мухталиф ба чоп расонд. Аз ин мақолаву сайрҳои таърихӣ тасаввуре ҳосил мешуд, ки созандагон ва бунёдгарони адабиёти нави тоҷик Ҳамдӣ, Мунзим, Роҷӣ, Ҳоҷӣ Муини Меҳрӣ Қурбӣ ва боз чанд симоҳои на чандон дурахшон буданд ва Айнӣ ҳам дар қатори ҳаминҳо буд. Ба ибораи дигар гӯем, Айнӣ дар адабиёти нави тоҷик мавқеъ ва мақоми пешсафӣ ва бунёдгузорӣ надошт. Аз ин навиштаҳои Мирзозода фаҳмидам, ки чаро ман ҳадафи тири танқиди ӯ шуда будам. Сабаби асосии "танқид" он будааст, ки ман Айниро ҳамчун асосгузори адабиётшиносии нави тоҷик тавсиф намудаам.

Мақолаву таълифоти Мирзозода дар доираҳои расмии илму адаб шӯру норизоят барангехт. Шахсони бонуфуз, мисли Турсунзода, Брагинский, Зариф Раҷабов дар он фикр буданд, ки Мирзозодаро, ки аз шахсони маъруфи Тоҷикистон аст, ба роҳи дуруст бояд ҳидоят намуд.

Хулоса баъд аз мубоҳисаву гуфтугӯйҳои ҳизбиву рафиқона Мирзозода рисолаи докториро ба замона ва ҳақиқати таърихӣ мувофиқ карду барои дифоъ ба Шӯрои илмии Донишгоҳи ба номи Ленин пешниҳод намуд. Маҷлиси дифоъ ба оромиву сулҳ оғоз ёфт. Соҳиби рисолаву муқарризон низ бо далелу бурҳонҳои қотеъ арзиши илмии рисоларо таъйид намуданд. Дар ҳамин вақт як олими забоншиноси маъруф ва аз паси вай адабиётшиноси аз мавзӯи рисола дур (ҳар ду ҳам яҳудиёни мактаби шарқшиносии рус буданд) ба сухан баромада сатҳи илмии рисоларо сахт танқид намуданд. Ҳар дуи онҳо аз ошноёни ман буданд ва ман ҳис кардам, ки онҳо ба таҳрики кадом як бадхоҳи соҳиби рисола ин корро мекунанд. Аҷибаш ин буд, ки касе дар раддияи онҳо баромад намекунад. Ман дигар тоқат накарда ба сухан баромадам ва далелҳои бебуни онҳоро сахт рад кардам. Аз минбар фуромада, паҳлӯи Мирзозода нишастам. Мирзозода бо овози ларзони паст гуфт:

— Ташаккур, ман гумон кардам шумо ҳам аз гурӯҳи мухолифони ман ҳастед.

Дар ҷавоб чизе нагуфтам. Ва аз ҳамин лаҳза ману Мирзозода "ҷӯра шудем".

Вақте ки ба Душанбе омадам, се шахси шинохта буданд, ки сутунҳои илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб мешуданд: Абдулғанӣ Мирзоев (1908-1976), ки факултаи шарқшиносии Петербургро хатм карда, усули корҳои илмии вай дар пайравии шарқшиносии рус ташаккул ёфта буд. Аз солҳои фаолияти рӯзноманигориаш бо Бобоҷон Ғафуров дӯст буд. Баъд аз ба сари қудрат омадан Ғафуров бо Мирзоев ҳамкории илмӣ дошт ва ӯро дар мавридҳои мувофиқ ҷонибдорӣ ҳам менамуд.

Шарифҷон Ҳусейнзода (1907-1987) дар Боку ва дар факултаи шарқи солҳои сивуми Тошканд таълим гирифта буд. Холиқ Мирзозода (1911-1992) факултаи филологияи донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм намуда буд. Ҳар яки онҳо аз аввали солҳои сивуми а.г. дар соҳаи таҳқиқи масъалаҳои

таърихи адабиёти тоҷик ва тарбияи кадрҳои ҷавон хидматҳои шоиста кардаанд. Аммо дар байни онҳо созгорӣ ва ҳамкории илмӣ, гуфтан мумкин аст, вуҷуд надошт. Ва ин дар муттаҳид намудани қувваҳои илмии адабиётшиносӣ халале ворид мекард. Бо вуҷууди ин шогирдони тарбиянамудаи ин адабиётшиносон байни худ муттафиқ ва муттаҳид буданд.

Аз се тан "бузургони" мо аз Мирзозода гоҳ-гоҳе ҳодисае содир мешуд, ки чанд вақт дар атрофи ному амали ишон гуфугӯйҳои на чандон гуворо барпо мегардид. Чунончи дар солҳои нав ба Душанбе омаданам аз Мирзозода китобе ба табъ расид – маҷмаъи мавод аз таърихи адабиёти форсу тоҷик барои донишҷӯёни таҳсили ғоибона. Муаллиф аз асноду афкори бисёр муаллифон бе он ки ба онҳо ишорае ё истиноде кунад, истифода намудааст. Баъд аз чоп ин китобро на танҳо танқид карданд, балки дар атрофи он шӯру ғавғое барпо намуда, асарро ҳамчун натиҷаи сирқат қариб буд аз истифода баргиранд. Бори дигар мунтахаботи Ҳофиз бо номи Мирзозода чоп шуд. Дар ин китоб шеъри Ҳофиз ба алифбои имрӯзаи тоҷик пур аз хатову ғалатҳои фоҳиш ва шарҳи луғатҳои поварақӣ бе мувофиқат ба маънии абёт дарҷ гардида буд, Деҳотӣ дар интиқоди ин китоб мақолае навишта, дар анҷумани нависандагон низ сахт танқид кард. Чунин осори шитобзадагӣ ва саҳлангорӣ дар таълифоти ин донишманди пуркор мутаасифона кам набуд.

Мирзозода сокини боғоти Равонаки Самарқанд ва шогирди муаллим ва забоншиноси маъруф Баҳром Ҳоҷизода буд. Ҳамон Ҳоҷизодае, ки баъдҳо дар Институти педагогии Сталинобод муаллим ва муаллифи китоби дарсии наҳви тоҷикӣ буд. Мирзозода аз айёми ҷавонӣ то марҳилаи пирӣ дар Душанбе буд ва тамоми умри худро вақфи тарбияи ҷавонони арсаи адабиёт намуд. Ба ҷуз олимон шоиру нависандагони бисёр, мисли Лоиқ Шералӣ, Мастон Шералӣ, Убайд Раҷаб, Абдулҳамид Самадов Мирзозодаро устоди худ медонанд. Мирзозода ватани худ Самарқандро дӯст медошт, Равонак – боғоти хушҳавои номдорро аз ёд намебароварад. Дар факултаи тоҷикии донишгоҳи Самарқанд дар вақтҳои муайян дарс мегуфт. Солҳои охир дар боғи меросиаш иморате бино кард, ки солҳои поёни умрашро дар ҳамон ҷо гузаронад. Ниҳоят ба Самарқанд кӯчид. Ин майлу хоҳиши худи вай буд. Ин на аз хотири ранҷидан, на дардмандӣ аз қадрношиносии атрофиён буд - чунон ки Валӣ Самад дар мақолаи "пуристиробаш" хонандагонро ба гумроҳӣ андохта буд.

Дар аввали соли 1992 бо ташаббуси ин ҷониб дар Самарқанд 125-солагии Аҳзӣ таҷлил гардид. Бо хоҳиши ман Мирзозода ҳамчун яке аз аввалин тадқиқгарони Аҳзӣ дар оғози маҷлис роҷеъ ба афкор ва осори Аҳзӣ гузориши хуб кард. Ин охирин мулоқоти ман бо Мирзозода буд. Шунидам, ки соли 1993 ҷаҳонро падруд гуфтааст. Раҳматуллоҳи алаҳйи.

* * *

Мубоҳисаву танқидҳои бечо дар атрофи мақолаам фаромӯш шуданд. Ман бо машғулиятҳои таҳсили аспиратура, навиштани мақолаву тақризҳо бо супориши маҷаллаву рӯзномаҳо, бо тайёрии имтиҳонҳои номзадӣ саргарм будам. Баробари ҳамин дар ҳаёти илмиву адабӣ ва доираи маданияту

фарҳанг ҷунбиш ва тапиши бузурги набзи зиндагии пешдавандаро ҳис мекардам. Дар болои амвоҷи баҳри пурхурўши ҳаёти ҷумҳурӣ навиди таъсиси академияи илмҳо машъалае буд, ки дилу дидаҳои моро нур ато менамуд.

Ниҳоят рўзи интизорӣ расид. Чордаҳуми апрели соли 1951 расми ифтитоҳи Академияи фанҳои Тоҷикистон барпо гардид. Ин рўз ба иди миллии фарҳангу дониши халқ мубаддал шуд. Тасвири мухтасари ин ҷашн дар мактубе ки дар гармогармии воқеаҳо барои падару модарам навишта будам, ба ин зайл сабт гардидааст:

"Мехоҳам дар бораи кушода шудани Академияи фанҳо фикр ва таассуроти худро баён намоям. Ҳамаи мо, хусусан коллективи мо, рўзи кушода шудани академияро бо бесабрӣ мунтазир будем. Ниҳоят ин рўз расид... Дар ин рўз дар Сталинобод аз ҳамаи гўшаву канорҳои мамлакат одамони беҳтарин ҷамъ шуда буданд. Бинои Филиал ба тарзи шинохтанашаванда зебу зинат дода шуда буд. Зебоии фавқулодаи ин бинои мўҳташамро кайфияти идонаи одамон, алалхусус коркунони худи Академия, ҳузури одамони олим, ки аз ваҷоҳаташон дунёи ботинии наҷиб ва пурмаъниашон намудор буд ва чӣ тавре ки пешиниён мегуфтанд, "аз рўяшон нур (дар ҳақиқат нур ва чӣ гуна нур – нури заковат ва як олам илм) меборид", боз зиёдтар мекард. Табиат низ ба ин рўзи хурсандӣ мусоидат мекард. Кўчаҳои рост ва аз ду тараф бо дарахтҳои баробар расида иҳотагаштаи шаҳр, баландӣ ва кўҳсорҳои бо сабзаҳои махмалин пўшидашудаи он, майдонҳои васеъ ва хушҳавои "Москва", назди Совети Вазирон, ки пас аз борони шабона тароватаашон боз ҳам фузунтар шуда буд, - тасвир намудани ҳамаи он обу ранги гуногуни табиат аз доираи имкони тасвири қаламам (агар ин тавр ифода намудан мумкин бошад) берун аст. Хайр, ман, зоҳиран, хостам ба корҳое, ки аз истеъдоди ман берун аст, - ба нафосат ва шеърият даст занам. Хуллас 14 апрел соати 6 дар бинои театр (-и опера ва балет) тантанаи кушода шудани Академия барпо гардид. Маҳдӣ (додарам) низ тасодуфан ва хушбахтона ба иштирокнамудан дар ин ҷашни таърихӣ мушарраф шуд. Шаб хеле хуб гузашт ва яке аз лаҳзаҳои фаромўш нашавандаи ҳамаи мо гардид. Рўзи дигар дар зали маҷлисҳои Совети Олӣ давоми маҷлис барпо гардид. Хуллас, ин рўзҳо ҳоло давом доранд." 16 апрел соли 1951.

Яке аз воқеаҳои таърихи илми тоҷик ба мақоми Президенти Академияи фанҳо интихоб гардидани устод Садриддин Айнӣ буд. Ин кори бузурги таърихӣ бо пешниҳоди Бобоҷон Ғафуров сурат гирифта буд. Сирри ин воқеа дар он вақт ба ҳама набошад ҳам, дар доираҳои маҳдуд маълум буд. Дар сўҳбате, ки баъди чандин солҳои ин воқеа бо Бобоҷон Ғафуров доштем, асли моҳияти масъала барои ман ошкортар гардид. Дар воқеъ "муаллифи" ин қарордоди хирадмандона Ғафуров будааст.

Дар назари носанҷида чунин меомад, ки оё як нависандаи солхўрда, ки дар гўшаи ороми Самарқанд машғули корҳои эҷодист, роҳбарияти боргоҳи бузурги илмиро чӣ гуна метавонад ба ўҳда гирад. Аммо дар асл ин ҳама андешаҳои ботил буду бас.

Айнӣ аз ҷавонӣ дар маркази воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа буд. Дар аввали садаи бист Айнӣ аз роҳбарони ҷунбиши маорифпарварӣ буд ва ҳамроҳи чанде аз равшанфикрон дар Бухоро аввалин мактаби усули нави тоҷикиро ташкил намуд. Баъдтар дар ҳаракати зидди сохти аморат иштирок

намуд ва дар ин ҳаракат мавқеъ ва принсипҳои муайяни сиёсии худро дошт. Баъд аз инқилоби октябр бо ҳамфикрон ва ҳаммаслакон барои замина гузоштан ба маданияту адабиёти нави тоҷик хидматҳои пурсамар намуд. Дар марҳилаҳои муҳимми тақдирсози ҷумҳурӣ Айнӣ пешоҳанги ҷавонони нави равшанфикр ва мушовири роҳбарони ҳизбию давлатӣ буд. Хулосаи матлаб ин аст, ки Айнӣ баробари корҳои пурбори эҷодӣ лаҳзае аз фаолияти ташкилгарӣ ва иштирок дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа фориғ набуд. Бинобар ин ба маснади Президенти Академия интихоб гардидани Айнӣ бо фаолияти ҳамешагии иҷтимоиву сиёсии вай иртиботи қавӣ ва мантиқӣ дошт.

Дар мақоми сарвари Академияи фанҳои тозабунёди Тоҷикистон шахсе лозим буд. ки вай шӯҳрат ва маъруфияти шоиставу сазовор ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз марзҳои он дошта бошад. Дар ин вақт дар Тоҷикистон шахсе набуд, ки дар номварӣ ва мавриди эҳтироми кулл ба дараҷаи Айнӣ расида бошад. Аз ин сабаб Айнӣ дар ҷойгоҳи Президенти Академия таҷассуми тамаддуну фарҳанги тоҷикон буд

Қарор чунин буд, ки то муддате ки барои Айнӣ ҷои иқомати мувофиқ пайдо шавад, вай бо аҳли оила ва коргоҳи эҷодии худ дар Самарқанд хоҳад зист. Дар вақтҳои муайян ба Сталинобод омада, бо корҳои Академия шахсан машғул мешавад. Дар ин муддат ҷои иқомат ҳамон хонаи ҷудогонаест. ки дар бӯстонсарои шаҳрии ҳукумат ба вай тахсис шудааст.

Баъд аз чанд рӯзе ки Айнӣ бо корҳои ташкилӣ ва дохилии академия машғул буд, фурсате пайдо шуду ба ҳузури он кас барои ҳаллу фасли корҳои аспирантиам рафтам. Масъалаи асосӣ муайян намудани мавзӯъи рисолаи номзадӣ буд. Ба Айнӣ арз кардам, ки муддатест, ки ба хондани девони Ҷомӣ машғулам ва мехоҳам таҳқиқи ғазалиёти мавлоноро мавзӯъи рисолаи номзадӣ интихоб кунам. Айнӣ дар ҷавоб каме таваққуф кард ва баъд гуфт:

— Барои омӯхтан ва таҳқиқи Ҷомӣ таҷрибаи илмии шумо камӣ мекунад. Шумо бо омӯхтани адабиёти асри 19 тоҷик машғул шавед. Ин кор барои шумо мувофиқ ва барои илм зарур аст. Маслиҳати ман ин аст, ки корро аз омӯзиши тазкираҳо сар кунед. Дар вақти таълифи "Намунаи адабиёти тоҷик" баъзе аз ин тазкираҳоро аз назар гузаронида будам. Бисёр санаду ахбори тазкираҳо то имрӯз дуруст омӯхта нашудааст. Таҳқиқи ин тазкираҳо бисёр масъалаҳои адабиёти он даврро равшан мекунад. Корро сар кунед, баъд худатон ба ин мавзӯъ шавқу ҳавас пайдо мекунед.

Чунин пешниҳоди Айнӣро ҳеҷ чашм надоштам. Фусуни шеърҳои Ҷомӣ маро дар банду басти худ нигоҳ медоштанд. Роҳи адабиёти асри 19 ба назарам торик менамуд. Устод ҳанӯз мулоҳизаҳои маро нашунида, аз баъзе лаҳзаҳои ин адабиёт ҳамчун шоҳиди зинда нақлҳои ҷолиб намуд. Аз шахси соҳибони тазкира ва баъзе рӯйдодҳои рӯзгори онҳо ҳикоятҳои аҷиб оварда. Гӯш мекардаму ҳис менамудам, ки гуфтаҳои Айнӣ маро бештар ба роҳи нави ҷустуҷӯҳои илмӣ ҳидоят менамояд. Устод Айнӣ чароғе ба дасти ман медиҳад, ки ибтидои роҳи таҳқиқи ин адабиётро равшан месозад.

Аз назди Айнӣ бо азми қавӣ баромадам, ки ба омӯзиши мавзӯъи пешниҳоднамудаи ишон аз худи фардо ба кор шурӯъ мекунам. Аввалин марҳилаи кор аз ганҷинаи дастнависҳои китобхонаи Фирдавсӣ оғоз хоҳад ёфт. Аз бӯстонсарои ҳукуматӣ баромада, пиёда ба тарафи хобгоҳ роҳ гирифтам.

Ба дуродури кӯчаи росту васеъ нигоҳ мекардаму дурахше дар уфуқи оянда медидам.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲО

Имрӯз аз паси солиёни дароз ба он давр нигоҳ мекунаму мегӯям, ки дар воқеъ аввали соли панҷоҳум, оғози нимаи дуввуми қарни 20 дар таърихи ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон гардиши бузург ба сӯи равнақу ривоҷи иқтисодиву сиёсиву маънавию фарҳангӣ будааст. Дар ҳамин солҳо маҷмӯаи шеърҳои Турсунзода бо номи "Қиссаи Ҳиндустон" ба забони шоир ва сипас ба забони русӣ мунташир гашт ва аз давраи навини назми тоҷик мужда ба ҳамдиёрону ҷаҳониён дод. Дере нагузашту ду қисми аввали "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ ба ҷоизаи олитарини замон – Ҷоизаи Сталинӣ сазовор гардид. Ин воқеаи бузург нишоне аз эътирофи шӯҳрати Айнӣ ва адабиёти тоҷик дар арсаи умумиҷаҳонӣ буд.

Академияи фанҳо ҳарчанд ҷавон ва навбунёд буд, аммо чун ҳусн ва сарвати маънавӣ дороии бузург ва мавриди ифтихори миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт. Академияи фанҳо маркази неруманди муттаҳидкунандаи ҷавонони доништалаби шаҳрҳои Осиёи Миёна буд. Дар ин солҳо аз Бухоро ва махсусан аз донишгоҳи номдори Самарқанд, ҷавонони соҳибистеъдоди риштаҳои гуногуни илм ҷамъ омада буданд. Байни ин ҷавонон аз рӯи зодгоҳашон тафриқа ва ҷудой боздид намешуд. Ҳама як тану як ҷон барои ҷумҳурии Тоҷикистон илм меомӯхтанд, қувваи хирад ва заковати худро фидо менамуданд.

Муҳити умумии ҳиммату кӯшой, бедориву рӯшноии роҳи илму донишомӯзӣ ба ман ҳам бе таъсир намонд. Аз устод Айнӣ дастуру роҳнамой гирифтаму дафъатан ба кор сар кардам. Дар китобхонаи Фирдавсӣ тазкираҳои Возеҳу Афзали Пирмастиро аз рӯи чопи сангӣ хонда баромадам. Бори аввал бо нусхаи қаламии тазкираи манзуми Садри Зиё ошно шудам. Баёзу ҷунгҳои бисёр ва ниҳоят ҷолиби адабиёти ин давр як-як аз назар гузашт. Хуллас дар зарфи се моҳи заҳмати фаровон аз ганҷинаи дастнависҳои китобхонаи Фирдавсӣ ва Институти забон ва адабиёт он чи ба адабиёти қарни 19 ва аввали асри 20 тааллуқ дошт, дида баромадам.

Ҳамзамон бо ин машғулиятҳои омӯзиши адабиёти гузашта аз ҳаёти адабии ҷумҳурӣ дур ва бехабар набудам. Балки дар ҷараёни адабиёти муосир ворид будам. Ба дафтари ашъори Муҳиддин Фарҳат ва повести Толис "Ҷавонӣ" тақриз чоп кардам. Мақолаи калони проблемавие бо супориши маҷаллаи "Шарқи сурх" бо номи "Горкий ва адабиёти тоҷик" навиштам, ки дар шумораи 6 ҳамин маҷалла чоп ва аз тарафи аҳли адаб хуб истиқбол шуд. Дар маҷлисҳои адибон ва дар яке аз пленумҳо номи ман дар қатори мунаққидони адабиёти муосир борҳо зикр гардид. Ҷои пинҳон кардан нест – аз ин эътирофоти доираҳои мӯътабар фахр мекардам.

Институти забон ва адабиёт дар бинои Президиуми Академия ба фаолият идома медод. Директори Институт Абдулғанӣ Мирзоев бо ҳамон сахтгирӣ ва ваҷоҳати омирона ин муассисаро идора мекард. Нисбат ба ман дар муомила дар ҳадди эътидол буд. Медид, ки ҷиддан ва ҳамарӯза ба кор машғулам,

қонеъ буд. Бо вуҷуди он фаҳмид, ки дар нашриёт кор мекунам ва боз моҳона ҳам мегирам, қатъй талаб кард, ки зуд арза дода аз кор озод шавам.

Боре дар кӯча ба ҳам рост омадем. Салом карда гузашта рафтанӣ будам, ки маро боздошт ва бе ҳеч муқаддима гуфт:

— Ман медонам, ки шумо бисёр кор мекунед. Ин нағз, лекин ҷӯрабоз ҳам ҳастед. Ҷӯрабозӣ ба кори илмӣ сахт халал мерасонад. Имрӯз, ки зиёфати як рафиқатонро хӯрдед, пагоҳ маҷбур мешавед, ки зиёфат ташкил карда, ин ҷӯраатонро бо ҷӯраҳояш меҳмондорӣ кунед. Ҳамин хел ба доираи зиёфату ҷӯрабозӣ даромада аз кор мемонед.

Дар ҷавоб чизе нагуфтам, ки раддияи ин фикри ботил бошад. Бори аввал насиҳат мешунидам, ки тарки "ҷӯрабозӣ"-ро талқин кунад. Ҳатто Айнӣ, ки чанд бор аз тартибу танзими корҳоям насиҳатомезона сухан ба миён меовард, ба тарки "ҷӯрабозӣ" нафармуда буд. Худи ман бошам, аз овони ҷавонӣ то имрӯз, ки хатти зиндагӣ ба ҳудуди ҳаштод майл кардааст, дар соатҳои фароғат аз заҳмату гирифториҳои зиндагӣ, аз машғулиятҳои илмиву эҷодӣ лаҳзаҳои беҳтарини шодмонии ҳаёт ва фазои биҳишти ин ҷаҳонро дар сӯҳбати "ёрони ҳамдам" мебинам. Насиҳати Мирзоев шояд аз роҳи некхоҳӣ буд, аммо аз шиору фалсафаи зиндагии ман дур буд.

Бо ин ҳама сахтгирӣ ва мураккабии хислату феълу хӯи Мирзоев таҳсили аспирантура бо оромиву мусолаҳа мегузашт. Дар вазъиятҳои мураккаб ва даргирии оташи қаҳру ғазаб Мирзоев ба ман овоз баланд намекард. Масофаи эҳтироме байни мо вуҷуд дошт. Баъд аз ин ҳам дар тӯли бисту ду соли кор дар зери роҳбарии Мирзоев миёни мо низоъи хусуматомез воқеъ намешуд, ҳарчанд ихтилофҳои илмиву фикрӣ падид меомад. Дар ин хусус қиссаҳо дар пеш аст...

Аз машғулиятҳои муқаддамотӣ дар китобхонаи Фирдавсӣ натиҷа ҳосил шуд, ки барои таҳқиқу омӯзиш ҳоло осори хаттиву чопӣ ниҳоят бисёр аст. Дар Тошканд ганҷе ниҳон аст, ки на танҳо омӯхтан, балки ба он даст ёфтан фурсату заҳмати беҳадро тақозо дорад. Аз ин сабаб ҳар чи бештар бо шитобу шиддат кор кардан лозим аст. Ба ин мақсад имтиҳонҳои аспирантиро супорида, баъд аз каме истироҳат дар Самарқанд оҳанги сафари Тошканд кардам.

Дар Тошканд дар хонаи Фотимахон манзил кардам. Ду рӯзи аввал дар меҳмониву меҳмондорӣ гузашт. Баъд дар Институти дастнависҳои Академия ба кор шурӯъ кардам – ҳамон институте, ки панҷ сол пеш он ҷо чун лаборант ду моҳи тобистон кор карда будам. Дар институт чанд нафар ҳамеша дар сари кор буданд: роҳбари муассиса профессор Александр Александрович Семенов, Дмитрий Вороновский - муҳаққиқи шоистаи дастнависҳо, шогирд ва ёвари Семенов, ки ҳашт ҷилди феҳристҳои ин ганҷинаи пурбаҳо бо ширкати вай ба чоп расидааст. марде буд ҳашт соат сар набардошта кор мекард, чунон ғарқи кор буд, ки гӯё атроф барои вай вуҷуд надошт. Дигар марди лоғари шале буд, ки бо ду асобағал ба зӯр роҳ мерафт ва аз пагоҳ то бегоҳ сари кор менишаст. Ин шахс ҳамон Михаил Салйе буд, ки забону адаби арабро хуб медонист ва тарҷумаҳои бисёр аз арабӣ ба русӣ, аз ҷумла "Ҳазору як шаб" ва "Калилаву Димна" ба қалами вай тааллуқ дошт. Ва ниҳоят марди ӯзбеки китобдор буд, ки ҳамеша андаруни хоначае менишасту аз рӯи талаб

китоб меовард ва китобҳои истифодашударо аз рӯи мизҳо мебардошт. Зиёда аз як моҳ бо ҳамин марди камгапи меҳрубон сару кор доштам, вале афсӯс ки имрӯз номашро фаромӯш кардаам.

Ҳар субҳ баробари боз шудани дари институт ба кор меомадам ва чанд дақиқа пеш аз охири кор ба манзил мерафтам. Суръати кор ниҳоят тез буд. Ман, ки аз бачагӣ баробари хондани арабӣ навиштани хатро ҳам машқ карда будам, рӯбардор кардан ва мухтасар навиштани мундариҷаи дастнависҳо ба ҳуруфоти арабӣ зуд анҷом мегирифт. Институт фотолаборатория дошт ва бисёр варақҳои заруриро барои акс бардоштан медодам. Ба ҳамин тариқа метавонистам дар як рӯз чанд дастнависро дида, мӯҳтавиёти онро барои худ захира намоям. Дар хондани дастнависҳо афзалияте доштам, Дар донишгоҳи Тошканд профессор Семенов аз дарси дастнависшиносӣ лексия хонда дар хондани нусхаҳои хаттӣ таҷриба гузаронида буд. Бинобар ин хондани дастнависҳои мушкил ва шикаста бароям душвор набуд ва ин ҳам ба суръати тези кор мусоидат мекард.

Дар ин сафар аксари шарикдарсонро дидам, бо онҳо сӯҳбату маҷлисҳо оростем. Баъзе шабҳо дар хонаи Фотимахон дӯстони умумии мо – Юдаков, Левиев, Довуд Муллоқандов, Насим Ҳошим, Мардон Насим ҷамъ меомаданд ва то як поси шаб суруду мусиқӣ садо медод. Ба радио ва редаксияи "Ӯзбекистони сурх" рафтам, бо дӯстону ҳамкорони собиқ мулоқоту сӯҳбатҳо доштем. Гоҳо ба назар чунин мерасид, ки ман аз Тошканд нарафтаам, дар ҳамин шаҳр, дар ҳалқаи дӯстону бародарони дерин ҳастам. Танҳо имкони дидори Шавкат муяссар набуд. Шунидам, ки ба шавҳар додаанд.

Ҳосили заҳмати қариб якуниммоҳа афзунтар аз интизориҳо буд. Ба ҷуз он ки бо нусхаҳои хаттии тазкираҳои тавсиянамудаи устодам ошно шудам, боз чанде тазкираҳои номаълумро низ пайдо намудам, ки хеле ҷолиб ва пуразриш буданд. Гузашта аз ин зиёда аз сад девону баёзу дафтарҳои мусаввадаю рисолаву таълифоти мансурро дида баромадам, ки аз аксари онҳо қаблан нишону иттилооте ба назар нарасида буд. Аз мутоилаи ин ҳама осори маҳфуз дар ганҷинаи дастнависҳои Тошканд дар тасаввур манзараи ниҳоят пуробу ранги ҳаёти адабӣ ва киштаи пурбори адабиёти қарни 19 ва ибтидои асри 20 муҷассам гашт. Бовару эътиқоди қавӣ пайдо шуд, ки месазад кас дар омӯхтани ин адабиёт умри ҷавони худро дареғ надорад.

Баъд аз сафари Тошканд ҳиммату ҷуръат дар омӯхтани адабиёти ин давр қатъитар гардид. Фикру тааммул мекардаму ба хирадмандии Айнӣ ва пешбинии ҳассосонаи илмии ишон аҳсант мегуфтам ва шукрона мекардам, ки қазову қадар сояи ин шахси бузургу мутабарракро болои сари ман андохт:

Чун сояйи муборакат афтод бар сарам,
Давлат мусоид омаду иқбол чокарам.

Ба Самарқанд омадаму рӯзи дигар ба хидмати устод расидам. Дарро оҳиста кӯфта кушодам. Устод аз зери айнак нигоҳ карда маро шинохту дафтару қаламу сиёҳидонро ба як тараф ғундошта монд. Чунон гарму ҷӯшон ва хушҳолона пурсу пос кард, ки ҳис кардам дар воқеъ ҳам омадани маро интизорӣ доштааст. Пеш аз ҳама аз Фотимахону Мутаваккилҷон, баъд аз

Султон Умарову Семёнов пурсид. Сипас аз корҳои ман дар Тошканд. Аз натиҷаи корҳоям нақл кардам. Хусусан аз бозёфтҳои осори шоирону нависандагон зиёдтар ва ба тафсилтар ҳикоя кардам. Хабарҳои тозаи ман дар бораи тазкираҳои нотамом ва дафтарҳои мусаваддаи Мирсиддиқи Ҳашмат ва дастнависҳои нав пайдо кардаам аз Шарифҷон-махдуми Садри Зиё барои Айнӣ хеле ҷолиб буд. Ҳатто гуфт, ки дар сафари оянда барои ӯ фотокопияи "Тазкират-ул-хаттотин"-и Садри Зиёро биёрам. Дар поёни суханам таассуроти умумиамро аз муҳити адабии қарни 19 ва мероси ниҳоят бои илмиву адабии давр изҳор намудам. Айнӣ нақлҳои маро бо хушҳолӣ гӯш карду гуфт:

— Бухоро ҳарчанд кишвари ақибмонда буд, аммо муҳити илмию адабии он дар қарни 19 нисбатан равнақ дошт. Агар чунин ҷунбиши илмию адабӣ намебуд, ба арсаи таърих зуҳур кардани бузургворе мисли Аҳмади Дониш ва чандин шоиру нависандагон аз қабили Возеҳу Шоҳину Савдо номумкин буд. Аз ин сабаб шумо ба тарзи ҷиддӣ ва бо шавқу ҳавас ба омӯхтани адабиёти ин давр машғул шавед. Коре, ки дар Тошканд кардед, марҳилаи аввали омӯзиши ин адабиёт аст. Акнун бо ҳамин ғайрату ҳиммат корро давом диҳед. Умед аст, ки охири кор ба хайр мешавад.

Суханҳои устодро дуои нек қабул карда, бо дили пур аз сурур ба хона бозгаштам.

Дар Тошканд кори пурзаҳматеро анҷом додам. Аз ин корҳо метавонам ду натиҷаи назаррасро кашфиёте дар таҳқиқи адабиёти қарни 19 ва ибтидои қарни 20 арзёбӣ кунам. Кашфиёти аввал пайдо шудани тазкираҳои нотамом ва дафтару таълифоти парокандаи Мирсиддиқхони Ҳашмат буд. Он чи дар мероси хаттии ин шахс мундариҷ аст, асноду иттилооти фаровон ва бебаҳоест, ки Ҳашмат чун шоҳиди муҳити сиёсиву фарҳангии ду қарни ахир дар сафаҳоти осори худ сабт намудааст. Ин маводи пурарҷ дар захираи дастнависҳои Тошканд солҳо ба аҳли илм маълум набуд ва дар таҳқиқоти донишмандон аз он истифода нашудааст.

Мирсиддиқхон аз писарони амир Музаффар буд, ки ӯро бародараш Абдулаҳадхон соли 1885 дар вақти ба тахти аморат соҳиб шуданаш назарбанд кардааст. Мирсиддиқхон дар ҳавлиаш ба ҳукми маҳбуси хонагӣ буд. Устод Айнӣ нақл карда буд, ки вақтҳои охир Мирсиддиқхон то андозае озод буд (ҳамоно дар солҳои салтанати амир Олимхон), то он ҷо ки баъзан дар остонаи дарвозахонааш нишаста, соатҳо рафтуои мардум ва ҷунбуҷӯши кӯчаро тамошо мекард.

Мирсиддиқхон гӯшаи узлат ва танҳоии назарбандиро хуб истифода намуд. Вай, ки саводи хуб ва қобилияти таълифу иншо дошт, ба навиштани хотираҳои таърихӣ ва адабӣ машғул шуд. Номбурда хаттоти хуб ҳам буд ва чандин навъҳои хатро ба маҳорат менавишт. Бо зуҷуди ин вай на ҳамаи осорашро покнавис карда тавонистааст. Бисёр навиштаҳои ӯ дар мусаввада бо хатти шикаста маҳфузанд.

Мирсиддиқхон дар шеър ва иншои осори адабӣ Ҳашмат тахаллус мекард. Ҳарчанд дар ҳабс буд, аз вазъи замон ва муҳити адабии давр огаҳии хуб дошт. Бо бисёр адибоне, ки бо вазъи замон носозгор ва ҳатто аз амиру дарбори вай норозӣ буданд, бо Ҳашмат мукотиба ва мухобара доштанд.

Аҳмади Дониш барои Ҳашмат (амирзода - мегӯяд Дониш) нусхае аз "Наводир ул-вақоеъ"-ро китобат карда мефиристад. Дар яке аз тазкираҳои Ҳашмат порае аз "Тӯҳфаи дӯстон"-и Шоҳинро дидам, ки дар нусхаҳои дигар пайдо нест. Гуфтан мумкин аст, ин дардномаи дили Шоҳин аст, ки аз озори замон фарёдҳои ҷонсӯз мекунад ва амиру дарбориёни ӯро ба забони тунду тез мазаммат менамояд. Ин аст чанд шоҳиду санаде, ки далолат ба арзиши баланди таълифоти Ҳашмат менамояд. Ҳашмат баъд аз суқути аморат муддате дар китобхонаҳои Бухоро ифои вазифаи китобдорӣ намуда, сипас ба Афғонистон ҳиҷрат мекунад.

Кашфиёти дигари ман ба шахс ва фаолияти адабиву маъмурии Шарифҷон-махдум мутахаллис ба Садри Зиё мутааллиқ буд. Шарифҷон-махдум дар доираи ҳукумати аморат ва дар байни аҳли адабу илм аз шахсони маъруф буд. Устод Айнӣ дар таълифоти худ аз таърихи инқилоби Бухоро аз Шарифҷон-махдум ёд мекунад. Аз навиштаҳои Айнӣ чунин бармеояд, ки Шарифҷон-махдум яке аз хидматгузорони содиқ ва мӯътамади амир будааст (аз охири аҳди Абдулаҳадхон то суқути амир Олимхон дар соли 1920). Баробари ҳамин вай чун шахси бомаърифат ва илму адабпарвар бо шоиру нависандагони маъруфи замонаш, ҳатто бо онҳое, ки нисбат ба амиру аморат мухолифат доштанд, дар робитаи ҳасана ва муносибати холисона будааст. Дар баъзе осори Айнӣ ва чанде рисолаҳои илмӣ тазкираи манзуми ӯ зикр мешуд, аммо аз дигар осори муаллиф ва аҳволу мақоми ӯ ба хомӯшӣ мегузаштанд.

Дар ганҷинаи осори хаттии Тошканд таълифоти бисёре пайдо кардам, ки ба Шарифҷон-махдум мутааллиқ аст ва аксари онҳо ба хати зебои худи ӯ китобат шудааст. Дар ин таснифот маводу асноди пуразриш ва ҷолиб ҳаст, ки дар сарчашмаҳои дигар ба назар намерасад.

Дар рисолаи номзадиам "Маъхазҳои адабиёти нимаи дуввуми қарни 19-и тоҷик" дар фасли махсус аҳамияти таълифоти Садри Зиёро дар омӯзиши адабиёти давраи охирини тоҷик таъкид намудаам.

Баъд аз дифоъи рисолаи номзадӣ дар Сталинобод танҳо Мирзоев буд, ки ба тарзи қатъӣ фикри мусбат ва "кашфиёти" маро дар таҳқиқи осори Садри Зиё сахт интиқод намуд ва гӯё ба тарзи маҳрамона гуфт:

— Шумо дар рисолаатон қозӣ Шарифҷон-махдумро қариб ба осмон бардоштаед. Оё медонед, ки ин одам солҳои сивум ҳамчун душмани шӯроҳо дар таҳхонаи ГПУ мурда буд.

Ин огаҳӣ дар он вақт бимангез буд. Аммо ман худро далер гирифта гуфтам:

— Домулло, ман дар бораи Садри Зиё на ҳамчун маҳбуси сиёсӣ, балки ҳамчун адибе навиштам, ки асарҳои вай барои адабиёт қимати таърихӣ дорад.

Дар ҳамин ҷо сабаби аз назари донишмандон дур будани Садри Зиёро фаҳмидам. Сабаби ба Латифҷон-махдум табдил ёфтани Шарифҷон-махдум дар "Ёддоштҳо"-и Айнӣ дар маҷаллаи "Шарқи сурх" равшан шуд. Ин кор бо тарғиби идораи маҷалла ё дастури мақомоти ҳизбӣ ё идораҳои амниятӣ сурат гирифта буд. Дар дастнависи "Ёддоштҳо"-и Айнӣ қиссаи ба хидмати қозӣ Шарифҷон-махдум омадани муаллиф ва тасвири доираи адабии ҳавлии

қозии мазкур бо номи худи вай (яъне Шарифҷон-махдум) омадааст. Дертар Камол Айнӣ ва Муҳаммадҷон Шукуров дар нашри ҷилдҳои 6-7 Куллиёти Айнӣ ("Ёддоштҳо") номи Шарифҷон-махдумро барқарор намуданд.

Соли 1956 рисолаи номзадии худро ба чоп расонидам. Дар ин рисола фасле ба тазкираи Садри Зиё ва тарҷумаи ҳоли муаллиф тахсис шуда буд. Баъд аз тавсиф ва таснифи холисонаи осори Садри Зиё дар мавриди мавқеъи иҷтимоию сиёсии ӯ навишта будам: "Садри Зиё симои бомаърифати охири қарни 19 ва ибтидои асри 20 буд, вале ӯ ба мавқеъи шахси тараққипарвари замон, пайрави идеявии Аҳмади Дониш нарасида буд. Вай дар амал сиёсати муртаҷеонаи амири Бухороро ҷонибдорӣ мекард, ходими содиқи ду амири охирин буд. Аммо ҳамчун шахси бомаърифат ва илму адабпарвар ба шахсони пешқадами замонаш, мисли Донишу Шоҳин эҳтиром мегузошт. Вай гӯё саъй менамуд, ки миёни сохтори пӯсидаи аморат ва афкору андешаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш мусолиҳа ва мувосо вуҷуд дошта бошад. Аз аввал то охири фаолият ва маъмурият ва дар осору ақоиди худ Садри Зиё ҳамин мавқеъи духӯраи созишкоронаро пайгирӣ кардааст. (Ба қавли худи вай "аз ибтидо то интиҳо сулҳхоҳ"будааст)."

Бо чунин арзёбӣ ба таърихи адабиёт ҷой додани Садри Зиё дар солҳои 1954-56 кори саҳл набуд. Сталин вафот карда буд, аммо сояи вай дар симои Берия мунъакис буд. Дар он солҳо Муҳаммадҷон Шукуров, писари Шарифҷон-махдум, дар Институти забон ва адабиёт кор мекард. Пеш аз дифоъ ва баъдан ҳам нашунидаам, ки аз падараш ва осори боқимондаи вай ба ман чизе гуфта бошад.

Баъд аз истиқрори Тоҷикистони демократии ҳуқуқбунёд Муҳаммадҷон Шукуров аз касби асосии худ – адабиётшиносии муосир дур шуд ва ба масъалаҳои ҷомеашиносӣ гузашт. Номбурда бо тағйири фомилии худ ба Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ мақолаву рисолаҳо ба чоп расонид. Таҳлил ва интиқоди фикру андешаҳои муаллиф дар ин масъалаҳо баҳси муфассалеро тақозо дорад.

Баробари баҳси масъалаҳои навин Шакурӣ дар бораи падари худ мақолаву хотирот ва лавҳаҳои ҷудогонаи оилавиро низ интишор намуд. Бисёр маводу асноди навиштаҳои Шакурӣ барои равшан намудани баъзе ҷузъиёти тарҷумаи ҳоли Шарифҷон-махдум нақши муайян дорад. Аммо Шакурӣ дар муайян намудани мавқеъи иҷтимоӣ ва сиёсии Садри Зиё ба таҳрифу хатоҳои фоҳиш роҳ додааст. Ишон бе ҳеҷ таҳлили холисона ва бе иртибот бо авзоъи замон Садри Зиёро ба сафи маорифпарварон ва ҳатто қариб ба мақоми пешвои маорифпарварӣ гузоштааст. Шояд натиҷаи тадқиқоти Шакурӣ бошад, ки Камол Айнӣ дар муқаддимаи худ ба китоби падараш "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро" (Теҳрон, 1381) навиштааст: "Адиби бузурги тоҷик устоди зиндаёд Муҳаммад Шариф Садри Зиё...сарвари маънавии ҳавзаи адабии равшанзамирон дар шаҳри Бухорои шариф дар пеш аз инқилоби ӯктобир буд."

Сарвари маънавии "ҳавзаи равшанзамирон дар Бухорои шариф" ҳам дар вақти ҳаёташ ва ҳам баъд аз вафоташ Аҳмади Дониш буд. Устод Айнӣ – падари бузургвори Камолиддин Садриддинзода Айнӣ–ин нуктаро равшану возеҳ ва қатъиву собит борҳо такрор ба такрор гуфтааст.

Фикрҳои сустбунёд дар таҳқиқи мақом ва хидматҳои Садри Зиё бойси баҳсу талошҳо шуд. Оташи баҳс то андозае боло гирифт, ки аз рӯи баъзе навиштаҳояш, ки ба иллати маҳдудияти афкор ё ба муқтазои замон баён кардааст,имрӯз садри Зиёро ба чандин гуноҳҳо айбдор карданд. Агар мо ба гузаштагонамон аз ҳамин ҷойгоҳи айбдоркунӣ назар андозем, ҳама гунаҳкори таърих хоҳанд шуд. Агар мо таълифоти дар нафрин ва таҳқири аҳли ташаййуъ навиштаи Аҳмади Донишро хонем, ӯро ба ҳазор айби таассуб ва тафриқаандозӣ байни мусалмонон муттаҳам кардан мумкин аст. Садри Зиё дар ҷомеаи Бухорои ибтидои қарни 20 мақоми муайян дорад. Мақоми таърихии осори адабии ӯро на тамҷиду таърифҳои Шакурӣ баланд мекунад, на таҳриму тардиди муқобилони вай коҳиш медиҳад.

Мехоҳам як нуктаи муҳимро барои аҳли илму адаби имрӯз ва фардо хотиррас кунам. Садри Зиё аксари осори пураҳамияти худро аз ҳаёти сиёсиву фарҳангии замонаш баъд аз инқилоби октябр дар охири солҳои бистуми а.г. навиштааст. Пеш аз инқилоб, дар замони амир вай имкону ҷуръат надошт, ки ба ин мазмуну ба ин назар осори худро таълиф кунад. Мо бояд Садри Зиёи давраи аморат ва солҳои баъд аз инқилобро тамйиз диҳем.

Аз соли 1951 сар карда бисту панҷ - сӣ солро ба омӯзишу таҳқиқи адабиёти қарни 19 ва ибтидои асри 20 сарф кардам. Ин адабиёт ва бисёр чеҳраҳои хуҷастаи он як пораи тақдири ман, як марҳилаи зиндагии ман гаштааст. Аз ин ҷост ки дар бораи ин адабиёт ва симоҳои барҷастаи он суханҳои носанҷида ва бе баркаш гуфтаи ноогаҳонро ором ва бе посух гӯш карда наметавонам.

Бозмегардам ба давоми нақли худ. Қаноатмандии Айнӣ аз ҳосили кор маро ба давом додани таҳқиқоти адабиёти қарни 19 далер кард. Аз сӯҳбату суханҳои устод ба падару модарам ҳикоят кардам. Падар ба тамкину оромӣ гӯш кард. Модарам ба ҳаяҷон омад магар, ки дар чашмонаш ашк пайдо шуду гуфт:

— Домулло Айнӣ одами табарруку худоназаркарда ҳастанд. Валӣ гӯем мешавад. Марҳамату иноияти худо будааст, ки туро ба ин ҳел одам наздик кардааст. Ҳазор бор ба худо шукр кун. Агар аз пасашон гардӣ, паи қадами он касро зер карда рав, ки корат бобаракт шавад.

Моҳи сентябрро дар Самарқанд гузаронидам. Сентабр – моҳи мизон, аввали тирамоҳ – вақти беҳтарини фасл аст. Гармои тобистон паст мешавад, аз чӯйҳои Шаҳру Мӯлиёну рудхонаи Дарғом ва ҳатто аз дарёи дури Зарафшон бодҳои форам бӯйҳои обҳои равонро ба машом расонида, ҷисми касро тозаву неруманд мекунанд. Боғоти атрофи Самарқанд бо либоси нави зарандуди тирамоҳ ороста мешавад. Қатраборонҳо чун раҳмати илоҳӣ гоҳе фурӯ рехта, пайкари арӯсонаи боғҳоро шуставу пурҷило менамоянд. Анҷирҳои Боғи Баланд мисли гӯшвораю даствонаҳои тиллоӣ дар панҷаҳои баргони дарахтон ба нозу карашма хандида, шуморо ба сӯи худ мехонанд. Ангурҳои кишмишу ҳусайнӣ дар чӯяҳои ток ва шоххои воиш ба сони фонусҳои каҳрабоӣ чашмҳоро оромишу роҳат медиҳанд

Моҳи сентабр сайёҳони бисёр аз шаҳру ноҳияҳои Ӯзбекистон ва самарқандиёни муқими шаҳрҳою вилоятҳои дигар барои “анҷирхӯрӣ” меоянд. Аз бомдод бозори анҷир метафсад. Боғибаландиён дар сабадҳои калон анҷирҳои ширачӯшу зарпошро ба ҳам чида саф ба саф дар паси тахтасангҳои

бозор ба рухсораи арғувонӣ ва хандон бо гапҳои ширин ба анҷирхӯрӣ даъват мекунанд. Аксари сайёҳон анҷирро дар баргҳои паҳни махмалии дарахти анҷир андохта, ба чойхона мераванду дар сӯҳбати ширину қарин нӯши ҷон мекунанд. Худи самарқандиён анҷирро ба зарфҳо гирифта, ба хона мебаранду бо аҳли байт ношитои саҳарӣ мекунанд.

Дар фасли тирамоҳ оби тираву гилолуди Зарафшон софу зулол мешавад. Тамоми ҷӯю ҷӯйборҳо, ки аз Зарафшон об мегиранд, мисли чашмаҳои кӯҳӣ мусаффо мешавад. Аз ин панҷоҳ - шаст сол пеш ҷӯи шаҳру ҳавзҳои гузарҳо аз оби Зарафшон ранги зуммурад мегирифтанд. Афсӯс ки имрӯз на оби ҷӯи шаҳр ҳасту на оби ҳавзҳо! Осмони софу беғубори сабзгуни шаҳр сафою таровати дилфиреби Самарқандро имрӯз ҳам ҳифозат мекунад. Осмоне, ки аз дасти таарруз дур аст!

Моҳи октябр, ки ба Сталинобод расидам, ҷӯшу хурӯши мавсими пахтачинӣ буд. Хурду калон, донишҷӯю муаллимон, коргарону хидматчиёни идораҳо ҳама барои ғундоштани ҳосили "тиллои сафед" ба майдонҳои пахта мебаромаданд. Ин ҳаракати "умумихалқӣ" барои ман падидаи нав набуд. Дар Тошканд ҳам аҳвол ҳамин буд. Мо, кормандони радиоро рӯзҳои истироҳат (ва гоҳо кор ҳам) пахтачинӣ мебурданд. Аз торикии бомдод то фаро расидани шом сар боло накарда пахта мечидем, то ҳиссаи худро ба марра расонем. Ин меҳнати ғуломона буд.

Нисбат ба ҳоли "ғуломонаи" Тошканд пахтачинии мо, аспирантон ва кормандони Академия, сайру гашти озод ва истироҳати хуб дар ҳавои софу тозаи саҳро буд. Роҳбарони колхозу совхоз аз ёрии мо мамнун буданд ва баъзан музди корамонро ҳамон рӯз нақд ба дастамон медоданд.

Азму нияти идома додани кори илмӣ бо шароити номусоиди зиндагӣ рӯёрӯй шуд. Шароити хобгоҳ барои машғулиятҳои илмӣ тамоман мувофиқ набуд. Маводу иқтибосот, фотонусхаҳои дастнависҳо ҳамчунон дар папкаву ҷузъгирҳо бекор мехобиданд – соату фурсати осуда даст намедод, ки онҳоро ба тартибу танзим оварда, тарҳи рисолаи ояндаро муайян кунам. Гузашта аз ин дар адабиётшиноси тоҷик тадқиқоти ҷиддӣ ва мутахассисе набуд, ки дар пайравии онҳо кор бандам. Хулоса, кори илмӣ муддате мавқуф монд.

Бо вуҷуди ин ҳама ноҳамвориҳо бекор набудам.

Маро ба тарҷумаи асарҳои бадеӣ ҷалб мекарданд. Дар ин кор тарғибгари аввал Ҳабиб Аҳрорӣ буд. Вай як сол пеш ба вазифаи сармуҳаррири нашриёти давлатӣ таъйин шуда буд. Аз он ҷо ки тарҷумонҳои касбӣ кам буданд ва банда каму беш дар тарҷума малака доштам. Аҳрорӣ тарҷумаи асарҳои ҷиддӣ ва ҳатто классикиро ба ман ҳавола мекард. Ман ҳам аз рӯи "ҷӯрагӣ" ва ҳам барои таъмини зиндагии бо рафоҳият пешниҳоди Аҳрориро рад намекардам. Паси ҳам ба тарҷумаи қиссаи Гогол "Помешчикони қадима", "Хотираҳои шикорчӣ"-и Тургенев ва асари Виктор Ҳюго "Рӯзи охирини шахси маҳкумшуда" машғул гаштам. Бо ёрони нави нашриётӣ ва ҳамсӯҳбатони бухориву кӯлобиву зарафшонӣ маҷлису базмҳои нишоту ишрат – албата дар доираи одоби муошират гузаштагонамон - барпо мекардем. Ҳоло он лаҳзаву соатҳоро ба лаззату пазмонии дилангез ба ёд меорам. Маълум мешавад, ки рӯзҳо беҳуда нагузаштаанд, балки нақши равшане дар дилҳо боқӣ гузоштаанд.

Аз дӯстони ношир Николай Албертович Сталин бо ёди нек дар хотир

мондааст. На танҳо бо номи машҳури худ. Мо нашунида будем, ки шахсе дар дунё номи доҳии ягонаро фомили худ карда бошад. Намедонистем ва намепурсидем, ки ин фомилро чӣ гуна интихоб намудааст, чӣ тавр шудааст, ки дар пеши ҳайбати Сталин фомили худро тағйир надодааст.

Николай Албертович ходими кӯҳан ва кордидаи матбуот ва нашриёти тоҷик буд. Солҳои сол вазифаи муовини директори нашриётро дар риштаи чопу табъи китоб чобукдастона ва покизакорона иҷро мекард. Бомдод аз ҳама пеш ба кор меомад ва дар болои миз варақи хурди коғазро мегузошту ба хати зебои дона-донааш тартиби корҳои рӯзонаро бо соату дақиқа ва маҳалли иҷрояш менавишт. Сӯҳбаташ бо ходимони нашриёт мухтасар, дақиқ ва равшан буд. Агар касе гапи зиёдатӣ гуфтанӣ бошад мегуфт:

— Давайте ребята за дело, поговорим, пошутим после работы.

Гуфташ дуруст буд. Баъд аз кор, рӯзҳои истироҳату таътил ва хусусан дар айёми иду ҷашнҳо дар маъракаву сӯҳбатҳо часпону ҷӯшон буд. Бо хурду калон баробар буд. Бо мо – Ҳабиб Аҳрорӣ, Мидҳат Беҳбудӣ, Шарифи Шараф – сӯҳбату майгусориро дӯст медошт. Сархуш мешуд, аммо ҳушёр буд. Агар гапи хунуке аз касе сар занад, мегуфт:

— Ребята, спокойно, давайте не будем портить наше прекрасное небо!

Гоҳо ба сӯҳбатҳои дӯстон бо завҷаи меҳрубону сухандонаш Даря Георгиевна меомад. Маҷлис боз ҳам гармтару рангинтар мешуд. Зану шавҳар дар хонаи худ барои дӯстон зиёфатҳои олӣ меоростанд. Ғизоҳои лазизу хушгувор, алалхусус меҳрубониву самимияташон чанд рӯзҳо бори зиндагиро бар дӯши мо сабук мекард.

Николай Албертович Сталин соли 1931 баъд аз хатми институти полиграфии Ленинград бо чавонони ҳамсабақаш ба Душанбе фиристода шуда буд. Шариконаш як-яку ним сол кор карда, ба ҷоҳои дигар рафтанд. Ба Николай Албертович ин шаҳру одамони вай аз аввал писанд омаданд. Қарор дод, ки дар ҳамин ҷо иқомат ихтиёр кунад. Ӯ зиёда аз чил сол умри худро ба кори нашру табъи китобҳои тоҷикӣ вақф намуд. Дар ин муддат бо адибони номӣ, олимони машҳури тоҷик, бо ходимони матбуоти нави тоҷик дӯсту бародар шуд. Даҳҳо чавонони ноширии тоҷикро тарбия намуд. Аз шогирдон Ҳабиб Аҳрориро хеле дӯст медошт. Ба ман меҳри падарона дошт. Соле ки дар Маскав дар аспирантура таҳсил мекардам, аз ҳоли маишии ман ҳамеша бохабар буд, агар гонораре бошад, худаш шахсан ба расиданаш ёрӣ менамуд.

Николай Албертович соли 1973 дар синни 75 сол аз олам гузашт. Ҳаёти ӯ, хидмати ҷонсупоронаи вай барои нашриёти тоҷик чун намунаи ибрат дар хотирҳо хоҳад монд.

Аз дӯстони ношир ва шахсони доираи Николай Албертович мехоҳам Ҳабиб Аҳрориро ин ҷо ёд кунам. Вай дар воқеъ чун инсон ва ҳамчун ходими варзидаи маданияти мо мақоми шоиста дорад. Аз тарбиятёфтагони мактаби машҳури Абдулқодири Шакурӣ дар Самарқанд буд. Саводи хати форсӣ, забони тоҷикиаш пухта буд. Дар аввали солҳои сивум ба Сталинобод омада, дар нашриёти давлатӣ дар вазифаҳои мусаҳҳеҳ, мошинканавис ва муҳаррири техникӣ кор мекунад. Ҳамзамон бо мадади адибону ноширони ботаҷриба як-ду асари хурди русиро ба тоҷикӣ мегардонад. Дере намегузараду ба

Аҳрорӣ тарҷумаи асарҳои калонтарро ҳам месупоранд. Аҳрорӣ ду асари маъруфи адабиёти русро ба забони тоҷикӣ хеле хуб тарҷума мекунад: яке афсонаи "Калидчаи тилло ё саргузашти Буратино" – навиштаи Алексей Толстой ва дигар қиссаи Гогол дар бораи низоъи Иван Иванович ва Иван Никифорович. Ин тарҷумаҳо Аҳрориро ба сафи тарҷумонҳои мӯътабар ва мӯътарафи тоҷик гузошт.

Забони тоҷикии Аҳрорӣ хуб буд. Вале худаш медонист, ки дониши забони русиаш барои касби тарҷумонӣ кофӣ ва пухта нест. Вай барои таҳсили забону адабиёти рус ба факултаи русии Институти педагогии Тошканд дохил мешавад. Институтро ки тамом мекунад, ҷанг сар мешавад ва Аҳрорӣ ба фронт меравад. Майдони ҷанг барои Аҳрорӣ на танҳо саҳҷиши ҷанговарӣ, балки мактаби хуби омӯзиши забони халқӣ, солдатӣ, деҳотии русӣ низ гардид. Вақте ки Аҳрорӣ латифаҳои халқии русиро ба гӯиши мардумӣ нақл мекард, симоҳои мардуми оддии рус аз "Хотираҳойи шикорчӣ"-и Тургенев ба ёдам меомад,

Баъд аз ҷанг Аҳрорӣ ба Тошканд омад. Дар радио ба вазифаи муҳаррири барномаҳои иҷтимоию сиёсӣ ба кор даромад. Аҷибаш ин ки дар радио ногаҳон пайдо шуд. Ӯразаев маро даъват карда, Аҳрориро чун муҳаррири нави тоҷикӣ шинос кард. Дар ҳамин ҷо Аҳрории "зиндаро" бори аввал дидам. Дидори аввалин дебочаи дӯстиву бародарии мо дар тӯли солиёни дароз гардид.

Аҳрорӣ хушсурат буд. Қомати на чандон боло, аммо мавзуну мутаносиб дошт. Бо чашмони сиёҳаш ба рӯи кас бо диққати меҳрогин ва каме табассуми нозук нигоҳ мекард. Либосаш озодаву шинам буд. Ба таанӣ, ба одоби хушу дилкаш, садои пасти равшан сухан мекард. Дар маҷлиси дӯстон мисли шамъ буд. Хомӯш менишаст, арбада намекард, аммо аз зарофату латифаҳои дилчаспаш дилу дидаи аҳбоб равшан мешуд.

Дар кори идора ва дар эҷоди тарҷума ниҳоят пуркор, ҷонсупор ва бурдбор буд. Шитоб намекард, шабҳо бедорхоб буд, аз луғату фарҳангҳо заррачинӣ мекард, то як калимаву ибораи дилхоҳашро ба даст дарорад. Тарҷумонҳои пулпарасту пулшуморро бад медид.

Аҳрориро баъд аз ду сол ба Сталинобод даъват карданд. Ба ӯ тарҷумаи эпопеяи Лев Толстой "Ҷанг ва сулҳ"-ро супориданд. Кори мушкиле буд. Ҳама гумон мекарданд, ки Аҳрорӣ акнун миллионер мешавад, аммо вай корро ба ҳавсала, муҳаббати том мекард. Тангии рӯзгор ҳис карда мешуд, вале шитоб намекард. "Пул гуфта дар пеши рӯҳи ин бузургвор дар гуноҳи азим намонам",- мегуфт Аҳрорӣ.

Аҳрорӣ дар даҳ-понздах соли охири умраш шӯъбаи тарҷумаи Институти таърихи партияи коммунистии Тоҷикистонро сарпарастӣ мекард. Кори асосии шӯъба ба забони тоҷикӣ баргардонидани асарҳои Ленин буд. Баъд аз ба сари кор омадани Аҳрорӣ сифату услуби тарҷумаи асарҳои Ленин хеле хуб шуд. Гузашта аз ин Аҳрорӣ дар атрофи худ ҷавонони мустаиду доноро ҷамъ карда, ба онҳо дарси тарҷумонӣ омӯхт. Ба ин тартиб Аҳрорӣ тавонист мактаби нави тарҷумониро бунёд намояд.

Аҳрорӣ дар кор ва ташкили кор шахси сахтгир, қатъӣ. собит ва қавиирода буд. Аммо дар зинадагии шахсиаш дар хати мутақобила буд. Ба ин сабаб зиндагии шахсии худро ба он тарзе ки мехост, бино карда натавонист. Вай

ду додари ятим мондаашро бо меҳру дилбастагии аз ҳад зиёд тарбия кард, хононд. Аммо бо меҳру дилбастагии ифротӣ онҳоро аз роҳи марговари майзадагӣ баргардонида натавонист. Марги фоҷеаноки ҳар ду додар зарбаи сахти зиндагии Аҳрорӣ шуд. Ӯ модарашро сахт дӯст медошт ва бениҳоят эҳтиром мекард. Ҳамин дӯстдориву поси хотир буд, ки ба ҳукми равои модар муқобил истода наметавонист. Дар натиҷа натавонист ҳамдами зиндагӣ пайдо кунаду саодати оилавӣ созад. Хурсандии ягонаи ҳаёт ва тасаллии дили шикастааш духтараш Ситора буд, ки бо вай ҳам дуруст ҳамнишинӣ надошт. Ҳамин Ситора имрӯз дар осмони ёди Аҳрорӣ медурахшад, шамъи хотири падарро равшан медорад.

Ин номаро дар бораи дӯст ва бародари фақидам чунин хотима медиҳам, ки вай – Ҳабиб Аҳрорӣ бо вуҷуди ноҳамвориҳои зиндагӣ дар ҳаёти мадании мо аз чеҳраҳои дурахшон буд. Худо ба подоши нек раҳмат намояд.

ШИНОСОЙ БО БУХОРИЁНИ СТАЛИНОБОД

Шиносоии аввалин ва бештаринам бо Бухоро ба тавассути бухориёни тошкандӣ ба вуқӯъ пайваста буд. Дар Сталинобод ҳам ҳукми тақдир чунин шуд. Сабабе пеш омаду бо бухориёни шаҳр ошно шудам, ба муҳити онҳо роҳ ёфтам. Ба ин восита Бухоро дар тасаввурам боз ҳам наздиктару қаринтар гардид. Мусаббиби роҳ ёфтанам ба муҳити бухориёни Сталинобод хонадони Шаҳобовҳо ва пеш аз ҳама Фазлиддин Шаҳобов буд.

Дар Тошканд аз Фотимахону Мутаваккилҷон гоҳо номи Фазлиддин Шаҳобовро мешунидам, ки бо меҳру муҳаббати хосса ба забон мегирифтанд. Мутаваккил аз солҳои таҳсили ҳарду дар Маскав ва Фотимахон аз зиндагии якҷояи оилаи Шаҳобову бухориён дар шаҳри кӯҳнаи Тошканд ҳикоят мекарданд.

Соли 1947 моҳи феврал буд. Бегоҳ ба радио ба иҷрои вазифа омадам. Ба студия надаромада будам, ки Фотимахон телефон кард. Гуфт, ки Шаҳобов ба Тошканд омадааст имшаб бо Шоҳназар Соҳибов дар хонаи ӯ меҳмон мешавад. Таъйин кард, ки баъд аз кор ҳатман биёям. Ҳамон бегоҳ дар консерт Саодат Қобилова иштирок дошт. Ӯро низ бо иҷозаи Фотимахон ба меҳмонӣ даъват кардам. Саодат ба ҷону дил пазируфт.

Омадем, ки Шаҳобову Соҳибов саргарми сӯҳбат буданд. Шаҳобов маро гӯё солҳо мешиносад, ниҳоят дӯстона ва ба одобу тавозӯи "классикӣ" истиқбол намуд. Сӯҳбати мо зуд гарм шуд. Ба суруду навои танбӯр гузаштанд. Ду хонандаи мумтози номдор бе такаллуф шашмақомхонӣ мекарданд, Саодати навёдгир далер шуда сурудҳои тоҷикиашро мехонд. Мо ду шунаванда аз садои сеҳрангез ва навои танбӯр маст будем, ба худ меболидем, ки ин шаби муборакро Худованд насиби мо гардонд.

Баъд аз солҳо маълум шуд, ки он шаб барои Шаҳобов ва мусиқии Шашмақоми мо низ муборак будааст. Шаҳобов бо тарғиби Бобоҷон Ғафуров барои ба Сталинобод ташвиқ намудани Шоҳназар Соҳибов омада будааст. Дар Сталинобод нақшаи ба нота сабт намудани "Шашмақом" омода будааст.

Баъд аз омадан ба Сталинобод бо Шаҳобов бештар дар радио мулоқот доштем. Кумитаи радио он вақт дар бинои дутабақаи хурд дар кӯчаи

Свириденко воқеъ буд. Шаҳобов дар ҳуҷрае ба ҳайси роҳбари бадей ва сармуҳаррири бахши мусиқӣ ифои вазифа мекард. Мулоқотҳои мо бештар, дӯстонатар ва пурмазмуну аз ду тараф ҳам гармтару ҷолибтар мешуд. Рафта – рафта байни мо тарҳи садоқату самимияти бародарона пайдо шуд. Баъд аз издивоҷ ба додарзодаи ишон мо як оилаву як авлод шудем.

Шаҳобов аз чеҳраҳои дурахшони фарҳанги мусиқии тоҷик буд. Дар симову хислат ва эҷодиёти пургустариш ва рангоранги мусиқии ӯ суннату анъанаҳои маданияти гузашта ва рӯҳи тозаву навсозии ҳаёти маънавии ҷомеаи мо таҷассуми комил дошт.

Шаҳобов бухориюласл буд. Падараш Абдураҳим аз муллобачаҳои кӯлобӣ буд, ки баъд аз хатми мадраса муқими Бухоро ва мударрис шуд. Бо тахаллуси Аҷзӣ шеър мегуфт ва чун шоир дар тазкираи Афзал омадааст. Аз ин ҷост, ки завқи шеър ва шавқи адабдӯстӣ дар Шаҳобов ирсӣ буд. Шеърро хуб мехонд, дӯст медошт ва бо мусиқӣ хуб пайваст мекард.

Мусиқии классикӣ ва оҳангҳои Шашмақом аз туфулият дар атрофи Шаҳобов садо медод. Овози ҳофизони машҳур дар фазои Бухоро шунида мешуд. Ғайр аз ин таъои Фазлиддини ҷавон Ғуломҷони Изомӣ танбӯрро хуб менавохт ва устоди аввалини танбӯрӣ ҳамин шахси шеършиносу хаттоти мумтоз буд. Хулоса, суннату анъанаҳои мусиқӣ дар раги ҷисму дар рӯҳи Шаҳобов аз кӯдакӣ ҷой гирифта буд.

Баъд аз инқилоб дар Бухоро мактаби мусиқӣ кушода шуд. Шаҳобов шогирди мактаби нав буд. Дар ин мактаб усули тозаи омӯзиш, ҳисси навсозӣ ва навофариниро ба шогирдон талқин менамуданд. Аз ин ҷо роҳи Шаҳобов ба фаро гирифтани усул ва тарзи навини мусиқӣ шурӯъ шуд. Баъд аз ин солҳои 29 - 30 дар Самарқанд дар мактаби мусиқӣ аз ходимони номӣ Миронов ва Успенский Шаҳобов бо унсурҳои мусиқии муосир ва бо усули маданияти мусиқии урупой ошно шуд. Ҳамаи ин заминае буд, ки Шаҳобов дар эҷодиёти оҳангсозӣ ва равнақи маданияти мусиқии муосири тоҷик анъанаву суннат ва равияи навоварио бо муваффақият ҷорӣ намояд.

Шаҳобов бе шак эҷодкори хулдодди мусиқӣ буд. Баробари ҳамин вай дар муттаҳид ва тарбия намудани истеъдодҳои ҷавон, дар сохтани ҳамбастагиву ҳамкории устодони "Шашмақом" қобилияти нодире дошт. Дар мақоми роҳбари қисми мусиқии радиои тоҷик сатҳи баланди барномаҳои мусиқиро таъмин намуд, дар равнақи маданияти мусиқии муосир ва ҳифозату таблиғи мероси бузурги мусиқии классикии Шашмақом хидмати калон ва беназир намуд. Дар радиои тоҷик эҳёи Шашмақом ва ҷамъ омадани ҳофизони Шашмақомхон пеш аз ҳама ташаббус ва хидмати бедареғи Шаҳобов буд. Дар нотанависии Шашмақом низ Шаҳобов ҳиммату ғайрати фавқулодда ба харҷ дод. Ташвиқу обрӯи Шаҳобов буд, ки Бобоқул Файзуллоев аз Бухоро ва Шоҳназар Соҳибов аз Тошканд ба Сталинобод омаданд. Дар ин кори бузург ба ҳайси роҳбари ташкилкунанда Шаҳобовро интихоб намудани Бобоҷон Ғафуров гувоҳи мудаббирӣ ва хирадмандии шоистаи таҳсини ин шахс аст. Натиҷаи кори Шашмақомро асрҳову наслҳои оянда ба арзи ташаккуру мамнуният пос хоҳанд дошт. Аз рӯи ҳаққоният буд, ки ҳукумати ҷумҳурӣ ансамбли Шашмақоми радиоро соли 1991 ба номи Шаҳобов сазовор донист.

Шаҳобов ҳофизи мумтоз ва беҳтар аз ҳама танбӯрии нотакрор буд. Дар замони Шаҳобов ва имрӯз ҳам танбӯриеро дар сатҳи маҳорати номбурда намедонем.

Шаҳобов назарияи сохтори Шашмақомро хуб медонист. Сӯҳбатҳое, ки ӯ роҷеъ ба Шашмақом пеш аз консерт ба воситаи радио созмон дода буд, гуфтан мумкин аст, муқаддимаи рӯй овардан ба назарияи мусиқии классикии мо буд. Вай бо забони фасеҳу равшан иншо мекард. Бо вуҷуди ҳамин аз рӯи эҳтиёт ва покизакорӣ бо ин ҷониб машварат мекард ва матни сӯҳбатро ҳамроҳ аз назар мегузаронидем. Имрӯз навиштаҳои Шаҳобов барои Шашмақомшиносон маводи гаронбаҳоест, ки дар таҳқиқи илмиашон аз он истифода мебаранд.

Шаҳобов ҳамчун инсони комил барои фарзандон ва шогирдонаш намунаи ибрат буд. Дар вай суннатҳои беҳтарини ашрофи бухорӣ ва хислатҳои навини зиёии муосир таҷассум ёфта буд. Дар гуфтор ва рафтор дар ниҳояти назокат буд. Ман надидаам, ки вай касеро ба гапи дурушт ранҷонида бошад. Баръакс худ аз нотарошидагии дигарон ва беодобии баъзе атрофиёнаш озор медид. Дар меҳмондориву дастурхондорӣ назир надошт. Таомҳои нодири бухоро ва ширинихои хонагии классикӣ бо суханҳои дилнишин ва суруду танбӯрҳояш дар хотири ҳар меҳмони даргоҳаш солҳо боқӣ мемонд.

Дар охири солҳои шастуми а.г. Шаҳобов аз маъмурияти роҳбарӣ каме озод шуда, азм кард, ки сурудҳои яккачини Шашмақомро бо танбӯр ба сарояндагони мумтоз омӯзаду дар кассет сабт намояд. Тобистони соли 1968 дар гармои тобистон бо ғайрати саршор ҳамроҳи Аҳмад Бобоқулов ва Барно Исҳоқова ба кор шурӯъ кард. Аз рафти кор хеле қонеъ буд ва мегуфт, ки агар саломат даст диҳад, дар як – ду сол хеле корҳоро анҷом додан мумкин аст. Чанд сурудро бо танбӯр ва овози Аҳмаду Барно дар лента сабт намуд.

Кор хуб мерафт. Аммо... аммо афсӯс ки рӯзе дар болои кор сактаи дил рух доду дар хона бистарӣ шуд. Корҳо нотамом монд...Беморӣ тӯл кашид ва мураккабтару вазнинтар мешуд. Дигар ӯро маҷоли аз беморӣ бархостан даст надод. Ду – се суруд бо овози хонандагони номбурда боқӣ монд, ки имрӯз ҳам садо медиҳаду моро мафтун месозад.

Соли 1972 китоби панҷилдаи "Шашмақом" сазовори ҷоизаи Рӯдакӣ гардид. Аз муаллифони ин асари фундаменталӣ танҳо Шаҳобов зинда буд, ки нишону гувоҳномаи ҷоизаро худ ба дасташ гирифт. Дар бистари беморӣ расидан ба ин қадршиносӣ баробари эҳсос намудани нафаси исавӣ буд, барои вай муждаи ҷовидонӣ буд. Эҳтимол ӯ фикр карда бошад, ки "бале, як умри ба мусиқӣ вақф намудаам, беҳуда нагузаштааст, акнун метавон ба оромӣ ин ҷаҳонро падруд гуфтан...

Якуми феврали соли 1974 Фазлиддин Шаҳобов чашм аз ҷаҳон пӯшид. Дар Маскав будам, натавонистам ба маросими дафнаш бирасам. Омадам, тӯдаи хоки мақбараашро зиёрат карда, алвидоъ гуфтам. Аз як тан шахси шоистаи ҳаёти худ ҷудо мондам. Аммо ӯ барои ман зиндааст ва ҳар гоҳ ба рӯҳи муборакаш оёте чанд аз Қуръони маҷид тиловат мекунаму пеши назар ӯро мебинам...

Шаҳобов даричае кушод, ки ба муҳити бухориёни Сталинобод роҳ ёбам. Бухориёни муқими Сталинобод аксар дар охири солҳои 20 – 30 а.г. баъд аз

ташкили Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мустақил дар ҳайъати давлати бузурги шӯравӣ омада буданд. Қисми зиёди бухориёни муҳоҷир аз аҳли зиё бо ихтиёри худ, бо амри дил ва иддае бо роҳхати идораҳои ҳизбию давлатии Маскав ё Тошканд омада буданд. Равшанфикрони бухорӣ, ки дар диёри худ барои равнақи маданияту забону адаби тоҷик шароити мусоиде намедиданд ва ҳатто ба маҳдудият ва таъқибҳо рӯёрӯй мешуданд, ташкили Тоҷикистонро чун озодии миллӣ бо шодиву сурур ва ифтихору сарафрозӣ пазируфтанд. Дар ин солҳо дар Душанбе зиёёни тоҷики Самарқанд, инчунин шаҳрҳои дигари Тоҷикистону Ӯзбекистон ҷамъ омада буданд. Онҳо ҷою манзилҳои ободи аҷдодии худро гузошта, дар ин деҳи нообод якҷоя бо равшанфикрон ва ходимони давлатии камшумори маҳаллӣ ба сохтмони ҷумҳурии нав камар бастанд. Шароити зиндагӣ душвор буд, вале ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ мушкилҳоро осон мекард. Дар ҳамин солҳо пояҳои аввалини давлат, маданият ва забону адабиёти навини тоҷик тарҳрезӣ гардид. Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Аббос Ализода, аз ҷавонҳо Пайрав Сулаймонӣ, Ҷалол Икромӣ дар Сталинобод иқомат ихтиёр намуда, дар бунёди маданият ва ҳаёти нави маънавии тоҷикон фаолона ширкат намуданд. Ҳунарпешагони барҷастаи Бухоро мисли Ҳомид Маҳмудов, Миркарим Саидов, Файзулло Исматов, Адолат Боситова, София Тӯйбоева, Саломат Ғозибекова, Аслӣ Бурҳонов, Латиф Латифов, Ҳикмат Раҳматуллоев ва дигарон дар поягузории санъати драмавии тоҷик саҳми калон гузоштанд.

Дар солҳои панҷоҳум бисёр шахсони шинохта аз зумра ва дудаи бухориёни солҳои сӣ дар маснади корҳои давлатӣ ва ҳизбӣ буданд: Саида Холиқова – котиби кумитаи марказии ҳизби коммунистӣ, Ҳакимзода - вазири маданият ва пас вазири маориф, файласуфи шинохтаи тоҷик Мӯсо Раҷабов – вазири маданият, Абӯбакр Умаров – узви хайъати Суди олии Тоҷикистон, - Рауф Болтаев ва Солеҳ Ғуломов сарварони рӯзнома ва нашрияҳои давлатӣ... ин номҳоро боз идома додан мумкин аст, илло ки сухан тӯл мекашад. Афсӯс ки имрӯз аз ин шахсони намоён лоақал дар энсиклопедияи тоҷик нишоне наёфтам.

Умури таъмин ва фурӯши молҳои саноатӣ ва озуқавории шаҳр дар ӯҳдаи ду нафар марди бухорӣ – Мӯҳсинҷон Ҳасанов ва Сиддиқҷон Аминов буд. Мӯҳсинҷон Ҳасанов бештар дар сӯҳбати шоиру нависандагон ва Сиддиқҷон Аминов бо аҳли мусиқиву овозхонон ҳамнишину мӯънис буд.

Баъд аз ошноӣ бо бародари Фазлиддин Шаҳобов – Бариддин Шаҳобов доираи шиносони ман аз бухориёни сталинободӣ васеътар шуд. Бадриддин Шаҳобов (1905-1969) писари Шаҳобиддин-маҳдуми муударрис буд. Баъд аз фавти падараш тарбиятгари ӯ Мулло Абдураҳими хатлонӣ падари Фазлиддин шуд. Шаҳобов аз падари дуввуми худ ба номи "қиблагоҳӣ" бо эҳтиром ёдовар мешуд ва номи ӯро ба фомили худ илҳоқ карда буд. Дар ин ҷо падари дуввуми вай низ нақши муайян дошт.

Бадриддин Шаҳобов пеш аз инқилоб ва дар аввали солҳои бистуми а.г. аз Ҳаким Муҳаммад Амин - табиб ва дорусози машҳури Бухоро таълими илми тиб мегирад. Муҳаммад Амин забони русӣ ва лотиниро хуб медонист ва ба тахаллуси Амин шеър ҳам мегуфт. Устод Айнӣ дар бораи Амин дар "Намунаи адабиёти тоҷик" зикри хайр дарҷ сохтааст (саҳ. 221). Муҳаммад Амин баробари таълими илми тиб завқи шеъру шеърнависиро ба шогирдаш

талқин карда буд. Шеърдӯстӣ ва шеърнависии Бадриддин Шаҳобов, ба назарам аз ҳамон вақт маншаъ гирифта буд.

Шаҳобов дар солҳои охири бистуми а.г. дониши худро дар донишкадаҳои тиббӣ такмил медиҳад ва ба сифати духтури бемориҳои пӯст дар Бухоро хидмат мекунад. Дар аввали солҳои сивум, ки дар Бухоро ба мударрисзодагону қозибачагон таъқибу таҳдид зиёд мешавад, Шаҳобов бо тарғиби хеши наздикаш бо модару зану фарзандон ба Сталинобод кӯч мебандад. То охири умр сокини ҳамин шаҳр мегардад.

Бадриддин Шаҳобов дар табобату ташкили табобатгоҳҳои бемориҳои пӯст хидмати зиёд карда ва ба ин муносибат ба номи Духтури хидматнишондода шарафёб шуда буд. Баробари ҳамин табъи шоирӣ дошт, бо тахаллуси Ҳаким ғазалу мувашшаҳҳо менавишт. Аз осори шоирони давраи охирини Бухоро бисёр шеър медонист, аз рӯзгору ҳолоти онҳо ҳикоятҳои ҷолиб мекард. Дар бораи Бухоро, урфу одати мардум нақлҳои аҷибе мекард, ки аз бухориёни тошкандӣ камтар шунида будам.

Духтур Шаҳобов (ишонро дӯстону ҳамшаҳриён бештар ба лақаби "духтур" ё "махсум" ном мегирифтанд) тағоӣ дошт ба номи Ғуломҷон Изомӣ, ки ҳар сол як - ду бор барои дидани ҷиянҳо ва ёру дӯстони бухорияш ба меҳмонӣ меомад ва аксари вақт дар ҳавлии духтур меистод. Ин шахси босаводи таҳсили мадраса дида баъд аз инқилоб муаллим буд. Дар аввали солҳои бистуми а.г.ду сол дар Самарқанд иқомат дошт. Бо Айнию Фитрат ошно буда ва гоҳо мусаввадаи асарҳои онҳоро ба хати ҷалии арабӣ барои чоп покнавис мекард. Изомӣ дар воқеъ хаттоти хуб, дар китобшиносиву шинохти дастнависҳо моҳир ва солҳои сол дар китобхонаи Бухоро мудири шӯъбаи дастнависҳо буд. Изомӣ муҳити равшанфикрони аввали қарни 20 ва тафсилоти зиндагии чанде олиму донишмандон ва урфу одати мардуми шаҳрро хуб медонист. Аз донистаҳои худ на ҳамеша ва на бо ҳар кас ҳавсалаю шавқи гуфтор дошт. Аммо ба ман нақлу ҳикоятҳои аҷиб мекард. Ҳаргоҳ таъкид менамуд, ки "шумо ин гапҳоро мефаҳмед, гуфтаҳоям шояд вақте ба кор ояд." Дар воқеъ ҳам нақлҳои Изомӣ дар таълифоти ман дар бораи Бухорову одамони он хеле судманд буд.

Духтур Шаҳобов дар кӯчаи Озодии занон (ҳоло ба номи Фазлиддин Шаҳобов) ҳавлие бино карда, танҳо дар ҳолати таҷрид зиндагӣ мекард. Ҳамсараш бо ду духтараш дар манзили дигар иқомат дошт. Духтур танҳо истода наметавонист. Дар ҳавлӣ қариб муттасил дӯстони наздик, аз ҷумла ёру ошно ва хешовандони бухорӣ, шоиру ҳофизон ҷамъ меомаданд. Сӯҳбатҳои ширини шеърхониву базлагӯиҳои дилнишин барпо мешуд. Гоҳо базму маҷлисҳо аз сурудҳои Бобоқул Файзуллоев ва танини танбӯри Фазлиддин Шаҳобов гарм мешуд. Бӯйҳои иштиҳогири палаву шӯрбоҳои суннатии Бухоро ба машом хуш мерасид. Худи духтур таомпазӣ он тараф истад, ҳатто дар оташи газ ҳавсалаи чой ҷӯшондан надошт. Рузе соатҳои даҳи чошт омадам. Табъи духтур хира буд. Каме нишаста будем. ки амаки Ҳоҷӣ ном хешаш омад. Духтур шикваомез гуфт:

— Ибӣ, амаки Ҳоҷӣ кучо будед? Аз ташнагӣ ҳалқам коқ шуд, барака ёбед як чойи талх дам кунед.

Дар ҳамсоягии духтур Шаҳобов хонаводаи калони бухорӣ мезист.

Сарвари хонадон пиразани тахминан ҳафтодсола буд, ки хешу табор, фарзанду наберагон, ошнову ҳамсояҳо ӯро "Бибиҷон" мегуфтанд. Бибиҷон пиразани ситорагарм, хушгуфтор, маҳмоннавоз ва дар оила сарвари ҳукмфармо буд. Писари дӯстдоштааш Сиддиқҷон (Аминов) ба ҷуз он ки бибиҷонро аз ҷиҳати моддиву молӣ бе каму кост таъмин мекард, қариб ҳамеша дар назди ӯ буд. Келину домодҳо, духтару писар ва ҳатто наберагон чун парвона гирди Бибиҷон пар мезаданд ва ба маслиҳату машварати ӯ кор мебастанд. Ҳавлии Бибиҷон дар воқеъ як гӯшайи Бухоро буд. Урфу одат, муомилаву хулқу рафтор ва хусусан гуфтору оҳанги сухан ҳама ба тарзи бухорӣ буд. Тасаввуроти аввалини ман дар бораи шаҳри Бухоро гуфтан мумкин аст аз хонадони Бибиҷон ба вуҷуд омада буд.

Кори илмию тадқиқоти давраи аспирантура бо Бухоро алоқаманд буд. Аз мутолиа ва ковишҳои осори хаттӣ муҳити маънавию фарҳангии Бухоро пеши назар чун мусаввараи рангин ҷилвагар мешуд. Ошной ва унсу муошират бо бухориёни сталинободӣ Бухороро ба ман наздиктар кард. Агар ба тарзи мустаор гӯям, дар Тошканд бухориёни театри Ҳамзаро аз нав "бухорӣ" кардам, дар сурате ки дар асари ошной бо бухориёни Сталинобод худ қариб "бухорӣ" шудам. Ин на танҳо истиора, балки то андозае амри воқеъ низ шуд. Сурати воқеа чунин аст.

Дар як зиёфати хонадонии Шаҳобовҳо, ман ҳамсари ояндаи худ, духтари хурдии духтур Шаҳобовро дидам. Дар қатори дигарон ӯро шиносониданд. Хонандаи клосси охирини мактаби миёнаи шаҳр. Дар рафти зиёфат бо тамкину хомӯшӣ ҳамроҳи модар бештар аз ҳама ба хидмати меҳмонон мекӯшид. Пас аз ин боре чанд дар кӯчаву ҷамъиятҳо бо ин духтар мулоқот иттифоқ меафтод. Ҳар бор ҳис мекардам. ки духтар оташе дар дили ман афрӯхтааст ва майли маро ба Бухорову бухориён зиёдтар мекунад.

Зиндагӣ ва корҳои илмиву адабии ман торафт рангинтару ҷолибтару пурмазмунтар мешуд. Лекин дар навиштани рисолаи номзадӣ душвориҳо пеш омад. Дар Сталинобод донишманди ба мавзӯъи рисола алоқаманде набуд, ки бо вай машварат кунам. Илова бар ин дастнависҳои ганҷинаҳои Ленинград ва китобҳои нашри Эронро дар китобхонаҳои Маскав надида будам. Қарор додам. ки ба сафари илмии Маскаву Ленинград равам, шояд ки кушоиши кор рух намояд.

Дар нимаи апрели соли 1952 устод Айнӣ барои гузаронидани маҷлиси солонаи Академия ба Сталинобод омад. Фурсате даст доду ба мулоқоташ рафтам. Аз нияти сафари Маскаву Ленинград гап кушодам. Устод нияти маро писандид, гуфт. ки ба институт мефармояд ба муддати зарура сафари илмии маро таъмин намоянд. Аз назди устод шоду хуррам баромадам, гӯё бол бароряму худи ҳозир ба Маскав парвоз кунам.

Чанд рӯз маводи ҷамъкардаи худро дида баромадам. Дар Маскав ва Ленинград чӣ корҳоро анҷом додан лозим аст, муайян намуда, дар коғазҳо сабт намудам. Дар тадоруки сафар рӯзҳо мегузашт. Боре барои дидор назди Маъсумӣ ба Институти педагогӣ рафтагор шудам. Ҳанӯз ба институт нарасида аз дур симои ошнои духтаре намоён гашт. Зуд шинохтам. Духтари духтур Шаҳобов – Баширахон андешамандона бо сари хам меояд. Маро намедид ё нодида гирифт. Наздик омада буд, ки салом кардам. Мулоқот

ногаҳонӣ буд, зуд саломе доду гузашта рафтанӣ буд, ки пурсидам:

— Аз мактаб меоед? Имтиҳонҳо сар шуд?

Баширахон бозистоду шармгинона гуфт:

— Охири моҳи май сар мешавад.

— Хайр, ба кадом мактаби олӣ рафтанӣ ҳастед?

— Ба Маскав ба МГУ (Донишгоҳи давлатии Маскав)рафтанӣ ҳастам.

— Ман ҳам шояд барои давом додани таҳсил ба Маскав равам. – ва беихтиёр илова намудам: – дар он ҷо шуморо меёбам.

Аз ин гапи ногаҳонӣ дар рухсорааш сурхӣ дамиду чизе нагуфт.

Бо ҳам хайру хуш кардем. Ба роҳам рафтам.

САФАР БА МАСКАВУ ЛЕНИНГРАД

Ниҳоят рӯзи сафар фаро расид – 15 маи соли 1952. Дар он солҳо сафари Маскав барои ҳар кас воқеаи калон ва барои ман воқеаи фавқулодда буд. Ба шарафи сафар қариб бист нафар шарику рафиқон се соат пеш аз ҳаракати поезд гирди мизи зиёфат ҷамъ омаданд. Ҳама табрик мекарданд ва сафари хушу бо баракат орзу менамуданд. Баъд аз ин ҳангомаҳо қариби шом маро то вагони панҷум, ки вагони беҳтарини нарму муҷаҳҳаз буд, гусел намуданд. Аз таку дави рӯзона хаста шуда ва хумори май низ сустӣ оварда буд, ба ҷогаҳи тару тоза ва нарм даромада роҳат хобидам.

Рӯзи дигар субҳ ҳамкупеҳо бо ҳам шинос шудем. Роҳ ки панҷ рӯз тӯл мекашид, шинохти ҳамсафарон зарур буд. Ҳоло ҳамаи ҳамсафарон дар ёд намондаанд. Фақат як нафаре, ки аз вазорати сохтмон буду бо улфату шӯхмизоҷиаш писанди ҳама гардид ва дигар ҷавонзани рус, сокини Маскав, ки ба Сталинобод сафари хидматӣ доштааст ба ман қаблан сифати шаҳру ҷоҳои ҷолиби онро нақл мекард, дар ёд мондаанд. Манзараҳои саҳрои қазоқ бо баҳори сабзи махмалин ва талу кӯталҳои рангоранг ниҳоят зебову дилрабо ба назар мерасид. Дар стансияҳои шаҳрҳои калон мардуми қазоқ моро бо нозу неъмат ва мурооти ғизову молҳои худ ҳамчун меҳмонҳои ҷонӣ пешвоз мегирифтанд. Ҳар як шаҳр, ҳар як шаҳраку аули қазоқ тамошои аҷиби расму оин ва тарзи зисту зиндагонии сокинони ҷумҳурии калону гуногунманзар буд.

Пас аз гузаштан аз Оренбург фазои рус, шаҳрҳои ободу заминҳои нопайдоканори Россия намои нав, намои дилкушо ва дилрабоеро дар назар ҷилва медод. Аз болои замини пурсарват ва саховатманди рус, ки аз осори шоиру нависандагони бузургаш дар оинаи хаёл мутасаввир мегашт, баробари чарҳҳои қатора ба шодиву сурур шитобон меравам. Аз ҷавонзани рус гоҳо аз театру музейҳои шаҳр суол мекардам. Шавқу ҳаваси маро нисбат ба шаҳри худ дида бо тафсил ба суолҳоям ҷавоб мегуфт.

Ба Маскав наздик мешудем. Ҷавонзани рус гуфт, ки инак то Маскав сад километр роҳ мондааст ва ҳоло минтақаи зеботарини атрофи Маскав – минтақаи бӯстонсароҳову бешаҳои бекарон шурӯъ мешавад. Аз тирезаи вагон пеши назар дар воқеъ манзараҳое падидор мегашт, ки бори аввал медидам. Бешаҳои сабзу хуррами дарахтони сар ба фалак кашидаи санавбару тусҳои танасафед ва дар зери сояи баргу шохаҳо иморатҳои

дутабақаву сетабақа аз чӯбҳои рангорангу кандакорӣ паи ҳам гузашта мерафт. Тамоми табиат бо суръати поезд дар ҳаракат буд ва моро ба сӯи Маскав мебурд.

Поезд ба шаҳр дохил шуд ва қад-қади кӯчаву иморатҳои пурҳашамат ҳаракат мекард. Ниҳоят дар яке аз роҳҳои вокзали Қазон таваққуф намуд. Аз вагон баромадам. Маро духтари хурдии устод Айнӣ - Лутфия мебоист пешвоз гирад. Аммо вай ба назар наменомуд. Дар дил ҳавл пайдо шуд, ки дар шаҳри калони ношинос оё ба кучо меравам. Ногаҳон Лутфияро аз дур дидам, ки давон ба тарафи мо меояд.

— Мебахшед, аз дарс дер баромадам. Ҳозир ба метро даромада ба кӯчаи Малая Бронная ба хобгоҳи аспирантон меравем. Ваъда карданд, ки барои шумо ҷой меёбанд.

Лутфия маро ба метро, ба стансияи Комсомол роҳнамой кард. Аз соли 1936, ки Ҷаъфархон-амакам аз Маскав аксҳои метроро ба савғотӣ оварда буданд, дар орзуи дидани ин шаҳри зеризаминӣ будам. Инак имрӯз сайри шаҳрро аз метро сар мекунам. Издиҳоми бузурги мардум, ки бо шитобу саросемагӣ давону тозон қадам мезаданд, як намои аҷибу ғариб буд. Омадани поезд, кушода шудани дарҳову дар як мижа задан баромадани мусофирон ва баъд даромадани анбӯҳи мусофирони дигар аҷоибу ғароиб буд. Баъд ба автобус савор шуда, ба Малая Бронная раҳсипар шудем. Дар ин кӯчаи қадими шаҳр яке аз хобгоҳҳои беҳтарини академия воқеъ гашта ва дар он аспирантҳои хатмкунандаи таҳсил зиндагӣ мекарданд.

Лутфия гуфт, ки аспиранти Институти кимиё Нӯъмонов ваъда кардааст, ки барои чанд рӯз бароям манзиле омода мекунад. Дар аввал аз рӯи фомилӣ ин шахсро нашинохтам. Баъд аз он ки Нӯъмоновро суроғ карда ёфтем, шинохтам, ки ин кас ҳамон Эшонхон аст, ки соли 1947 дар сафари Сталинобод бо ҳам шинос шуда будем. Он вақт вай як сол пеш аз сафи армия баъд аз иштирок дар ҷангҳои зидди фашистону ҷопунҳо ба Сталинобод ба назди ягона хоҳараш Марҳабохон – ҳамсари Зиёдуллохон Шаҳидӣ омада, ҳамроҳи онҳо зиндагӣ мекард. Ҳоло дар Институти кимиёи органикӣ таҳсили аспирантураро ба охир расонида, дар арафаи дифои рисолаи номзадӣ будааст.

Эшонхон Нӯъмонов гуфт, ки коменданти хобгоҳро ба гап даровард, ба муддати ду шабу ду рӯз ҷой гирифтааст. Дар ду рӯз дар хонаи ягон кас ба иҷора манзил гирифтан мумкин аст. Дар ду рӯз бо ҷавонони тоҷик шинос шудам, ки ҳамаи онҳо рисолаҳои номзадиро ба охир расонида, барои дифоъ омодагӣ мебинанд. Эшонхон гуфт, ки корҳои вай низ ба охир расидааст ва пас аз чанд рӯз – шояд дар рӯзҳои дар Маскав будани ман – рисолаашро ба ҳимоя пешниҳод кунад.

Баъд аз ду рӯз дар кӯчаи Болшая Козихинская наздик ба майдони Пушкин дар хонаи пиразане ҷои хоб пайдо карда ва паспортро аз қайди милиса гузаронида (дар он солҳои баъди ҷанг ин масъала хеле сахт буд), сокини қонунии муваққатии Маскав шудам. Акнун озодона метавонам дар китобхонаҳо ба машғулияти худ шурӯъ кунам ва дар рӯзӯ соатҳои фароғат ба тамошои музею театр ва консертҳо равам.

Музейҳои Ленин, ба номи Пушкин, Николай Островский (романҳои "Пӯлод чӣ гуна обу тоб ёфтааст" ва "Зодагони тӯфон"-и нависандаи фалаҷи ноҷунбони

нобиноро солҳои пеш бо шавқи калон хонда будам), Лев Тостой... Дар он солҳо музеи ниҳоят машҳур ва овозадору мавриди зиёрат (бале зиёрат, на тамошо!) музее буд назди майдони Пушкин, ки дар он тӯҳфаҳои ба Сталин омада ба шарафи ҷашни 75-солагӣ ба намоиш гузошта шуда буд. Дар қатори дуру дарози мардум дар навбат истода, ба мӯзей даромадам. Музеи ниҳоят пуршукӯҳ, пуриздиҳом ва пур аз анвои чизҳои гаронбаҳову нодиракорона: аз дастгоҳҳои бузурги корхонаҳо то донаи биринҷ, ки дар он деҳқони ҳинду табрики ҷашнро ба кандакорӣ сабт кардааст...Рӯзе ба тарафи Майдони сурх рафта, аз паси тақрибан ҳазор нафар зоирон навбат гирифта, мақбараи Ленинро тавоф кардам. Лекин ба тамошои театрҳо даст наёфтам, ба ҷуз он ки рӯзе тасодуфан билет пайдо карда, операи "Евгений Онегин"-ро бо иштироки Лемешев гӯш кардам.

Чанд рӯз дар китобхонаи Ленин кор кардам. Дар толори машҳури илмии рақами 3 нишаста ва дар хомӯшии бузургворонаи ин боргоҳи маънавиёт худро дар осмони ҳафтуми саодати шарафу бахтёрӣ ҳис мекардам. Китобҳои зарурироро мисли лабташнагони ба соҳили дарё расида мехондам, дар дафтарҳо сабт менамудам. Рӯзҳои вомондагию лоилоҷиро дар корҳои худ фаромӯш мекардам. Боварию эътиқод ба ояндаи корҳо қавитар мешуд.

Баъд аз чанд рӯз Эшонхон маро ҳамроҳи худ ба Институт ба маҷлиси ҳимояи рисолаи номзадиаш бурд. Дар толори равшану хушҳаво тақрибан бист - сӣ нафар олимони пиру ҷавон ҷамъ омада буданд. Чанд нафар ҷавонони тоҷик - дӯстони Эшонхон низ ҳозир буданд.

Раиси маҷлис марди солхӯрдаи хеле бардам маҷлисро кушод ва аз рӯи расмиятҳои муқаррарӣ баъд аз чанд суханҳои муқаддамотӣ навбати сухан ба Эшонхон расид. Бо вуҷуди он ки далеру равшан гап мезад, дар садояш ҳаяҷон эҳсос мегардид. Дар аввал бо диққат суханони ӯро гӯш кардам, вале ҳангоме ки ба баёноти масъалаҳои мураккаби кимиё гузашт, ба хаёлоти дунёи дигар гузаштам. Ҷиддият ва шукӯҳи маҷлис боргоҳи олие буд, ки ба он бо покиву риёзат дохил шудан мумкин аст. Эшонхон ҳам бо заҳмату риёзат ба умқу асрори илм расидааст, ки имрӯз дар ҳалқаи поктинатони ҷаҳони илму дониш аз он чи ки онҳо омӯхтаанд, арзи шогирдона мекунад. Оё маро ҳам муяссар мегардад, ки дар чунин доираи озодагони илм аз чунин минбари муборак ҳарфе чанд бигӯям. Оё ин кай ва дар куҷо воқеъ мегардад?

Маҷлис қариб ду соат давом кард. Ҳама ба як овоз Эшонхонро сазовори унвони номзади илм донистанд. Эшонхон дар ошхонаи Институт зиёфати хурде низ ороста буд. Дар зиёфат аксар дӯстону ҳамдиёрон буданд. Баъд аз зиёфат соатҳои ҳафти бегоҳ ману Эшонхон бо троллейбус ба манзил роҳ гирифтем. Аз троллейбус пиёда шудем. Эшонхон гуфт:

— Расулхон, аз рӯзе ки омадед, бо ташвишҳо банд шуда дуруст сӯҳбат накардем. Ба хаёлам ҳозир фурсату соати хуб омад. Биёед ба кулбачаи ман рафта камтар чақчақ кунем.

То бевақтии шаб сӯҳбати мо гарм шуд. Эшонхон аз талхиҳои айёми ҷавонӣ, солҳои таҳсилаш дар Самарқанду Хуҷанд, аз набардҳои майдони ҷанг ҳикоят мекард. Ниҳоят аз ду соли охири хондану зиндагиаш дар Маскав бо хушҳолӣ гуфт:

— Расулхон, ман чӣ будани илму ба чӣ тарз омӯхтани илмро дар Маскав

фаҳмидам. Агар илоҷу имкон пайдо кунед, ду соли боқимондаи таҳсилатонро дар Маскав гузаронед. Ин ҷо муҳити илмӣ, дараҷаи таълиму таҳсил хеле баланд аст. Шояд вақте меояду ба ҳамин дараҷа мерасем, лекин ҳозир бояд аз мактаби илми Маскав гузарем, то ки баъдан усулу методҳои онро дар худамон ҷорӣ кунем. Бо директоратон ва албатта бо роҳбаратон домулло Айнӣ машварат кунед, онҳо бе гап шуморо ба Маскав мефиристанд.

Ман ба манзилам бозгаштам. Соҳибхона чой дам карда омад. Чои гарми ширин хастагиҳои рӯз ва заъфи шаробро рафъ намуд. Дар бистари хоб то хеле вақт гапҳои Эшонхон фикри маро машғул медошт. Шахсе, ки аз ман чанд пероҳан пештар даронидааст ва пасту баланди рӯзгорро бештар дидааст, беҳуда гап намезанад.

Ба Эшонхон бовар доштам. На танҳо барои он ки имрӯз пеши устодони худ ба мартабаи баланди илмӣ ноил гашт. Балки медонистам, ки ӯ ба боргоҳи илм ба осонӣ роҳ наёфтааст. Аз роҳҳои печидаи душвори зиндагӣ гузаштааст, солҳои маҳрумият ва сахтиҳои бепадариро паси сар кардааст. Аз қиссаҳои ҷавонии вай каме хабар доштам. Дар бораи бобою падару амакаш аз падарам баъзе нақлҳо шунида будам. Модарам аз рӯзгори модари Эшонхон, ки бачаҳои бе падар мондаашро ба "нӯги сӯзан" бо заҳмату эҳтиёҷмандиҳо ба воя расонидааст, қиссаҳои дилсӯзона карда буд.

Шиносой ва мулоқотҳои аввалине, ки дар Маскав бо Эшонхон доштем, дертар ба дӯстии пур аз самимияту муҳаббат гузашт. Вақтҳои охир мехостам дар бораи қисмати талхи хонадони Эшонхон ва роҳи ба илму ҳаёти саодатманд тай кардаи ӯ қиссае нависам. Фурсате пайдо намешуд. Ниҳоят исрор намудам, ки чанд рӯз дар соатҳои муайян бо ҳам нишинему воқеаҳои хонадони онҳоро мухтасар навишта гирам. Саргузашти ин оила инъикоси тақдири табақаи муайяни ҷомеаи мо мебошад. Чанд рӯз баъд аз кор дар ҳавлии ӯ нишастем, он кас мегуфту ман менавиштам. Аз шиддати воқеаҳо ҳар ду хаста мешудем. Ҳамсараш Ҳанифабону таом меовард. Эшонхон аз хона қадаҳе чанд арақ мебароварад. Мехӯрдему каме таскину оромиш меёфтем. Боз ташвишу гирифториҳо пеш омаду кори мо қатъ гардид. Дере нагузашту воқеахои даҳшатангези соли 1992 рух дод. Эшонхон, ки барои озодиву бахти халқ дар ҷанг хун рехта буд, кушторҳои беҳудаву бемаънии халқашро дида, дуд аз димоғаш мебаромад. Бемории дилаш шиддат мегирифт. Ва ногаҳон шаби моҳи декабр аз ҷаҳон чашм пӯшид.

Баъд аз як моҳи фавти Эшонхон ҳамсараш дафтареро дод, гуфт, ки шодравон вақтҳои охир қиссаи зиндагиашро дар ҳамин дафтар менавиштааст. Дафтарро гирифтаму чанд рӯз хати ниҳоят душвори арабиашро хонда баромадам. Қиссаи рӯзгори ӯро ба риштаи таълиф кашидам, ба чоп расондам. Он чи донишманди маъруф то охири умр рӯзҳои талхи зиндагиашро чун дарди ниҳон дар дил нигоҳ медошт, ба дӯстон ошкор шуду меҳри вай дар қалбҳо боз зиёдтар гардид. Мухтасари қисса чунин аст.

Бобои Эшонхон Усмонхоҷаи самарқандӣ аз авлоди хоҷагони ҷомафурӯш (дӯкондор) пеш аз инқилоб дар гузари Даҳбедӣ ҳавлии калони дарун берун ва дар растаи баззозони (фурӯшандагони матоъу қумош) назди Чорсу дӯкон дошт. Баъд аз инқилоб ҳам ба ҳамин кораш идома медод. Писари калонии Усмонхоҷа - Нӯъмонхоҷа (падари Эшонхон) низ дӯконе кушода, дар

ҳамсоягии падар ба тиҷорат машғул мешавад. Писари хурдии Усмонхоҷа – Вафохоҷа дар мактабҳои нав ба таълиму тарбия машғул мешавад. Рафта-рафта Вафохоҷа дар сафи муаллимони пешқадам барои мактабу маорифи тоҷик хидматҳои калон карда, ба номи Муаллими хидматнишондода сазовор шуд. Вафохоҷа бо падарам ҳамкасб ва дӯсти наздик буд ва бо хонадони мо робитаҳои наздики рафту омад дошт. Дар солҳои охири ҳаёташ ин ҷониб борҳо бо вай мулоқоту сӯҳбатҳо доштам.

То охири солҳои бистум оилаи Усмонхоҷа дар сояи сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП) осоишта ва дар рафоҳият зиндагӣ мекард. Тиҷорат хуб мерафт ва ҳамчун шахсони диндору порсо дар ибодату иҷрои расму оини динӣ озод ва бе озор буданд. Осудагӣ дер давом накард. Ин ҷо қиссаро аз забони Эшонхон иқтибос мекунам:

"Хуллас соли1929 омад. Рӯзҳои тирамоҳ фаранҷипартоии занҳо сар шуд. Яке аз рӯзҳо падар аз кор бозгаштанд. Модарам рӯяшонро бо рӯймол печонида, аз кӯча ба хона баргаштанд. Фаранҷипартоии занҳо, баста шудану манъ гардидани масҷидҳо, андозҳои калони пардохташон имконнопазир падарро ба фикре овардааст, ки замона кофиристон шуд ва дар ин мамлакат мусулмонӣ ғайри қонуни давлат аст. Аз ҳамин сабаб падар дар охири соли 1929 ба Афғонистон рафтанд. Дар ҳақиқат сари соли 1930 дӯкон ва ҳавлии мо мусодира шуд ва мо панҷ фарзанд ва модарам дар кӯча мондем.

Он рӯзҳо ман мактаби ибтидоиро тамом карда, дигар имкони хондан надоштам. Аз ҳеч куҷо даромад набуд. Як ҳамгузари камбағаламон мо, хоҷабачагонро, бо модарамон дар ҳавлии берунаш ҷо дод. Ман маҷбур будам, ки дар кӯчаву бозорҳо обфурӯшӣ кунам. Рӯзҳои зимистон бомҳои мардумро аз барф тоза мекардам. Музди корам нон, пул ё либоси кӯҳна буд. Дигар ҳунар надоштам. Модарам камзӯлча медӯхтанд, хоҳари калониам шогирдашон буданд."

Дар айни лоилоҷиву дармондагӣ шахсе аз Афғонистон меояд, худро ошнову дӯсти Нӯъмонхоҷа муаррифӣ мекунад ва мегӯяд, ки омадааст, то бо хоҳиши падарашон онҳоро ба Афғонистон расонад. Модари дар роҳ монда ба гапи шахси ношинос бовар мекунад ва панҷ фарзанд ва асбобу афсори аз мусодираҳо бозмондаашро гирифта, ҳамроҳи он мард ба Қаршӣ меравад. Он ҷо ба исрори марди ношинос духтари калониашро ба шавҳар медиҳад. Шахси ношинос духтари калонӣ ва асбобу афсори хонаро гирифта, бо ваъдаи он ки баъд аз чанд рӯз омада онҳоро ҳамроҳ ба Афғонистон мебарад, аз Қаршӣ ғайб мезанад. Рӯзҳову моҳҳо дар интизории марди ношинос мегузарад, аммо аз вай дигар пае набуд. Модари фирефташуда бо фарзандони хурдсолаш дар Қаршӣ танҳову бекас, бе таъмини қути лоямут мемонад. Боз рӯзҳои ночориву бенавой сар мешавад. Эшонхон менависад:

"Модарам каме дӯзандагӣ мекарданд...хоҳару додари хурдиам ба модар ёрӣ медоданд, ман рӯзҳои бозор обфурӯшӣ мекардам... Якрӯза музди обфурӯшӣ ба ду - се рӯз мерасид. Дар рӯзҳои дар Ғузор буданам аз дашти атроф хори шутур даравида, дар як рӯз се маротиба ба нонвойхона месупоридам, ба муздаш ду – се нон медоданд."

Дар айни ин муфлисиву бечорагӣ яке аз хешони наздик аз ҳоли онҳо хабар ёфта ба Қаршӣ меояд ва модару фарзандонашро ба Самарқанд

меорад. Эшонхон ба рабфак (чунин омӯзишгоҳ буд) медарояд. Барои қабул ба сафи комсомол ариза менависад. Аризаи ӯро рад мекунанд ба он сабаб, ки вай хоҷазодааст, чунки дар охири номаш лақаби "хон" дорад. Баъдтар бо маслиҳати калонҳо номашро Эшонқул навишта, ба комсомол дохил мешавад. Дертар дар доираҳои расмӣ номи ӯ Эшонқул буд. аммо ҳама авлоду хешон ӯро Эшонхон мегуфтанд.

Баъд аз рабфак Эшонхон ба факултаи кимиёи Донишгоҳи Самарқанд дохил мешавад. Дар курси охирин ҷанги бузурги ватанӣ сар мешавад. Соли 1941 ба ҷанг меравад. То рӯзи ғалаба дар майдони ҷанги муқобили фашистон буд. Сипас вай бо қисми ҳарбиаш ба ҷабҳаи муҳорибаҳои зидди ҷангҷӯёни ҷопун меравад. Баъд аз ғалабаи комили артиши шӯравӣ Эшонхон аз ҷабҳаи ҷанг рост ба Сталинобод меояд. Ишқи ҷавониаш ба кимиё ӯро ба Институти кимиёи Академия ҳидоят мекунад. Дар ҳамин муассисаи собиқадори Академия Эшонқул Усмонович Нӯъмонов (номи комили расмӣ ва илмии вай чунин буд) аз курсии лаборантӣ то мартабаи директори Институт мерасад. Баъд аз муассиси Институти кимиё академик Никитин Эшонхон дуввум донишманде буд, ки пажӯҳишгоҳи номбурдаро ба маркази илми кимиёи ҷумҳурӣ расонд, ки шӯҳрати он берун аз марзи кишвар интишор ёфт.

Эшонхонро аз рӯи суннатҳои авлодиамон "акатӯра" ва дар ғайбаташ Эшонхон мегуфтам. Дар хотиротам ӯро танҳо ба ҳамин номи авлодиаш зикр карда тавонистаму бас. Эшонхон донишманди тавоно ва ташкилотчии хирадманди корҳои илмӣ буд. Дар ин хусус бисёр ва аз рӯи ҳаққоният навиштаанд. Баробари ҳамин Эшонхон одами хуб ва инсони комил бо дили ҳассос ва қалби нарму гарми беназир нисбат ба ҳаёт ва одамон буд. Муҳити оилавӣ ва дертар доираи маҳфилу маҷлисҳое, ки ӯ аз он ибрат гирифта буд, хислатҳои некро дар вуҷуди ӯ тадриҷан ва рӯҳан талқин намуда буданд. Сӯҳбати Баҳоуддинову Шаҳидӣ, Турсунзодаву Миршакар, Ниёзиву Боқӣ Раҳимзода ва дигарон оё метавонист беасар гузарад? Эшонхон адабиётро дӯст медошт, шеърро хуб ҳис мекард, аз раванди адабии муосир огоҳ буд. Дар сӯҳбати адибон гумон намекардед, ки як нафар кимиёшиноси нафту ангишт нишастааст – вай аз шеъру адаб сухан мегуфт, бо мутоибаву зарофатҳои бамавриду ширин сӯҳбаторӣ менамуд...

Даргузашти дӯсти ҳамаамон Акобир Адҳамов соли 1991 доғи сахте бар ҷигари мо буд. Навиштани таъзияномаро ба ин ҷониб ҳавола карданд. Эшонхон баъд аз ду рӯз дар мотамхонаи Адҳамов оҳиста ба ман гуфт:

— Расулхон дар сӯгвории Акобир чунон навиштед, ки сӯзи дили ҳамаи мо садо медиҳад. Васиятам ҳамин аст, ки барои ман ҳам худатон нависед.

Ин суханҳоро дар оҳанги шӯхӣ қабул карда будам. Як сол гузашту Эшонхон бо мову бо ҷаҳон падруд гуфт. 29 ноябри соли 1992 дар синни 74 сол. Таъзиянома навиштам. Бале, он таъзиянома буд. Ин ҷо қиссаи мухтасари шахси ӯро навиштам. Орзуи ман ин буд. Раҳмати Ҳақ қабри ӯро пурнур созад...

* * *

Дар Маскав хуб кор кардам, хуб тамошо кардам ва дар аввали моҳи июн бо поезди машҳури Красная Стрела ба Ленинград раҳсипар шудам. Соати 8 бомдоди яке аз рӯзҳои аввали моҳи июн ба хоки Ленинград пой ниҳодам.

Аз рӯи дастури пешакии аспирантони шиноси тоҷики Ленинградӣ савори чанд троллейбусу трамвай шуда ба хобгоҳи Шӯъбаи ленинградии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои СССР расидам. Аспирантон ҳанӯз дар хона буданд. Камол Айнӣ, Абдулҳамид Ҷалилов ва Нӯъмон Неъматов аз ман хуш истиқбол карданд. Ношитои хуб ҳам омода сохтанд. Пас ҳар се ба Шӯъбаи шарқшиносӣ рафтем.

Ин сарои мӯҳташами илми ховаршиносии рус муносиби мартабааш дар қасри пуршукӯҳи Михайловский дар соҳили Нева дар қатори иморатҳои шоҳона ҷой гирифтааст. Маро бо роҳбарияти институт шинос карда ва рухсати истифода намудани дастнавис ва китобҳои нодири китобхонаи бой ва қадимро ба ин ҷониб доданд. Дар муддати чанд рӯз бо ганҷинаи дастнависҳо шинос шудам. Хушбахтона доир ба мавзӯъи худ бисёр нусхаҳои қаламии маъхазҳои адабиёти қарни 19-ро пайдо намудам. Дар толори мунаққашу мутолло, ки ҳашамати императорони русро таҷассум менамуд, саҳифаҳои таърихи гузаштаамонро варақ гардонидан дар дил сурури аҷиб бедор мекард. Аз тиреза ҳои шишакории толор паҳнои Нева бо мавҷҳои орому пурсалобаташ ба назар қудрату бузургии шаҳри Пётри кабирро намоён месозад. Дар дил ҳисси ифтихормандӣ бедор мешуд, ки дар як гӯшаи таърихии ин шаҳр нишонаҳои дурахшон ва дурафшони таърихи мо нигаҳдорӣ мешавад. Таассуроти аввалин аз ин толор ҳеч гоҳ аз хотир сутурда нахоҳад шуд. Баъд аз ин ҳам дар муддати чил сол ҳар боре ки ба Ленинград меомадам, дар ин толор чанд рӯзу чанд соатҳо дастнависҳоро варақ мезадам. Дар лаҳзаҳои фориғ аз мутолиа ба нақкошиҳову кандакориҳои толор ва мавҷҳои Нева менигаристам ва ҳамон таассуроти аввалини ба ин толор қадам ниҳоданам дар хотирам зинда мегардид. Дар ин ҷо бо донишмандони ҳам ҷавону ҳам кордида, аз ҷумла бо Олег Акимушкин, ки ҳамин сол баъд аз хатми факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Ленинград ба кор омада буд, шинос шудам. Ин шиносӣ баъдтар дар тӯли зиёда аз чил сол ба дӯстиву ҳамкории қарину бо баракат мубаддал гашт.

Бояд гӯям, ки ин маркази номдори шарқшиносӣ танҳо аз рӯи расмият номи Шӯъбаро дошт. Дар амал маркази илми шарқшиносии рус буд, ки анъанаҳои беҳтарини донишмандони номвари ховаршиноси Русияро бо ифтихору шарафмандӣ давом медод ва имрӯз ҳам пайгирона аз ин роҳ меравад. Масъалаҳои муҳимтарини маъхазшиносӣ, омӯзиши забонҳои бостонии эронӣ, таърихи ислом ва тасаввуф, чопи осори таърихӣ ва адабии халқҳои шарқи наздику миёна – чунин аст ба тарзи мухтасар гӯем – доираи омӯзиш ва таҳқиқи ин маркази илмии шарқшиносии Русия.

Бо ташвиқи дӯстон чанд рӯз дар китобхонаҳои Донишгоҳ ва Академияи фанҳо кор карда, бо ганҷинаҳои дастнависҳои форсӣ ошно шудам ва барои худ асноду иттилооти зарурiро ёддошт намудам.

Сафари Маскав ва Ленингад маро ба муҳити наву ҷаҳони дигар овард, ки шавқу шавас ва ғайрату азми идома додани корҳои илмӣ дар ниҳоди ман ҷӯш мезад. Ҳис мекардам, ки чунин фазои озод барои ҷавононе, ки дар сари роҳи зиндагӣ истодаанд, хеле зарур аст. Дар фазои озод роҳ равшан ба назар менамояд, монеаҳо бо азму субот аз пеши роҳ бардошта мешавад. Дар фазои тозаи Ленинград тарҳи кори оянда тадриҷан пеши назар падидор

мешуд ва нақшаи тақрибии он дар фикр таҷассум меёфт.

Дар Ленинград дар кӯчаву хиёбонҳо қадам мезадаму тасаввур мекардам, ки бо таърихи Русия паҳлӯ ба паҳлӯ сайру гашт мекунам. Ҳар як иморат, ҳар як хиёбон, ҳар як майдон, ҳар як муҷассама, ҳар як бурҷу гумбаду манора саҳифаи дурахшони таърихи Русия, шоҳиди боло рафтани қудрат, шӯҳрат ва мартабаю нуфузи ҷаҳонии ӯст. Дар таҷаллии саҳифаҳои таърих симои Пётри Кабир намудор буд. Соатҳо ба муҷассамаи Пётр, ки ба Мисин Савор мавсум аст, нигоҳ мекардаму ба тавоноии ақлу хиради ӯ аҳсант мехондам ва дар дил мегуфтам, ки оё аз рӯи адолат аст, ки номи бунёнгузори ин шаҳрро аз шаҳр ҷудо кунанд!

Дар Ленинград соат ва рӯзҳои муайянро барои дидани ҷойҳои таърихӣ ва тамошогоҳҳои шаҳру берун аз шаҳр муқаррар кардам. Машварат ва роҳнамоии дӯстонам дар ин боб кори маро осон кард. Онҳо ҷойҳои муҳимтаринро барои дидани ман муайян карданд, ва хати ҳаракат ва нақлиётро қаблан нишон доданд. Дар муддати кӯтоҳ Эрмитаж, Музеи санъати рус, Ҷомеи Исҳоқ, Қалъаи Петропавловский, Боғи тобистонии Пётр ва кулбаи аввалин иқоматгоҳи ӯ, Майдони Сенат (ҷои хуруҷи декабристон), Қабристони машҳури Александр Невская Лавра... Дар театри машҳури опера ва балети Маринка (он вақт номи Кировро дошт) операи Шарл Гуно "Фауст" ва балети Арам Хачатурян "Гаяне"-ро тамошо кардам. Аз ҷойҳои таърихии атрофи Ленинград дар Тсарское село (он вақт шаҳри Пушкин мегуфтанд) будам. Дар Петергоф, ки онро Петродворетс низ мегӯянд, чаҳорбоғ ва фаввораҳои машҳури зарандудро тамошо кардам.

Сафари Маскаву Ленинград нуктаи наверо боз намуд, ки барои олим аз худ намудани дониши маҳдуди тахассусӣ кам аст, балки ошноӣ бо тамаддуни гузаштаву ҳозираи ғарбу шарқ аз заруриёт аст. Чунин имконот танҳо дар Маскаву Ленинград дастрасӣ дошт. Дар ин сафар азм қавитар шуд, ки солҳои ояндаи таҳсили аспирантураро дар Маскав бояд идома диҳам.

Дар охири июн аз сафари Маскаву Ленинград ба Самарқанд ба таътили тобистона омадам ва ба зиёрати устод Айнӣ шитофтам.

Устод дар вазъи хуб ва саломат буд, ки дар тан пироҳани сабуки тобистона ба таҳрир машғулӣ дошт. Дафтарро пӯшида, сиёҳидону қаламро як тараф гузошт. Нақлу ҳикоятамро аз сафари Маскав ба диққат гӯш кард, писандид. Баъд дафтари пӯшидаро пештар кашиду гуфт:

— Имсол сиҳҳатам беҳтар шуд. Аввали баҳор навиштани қисми чоруми ёддоштҳоро давом додам. Чанд дафтар навиштам. Агар ба ҳамин сиёқ равад, соли оянда шояд тамом кунам. Ҳамин рӯз як боби аҷиброи дар бораи ғайбатхона навишта тамом кардам.

Баъд устод дар бораи "ғайбатхона" шарҳ дода, шаммае аз бошандагони Ғайбатхона ва воқеаи навишта шудани шеъри "Ғӯладинго"– ро нақл намуд. Хеле бо шавқ, бо ҷӯшӯ ҳаяҷон нақл намуд, ба назар чунин мерасид, ки воқеаҳо на панҷоҳ-шаст сол қабл, балки дар ҳамин рӯзҳо рух дода бошанд. Дар охири сӯҳбат ниҳоят ҷуръат намуда, нияти дар Маскав идома додани таҳсили аспирантураро гуфтам. Сабаби азми худро нагуфтам. Ҳангоме ки устод нияти маро писандида, ба носозгории муҳити илмии мо ишора кард, фаҳмидам, ки ӯ дур бошад ҳам, аз доираи илмию адабии Сталинобод хуб огаҳӣ дорад.

— Шумо азми хуб кардаед, ки таҳсили ояндаро дар Маскав анҷом доданӣ ҳастед, – гуфт устод пас аз каме хомӯшии андешамандона. – Дар Сталинобод воқеан ҳам муҳити барои ҷавонон мусоид нест. Дар сурате ки се адабиётшиноси пешрави мо – Мирзоеву Мирзозодаю Ҳусейнзода байни худ соз нестанд, ҷавонон чӣ тарбияте аз онҳо гирифта метавонанд. Мирзоев олими хуб аст, аммо феълу хӯяш вазнин аст. Аз ин ҷиҳат ба Маскав рафтани шумо дуруст аст. Ман ба Салинобод биёям, ба Мирзоев мегӯям, ҳуҷҷатҳои шуморо барои Маскав тайёр кунад.

Хушу хуррам ба хона омадам ва ба падарам ин муждаро расонидам. Падар низ аз маслиҳати устод хеле қаноатманд шуд. Рӯзи дигар бе восита ба тартиб додани нақшаи таълифи рисола машғул шудам. Сипас бо бовари том ба навиштани боби муҳимтарин ва аввалини рисола — таҳқиқи тазкираи Возеҳ "Тӯҳфат-ул-аҳбоб" шурӯъ кардам. Ба забони русӣ сар кардам, чун медонистам, ки дар Маскав рисоларо барои дифоъ ба забони русӣ таълиф ва пешниҳод кардан лозим аст.

Тобистон гузашту дар аввали сентябр ба Сталинобод бозгаштам. Дар кӯчаи Будённий хоначаеро дар ҳавлии ӯзбекони андиҷонӣ бо додарам Маҳдихон, ки ба ординатураи Институти тиббӣ дохил шуда буд, ба иҷора гирифтем (ҳавлӣ дар паҳлӯи манзили Мирзо Тусунзода воқеъ буд). Хоначаи хомӯшу танҳо ва меҳрубонии соҳибони ҳавлӣ барои машғулиятҳои илмӣ шароити хуб фароҳам овард. Баробари таълифи рисолаи номзадӣ бо хоҳиши нашриёт асари Виктор Ҳюго "Рӯзи охирини каси маҳкумшуда"-ро аз русӣ ба тоҷикӣ бармегардонидам. На танҳо забони душвори асар, балки тасвири ниҳоят вазнини зиндон ва рӯҳияи фаҷеи шахси маҳбус дар шаби пеш аз қатл маро хаста мекард. Дар зимни ин корҳо ҳуҷҷатҳои сафари Маскавро омода кардам.

Дар ин миён муҳимме пеш омад, ки анҷоми он ба ӯҳдаи ин ҷониб вогузор гардид. Охирҳои моҳи октябр шодравон Ибодулло Нарзиқулов – ноиб-президенти Академия маро даъват намуд. Аз чеҳраи кушодаш маълум буд, ки хабари хушеро гуфтанист.

— Аввал ин ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои Маскав имзо намудам. Лекин пеш аз сафар бояд супориши махсуси моро иҷро кунед. Домулло Айнӣ бояд ба Сталинобод биёянд. Шумо ба Самарқанд рафта, дар омадани он кас ёварӣ ва ҳамроҳӣ мекунед. Бо фармоиши рафиқ Ғафуров барои омадани домулло вагони ҳукуматӣ ҷудо карда шудааст. Фардо бегоҳ ба роҳ мебароед.

Дар он солҳо нақлиёти ҳавоӣ барои ҳамлу нақли мусофирон ба тарзи умумӣ, хусусан дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна вуҷуд надошт. Шахсони аввали ҷумҳуриҳо барои сафарҳои расмӣ вагонҳои махсус доштанд. Пас аз ба Президентии Академия баргузида шудани Айнӣ Бобоҷон Ғафуров барои сафари Айнӣ ба Сталинобод ва бозгашт аз рӯи эҳтироми бузурги шахсиаш ба ихтиёри вагони ҳукуматиро мефиристод.

Охири октябр – 30 ё 31 - бегоҳ дар вагони нарму муҷаҳҳаз, ки ба охири поезди тезгарди Маскав баста шуда буд, ба роҳ баромадам. Марди тахминан шастсолаи қоматбаланди рус амаки Ваня – дядя Ваня – ҳам кондуктор, ҳам нозир, ҳам ошпазу мубошири вагон буд. Ҳанӯз ба Регар нарасида чою ширинихо омода карда, ба зали таомхӯрӣ даъват кард. Гирди миз нишаста

чой меҳурдему мисли ошноҳои дерин сӯҳбат мекардем. Баъди ду соат амаки Ваня шӯрбои хушмазае овард, бо иштиҳои соф хӯрдему ба купе даромада хобидам.

Рӯзи дигар субҳ ба Самарқанд расидем. Амаки Ваня гуфт, ки рӯзи ба сафар омода шудани домулло Айнӣ муайян шавад, ба вай хабар диҳам, то ки масъалаи ба поезди Сталинобод бастани вагонро бо сардори вокзал ҳаллу фасл кунад. Ба хона омадам. Омаданам барои падару модар ғайри чашмдошт ва айни муддао ҳам буд. Онҳо медонистанд, ки дар пеш сафари Маскав дорам ва мунтазири омаданам барои дидору хайру хуш буданд.

Сабаби ба Самарқанд омаданамро гуфтам. Соате истироҳат кардаму баъди пешин ба ҳавлии устод рафтам. Устод дар корхонаи худ болои диван китоберо мутолиа мекард. Фиристодани вагонро медонистааст, аммо аз он ки ман ба ҳамроҳии ӯ меоям, бехабар будааст. Аз ин кор хушҳол шуд магар ки маро ба хонаи дарун даъват кард. Салоҳатбегиму Холида омадани маро мунтазир набудаанд.

Барои ҳамроҳӣ омадани "одами худӣ" онҳоро шод кард. Қарор шуд, ки 5 ноябр ба роҳ мебароем.

Ҳамон рӯз ман бо падарам як соат пеш ба вагон даромада нишастем. Падарам хост, ки ба ҳамин баҳона ба дидори устод расад. Баъд аз як соат устод бо Холида расида омад. Ба зали вагон гузашт. Падарамро дида хеле хушҳол шуд. Ҳар ду аз диван нишаста гарм сӯҳбат мекарданд. Ҳоли устод хуб, вазъаш хуш буд. Ваня - амак гуфт, ки баъд аз ним соат қатораи боркаш аз тарафи Тошканд меояду вагони моро ба он пайваст мекунанд ва соати 6 ба сӯи Сталинобод ҳаракат хоҳем кард. Дар айни гармии сӯҳбат сардори стансия омада хабар дод, ки мутаассифона ба қаторае, ки ҳозир ба Самарқанд мерасад, вагони моро ба сабабҳои техникӣ пайваст карда наметавонанд. Баъд аз ду соат қатораи дигар мерасад ва мо бо он қатора ҳаракат хоҳем кард. Табъи устод каме хира шуд, вале боз лаҳзае гузашту саргарми сӯҳбат гашт.

Ниҳоят наздики соати 9 ба сӯи Сталинобод ҳаракат кардем. Устод бо хотири ҷамъ ба купе барои истироҳат ва хоб даромад.

Посе аз шаб гузашта буд, ки аз тиқтиқи дари купе бедор шудам. Ваня - амак даромад. Гуфт, ки домулло таб кардааст ва мехоҳад. ки дар стансияи Когон духтурро даъват кунем. Соати чори бомдод ба Когон расидему як духтури рус бо ҳамшираи тиббӣ моро пешвоз гирифтанд. Духтур устодро муояна карду гуфт, ки бояд бо шарикони худ машварат кунад. Барои ин аз рӯи эҳтиёт вагонро як ё ду соат дар Когон нигоҳ доштан лозим меояд. Агар ҳама хуб бошаду таб фарояд, боз роҳро бо поезди дигар давом додан мумкин аст. Аз Когон ба Сталинобод қариб ҳар соат қатора мегузарад.

— Ман розӣ, — гуфт устод – лекин то расидани духтурҳои дигар ба ман пенитсилин гузаронанд. Ман доруи худамро медонам.

Духтур сӯзани пенитсилин зад. Ду духтури дигар расида омаданд. Хеле ба диққат муояна карданду ба хулоса омаданд, ки шушу роҳи нафасу кори дил хуб аст. Шояд кӯфти роҳу табдили ҳаво таъсир карда бошад. Баъд аз як соат таб фуромаду вазъи устод хуб шуд. Баъд аз се соат бо қатораи дигар ба роҳи худ идома додем.

Рӯзи дигар баъд аз зӯҳр устод ба зал баромад, каме шӯрбои гӯшти мурғ хӯрд. Аз ҳар дар сӯҳбат мекард. Дар зимни сӯҳбат аз таҳсили ояндаи ман дар Маскав суҳан ба миён омаду гуфт:

— Дар Маскав ба шумо Брагинский роҳбарӣ мекунад. Албатта Бертелс ҳам сарпарастӣ мекунад, аммо Брагинский ҷавонтар аст ва бо Тоҷикистон бештар алоқаманд аст.

Субҳи 7-ми ноябр ба Сталинобод расидем. Устодро Нарзиқулов, Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ва боз чанд тан олиму нависандагон пешвоз гирифтанд. Ман ҳам зуд ба манзил рафта, либосҳои тоза пӯшида, ба намоиши идона баромадам. Соати 10 аз майдони идона бо кормандони Академия аз назди минбари ҳукуматӣ мегузаштам. Дидам, ки устод Айнӣ дар минбар паҳлӯи Ғафуров истода, бо чеҳраи шукуфон намоишгаронро табрик мегӯяд.

* * *

Ҳуҷҷатҳои барои Маскав зарурӣ ва билети қатора барои 22 ноябр дар дастам буд. Устод Айниро дар қатори сарони Академия ва шоиру нависандагон ба Самарқанд дар вагони шиноси ҳукуматӣ гусел кардам. Баъд аз ду рӯз ба роҳи Маскав баромадам.

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ. МАСКАВ

Субҳи 26-ми ноябри соли 1952 ба Маскав расидам. Ба кӯчаи Алексей Толстой (ҳоло бо номи аслии худ - Спиридоновка) ба қароргоҳи Намояндагии Республикаи Тоҷикистон омадам. Шахсе ки бо студентону аспирантони тоҷики мактабҳои олии Маскав машғул буд, аз хонаи иқоматии бинои намояндагӣ ҷой дод ва ваъда кард, ки то замони аз Академия фармони қабул ва хобгоҳ гирифтанам аз ҳисоби Намояндагӣ манзили мувофиқ пайдо хоҳад кард.

Чамадонро дар хонаи хоб гузошта, ба сайри кӯчаҳои атроф баромадам. Ин кӯчаҳо, ки ҳама ба майдони Никитские Ворота пайваст мешуданд, аз сафари моҳи май ошно буданд. Хобгоҳи кӯчаи Малая Бронная ва хонаи иҷора гирифтаам дар ҳамин атроф буд. Хеле вақт кӯчаҳоро сайр ва магазинҳоро тамошо кардам. Ба қаҳвахона даромада, таом хӯрдам ва барои чой ширинӣ харида ба манзил омадам. Ходимони идора ҳама рафта ва дар бино танҳо пирамарде дар посбонӣ монда буд. Ба хона даромада, дар плитаи газ об ҷӯшонда, чой дам кардам. Як чойник чои гарму муаттари фомилиро бо лаззату иштиҳои том хӯрдам. Барои хоб ҳанӯз вақт буд. Болои диван дароз кашидам. Ҳама ҷо хомӯш ва танҳо садои гашти ақрабаки соат ба гӯш мерасад. Кас гумон мекунад, ки ин шаҳри бузурги пурҷӯшу хурӯш якбора дам фурӯ кашидааст. Оё ҳамин тавр аст?

На, ин шаҳр дам фурӯ намекашад, дақиқае хомӯш намемонад. Ин шаҳр дили бузургест, ки узвҳои тани пуразаматеро дар сайёраи мо ба ҷунбиш меорад. Худо накунад, ки ин дил аз тапиш монад, - узвҳои дигар фарсудаву афсурда мегарданд. Бале, ин шаҳр дар ҷунбишу ҷӯш аст. Дар зери замин, дар рӯи замин, дар фазои шаҳр ҳама дар ҷунбишу ҳаракат аст. Олимону доишмандон мӯъҷизаҳои ошкору ниҳон эҷод мекунанд. Корхонаҳо аъҷубаҳои техникиро барои рушду дифоъи мамлакат тавлид менамоянд. Дар ин шаҳр ҳамагӣ се - чор километр дуртар аз манзили ман Инсони бузург, ҳокими мутлақу қавибозу, доҳии мо, роҳнамои заҳматкашони рӯи замин, Генералиссимус Сталини маҳбуб, ғамхори халқ, сарнавиштсози кишвару мардум дар сари кор нозиру ҳозир аст. Ӯ мақбараву тани беҷони муаллиму роҳнамои худ, шахси кайҳо аз ҷаҳон чашм пӯшида – Ленини абадзиндаро посдорӣ мекунад.

Оре, шаҳр дам фурӯ набурдааст, нахуфтааст. Ба мисоли уқёнус мавҷ мезанад, талотум дорад. Мисли офтоб гармӣ медиҳад, нуру шаъшаапошӣ мекунад. Ман омадаам, чун қатра ба ин уқёнус дароям. На, ин ташбеҳ инъикоси воқеият нест, зеро қатра дар баҳри беканор бе асар меравад. Ман омадаам чун заррае, чун шӯълаи наҳифи шамъе зери нурҳои офтоб. Заррае, шӯълае, ки дар нурҳои офтоб аз назарҳо нопадид мешавад, аммо чун берун омад, аз шуоъи офтоб баҳра мегирад, равшантару пурҷилотар мегардад.

Мақсад аз омаданам ба Маскав танҳо навиштану дифоъ намудани рисолааст барои дарёфти дараҷаи илмӣ? На, ҳадаф фақат ин нест. Мақсад, орзуи ман аз санҷиши нави ҳаёт гузаштан, аз муҳиту фазои маънавии ин маркази ҷаҳонии тамаддун баҳра бардоштан аст. Марҳилаи нави ҳаётро тай

намудан ва дар сарнавишт саҳифаи дигаре кушодан буд. Андешаву хаёлот ширину дилнишин ва чун афсонаҳои афсунангез бе охир буд. Вале аз ҷаҳони хаёлот берун омадан лозим буд, то ба анҷоми кори фардо омода бошам.

Баъд аз ду рӯз бо роҳхати Намояндагӣ ба бӯстонсаро – истироҳатгоҳи тобистонаи идораи мазкур кӯчидам. Бӯстонсаро – дача – дар шарқи Маскав, дар роҳи оҳани вокзали Қазон дар километри чилум, дар стансияи Илйинка воқеъ гардида ва аз стансия дусад ё сесад метр дурӣ дошт. Дар ин ҷо шунавандаи мактаби олии ҳизбӣ аз вилояти Ғарм бо ҳамсараш мезистааст. Вақти омаданам онҳо дар хона набуданд. Маро пиразани тахминан шастсола – нигаҳбони манзил пешвоз гирифт. Барои ман хонаи калони равшанро ҷудо кард, ки тирезаҳояш ба ғарб, ба тарафи роҳи оҳан мебаромад. Пиразан гуфт, ки рӯбу чину шустани хонаҳо дар зиммаи ӯст ва агар ман, одами муҷаррад, хоста бошам, ки бегоҳӣ таом омода бошад, ӯ метавонад ин хидматро иҷро кунад.

Пиразан бароям чой овард. Дар ошхонаи ғарму озода баъд аз роҳи дур ва ҳавои сард як стакон чойро бо лаззати тамом хӯрдам. Номамро пурсид, гуфтам маро Саша гӯяд, барои вай осонтару ошнотар аст. Вай ҳам номашро гуфт: Марфа. Хуб, ӯро тетя Марфа гӯям мешавад? Мешавад. Гуфтам: магазин рафта озуқа биёрам, барои шом боршу пироги русӣ тайёр кунад.

Магазини хӯрокворӣ ва бозорча дар стансия буд. Баъд аз магазинҳои холӣ ва бозорҳои бенавоёнаи Сталинобод ин ҷо дар ниҳояти фаровонию арзонӣ буд. Бори аввал деҳқонҳои рус ва маҳсулоти деҳоти русро ба навъҳои гуногун ва тарзи фурӯшу хариди махсуси онҳо медидам. Тамошои аҷибе буд барои ман. Гӯё Русияи асили халқиро дар ҳамин ҷо медидам. Байни Маскаву ин мавзеъи деҳоти рус "тафовути роҳ аз куҷо то ба куҷо буд!" Россияи бузургу муқтадир дар Маскав ва Русияи паҳнову хоссаву нотакрор ин ҷо! Русияи Разину Пугачёв, Толстою Тургенев!

Ба хона омада, озуқаву асбоби ғизоро ба Марфа-хола супурдаму гуфтам: ҳар гоҳ ки лозим шудам, фарёдам кунед. Худ ба ӯтоқам омадам. Либоси хонагиро пӯшида, чизҳои зарурӣ ва папкаю китобу дафтарҳоро ҷо ба ҷо кардам. Хастагии роҳ ва сайри бозору магазинро ҳис кардам. Хостам болои кат рӯи бистари нарм ёзида дақиқае чанд роҳат кунам. Хомӯшии хона осоиши рӯҳу ҷисм буд. Аз паси тиреза садои чархҳову гудокҳои қариб бе танаффуси поезд ба гӯш мерасид, вале халале ба осоиш ворид намекард. Хоби ширин маро рабудааст.

Дар тиқтиқ шуду аз хоб хестам. Марфа-хола ба ошхона даъват мекард. Аз паси девори чап садои марду занро мешунавам, маълум мешавад ҳамсояҳо омадаанд. Ба ошхона баромадаму бо ҳамсояҳо салом кардам. Мард паси миз нишастааст. Ҳамсари ӯ зани қоматбаланди нозукандом бо Марфахола сари оташдони печка ҷунбу ҷӯл доранд. Марди тахминан чилу панҷсолаи гӯштдор аз Ғарм будааст ва дар вазифаи котиби дуввум кор мекардааст, Номаш – агар фаромӯш накарда бошам – Носири Назаршо буд. Ҳамин сол ба мактаби олии ҳизбӣ омадааст. Ҳамсари ҷавонаш Серафима низ бо вай омадааст. Дар хобгоҳи мактаби ҳизбӣ, ки бо ҳамсар ҷой намедиҳанд, муваққатан ба ин хона омадаанд. Дертар аз шаҳр хона иҷора карда, аз ин ҷо мекӯчанд.

— Ман ҳам муваққатӣ ҳастам – гуфтам – ба Институти шарқшиносӣ қабул шуда, ҷои хоб ки гирифтам, аз ин ҷо меравам. Вале ин ҷо ба ман хеле хуш омад. Табиаташ тозаву беғаш, зимистонаш сарду дилкаш. Намуди дарахтзорҳои сабзи беша дар либоси сафеди барф ниҳоят зебо, дилкушо...

Саргармии сӯҳбат будем, ки таом оварданд. Аз косаву табақҳо бухорҳо то ба сақфи хона расида, ба машом бӯйҳои лазизи ғизоҳои гуногунро хуш мерасонд.

— Серафима, арақро биёр, бегоҳи истироҳат барои боз ҳам афзудани оилаамон қадаҳ бардорем – гуфт Назаршо.

Сӯҳбат гарм шуд, боршу пироги Марфахола, тушбераи сибирии Серафима ба ҷисму ҷон ҳаловат, арақи аълосифат ба дилҳо фараҳу сурур ва миёни мо риштаҳои дӯстӣ оварданд, чунон ба ҳам пайвастем, ки гӯё солҳо ошнову улфат будем. Хона гарм, сӯҳбат гарм, хуну рагу пайҳо гарм – ва тасаввур намекардем, ки дар берун шиддати сармо бештар аз бист дараҷа аст.

Рӯзи дигар саҳар аз хоб хеста берун баромадам. Бӯи барфу шамоли нозуки сард ба димоғ форам мерасид. Понздаҳ - бист дақиқа бо варзиш машғул шудам, пас барои Марфахола ҳезум тайёр кардам. Ҳама сари миз ношито кардем. Бо иҷозаи ҳамхонаҳо ба сайри беша ва тамошои иморатҳои гуногунсохти бӯстонсароҳо баромадам. Дар баъзе бӯстонсароҳо соҳибонашонро медидам, ки аз шаҳр барои истироҳат омада буданд. Манзараи бешаи нопайдоканори дарахтҳои сар болокашида бо кулоҳҳои сабз омехта бо дарахтони тус – берёза ва иморатҳои аз ғӯлаву тахтачӯбҳо ба рангҳои гуногун ва кандакорӣ сохташуда чун ҷаҳони афсона маро моту мабҳут мекард. Бо ҳайрату мафтунӣ соатҳо сайру гашт карда ба хона баргаштам. Бегоҳӣ бо Назаршо палави "дастӣ" дуруст карда боз сӯҳбати оилавӣ оростем. Хуллас ин соатҳо гӯё иде буд ба муносибати расиданам ба Маскав.

Рӯзи душанбе - 1-уми декабр – баъд аз ношито ба шаҳр фуромадам ва ба Институти шарқшиносӣ рафтам. Институт дар кӯчаи Кропоткин воқеъ гардида буд. Пеш аз ҳама ба шӯъбаи аспирантура даромадам. Ҳуҷҷатҳои зарурироро ба мудири шӯъбаи аспирантура пешниҳод кардам. Мудир фармуд, ки имрӯз ҳатман бо Брагинский мулоқот кунам.

Брагинскийро ғоибона ҳанӯз дар Тошканд аз рӯи мақолаҳо дар маҷаллаи "Шарқи сурх" медонистам. Услуби хосса ва навини таълиф, мантиқу мӯҳтавиёти мақолаҳо, алалхусус гузориши масъалаҳои омӯзиши адабиёти классики тоҷик барои ман гӯё дарси роҳнамо буд. Дар Сталинбод баромаду гузоришҳои он касро дар ҷамъомадҳо мешунидам, аммо мулоқоту сӯҳбат бо ишон муяссар нашуда буд. Он рӯз ки устод Айнӣ ба сифати роҳбари оянда Брагинскийро ном бурд, хеле шод шудам ва рӯзу соати мулоқотро бо иштиёқ интизорӣ мекашидам. Ва ниҳоят ин мулоқот дар ҳамин рӯз дар ин гӯшаи Маскав иттифоқ афтод. Брагинский он вақт чилу шаш сол дошт ва чанде пеш аз хидмати ҳарбӣ ба кори илмӣ омада буд. Баробари кори асосии илмӣ бо идораҳои ҳарбӣ робита дошт ва бо рутбаи полковникӣ дар либоси низомӣ буд. Маро дар кабинети муовинҳои директори Институт қабул кард ва зуд ба сӯҳбати амалӣ сар кард.

— Устод Айнӣ дар хусуси шумо ба ман гуфта буд. Устод ки аспиранти худро бовар карда ба ман супурда бошад, аз он кас сарфарозам.

Ҳуҷҷатҳоятонро баъд аз ду - се рӯз имзо мекунанд. Мо бо шумо бештар дар ҳамин кабинет мулоқот мекунем ва баъд аз соати шаш. Ин бинои муваққатӣ барои институт хеле танг аст. Ана мо се муовин бо навбат дар як кабинет мешинем. Баъд аз соати шаш ин ҷо холӣ мешавад ва аспирантҳоямро ба навбат дар ҳамин ҷо қабул мекунам.

Бо Брагинский қариб як соат сӯҳбат кардем. То имрӯз кор кардаму боз чӣ корҳо дар пеш аст, нақл кардам ва баъзе нақшаҳои ояндаро бо вай машварат кардем. Дар охири сӯҳбат Брагинский пешниҳод намуд, ки пеш аз он ки ба марҳилаи ояндаи кор шурӯъ намоям, ҳатман бо устод Бертелс мулоқот кунам ва нақшаи корро аз назари ишон гузаронам.

— Бертелс роҳбари шӯъбаи таърихи адабиёти форсизабони Институт аст ва умуман донишманди забардасти адабиёти форсу тоҷик аст. Мавзӯи шумо бешак ба ишон писанд меояд ва машваратҳои муфид аз он кас хоҳед шунид.

Ҳанӯз чордаҳсола будам, ки асари хеле ҷолиб ва пуразиши Бертелсро дар таҳқиқи адабиёти давраи сомониён хонда ва ғоибона ба ин шахс ихлос баста будам. Соли 1944 ба шунидани лексияи он кас дар факултаи шарқшиносӣ мушарраф шудам. Аммо ҳеҷ гоҳ ҳатто ба гӯшаи хаёл намеомад, ки рӯзе меояду ба дидори ишон мерасам.

Рӯз ва соати ба Институт омадани Бертелсро қаблан фаҳмида, дар вақти муқаррарӣ ба Институт омадам. Аз тангии бинои Институт мудирони шӯъба хонаҳои махсус надоштанд. Пеш аз кабинети директор ва муовинҳо толоре буд, ки роҳбарони шӯъбаҳои Институт дар гӯшаҳои махсус бо аъзои бахши худ ва дигар шахсони аз берун омада сӯҳбат мекарданд. Ҳамон рӯз баъд аз панҷ - шаш нафар навбати қабул ба ман расид.

Бертелс хеле хушҳол шуд, ки мавзӯи маро устод Айнӣ пешниҳод намуда ва худаш роҳбари илмии ман аст. Баъд нақшаи пешакии кори маро аз назар гузаронид. Вараққои навиштаамро бозгардонду гуфт:

— Хуб, ман чӣ гӯям? Таассуроти аввалин аз он чи шумо гуфтеду нақшаи корро хондам, умуман хуб аст. Тадқиқоти шумо, бовар дорам, натиҷаи хуб хоҳад дод. Маълум аст, ки тазкира дар омӯхтани таърихи адабиёти форсу тоҷик маъхази аввалин ва беҳтарин аст. Вале бо таассуф бояд гӯям, ки дар нашру интишори тазкираҳо донишмандон корҳои муфиде анҷом додаанду дар тадқиқи ин осори адабӣ кам таваҷҷӯҳ кардаанд. Аз ин лиҳоз кори шумо аҳамияти махсус бояд касб кунад.

Сипас Бертелс бо шавқу завқ қариб ним соат дар бораи тазкираҳои қадими форсӣ, таърихи онҳо ва ҷанбаҳои хеле муҳимми онҳо маълумот дод. Дар ин сайри мухтасари таърихӣ, ки хеле сода, аммо бо умқи назар мегуфт, ман саҳифаҳои нави адабиёти форсиро медидам.

Аз назди Бертелс дар ниҳояти шодмониву қаноатмандӣ баромадам. Дар вагони электропрезд одам кам буд. Дар гӯшаи оромтаре ҷой гирифтам. Сӯҳбати шарофатасари Бертелс маро ба хаёлоти ширин мебурд. Ҳамзамон дар гӯши ман садои нарм ва андаке ҳазини донишманд пайдо мешуд. Чаро ҳазин мегӯям? Шояд саҳви қувваи шунавоии ман бошад. На, дар ҳар сурат оҳанги ҳазин шунида мешуд. Ин ҳузн сабаб низ дошт. Сабаби ин воқеаҳои талху номунсифона буд, ки ба сари олими бузурги оламшумул оварданд.

Овозаи ин воқеаҳоро аз дур шунида будам, ва тасаввур мекардам, ки бардоштани бори тӯҳмату бӯҳтонҳо барои марди фурӯтану нарму беозор чӣ андоза душвору зиллатовар аст. Дар он рӯзҳо симои дилкаш ва ба нури дониши билониҳоя равшани ишонро дар соатҳои ба мо лексия хонданаш ба ёд оварда, фикр мекардам, ки чеҳраи таҷаллисифоти вай шояд пажмурда гашта, садои мисли шеъри форсӣ хушоҳангаш ҳазину андӯҳгин шуда бошад. Шояд ба ҳамин сабаб ҳоло дар банди андешаҳои рӯзгори гузашта садои Бертелс ба гӯшам ҳазин мерасид.

Шӯҳрати Бертелс ба сони донишманди адабиёти форсӣ дар шарқшиносии рус аз охирҳои солҳои бистуми а.г. интишор ёфта буд. Дар ҳамин солҳо доираи дониши ӯ таърихи адабиётҳои туркзабонро низ фаро мегирад. Аз аввали солҳои сивум Бертелс ба ҷумҳуриҳои миллии Осиёи Миёна сафар карда дар омӯхтани адабиёт ва тарбияи мутахассисони ҷавони миллӣ хидмати бедареғ менамояд. Робитаҳои илмии Бертелс хусусан бо Тоҷикистон ва дӯстии вай бо Садриддин Айнӣ самараҳои муфид дар адабиётшиносии тоҷик ба бор овард. Дар натиҷаи хидматҳои бузурги илмӣ соли 1939 Бертелс ба узвияти Академияи фанҳои СССР интихоб гардид.

Дар охири солҳои сивум а.г. шӯҳрати Бертелс берун аз марзҳои Иттиҳоди шӯравӣ вусъат ёфт. Вай ба узвияти академияҳои Эрон ва Сурия баргузида шуд. Дар шарқшиносии мамлакатҳои Ғарб низ Бертелс ҳамчун шарқшиноси барҷаста ва билхосса ба сони эроншиноси варзида эътироф гардид.

Дар солҳои 1948-1949 ҳизби коммунистии Иттиҳоди шӯравӣ маъракаи ниҳоят сахтгирона ва таъқибгаронае бо номи мубориза ба муқобили космополитизм ва таъсири мафкураи буржуазии Ғарб оғоз намуд. Дар натиҷаи ин мубориза бисёр шахсони номдор бо айбу ҷурмҳои сохтакорона аз ҷомеаи шӯравӣ мардуд ва ҳатто гирифтори зиндон гардиданд. Ин «маърака» аз майдони адабиёту санъат ба соҳаҳои дигари ҳаёти маънавӣ, аз ҷумла ба шарқшиносии шӯравӣ низ гузашт.

Камол Айнӣ, ки дар он солҳо дар факултаи шарқшиносии донишгоҳи Ленинград таҳсил мекард, шоҳиди маҷлисе будааст, ки дар он Климович – шарқшиноси коммунисти мутаассиб айбномаи космополитизмро ба сари шарқшиносони машҳур рехта будааст. Аз ин маъракаҳо Бертелс ҳам берун намонда буд. Ӯро ба эронпарастӣ айбдор карда, таънаву маломат намуданд, ки адабиёти форсии Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷиконро, ба "Эрони бузург" мутааллиқ донистааст. Ба замми ин бӯҳтонҳо писари калонии ӯ Дмитрий, донишҷӯи курси саввуми шӯъбаи арабии факултаи шарқшиносии Ленинградро мақомоти КГБ ба ҳабс гирифт ва ба Сибир табъид намуд. Рӯҳи донишмандона ва ғайрати саршори Бертелс шикаст. Вай ба сактаи дил гирифтор шуда, қобилияти кориаш хеле коста шуд.

Соле ки ба мулоқоти Бертелс расида будам, таъқибу танқидҳои нобаҷой дар ҳаққи олимон каме фурӯ нишаста буд. Бертелс ба кори илмии худ давом медод. Аммо сояи пурҳайбати Сталин ва дасти оҳанини Берияро зиёиён, аз ҷумла Бертелс ҳам ҳис мекард. Вай бо тамоми қувват ва имконоти худ ба кори дӯстдоштааш идома дода наметавонист.

Ба назарам, аз соли 1953, яъне баъд аз вафоти Сталин давраи нави фаолияти пурбаракати Бертелс шурӯъ шуд. Пеш аз ҳама дар зиндагии

шахсии ӯ кушоише рух дод. Писари дуввуми ӯ Андрей дар мавзӯи Носири Хусрав ва ҷунбиши исмоилия рисолае таълиф намуда, бо унвони номзади илм дар паҳлӯи падар дар Институти шарқшиносӣ ба кор шурӯъ кард. Писари калониаш Дмитрий аз ҳабс озод шуда, таҳсили донишгоҳро хатм намуд. Вақте ки бори аввал ӯро дар Шӯъбаи ленинградии Институти шарқшиносӣ дидам, ба ҳайси мудири шӯъбаи архиви шарқшиносони Россия кор мекард. Қиёфа ва тарзи гуфтору овозаш ниҳоят шабеҳи падараш буд. Ӯ бо корҳои илмӣ машғул нашуда, бештар осори шарқшиносони ғарбро аз олмонӣ ба русӣ тарҷума мекард,

Бертелс дар аввали солҳои панҷоҳум ба таълифи китоби шашҷилдии адабиёти форсӣ шурӯъ намуда, номи асарашро "Таърихи адабиёти форсу тоҷик" гузошт. Дар охири соли 1953 дар шӯъбаи таърихи адабиёт эълон карданд, ки устод Бертелс яке аз бобҳои умдаи китоби худ "Саноӣ"-ро ба муҳокимаи аъзои шӯъба пешниҳод карда хоҳиш намудааст, ки аспирантон низ ин бобро хонда дар баррасии он ҳатман ширкат намоянд. Ин кори устод аз рӯи фурӯтанӣ буд ва як навъ тарзи тарбияи ҷавонон буд: бигзор ҷавонон усули кори устодон ва тарзи баррасиҳои илмиро биёмӯзанд. Дар воқеъ маҷлиси хубе барпо шуд. Ҳама дар муҳокимаи навиштаи устод иштирок карданд. Дар он қатор ман ҳам ба сухан баромада, роҷеъ ба ин фасл чанде андешаҳои худро гуфтам. Бертелс фикру андешаи ҳамаро ба диққат ва виқору таҳаммул гӯш кард. Дар охир гуфтаҳои ҳозиринро таҳлил намуда, он чи мавриди қабул буд, пазируфта, ба ҳама арзи ташаккур намуд. Имрӯз услуби олимона ва оқилонаи алломаи фақидро бо эҳтироми самимӣ нисбат ба шахси ӯ ба хотир меорам.

Бертелс ба ҷавонон ниҳоят ғамхор ва меҳрубон буд. Бо вуҷуди корҳои зиёди шӯъба ва машғулиятҳои илмиаш мавзӯъҳои аспирантҳоро хуб дар хотир дошт ва дар мавридҳои муносиб аз вазъи кори онҳо хабардорӣ мекард. Боре маро дар институт дида гуфт:

— Андрей гуфт, ки шумо дар баъзе масъалаҳо мушкилиҳо доштед. Бо Андрей машварат карда ба хона биёед, мушкилҳоро ба маслиҳат ҳал мекунем.

Ба ҳамин тариқа рӯзе ба манзили онҳо рафтам. Бертелс аввал дар кабинеташ бо ман танҳо ба танҳо сӯҳбат кард. Пас ба чанде нуктаҳои душвори тазкирашиносӣ равшанӣ андохт.

— Кори шумо барои шарқшиносӣ хеле муҳим аст. Бинобар ин рисола на танҳо аз ҷиҳати илмӣ, балки аз ҷиҳати услубу забон ҳам бе нуқсон бояд бошад. Ба Андрей мегӯям аз ин ҷиҳат ба шумо кӯмак расонад.

Дӯстӣ ва рафоқати мо бо Андрей аз ҳамин ҷо, бо файзу баракоти шодравон устод Бертелс оғоз ёфта буд. Дар ин хусус баъдтар боз нақл хоҳам кард. Ва ҳоло боз дар бораи устод.

Имрӯз фикр мекунам, ки устоди шодравон маро на танҳо чун мутахассиси ҷавон, балки ба воситаи аҳамияти мавзӯи корам ба таваҷҷӯҳи худ шарафманд гардонида буд. Ёд дорам, вақте ки рӯзи ҳимояи рисолаам наздик мерасид, Брагинский аз Бертелс хоҳиш намуд, ки бори оппоненти аввалро ишон ба зимма гирад. Бертелс бо вуҷуди заъфи сиҳҳат ва илова бар ин машғулии аз ҳад зиёдаш розӣ шуда ва дар Шӯрои илмӣ дар бораи рисолаи ман суханҳои

нек гуфт. Пас аз панҷоҳ сол тақризи устоди зиндаёдро хондам ва гумонам дуруст баромад. Он вақт ӯ гуфтааст:

"Эътироф накардан душвор аст, ки агар илми мо марҳилаи "тазкиравӣ"-ро тай намекард, мо дар оғози асри 20 гумон аст, ки таърихи муназзами адабиёти шарқро – ҳарчанд дар баъзе мавридҳо каме нуқсон дошта бошад ҳам – ба худ тасаввур карда метавонистем. Дар аксари маврид мегуфтанд, ки омӯхтани давраи нави адабиёти форсу тоҷик ба сабаби набудани тазкираҳои ин давр хеле душвориҳо дорад. Ин фикр дар нисбати адабиётҳои ҳам форсиву ҳам тоҷик аз ҳақиқат дур аст. Зеро чунин тазкираҳо вуҷуд доранд ва кам ҳам нестанд. Ҳақиқат он аст, ки то имрӯз агар истиснои камеро ба назар нагирем, касе майл накард, ки ба омӯзиши ин тазкираҳо машғул гардад.... Рафиқ Ҳодизода ба ӯҳдаи худ заҳмати ба фикрам ниҳоят мушкилеро гирифтааст, заҳмати мушкил аз он сабаб аст, ки вай тадқиқи тазкираҳои то имрӯз омӯхта нашударо ба зимма гирифтааст... Фақат он касе ки боре бо чунин кор машғул шудааст, медонад ки ин таҳқиқот чи андоза таҳаммулу бурдбориро тақозо мекунад"

Баъд аз соли 1954 давраи пурбаракати фаолияти Бертелс шурӯъ шуда буд. Вай бо шавқи калон ба навиштани ҷилди аввали "Таърихи адабиёти форсу тоҷик" машғул буд. Баробари ҳамин кори таҳия намудани матни нави илмию интиқодии "Шоҳнома"-ро шурӯъ намуд. Вай заминаи ин кори бузургро бо шогирдонаш бунёд ниҳод, ба умеди он ки онҳо кори бузурги ӯро ба анҷом хоҳанд расонид. Моҳи октябри соли 1957 дар асари сактаи сахти дил Бертелс аз ҷаҳон чашм пӯшид. Гуфтанд, ки дар курсии сартарошӣ нафаси охиринаш фурӯ нишастааст. Ман дар Душанбе хабари даргузашти ӯро шунидам. Андӯҳи маро поён набуд. Гуфтам:

Аз шумори ду чашм як тан кам,
В-аз шумори хирад ҳазорон беш!

Баъд аз даргузашташ писараш Андрей, шогирдонаш, ҳамкоронаш бо сарпарастӣ ва роҳбарии Бобоҷон Ғафуров осори ӯро тадвин ва интишор намуданд. Ҷилди аввали осори баргузидаи ӯ бо номи "Таърихи адабиёти форсу тоҷик" аз чоп баромад. Ин ҷилд дар сайри таърихии адабиёти давраи Салҷуқиён ва аввали боби "Анварӣ" қатъ гардидааст. Нӯҳ ҷилди "Шоҳнома" ба табъ расид, ки дар ҷаҳони шарқшиносӣ чун соиқа рӯшноии нав андохт. Ин ҳама бузургдошти Бертелс – нобиғаи илми шарқшиносии қарни XX буд.

АЗ ИЛЙИНКА БА ШАҲР

Дар аввали январи соли 1953 аспиранти комилҳуқуқи Институти шарқшиносии Маскав шудам. Ба ман аз хобгоҳи умумии аспирантҳо ҷой доданд. Иморати сеошёнаи хобгоҳ дар минтақаи иқоматгоҳии Академия воқеъ шуда ва аз квартираҳо иборат буд. Ҳар квартира се хона, ошхона ва ҳаммому дастшӯйи газӣ дошт. Дар ҳар хона барои се-чаҳор нафар ҷои хоб буд.

Ҷойҳои маскунии атрофи хобгоҳи мо дар он солҳо ҷанубӣ ғарби охири ҳудуди Маскав ҳисоб мешуд. Аз метрои Калужская (ҳоло Октябрская), ки баромадем, ба тарафи хобгоҳ як автобус мерафт. Аз майдони назди метро

кӯчае сар мешуд ба номи Калужское шоссе. То Калужская застава (ҳоло майдони Гагарин) аз ду тарафи кӯча иморатҳои истиқоматӣ қад кашида буд. Аз Калужская застава дашти нопайдоканор кушода мешуд, ки ҳар ҷо-ҳар ҷои он иморатҳои навсохт мисли кӯҳпораҳо ба назар менамуд. Иморати аввалин аз тарафи рост биноҳои Иттифоқҳои касабаи Иттиҳоди шӯравӣ, аз тарафи чап чанд иморати мӯҳташами тирагуни Пажӯҳишгоҳҳои илмии академия, ки номашон маълуму машғулиятҳояшон пинҳонӣ буд; баъд биноҳои истиқоматӣ, ки яке аз онҳо хобгоҳи мо буд. Дар сари роҳи мо иморати зебои панҷошёна воқеъ буд, ки дар он аъзои Академия, аз ҷумла Бертелс, иқомат доштанд.

Аз назди ҳамин хона бинои 37 табақаи Донишгоҳи давлатии Маскав мисли қасри осмонхароши афсонавӣ намудор буд. Ин бино барои истифода омода буд ва мегуфтанд, ки моҳи сентябри ҳамин сол дарҳои худро ба рӯи донишҷӯён хоҳад кушод.

Бошандагони хонаи мо ҳама намояндагони улуми инсонӣ буданд: файласуф Завтур аз Молдова, Котлов дар таърихи кишварҳои араб, Мукаш Тулеганов дар адабиёти муосири қирғиз.

Мо бомдод дар хона ношито карда, ба Институтҳои худ ё китобхона рафта кор мекардем ва шаб соати 8-9 ба хона меомадем. Ҳар кас бо худ аз магазин ғизое меовард, ҳама дар ошхона ҷамъ шуда шом мехӯрдем ва бо ҳам гарм ва ширин сӯҳбат мекардем.

Дар моҳҳои аввали ба шаҳр омаданам рӯзонаҳо бештар дар китобхонаи Ленин кор мекардам. Аз рӯи мартабаи донишам иҷоза доштам, ки дар Зали рақами 3 кор кунам. Ин беҳтарин, бузургтарин ва зеботарин толорҳои қироатии китобхона буд. Баландии сақф, наққошиву гачкориву кандакориҳои дару девору сақф ва айвонҳои гирдогирди чӯбкорӣ ва қандилу чароғҳои биринҷии зарандуди толор бе муболиға қасрҳои шоҳонаро мемонд. Дар зал андаркам понсад нафар машғули мутоилаву таълифу китобат буданд ва касе ба касе халал намерасонд. Хомӯшие буд, ки агар парвонае пар занад шунидан мумкин буд. Дар хомӯшӣ гоҳо эҳсосе пайдо мешуд, ки гӯё дар курсии фалак нишастааму аз шохҳои "дарахти мубораки зайтуни лоғарбию лошарқӣ" (Сурайи Нур, ояти 35) баргҳои сабзу тар мечинам. Дар зал дили кас кушода мешуд, ҳамаи тирагиҳои зиндагии заминӣ ба пардаи фаромӯшӣ печида пару боли илҳом касро ба ҷаҳони поку беолоиш мебурд.

Барои навиштани рисола тамоми маводу аснод муҳайё буд ва дар хобгоҳ се рӯзи ҳафта то соати соати 2 ба таҳрир машғул будам. Дар ин соатҳо ҳамхонаҳо набуданд ва халале ба кори ман намерасид. Рӯзҳои дигар дар китобхонаи Ленин ба хондани адабиёти шарқу ғарб машғул будам. Аз он ҷо ки дар донишгоҳ курси адабиёти Ғарбро нашунида будам, бештари вақтро ба омӯхтани адабиёти урупоӣ, хусусан адабиёти қарни 19 ва адабиёти маорифпарварии Фаронса мегузаронидам. Гузашта аз ин дар назди факултаи филологияи Донишгоҳи Маскав шабона лекторияи таърихи адабиёти Ғарб ба пули шунавандагон кушода шуд. Ман ҳам ба ин лекторий билети шунавандагиро харида, ҳар моҳ ду бор дар лексияҳои олимони забардасти Маскав мисли Аникст, Мокулский, Динник иштирок мекардам. Дертар аз Институт ба унвони деканати факултаи фалсафаи Донишгоҳи Маскав нома гирифта, ҳамчун шунавандаи озод аз таърих ва назарияи эстетика лексияи профессор Динникро гӯш кардам.

Дар Маскав боз як ҷаҳони маънавӣ боз шуд. Ин ҷаҳони ҳунару зебоӣ, театру мусиқӣ буд. Ман осори тасвирии музейҳои машҳури Маскав – Галереяи Третяковский ва музеи Пушкинро борҳо тамошо кардам, омӯхтам.

Дар Тошканд ба шарофати дӯстиву ҳамнишинӣ бо оҳангсозони номӣ Мутаваккил Бурҳонову Левиеву Муллоқандову Юдаков ба мусиқии ғарб каму беш унсу ошноӣ пайдо карда будам. Ин муҳаббату шавқ дар замири дил буду имконе надоштам, ки роҳе ба дунёи афсунгару сеҳрогини мусиқӣ пайдо кунам. Дар Маскав ба ин дунё роҳ ёфтам. Аз сарвати рӯҳафзову маъанавибахши он дуру гуҳарҳои фаровон захира намудам. Шунидани консертҳои Толори бузурги Консерватория ва Зали консертии Чайковский рӯзу соатҳои саодатмандтарин буд дар ошомидани лаззати осори мусиқии классикони ҷаҳонӣ дар иҷрои навозандагони номӣ ва оркестрҳои симфонии машҳури Маскав. Дар Болшой театр ва филиали он, дар Малий театр ва МХАТи Горкий, дар театри Моссовет ва Маяковский аз рӯи нақшаҳои қаблӣ ба намоишҳои беҳтарин мерафтам.

Боз як ҷузъиёти зиндагии Маскав, ки барои ман нав буд, вале хеле муфид омад. Мардуми Маскав дар нақлиёти шаҳр роҳи дуру дарозро, ки ним соату як соат тӯл мекашид, беҳуда намегузарониданд. Баробари ба автобус ё нақлиёти дигар даромадан ҷои нишаст ёфта ё баъзан дар гӯшае рост истода, китоб ё маҷаллаву рӯзнома мехонданд. Аз рӯи ҳисоби тақрибии ман дар чанд рӯзи таййи масофаҳо як ё ду романро ба охир расонидан мумкин аст. Дар пайравии сокинони Маскав дар нақлиёт китобҳои бадеӣ ё илмӣ мехондам. Дар он вақт тарҷумаи романиТургенев “Арафа”-ро дар ӯҳда доштам. Дар нақлиёт пораҳои романро хонда дар фикрам тарҷума мекардам ва пас ба хона омада дар мошинка чоп мекардам. Ин буд баракоту файзи зиндагонии Маскав, ки дар рушду камолоти маънавии ман нақшу асари намоён гузошт.

ДӮСТОНУ РАФИҚОНИ ҲАМТАҲСИЛИ МАН

Наздик ба баҳори соли 1953 Институт дар кӯчаи Арман (Армянский переулок) ба иморати дуошёнаи мӯҳташам кӯчид. Дар ин бино дар аввали қарни 20 Институти забонҳои шарқ ба номи Лазарев воқеъ будааст. Баъд аз инқилоб солҳо дар ихтиёри Маркази фарҳангии Арманистон будааст. Ниҳоят бо қарори маъмурияти шаҳри Маскав биноро ба ихтиёри Институти шарқшиносии Академияи улум вогузоштанд.

Дар ин ҷо мо, аспирантону олимони ҷавон, имконият пайдо кардем, ки рӯзҳои муайян дар шӯъбаи худ ё дар хонаи махсус ҷамъ шавем, масъалаҳои таҳсил ва эҳтиёҷоти худро баррасӣ кунем, сӯҳбатҳои илмӣ ва хусусӣ ташкил намоем. Ба ин восита тавонистем бо ҳам ошно шавем, тарҳи улфату дӯстӣ барандозем. Аксари аспирантон ва олимони ҷавон аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Қафқоз ва Тоҷикистон, яъне аксар туркзабону форсидон буданд. Пири мо докторант Иззат Султон аз Ӯзбекистон буд. Иззат Султон фарди шинохтаи кишвараш буд, солҳо дар адабиётшиносии ӯзбек таҳқиқоти муҳим анҷом дода, соҳиби чандин китобу таълифот низ буд. Чанд сол дар мақоми муовини сарвазири ҷумҳурӣ сарпарасти соҳаи фарҳангу ҳунар буд. Дар

охир аз корҳои давлатӣ истеъфо дода, ба машғулиятҳои илмӣ гузашт ва ҳамон сол барои дифоъи рисолаи докторӣ ба Институти шарқшиносӣ омада буд. Иззат Султон марди фурӯтан, донишманду оқил буд. Дар ҷаласаҳои илмӣ ва билхосса дар баррасиҳои корҳои илмии ҷавонон бо камоли иштиёқ ширкат намуда, машваратҳои холисона ва муфид медод. Баъд аз Маскав ман бо Иззат Султонов дар Тошканд ва шаҳрҳои дигар дар ҳамоишҳои илмӣ ва ҷашну маҳфилҳои адабӣ бисёр мулоқот доштам ва байни мо дӯстиву рафоқат бо эҳтирому ҳусни тафоҳум барқарор буд.

Аз ҳамтаҳсилҳои худ пеш аз ҳама бо ҷавони доғистонӣ Муҳаммад Нурӣ Османов ошно шудам ва ин ошноӣ баъдан ба дӯстии тӯлониву қарину бародарона мубаддал гашт. Муҳаммад Нурӣ дар хобгоҳи Академия дар рӯ ба рӯи квартираи мо зиндагӣ мекард. Рӯзе бе такаллуф ба хонаи мо даромада худро шиносонд. Вай соли 1950 шӯъбаи шарқшиносии факултаи филологияи Донишгоҳи Маскавро тамом карда, ба нияти кор ба Сталинобод меояд. Дар Сталинобод нохост ба бемории сахт гирифтор шуда ба Маскав бозмегардад. Андаке сиҳҳат ёфта ба аспирантура дохил мешавад. Вақте ки мо бо ҳам шинос шудем, вай бо роҳбарии Брагинский дар мавзӯъи маъхазҳои қадимии "Шоҳнома" диссертатсия менавишт. Муҳаммад Нурӣ (ман ва тамоми дӯстонаш уро ба Нурӣ ном мегирифтем ва имрӯз ҳам, ки ба синни ҳаштод қадам ниҳодааст, ба ҳамин ном ба ӯ мурочиат мекунем), ки он вақт дида будам, ҷавони қоқинаи миёнақади ниҳоят чусту чолок ва пурғайрат буд ва бо одамон зуд унсу улфат мегирифт. Дониши хуб дошт, забони классикии форсӣ ва арабиро нағз медонист. Аз он ҷо ки дар мактаби миёнаи русӣ таҳсил карда буд, забону адабиёти русро фаро гирифта, таълифоташро ба ҳамин забон менавишт. Ба лаҳҷаи форсии эронии муосир ҳарф мезад.

Падари Нурӣ аз инқилобиёни болшевик буд ва дар истиқрори ҳокимияти шӯравӣ дар Доғистон муборизи ҷонсупор будааст. Соли 1937 зиндонӣ шуда, дар табъид фавтида, оилааш бе парастор мондааст. Нурӣ донишгоҳ ва аспирантураро бо кӯмаки хешону ҳамдиёронаш хатм намуда буд. Пас аз дифои рисолаи номзадӣ ӯро дар институти шарқшиносӣ ба кор қабул карданд. Вай бо тамоми ғайрату ҷидду ҷаҳд ба иҷрои нақшаҳои илмии Институт машғул шуд ва замоне нагузашта, бо заҳмату ҷиддият дар байни ходимон ва роҳбарони пажӯҳишгоҳ мавриди эътибору маҳбубият гардид.

Нурӣ баъд аз издивоҷ ба духтаре аз хешовандонаш соҳиби фарзанд шуд, аммо ҷою манзил барои иқомат дар Маскав надошт. Барои харидани хона пул лозим буд. Ва Нурӣ аз соли 1957 ба ҷамъ намудани маблағ барои харидории ҷою манзил ба ҷидду ҷаҳди миёншикан бо тарҷумаи осори мансури классикии форсӣ ба забони русӣ машғул шуд. Ҳамзамон бо тарҷумаҳои осори хурди классикон ва тарҷумаи таҳтуллафзи достону манзумаҳо барои мутарҷимони рус Муҳаммад Нурӣ Османов "Рисолаи таърихӣ"– и Аҳмади Дониш, "Чаҳор дарвеш", "Баҳори дониш"-ро ба сифати хуб ба русӣ гардонид.

Нурӣ ва ҳамкорони ӯ Андрей Бертелс, Рустам Алиев, Ғазанфар Алиев ҳанӯз дар вақти зинда будани устод Бертелс ба тартиб додани матни илмию интиқодии "Шоҳнома" шурӯъ карданд. Ин кор пас аз даргузашти Бертелс низ бо сарпарастии донишманди муҳоҷири Эронӣ шодравон Нӯшин давом

кард. Дар ин кор саҳми Нурӣ аз ҳама зиёдтар буд. Натиҷаи заҳамоти онҳо буд, ки дар охир матни нави "Шоҳнома" дар 9 муҷаллад ба чоп расид ва аз тарафи шарқшиносони ҷаҳон ҳамчун беҳтарин матни мўътамади асари безаволи Фирдавсӣ пазируфта шуд.

Дӯстии ману Нурӣ дӯстии оилавии мо низ буд. Ҳамсари вай Хадича бо ҳамсари ман дугонаҳои қарин шуданд. Тобистон Нурӣ бо оилааш ба Доғистон, ба аулаш мерафт. Дар он ҷо ҳам ором наменишаст. Ба қавли худаш, барои айёми пирӣ манзили бузург иморат мекард. Ман бо ҳамсару фарзандонам дар хонаи маскавиаш тобистонро мегузаронидем. Хонааш дар хиёбони Мичурин дар паси Донишгоҳи Маскав дар Ленинские гори (ҳоло ба номи аслиаш - Воробёвские гори мавсум аст) воқеъ гардидааст ва ҷойҳои сояву салқин ва дарахтзору сабзазор аст. Мо он ҷо истироҳат мекардем, ба театру консертҳо ва тамошои музею ёдгориҳои таърихӣ мерафтем.

Мову Муҳаммад Нурӣ ҳамкор ва дар бисёр масъалаҳои илмӣ ҳамақидаву ҳаммаслак будем. Бо ҳам кори бузурги тартиб додани луғатномаи "Шоҳнома"-ро сар кардем. Ба ҳамкорӣ аз тарафи Эрон шодравон Муҷтабо Минавиро низ ҷалб кардем. Маркази кор Шӯъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ таҳти роҳбарии ман буд.

Муҳаммад Нурӣ чанд соли охир роҳбари бахши матншиносӣ ва нашри осори хаттии Институти шарқшиносии Академияи шӯравӣ буд. Корҳои бузурги пураҳамиятро сар мекард, вале қуввату фурсат намерасиду корҳо нотамом мемонданд. Аз ҷумла луғатномаи "Шоҳнома" дар нимароҳ монд. Матни нави "Шоҳнома" низ тамом шуду чопи он ба таъвиқ афтод. Кори бузурге ки ӯ дар чанд соли охир анҷом дод, тарҷумаи Қуръони Маҷид буд, ки дар Маскаву Эрон чанд бор ба чоп расид. Муҳаммад Нурӣ дар охири солҳои ҳаштодум ба ватанаш бозгашт ва дар Махачқала Маркази эроншиносӣ таъсис намуд, ки ҳоло сарпарастии онро дар ӯҳда дорад,

Дар аспирантура инчунин Татяна Ауезова (духтари марҳум Мухтор Ауезов), шодравон Талъат Абдуҷабборови самарқандӣ, Ғазанфар Алиеви озарбойҷонӣ. Сибгатуллини қазонӣ, Кляшторинаи маскавӣ, афғоншинос Гирс дӯстони наздики ман буданд. Мо, аспирантон, дар корҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар маъракаҳои интихоботи Шӯрои Олӣ аз таблиғгарони фаъол будем. Хуллас, ҳамаи мо як давраи ҷавонии илмии аспирантии фаромӯшношуданиро аз сар гузаронидаем.

Дар солҳои аспирантӣ, чунон ки дар боло гуфтам, бо Андрей Бертелс ҳам тарҳи дӯстӣ ба миён омад. Вай ҳарчанд ду сол пеш рисолаи номзадиро дифоъ карда ва корманди илмӣ буд, аммо дар синну сол ва таҳқиқи бисёр масъалаҳои илмӣ дар доираи мо, ҷавонон, буд. Андрей ба падараш камтар шабоҳати зоҳирӣ дошт, вале тарзи гуфтор ва садои нармаш ба падараш хеле монанд буд. Ҳатто дар сухан гуфтан бисёр ибораҳои илмиву адабиаш аз услуби падараш маншаъ гирифта буд. Андрей дар навиштани таълифоти илмӣ ниҳоят покизакор ва амиқназар буд, дар тартиб додани матни "Шоҳнома" аз ширкаткунандагони пуркор ва бо диққат буд, вале мисли падар дар соҳаи илм фидокорӣ надошт. Дар тафовут аз падар дар масрифи вақт маҳдудиятро риоя намекард, сӯҳбату маҳфилҳоро бештар дӯст медошт. Баъд аз он ки ба ҷавонзани озодманишу зиндагидӯст хонадор шуд, ба машғулиятҳои илмӣ

камтар майлу фурсат дошт. Дар аввали солҳои ҳафтодум аз рӯи чанд дастнависҳои исмоилия, ки дар Помир ба даст омад, китобе таълиф намуда, ба дараҷаи доктори илм ноил гардид. Соли 1975 ба ӯ вазифаи намояндагии Академияи СССР-ро дар ЮНЕСКО пешниҳод намуданд. Ӯ ба Порис рафт ва даҳ сол ифои вазифаи маъмуриро дар ӯҳда дошт. Пас аз бозгашт ба Маскав гирифтори бемории лоилоҷе шуда, аз ҷаҳон чашм пӯшид.

Кори бузургтарин ва муҳимтарине, ки Андрей ба заҳамоти шоистаи таҳсин дар зиндагии худ анҷом дод, таҳия намудан ва ба чоп расонидани панҷ ҷилди осори мунтахаби падараш устод Бертелс буд. Пас аз нӯҳ ҷилди осори академик Бартолд панҷҷилдаи осори Бертелс дар шарқшиносии ҷаҳон бузургтарин ёдгори илмӣ гардид. Ва аз ин ҷо номи Андрей Бертелс низ ба некӣ дар ёди мо боқӣ мондааст.

Аз дӯстоне ки дар соли охири аспирантура дар Маскав пайдо шуд, Рустам Алиев ном ҷавони озарбойҷонӣ буд. Ӯ тахассуси эроншиносиро дар Ленинград касб намуда, таҳти роҳбарии Александр Болдирев дар мавзӯъи эҷодиёти Саъдии Шерозӣ рисолаи номзади илмро дифоъ намуда, дар охири соли 1953 ба Институти шарқшиосӣ омад. Забони форсӣ, арабиро хуб медонист, ба ин забонҳо бо фасоҳати том ҳарф мезад. Дертар дар яке аз донишгоҳҳои кишвари араб (ба назарам, Сурия буд) аз таърихи адабиёти форсӣ ба забони арабӣ дарс ҳам гуфтааст. Баъдтар забони анлисиро ба хубӣ фаро гирифт ва дар Донишгоҳи Ҳарвард муддате аз адабиёти форсӣ дарс гуфта, ба унвони профессорӣ ва пӯшидани хилъати устоди ин донишгоҳи машҳур муфтахар гашт.

Миёни мову Рустам дӯстии самимӣ барқарор гашт. Ростӣ агар гӯям, ихлосу эътиқоди ӯ ба ман зёдтар буд, нисбат ба дӯстонаш Нуриву Андрей. Ману ҳамсарам бо фарзандонамон дар айёми хурдиашон дар Маскав боре чанд меҳмони вай ва ҳамсараш Фархунда будем.

Рустам Алиев бо вуҷуди истеъдоди фавқулоддааш феълу хӯи ноустуворе дошт. Шахси ҳассос, пурэҳтирос ва ҳатто ҷунундоре буд – зуд меранҷид, дар хашм меомад ва кина дар дил мепарварид. Донишманди хуб, аммо ба дониши худ мағрур буд, аз ин сабаб бо ҳамгинону ҳамкоронаш созгорӣ карда наметавнист. Илова бар ин ба майгусорӣ зиёдтар аз эътидол майл дошт. Ин ҳама ба сиҳҳат ва раванди муназзами кори илмиаш халал ворид менамуд.

Рустам Алиев солҳои дар Маскав кор карданаш дар таҳияи чанд ҷилди "Шоҳнома" ширкат дошт, матни илмию интиқодии "Гулистон" ва "Бӯстон"-и Шайх Саъдиро ба чоп расонд. Бо Институти шарқшиносии мо дар таълифи таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамкорӣ мекард. Лекин ба рағми чашмдошти мо, дӯстонаш, аз ҳамсараш ҷудо шуда ба Боку рафт ва мешунидем, ки дар он ҷо ҳарчанд ба корҳои илмӣ машғул аст, вале бо ҳамкоронаш созиш надорад ва бештар майнӯшӣ мекунад.

Моҳи марти соли 1982 бо шодравон Аълохон Афсаҳзод ба Боку ба ҷашни 80-солагии зодрӯзи шодравон Ҷафар Ҷаборлӣ рафтем. Шабе меҳмони Рустам шудем. Дар хонаи бенавоёна зиндагӣ мекард. Ҷавонзане дар хидмат буд. Рустам зиёдтар нӯшид ва аз ҳама дар бевафоӣ нисбат ба ӯ шикоят мекард. Пайдо буд, ки май ба рӯҳу ҷисми ӯ беасар набудааст. Баъд аз се сол хабари даргузашти ӯро шунида ғамгину парешон шудам. Рустам Алиев

дар илм ва дар дили дӯстон аз худ пае гузошт, аммо ӯ метавонист аз ин бештар ва боризтар асаре аз худ боқӣ гузорад.

* * *

Аз моҳи марти соли 1953 асосан ба навиштани рисолаи номзадӣ машғул шудам. Аз падар пул дархост карда мошинка харидам ва хостам барои хондани роҳбари илмиам бобҳои аввалинро дар чопи мошинка пешниҳод кунам. Брагинский дар ин вақт аз вазифаи муовини директор истеъфо дода ва мулоқот бо ишон осонтар шуда буд. Боз хубиаш дар он буд, ки ишон чанд мулоқоти охирро дар хонаи худ таъйин мекард. Брагинский дар кӯчаи Садово-Кудринская дар ошёнаи панҷум дар квартираи духонагӣ бо чор фарзанду ҳамсараш зиндагӣ мекард. Дар ин квартира гӯшаеро бо девори фанерӣ кабинет сохта кор мекард ва ҳамон ҷо мехобид.

Ман ду боби аввали рисоларо ба Брагинский супоридам ва мунтазири даъвати ӯ ба мулоқот ва шунидани фикри вай роҷеъ ба навиштаҳоям будам. Хушбахтона интизорӣ тӯл накашиду рӯзе вақти чошт дар кабинети хонагиаш маро қабул кард. Суханро аз пурсу поси одатӣ сар кард. Вале ман бесаброна мунтазир будам, ки дар бораи нахустин саҳифаҳои кор чи фикру мулоҳизаҳо дошта бошад. Брагинский аз байни коғазҳои рӯи мизаш папкаи маро гирифту пешаш гузошт ва бо табассум гуфт:

— Хуб, Расули азиз, ман ҳис мекунам, ки мехоҳед дар бораи коратон фикри худро гӯям. Он чи навиштаед, хуб аст. Ман хеле хуб намегӯям, ҳарчанд хеле хуб ҳам бошад. Дар ин хусус корро тамом кунед, баъд муфассалтар гап мезанем. Навиштаҳоятон хуб аст аз он ҷиҳат, ки дар илми мо сухани тоза аст. Дар бораи тазкираи Возеҳ ҳар кас ҳар чи навиштааст, ба ман маълум аст, аммо аз ин тазкира дар бораи адабиёти қарни 19 чӣ тасаввурот ҳосил кардан мумкин аст, фақат аз кори шумо иттилои комил пайдо мешавад.

Брагинский мисли ҳамеша боз дар бораи масъалаҳои адабиётшиносӣ ба мавзӯъҳои дигар гузашт. Хеле муфассал ва бо ҳарорат гап зад. Хулосаи суханро чунин анҷом дод:

— Чунон ки хоҳед дид, дар матн ва ҳошияҳо эроду тасҳеҳоти ман кам аст. Гумон накунед, ки корро сарсарӣ хондаам. Ба диққат хондам. Кори шумо таҳрир талаб намекунад, балки тасҳеҳ мехоҳад. Тасҳеҳоти ман дар ин ҷо ва бовар дорам дар бобҳои оянда низ аслу моҳияти корро тағйир намедиҳад. Як нафар олими ҷавони ғайри рус ба забони русӣ ба ҳамин дараҷа нависад, ӯро табрик бояд кард ва ба баъзе ноҷӯриҳои забон набояд хӯрдагирӣ кард. Ба ҳамин минвол кори худро идома диҳед.

Суханҳои Брагинский маро хеле шод ва далер кард. Бояд гӯям, ки дар бораи забони рисола устод Бертелс ҳам дар маҷлиси дифоъ айни ҳамин фикрро гуфта буд. Аз хонаи Брагинский баромадаму аз хурсандӣ на танҳо ба куртаам, балки дар кӯчаҳо ҳам намегунҷидам. Маълум мешавад, ки роҳи пешгирифтаам дуруст аст ва бо азми қатъӣ метавонам навиштани корро идома диҳам.

Дигар. Бори аввалин буд, ки аз забони Брагинский нисбат ба худ муроҷиати хеле меҳрубононаи "Расули азиз"-ро шунидам. Оҳанги ин муроҷиат ба гӯш гуворо расид. Ба ҷуз гувороии зоҳирӣ ба назарам маънии

ботинӣ ҳам дошт. Ҳис кардам, ки аз имрӯз эътиборан ман ба Брагинский на танҳо як нафар аспиранти шогирд, балки шахси ба дил наздики он кас ҳастам. Дар гумони худ хато накарда будам. Робитаи дӯстона, ҳамкорӣ ва ҳамфикрии мо дар бисёр масъалаҳои илмӣ аз ҳамон рӯзе ки аз ишон "Расули азиз"-ро шунидам, шурӯъ шудааст. Ҳоло ҷои он аст, ки дар бораи ин марде, ки дар аввалин қадамҳои илмиам нақше гузоштааст, чанд сухане бояд гуфт.

Иосиф Самуилович (мо ӯро Иосиф Самойлович мегуфтем) Брагинский дар Боку дар оилаи яҳудӣ мутаваллид шудааст. Падару модараш одамони мутадайян буда писари худро низ дар рӯҳияи динӣ тарбия намудаанд. Аммо дертар таъсири Бокуи инқилобии болшевикӣ ба вай бештар таъсир гузошта ва Брагинский то охири умр аз мӯътақидони ниҳоят устувор, ҳатто гуфтан метавон мутаассиби идеяҳои коммунистӣ буд.

Бо вуҷуди ин ҳама пайравиҳои афкори мухталифа, Брагинский ба дин ё сиёсат напайваст ва барои таҳсили илм ба Институти шарқшиносии ба номи Наримонови шаҳри Маскав дохил шуд. Пас аз хатми таҳсил ӯро ҳамчун узви ҳизб барои ёрӣ ба сохтмони сотсиалистии деҳот ба Тоҷикистон фиристоданд. Мақомоти ҳизбии Тоҷикистон Брагинскийро ба яке аз совхозҳои навташкили ноҳияи Данғара ба ҳайси роҳбари сиёсӣ маъмур карданд. Аз ҳамин сол ва аз ҳамин ноҳияи деҳотӣ сар карда тақдири Брагинский бо сарзамини тоҷикон, бо адабиёту маданияти мардуми тоҷик сахт пайванд шуд ва ин пайванд дар тӯли умри дарозу бобаракати ӯ решаҳои амиқ давонда шоху баргҳои сабзу пурсамар овард.

Брагинский таърихи адабиёти форсу тоҷикро дар чордевори клосҳои донишгоҳ омӯхт ва ба назми ҷаҳоншумули форсӣ муҳаббати гарм дар дил пайдо кард. Вақте ки ба Тоҷикистон омад ва дар байни мардум гашт, фаҳмид, ки решаҳои амиқу обдори ин назми бузург дар сурудҳои халқӣ, дар дили аз шеъру таронаҳои ишқ саршори мардуми оддӣ сарчашма дорад. Вай то охир дар ин ақидаву эътиқоди худ пойдор ва устувор монд. Баъзеҳо ба ин ақидаву афкори вай бо назари тардид менигаристанд ва ҳатто мегуфтанд, ки чунин фикру андеша ё аз хуб надонистани адабиёти классикӣ ба миён меояд ё аз тақдир нанамудани бузургвории назми форсӣ бармехезад. На, Брагинский адабиёти классикии форсу тоҷикро хуб медонист, вале онро бо роҳи худ, бо услуби худ, бо ақидаву андешаҳои навин таҳқиқ менамуд. Брагинский соли 1955 рисолаи докториро дар мавзӯъи хеле ҷолиб ва бо усули тадқиқи навоварона дифоъ намуд. Вай аз Авесто гирифта то адабиёти қарни 20 дар осор ва ёдгориҳои адабиёти хаттӣ унсурҳои адабиёти шифоҳиро зарра ба зарра ошкор намуд ва таҳқиқ кард. Рисолаи докториро ба шакли китоб ба табъ расонид ва онро ба ёди шоирони халқии тоҷик Бобоюнус Худойдодзода ва Юсуф Вафо эҳдо намуд.. Ҳамин шоирон буданд, ки зебой ва ҷозибаи назми халқиро ба Брагинский талқин намуданд. Брагинский шеъру сурудҳои халқиро дар миёни мардум омӯхт, ин сурудҳо дар хуну рӯҳи вай ҷой гирифта буданд. Дар маҳфили дӯстон, ки гоҳо нашъаи шароб ба вай хотираҳои ҷавонии солҳои Данғараро ба ёд меовард, суруди дӯстдоштааш "Як даста гуле"-ро бо овози бами худ замзама мекард:

Як даста гуле дар даҳани дарвоза
То гап назанӣ, намешавад овоза.

Брагинский дар илм роҳу раванди худро дошт. Омӯхтани адабиёти тоҷикро на аз дастнавису мабаъҳои хаттӣ, балки аз ҳаёт ва эҷодиёти мардум дар саҳрову майдонҳои кор сар карда буд. Сониян. Брагинский аз ҷавонӣ назария ва таълимоти коммунистиро нағз омӯхта, мӯътақид ва пайрави собитқадами коммунизм буд. Ҳамаи ин ба услуб ва тарзи тафаккури илмии ӯ нақши намоён гузошта буд.

Брагинский дар таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёт бориксанҷ буд. Навиштаҳояш бештар ба доираи васеъи хонандагон нигаронида шуда буд. Аз ин ҷост, ки ҷолибу ҷозиб ва бо эҳсосу оҳанги таблиғу тарғиб менавишт. Ба он манзур ки хонанда на танҳо аз моҳияти илмии масъала тасаввур ҳосил кунад, балки симои шоиру нависанда ва садои вай ба дили хонанда роҳ ёбад. Намунаи беҳтарини чунин таҳқиқ ва усули таҳрир китоби ӯст ба номи "12 минотюр" дар бораи дувоздаҳ чеҳраи дурахшони адабиёти форсу тоҷик, мисли Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ ва Ҳофиз. Ин тарзу услуби хоссаи Брагинский буд ва на ҳар кас чунин истеъдоди нигоришро дошт.

Баъзе олимон, ҳатто аз ҷумлаи шогирдонаш Муҳаммад Нурӣ Османов чунин тарзи таҳқиқро аз аҷзу нотавонии олим дар тадқиқи филологии классикӣ медонистанд. Брагинский дар ҷавоби ин маломатгарон дар бораи поэтикаи шеъри Рӯдакӣ тадқиқоте навишт, ки дар он таҳлили филологию формалии структуралистӣ бо диди эстетикии воқеъбинона омезиши таркибии мутаносиб дошт.

Симати дигари тадқиқоти илмии Брагинский ба масъалаҳои назариявии давраҳои адабӣ ва ҷараёнҳои бадеъӣ рӯй овардан, онро вобаста бо қонунҳои умумии адабиёти ҷаҳон таҳқиқ намудан буд. Ҳайъати бонуфузи олимону адибон бо роҳбарии Айниву Лоҳутӣ ба шарафи 10-солагии Тоҷикистон китоби "Намунаҳои адабиёти тоҷик"-ро тайёр мекарданд. Пас аз гиру дорҳои солҳои 1937-38, ки китоберо аз адабиёти гузашта дар хона нигоҳ доштан хатари ҷон дошт, барои навиштани асаре аз таърихи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик дилу гурда лозим буд. Таълифи муқаддимаи таърихию назариявии китоб ҳамчун мутахассис ва роҳбари ҳизбӣ ба зиммаи Брагинский афтод. Брагинский дар муқаддима, ки бе имзои вай аз номи ҳайъати муаллифон ба чоп расид, таърихи фушурда ва аз ҷиҳати назариявӣ муҳимми таърихи адабиёти форсу тоҷикро ба риштаи таҳрир даровард.

Яке аз муҳимтарин иқдом ва кашфи Брагинский он буд, ки ба адабиёти давраи охирини тоҷик, ки ба таъбири бадном шудаи "ҷадидизм" мавсум буд, истилоҳи саҳеҳ ва дурусти "маорифпарварӣ"-ро мансуб кард. Ин истилоҳ дар солҳои баъдӣ ба ҷуз адабиёти тоҷик ба давраҳои навини бисёр адабиётҳои Шарқ маъмул ва мансуб гардид. Роҷеъ ба масъалаи маорифпарварӣ дар адабиётҳои миллӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз ҳамоишҳои бонуфузи илмӣ барпо гардид, ки ташаббускор ва сарвари он Брагинский буд. Ман ҳам дар ин миён аз мубаллиғон ва тарғибгарони равияи маорифпарварӣ дар адабиёти тоҷик будам.

Брагинский ҳамчун раиси чандин комиссияҳои назариявию амалӣ бисёр масъалаҳои назариро ба баррасии олимон мегузошт. Дар масъалаи реализм дар адабиёти форсу тоҷик, омезиши суннат ва андешаҳои шарқу ғарб дар адабиёт мунозираҳои илмӣ барпо намуда ва худ ҳам бисёр мақолаву рисолаҳо таълиф намудааст.

Албатта Брагинский на дар ҳама тозаҷӯиҳояш дар роҳи дурусту белағзиш буд. Чунончи, андешаҳои ӯ роҷеъ ба мавҷудияти давраи эҳё (Реннесанс) дар адабиёти форсу тоҷик сунъӣ ва сустбунёд буд. Худи ман бо ин андешаи устодам қатъан мухолиф будам. Дар ниҳояти кор дар радди андешаҳои Брагинский фикру ақидаҳои худро навишта ба вай додам. Брагинский аз бебокии шогирдаш ранҷида бошад ҳам, дар ҳар сурат андешаи ин ҷонибро аз эътибор соқит накард ва баъдҳо дар ин масъала камтар исрор менамуд.

Брагинский дар ҷумҳуриҳои шарқи шӯравӣ дӯстону шогирдон ва ҳамкорону ҳамфикрони зиёде дошт, ба ин ҷумҳуриҳо сафар мекард. Лекин робитаҳои бештар ва қавитари ӯ бо Тоҷикистон буд. Солҳои ҷавониаш дар Тоҷикистон гузашта буд, камолоти маънавӣ ва тахассусии вай низ бо Тоҷикистон марбут буд. Хислати хуби хайрхоҳии ӯ дар нисбати тоҷикон, хусусан ҷавонон бештар зоҳир мегашт. Дармондагонро дар мушкилиҳо дастгирӣ мекард, дар Маскав роҳнамо ва мушкилкушои ҳамаи мо буд. Вақте шунид, ки баъзе новоридон нисбат ба мавзӯи рисолаи доктории ман хӯрдагирӣ ва беҳудагӯӣ мекунанд, дар маҷлиси баррасии диссертатсия гуфт:

— Аҳмади Дониш нависанда ва мутафаккири бузург ва ниҳоят мураккаб аст дар андешаву афкору ақоиди фалсафию иҷтимои худ. Ӯро на танҳо фаҳмидан, ҳатто хондан ҳам донишу назари бориксанҷонаро тақозо дорад. На ҳар кас ба кушодану дарк намудани ин мушкилот қодир аст. Фақат барои он ки Расул Ҳодизода Аҳмади Дониш ва алалхусус "Наводир"-и ӯро хонда фаҳмидааст, сазовори дараҷаи илмии докторӣ шуда метавонад.

Брагинский сарвари шоистаи оила низ буд. Ҳамсараш Ханна Натановна Дриккер баробари шавҳар дар ҷавонӣ дар деҳоти тоҷикон кор кардааст. Вай солҳои охир ба сабаби беморӣ аз кор фориғ буд ва он чи метавонист мададгор ва мушовири шавҳари худ буд. Брагинский бо вуҷуди серкориву гирифториҳои зиёд нисбат ба ҳамсар ва фарзандон ниҳоят ғамхор буд ва ҳамеша, ҳатто дар синни камолоташон ҳам онҳоро парасторӣ ва сарварӣ менамуд, барои рафоҳияти зиндагӣ ва барори корашон мададгор буд. Бо камоли таассуф бояд гӯям, ки фарзандон на танҳо кори падарро идома надоданд, балки дар посдории ёди падар фурӯгузорӣ карданд. Архиви Брагинский ва китобхонаи пураразиши вай, ки як пораи таърихи тоҷикон аст, маълум нест куҷо шуд.

Брагинский аз шогирдон низ баъд аз даргузашташ бояду шояд қадршиносӣ надид. Онҳое ки аз ному мадади Брагинский манфиату баҳраҳо бардоштанд, ӯро зуд фаромӯш карданд. Соли 1996 ба чанде аз онҳо, ки соҳиби маснаду мансаб буданд, мурочиат кардам, ки 90-солагии зодрӯзи шодравонро таҷлил кунем – садое набаромад. Ман ин сатрҳоро ба поси ёди ин марди шариф менависам, менависаму симои ишонро пеши назар мебинам, ки ба мо бо нигоҳи гилаомез дида дӯхтааст. Солҳо мегузарад ва наслҳои нави тоҷик ишонро ба эҳтирому миннатпазирӣ ёдовар хоҳанд шуд.

* * *

Тобистони соли 1953 ба зарурате вобаста бо муҳиммоти оилаамон ба Самарқанд сафар кардам. Имконияти дер истодан надоштам, зеро дар Маскав мошинкаву коғазҳои навиштаам рӯи миз мунтазири ҳар чи зуд бозгаштану давом додани таълифи рисолаи номзадӣ буданд.

Фурсатро ғанимат дониста, ба дидори устод Айнӣ рафтам. Вақти чошт буд, устод мисли ҳамеша дар кабинет сари миз машғули кор буд. Дар Маскав духтари хурдии устод Лутфия рӯзҳои зимистон аз бемории пайдарпаи падараш бо хотири парешон бисёр гап мезад. Ҳоло устодро бардаму солим дидам. Хурсанд шудам, дар дил имонам қавӣ шуд, ки иншаоллоҳ устод анҷоми кори маро хоҳад дид. Устод пеш аз ҳама аз вазъи саломати Бертелс ва корҳои Брагинский пурсид. Аз вазъи кор ва тарзи рӯзгузарониам ба тафсил суолҳо намуд. Аз ҷараёни таълиф ва таҳрири рисола гуфтам. Хомӯш ва бо нигоҳи қаноатмандона гӯш кард.

— Мебинам, ки ба Маскав рафтанатон бе фоида набудааст. Акнун ки мӯҳлати аспирантура баъд аз ду моҳ тамом мешавад, боз ҳам ба шиддаттар кор кардан лозим аст. Ба назарам, ду моҳи боқимонда барои таълиф кофӣ бошад ҳам, лекин тараддудҳои ҳимоя вақти иловагӣ тақозо мекунад. Бинед, агар ҳамин хел зарурат бошад, бо Брагинский машварат кунед, чӣ маслиҳат мебинад. Тирамоҳ маҷлиси Академия мешавад, Брагинский ҳам меояд. Ба чӣ хулоса меояд, ба ман мегӯяд, аз рӯи ҳамон кор мекунем.

Устод гӯё ба дили ман назар андохта буд. Худам аз ҳамин мавзӯъ гап кушоданӣ будам, аммо муносиб намедидам. Устод валӣ буд магар ки худ вазъи маро фаҳмида мушкиламро осон кард.

Аз мулоқоти Айнӣ бо як олам шодиву сурур баромадам. Ҳатто як ҳисси ифтихор дар гӯшаи дил пайдо шуд. Айнӣ дар тӯли умраш бисёр шогирдонро тарбия намудааст, ба ҷавонони навқалам ва олимони донишҷӯй роҳнамо будааст. Бисёр касонро медонам, ки аз устодии Айнӣ ба худ, аз роҳнамоии ишон дар кушоиши корашон бо ифтихор гап мезананд. Хеле олӣ! Охир ман ҳам метавонам фахр кунам, ки мисли Айнӣ устоди бузургвор дорам. Аз он ҷо ки медонам, ҳоло шогирди ягона ва ҷавонтарини устод ҳастам, ки ба маҳ умед бастааст, бовар дорад. Хуб, аз ин пеши касе худситой накунам ҳам, хомӯшона метавонам аз тақдири худ шукрона намоям, фахр кунам!

Дар Самарқанд каме истироҳат ҳам муяссар гардид. Бештар дар хона, дар сӯҳбати падару модар будам. Падар ҳавлиро хуб таъмиру бозсозӣ карда. дар орзуи бозгашти мо (додарам Маҳдихон дар Маскав дар аспирантураи клиникаи духтури машҳур Вовси дар таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ буд) рӯз мегузаронид. Сиҳҳаташ хуб буд. Дар ҳамон оиӯзишгоҳи номии тоҷикӣ дарс медод. Бо тарғиби Айнӣ дар Институти педагогии навташкили Тоҷикистон дар Самарқанд забони тоҷикӣ тадрис менамуд. Хоҳари калониам дар мактаби рақами понздаҳи тоҷикони гузари Фақеҳ Абу Лайс директор ва муаллими забону адабиёт буд. Хоҳари хурдиам Маҳвашхон Донишгоҳи Самарқандро дар риштаи филология хатм карда буд. Модарам бо қувваи ҷавонӣ дар хидмати хона буд. Хулосаи калом ҳама дар осоишу оромӣ буданд ва ман бо дили ҷамъ ба Маскав рафтам.

Баъд аз расиданам ба Маскав назди Брагинский рафтам. Аз сафари Самарқанд ва мулоқотам бо Айнӣ ҳикоят кардам. Вазъи хуби устодро шунида мисли кӯдак шодӣ кард ва ҳатто дар дидаҳояш ашк дидам. Охир, вай Айниро аз солҳои аввали дар Тоҷикистон кор карданаш мешинохт. Ӯро дӯст медошт ва ҳатто дар солҳои охири умр ӯро парастиш менамуд. Китоби аввалини нисбатан комилро дар бораи Айнӣ соли 1948 Брагинский навишта буд. Бо

усули нави таҳқиқ ва бо меҳру муҳаббати самимона ба шахси Айнӣ навишта буд. Ман кӣ будани Айниро дар солҳои донишҷӯиам аз китоби Брагинский шинохтам.

Брагинский фаслҳои аз назар гузаронидаи рисолаамро бо қайдҳояш доду гуфт:

— Ба назарам, коратон ба ҳамин сурату суръат равад, рисоларо дар мӯҳлаташ ба охир мерасонед.

Дар ин маврид дар бораи сӯҳбатам бо Айнӣ роҷеъ ба мӯҳлати кор ва имкони тамдид намудани мӯҳлати аспирантура нақл намудам. Брагинский фикри Айниро комилан тарафдорӣ намуд.

Дигар бо хотири ҷамъ ба кори худ давом додам. Фаслҳои охирини рисоларо бе шитобзадагӣ ба оромӣ менавиштам. Дар вақту соатҳои муайян романи Тургенев "Арафа"-ро бо шавқ тарҷума мекардам.

Моҳи ноябр Брагинский ба Сталинобод рафт. Баъд аз даҳ-дувоздаҳ рӯз мактубе ирсол дошта хабар дод, ки роҳбарияти Институти забон ва адабиёт муддати таҳсили аспирантураро барои ман шаш моҳ дароз кардааст. Ин хабар дар айни зимистони қаҳратуни Маскав муждаи баҳорро мемонд, ки дилро равшану рӯҳро қавӣ намуд.

Кор бо муваффақият аз рӯи нақшаи муайян ба анҷом расид. Дар аввалҳои март рисоларо дар Шӯъбаи таърихи адабиёти форсӣ муҳокима намуда, барои дифоъ ба Шӯрои илмии Институт тавсия намуданд. Оппонентии аввалро устод Бертелс розӣ шуд ба ӯҳда гирад. Ба ҳайси оппоненти дуввум устоди адабиёти форсии бахши эроншиносии факултаи филологияи Донишгоҳи Маскав Аркадий Стариков тасдиқ гардид. Баъд аз ду рӯз Шӯрои илмии Институт қарор дод, ки маҷлиси дифоъ 5-ми апрел муқаррар шавад. Аз рӯи дастур даҳ рӯз пеш аз дифоъ 25-м март дар рӯзномаи "Вечерняя Москва" эълон дарҷ гардид, ки дар он номи диссертант, мавзӯъи диссертатсия, ном ва адреси Шӯрои илмӣ эълон шуд.

Устод Бертелс тақризи худро дар мӯҳлати муқаррар ба котиботи Шӯрои илмӣ ирсол дошт. Аммо аз тақризи Аркадий Алексеевич Стариков хабар набуд. Ишонро шахсан нагмешинохтам ва нишоне аз манзилашон дар даст надоштам. Медонистам, ки Муҳаммад Нурӣ шогирди ишон буд ва дар ҳаққи устодаш бо сипосу қадршинсӣ гап мезад. Шогирдони дигари Стариков, мисли Михаил Занду Саша Эделману Леонид Хромов низ аз Стариков ҳамеша бо дили пурмеҳр ёдовар мешуданд. Аз гуфти онҳо пайдо буд, ки Стариков на танҳо донишманду устоди мумтоз, балки шахси ниҳоят меҳрубон ва нисбат ба шогирдон мисли падар ғамхору ҳамдам будааст. Стариков аз таърихи адабиёти форсӣ ниҳоят донишварона ва ҷаззобона дарс мегуфтааст, ки шогирдон навиштаҳои мухтасарашонро аз дарсҳои вай ҳамчун беҳтарин китоби дарсӣ нигоҳ медоштанд. Стариков шогирдонро ба хондани "Шоҳнома" тарғиб намуда ва дарси махсуси хондан ва таҳлили ин асарро ташкил намуда буд. Муҳаммад Нурӣ гуфта буд, ки дар натиҷаи тадрис ва ташвиқи Стариков рисолаи номзадии худро дар мавзӯъи "Шоҳнома" таълиф намуда ва баъдан қариб тамоми умри худро ба таҳқиқи асари безавол сарф намудааст.

Ман ба воситаи телефон бо Стариков сӯҳбат кардам. Дар бораи рисола суханҳои хуб гуфт ва маъзарат хост, ки дар асари гирифториҳо дар тадрису

таълим натавонист тақризро ба Институт фиристад. Гуфт, ки фардо ӯро назди бинои факулта пеши мошинаи сабукраваш "Москвич" (рақамашро ҳам гуфт) мунтазир бошам.

Рӯзи дигар дар ҷою соати ваъдагӣ марди қоматбаланд бо риши сафеди кулӯта ва чеҳраи хандон пайдо шуд, хандида гуфт:

— Дар таъхири кор мошинистка тақсир дорад. Чанд рӯз бемор будааст. Ҳозир бо мошини фарсудаи ман рафта тақризро мегирем, баъд шуморо ба Институт мерасонам, то ки коғазро зудтар ба котибот супоред.

Дар тӯли роҳ Стариков дар бораи кӯчаву иморатҳои таърихии шаҳр, ки аз назди он мегузаштем, нақлҳои ҷолиб мекард ва гузашти вақтро дар гармогармии сӯҳбати дилкаши Стариков нафаҳмида мондам. Дар назди Институт аз мошин берун наомада, тақризро ба ман дод ва гуфт:

— Ман мехоҳам як ҷузъи мақолаи худро аз ҷилди аввали тарҷумаи русии "Шоҳнома" ба расми ёдгор ба як нафар олими хуби ҷавони тоҷик тақдим кунам.

Стариков аз портфели пур аз китобу коғазаш он ҷузъро бароварда, дар ҳамон ҷо ба номи ман навишта ба дастам дод. Ин ҳамон охирсухани ҷилди аввали "Шоҳнома" буд, ки устод Лоҳутӣ ва ҳамсараш Бону дар силсилаи "Ёдгориҳои адабиёти ҷаҳон" ба чоп расонида буданд. Қариб ҳафтод саҳифа охирсухани Стариков аз беҳтарин навиштаҳои то ин замон ба чоп расидаи донишмандон дар бораи "Шоҳнома" буд. Ин ёдгори устодро то имрӯз ҳамчун беҳтарин ва гаронбаҳотарин хотираи ӯ нигаҳдорӣ мекунам.

ПЕШ АЗ БОЗГАШТ БА СТАЛИНОБОД

5-ми апрели соли 1954 соати 10 дар Шӯрои илмии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои СССР дифоъи рисолаи номзадии ман дар мавзӯъи "Маъхазҳои омӯзиши адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри 19" барпо гардид. Дар арафаи ин рӯз ва пеш аз оғози маҷлис ниҳоят дар ҳаяҷону изтироб будам. Пас аз он ки маҷлис бо ҳузури донишмандони номвари мамлакат ба оромиву шукӯҳмандӣ кушода шуд, дар ман ҳам оромишу хомӯшии аъсоб рух дод. Сухани ифтитоҳии худро ба таанниву оҳанги равшан ба арз расонидам.

Суханронии ду олими маъруф устод Бертелс ва мударриси донишгоҳ Стариковро ҳозирин бо диққати том гӯш карданд. Ҳарчанд бо матни суханрониҳои онҳо қаблан ошно будам, вале ин навиштаҳо имрӯз аз забони онҳо ба гӯшам чун садои ширини падарона оҳанги ғамхоронаву меҳрубонона дошт. Шодии ман дар дил меафзуд ва изтиробҳои гузаштаро ба ёд оварда худ ба худ механдидам, ки чи хаёлҳои ботил доштам.

Бо шунидани суханҳои самимона ва неккоҳона аз забони олимони шинохтаву мӯҳтарам дар ҳаққи ҷавони навпару мусофиру номашҳур гузашти соатҳои саодатманди худро нафаҳмида мондам. Ниҳоят натиҷаҳои маҷлисро эълон карданду рафиқону дӯстонам маро ҳалқавор байни худ гирифта ба табрику таҳният ба оғӯш мегирифтанд, мебӯсиданд. Аз шодиву хурсандӣ кӣ будани ҳар яки онҳоро аз ҳам тафовут намекардам ва ба назарам чунин буд, ки тамоми оламу тамоми мардум ба хурсандии ман шодмонӣ менамоянд.

Дар зарфи қариб даҳ рӯз аз почтаи К-9 дар телеграфи марказӣ ба номи

ман барқияҳои табрикӣ меомад: аз номи устод Айнӣ ва хонаводаи он кас сар карда, то хешону ақрабо аз Самарқанд ва дӯстону рафиқон аз Ӯзбекистону Тоҷикистону Қафқоз. Ҳама ба самимияту сидқу сафо воқеаи бузургро дар ҳаёти ман таҳнияту шодбош мегуфтанд. Дар воқеъ ҳам дар он солҳо рисолаи илмӣ навишта ба василаи дифоъи он ба дарачаи номзадӣ расидан на танҳо дар ҳаёти шахсии як фард, балки дар ҳаёти илмии ҷомеа воқеаи калони дорои аҳамияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буд. Ҳар як кори тадқиқотии номзадӣ саҳми муайяне дар илм буд. Шодравон Бертелс дар тақризи худ "нусхаи он дар дасти ман аст) навишта буд: "(Соҳиби рисола) на танҳо ба таври возеҳ собит намуд, ки вай метавонад мустақилан ба корҳои тадқиқоти илмӣ машғул гардад, балки вай бо асари худ ба илми советӣ саҳми муҳимме гузошт, ки ин нуктаро дар бораи на ҳамаи рисолаҳои баррасӣ шаванда ва дифоъ гардида гуфтан мумкин аст." Барои ман, ки дар чунин суннатҳо тарбия ёфтаам, имрӯз хеле сахт аст, ки дарачаи илмии рисолаҳо ниҳоят паст шудааст. Ин ҷониб дар ду-се соли ахир бо вуҷуди машғулиятҳои зиёд ва сиҳҳати на чандон хуб дар ин ҷода сарварӣ намуда, саъй мекардам, ки пеши роҳи сели корҳои сустбунёди илмиро гирам. Аммо нашуд! Ҷаноби Маниёзов Абдулқодир тамоми чораву тадбирҳоро дид, ки ман аз ин кор даст кашаму роҳ ба асарҳои ғайри илмӣ ҳамвор гардад. Беробтию беназмӣ ба дарачае расид, ки сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонов дар баромади худ ба ин масъала дахл намуда муассисаҳои илмиро сахт танқид намуд (24 январи 2004).

Мӯҳлати таҳсили аспирантура якуми апрел ба охир расида буд. Баъд аз маҷлиси дифоъ ҳуҷҷатҳои зарурироро ба идораи ҳоло ҳам машҳури ВАК фиристоданд. Акнун тараддуди бозгашт ба .Сталинободро дидан лозим буд. Аммо дар ин миён коре пеш омад, ки бозгашти ман ба чанд моҳ таъхир ёфт. Мухтасари ин саргузашт ба ин шарҳ аст.

Дар миёнаҳои феврал маро ба Иттифоқи нависандагони СССР даъват карданд. Дар як хонаи иморати бошукӯҳи таърихӣ маро Басаргин ном шахсе, ки ёвари котиби Иттифоқи нависандагон Николай Семенович Тихонов буд, қабул кард ва баъд аз ҳолпурсии урфӣ гуфт, ки Иттифоқи наввисандагон ва шахсан мӯҳтарам Тихонов бо тавсияи Мирзо Турсунзода аз ман даъват мекунанд, ки дар Комиссияи адабиётҳои халқҳои СССР вазифаи мушовири адабиёти тоҷикро ба ӯҳда гирам. Ин пешниҳод барои ман тамоман ғайри чашмдошт буд. Аз оҳанги сухани он шахс чунин бармеомад, ки худи фардо ба кор шурӯъ кунам. Баъд аз сӯҳбати мухтасар гуфтам, ки ин пешниҳод барои ман шарафи калон аст, вале ҳолo дар пеш муҳиммоте дорам, ки рисолаи номзадиро бояд дифоъ намоям. Ба ҷуз ин бо роҳбари илмиам устод Айнӣ ва Институти Сталинобод, ки аспиранти он ҳастам, бояд машварат кунам.

Ман, ки худ орзуи баъд аз аспирантура як-ду сол дар Маскав истоданро доштам, пешниҳоди Иттифоқ айни муддао буд. Аммо бе ризояти устод ва Институт ба ин кор иқдом намудан мумкин набуд. Рӯзи дигар ба Институт омада Брагинскийро дидам ва ба вай аз пешниҳоди Иттифоқи нависандагон нақл кардам. Гуфт, ки аз чунин имконоти мусоид истифода намудан лозим аст. Шумо ҳатто метавонед дар ин чанд сол барои гирифтани унвони докторӣ рисолае бинависед. Дар бораи ризояти устод Айнӣ бошад, Брагинский фармуд, ки номае нависаму иҷозати он касро илтимос кунам. Устод шояд ризоят диҳанд.

Ба устод нома навиштам ва баъд аз як ҳафта ҷавоб гирифтам. Мӯҳри номаро дар почта кушодам ба умеди ҷавоби мусбати устод. Аммо ҷавоби устод билкул хилофи чашмдошти ман буд. Ин буд ҷавоби устод :

"Ба рафиқ Расул Ҳодизода! Мактуби 21 феврал навиштаатон 27 моҳи мазкур расид (дар зимистон пӯчтаи ҳавоӣ аз пӯчтаи муқаррарӣ дер мемонад).

Ман дар бораи пурсиши шумо сатрҳои зеринро менависам.

Ҳар кас, ки дар як замони маълум ва вақти муайян барои таҳсили илм дар Москва истода бошад ва ҳақиқатан ӯ толиби илм ва хоҳиши пеш рафтан дошта бошад, албатта дар он ҷо монданро хоҳиш мекунад.

Аммо ман дар шароити ҳозираи беодамӣ ва қаҳтурриҷолии Тоҷикистон ин фикри шуморо қабул кардан наметавонам. Ман ҳам аз нуқтаи назари он ки яке аз коркунони ҷавобгари Академияи Тоҷикистон мебошам, ҳам ба сифати он ки шуморо "кадри тайёр" гуфта "ҳой-ҳою бай-бай" гӯён ба аспирантураи он ҷо тақдим кардаам, ҳам аз ҷиҳати он ки дар вақти пур шудани муддати аспирантураатон шахсан кӯшиши фавқулода карда, мӯҳлатро шаш моҳ дароз кунонидаам, ин фикри шуморо қатъиян қабул карда наметавонам. Зеро дар он сурат ҳам худам дар миёни касони ба ин кор дахлдор ва раҳбарони боло расво ва хандахариш мешавам, ҳам дар ҳолати ҳозираи Тоҷикистон виҷдонам дар азоб мемонад.

Бояд шумо ҳам дар ин кор на аз нуқтаи назари манфиати шахсии худ, ки дар Москва зудтар пеш меравед ва ҳам зиндагонии он ҷо нисбат ба Сталинобод маданӣ ва осуда аст, қатъи назар карда, фақат ҷиҳати қаҳтуриҷолии (қаҳтии одам) Тоҷикистонро ба назар гирифта зуд биёед. ...Ва баъд аз он худро дар даруни ҷамъияти Тоҷикистон бо кори худ хуб нишон диҳед. Дар он вақт (баъд аз 3-4 сол) метавонед ба докторантӣ равед.

Дар бораи нишон додани асарҳотон ба Брагинский бошад, шумо метавонед бо мактуб алоқа бандед ё командируфка гирифта рафта оед. Дар ҳар ҳол ҳозир он гуна фикрҳоро аз майна бароред....

Як масъалаи дигар ҳаст, ки ман вайро то ҳол чандин бор ба шумо бо мисолҳо ба тарзи ишора гуфта бошам ҳам, он масъаларо дар пеши шумо қатъӣ нагузошта будам. Акнун вақти қатъӣ гузоштани он масъала ва ҳал кардани он расид. Ин масъала масъалаи забони тоҷикӣ аст. Ҳозира дониши русиатон барои дар Тоҷикистон кор кардан муваққатан кифоя кунад ҳам, барои коркуни ҳақиқатан илмии адабиёти тоҷик шудан забони тоҷикиатон кифоя намекунад. Дуруст аст, ки ин камбудӣ дар бисёр коркунони илмии адабиёти тоҷик ҳаст. Аммо онҳоро акнун ислоҳ кардан хеле душвор аст. Агар шумо дар айёми зинда будани баъзе коркунони кӯҳансоли тоҷик дар Сталинобод бошед, ин камбудиро дар андак муддат метавонед ислоҳ кунед. На танҳо худро ислоҳ кунед, бо ғайрати ҷавонии шумо дигар ҷавонон ҳам дар ислоҳи камбудии забониашон кӯшиш кунанд.

Ин масъаларо дар пеши шумо дар замони аспирантиатон мондан мумкин набуд, зеро дар он вақт муҳимтарини корҳо бо муваффақият тамом кардани аспирантура буд. Акнун замони ислоҳи он камбудӣ расидааст. Ва ин кор дар Москва ҳеч мумкин нест.

Ба рафиқ Брагинский аз ман саломи самимона расонед. Аз забони ман гӯед, ки ба кадрҳои ба назар намоёни Тоҷикистон дар вақти бекасӣ ва

беодамии Тоҷикистон ин гуна маслиҳатҳо надиҳанд. Бо саломи рафиқона Айнӣ Садриддин. 27 феврали 54, шаҳри Самарқанд. Имзои устод."

Номаи устод Айнӣ, ки ба ғамхорӣ ва моломол аз насиҳати хирадмандона буд, ба ман таассуроти амиқ гузошт. Ҳарчанд дилкашолиам ба кори Иттифоқи нависандагон кам нашуда буд, аммо азми он доштам, ки баъд аз дифоъ ба Сталинобод бозгардам.

Дар охири март Мирзо Турсунзода ба Маскав омад. Барои мулоқот ва ҳалли масъала назди он кас ба меҳмонхонаи "Москва" рафтам. Турсунзода дар бораи асли моҳияти масъала ва сабаби ба ин кор тавсия карданаш маро ба тафсил нақл намуд. Баёни иҷмолии гуфтаҳои Турсунзода ба ин қарор буд.

Дар Иттифоқи нависандагони СССР чанд сол пеш бо ташаббуси дабири кулли Иттифоқ Александр Фадеев Комиссияи адабиётҳои халқҳои СССР ташкил шуда буд. Аммо дар солҳои ҷанг ва баъдтар ҳам ин комиссия тамоман аз фаолият бозмондааст. Яке аз дабирони Иттифоқ Николай Семенович Тихонов бозсозии сохтори Комиссия ва аз нав барқарор намудани фаолияти онро ба ӯҳда гирифтааст. Дар оғози кор Комиссия бояд аз ҳар ҷумҳурӣ намоянда - мушовир дошта бошад. Турсунзода гуфт:

— Ин комиссия ба манфиати адабиётҳои миллӣ кор хоҳад кард. Мо дар нақша дорем, ки асарҳои беҳтарини тоҷикӣ ба забони русӣ ба қалами тарҷумонҳои забардаст тарҷума шуда, дар миқёси Иттифоқ ва ҳатто дар хориҷа ҳам интишор ёбад. Ба ҷуз ин асарҳои классикони адабиёти тоҷикро бештару беҳтар тарҷума кунем. Барои ин робитаҳои адабии республикаҳо ва адибони ҷудогонаро васеътару мустаҳкамтар кардан лозим аст. Ба ҳамин манзур ба Комиссия шоири номдору арбоби ҷамъиятӣ Тихонов роҳбарӣ мекунад. Тихонов хоҳиш намуд, ки ба ҳайси муушовири адабиёти тоҷик адабиётшиноси хуберо аз Тоҷикистон тавсия кунам. Ба назарам, шумо аз ҳар ҷиҳат ба ин кор муносиб ва мувофиқ ҳастед. Шояд шумо дар мактубатон ба домулло моҳияти масъаларо дуруст шарҳ надода бошед. Ман ба он кас мактуб менависам ё дар мулоқоти бевосита дар ин мавзӯъ сӯҳбат мекунам. Бовар дорам, ки домулло ҳам ба ин кор розӣ мешаванд ва аз мондани шумо дар Маскав намеранҷанд. Баъд аз дифоъи рисолаатон дар Иттифоқ бо дили ҷамъ ба кор сар кардан гиред.

Воқеъан ҳам дар чунин муҳиммоти ҳаёти адабии кишвар иштирок намудан ва дар равнақи адабиёту маданият хидмат гузоштан ифтихори бузург буд. Мутмаин будам, ки Турсунзода ба ин кор ризояти домуллоро хоҳад гирифт. Қарор додам, ки баъд аз дифоъ ба кор шурӯъ мекунам. Ва аз 16 апрел дар Иттифоқи нависадагон чун мушовири адабиёти тоҷик ба кор қабул шудам. Умеде буд, ки устод ниҳоят ба маслиҳати Турсунзода розӣ шавад. Фаразан устод дар бозгашти ман ба Сталинобод исрор кунад, кӯчро баста ба Сталинобод бозгаштан душвор нест.

Дар охири апрел аз Сталинобод ба Иттифоқи нависандагон нома расид, ки 15 май Пленуми нависандагони тоҷик баргузор мегардад ва дар Пленум иштироки намояндаи Маскав матлуб аст. Котибот қарор дод, ки ман барои ширкат дар Пленум ба Сталинобод равам ва зимнан масъалаи дар Маскав кор карданамро халлу фасл намоям. Қарор додам, ки дар роҳи Сталинобод дар Самарқанд таваққуф намуда, бо устод Айнӣ дар ин масъала рӯ ба рӯ ба тафсил машварат кунам.

Рӯзи дигари ба Самарқанд расиданам ба ҳавлии устод шитофтам. Вақти чошт буд. Дари хонаи кории домуллоро баста дидам. Ба ҳавлии дарун даромадам. Кадбону гуфт, ки ҳама дар хонаи дарун ҳастанд. Даромадам. Салом кардам. Домулло болои кати нарм нишастаасту пешгираке ба ғардан насб намуда ва Холида ба ишон бо қошуқ ғизо медиҳад. Дар хона ҳамсари домулло ва Вадуд Маҳмудӣ, ки чанд моҳ пеш аз маҳбаси НКВД озод шуда буд, нишастаанд. То тамом кардани устод хӯрданро вақт ба пурсу посҳои муқаррарӣ гузашт. Ман аз сурати дифоъ намуданам нақли мухтасар кардам. Нақл мекардаму аз устод чашм намекандам. Медидам, ки ранги рӯи ӯ зард шуда чеҳрааш низ коҳидааст. Чашмони тезаш каме хира метофт. Маълум буд, ки муддате бемор будаасту чанд рӯз пеш аз бистар бархостааст. Устод баъд аз хӯрок ду-се пиёла чой хӯрда, бо ёрии Холида аз кат поён шуду маро ба хонаи кориаш таклиф кард. Домулло пеш-пеш ва ман аз ақиби ишон равон шудам. Устод ҳамоно аз кӯча расида буд, ки дар бар кители хокистарранги ҳарвақта ва дар даст асо дошт. Вай ба назди тиреза ба стул нишаста маро дар рӯ ба рӯ нишонд. Гумон кардам ҳозир бо итобу қаҳр маро маломат хоҳад кард. На, он кас ором буд ва ба оромӣ ба сухан сар кард:

— Ман дар хатам фикри худамро дар бораи хоҳиши дар Маскав монданӣ шуданатон навишта будам. Гап дар ин аст, ки кас фақат аз китобхониву китобхона рафтан донишу таҷриба ҳосил намекунад. Донишу илму таҷрибаи рӯзгор дар корубор дар миёнаи одамон ҳосил мешавад. Шумо тахассуси худро аз адабиёти классик интихоб намудаед. Агар кӯшиш кунед, кор кунед, дар адабиёти классик мутахассиси хуб мешавед. Кори Иттифоқи нависандагон ба тахассуси шумо ҳеч кӯмак карда наметавонад. Шумо котиби Тихонов мешаведу бас. Ин вазифа албатта барои Иттифоқи нависандагони ҳам Маскав, ҳам Тоҷикистон зарур аст. Барои инҷои он чавоне лозим аст, ки бо адабиёти муосир машғул бошад. Маслиҳат ин аст, ки ҳар чи зудтар ба Сталинобод бозгардед. Дар академия кор дар омӯхтани адабиёти классикӣ хеле зиёд аст. Шумо дар ин ҷо заруртар ҳастед, на дар Иттифоқи нависандагони СССР. Ман ба Сталинобод рафтанӣ ҳастам. Дар он ҷо Турсунзодаро дида гап мезанам, ки шуморо аз ин кор озод кунад.

Ман дар охири сӯҳбат гуфтам, ки он чи устод мегӯяд, аз рӯи ҳамон амал карданӣ ҳастам. Дар Маскав ҳам фикри устодро дар ин масъала медонанд ва ба бозгашти ман ба Сталинобод монеъ нахоҳанд шуд.

Ман аз назди Айнӣ баромадам. Холида то дарвоза маро гусел кард.

— Чӣ тур, дадамуллом шуморо сахт танбеҳ надоданд?- пурсид вай.- Он кас хати шуморо хонда хеле ранҷиданд, дар қаҳр шуданд. Гумон кардам дар танҳоӣ шуморо сахт ҷанг мекунанд.

— Не, домулло хеле мулоиму нарм маро насиҳат карданд. Дар воқеъ ҳам гапашон ҳақ! Ман ба Сталинобод бармегардам.

Маслиҳати Айнӣ падару модари маро ҳам хурсанд кард. Дар Сталинобод буданам барои онҳо низ нағз аст. Рафту омадамон осонтар мешавад.

Баъд аз ду рӯз ба Сталинобод раҳсипар шудам. Ҳам дар Самарқанд, ҳам дар роҳ ва ҳам дар Сталинобод маро вазъи беморнамои устод дар ташвишу андеша мегузошт. Фикрҳои бимангез синаро мехарошид. Баъд аз панҷ-шаш рӯзи ба Сталинобод расиданам шунидам, ки Айнӣ ҳам омада дар

боғи ҳукуматӣ дар коттеҷи ҳарвақтаи худ иқомат гузидааст.

14 май Пленуми Иттифоқи нависандагон дар толори Кумитаи марказии комсомол (ин бинои якошёна дар гӯшаи шимолии майдони ҳозираи Дӯстӣ воқеъ буд) ба кор сар кард. Аз рӯи масъалаи якум – ҷашни сесадсолагии муттаҳид гаштани Россияву Украина Абдусалом Деҳотӣ маърӯза кард. Масъалаи дуввум таҳлили вазъи танқиду адабиётшиносӣ буд, ки дар ин мавзӯъ Сотим Улуғзода суханронии муфассал ба арз расонд. Дар поёни маҷлиси рӯзи аввал эълон карданд, ки фардо соати 12 дар Пленум устод Айнӣ суханронӣ дорад.

Рӯзи дигар аз субҳ толори маҷлис аз одам пуропур буд. Ғайр аз нависандагон намояндагони илму фарҳанг ҷамъ шуда буданд, ки суҳани устодро гӯш кунанд. Пленум бо суханҳои охирини маърӯзачиён ва қабули қарор кори худро ба анҷом расонид. Баъд аз танаффус ҳама дар толор ҷамъ шуда, интизории омадани устод Айниро мекашиданд.

Расо соати 12 Айнӣ ҳамроҳи Турсунзода ба толор дохил шуд ва бо қадамҳои қатъӣ зери кафкӯбиҳои аҳли маҷлис ба сари мизи раёсат баромад. То Турсунзода Айниро хайри мақдам гуфт, ишон каме нафас рост карда дар ҷои нишаст ба сухан сар кард:

— Рафиқони мӯҳтарам, бо вуҷуди мушкилиҳо дар вазъи саломатам, чанде пеш қисми чаҳоруми "Ёддоштҳо"-ро ба охир расонидам. Дастнависи асарро ҳамроҳи худ овардам. Ман ин асарро ба ҷашни 20-солагии Тоҷикистон чун тӯҳфа тақдим мекунам. Агар директори нашриёт ҳамин ҷо бошанд, дастнависро ба он кас супорам.

Ҳама бо ҷону дил кафкӯбӣ кардем. Директори нашриёт Мирако Нурматов баромада дастнависро аз дасти Айнӣ гирифт. Баъд Айнӣ ба сухан сар кард. Мавзӯъи суханронии ишон вазъи забони адабии тоҷик, хусусан забони асарҳои бадеъӣ ва тарҷумаҳои китобҳои насри бадеъӣ буд. Айнӣ бо ҷонсӯзӣ, бо ташвишу ғамхорӣ дар бораи вазъи забони тоҷикӣ сухан карда, нуқсону таҳрифоти забони поки адабиро сахт танқид кард. То рафт ба чӯш меомад, то рафт садои вай бурротару қатъитар мегардид. Ба назарам, дар ин соат фаромӯш кард, зери қолаби ҷисмонии вай бемории сахт камин гирифтааст. Ман ҳам дар пеши назар ҳамон устоди солим ва пурғайрату пурҷазабаро медидам. Солҳои охир надида ва нашунида будам, ки Айнӣ дар маҷлис ё ҷамъомаде ба ин тафсилот ва ба ин оташу чӯшу хурӯш сухан карда бошад.

Баъд аз Пленум бо Турсунзода сӯҳбат кардам. Гуфт, ки бо Айнӣ мулоқот доштааст ва Айнӣ ба бозгашти ман ба Сталинобод исрор кардааст.

— Баъди сӯҳбати домулло ман ҳам ба ҳамин ақида омадам, ки шумо бояд ба Сталинобод бозгардед. Хусусан ки бемории домулло хеле сахт аст, зудтар баргардеду дар атрофи домулло бошед.

Пеш аз азимати Маскав ба боғи ҳукуматӣ барои хайру хуш пеши домулло рафтам. Устод болои кат пойҳояшро ғунча карда нишаста буд. Пушташ хамидаву ҷуссааш коҳида буд. Бо вуҷуди гармои тобистон ба рӯймоли ғафси пашмӣ печида менишаст. Ҷавоне аз нашриёт назди кат нишаста, матни мошинкашудаи "Ёддоштҳо"-ро мехонд ва домулло ба дастхати худ нигоҳ карда назорат мекард.

— Хуб, чӣ кор мекунед акнун? – пурсид домулло дафтари худро як сӯ гузошта.

— Фардо ба Маскав мераваму корҳои нотамоми Иттифоқро ба охир мерасонам ва баъд кӯчро баста ба Сталинобод бозмегардам.

Сӯҳбати мо мухтасар буд. Аз пеши устод бо дили вайрону хотири парешон баромадам. Ҳамон рӯз билети поездро гирифта, рӯзи дигар ба роҳи Маскав баромадам.

Дар Маскав кор бисёр шуд. Аввал ин ки барои ширкат дар анҷумани нависандагони Тоҷикистон (дар охири август) ҳайъати меҳмононро аз нависандагони Маскаву ҷумҳуриҳои миллӣ тартиб додан лозим шуд. Мувофиқи супориши котиботи Иттифоқ хулосаи маҷаллаи "Шарқи сурх"-ро бояд омода созам. Бо шиддат кор мекардам, ки корҳоро зудтар тамом карда ба Сталинобод тезтар расам. Аз бадтар шудани саломати устод Айнӣ хабаре расиду шитобзадагӣ афзунтар гашт. Дар бораи вазъи худ дар он рӯзҳо дар номае навишта будам:

"Маҳдӣ фардо 8 - июл ба Самарқанд меравад, ҳамроҳи ӯ дар тараддуди сафар будем, бағочҳоро дуруст кардем ва онро имрӯз бурда супурданӣ ҳастем...Дирӯз Лутфия телеграмма додааст, ки барои домулло апелсин фиристам. Дирӯз ба чандин азоб апелсин гирифтам ва фардо аз Фотеҳ Ниёзӣ фиристоданӣ будем. Имрӯз Фотеҳ Ниёзиро дида будам. Мегӯяд, ки аҳволи домулло сахт будааст ва мехостааст, ки зудтар рафта расад, вале гирифтани билет душвор будааст. Маслиҳат дод, ки апелсинро бо самолёт фиристам. Аз тарафи дигар ин хабар маро ҳам хеле ғамгин кард. Акнун ният дорам, ки ҳарчи зудтар ба Сталинобод равам. Маро то 25 июл аз ин ҷо эҳтимол ҷавоб надиҳанд. Вале ман инро тезонида, мехоҳам то 15 июл аз кор ҷавоб гирам ва на 20, балки 17 июл аз ин ҷо бароям. Шумо ҳам то илоҷаш ҳаст, коратонро зудтар анҷом диҳед, то саросема шуда намонед ва 17 июл ба ҳузур аз Маскав баромада равем...(7 июл,соли 1954).

Омодагии сафари Сталинобод бо шиддат мерафт. Чизу ашёҳои аз бағоҷ мондаро бастам. Дар Иттифоқ ҳайъати меҳмонони дар Анҷумани нависандагони Тоҷикистон ширкаткунандаро тартиб додем. Хулосаи мундариҷаи маҷаллаи "Садои шарқ" омода ва мошинка шуд. Дигар барои 17 ё 18 июл билет харидан лозим буд, то зудтар ба дидори устод Айнӣ бирасам. Вале...вале ҳайҳот 15 июл аз Лутфия барқия расид, ки "падарам даргузаштанд". Ин коғаз чун лахчаи оташ дастамро месӯхт. Гаштаву баргашта ин чанд сухани пурдардро мехондам. Бо дили сӯзон, ашки равон ва нолаи пинҳон ба хона рафтам.

Рӯзи дигар субҳ назди Брагинский омадам. Он кас ҳам аз Академия хабари даргузашти устодро гирифтааст. Ҳар ду бо дилҳои пур аз дарду алам ва дидаҳои пурнам ёди Айнӣ мекардем, ёди Айнии дар дилу дидаҳои мо зинда.

Аз назди Брагинский ба Иттифоқи нависандагон рафтам. Дар котибот матни таъзияномаро барои рӯзномаҳои марказии ҳизбиву давлатӣ тартиб медоданд. Ман то ба охир расидани таҳрири охирини таъзиянома дар ҳамон ҷо будам. Дар ҳамин вақт аз Сталинобод хабар расид, ки маросими дафни устод 17 июл барпо хоҳад шуд. Акнун ҳатто бо ҳавопаймо низ ба маросими дафн расидан номумкин буд, зеро он вақтҳо ҳавопаймои ЛИ-2 бо ҳаждаҳ нафар сарнишин то Сталинобод ду рӯз - бо таваққуфи шабона дар Актюбинск – парвоз мекард. Ман дар шаҳри бузургу пурнуфуси Маскав бо дили мотамзадаам танҳо будам.

Бисту ҳафтуми июл ба Сталинобод омадам. Дар фурудгоҳ Камолиддину Лутфия ва боз ду-се нафар дӯстоне, ки аз Тошканд ба маросими дафн омада буданд, пешвоз гирифтанд.

Маро рост ба ҳавлии кӯчаи Ботаникӣ (ҳоло Ҳамза Ҳакимзода) бурданд. Ин ҳавлии пуршукӯҳу боғистонро ба Айнӣ ҳукумати Тоҷикистон тақдим дошта буд. Аммо Айнӣ дар ин ҳавлӣ ду-се бор омада буду бас. Дигар ҳамеша дар боғи шаҳрии ҳукуматӣ иқомат дошт. Чанд рӯзҳо пеш аз фавти ишон ҳамсарашон ба ин ҷо омада буд. Ҷасади Айниро низ ба ҳамин ҷо оварда, такфин намуда, салоти ҷаноза (шабона пинҳонӣ) хонда тобутро аз ҳамин ҷо бардоштаанд. Ҳамин шаб то як поси шаб дар бораи рӯзҳои охирини устод ва аз тафсили маросими дафн нақл намуданд. Ҳикоятҳо дарозу сӯзворона ва ҳамаро гуфтан номумкин буд.

Бомдоди субҳи дигар бо гулдаставу гулчанбар ба сари қабри устод рафтем. Устод дар гӯшаи ҷанубу ғарбии боғи шаҳрӣ мадфун буд. Болои қабр аз гулу гулчанбарҳо пур буд. Муддате хомӯш сархам пеши қабр истодем. Устод зери хок хомӯш буд, аммо симои нуронии вай дар фазои ин гӯша ба назар менамуд. Аз дилам хитобан ба ин намо садое мебаромад:

— Устоди бузургвор, муршиди азизу роҳнамои ман! Бо даъвати шумо се сол муқаддам ба Сталинобод омада будам. Инак ҳоло боз бо даъвати шумо ба Сталинобод бозгаштам. Он чи фармудед, кардам. Он чи гуфтед, барои ҷомеа хидмат мекунам, аз ин баъд тамоми ҳастии ман, қуввату ғайрати ман барои илму фарҳанги тоҷик сарф хоҳад шуд. Ором хоб кунед! Ба ман бовар кунед. Ман ҳамеша ёди шумо, ҷонфишонии шуморо барои мардуми тоҷик пос хоҳам дошт!

ХОТИМАИ ФАСЛИ "МАСКАВ"

Ман аз Маскав рафтам. Аммо рафтанам видоъи охирин бо ин шаҳр набуд. Хонанда ёд дорад, ки моҳи нахусти омаданам ба Тошканд ба падарам навишта будам, ки манзур аз панҷ соле ки ба мушкилиҳои он тан додаам, фақат таҳсили илми мактабӣ нест, балки давраи ҳалкунандаи сарнавишти ояндаи ман бояд бошад. Ва ҳамин тавр ҳам шуд.

Инак, Маскав дар сарнавишти ман марҳилаи нави уруҷ ва такомули маънавӣ гардид. Дар Маскав аз мактаби овозадори шарқшиносии рус дарс гирифтам, таҷриба андӯхтам. Аз устодони бузурги илми шарқшиносии рус роҳи таҳқиқу тадқиқи илмиро омӯхтам, аз дӯстонам – ҳамдарсону ҳамнишинонам ибрати ахлоқиву донишомӯзӣ бардоштам. Аз муҳити маънавии Маскав, аз самараҳои тамаддуни бузург ва пурсарвати рус баҳравар гаштам.

Ва ниҳоят ман дар Маскав ишқи оташбор ва саршор аз меҳру муҳаббату одамият, ишқи поку мисли осмони мусаффо бебурбор, ишқи хушсавдои саодатбахши худ, ёру ҳамдами ҷавонӣ ва ояндаи худро ёфтам. Дар он нома, ки аз дилбастагии худ ба Маскав барои устод Айнӣ навишта будам, ба ҷуз ишқи илму дониш ишқи ҷавонӣ ҳам дар назар буд. Аммо ҳаёву шарм домангирам буд, ки аз ин мавзӯъ ба хомӯшӣ гузаштам..

Имрӯз аз қуллаи ҳафтоду шаш соли умри сипарӣ шуда ба сароғоз,

дебочаи ин ишқ назар меандозам ва мебинам, ки бинои он дар пояҳои вафою аҳди дӯстиву пайванд устувор будааст. Аз дуродур тарҳу нақши он бино имрӯз ҳам дилро ҷавону дидаҳоро пурнур месозад. .

Дил боз дар ҳавои ту парвоз мекунад,
Пиреет ёди кӯдакӣ озоз мекунад.

Бо ҳамин ёди кӯдакӣ хостам аз достони ишқи ҷавонии фанонопазир шаммае ҳикоят кунам, моно ки ҷавононро иштиёқе бошаду пирони хирадмандро ҳамдиливу ҳамтой.

Дар Маскав танҳо будам. Бо вуҷуди он ки дӯстону рафиқони хуб пайдо кардам, бо вуҷуди он ки мусиқиву санъату театр ва осори гузаштагону муосирон бо ман буд, худро танҳо ҳис мекардам. Касеро гӯё ёд мекардам, ки пайдо набуд. Баъдтар фаҳмидам, ки киро ёд мекунам. Ҳамон духтаре ки пеш аз сафари Маскав дида будаму аз нияти ба Маскав барои таҳсил рафтани ӯ воқиф шуда гуфта будам: "Ман шуморо он ҷо пайдо хоҳам кард!" Бале, ҳамон духтар буд, ки бештар пеши назар мучассам мегашту хаёл мекардам мисли тасодуфи мулоқот дар Сталинобод ӯро ин ҷо ногаҳон хоҳам дид. Бале, ӯро ҷустуҷӯй мекардам, гӯё агар биёбамаш бори яъси танҳой аз дӯш бардошта мешавад. Худ намедонистам чӣ эҳсосе дар дил пайдо шудааст, ки ба андозаи гузашти рӯзҳо ҳисси пазмонии ӯро дидан афзунтар мегашт. Дил гувоҳӣ медод, ки ӯро хоҳам дид ва мулоқоти аввалин силсилаҷунбони тақдири мо хоҳад гашт. Аммо кай? Дар куҷо? Ва ба чӣ сурат? Инро ҳавола ба қазову қадар мекардам.

Рӯзе паи муҳиммоте ба шитоб аз метрои Охотний Ряд мебаромадам, ки назди даромадгоҳи метро гурӯҳи духтарони рус хандону хурӯшон байни худ сӯҳбату хандаҳои гарм доштанд. Дар байни ин гурӯҳ нохост чашми сиёҳе мисли соиқа бидурахшиду ҳамон духтарро дидам, ки чор моҳ боз дар Маскав дар ҷустуҷӯяш будам. Ба гурӯҳи духтарон наздик наомада духтар низ маро диду бо табассум аз гурӯҳи худ берун ба тарафи ман омад. Ҳар ду салом кардем. Каме дар ҳаяҷон ҳолпурсӣ мекардаму ҷавобаш ба гӯшам намедаромад. Ҳамин қадар маълум кардам, ки дар факултаи биологияю хокшиносии Донишгоҳи Маскав таҳсил мекунад ва факултаи онҳо дар ҳамин майдони манеж ду сад-се сад метр дуртар аз метро воқеъ аст. Ман дигар гап ёфта натавонистаму гуфтам:

— Ягон рӯз ба факултаатон омада шуморо меёбам.

Инро гуфтаму хайру хуш кардам. Духтар ҳам ба хайру хуш тарафи дугонаҳояш рафтанӣ буд, ки якбора ӯро аз роҳ боздоштам.

— Як дақиқа, Баширахон! - Бори аввал буд, ки ӯро ба ин ном хитоб кардам. Вай баркӯор ба ман нигоҳ карду аз роҳ боз истод. - Беҳтараш адреси хобгоҳатонро гӯед, ягон рӯзи истироҳат назди шумо меоям.

Дар рухсораи ӯ ҳамоно аз шарм буд сурхие дамиду адреси хобгоҳ ва тариқи ба он ҷо расиданро гуфта дод. Ба дафтарчаам ҳамаро навиштам ва ӯ хайрухуш карда, бо дугонаҳояш дар паси дари вуруди метро аз чашм ғоиб шуд. Каме дар ҷои худ бе ҳаракат мондам ва ба ёд оварданӣ шудам, ки куҷо шитоб доштам. Ба ёдам омад ва акнун шитоб накарда аз тамошои кӯчаҳои Маскав лаззат бурда, ба роҳи мақсад рафтагор шудам. Кӯчаҳои Маскав

хеле зебо буд, аз паси барфҳои парфишон иморатҳои кӯчаи Горкий ба назарам қашангтар, меҳрубонтар ва навозишкортар менамуд.

Хуб, дар роҳи расидан ба орзу қадами аввалин бардоштам. Акнун қадами дигаре пеш бояд гузошту риштаи дӯстиву муҳаббат ба даст бояд овард. Эҳсосро бояд дар маҳаки ақл санҷид. Як қадами ноандешида, як сухани ба мизони ақл носанҷида аввали зиндагии офаридаи навпарро метавонад талх созад ва алами он як умр доғи фаромӯшношуданӣ хоҳад шуд.

Рӯзҳо гӯё бо даргирии ақлу эҳсос сипарӣ мешуд. Симои духтар дар мулоқоти охирин аз пеши назар намерафт ва дилро сӯи худ мекашид ва ҷуръату бовар эҳдо мекард, ки дасти умед аз ӯ барнадорам. Чунон ки Лоҳутӣ гуфтааст:

Ғайр аз ту дар ҷаҳон ман ёри дигар надорам,
Ҷуз аз хаёли ишқат фикри дигар надорам,
Сар медиҳам валекин даст аз ту барнадорам.

Ростӣ савдое дар сар омад, ки пеш надидаву начашида будам. Дар соатҳои танҳоӣ қалам гирифта рӯзномаи эҳсоси қалбро аз рӯзҳои нахусти диданам ӯро ба навиштан шурӯъ кардам. Навиштани саҳифаҳо ба дили пурошӯб ҳам таскину лаззат мебахшид.

Дар хотир дорам, аввали моҳи март (соли 1953) рӯзи истироҳат чанд дӯстони аспиранти тоҷик дар хобгоҳ ҷамъ омада палави "дастӣ" соз кардем. Сӯҳбати хуб оростем, сӯҳбати ишқу ҷавонӣ ва орзуҳои баландпарвозона.

Бегоҳӣ дӯстон пароканда шуданд. Ман танҳо мондам дар хонаи холиву бекас бо хаёлу андешаҳои худ. Радиои симии деворӣ консерти симфонӣ медод. Дар миёни хаёлоти ширин гоҳо оҳангҳои шинос ба гӯш мерасид. Ногоҳ садои валси Хачатурян аз филми "Маскарад" баланд шуд, бо тамоми зебоиҳои Нинаи фаришташ, симои кӯдаквор маъсумона ва ишқи мисли чашмаи шаффоф софу бегубори вай, садои дили муҳаббатогини аз оқибати фаҷеъ бехабари вай... Ин гӯё садои ғайбие буд, ки маро ба ҷойҳои дуродуре ки меҳроби ишқ воқеъ буд, даъват мекард. Бе ҳеч андеша либос пӯшида кӯча баромадам ва ба ҳамон нишоне ки чанд рӯз пеш гирифта будам, равон шудам. Роҳ дур, аммо орзуи мулоқот ширин буд ва дарозои роҳ кӯтоҳтар мешуд. Охир он иморатро пайдо кардам, ки соат ба даҳи шаб қариб омада буд. Ногаҳ ақли салим пайдо шуду маро аз азми мулоқот боздошт: дар ин соати нобавақт ба хобгоҳи умумӣ даромадан оё аз рӯи одоб аст?

Дилро бубин, дилро бубин,
Дар кӯи ҷонон омада.
Ҳарчанд роҳаш танг буд,
Ҳам дуру ҳам пурсанг буд,
Бо роҳзанон дар ҷанг буд,
Фотеҳ зи майдон омада.

Аммо ақл ғолиб омаду ба роҳи омадаам бозгаштам. Акнун роҳ барои ман кушода буд. Як марҳилаи роҳ ба сӯи мақсуд паймуда шуд. Кӯ ҷуръате ки қадами дигар бардорам!

Рӯзҳо боз ба андешаву хаёлоти мухталиф мегузашт ва сухани қалбу асрори ниҳонӣ рӯи коғаз нақш мебаст. Ниҳоят, поёни достон падид омад, то

ин ки онро ба дасти хонандаи ягонааш тақдим дорам.

Чаҳордаҳуми марти соли 1953 рӯзи истироҳат субҳ ба тарафи хобгоҳи донишҷӯёни курси аввали Донишгоҳи Маскав раҳсипар шудам. Роҳҳои трамваю метрою электричка то манзили мақсуд шинос буд, ки зуд расидам. Қариб даҳ-понздаҳ иморатҳои хиштии хокистарранги ҳафтошёна паҳлӯи ҳамдигар қад қашида буданд. Ин биноҳо аслан барои бинокорони ҷавон чун хобгоҳи умумӣ сохта шудааст. Аз он ҷо ки бинои нави Донишгоҳ дар Ленинские гори имсол ба охир нарасидааст, донишҷӯёни нав қабулшудаи фанҳои биологӣ ва дақиқро муваққатан дар ҳамин биноҳо ҷой додаанд. Аз ин сабаб шароити зиндагӣ барои донишҷӯён чандон мувофиқ набуд.

Ба ошёнаи панҷум ба хонаи рақамаш қаблан маълум иҷозат хоста даромадам. Дар ин хона даҳ нафар духтар зиндагӣ мекарданд. Баъзе духтарон болои катҳои худ нишаста китоб мехонданд, баъзеҳо дарз медӯхтанд ва чанде аз онҳо гирди миз нишаста чой мехӯрданд. Духтари ягонаи тоҷик ҳамон ошнои ман буд, ки баробари маро дидан аз ҷой бархесту салом карду барои нишастан стул овард. Пай бурдам, ки вай сурх шуда каме дасту по гум кард. Надонистам аз шарм буд ё аз ногаҳонии пайдо шудани меҳмони нохонда. Дар ҳар сурат ман худро зоҳиран озод ҳис намуда, аз ҳар дар сӯҳбат мекардам ва он кас ҳам каме кушода шуда, гарму далерона сӯҳбатро дастгирӣ мекард. Духтарони дигар бо кунҷковӣ ба сӯи ман менигаристанд. Баъд аз чанд дақиқа пешниҳод кардам, ки агар майлу хоҳиш ва фурсат бошад, ҳамроҳ каме ба тамошои шаҳр бароем. Розӣ шуду ман поин фуромадам ва мунтазири омадани вай будам.

Мо ҳамроҳ ба роҳ даромадем. То истгоҳи трамвай аз майдони васеъ ва пасту баландиҳои барфпӯш хеле роҳ буд. Боди нарм мевазиду аз дур бӯи баҳорро ба машом мерасонид. Хаёл мекардам ба пешвози баҳор меравам ва муждаи баҳор ниҳоли навруста аз паҳлӯ меравад.

Мо саросема набудем ва нақшаи муайяни сайри шаҳрро надоштем. Ҳамон қадар ки шаҳр наздиктару ҷунбу ҷӯши он зиёдтар мешуд, гапи мо "кӯр мегирифт", яъне сӯҳбат гарм мешуд, рамидагиву бегонагӣ дур мерафт. Вақти видоъ наздик меомад. Фардо дарс бисёр аст, тайёрӣ бояд дид.

Пеш аз роҳи мустақими хобгоҳ ба стансияи Павелетский (метро) даромадем. Одам кам буд. Дар фойе дар яке аз нишеманҳо нишастем.

– Имрӯз нағз сайр кардем, нағз сӯҳбат кардем. Лекин сӯҳбатамон нотамом монд. Аз он рӯзе ки ба Маскав омадам, ғоибона бо шумо сӯҳбат мекардам. Ин сӯҳбатҳоро дар ин саҳифаҳо сабт кардам. Ин барои шумост, Баширахон, ба шумо тақдим медорам. Агар хоҳед, хонед, бубинед, чӣ сӯҳбатҳо доштаам. Баширахон навиштаҳои маро гирифт ва чизе нагуфта дар сумка гузошт. Хостам якшанбеи оянда мулоқот дошта бошем, узр овард, ки имтиҳон дорад.

— Беҳтараш – гуфт – якшанбеи дуввуми оянда.

Баширахонро то хобгоҳ гусел кардам. То аз назар дур шуданаш нигоҳ карда истодаму пас ба ақиб баргаштам ва оҳиста-оҳиста ба тарафи трамвай қадам гузоштам. Дар дил оромӣ, кушодагӣ ва хуррамӣ роҳ ёфта буд. Он чи дар Сталинобод ва дар Маскав дар дил ниҳон медоштам, ҳамаро пеши вай ҳам шифоҳию ҳам хаттӣ иброз доштам. Акнун ҳукми қазову тақдир маро ба кадом роҳ мебарад – мунтазир бояд буд.

Рӯзи ваъдагӣ вақти чошт ба хобгоҳ расидам. То расидан ба манзили мақсуд андешаву занну гумонҳои мухталифи тақрибиву тахминӣ маро гирди сар пар мезад. Ба хонаи духтарон даромадаму муҳите пеши назар омад, ки андешаҳои ботилро ба як чашм задан аз сар дур кард. Баширахон бо либосу андоми кушода ба истиқбол бархост ва курсӣ барои нишастан овард. Чанд духтаре ки дар хона буданд, низ дар ҷойҳои худ озод нишаста, ҳар кадом ба коре машғул буданд. Маълум буд, ки Баширахон интизории маро дошта ва ба ҳамхонаҳо низ аз ин огаҳӣ додааст. Ман то андозае худро озод ҳис кардам. Аз духтарон аз рӯи одобу таомул ҳолпурсӣ намуда, дигар то хӯрдани як-ду стакон чои донишҷӯӣ ҳар ду аз гузашти рӯзҳои студентиву аспирантӣ сӯҳбат мекардем. Ним соат аз нишасти мо нагузашта буд, ки ишонро барои сайру гашт ба шаҳр даъват намудам. Дар шаҳр ба тамошои кадом музей даромадем – ҳоло дар ёдам нест. Дар ҳар сурат сайру гашти хуб буд – ҳавои нарми баҳорон низ ба сайри мову сӯҳбатамон мусоидат мекард.

Дар вақти хайру хуш назди бинои хобгоҳ пурсидам:

— Коғазҳои навиштаи маро хондед ва агар хонда бошед, чӣ ҷавоби аз шумо шунидан ҳаст?

Баширахон каме хомӯш монду баъд ба симои ҷиддиву маънидорона гуфт:

— Ба назарам, дар он коғазҳо суол набуд, балки шарҳи ҳол буд. Дурустии ин шарҳу баёнотро гузашти айём бояд нишон диҳад.

На, ин ҷавоб буд, ҷавоби умедбахш, ҷавоби гумону андешаҳои дуру дарози ман буд.

Баъд аз ин мулоқоти мо дар вақтҳои муайян воқеъ мешуд, гоҳо баъд аз дарс то хобгоҳ, гоҳо дар шаҳр барои тамошои филм, гоҳо рӯзи истироҳат ба тамошои намоишномаи театр ва ғайра. Ин ҳама соатҳои ҳаловатбахши унсу улфат ва хӯву одат гирифтан ба ҳамдигар буд. Ҳис мекардам, ки дар мулоқоту дидорҳои тасодуфии мо дар Сталинобод на танҳо дар дили ман, балки дар қалби ғунчавор шукуфои духтари ҷавон низ шарорае пайдо будааст.

Ба ин унсу улфат ва ҳамоҳангиву ҳамнафасии қалбҳо тобистон наздик омад. Баширахон баъд аз тамом кардани имтиҳонот барои таҷрубаи саҳрой ба пойгоҳи илмии Чашниково мутааллиқ ба Донишгоҳи Маскав рафт. Дурии ғайри чашмдошт барои ман гӯё санҷише дар муносибатҳои худ ба Баширахон буд. Бори аввал дурии касеро ҳис кардам, ки дар воқеъ ҳам муҳаббате ба ӯ дар дил мепарварам.

Ман қаблан адрес ва тариқи расидан ба таҷрибагоҳи донишгоҳро доштам. Рӯзе бе огаҳии қаблӣ ба Чашниково рафтам. Таҷрибагоҳро зуд пайдо кардам. Шодиву сурури диламон аз дидори ҳамдигар мисли табиати софу беғубори атроф сабзу хуррам буд. Баъд аз истироҳат ва таом дар бешаи зебову хушҳаво сайр кардем. Офтоби тобистон пас аз борони сел бӯйҳои атрогини гулҳои беша ва баргу шохаҳои дарахтони арчаву тусро саховатмандона аз сару рӯямон мерехт. Ҳама чо чун муҳаббати мо ҷонбахшу рӯҳафзо буд. Гӯё худи табиат имрӯз меҳру муҳаббати моро ба гувоҳии ҳастии олам мӯҳру имзо гузошт.

Мухтасар аз нақшаҳои ояндаи таътили тобистонӣ сухан ба миён омад. Ман дар пеш то охири август сафари Самарқанд доштам. Баширахон баъд аз анҷоми таҷрубаи илмӣ дар Маскав хоҳад буд. Имсол бинои пурҳашамати

Донишгоҳ дар Ленинсикие гори ифтитоҳ меёбад. Тамоми факултаҳои табиию биологию физикӣ ба бинои нав мекӯчад. Донишҷӯёни ин факултаҳо дар хобгоҳҳои муҷаҳҳазу мусаффои қасри олӣ ҷой хоҳанд гирифт. Баширахон тобистон бо ин тадорукоти бузурги донишгоҳ банд хоҳад шуд.

Дар Самарқанд рӯзҳо хуб мегузашт. Ман ниҳоят хушбахт будам, вале намедонистам аз ин давлату иқбол ба кӣ ҳикоят кунам! Оё ба ин тоқу манораҳои сар ба фалак кашида, ки аз кӯдакӣ мафтуни онҳо будам? Оё ба ин гунбадҳои сабзу лоҷувардӣ, ки ошӯбу навозишҳои қарнҳову асрҳоро шоҳиданд? Онҳо бо шаҳомату бузургии худ хомӯшу сокитанд!

Рӯзе вақти чошт Мутаваккилҷон, гуфти худаш, "сӯп-сӯп" аз дар даромада омад. Ба сайри Самарқанд омада, имрӯз ба дидори падарам азм кардааст. Аз он ки ман ҳам дар Самарқанд ҳастам, хеле хурсанд шуд. Пас аз сӯҳбатҳои дуру дароз ва гарми падарам мо ҳар ду бегоҳ дар айвон танҳо мондем. Қариб то соати ду аз рӯзҳои гузаштаву аз машғулиятҳои худ нақл мекардам. Фурсат муносиб омаду аз он чи дар зиндагии ман чанд моҳи охир дар Маскав рух дод, ҳикоят кардам. Мутаваккилҷон ниҳоят бо диққату риққат гӯш мекард. Дар ниҳояти ҳикоят бо чашмони ашколуд рост ба ман нигоҳ карда гуфт:

— Расулҷон, маро ниҳоят шод кардед. Баъд аз он ки аз Тошканд рафтеду Шавкат зуд шавҳар кард ё ӯро зӯран ба шавҳар доданд, дар фикру хаёли шумо будам. Медонам иродаи қавӣ доред, лекин дили ҳассоси шуморо низ нағз медонам. Худоро шукр, ки Худо ба ҷои дурри аз даст рафта гавҳари ноёбро тӯҳфа намудааст. Дигар орому осоишта ҳастам. Ман авлоди духтарро хуб медонам. Онҳо аз ашрофи бухорӣ ҳастанд. Башираро дидаам, ба назарам, ҳар ду ба ҳам мувофиқ ҳастетон. Муборак бошад ишқатону интихобатон!

Ин дуои хайр буд, ки бори аввал дар иқдоми худ шунидам. Дуои хайри одами пок, одами ишқу мусиқӣ, одаме ки маро аз дилу ҷон дӯст медорад.

Дар аввали сентябр ба Маскав бозгаштам. Шаби аввалини омаданам танҳо ба сайру гашт баромадам. Ба назди хонаи академикон (биное, ки дар он марҳум Бертелс манзил дошт) расида будам, ки аз дур қасри бо шукӯҳи ба фалак сарафроштаи Донишгоҳ чароғону фурӯзон пеши чашмам муҷассам гашт. Деворҳову кунгурҳои он ба нури прожектор нуқрагун медурахшиданд. Шерозаи девори иморот бо силсилабандии чароғакҳо тарҳи умумии ин кохро дар торикии осмон равшан нишон медоданд. Чароғҳои сурхгунаи гунбади баландтарину охирини иморат бо ситораҳои фалак ҳампаҳлӯ буданд. Мафтун ва ҳайратзадаи намои афсонавӣ будам. Ба чароғакҳои хонаҳо дида дӯхта будам, хаёл мекардам шояд дар яке аз ин ӯтоқҳо сояи Баширахонро бубинам. Аз шоҳроҳи росте ки навниҳолҳо дар нури фонусҳо шоху баргҳояшон дар бозӣ буд, ба сӯи қасри афсонавӣ қадам гузоштам. Ҳар қадар ки наздик мешудам, шаҳомату азамати қаср афзунтар мегашт. Бевақтии шаб ба хона омада, бо таассуроти тамошои қасри нави Дониш хоб рафтам.

Пас аз ду рӯз мову Баширахон ҳамдигарро ёфтем. Маълум шуд, ки Баширахон чанд рӯз пеш аз оғози соли таҳсил аз хобгоҳ ҷой гирифта, ҳоло дар ҳуҷраи ҷудогонаи тозаву муҷаҳҳаз ба мизу тахтахобу шкафҳои китобу либос осуда зиндагӣ мекунад. Ба хобгоҳ ҳанӯз шахсони берунаро роҳ намедоданд, посбонии атрофи иморот ва вуруду хуруҷи донишгоҳ дар дасти

ҳарбиён буд. Шабҳои гарму нарми сентябр дар гулгашту хиёбонҳои сабзу хуррами атрофи Донишгоҳ сайру гашт мекардем ва ин аъҷубаи санъати меъмории Русияро танҳо аз берун бо дидаи ҳавасу ҳайрат медидам. Баъзан шабона аз майдони махсусе ки дар вартаи талҳои баланд бо девор иҳота шуда буд, манзараи шаҳри Маскавро то нуқтаҳои дуродури шаҳр тамошо мекардем.

Хулоса манзилҳои мо ба ҳам наздик ва майдонҳои тамошо ва сайр кардании бе ҳадду канор ва имкони мулоқот ҳам осон шуда буд.

Дурии думоҳа моро ба ҳам наздик кард. Ман Баширахонро чун ниҳоле тасаввур мекардам, ки ба дасти боғбоне парвариш ёфта, акнун ба боғистони дигар барои нашъу намои нав оварда буданд. Дар ин нашъу намо худро бонию парастор медонистам, ки содагиву покии ниҳоли наврустаро ҳифозат намоям. Аз тарафи дигар мехостам ва саъй бар он медоштам, ки садду тафовут дар синну сол ва ҷаҳоншиносӣ аз байн тадриҷан бардошта шавад, мо бояд ёрони ҳамдаму ҳамнафас ва дар эҳсоси ишқу муҳаббат баробар бошем.

Баъд аз ду моҳ ба иҷозаи маъмурият ва бо даъвати донишҷӯи Донишгоҳ Шаҳобова Башира бори аввал ба ин боргоҳи улум қадам гузоштам. Ростӣ ки дар назари аввал аз дидани ҳар як ваҷаби иморатҳои муҷтамеъи қаср ҳайрат бар ҳайратам меафзуд. Алалхусус хобгоҳи донишҷӯён ва шароити ашрофонаву сарватмандонаи он ҳар касро мафтуну мабҳут мекард. Баробари ба корпуси хобгоҳ даромадан (шаш корпуси хобгоҳ гирдогирди иморати баландошёна вуҷуд дошт) аз толори бузург дар лифтҳои бо тачҳизоти беҳтарини техникӣ сохташуда ба ошёнаҳо мебароед. Аз лифт ки берун омадед, долони васеъ кушода мешавад ва дар як тарафи он дар паси пулти телефон зани навбатдор нишастааст. Вай нозир аст, ки ба хобгоҳ каси бегона бе рухсатнома надарояд. Дар раҳравҳои дароз пояндозҳои нави мунаққашу гулбез густурда шуда ва ба дарозиии ҳамин роҳрав хонаи хоби донишҷӯён воқеъ аст. Аз дар ба даҳлез дохил мешавад ва ин даҳлез боз ду дару ду хона дорад барои ҳар як донишҷӯй. Хонаи чап ва хонаи рост. Вақте ки донишҷӯйро касе ба телефон пурсад, албатта мегӯяд "фалон хона, тарафи чап." Зани навбатдор аз пулт ба воситаи як (тарафи чап) ё ду (тарафи рост) занг донишҷӯйро даъват мекунад. Донишҷӯй меояд ва аз кабинаи ҷудогона бо телефон сӯҳбат мекунад. Ҳар даҳлез таштнов ва души гарму хунук дорад. Ҳар ӯтоқ мизи хатнависӣ ва мизи хурде барои таом дорад. Дар ҳар ошёна ошпазхона бо плитаи газ мавҷуд аст, ки он ҷо чой ҷӯшонидан ва таом пухтан мумкин аст. Хулоса шароити зиндагӣ аз хуб ҳам хубтару олитар аст. Барои мутолиаву машғулият ва хобу истироҳат ба назарам аз ин беҳтар шароитро орзу кардан мумкин набуд. Баширахон ниҳоят шод буд, ки баъд аз азоби яксолаи хобгоҳи ноқулай ва дуру нороҳат соҳиби чунин манзили олӣ гардида аст.

Рӯзҳои истироҳат меомадам, дар ошхона хӯрок мехӯрдем ё худамон таом омода месохтем. Гоҳо дар клуби ҳамин иморат филм ё консерт тамошо мекардем. Ба ҷуз ин баъзе шабҳои истироҳат ба тамошои театр мерафтем.

Дар ин ду-се моҳ мо ба ҳам бештар унс гирифтем, балки меҳру муҳаббат бастем. Бастагии нутқу хиҷолати бачагонаи Баширахон низ тадриҷан камтар

мешуд. Гуфтан мумкин аст, муҳаббати поку беолоиш, дилдодагиву шефтагии ишқу муҳаббат бештар, гармтар ва қавитар мегардид. Ҳангоме ки аз Душанбе хабари ба шаш моҳ дароз кардани мӯҳлати таҳсили аспирантураи ман расид, Баширахон хеле шод шуд, ҳарчанд кӯшиш мекард, ки ин хурсандии самимонаи худро пеши ман боздорад.

Вақте ки ба ман хидмати мӯътабари мушовирии Иттифоқи нависандагонро пешниҳод намуданд, хурсандии ҳардуро ҳадду канор набуд. Ҳарчанд ба ҳамдигар ошкор гуфта наметавонистем, аммо ҳис мекардем, ки шояд акнун баъд аз чанд моҳ ё як сол мо бо ҳам якҷоя шавем.

Дар чунин рӯзҳои парвози орзуҳо расидани мактуби устод Айнӣ, ки ба бозгашти ман ба Сталинобод исрор мекард, то андозае боиси навмедӣ гашт. Вале худро ба он таскин медодам, ки меҳру муҳаббати мо ба дараҷае қавӣ буд, ки рафтани ман бими аз ҳам ҷудо шудан барнамеангехт. Фақат ҳис мекардем, ки ҷудой ҳарчанд муваққатист, аммо ниҳоят талху гарон хоҳад шуд.

Тобистони соли 1954 Баширахон дар Звенигород дар таҷрибагоҳи факултаи худ буд. Пас аз даргузашти устод Айнӣ ман барои вай низ билет харидаму охири моҳи июл ҳар ду бо ҳавопаймо ба Сталинобод парвоз кардем.

Дар Сталинобод мо дар рӯзу соатҳои муайян мулоқот доштем, гоҳо бо ҳам ба хонаи дӯстон мерафтем. Ошноёни дуру наздик, хешовандон ва ҳатто ҷомеаи шаҳр медонист, ки миёну мо риштаҳои муҳаббат силсилабанд аст ва ин на бо ҳавову ҳавас, балки бо ниятҳои холису ҷиддӣ маҳкаму устувор аст. Зиёда аз як моҳро ба шодкомиву соатҳои ширин гузаронидем, ҳатто хаёл намекардем, ки рӯзе меояду Баширахон ба Маскав мераваду ман танҳо дар Сталинобод мемонам. Як байти Пайравро такрор мехондам:

Дурӣ зи туам ба ҳеч сурат
Ҳатто ба хаёл ҳам наёяд.

Дар охири сентябр Баширахонро ба Маскав гусел кардам. Ҳамон шаб аз вокзал бозгаштам ва чунин менамуд, ки мо фардо боз ҳамдигарро хоҳем дид. Соате нагузашта буд, ки ба назарам атроф ҳама холӣ, танҳову вомонда истодааму аз Баширахон садое нест. Дар ҳамин дақиқа бори аввал талхии ҷудоиву дуриро ҳис кардам. На танҳо эҳсоси дуриву ҷудой, балки тасаввури он ки рӯзҳову моҳҳо мо ҳамдигарро намебинем, шӯхиҳои ҷавононаву ҳарфҳои меҳру муҳаббатро аз забони ҳамдигар намешунавем, фазои хаёлоти маро тира сохт. Зери лаб шеъри Пайравро мехондам:

Ман дар он дида дар нигоҳи сиёҳ
Бас рамузи ҳаёти хеш дидам.
Тирагӣ дар назараи ту набуд,.
Тирабахтии хештан дидам.
Ба нигоҳат қасам, ки дар нигаҳат
Шаби ҳичрони хештан дидам.
Чашмро аз нигоҳи ман кандӣ,
Парда бахри видоъ афгандӣ,
Чашми хуммор,шӯх, чашми сиёҳ
Дур шуд, дур шуд зи ман ҳайҳот,
Чашм не, чашм не – Рамузи ҳаёт!

Бале, душвор буд рӯзҳои ҷудоиву дурӣ! Пас аз се рӯзи ҷудоӣ ба Маскав нома навиштам. Инак чанд порае аз ин нома:

"Баширахони азизам! Мана чанд шабонарӯз, чанд ҳазорҳо километр масофа имрӯз моро аз ҳам ҷудо мекунад, вале шумо ҳамеша дар пеши назарам, ёди шумо ба ман ҳам як хурсандӣ, ҳам як хушҳолӣ ва баробари ҳамин, росташро гӯям, як ҳисси аламангез, ки он ҳам ширин аст, мебахшад... Борҳо мо бо ҳамдигар хайру хуш карда будем, борҳо ҳамдигарро гусел карда будем, борҳо як эҳсоси пазмонии ба ҳамдигар шиносро ҳис карда будем. Вале ин бор ҳамагӣ барои ман нав - чунон вазнин буд, ки чунин ҳиссиёти сангин ва азобовар ҳеч гоҳ дар умрам ба дили ман роҳ наёфта буд... Гоҳо чунон маъюс, чунон дилгир мешавам, ки бе ихтиёр ҳамин байтҳои Ҳофиз аз қаъри синаам мебарояд:

Фироқро ба фироқи ту мубтало созам,
Чунон ки хун бичаконам зи дидаҳои фироқ.
Ман аз куҷову фироқ аз куҷову гам зи куҷо?
Магар ки бизод маро модар аз барои фироқ!

...Хайр, коғазро дар ин ҷо қатъ мекунам ва чӣ тавре ки Артур ба Ҷемма навишта буд, коғазеро, ки дар он ҷо номи шумо навишта шудааст, бӯсида бо ёди шумо ба оғӯши хоб медароям, шояд маро қабул кунад

...Корҳои ман то андозае дуруст шуд. Маро дар Шӯъбаи дастнависҳои шарқӣ ба вазифаи ходими калони илмӣ таъйин карданд ва ҳоло муваққатан бо адабиёти советӣ машғул мешавам.."

Дар пеш се соли таҳсили Баширахон - се соли дуриву ҳичрон буд. Дар ин миёнаҳо дар вақтҳои муносиб ба Маскав сафар мекардам ва он ҷо қариб то як моҳ меистодам, кор мекардам.. Рӯзҳои беҳтарини дидору висоли мо буд. Бо дӯстони маскавии тоҷику рус маҳфилҳои тарабу шодӣ меоростем, ба тамошои театру филмҳо мерафтем. Хулоса мо се соли таҳсили Баширахонро бо дарди ҳичрону нишоту шодии висоли ҳамдигар гузаронидем. Ба назарам сабру таҳаммули мо қаҳрамонӣ буд, ки дар ивази он Парвардигор ба мо зиндагонии ширину орому осоиштаи пур аз меҳру муҳаббатро ато кард то имрӯз, то ин соат!

ФАСЛИ ПАНҶУМ. СТАЛИНОБОД - ДУШАНБЕ

Ба Сталинобод бозгаштам. Устод Айнӣ дигар набуданд. Ман метавонистам ба Маскав бозгардам ва ба кори Иттифоқи нависандагон идома диҳам. Вале нахостам васият ва хоҳиши устодро сарфи назар намоям. Аз рӯи мувофиқаи қаблӣ аз Сталинобод ба роҳбарияти Иттифоқи нависандагони СССР ариза фиристодам, то маро аз вазифаи мушовирӣ муоф доранд. Аз рӯи фармони Академия аз якуми сентябр ба вазифаи ходими калони илмии Шӯъбаи дастнависҳои шарқӣ таъин шудам. Шӯъба ҳанӯз дар вақти зиндагии устод Айнӣ ташкил шуда, роҳбарии онро Камол Айнӣ, ки як сол пеш дар Ленинград рисолаи номзадӣ дифоъ намуда буд, дар ӯҳда дошт.

Шӯъбаи мо ҳанӯз чи муайяни кор надошт. Ғайр аз ману Камол Айнӣ боз ду ходими илмӣ дар шӯъба кор мекард: Саъдулло Тоҷиддинов, собиқ китобдори Институти забон ва адабиёт, Андрей Евлампович Маҷи, хатмкардаи факултаи шарқшиносии Тошканд дар солҳои 1930. Мушовири илмӣ профессор Семёнов буд. Дар вақти ба кор таъин шуданам Президиуми Академия шарт гузошт, ки ним соли аввал бо таҳрири бобҳои таълифшудаи таърихи адабиёти шӯравии тоҷик машғул бошам, зеро дар шӯъбаи адабиёти шӯравии тоҷик ғайр аз мудир Шарифҷон Ҳусейнзода корманди илмии унвондор набудааст.

Ҳанӯз ба кори Академия шурӯъ нокардаю маро ба Кумитаи Марказии ҳизби коммунистӣ даъват карданд ва фармуданд, ки дар радифи тарҷумонҳои ботаҷрибаи тоҷик ба таҳрири ҷилдҳои Асарҳои Ленин иштирок кунам. Узрҳои ман қабул нашуд ва баъд аз понздаҳ рӯз ба Президиуми Академия нусхаи қарори Бюрои кумитаи марказии ҳизб омад, ки фалонӣ ба муддати чор-панҷ моҳ ба Филиали Тоҷикистонии Институти марксизм-ленинизм барои таҳрири асарҳои Ленин сафарбар мешавад. Иҷрои қарори ҳизби коммунистӣ барои ҳама воҷиб буд ва ман "лом-мим нагуфта" ба ихтиёри Институти марксизм-ленинизм гузаштам. Инак аз омаданам як моҳ нагузашта маънои таъбири устод Айнӣ "қаҳтурриҷолӣ - камодамии" республикаро фаҳмидам.

Директори Институти марксизм-ленинизми Тоҷикистон Набиҷон Почоҷонов - аз ходимони пешқадами ҳизбӣ ва корманди собиқадори матбуоти тоҷик буд. Вай одами нарму рафиқи меҳрубон буд. Дар таҳрир ва тарҷумаи адабиёти сиёсӣ ва осори Сталину Ленин баъд аз ҳабсу табъиди насли пешина, мисли Маъруф Расуливу Саид Ризо Ализода Почоҷонов аз шахсони ботаҷриба ва мӯътамади мақомоти ҳизб маҳсуб мешуд. Бо ин шахс дар ҳамин институт шинос шудам ва дар ҷараёни кор бо ҳам дӯсту қадрдон ҳам гаштем.

Дар Институт барои таҳрири асарҳои Ленин Ҳабиб Аҳрорӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва Сотим Улуғзода низ маъмур шуда буданд. Тарҷумаи асарҳои Ленин асосан ба мутарҷими номдор Эмануэл Муллоқандов ва Ҳабиб Аҳрорӣ вогузор мегардид. Муллоқандов шахси ниҳоят фозил буд. Забон ва адабиёти русро хуб медонист, дар забон ва адабиёти тоҷик, аз ҷумла аз осори адабиёти гузашта, вуқуфи комил дошт. Азбаски дониши ӯ дар забон бештар аз рӯи китоб буд ва дар огаҳӣ аз забони гуфтугӯи мардум камтар таҷриба дошт,

тарҷумаҳояш камшира ва дар ботин хушкмизоҷона буд. Бо вуҷуди ин аксари осори баргузидаи адабиёти рус мисли "Тарас Булба"-и Гоголь ва "Дони ором"-и Шолохов ба қалами вай мутааллиқ буд.

Тарҷума ва таҳрири асарҳои Ленин кори ниҳоят душвор, масъулиятдор буд ва аз ҷиҳати сиёсӣ қоидаву зобитаҳои сахт ва то андозае маҳдуд дошт. Аввал ин ки тарҷума бояд ба матн ва услуби забони русии муаллиф мутобиқ ва биайниҳи наздик бошад. Аз ин сабаб гоҳо мутобиқати матни аслу тарҷумаро сахт риоя карда, табиат ва асолати забони тоҷикиро ба мадди дуввум мегузоштанд. Ман, ки дар таҳрири асарҳои сиёсӣ навкор будам, ба чунин услуби тарҷумаи ҳарф ба ҳарф одат карда наметавонистам ва чунин кори маҳдуди ғайри эҷодӣ маро дилгир мекард.

Дертар ба кори тарҷумаи Ленин Мордахай Бачаев ширкат кард. Ин марди интеллигенти яҳудии бухорӣ, ки аз ҳабсу табъиди соли 1937 бозгашта буд, бо иҷозаи мақомоти дахлдор ба тарҷумаи Ленин роҳ дода шуд. Бачаев дар тарҷумаи Ленин услуби озодтар ва ба табиати забони тоҷикӣ наздикро пеш гирифт. Дар аксари маврид ҷумлаҳоро ба қисмҳо тақсим мекард ва ба матни аслӣ гоҳо ибораву таркибҳо илова менамуд, то ки мазмун ва ҳадафи муаллиф ба хонанда равшан ва мафҳум гардад. Бачаев дертар ба Исроил ҳиҷрат кард. Дар он ҷо солҳои дароз дар тарҷумаи Библия заҳамоти тӯлонӣ кашида, ниҳоят онро ба чоп расонид. Афсӯс ки он ҷо танҳо буд ва тарҷумаи китоби бузурги муқаддас аз таҳрири хуби тоҷикӣ нагузашт. Аз ин сабаб дар услуб ва таркиботи тарҷумаи Библия гоҳо нуқсонҳои ҷиддии гӯшхарош ва таъбироти номаънуси забони тоҷикӣ ба чашм мерасад.

Кори таҳрирро аз ҷилди панҷуми (нашри чоруми асарҳои Ленин) бо сарварии Почоҷонов шурӯъ кардам. Қисми асосии ин ҷилд иборат буд аз китоби хеле ҷолиб ва пурмӯҳтавои Ленин "Чӣ бояд кард?". Ин асарро пеш Сотим Улуғзода хеле хуб тарҷума кардааст. Бинобар ин таҳрири ҷилд ҳамвор бо суръати тез мерафт. Таҳрир ва тағйироти мо бештар ба наздиктар кардани матн ба асли русии китоб дахл дошт. Шояд мо дар ин роҳ ба рӯҳи тоҷикии забони тарҷума халал ворид мекардем, аммо ботинан ором будем, ки "ҳарфи Ленин дар ҷояш монд".

Қариб чор моҳ ҷои корам аз субҳ то гашти рӯз бинои Институти марксизм-ленинизм ва машғулиятам хондану ҳарф ба ҳарф таҳрир намудани осори Ленин буд. Рафта-рафта ба услуби таҳрири тоҷикии Ленин омӯхта шудам. Гузашта аз ин ба сабки ниҳоят аҷиб ва гирои забони русии Ленин ва ақидаву эътиқоди сиёсии вай қарин мешудам. Ниҳоят, кор дар таҳрири адабиёти сиёсӣ таҷриба ва захираи луғавии забонии маро афзунтар кард. Дар Институти мазкур доираи дӯстону рафиқони калонсол, мисли Деҳотиву Улуғзодаву Почоҷонову Аҳрорӣ барои ман мактаби ниҳоят пуразриш ва нотакрори омӯзиши одобу ахлоқи ҳамида ва забони фасеҳу тозаи тоҷикӣ гардид. Сӯҳбатҳои пур аз маониву дӯстиву маваддат ва моломол аз зарофату чакидаҳои шеъру адаб аз забони пирони хирад як китоби пурбору пурарҷи дониши зиндагиву ҳикмати ҳаёт буд.

Бо ин ҳама неъматҳои фаровони маънавӣ кори ифтихорманди таҳрири "доҳии бузург" боиси дилтангиву ноқаноатмандӣ буд. Ман, ки ҳамин ҳоло аз Маскав бо ғайрату ният нақшаҳои илмиву эҷодӣ бозомада будам, мехостам дар лонаи худ бо ҳамҷинсону ҳамкасбон бошам.

Дар тӯли чаҳор моҳи фаолияти муҳарририям баъзе лаҳзаҳои гуворою воқеаҳои суруранғез низ рух дод, ки ҷои маҳрумияти маро аз корҳои дилхоҳам пур кард. Яке аз ин воқеаҳои фараҳангез ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул шуданам буд. Баъд аз чанд рӯзи ба кори академия сар карданам Турсунзода маро ба ҳузури худ даъват намуда, фармуд, ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои қабул ба узвияти ташкилоти нависандагон омода кунам, ки дар маҷлиси навбатии котибот ин масъала ба рӯзнома дохил хоҳад шуд.

— Ман мехоҳам, акнун ки ба Сталинобод муқимӣ шудед, дар ҳаёти адабии республикаамон фаолонатар ширкат кунед.

Ин масъала тӯл накашид. 29-ми сентябр маҷлиси котибот барпо шуд. Дар маҷлис ҳузур доштани Улуғзода, Маъсумӣ, Марианна Фофанова, Фотеҳ Ниёзӣ ва Деҳотӣ ҳоло дар ёдам мондааст. Турсунзода ариза ва ҳуҷҷатҳои маро ба арзи ҳозирон расонид. Баъд аз ин ду-се суоле шуду Маъсумиву Улуғзода дар ҳаққи ман суханҳои гарм гуфтанду ҳама ба як овоз ба қабули ман ба узвияти Иттифоқи нависандагон раъи ошкор доданд. Аз рӯи қоидаҳои он вақт ҳуҷҷатҳоро ба Маскав фиристоданд. Пас аз панҷ моҳ ба ман дафтарчаи узви Иттифоқи нависандагони СССР-ро бо имзои шодравон Фадеев супориданд.

Хурсандии дигар он буд, ки баъд аз ду моҳи зиндагӣ дар хонадони Айнӣ аз иморати навсохти Академия квартираи духонагӣ доданд ва ман зуд ба ин хонаи холиву бе ҷиҳоз кӯчидам. Дар муддати як моҳ мизи корӣ, шкафи китоб, кати оҳанини хоб ва боз чанд асбоби рӯзгорро харида, зиндагии муҷаррадонаро оғоз намудам.

Ва ниҳоят шодии ҳаёти чормоҳаи ман дар Сталинобод сафар ба Маскав буд. Ман махсусан дар арафаи иди ноябр ба Маскав сафар кардам, ки рӯзҳои ид бо арӯсшавандаи худ бошам ва дарду алами ҷудоиву дуриро аз дилҳо барорем. Хушбахтона дар он рӯзҳо Мутаваккилҷону Бародаронам Маҳдихону Надимхон низ дар Маскав буданд (ҳар дуи онҳо таҳсили аспирантура доштанд) ва мо чанд рӯзро дар шодиву сурур гузаронидем.

Ин сафар пули восилае гардид, ки барои ман роҳи васеъ ва саодатмандро ба Маскав кушод. На танҳо роҳи васлу мулоқот бо ёру ҳамсари ояндаам буд, балки роҳи равшане буд, ки ба фаолияти илмиву эҷодии баъдии ман майдони фарох боз намуд, мушкилоту муаммоҳои сарбастаро бароям осон кард, ба рушду пешрафти маънавию тафаккурам мусоидат намуд. Баъд аз ин ба Маскав зуд-зуд сафар мекардам – ҳам бо амри дили худ, ҳам ба маъмурияти илмиву эҷодӣ, ҳам дар роҳи саёҳати кишварҳои хориҷӣ. Ва ҳамеша бо натиҷаҳои пурбору пурмазмун ва як ҷаҳон нақшаву азму ниятҳои эҷодӣ ба хона мерасидам. Гузашта аз ин дар сафарҳои Маскаву Петербург дӯстону рафиқони нав пайдо мекардам, ки сӯҳбату улфат бо онҳо захираи зеҳниву ҳаётии маро равшану пурсамар месохт.

Хулласи калом аз сафар ман шоду хуррам ва орому осуда бозгаштам. Осуда аз он будам, ки муҳаббати мо дар муддати кӯтоҳ бошад ҳам, аз санҷиши вақт гузашт ва ҳар ду ҳам бовар доштем, ки се соли таҳсили донишгоҳ сипарӣ мешаваду мо ниҳоят тақдири худро ба ҳам мепайвандем. Умеди дигар он буд, ки имкон доштам дар вақтҳои пазмонӣ ба Маскав сафар кунам ва рӯзҳои ширини дидор талхии ҷудоиро даво хоҳад шуд.

Бо вуҷуди дилбастагӣ ба Маскав ва ёди ёрони маскавӣ ба Сталинобод зуд хӯ гирифтам ва одат кардам. Сабаби ин пеш аз ҳама машғулии шабонарӯзӣ ба корҳои идораву ғайри идора. Ба ҷуз ин омодагии ҷомеаи ҷумҳурӣ ба ҷашни 25-солагии ташкили Тоҷикистон дар ҳайати СССР ва гирифтани Душанбе номи Сталинободро буд. Дар ин хусус дар мактубам ба Баширахон навишта будам:

"Ҳозир дар Сталинобод як вазъияти идона ҳукмфармост. Кӯчаҳоро ороиш додаанд. Тамоми сутунҳои троллейбусро шинонда ба ранги нуқра ранг кардаанд, симҳоро кашидаанд. Дар болои ҳар сутун фонусҳои электрикӣ шинондаанд, Тамоми биноҳо ремонт карда шуданд. Чанд биноҳои нав ба охир расид. Роҳи вокзалро нав карданд. Қасри маданиятро чунон зебо карда анҷом додаанд, ки таърифи онро ба қалам кардан номумкин аст (шарҳ: бинои ҳозираи театри ба номи Лоҳутӣ дар аввал ҳамчун бинои Қасри маданияти колхозчиён сохта шуда буд). Ба болои ин ҳаво хеле хуб... Ба кӯча бароед, таку давҳои идонаро зуд пай мебаред. Хуллас чор тараф хурсандӣ, шодӣ. Театри опера балети "Дилбар" ва операи "Нисо"-ро ба саҳна мегузорад. 17-18 октябр консерти хотимавии ҳаваскорони бадеӣ шуд – помириён боз ҳамаро қоил карданд". 21-ми октябри соли 1954.

Ман дар ин вақт бо хоҳиши нашриёти давлатӣ ба таҳрири тарҷумаи романи Чернишевский "Чӣ бояд кард?" шурӯъ кардам. Ба ин васила бо тарҷумони асар Ҳасан Ирфон шинос шудам. Ҳасан Ирфонро аз бачагӣ ғоибона мешинохтам. Масъудхони Беҳбудӣ – шавҳари холапошшоям дӯсти қарин ва дерини ин шахс буд. Дар ҳавлии онҳо номи Ҳасан-оғоро бисёр мешунидам. Мешунидам, ки Ҳасан-оғо домоди Саид Ризо Ализода аст ва онҳо дар гузари Чорраҳа (назди масҷиди Хоҷа Зудмурод) ҳар яке дар ҳавлии калону бошукӯҳи дуошёна иқомат доранд. Оилаи Масъудхону Ҳасан-оғо байни худ рафту омад доштанд. Модарам чанд бор бо холапошшоям меҳмони ҳамсари Ҳасан-оғо шуда буд ва аз пазироиву меҳрубонии эронии онҳо нақл мекард.

Ман дар бачагӣ ду романи Максим Горкий – "Бачагӣ" ва "Дар байни мардум"-ро бо шавқи калон хонда будам. Номи тарҷумони ин ду китоб Ҳ.Ирфон ва муҳаррири адабӣ устод Айнӣ буд. Аз писари Масъудхон Мидҳат фаҳмидам, ки Ҳ.Ирфон ҳамон Ҳасан-оғо аст ва Ирфон тахаллуси адабии ӯст. Дертар китобҳои "Робинзон Крузо"-и Даниэл Дефо ва "Бачаҳои капитан Грант"-и Жюл Вернро дар тарҷумаи ҳамин шахс хонда, хеле лаззат бурда будам. Акнун бинед, ки дирӯза бачаи аз тарҷумаи Ҳасан-оғо таълим гирифта имрӯз тарҷумаи ӯро таҳрир мекунад! Ин кор барои ман ифтихор буд, аммо андешаву масъулияти калон дар ботин доштам. Бо вуҷуди ин шод будам, ки ҳоло бо чунин шахси номдори адабиётамон шинос мешавам.

Ҷои истиқомати Ирфон ҳамеша Самарқанд буд. Тамоми тарҷумаҳои худро дар Самарқанд анҷом медод ва дар муддати муайян барои имзои шартномаи тарҷумаҳои китобҳо ба Сталинобод сафар мекард. Дар аввали солҳои панҷоҳум Ирфон дар маҳалли шаҳрчаи тиббӣ аз ҳавлии шиноси самарқандиаш хонаеро ба иҷора гирифта, дар ҳамин ҷо истиқомат ва кор мекард. Занаш фавтида ва ӯ бе парастор монда буд. Писараш дар Сталинобод муаллими Донишгоҳ буд ва ӯ аз падар хабардорӣ мекард. Аз

тарафи дигар фаолияти тарҷумонии Ирфон дар ин солҳо хеле авҷ гирифта буд ва дар синни қариб ҳафтодсолагӣ рафту омад миёни Самарқанду Сталинобод барои вай вазнин буд. Холабачаи ман Мидҳат Беҳбудӣ ба назди Ирфон зуд-зуд мерафт ва ҳар бор аз зиндагии озодаву мураттаб ва сӯҳбатҳои ширину дилкаши вай ба ман нақл мекард. Ба ин тариқ дар бораи шахс ва расму одоти Ирфон то андозае огаҳӣ доштам.

Пеш аз он ки ба таҳрири китоб шурӯъ кунам, хостам бо тарҷумони он мулоқот дошта бошам. Рӯзе баъд аз пешин назди Ирфон рафтам. Шунида будам, ки вай аз бомдод то қариби пешин кор карда, сипас баъди наҳор истироҳат мекунад. Ирфон ба муроати одоби ниҳоят шоиста аз ман истиқбол намуд. Гуфт, ки аз нашриёт хабар расидааст, ки таҳрири китобро ба ман супоридаанд.

— Дар бораи шумо суханҳои хуб гуфтанд. Гуфтанд, ки ҳарчанд ҷавон ҳастед, дар таҳриру тарҷума таҷрибаи хуб доред. – Ирфон айнакашро гирифта, бо латтаи сафеди оҳорӣ пок карду ба ман нигарист – ҳамоно мехост маро дурусттар бубинад.

— Ба ин кор танҳо барои он розӣ шудам, ки шояд ба ин восита аз тарҷумаи шумо ва худи шумо забонро боз ҳам хубтару пухтатар омӯзам. Дар бачагиам тарҷумаҳои шуморо хонда будам ва аз он китобҳо забон бароварда будам,– гуфтам ман бо тафсу сурхии хиҷолат.

— Одамизод шири хом хӯрда,– гуфт Ирфон,– қариб шаст сол аст, ки тарҷумонӣ мекунем, лекин аз хато эмин нестем. Дар ин китоб ҳам саҳву хато ҳаст. Шумо на ба номи ман, балки ба мағзи матн нигоҳ кунед. Ҳар хатое ки падид ояд, истиҳола накарда гӯед, тасҳеҳ мекунем. Ёд дорам устод Айнӣ тарҷумаи тоҷикии "Бачагӣ"-ро таҳрир мекарданд. Пешакӣ гуфтанд, ки "ман забони русиро намедонам, бинобар ин бештар ба забони тарҷума диққат мекунам. Агар русиро хато тарҷума карда бошед, гуноҳ ба гардани шумо." Лекин дар рафти таҳрир ҳис мекарданд, ки гоҳо тарҷума ба аслаш мувофиқ нест. Мегуфтанд, ки "дар ин ҷо ба назарам тарҷума нодуруст аст, ба асли китоб як назар кунед, дилам гувоҳӣ медиҳад, ки Горкий ин тавр нагуфтааст." Дар воқеъ матни аслиро кушода хонам, тарҷума нодуруст будааст. Бинед, Айнии бехабар аз асли русӣ хатои мани русидонро пайдо мекарданд. Шумо ҳам "Ирфон тарҷумони хуб ва аз ман беҳтар аст" гуфта тарҷумаро нахонед, чун муҳаррири Ирфон китобро хонед. Ҳар саҳву хатое, ки дидед, бе ибо гӯед, ба ҷон миннатпазир мешавам ва қабул хоҳам дошт.

Тарҷумаи Ирфонро мехондаму аҳсант мегуфтам, ки забони тозаву хушоҳанги тоҷикӣ дорад. Бо вуҷуди он ки эрониюласл аст, дар суханаш нақшу оҳанги форсии эронӣ эҳсос намешавад. Дар ҳарф заданаш ҳам забони гуфтугӯи ширини тоҷикӣ бо лаҳҷаи Самарқанд шунида мешуд.

Таҳрири "Чӣ бояд кард?" зиёда аз ду моҳ давом кард. Дар ин муддат бо Ҳасан-оғо Ирфон борҳо сӯҳбату мулоқотҳои дуру дароз даст медод. Вай хурдтарин тасҳеҳу таҳрири маро қабул мекард. Агар дар ҷое эроди нодуруст гирам, ба нармиву суханҳои ширину шӯхиомез шарҳу тавзеҳ медод, аз китобҳову суханҳои гузаштагону устодонаш мисолҳо нақл мекард. Дар ин сӯҳбатҳо Ирфон аз муҳити адабии Самарқанд дар аввали садаи бистум, аз ташкили мактабу маорифи тоҷикӣ баъд аз инқилоб дар Самарқанд ба рағми

муқобилати миллатчиёни ӯзбек, аз муаллимон ва нашрёни тарҷумонҳои тоҷики нашриёти давлатии тоҷик дар Самарқанд ва умуман аз таърихи фарҳангу адабиёти нави тоҷик ва намояндагони он ҳикоятҳои аҷиб ба миён меовард. Аксари нақлу ҳикоятҳоро бори аввал аз Ирфон мешунидам. Ҳар бор баъд аз сӯҳбат ба худ меандешидам, ки кош ин марди пурдон аз воқеаҳои таърихи мо китоби хотирае тадвин мекард.

Се-чор сол нагузашта буд, ки китоби Ҳасан Ирфон бо номи "Дар кулбаи косибон" аз чоп баромад. Дар ин китоб Ирфон ҳаёти шоҳибофони эронии Самарқандро дар аввали қарни бист тасвир намудааст. Баробари ҳамин дар ин китоб муҳити иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии Самарқанд хуб тасвир шудааст. Арзиши китоби Ирфон дар он аст, ки воқеаҳои асари худро ҳамчун шоҳиди зинда ва нависандаи моҳир ҳақиқатнигорона тасвир намудааст. Аз тарафи дигар, китоби Ирфон асари ягонаи насри бадеии мост, ки ҳаёт ва тақдири таърихии тоҷикони Самарқанд – сокинони аслии ин шаҳрро дар оғози қарни бистум тасвир намудааст.

Ҳасан Ирфон алҳақ аз симоҳои дурахшони фарҳангу маданияти мост, ки хидматҳои ӯ дар рушду камолоти маънавии миллати тоҷик фаромӯш нахоҳад шуд. Вай соли 1973 дар Самарқанд фавт намуд ва дар қабристони Боғи Шамоли шаҳр мадфун аст. Ёди вай дар дили мо зиндаву азиз аст.

Дар аввали соли 1955 ҷилди панҷуми Ленинро ба забони тоҷикӣ аз чоп баровардем. Баъд аз ин аз Почоҷонов ба исрор хоҳиш намудам, ки маро дигар аз корҳои таҳрири тарҷумаи Ленин озод кунанд, то битавонам ба кори аслӣ ва дӯстдоштаи касби худ баргардам. Почоҷонов розӣ шуд. Вале ба хотири он ки қарори Кумитаи ҳизби Тоҷикистон ҳанӯз эътибор дорад, ман бояд як ҷилди Ленинро худам ба тарзи мустақил барои таҳрир гирам. Почоҷонов таҳрири ҷилди нӯҳумро ба зиммаам гузошту аз омаду рафт ба Институт озодам кард.

БОЗГАШТ БА ИНСТИТУТ

Аз моҳи феврали соли 1955 ба Академия бозгаштам. Дар муддате ки ман набудам, Шӯъбаи навтаъсиси дастхатҳои шарқиро баста, чор нафар корманди ӯро ба Шӯъбаи таърихи адабиёти тоҷики Институти забон ва адабиёт гузаронида буданд.

Дар бораи рӯҳияи фараҳангези худ аз рӯзи нахусти кор дар Институт ба Маскав навишта будам: "Имрӯз дар Институти худ ба кор шурӯъ кардам. Тасаввур кунед, ки аз рӯзи дифъам як сол гузашту акнун боз сари кори дӯстдоштаи худ нишастаам. Медонед бароям чи андоза суруру фараҳ аст, ки боз бо кори илмӣ машғул мешавам. Худо тавфиқам диҳаду охири корро ба хайр расонад". (7апрели соли 1955)

Институт дар иморати нав ва боғи сабзу хуррами кӯчаи Парвини Эътисомӣ (ҳоло Мирсаид Миршакар) ҷой гирифта буд. Ин ҳавлию боғро барои Бобоҷон Ғафуров бино карда буданд. Ғафуров аз ин ҷои бо шукӯҳ даст кашиду баъд аз Президент интихоб шудани устод Айнӣ ба ишон пешниҳод кард, ки аз Самарқанд ба ҳамин ҷо кӯчида биёяд. Барои Айнӣ ҳам иморату боғ хеле мӯҳташам намуд ва ӯ ба Институти забон ва адабиёт тақдим намуд.

Дар ин вақт Абдулғанӣ Мирзоев аз директории Институт сабукдӯш гардида, дар маснади сарпарастии ин муассиса Муллоҷон Фозилов нишаста буд. Шунида будам, ки Мирзоев ба таҳрики рақибонаш аз ин вазифа озод шудааст. Тобистони соли 1953 дар вақти сафарам ба Самарқанд ноиб-президентамон Ибодулло Нарзиқуловро дида будам. Гуфт, ки баъзе корҳои Мирзоев ҳатто ба Ғафуров хуш наомад, ки ишон ба иваз намудани роҳбарияти Институт ризоят додааст. Ҳамон вақт ба худ андешидам, ки айби асосии Мирзоев сахтгирӣ ва ба ҳар кас сар нафуровардани вай буд.

Мирзоев акнун роҳбари Шӯъбаи адабиёти классикии тоҷик буд ва ин корро бо шавқу кордонӣ пеш мебурд. Муллоҷон Фозилов як-ду сол қабл аз ин аспирантураро дар риштаи забоншинсӣ дар Ленинград хатм намуда буд. Вай дар ҷанги фашистон захмҳои зиёде бардошта, бо пойҳои протез ба ду асобағал ба душворӣ роҳ мерафт. Шахси ниҳоят хушмуошират ва меҳрубон, вале дар ташкил ва идораи илмӣ суст ва камтаҷриба буд. Хусусан чун забоншинос дар роҳбарии маъмурии масъалаҳои адабиёт ба душвориҳо рӯ ба рӯй буд. Дар забоншинсӣ низ, ба назарам, пояи назариву амалиаш камтар буд. Баъд аз он ки ба узвияти вобастаи Академия интихоб шуд, бештар бо ҷамъоварии тамсилу мақолу зарбулмасалҳо аз адабиёти муосиру классикӣ машғул шуд. Дар натиҷаи заҳматҳои тӯлонӣ чанд ҷилд китоб аз зарбулмасалҳову мақол бо иқтибосу матнҳои мустанад фароҳам овард, ки имрӯз ҳам қимати муайяни илмиву фарҳангиро дорост.

Барои Муллоҷон Фозилов роҳбарӣ намудани соҳаҳои гуногуни адабиётшиносӣ ва масъалаҳои омӯхтани мероси хаттиву адабӣ душвор ва ҳатто ноошно буд. Аз ин сабаб Мирзоев ҳамчун мутахассис ва донишманди ҷиддии адабиёти гузашта дар ҳалли масъалаҳои илмӣ мустақил ва мухтор буд. Ман аз вазъи ҳамонвақтаи Институт ба хулосае расидам, ки дар пажӯҳишгоҳе, ки ба ҷуз забоншиносӣ риштаҳои дигари филология, мисли таърихи адабиёту фолклор, мавриди таҳқиқ қарор дорад, сарпарасти муассиса ҳатман бояд адабиётшинос бошад.

Аммо кори Муллоҷон Фозилов омад карда буд. Дар ин солҳо ба Институт чанд нафар мутахассисони комил аз хатмкунандагони донишгоҳҳои Маскаву Ленинград ба кор омада буданд. Забоншиноси машҳур Владимир Лившитс, донишманди ҷавони забонҳои помирӣ Ҷой Эделман, адабиётшиносҳои чавон Владимир Демидчик, Лариса Демидчик ва Михаил Занд аз он ҷумла буданд. Инҳо бо Фозилов дар як вақт хатми таҳсил карда буданд, бо рафоқат ва дастгирӣ ба кори роҳбарии ӯ мадад мерасониданд.

Ман аз он ки ба Институт бозгаштам ва дар шӯъбаи таърихи адабиёт бо сарпарастии Мирзоев ба кор шурӯъ кардам, комилан қонеъ будам. Он чи ки баъзе ҷавонон аз сахтгирӣ ва сахтгӯии Мирзоев канора меҷустанд, барои ман чандон бимангез набуд. Зеро дар муддати яку ним соли таҳсили аспирантура аз ин марҳилаи "бимангезии" Мирзоев дар сиҳҳату саломат гузашта будам. Ҳоло бо вуҷуди хислатҳои шахсии на ба ҳама мақбул Мирзоев аз донишмандони беҳтарин ва пуркортарин маҳсуб мешуд.

Дар сӯҳбати аввал пешниҳод намудам, ки дар Шӯъба бо тадқиқи ҳаёт ва осори Аҳмади Дониш машғул шавам. Дар замони тадқиқоти давраи аспирантура симои ин нависанда ва донишманд маро ба худ ҷалб мекард.

Навиштаҳои устод Айнӣ дар "Ёддоштҳо" дар бораи шахс ва осори илмию адабии Дониш шавқу ҳавас ва диққати маро ба омӯхтани рӯзгор ва осори Дониш зиёдтар намуд. Азм карда будам, ки баъд аз хатми аспирантура марҳилаи дуввуми кори ман дар тадқиқи адабиёти асри 19 омӯхтани Аҳмади Дониш хоҳад шуд.

Аммо Мирзоев пешниҳоди маро қабул накард ва исрор намуд, ки бо ҳамдастии чанд корманди Шӯъба ба тавсиф ва тартиб додани феҳристи дастнависҳои адабиёти тоҷик машғул гардам. Дар аввал розӣ нашудам, аммо Мирзоев ба оромӣ ва ҳусни тафоҳум зарурат ва аҳамияти омӯхтани дастнависҳоро мефаҳмонд. Фаҳмиданам аҳамияти ин корро чандон душвор набуд, чунки ман дар Тошканд муддате дар сояи пири дастнависшиносон профессор Семёнов ба омӯхтани ганҷи бебаҳои нусхаҳои хаттӣ наздик омада будам. Ин буд, ки якравӣ накарда, ба пешниҳоди Мирзоев розӣ шудам ва ба кори омӯхтани дастнависҳо шурӯъ намудам.

Ба миён омадани зарурати омӯхтани дастнависҳо дар Институт бе сабаб набуд. Ҳамзамон бо ташкили китобхонаи давлатии Фирдавсӣ шӯъбаи дастнависҳои шарқӣ таъсис ёфта буд, ки вазифаи он ҷамъоварӣ ва нигаҳдории дастнависҳои қадими мероси мадании мо буд. Аз солҳои сивум то панҷоҳум дар ганҷинаи Шӯъбаи дастнависҳои китобхонаи Фирдавсӣ зиёда аз ду ҳазор нусхаҳои хаттӣ гирд оварда шуда буд. Феҳристи осори хаттӣ дар кортҳои махсус тартиб ва танзим ёфта, аммо таҳқиқи илмии нусхаҳои хаттӣ ҳанӯз сурат нагирифта буд. Соли 1954 бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ захираи нусхаҳои хаттии китобхонаи Фирдавсӣ ба ихтиёри Шӯъбаи дастнависҳои нав таъсис ёфтаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ гузашт. Дар аввали соли 1955 баъд аз ба ҳайати Институти забон ва адабиёт гузаштани Шӯъбаи дастнависҳо тамоми нусхаҳои хаттӣ ба Институти мазкур интиқол ёфт ва якҷоя бо захираи дастнависҳои ин муассиса ганҷинаи хеле пурбор ва гаронбаҳои мероси хаттии гузаштаро ташкил намуд ва баъд аз китобхонаҳои машҳури Тошканду Петербург саввумин дастгоҳи илмии нусхаҳои хаттӣ ба шумор меомад. Таҳқиқи илмии дастнависҳо дар китобхонаҳои Тошканду Петербург кайҳо шурӯъ шуда буд. Вале мо ба ин кор шурӯъ накарда будем. Дар сурате ки дастнависҳои ниҳоят пурарзиш дар муассисаи академӣ гирд омада буд, омӯхтан ва феҳристи маъмулии онро тартиб додан муқтазои замону муҳит буд. Ба ҳамин тариқ, дар Институти забон ва адабиёти тоҷик бо ибтикор ва роҳнамоии Абдулғанӣ Мирзоев тартиб додани феҳристи нусхаҳои хаттии забони форсӣ шурӯъ гардид. Аввалин кашшофони ганҷинаи пурқимати дастнависҳо Михаил Занд, Андрей Евлампович Маҷӣ ва ин ҷониб будем.

Баҳсу мунозираҳо дар бораи мавзӯи кор бо Мирзоев гузашта рафт ва ман ба омӯхтани дастнависҳо шурӯъ кардам. Бо дӯстам Занд мувофиқат кардем, ки вай бо осори хаттии адабиёти то қарни 16 ва ман бо нусхаҳои хаттии адабии асрҳои 16-20 машғул мешавем. Маҷӣ тавсифи дастнависҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва улуми ақливу нақлиро ба ӯҳда мегирад. Як моҳ гузашта буд, ки шавқу завқи омӯзиши дастнависҳо маро ба олами гузаштаҳои дуру пурмазмун бурд ва саҳифаҳои рангину то имрӯз пӯшидаву пурасрор пеши назар кушода мешуд. Аз ин таассуроти худ ба Маскав навишта будам: "Ҳозир болои дастнависҳо кор мекунам. Кош медонистед, ки ин кор ба чӣ андоза

шавқовар аст ва дар пеши назарам чи ганҷинаҳое кушода мешавад! Ман мисли ба сеҳру тилисмот мот гашта бо ин сарватҳои бузург мафтун мешавам ва хоҳише пайдо мешавад, ки ҳамаи онро аз худ намоям." 17.апр. с.55 (бояд тазаккур диҳам, ки мукотибаи мо бо Баширахон ба тоҷикиву русӣ сурат мегирифт ва дар иқтибоси номаҳо пораҳои русиро ба тоҷикӣ гардондаам).

Дар ин муддат бо Михаил Занд хеле дӯсту улфат шудам. Занд як сол пештар аз ман бахши шарқшиносии Донишгоҳи Маскавро тамом карда ба Душанбе омада буд. Вай ба роҳнамоии Стариков дар адабиёти форсӣ дониши хуб андӯхта, забонҳои арабӣ, инглисӣ, олмонӣ ва ивритро мукаммал фаро гирифта буд. Дар муддати иқоматаш дар Сталинобод гӯиши забони тоҷикиро омӯхта ва хуб ҳарф мезад. Берун аз институт бо бисёр шоиру нависандагони ҳамсолу калонсол ва доираи адабии тоҷик ошной дошт. Ману вай дар андак вақт бо ҳам дӯсти қарин шудем ва ин дӯстӣ солҳо давом кард, то вақте ки вай ба Исроил ҳиҷрат намуд.

Дар охири солҳои панҷоҳум дар Институти шарқшиносии Маскав ҷои кор пайдо шуду Занд ба Маскав рафт. Дар маҷаллаи "Народы Азии и Африки" мудири шӯъба буд. Аз ҳаёти илмии ҷумҳуриҳои миллӣ, хосса Тоҷикистон мақолаҳои донишмандонро ба чоп мерасонид. Занд муҳаққиқи пухтаву доно буд, вале афсӯс ки барои таъмини зиндагӣ ба тарҷумаву тартиб додани китобу маҷмӯаҳо машғул шуда, коре ки сазовори донишу мартабаи вай буд, ба сомон нарасонид. Пеш аз ҳиҷрат аз хоки шӯравӣ китобе ба табъ расонид дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои 10-15 бо номи "Шесть веков славы" ("Шаш асри шӯҳрат"). Ин китоб дар асоси аснод ва заминаҳои илмӣ бо услуби ниҳоят ҷолиб таълиф ёфта ва аз тарафи аҳли илму адаб хуб пазируфта шуд. Бо вуҷуди донишу таҷрибаи калони илмӣ Занд барои гирифтани унвони илмӣ саъй накард ва дар аввали солҳои 70-уми асри гузашта бо оилааш ба Исроил рафт. Баъд аз ин аз Занд хабаре надоштам. Онҳое ки ӯро гоҳо дар хориҷа мединданд, мегуфтанд, ки солҳои охир дар Донишгоҳи Байтулмуқаддас дарс мегӯяд ва дар соҳаи илм бо таҳқиқи адабиёти якудиёни бухорӣ машғул аст. Инро шунида ҳайфам меомад, ки шахси донишманд заҳамоти худро ба омӯзиши адабиёти на чандон машҳуру ҷолиб сарф кардааст.

Баробари омӯзиши дастнависҳо рисолаи номзадиамро бо машварат ва кӯмаки Занд (дар тасҳеҳи сабку забони русӣ) барои нашр таҳийя мекардам. Ба замми ин корҳо аз нашриёт таҳрири романи Шолохов "Дони ором"-ро дар тарҷумаи Эмануэл Муллоқандов ба ман вогузор карданд. Гуфтанд, ки "Муллоқандов ба эроду тасҳеҳоти ҳар муҳаррир розӣ намешавад, шумо ки дар таҳрири асарҳои Ленин бо вай сару кор доштед, ҳар ду бо ҳам забон ёфта метавонед."

Кор бисёр, душвор ва пурбор буд. Танҳо шавқу иштиёқ ва риоя ба танзиму тартиби муайян ичрои чанд корро бо мувофиқат ва муваффақият таъмин менамуд. Дар ҳолати хастагиву мондагӣ худро ба кор маҷбур намекардам. Соатҳои фароғат низ даст медод. Дар соатҳои танҳой дурӣ аз ёри маҳбуб бештар ва талхтар маҳсус мегардид. Пиразани меҳрубону таомпазу озодаву хушсӯҳбат аз мардуми украин дар ин лаҳзаҳои дилтангӣ фараҳу кушодагӣ ба рӯҳ мебахшид. Дере нагузашта ҳамшираи хурдиам Маҳвашхон, ки баъд аз зиндагии кӯтоҳ аз шавҳари бадаҳдаш ҷудо шуда буд, ба ҳамроҳии ман ва

нияти таҳсили аспирантура бо майли худ ва ризояти падару модар дар аввали баҳори соли 1955 ба Сталинобод омад. Ҳар ду зиндагии аҳлона ва хушҳолона ташкил намудем.

Дар институт низ вазъияти дӯстиву рафоқати кормандони пируҷавон ба пешрафти машғулиятҳои илмӣ мусоидат менамуд. Баъд аз муноқиша ва носозиҳои андак, ки дар аввали кор миёни мову Мирзоев рух дода буд, ба гузашти рӯзҳо муносибатҳо мӯътадил гардид. Аз ин хусус дар номаам ба Маскав навишта будам:

"Рӯзҳои нахусти омаданам ба Сталинобод рӯҳияи ман хеле бад буд. Иштибоҳоти байни ману Мирзоев ба корам халал ворид мекард. Аммо инак чанд рӯз гузашту ман боз ба кор ғӯта хӯрдаам. Иштиёқи пурзӯри бе ист кор кардан маро фаро гирифтааст. Мирзоев низ ба тадриҷ маро фаҳмида истодааст. Ман ҳам каме оромиш ёфта, ба фикре омадам, ки хомӯшу ором машғули кор бошаму исбот кунам, ки қодирам барои илм хидмате ба сомон расонам."

Инак аз ҳамин сол сар карда то соли 1972 – қариб бист сол бо Мирзоев ҳамроҳ кор кардем. Дигар байни мо низоъу ихтилоф рух надодааст. Бо вуҷуди он ки Мирзоев дар воқеъ ҳам каси тундмизоҷ ва бо зердастонаш сахтгиру сахтгап буд, ба ин ҷониб қаҳру итоб накардааст, хоҳиш ва пешниҳодҳои маро сарфи назар намекард, ҳатто гоҳо ба оташинӣ ва ошкоро рад карданам суханҳои номақбули ӯро хашм намегирифт ва кина намеварзид. Чунин муносибатҳои мусолиматомез чанд сабаб дошт марбут ба ман. Аввал ин ки Мирзоев медид, ки барои ман пеш аз ҳама ва беш аз ҳама машғулияти асосӣ кори илмӣ аст. Ман ба хислатҳои шахсии Мирзоев камтар аҳамият медодам. Аз вай ба касе шикоят ва ғайбат намекардам. Дертар вақте ки бо Мирзоев наздиктар мешудам, ҳар чи дар кор ба назар нодуруст ояд, нахуст ба рӯи ишон мегуфтам, агар нашуд дар Шӯрои илмӣ ба мулоимат ва нармӣ изҳори ақида менамудам. Мирзоев дар аксари маврид розӣ мешуд ва агар розӣ набошад ҳам, чунон ки ба дигарон мекард, ҳеч гоҳ ба дуруштиву хушунат ба ман ҷавоб намегуфт. Дар мавридҳое ки дар ақидаи худ устувор ҳастам ва бо талқини ӯ аз мавқеъи худ ақиб намегардам, намеранҷид ва дар ғайбати ман бадгӯӣ намекард. Чунон ки дар боло гуфтам, ақидаи ӯ дар бораи Садри Зиё тамоман манфӣ буд ва ин шахсро чун душмани халқ ба ман тасвир мекард. Вале ман дар нашри рисолаи номзадиам дар ҳамон мавқеъи худ нисбат ба Садри Зиё устувор будам. Мирзоев баъд аз чопи китоб дар ин хусус дигар ҳарфе нагуфт.

Соли 1958 дар назди Президиуми АИ Шӯъбаи шарқшиносӣ кушода шуд ва Мирзоев ба роҳбарии ин муассиса маъмур гардид. Дар шӯъба чанд бахшҳои пажӯҳишӣ ташкил ва чанд нафар ба роҳбарии бахшҳо таъйин гардиданд. Мирзоев маро барои машварат ё таъин намудан ба роҳбарии бахшҳо даъват намекард. Баъзеҳо маро тез мекарданд, ки чаро Мирзоев туро ба ягон бахши Шӯъба ба роҳбарӣ маъмур намекунад. Ҷавоби иҷроро ба хомӯшӣ адо мекардам ва ба тамаъи мансаб назди Мирзоев нарафтам. Баъд аз муддате Мирзоев маро даъват намуду хоҳиш намуд, ки ҳарчанд аз тахассусам дур аст, роҳбарии Шӯъбаи Шарқи муосирро ба ӯҳда гирам. Розӣ шудам. Як сол нагузашта буд, ки Мирзоев бахши таърихи адабиёти форсу

тоҷикро ташкил намуда, роҳбарии онро ба ӯҳдаи ман гузошт ва аз ин баъд сарпарастии проблемаи омӯзиши адабиёти классикии тоҷик аз асри 10 то инқилоби октябр дар ихтиёри ман буд.

Ба маврид аст, ки дар бораи муносибатҳои байни Мирзоеву ин ҷониб баъзе тафсилотро нақл кунам. Чунки ин муносибатҳо ба ҳалли проблемаҳои илмии дохили Шӯъбаи шарқшиносӣ ва умуман омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик нақш гузоштааст. Мирзоев пеш аз ҳама тадқиқи адабиёти асрҳои 16-20-ро, ки аз проблемаҳои асосии Шӯъбаи таърихи адабиёти тоҷику форс буд, ҳам аз ҷиҳати методи омӯзиш ва ҳам аз ҷиҳати доираи ҷуғрофию минтақавӣ комилан ба принсипҳои илмии ман вогузор намуд. Ин "озодӣ" имкон дод, ки усулҳои нави илмии методи адабиётшиносии муқоисавиро дар доираи дониши худ ва имконоти муҳити илмии миллиамон дар корҳои тадқиқотии шӯъба ворид намоям. Ин имконот баъд аз ташкили Институти шарқшиносӣ (ба ҷои Шӯъба) барои мо боз ҳам васеътар ва самаровартар гардид.

Ба гузашти айём ва мустаҳкамтар шудани мавқеи илмиам ҳатто мавридҳое мешуд, ки дар Шӯрои илмӣ ё дар сӯҳбатҳои шахсӣ баъзе нодурустӣ ва хатои проблемаҳои ба миён гузоштаи Мирзоевро ошкор мегуфтам. Мирзоев зуд розӣ намешуд, гоҳо ғазаб ҳам мекард, лекин охир пешниҳод ё ислоҳи ин ҷониб қабул мешуд.

Мирзоев сардори хеле сахтгире буд, ки ҳукми вай дар Институт барои ҳама раво буд. Дар Институт роҳбарони бахшҳо ва олимони қаторӣ ё аз тарс ё аз эҳтироми том ё ба тамаллуқу хушомад фармонбардори ӯ буданд. Ман Мирзоевро ба сифати донишманди тавоно ва дар байни ҳамсолонаш олими пешсаф эҳтиром мекардам. Вале дар масъалаҳои умда ва усули омӯзиши адабиёт мустақил будам ва принсипҳои худро доштам. Мирзоев чунин эҳтироми холисона ва бағаразонаи маро эҳсос мекард ва онро қадршиносӣ менамуд. Дар хотир дорам, мо бо ҳам тирамоҳи соли 1970 баъд аз ҷашни бошукӯҳи 1100-солагии Рӯдакӣ Конференсияи аввалини Рӯдакиро ташкил намудем ва ният буд, ки конференсияҳои Рӯдакишиносӣ ҳарсола барпо гардад. Дар конференсия аз Ленинград профессор Болдирев низ ширкат дошт. Суханронии нахустини Мирзоев бо мазмун ва оҳанги худ маро дар ҳайрат ва таҳлука гузошт. Шодравон ба ҷои он ки проблемаҳои муҳимтарини омӯхтани Рӯдакиро ба миён гузорад, тамоми гузориши худро ба интиқоди монографияи профессори шарқшиноси Ленинград Тоҳирҷонов равона кард. Сабаб ин буд, ки Тоҳирҷонов дар бораи Рӯдакӣ дертар китоби муфассал таълиф намуда, дар он ба чанде фикрҳои Мирзоев муқобил баромада буд. Имрӯз Мирзоев майдонро холӣ дида, Тоҳирҷоновро сахт ва дар мавридҳое чанд муғризона танқид намуд. Фикрҳои нобаҳангоми Мирзоевро аҳли маҷлис ҳис намуданд, лекин касе ҷуръат намекард, ки эрод гирад. Рӯзи дуввум баъд аз чанд нотиқ сухан гирифта, дар бораи баъзе масъалаҳои Рӯдакишиносӣ таваққуф намудам ва дар охир ба суханронии дирӯзаи Мирзоев сахт эрод гирифтам. Дар вақти танаффус баъзе донишмандон наздам омаданд, гуфтанд ҳарчанд фикрҳои ман дуруст аст, вале акнун Мирзоев боз ба сухан баромада гуфтаҳои шуморо сахт рад хоҳад кард.

Аҷаб ин буд, ки Мирзоев дигар сухан нагирифт. Конференсия қарори сулҳҷӯёна қабул намуда, тавсия кард, ки маҷлисҳои илмии Рӯдакишиносӣ ҳарсола доир гардад.

Конференсия тамом шуд. Ҳама хона ба хонаи худ рафтанд. Ман пас аз истироҳат ба меҳмонхона назди Болдирев омадам. Гуфт, ки Мирзоев телефон карда ӯро ба палав даъват кардааст.

— Ҳамроҳ меравем,– гуфт Болдирев.

— Аввал ин ки ман даъват нашудаам, дигар ин ки баъд аз баромади имрӯзаам Мирзоев ҳамоно ранҷида аст, – ҷавоб додам ман.

— Баромади шумо хуб буд, Расул. Ба роҳбари идора ва хусусан ба Мирзоев ҳар кас ҷуръати эрод гирифтан намекунад. Лекин ҳамроҳ равем хуб мешавад. Агар домулло ранҷида бошад, мо аз дилаш мебарорем. Агар наранҷида бошад, аз омадани мо хурсанд хоҳад шуд.

Рафтем. Мирзоев гӯё ҳеч воқеа рӯй надода бошад, аз мо хуб пазирой кард. Мизро оростанд. Хӯришҳоро омода карданд. Мирзоев хам шуда сарпӯши сандуқи худро кушод. Шишаи май ва бутили конякро оварда рӯи миз гузошт.

— Ин коняки Нефертии мисриёнро кайҳо гирифта будам. Имрӯз барои шумо яла мекунам. Медонам, ки Ҳодизода ин конякро дӯст медоранд,– гуфт Мирзоев ва даҳани шишаро яла кард.

Дидам, ки Мирзоев аз омаданам шод аст. Ман ҳам бе ҳеч кинаву буғз ба сӯҳбати гарм улфат шудам. Нишасти шодмонаву фараҳангез барпо гардид.

Каме дертар Болдирев номае навишта, андешаҳои худро ба ин тарз баён карда буд: "Пеш аз ҳама мехоҳам барои илтифоту таваҷҷӯҳатон, барои меҳмоннавозии хушнудонаатон ташаккур мегӯям. Қатъият ва ҷасорате, ки шумо дар вазъияти мураккабу пуршиддати мубоҳиса зоҳир намудед, сазовори миннатпазирӣ ва таҳсини гарму ҷӯшон аст. Шумо ҳамоно шахси ягонаед, ки бе тарсу бим фикру мулоҳизаи худро иброз медоред, ҳар чанд он хилофи ақидаи сардор аст".(3 октябри 1970).

Соли 1964 ба нақшаи илмии панҷсолаам мавзӯи омӯзиши асосҳои назария ва илми бадеъи адабиёти форсу тоҷикро дохил намудам. Мақсуд он буд, ки баъд аз чор- панҷ сол натиҷаи тадқиқотро ҳамчун рисолаи докторӣ пешниҳод кунам. Дар ин хусус ба Мирзоев низ иттилоъ дода будам. Пас аз муддате ӯ маро ба кабинеташ даъват намуда гуфт:

— Ман дар мавзӯъи кори ояндаи докториатон фикр кардам ва ба ҳамин натиҷа расидам, ки шумо бояд унвони докториро аз муддати пешбининамудаатон зудтар гиред. Барои ин мавзӯъро бояд тағйир дод. Шумо баъд аз дифоъи рисолаи номзадӣ дар тадқиқи адабиёти асри 19 корҳои муҳимро анҷом додед. Ин тадқиқотро зудтар дар шакли рисолаи докторӣ гирд оварда бояд дифоъ намоед.

Дар воқеъ пешниҳоди Мирзоев мантиқ ва асоси илмӣ дошт ва дар айни замон барои ман ғайри чашмдошт буд. Ман то имрӯз надида ва нашунида будам, ки Мирзоев барои касе бо ташаббуси худ роҳи дифоъро бе озор кушода бошад. Мирзоев на танҳо машварати хуб дод, балки то охир дар ин роҳ ҳар чи мехостаму мегуфтам, монеае намегузошт.

Мирзоев донишманди барҷастаи замони худ буд. Вай дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Ленинград таҳсили улум карда ва аз мактаби мусташриқини рус баҳра бардоштааст. Вай дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ва хусусан дар шинохти маъхазҳои таърихиву адабии форсӣ дониши

хуб дошт. Ин сифатҳои илмӣ ӯро дар солҳои панҷоҳуму шастум аз ҳамкасбону ҳамсолонаш муқаддамтар мегузошт. Китобу рисолаҳои ӯ дар таърихи адабиёти тоҷики қарнҳои 16 – 19 пухтаву мустанад буда, бисёр саҳифаҳои торики шеъру адаби тоҷикро равшан намуд. Аммо дар он солҳо ба дараҷаи татбиқ ва таққиқи муқоясавии таърихи адабиёти форсу тоҷик бо қонуниятҳои умумии адабиёти ҷаҳон нарасида буд. Дар осори ӯ масъалаҳои таърихи адабиёт маҳдуд дар ҳудуди ҷуғрофии миллӣ омӯхта шудааст. Ин камбуди адабиётшиносии он давр дертар дар таҳқиқоти олимони ҷавони тоҷик такмил ёфт.

Мирзоев олими заҳматкаш ва пуркор буд. Мақола ва асарҳои калонашро ба хати зебои арабӣ меназишт ва баъд шогирдонаш ба хати имрӯза мегардонданд. Дар хотир дорам, ки ба муносибати ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ монография, рисола ва чандин мақолаҳои пурмазмунро дар муддати як сол ё яку ним сол навишта ба чоп расонид. Аз шиддати кор хаста шуду ба ман арзи ҳол мекард. Дар дил мегуфтам, ки метавонист ба ин кор чанде олимони ҷавонро ҷалб кунад. Ҳамоно намехост ба ин кори бошараф шарик ва рақиб дошта бошад.

Мирзоев дар кори таҳқиқ ниҳоят ҷиддӣ ва покизакор буд. Аз дигарон низ чунин ҷиддият ва умқи омӯзишро талаб мекард. Бо вуҷуди ҳамин дар баъзе маврид саҳлангорӣ ё шитобзадагӣ менамуд. Чунончи таҳияи рисолаи таърихии Аҳмади Донишро ба Тарбият ном корманди илмӣ супорид. Тарбият дар фаҳм ва шарҳи матни форсӣ хуб ворид буд, аммо рӯҳи тоҷикии забони Дониш ва принсипҳои таҳия намудани матни илмию интиқодӣ барои ӯ душворӣ мекард. Аз ин сабаб матни ин китоб бо хатоҳои матншиносӣ омода шуд ва Мирзоев матнро бо ҳамин саҳву хато дуруст тасҳеҳ накарда, ба табъ расонид. Дар ҳеч ҷо аз заҳмати Тарбият ёдовар ҳам нашуд.

Мирзоев дар баъзе мавридҳо одами тунд буд. Илова бар ин пайрави иззати нафси худ буд. Ин хислати шодравон гоҳо ба манфиати кор таъсири манфӣ меовард. Дар аввали солҳои шастум мо таълифи "Таърихи адабиёти форсу тоҷик"-ро пас аз асри 11 то ибтидои асри 20 ба нақшаи илмӣ гирифтем. Ин асар бояд давоми китоби нотамоми шодравон Е.Э.Бертелс "История таджикско-персидской литературы" мешуд. Корҳои омодагӣ — таҳия намудани нақшаи китоб дар се ҷилд, мукотиба бо муаллифон аз Маскаву Ленинград ва ниҳоят ташкили маҷлиси аввалини ҳайъати муаллифон ба зиммаи ин ҷониб гузошта шуда буд. Ду сол гузашту як ҷилди китоб омода шуд. Дар маҷлиси муаллифон китоб ба чоп тавсия шуд. Ҳайати таҳририя тасдиқ шуд. Дар маҷлис шахсе буд, ки дар ҳайати таҳририя дохил шудани номашро дар ҳар китоб исрор мекард. Мирзоев ин шахсро тавсия накард. Баъд аз маҷлис он шахс назди академик-котиби фанҳои ҷамъиятӣ Зариф Раҷабов рафта, иттилооти нодурусте ба вай медиҳад. Раҷабов рӯзи дигар Мирзоевро даъват намуда ҳукм мекунад, ки ҳамон шахс ба ҳайати таҳририя дохил гардад. Дар натиҷа миёни Мирзоеву Раҷабов ҷанҷоли сахт бармехезад. Мирзоев дар охир эълон мекунад, ки вай дигар аз роҳбарӣ ва муаллифии китоби таърихи адабиёт даст мекашад.

Рӯзи дигар субҳ бо ранги парида ва лабҳои ларзон ба ман аз ҷанҷолаш бо Раҷабов нақл намуда гуфт, ки вай дигар на дар таҳрир ва на дар таълифи ин китоб ширкат нахоҳад кард ва қарори ӯ қатъист. Ба ҳамин тариқ, як кори

бузурге, ки барои муҳити маънавии ҷомеаи мо хеле зарур буд, ба қаҳру итоби Мирзоев барбод рафт. Танҳо як ҷилди ин китоб баъд аз чанд сол бо таҳрир ва ҷаҳду саъи ин ҷониб ба табъ расиду бас.

Бисёриҳо дуруст мегуфтанд, ки бо Мирзоев кор кардан мушкил аст. Аз як ҷиҳат гапи онҳо "ҷон дошт." Аммо бо ҳама камбуду ноҳамвории хислату мизоҷаш аз як ҷиҳат бо вай кор кардан осон буд (дар ҳар сурат, барои ман). Аввал ин ки шумо ҳамеша ҳис мекардед, ки бо як нафар донишманди ҳақиқӣ пақлӯ ба паҳдӯ кор мекунед. Аз тарафи дигар, шодравон ростгӯй ва ҳақгӯй буд. Агар аз шумо ранҷиш ё ғазаб дошта бошад, ба рӯятон мегуфт. Агар аз шумо хурсанду қонеъ бошад, бо ҷеҳраи кушод он чи дар дил дорад, изҳор менамуд. Бо чунин роҳбар ва сардори муассиса кор кардан осон аст. Худо аз шарри он роҳбар амон диҳад, ки ба рӯятон таърифу тавсиф ва тамаллуқ мекунаду нохост мефаҳмед, ки дар ҳаққи шумо ва ба ин восита дар ҳаққи илм хиёнати сахт кардааст Дар чунин мавридҳо Мирзоев ба хотирам меояду мегӯям: "Рӯҳаш шоду маъвояш ҷаннат бод!"

ҲОСИЛИ ОМӮЗИШИ ДАСТНАВИСҲО

Омӯзиши дастнависҳо торафт шавқу ҳавасамро зиёдтар мекард. Пеши назар ҷаҳони асрорангези адабиётамон кушода мешуд. Огаҳию иттилооти бештар пайдо мекардам, ки дар тӯли солҳои дароз кормандони китобхонаҳо ба чи заҳмату заррачинӣ ганҷинаи фаровони маданияти моро ҷамъ намудаанд. Дар Самарқанду Бухорову Тошканд гирд овардани нусхаҳои хаттии гузаштагонамон кори фавқулода набуд. Зеро он шаҳрҳо худ марказу кони маъдани мероси хаттии мо буданд. Лекин дар Сталинобод, ки шаҳри наву орӣ аз китобхонаҳои қадимӣ буд, ҷамъ овардани дастнависҳои кӯҳан кори саҳл набуд. Шахсоне лозим буданд, ки бо муҳаббату ишқ ба ҷумҳурии нав аз Самарқанду Бухоро ва марказҳои мадании кӯҳистон зарра-зарра нусхаҳои қаламиро пайдо карда, дар шаҳраки нави номашҳур ганҷинаи бои мероси хаттии моро бунёд ниҳанд. Дар натиҷаи ковишҳо номи чанд нафарро пайдо кардам, ки дар бунёнгузории ганҷинаи дастхатҳо ранҷҳо бурдаанд ва мо имрӯз онҳоро бо арзи сипосу шукрона бояд ёдоварӣ кунем.

Яке аз онҳо Абдулло Абдухолиқзода зодаи Самарқанд аст,дар боло зикри вай бо поёни фаҷеъи зиндагиаш омада буд. Ин шахс дар замони худ байни зиёёни шаҳр ба номи "Абдуллоҷон-ака" машҳур буд. Вай бо Айниву Аҷзӣ, Вадуд Маҳмудиву Қорӣ Масеҳои мутахаллис ба Тамҳид ва дигар равшанфикрони Самарқанд дӯст ва ошно буд. Бо амубузурги ман Ризохон "ҷӯраи қарин" будааст. Хислатҳои ҳамидаи ишонро аз амуяму падарам бисёрҳо шунидаам ва тасаввури хуб дар бораи ишон дар зеҳнам боқӣ мондааст. Ду писари Абдуллоҷон-ака Ғанӣ ва Рашид дар аввали солҳои сӣ ба Душанбе омада, ба сони шоиру драматурги ҷавон дар ин ҷо хидмат мекарданд. Духтари ишон Музаффарахон бо ҳамсараш Қосимов низ дар Душанбе буданд. Қосимов дар соҳаи маориф ва Музаффарахон дар китобхонаи давлатӣ кор мекарданд. Домоди дигари Абдуллоҷон-ака Маъруф Расулӣ дар нашриёти давлатии тоҷикии Самарқанд муҳаррир ва тарҷумони адабиёти сиёсӣ буд. Чанд муддат дар Душанбе ҳам кор ва иқомат кардааст.

Абдуллоҷон-ака шахси китобдӯст ва китобшинос буд. Вай бо китобхонаи нави давлатии ба номи Фирдавсӣ ҳамкорӣ дошт. Дар гирд омадани дастнависҳои нодири ганҷинаи китобҳои қаламии китобхона Абдуллоҷон-ака саҳми бориз дошт.

Дар ҷамъоварӣ ва омӯзишҳои нахусти дастнависҳо хидмати Шоҳаншоев ном шахсе, ки аз зиндагӣ ва фаолияти вай иттилооте дар даст надорам, хеле муҳим будааст. Профессор Болдирев, ки дар аввали солҳои сивум барои таҷрибаомӯзӣ ба Сталинобод чанд бор омада буд, аз ин шахс борҳо ба некӣ ёдовар мешуд. Мегуфт, ки Шоҳаншоев на танҳо дастнависшинос буд, балки дар таърихи адабиёти тоҷик ва таҳқиқи баъзе масъалаҳои он донишу малакаи хуб дошт.

Шахси саввуме, ки китобхонаи Фирдавсиро бо дастнависҳои қадим таъмин менамуд, аз Ғиҷдувони Бухоро ва номаш Мирзо Муҳаммад Қобили мутахаллис ба Савдоӣ буд. Ин шахс ҳамоно чанд муддат дар китобхонаи Фирдавсӣ кор ҳам мекардааст. Ба ҷуз он ки аз Бухоро китоб меовард, осори баъзе шоирони охири асри 19 ва аввали асри 20-ро махсус барои китобхона китобат мекардааст. Аз ҷумла маҷмӯаи осори Шоҳинро дар солҳои 1936-37 тадвин ва китобат намудааст. Мирзо Қобил хаттоти касбӣ буда, маҷмӯаи мазкури Шоҳинро ба хати ҷалии настаълиқ истинсох намудааст, ки алҳол зери рақами 785 маҳфуз аст.

Аз Тошканд ходими илмии ганҷинаи дастнависҳо (ки ҳоло дар Институти шарқшиносии Академияи улуми Ӯзбекистон нигаҳдорӣ мешавад) Ибодулло Одилови бухорӣ чанд дастнависи нодири ганҷинаи мазкурро китобат намуда, ба Сталинобод фиристодааст. Ин аст чанде аз китобдӯстоне, ки ганҷинаи дастнависҳои моро такмил додаанд ва ба ман муяссар шуд, ки номи онҳоро муайян кунам. Шубҳае нест, ки дар гирдоварии ганҷинаи бой бисёр одамон ширкат намудаанд ва шояд зикре аз онҳо дар архивҳои китобхонаҳо сабт шудааст.

Дар ҳифозат ва танзими нигаҳдории дастнависҳо хидмати ходими илмии Институти забону адабиёт Саъдулло Тоҷиддинов (1895 – 1957) низ калон аст. Тоҷиддинов аз муаллимони аваллини мактабҳои тоҷикии Бухоро буд. Дар оғози солҳои сивум ба Сталинобод ҳиҷрат намуда, бо муаллимӣ машғул будааст. Мисли ҳар зиёии он давр Тоҷиддинов ба хатти арабии форсӣ балад ва аз меросии адабии мо хабардор буд. Вай соли 1945 ба Институти забон ва адабиёт омада то охири умр китобдори ганҷинаи мо буд.

Феҳристи дастнависҳои забони форсӣ, ки мо чанд нафар дар тӯли солиёни дароз ба забони русӣ тадвин намудем, дертар ба саъй ва кӯшиши Мирзоев бо ҳамкории профессор А.Болдирев ва баъдтар Михаил Занд дар панҷ ҷилд ба чоп расид. Натиҷаи муҳимтарине ки банда аз таҳқиқи дастнависҳо ба даст овардам, ба шарҳи зерин аст.

Солҳои дароз миёни муҳаққиқони адабиёти тоҷики сарзамини Мовароуннаҳри асрҳои 16-19 ақидае роиҷ буд, ки қарнҳои 18 ва авоили 19 дар адабиёти тоҷик давраи рукуд аст ва бад-ин иллат осори адабии ба назар намоён ба майдон наомадааст. Дар тӯли се сол аз захираи дастнависҳо зиёда аз 25 нусхаи қаламӣ пайдо кардам, ки иборат аз девон, баёз ва маҷмӯаҳои шуарои ду қарни ахир буд, ки аксари онҳо дар қаламрави кӯҳистони

аморати Бухоро умр ба сар бурдаанд. Дар он солҳо ба омӯзиши амиқи ин дастнависҳо фурсат надоштам ва дертар таҳқиқи онро ба шогирдон ва ходимони шӯъбаи таърихи адабиёти форсу тоҷик вогузор намудам. Тадқиқоти доманадори донишмандони ҷавон нишон дод, ки дар қарни 18 ва аввали асри 19 дар минтақаҳои кӯҳистони аморати Бухоро доираҳои адабии Хатлон, Ҳисор ва Бадахшон вуҷуд доштааст. Дар ин кор хосса хидматҳои ду нафар аз шогирдони банда пурбор ва пураразиш буд. Яке Усмон Каримов, ки дар таҳқиқи аҳвол ва осори Мирзо Содиқ Мунши ва таърихи адабиёти қарни 18 ва аввали асри 19 ду китоби хуб ва судманд таълиф намуд. Дигаре Амирбек Абибов (Ҳабибов) ном марди помирӣ буд, ки ба омӯзиши адабиёт дар синни наздик ба панҷоҳ шурӯъ карда буд. Амирбек Абибов дар бораи доираҳои адабии кӯҳистони тоҷик, аз ҷумла шоирони Ҳисору Бадахшон чанд рисолаи илмӣ ва маҷмӯаи матнҳоро ба чоп расонд. Ҳамаи ин тадқиқот дар адабиётшиносии тоҷик иқдоми тозаву муҳимме буд, ки давраи омӯхтанашудаи таърихи адабии моро барои илм кашф намуд. Аз ин ҷиҳат аз он ки чанд соли умри худро ба омӯзиши дастнависҳо сарф кардам, дар ниҳояти қаноатмандӣ будам.

Зиндагӣ ба мароми худ мерафт. Дар Институт муҳити илмию дӯстона мустақир буд. Чанд гоҳе оромӣ ва якнаввохтии набзи ҳаёти Институт дар асари нохозие, ки байни Мирзоеву Камол Айнӣ рух дод, иштибоҳоту норомӣ миёни аҳли муассисаи мо ворид кард. Аммо ин зуд гузашт ва мо тавонистем боз ба роҳи осоишу ҳамдастӣ бозгардем. Ҷавононе ки ҷамъ шуда буданд, мисли Муҳаммадвафо Бақоев, Зоҳир Аҳрорӣ, Аълохон Афсаҳзод, Наҷмиддини Сайфӣ, Абӯбакри Зуҳуруддин, Садрӣ Саъдӣ, Зулфия Ҳасанова, Саҳобиддини Сиддиқӣ, Лолаи Сулаймонӣ, Усмон Каримов ва дигарон ҳам дар илму ҳам дар ҳилм ҳусни пажӯҳишгоҳи мо буданд. Роҳбарии аксари онҳо ба ӯҳдаи Мирзоев ва ин ҷониб вогузор буд. Дар роҳбарии худ мо хато накардем – ҳар яки онҳо баъд аз чанд сол ангуштнамоёни адабиётшиносии мо шуданд.

Дар Институт се тан аз пирони хирад кор мекарданд, ки онҳо мавриди муҳаббат ва эҳтироми ҳамаи мо буданд. Саъдулло Тоҷиддинов, ки зикри ӯ дар боло омада буд. Пирамарди дигар ҳамон Алексей Павлович Колпаков буд, ки васфи ӯ низ дар саҳифаҳои ин китоб сабт гардидааст.

Пири бихради дигари мо Баҳром Сирус барои мо, ҷавонон, ба мақоми шайхурраисӣ маҳсуб мешуд. Вай аслан аз туркҳои озарбойҷонии шимоли Эрон буд. Аз ҷавонӣ ба ҳаракати инқилобии Эрон фаолона иштирок намуда, дар солҳои бистум аз сарварони коммунистони ин сарзамин будааст. Соли 1920 дар радифи коммунистони ҷаҳон дар кунграи Интернатсионали саввум ширкат дошт ва ба шунидани нутқи Ленин мушарраф шуда буд, ки аз ин воқеа ҳамеша бо ифтихору ҳассосият нақл менамуд. Пас аз мағлубияти коммунистон дар Эрон бо гурӯҳи калони инқилобиюн ба хоки шӯравӣ ҳиҷрат намуд. Сирус бо чанд нафар муҳоҷирини Эронӣ, мисли Лоҳутиву Дайламӣ ба Тоҷикистон омада, то охири умр дар ҳаёти маданиву иҷтимоии ин ҷумҳурии ҳамзабонаш фаолона иштирок намуд. Сирус коммунисти содиқу собитқадам буд, ба идеал ва идеологияи коммунистӣ эътиқоди қавӣ ва садоқати самимӣ дошт. Дар солҳои бистуму сивуми қарни бистум дар хидмати маориф ва матбуоти тоҷик буд. Дар ситоиши ҳизб ва васфи сохти сотсиалистии

Тоҷикистон шеърҳои оташин менавишт. Шахси пурэҳсос, нотиқ, дар сӯҳбат улфати хуб ва дар корҳои худ ва ҷомеа имони мустаҳкам, азми қавӣ ва иродати муборизона дошт. Аз соли 1948 ба муассисаҳои илмии академӣ гузашт ва то охири умр барои илми адабиётшиносии тоҷик хадамоти холисона ва ҷонсупорона кард. Соли 1955 дар назарияи қофияи шеъри форсию тоҷикӣ рисола навишта, ба унвони номзади илм сазовор гашт. Чандин солҳо дар таърих ва назарияи арӯзи шеъри форсӣ таҳқиқу ковишҳои пурдоманае анҷом дода, китоби хубе тадвин намуд ва дар Шӯрои илмии Институти шарқшиносии Маскав унвони доктори илми филологияро дарёфт. Дар ин вақт ӯ 85 сол дошт. Дар Институт ҳамеша аз соати 9 дар сари кор ҳозир буд. Бо Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ ба заҳамоти зиёд матни саҳеҳу илмии "Шоҳнома"-и Фирдавсиро ба ҳуруфоти кириллӣ ба чоп таҳийя намуд.

Сирус субҳ дар халтае термоси чой ва каме ғизои лазизи ҳамсараш додаро андохта, сурудеро зери лаб замзама карда ба Институт дохил мешуд. Сари кор менишаст то соати 12.30 дақиқа. Баъд каме ғизо масриф намуда, чои муаттари сиёҳро менӯшиду сари тахтаи шатранҷ менишаст. Ҳарифи ҳамешагии вай Колпаков меомад. Бозии шатранҷ оғоз меёфт. Мо ҳама гирди ду шатранҷбоз ҷамъ мешудем. Мутоибаву зарофат ва шӯхиву ҳазлҳои онҳо, гоҳо дар болои як пиёда ҷиддан ба ҳам дарафтодани ду пирамарди барнодил аҷаб тамошои завқовар ва лаззати пуршавқ ба мо мебахшид.

Баҳром Сирус то охири дам бардаму солим буд. Марги ногаҳонии ҳамсараш, ки аз вай даҳ-понздаҳ сол хурдтар буд, ба рӯҳия ва саломати мӯйсафед сахт таъсир кард. Онҳо ниҳоят заношӯи меҳрубон буданд. Сирус ҳарчанд намоён намекард, аммо асари танҳоӣ ва ҷудоӣ аз ёр дар чашмонаш ҳувайдо буд. Ба вай писарашу келинаш парастории мекарданд, аммо ҷои ҳамсараш дар паҳлӯяш холӣ буд.

Сирус коммунисти содиқ ва дар эътиқодаш сахт собиту росих буд. Вай ба "ояндаи дурахшони коммунизм" бовар дошт. Мӯътақид буд, ки солҳо мегузаранду дар Эрон сохтори сотсиалистӣ пойдор мешавад. Хуб аст, ки вай бо ҳамин эътиқод аз ҷаҳон чашм пӯшиду тағйиротҳои куллии ҷомеаи имрӯзаро надида рафт. Вагарна намедонам ҳоли вай чӣ мешуд! Баҳром Сирус соли 1981 дар синни 96 сол ҷаҳонро падруд гуфт. Ёдаш ба хайру ғариқи раҳмати илоҳӣ бод!

ХОТИМАИ ФАСЛ

Дар поёни фасл зарур аст, ки аз як масъалаи муҳимми ҳаёти илмии академия ёдовар шавам. Чунон ки дар боло гуфтам, кори илмӣ дар Институти шарқшиносӣ ҷараёни мӯътадил дошт. Вазъу мақоми ман ҳам ин ҷо хуб буд ва ба назар чунин мерасид, ки ҷои шикояту ноҷаноатмандӣ надоштам. Аммо як масъалае, ки аз назари умум афтода буд, маро ором намегузошт ва водор мекард, ки онро ошкоро гӯям, то ба манфиати кор ҳаллу фасл ёбад.

Пас аз ташкили Шӯъбаи шарқшиносӣ мутахассисони адабиёти классикии тоҷик бо сардории Абдулғанӣ Мирзоев аз Институти забон ва адабиёт ба муассисаи нав гузаштанд. Проблемаи омӯхтани адабиёти гузаштаи тоҷик ва таҳқиқу нашри мероси хаттӣ дар Шӯъбаи шарқшиносӣ мутамарказ гашт. Аз он ҷо ки вазифаи асосии Шӯъбаи нав омӯхтани таърих ва адабиёти

муосири кишварҳои шарқи хориҷӣ буд, ба Бахши таърихи адабиёт ном гузоштани "таърихи адабиёти тоҷик ё форсу тоҷик" ба унвон ва раванди фаолияти ин муассиса мувофиқ набуд. Аз ин сабаб бахши адабиёт номи "Таърихи адабиётҳо" ном гирифт. Дар Институти забон ва адабиёт танҳо адабиёти муосир омӯхта мешуд ва ду-се нафар ҷавонони мутахассиси адабиёти гузашта бе роҳбар ва нақшаи муайян мавзӯъҳои ҷудогонаро таҳқиқ менамуданд. Хулоса, дар системаи Академия проблемаи омӯхтани адабиёти классикии тоҷик мушаххас ва конкрет вуҷуд надошт. Ва касе ба ин аҳамият намедод.

Ҳанӯз пеш аз дифоъи рисолаи докторӣ дар ин мавзӯъ бо Мирзоев сӯҳбатҳои тасодуфӣ доштам. Пай мебурдам, ки Мирзоев дар пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ вуҷуди чунин бахшеро ба номи "адабиёти классикии тоҷик" муносиб намедонад. Ташкил намудани бахши ҷудогонаро дар таҳқиқи адабиёти классикии тоҷик дар Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ намехоҳад. Ба хулосае омадам, ки суханҳои ғайри расмӣ натиҷа намедиҳад, чорае набуд ҷуз он ки масъаларо дар мақомоти расмӣ ба тарзи қатъӣ ба миён гузорам.

Нахустин баромади муфассал ва қатъии ман дар маҷлиси кумитаи ҳизбии Раёсати академия 7-ми июни соли 1967 дар вақти муҳокимаи фаолияти Шӯъбаи шарқшиносӣ сурат гирифт. Дар давоми даҳ сол дар системаи Академия вуҷуд надоштани бахши махсуси таҳқиқ ва тадқиқи таърихи адабиёти форсу тоҷикро вазъи номӯътадил ва ҳатто ғайри илмӣ ба қалам додам. Мероси бузурги адабие, ки ифтихори миллӣ ва таърихии мост сазовори он аст, ки дар Шӯъбаи махсуси тадқиқотӣ бо номи шоистааш мавриди омӯзиши амиқ ва пурдомана гардад.

Марҳилаи дуввуми "мубориза" барои барқарор намудани ҳуқуқи расмии "бахши таърихи адабиёти форсу тоҷик" сӯҳбате буд, ки байни мову Мирзоев воқеъ гардид (аз рӯи Рӯзномаам – 2-ми сентябри 1967). Мазмуни ин гуфтугузорамонро аз Рӯзномаам мухтасаран ин ҷо нақл мекунам:

"2-ми сентябр. Дар кабинети Мирзоев дар ҳузури котиби илмӣ Малтсев масъалаи сектори адабиёти классикии тоҷикро сахт ба миён гузоштам. Ишора ба он кардам, ки айби дар зарфи даҳ сол дар Академия аз байн рафтани сектори адабиёти классикӣ ба гардани худи Мирзоев аст. Ҳарчанд соҳаи омӯхтани адабиёти араб ва ҳинду афғонро пурзӯр кунем, аммо дараҷаи тараққиёти илму маданияти мо имрӯз пеш аз ҳама ба он чен мешавад, ки маданияти худ, адабиёти худро ба чӣ андоза омӯхтаем. Дар зарфи чандин соли гузашта аз адабиёти классикии тоҷик ягон мутахассиси ҷавон ба кор ва таҳсили аспирантура қабул нашудааст. Агар мо ояндаи адабиётшиносии худро андеша кунем, кас аз ин вазъияти пурхатар ба даҳшат меояд. Ба ҳамин тариқа хеле бо сӯзу гудоз гап задам. Ин суханҳо бе таъсир намонд. Дар пеши худам ба номи Президиум хат навишт, ки ба Сектори мо номи адабиёти классикии тоҷик дода шавад. Ин ғалабаи калон буд."

Баъд аз чанд вақт директори Институти Рӯдакӣ шодравон Маъсумӣ бо тарғиб ва ташвиқи исроркоронаи ман гурӯҳи тадқиқотчиёни адабиёти классикии тоҷикро таъсис намуданд. Бо хоҳиши ишон роҳбарии гурӯҳро бе музд ба ӯҳда гирифтам. Ба ҳамин тариқа саъю кӯшишам дар роҳи барқарор намудани адолати илмӣ бар абас нарафт.

Соли 1970 бо таъхири зиёд кори доктории ман дар ВАК тасдиқ шуд. Бо унвони докторӣ дар Институти шарқшиносӣ як сол адои вазифа кардам. Ҳамоно мубоҳисаҳои ду-се соли охир ва мактуби Мирзоев буд, ки Раёсати Академия қарор кард, ки бахши адабиёти классикии тоҷик ба Институти Рӯдакӣ гузаронида шавад. Мирзоев ба ман пешниҳод намуд, ки ихтиёр дорам дар назди вай бимонам ё агар ба Институт гузаштанӣ бошам, аз кормандон ҳар касро муносиб донам, метавонам ҳамроҳ ба Институти Рӯдакӣ гирам. Ман ҳам шогирдони беҳтарини худро гирифта, ба Институти Рӯдакӣ гузаштам ва ба ҳайси мудири Шӯъбаи таърихи адабиёти классикии тоҷик бо сарпарастии марди шариф ва хирадманд Маъсумӣ ба кор шурӯъ кардам.

Корҳо хеле хуб мерафт. Шӯъбаи таърихи адабиёт қариб бист нафар кормандони илмиро шомил гардид. Мо бо донишмандони ҷавон ба таълифи силсилаи китобҳои таърихи адабиёти тоҷик шурӯъ кардем. Ба тартиб додани луғатномаи "Шоҳнома" бо ҳамкории Муҳаммад Нурӣ Османов оғоз намудем. Дар ин миён Маъсумӣ чашм аз ҷаҳон басту Абдуқодир Маниёзов ҷонишини шодравон гардид.

Фаолияти илмӣ бо муваффақият ҷараён дошт. Шӯъба мешукуфт, мақому шӯҳрати он берун аз Тоҷикистон низ мунташир буд. Даҳ китоби силсилаи очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик аз асри 12 то охири қарни 19 аз чоп баромад. Ҳамкорӣ бо муассиаҳои Эрони замони шоҳ тавсиа меёфт. Муҷтабо Миновӣ ва Парвиз Нотил Хонларӣ - симоҳои шинохта ва воломақоми илму дониши Эрон бо кори луғатсозии мо дар усули фарҳанги муаллифӣ мувофиқ буданд. Бунёди Фирдавсӣ, ки сарпарасти он Мӯҷтабо Миновӣ буд, дар сафари илмиам дар соли 1970 ризоят дод, ки Бунёд дар сохтани луғатномаи Фирдавсӣ бо мо ҳамкорӣ кунад. Шӯъбаи таърихи адабиёт дар навиштани таърихи адабиёти халқҳои СССР ва таърихи адабиёти ҷаҳон, инчунин дар таҳқиқи масъалаҳои умумии адабиёти шарқу ғарб бо пажӯҳишгоҳҳои Адабиёти ҷаҳони Максим Горкий ва Шарқшиносӣ, факултаи филологияи Донишгоҳи Ломоносови Маскав ҳамкориҳои муфиду пурсамар дошт.

Хуллас Шӯъбаи мазкур бо фаолияти пурбор ва натиҷаҳои муфиди илмӣ дувоздаҳ сол мавҷудият дошт. Мавҷудияти Шӯъба ифтихори илми адабиётшиносии мо буд. Бо ин раванди кор касе гумон намекард, ки соате меояду Шӯъба ҳадафи зарбаи сахти ногаҳонӣ ва пинҳонӣ мегардад. Шарҳи ин воқеа бад-ин сурат аст.

23 марти соли 1994 бо даъвати Донишгоҳи Самарқанд барои понздаҳ рӯз ба манзури тадриси мавзӯъи махсуси таърихи адабиёт бо мувофиқати роҳбарияти Институти Рӯдакӣ ба Самарқанд рафтам. Ҳамзамон бо тадриси адабиёти тоҷик дар ҷашнҳои Наврӯзии шаҳр ва донишкадаҳо, дар ҳалқаи хешовандон рӯзҳо хубу фараҳбахш гузаштанд. Шоду хуррам ба Душанбе бозгаштам. Кормандони Шӯъба омадани маро аз телефон хайра мақдам гуфта, бо изтироб хабар доданд, ки ду рӯз пеш Маниёзов дар Шӯрои илмӣ хабари баста шудани Шӯъбаи таърихи адабиёт ва бо Шӯъбаи адабиёти муосир муттаҳид намудани онро эълон доштааст. Ба сарварии ду шӯъба як нафар олими на чандон кордон, вале лаббайгӯйро таъйин намудааст. Ин хабар барои ман ногаҳонӣ ва ниҳоят аламангез буд. Сабаби чунин кирдор ба ман маълум нашуд. Медонистам, ки Маниёзов вақтҳои охир нисбат ба

Шӯъбаи таърихи адабиёт нарм-нарм муносибатҳои номунсифона дорад. Аммо ҳеч гумон намекардам, ки ба чунин тасмими бебокона иқдом мекунад.

Ба касе телефон накардам (ду рӯзи таътил буд). Шунидам, ки рӯзи душанбе 4 апрел соати 10 маҷлиси Шӯъбаи фанҳои ҷамъиятии Академия барпо мегардад. Субҳ ба маҷлис рафтам ва пас аз гузориши раиси Шӯъба академик Талбак Назаров ба сухан баромада, воқеаи рухдодаро ба аҳли маҷлис гуфтам ва кори аз ман пинҳонии Маниёзовро сахт интиқод намудам. Маълум шуд, ки аъзои Шӯъба аз асли кор хабар надоштаанд ва дар сӯҳбат бо ман мегуфтанд, ки "наход чунин шахси хуштавозӯъ ва некандеш чунин коре карда бошад". Баъд аз маҷлис ҷаноби Назаров ману Маниёзовро ба кабинеташ даъват намуд. Аз воқеаи ногувор изҳори таассуф намуд ва ба Маниёзов тавсия намуд, ки хатояшро худаш ислоҳ кунад. Дигар бо ин масъала ба Маниёзов мурочиат накардам. Ду ё се моҳ гузашта буд, ки Маниёзов масъалаи барқарор намудани Шӯъбаи таърихи адабиёти тоҷикро ба рӯзномаи Шӯрои илмӣ гузошт ва бо раъйи умумии донишмандон Шӯъба дар асли қадими худ барқарор гашт.

Аз ин воқеа понздаҳ сол гузашт. Дар ин муддат шӯъбаи мо корҳои бузургу муфидеро дар таҳқиқ ва таълифи таърихи адабиёт анҷом дод. Чанд номзадҳои мо рисолаҳои докторӣ дифоъ намуданд. Дар мушкилиҳои солҳои ҷангҳои дохилӣ Шӯъбаи таърихи адабиёт мавҷудияташро ҳифз намуд ва мо бовар доштем, ки боз давраи рушду камолот хоҳад омад. На, маълум шуд, ки аз даҳшати солҳои сипарӣ шуда боз хатари бештаре дар камин будааст. Абдулқодир Маниёзов пеш аз он ки ба маснади "директори ифтихорӣ" мушарраф гардад, аз вазъи пой дар рикобии худ истифода намуда, дар як Шӯрои илмӣ бе машварату маслиҳати аҳли кор эълон дошт, ки Шӯъбаи адабиёти классикӣ бо Шӯъбаи адабиёти муосир муттаҳид мешавад (ин Бахш дар ҳолати харобӣ буд). Ба сарварии ду Шӯъба доктори навбаромадро таъйин кард, ки дар таърихи адабиёти классикӣ пиёда буд. Мо, бечорагон, ки як умри худро ба таҳқиқи мероси гузаштаамон вақф намудаем, ба ҳоле афтодем, ки бо роҳнамоии сарвари аз адабиёти классикӣ дур кори илмии худро анҷом бидиҳем. Ман бо эътирози сахт аз маҷлис бадар рафтам.

Баъд аз ба маъразии иҷро даромадани ҳукми Маниёзов хеле андешаҳо кардам, ки чаро ин мард ба кори ношоиста иқдом намуд. Ниҳоят яке аз дӯстони наздиктарини ишон гуфт, ки ин ҳама кирдори вай аз хусумат ва ҳасад дар ҳаққи шумо буд. Банда ҳис мекардам, ки зери пардаи риёкоронаи эҳтиромуи некхоҳӣ нисбат ба ин ҷониб нишонаи шавгун ниҳон аст. Аммо Шӯъбаи таърихи адабиёт, проблемаи миллию таърихии тамаддуни моро барои як шахс барбод додан чӣ маънӣ дорад? "Баҳри кайке навгилеме сӯхтан" аз рӯи кадом ақл аст?! Охир мо кайк бошему тани касе ноором шуда бошад, кайкро бояд қурбон кард! Гилеми мунаққашу пур обу ранг ва ниҳоят муқаддаси мероси гузаштаро сӯхтан дар кадом чорчӯбаи ахлоқу диёнат ҷойгузин аст?! Ақли ноқис ба фаҳми ин қодир нест ва мегӯям "воллоҳу аълам биссавоб!"

Хонандаи мӯҳтарам аз оҳанги ҳузнангези қиссаи мо худо накунад, ки маъюс гардад. Адабиёти бузург ва мутабарраки мо ҳамеша вуҷуд дошт ва то абад зинда хоҳад буд. Нақлҳои дилкашу дилангез аз ин адабиёт ва симоҳои нуронии он дар пеш аст.

ФАСЛИ ШАШУМ. ДУШАНБЕ

Деҳи хурде ба номи Душанбе соли 1924 пас аз таъсиси Ҷумҳурияти Мухтори Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайъати Ӯзбекистон пойтахти ҷумҳурии нав эълон гардид. Аз ин пас дар харитаи ҷаҳон шаҳре бо номи Душанбе пайдо шуд. Деҳи хурд ба тадриҷ мақом ва шаклу симои шаҳрро мегирифт.

Соли 1929 Тоҷикистон ба ҳайси Ҷумҳурияти Шӯроии сотсиалистӣ ҳамчун давлати аз рӯи қонун соҳибистиқлол ба ҳайъати Иттиҳоди Шӯрой ба ҳисоби ҳафтумин ҷумҳурӣ дохил шуд. Чунин ҳуқуқи истиқлоли таърихӣ ба тоҷикон бевосита аз ҷониби доҳии ҳизбу давлати шӯрой Иосиф Сталин дода шуд. Аз ин ҷост, ки дар маҷлиси нахустини тантанаи таъсиси ҷумҳурӣ ба нишони арзи миннатдорӣ ба доҳӣ қарор шуд, ки ба Душанбе номи Сталинобод дода шавад. Баъд аз он ки соли 1924 дар канори шимолии сарзамини давлати шӯрой Петербург (Петроград) номи Ленинро гирифт, дар нуқтаи ҷанубии Иттиҳоди шӯроҳо ба номи Сталин мавсум гардидани пойтахти давлати тоҷикон воқеаи бузурги таърихӣ буд.

Солҳо гузаштанду Сталинобод шаҳри ободу маъмур ва маркази сиёсиву иқтисодиву фарҳангии кишвари тоҷикон гардид. Ҳама бовару эътиқод доштанд, ин шаҳр мисли ному корномаҳои доҳии бузургамон бо ҳамин ном ҷовиду абадӣ дар таърих боқӣ хоҳад монд.

Вале маълум шуд, ки таърихро пешгӯй кардан муҳол аст. Рӯзе расиду Сталин фавтид ва ду-се сол аз вафоти ӯ нагузашта, шӯҳрати доҳӣ ба нақбату маломат мубаддал гашт. Аз ҳамсафони содиқи Сталин Никита Хрушчев ба маснади шахси аввали давлат баромаду саҳву хато ва ҳатто "ҷиноятҳои" Сталинро ошкор намуд. Ин шахси бузургро аз пояи азамат ба хоки мазаллат гузошт. Номи ӯро аз самову арз сутурданд, аз шаҳру деҳкадаҳо, қасру донишгоҳҳо бурун оварданд. Ниҳоят навбат ба Сталинобод расид. Онҳое ки бо шунидани номи Сталин аз ҷой бархоста ба ҷону дил кафкӯбӣ мекарданд, акнун ба ҳамон ҷонсупорӣ кафкӯбиҳо карда, номи Сталинободро боз ба Душанбе табдил доданд. Ва аз ҳамин вақт сар карда мо дигар шаҳрамонро ба Душанбе ном мегирем ва хотираҳои банда низ аз ин пас ба ҳамин ном марбут аст.

Номи Душанберо ба он тавҷеҳ мекунанд, ки дар ин мавзеъ рӯзҳои Душанбе бозор барпо мешудааст ва аз ин сабаб Душанбе-бозор мегуфтаанд. Рафта-рафта калимаи "бозор" ҳазф шуда, фақат номи Душанбе боқӣ мондааст. Ин шарҳу тавҷеҳ то ҷое асос дорад. Дар Мовароуннаҳр замонҳои пеш бозор дар баъзе мавзеъҳо на дар ҷумъа, балки дар рӯзҳои дигари ҳафта сурат мегирифтааст. Аз ин ҷо мавзеъҳое буданд, ки ба номи ҳафта ва иловаи калимаи "бозор" мавсум буданд. Бо гузашти рӯзгор ин мавзеъҳо ба тарзи ихтисор ба номи ҳафтаҳо маъруф шуданд. Дар наздикии Самарқанд шаҳрчае буд, ки онро Ҷумъа-бозор мегуфтанд. Ҳоло номи ин шаҳрак ва истгоҳи қаторҳо ба Ҷумъа маъруф аст. Мисли ҳамин маҳаллии Панҷшанбеи Хуҷанд низ дар асл Панҷшанбе-бозор будааст.

Ҳамин аст таърихи мухтасари номи шаҳри мо – Душанбе. Аз аввали солҳои шастум шаҳри мо ба Душанбе номзад гардид. Ва мо сокини Душанбе маҳсуб мешавем. Дар тӯли зиёда аз панҷоҳ сол фаолият ва машғулиятҳои илмиву адабии ман дар Душанбе ҷараён ёфтааст. Тамоми рӯзгори хушу моломол аз Ишқи бузург, айёми ҷавонии сурурангезу пур аз барги сабзу гулҳои хушранги ман дар ин шаҳр гузаштааст. Вале диламу рӯҳам, одоту урфам самарқандиву аз Самарқанд буд. Зеро хуни тоҷикӣ раги маро дар Самарқанд ба тапиш оварда буд ва ин аст, ки меҳру ишқи Самарқанд "бо хун андарун шуду бо ҷон бадар шавад."

Камолоти маънавии ин ҷониб дар Душанбе сурат гирифтааст (агар ба чунин марҳила расида бошам). Камолоти маънавӣ ба инсон худ аз худ даст намедиҳад. Камолоти маънавии шахс бо муҳити маънавии ҷомеа марбут аст. Муҳити маънавӣ асосан аз ду омил ташаккул меёбад. Нахуст, ҷомеа ба зинда доштан ва дар ҳаёти муосир амалӣ намудани суннатҳои гузаштаи ҳам милливу ҳам байналмилалӣ бояд қудрати сиёсиву иқтисодӣ дошта бошад. Ин ҷараён дар ҷомеа ба тавассути таблиғ ва таҷлили мероси тамаддуни гузашта ва чеҳраҳои бузурги таърихӣ сурат мегирад.

Омили дигари муҳити маънавӣ арбоб ва ходимони намоёни давру замон аст, ки бори пешбурд ва рушду равнақи фарҳангу маданият ва мактабу маорифро ба дӯши худ мегиранд. Фаолияти пурдомана ва рӯҳи эҷодкоронаи онҳо заминаи муҳити маънавии ҷомеаро ба вуҷуд меорад. Оммаи мардум, ки заминаи иқтисодӣ ва тавлиди неъматҳои моддиро барои муҳити маънавӣ таъмин мекунанд, истифодакунанда ва баҳрабардорони ҳосили маънавии ҷомеа мебошанд.

Хушбахтона рӯзгор ва кори ман дар тӯли солиёни дароз бо чеҳраҳои бузурги таърихӣ ва симоҳои шинохтаву барҷастаи замон марбут буд. Худ тахассуси аз рӯи шавқу савқ интихоб намудаам ё ба ҳукми тақдир насиб гаштаам маро бо тамаддуни гузашта ва ҷараёни мадании замони зиндагиам сахт пайваст намуд. Аз ин сабаб нақли рӯзгору кори ман аз ин пас бо мероси ниёгонамон ва фаолияту ҳамкории муосирони муҳити илмиву адабиамон алоқаманд аст. Дар ин миён номи се тан бузургони тамаддуни мо – Абӯ Абдуллоҳи Рӯдакӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ гуфтан метавон, ки маъниву мазмуни ҳаёти шахсиву илмию адабии маро файзу баракот доданд. Ин се тан симои дурахшони миллат мазмуни ҳаёти ҷумҳурӣ ва мардуми онро ба нури худ мунаввар ва ба раҳмату неъмати ҷовидонаашон боровару пурсарват мекунанд ва хоҳанд кард.

АҲМАДИ ДОНИШ

Соли 1950 вақте ки бо таҳқиқи шогирдонаам дар осори илмии устод Айнӣ машғул будам, дидам, ки се тан аз бузургони гузаштаамон дар маркази таваҷҷӯҳи хосса ва омӯзиши пуршавқи устод қарор гирифтанд. Инҳо Рӯдакӣ, Восифӣ ва Аҳмади Дониш буданд. Устод Айнӣ дар адабиётшиносии нави тоҷик нахустин тадқиқотҳои илмии худро дар аҳвол ва осори ин бузургон таълиф намуд. Гузашта аз ин устод бо шавқу иштиёқи донишмандона ва суханварии бе ҳамто ҷавононро ба омӯзиши мукаммалтару амиқтари ин бузургон роҳнамоӣ намуд.

Шиносоиам бо номи Аҳмади Дониш ва шавқу рағбати омӯхтани рӯзгор ва осори ин аллома аз хондани асарҳои устод Айнӣ оғоз ёфтааст. Устод дар таълифоти илмию таърихии солҳои аввали бистуми қарни гузашта Аҳмади Донишро яке заминагузорони инқилоби фикрӣ ва илмии Бухоро қаламдод кардааст. Вай дар китоби "Таърихи инқилоби Бухоро" навишта буд, ки дар муҳити таназзули ҷомеаи Бухорои қарни 19 "дар уфқи тираи Бухоро чун ситораи саҳаргоҳӣ...ситорае дурахшид. Ин ситора Аҳмад-махдум муҳандиси Дониш буд". Ин ташбеҳ ниҳоят муассир, нишонрас ва мояи тафаккуру андеша буд. Ҳис мекардам, ки таҳти ин ташбеҳ як замони таърихии мо ва як ҷаҳони пурасрори Аҳмади Дониш ниҳон аст.

Пас аз сӣ сол дар поёни умр Айниро боз симои Аҳмади Дониш илҳоме ато кард. Вай дар китоби саввум, махсусан чаҳоруми "Ёддоштҳо" аз осор ва рӯзгори Дониш гуфтан мумкин аст тарҳи романеро ба вуҷуд оварда. Айнӣ гӯё ба ҷавонон хитоб мекард, ки кӯ дастеву ҷуръате ки кори маро идома диҳаду симои ин шахси нодираро барои муосирон бештару амиқтар кашф намояд.

Солҳое ки дар омӯзиши адабиёти қарни 19 ҷустуҷӯйҳо доштам, дар олами адаби ин замон ҳар лаҳза ному намои Дониш намудор мегашт – чун кӯҳи сар ба фалаккашида хомӯш буд, аммо мақнотисе дошт, ки маро ба сӯяш мекашид барои кашфи маъданиёте ки дар конҳои худ маҳфуз дорад. Азму ниятам сахттар мегашт, ки баъд аз анҷоми рисолаи илмӣ ба Аҳмади Дониш рӯй хоҳам оварда.

Дар аввал хостам, ки омӯзиши аҳвол ва осори Дониш дар нақшаи илмии институт ба номи ман дохил гардад. Чунон ки гуфтам, шодравон Абдулғанӣ Мирзоев ба ин розӣ нашуд. Дар аввал ранҷидам ва навмед ҳам шудам. Аммо баъдтар фаҳмидам, ки кор ба фоидаи ман будааст. Зеро агар кор бо нақшаи Институт маҳдуд мешуд, ба тарзи дилхоҳ тамомият намеёфт. Акнун имконият ва ихтиёри комил доштам, ки омӯзиши Донишро бо ҳавсалаи том, бе шитобзадагӣ ба майли хотиру табъи худ идома диҳам ва ҳосили манзур ва мақбул ба даст оварам.

Соли 1955 рисолаи номзадиамро ба нашр таҳийя намуда аз чоп баровардам. Баъд аз ин даст кушода шуду "бисмиллоҳ" гуфта "Наводирулвақоеъ"-и Донишро ба даст гирифтам. Ин нусхаи қаламии мӯътамад ва мутабаррак буд. Чунон ки Айнӣ дар "Ёддоштҳо" овардааст, ин нусхаро се дӯсти ҷонӣ - Айнӣ, Ҳайрат ва Мунзим (хаттот) аз рӯи нусхаи китобаткардаи худи Дониш таҳия намуда буданд.

Хондану фаҳмидани ин асар кори осон набуд. Хусусан бобу фаслҳои фалсафӣ ва диниву орифона ниҳоят мушкил буд. Ман бештар бобу фаслҳоеро, ки Айнӣ дар "Ёддоштҳо" мазмуни мухтасари онҳоро нақл карда буд, мехондаму барои чоп интихоб менамудам. Як тарафи парда ба ҷаҳони асрору рози Дониш кушода мешуд. Кушода мешуду ба худ сахт мекашид, ки аз он дур шудан муҳол буд. Дар ин хусус ба Маскав дар номае навишта будам: "Зиндагиам ва сиҳҳатам бад нест. Вале агар муҳимме маро аз Аҳмади Дониш дур созад, хеле асабӣ мешавам. Ман ин корро чунон дӯст доштаам, ки бе он рӯз гузаронида наметавонам. Медонед, ин Аҳмади Дониши мо чӣ шахсе будааст – одами бузурги тундмизоҷ ва тасаввур кунед, ки дар ҳамон вақт ин қадар донишу ин қадар ҷасорат доштан аҷобатест!" (8 май, 1956).

Ҳафт моҳи кори пуршиддату пуршавқ ба охир расиду ҳафт ҳикоят (боб) ва "Рисола дар назми тамаддун ва таовун" маъруф ба "рисолаи сиёсӣ" бо ихтисорот, луғатномаву тавзеҳот ва охирсухани муфассал ба нашриёт супурда шуд. Бе ҳеч пурсиш ва иҷозат дар аввали китоб маҷмӯаро ба 130-солагии таваллуд ва 60-солагии вафоти Дониш бахшидам. Нашриёт дар аввали саҳифа рамзи "Даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик"-ро (дар Маскав) сабт намуд. Китоб дар коғази аълосифат ва муқоваи зебои ледерин бо номи "Порчаҳо аз "Наводир-ул-вақоеъ" дар аввали январи 1957 бо тиражи 10000 нусха аз чоп баромад. Ин маҷмӯаи аввалини осори Аҳмади Дониш буд, ки баъд аз бисту се соли таъсиси Тоҷикистон (баъд аз се соли даргузашти Айнӣ) ба чоп расид. Воқеаи муҳимми нашри осори Дониш аз тарафи ҷомеа хуш пазируфта шуд ва моро далер кард, ки бе иҷозаи "боло" ба ҷашни 130-солагии Дониш омодагӣ бинем. Мубошири ин кор Камол Айниву ин ҷониб будем. Ҳар ду назди раиси шаҳр Маҳмудбек Нарзибеков рафтем, ки кӯчаеро ба номи Аҳмади Дониш гузоранд. Ин марди фарҳангдӯсте буд, ки чанд солҳо раёсати шаҳрро дар ӯҳда дошт ва Душанберо дар доираи имконоти ҳамон вақт хеле обод кард. Ӯ ба мо кӯчаеро ном гирифт мавсум ба Промишленная, ки ба тарафи фурудгоҳи хурду кӯҳнаи Душанбе мерафт ва хеле нооборду номаскун буд. Мо каме изҳори ноқаноатмандӣ кардем. Аммо вай моро бовар кунонд, ки ин кӯча ояндаи хуб дорад. Ба ҳамин тариқа дар Душанбе кӯчаи Аҳмади Дониш пайдо шуд, ки имрӯз ҳамаи сайёҳон ва меҳмонон аз фурудгоҳ аз ҳамин хиёбон ба шаҳрамон дохил мешаванд. Ҳамзамон барои ташкили ҳамоиши илмии Академия низ тадорукот намудем, аммо ташкили ин кор бо таъхир сурат гирифт.

Ҳамоиши илмиро ба ифтихори 130-мин солгарди зодсоли Дониш созмон додан баъд аз се сол муяссар гардид. 23 декабри 1960 соати 6.30 бегоҳ дар толори Театри опера ва балети Садриддин Айнӣ Сессияи илмии Академияи фанҳои Тоҷикистон ба шарафи ҷашни 130-солагии таваллуди Аҳмади Дониш барпо гардид. Сессия бо сухани муқаддимавии ноиб-президенти Академия Ибодулло Қосимов кушоиш ёфт. Аъзо-корреспонденти (дар ҳамон сол) АФ РСС Тоҷикистон профессор Зариф Раҷабов дар мавзӯъи "Аҳмади Дониш – маорифпарвари барҷастаи тоҷик" маърӯза кард. Сипас ҳофизону сарояндагону ҳунарпешаҳои театри драмавӣ консерт ташкил намуданд. Давоми Сессия 24 декабр соати 10 пагоҳӣ дар бинои Академия созмон ёфт. Аҳли маҷлис дар мавзӯъҳои мухталифи марбут ба Аҳмади Дониш суханрониҳои Б.Искандаров, М.Бақоев, Р.Ҳодизода, Н.Маъсумӣ, А.Мирзоев, К.Айнӣ, З.Аҳроров, М.Шукуров, Н.Нурҷонов, Р.Авезбоеваро шуниданд.

Сессияи Академия дар таблиғ ва шиносондани Дониш ба аҳли илм ва умуман мардуми тоҷик баъд аз устод Айнӣ қадами нави ҷиддие маҳсуб мешуд. Вале ин танҳо як қадам буд. Саъю кӯшишҳои балиғ бояд намуд, ки Дониш сазовори мақому мартабааш дар таърихи фарҳанги мо омӯхта шавад. Пеш аз ҳама осори илмию адабии Донишро муайян кардан, тарҷумаи ҳол ва роҳи эҷодии ӯро барқарор намудан лозим буд. Сафарҳои Дониш ба Русия кадом солҳо воқеъ гардидааст ва дар ин сафарҳои расмӣ чӣ мақом ва нуфуз дошт, низ аз масъалаҳои торик буд.

Дар сари ин муаммоҳо фикр мекардам, вале намедонистам корро аз куҷо

шурӯъ кунам, ки сарриштаи мушкилиҳо ба даст ояд. Дар ҷараёни ба нашр омода намудани бобҳои "Наводир-ул-вақоеъ" воқеаҳои сафари Дониш ба Петербург бештар диққатро ҷалб мекард. Зеро ин сафарҳо ба тақдири шахсӣ ва орову андешаҳои Дониш таъсири бузург гузошта буд.

Моҳҳо андеша мекардаму ногаҳон чароғе дар роҳи ҷустуҷӯйҳои ман фурӯзон гашт. Дар як китоби таърихӣ назарам ба сарчашмае афтод, ки Архиви сиёсати берунии Россия ном дошт. Дидаму гуфтам, ки дар ҳамин Архив аз муносибатҳои сиёсии байни Русияву Бухоро ва сафари сафирони амири Бухоро ҳатман санаду ҳуҷҷатҳои мӯътамад пайдо кардан мумкин аст.

Тобистони соли 1956 сафари илмию эҷодӣ ба Маскав муяссар шуд. Архиви матлубро пайдо кардам ва бо иҷозаи Вазорати корҳои хориҷии СССР ба ин Архив роҳ ёфтам. Рӯзи аввал сарриштаи ҳалли муаммоҳо ба даст омад. Дар ин Архив ҳамаи ҳуҷҷатҳои дипломатии байни аморати Бухоро ва Русия ва ҳуҷҷатҳои сафари фиристодагони амир ба Петербург дар ҷузъғирҳо нигаҳдорӣ мешуд. Дар ҳамин ҷо санадҳои хеле муҳим ва барои ман ниҳоят ғайри чашмдошт аз се сафорати аморати Бухоро (солҳои 1857-58, 1869-70 ва 1873-74) нигаҳдорӣ мешуд. Дар ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо номи Аҳмади Дониш дар рутбаи узви сафорати амири Бухоро сабт гардида буд. Ба ҷуз мазмуни гуфтугӯйҳои расмӣ дар ин аснод ҷузъиёти воқеаҳои дар Петербург иқомат кардани ҳайъати сафорат акс ёфта буд. Ин ҷузъиёт на танҳо барои тафсилоти тарҷумаи ҳоли Дониш, балки дар равшан намудани маншаи баъзе орову андешаҳои сиёсиву фалсафии осори хаттиаш арзиши муҳиммеро доро буд.

Ба ҳамин тариқа ҷаҳони донишшиносӣ ғанӣ гардид ва доманаи васеъ ба худ гирифт. Пас аз бозгашт аз Маскав моҳи октябри соли 1956 хулоса ва ҷамъбасти ковишҳои худро дар Архиви Маскав дар мақолаи "Чанд саҳифаи нав дар тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти Аҳмади Дониш" таълиф намуда, дар аввали соли 1957 дар маҷаллаи "Садои шарқ" ба иттилоъи аҳли биниш расондам. Мақола ба аҳли илм ва умуман ҷомеаи мо таассуроти амиқ гузошт. Пас аз пазироии хуб ва ҳусни тафоҳуми ҷомеа нисбат ба ин мақола азму ниятам маҳкамтар мегашт, ки фаолияти илмии ояндаам мавқуф ва масруфи омӯзиши Аҳмади Дониш хоҳад шуд. Баробари ҳамин дар як гӯшаи дил орзуи асари бадеӣ дар бораи Дониш таълиф намудан рух намуд. Дар ин хусус ба Маскав навишта будам:

"Корҳоям бад нест. Ҳозир корректураи А.Донишро хонда истодаам... Мақолаеро дар бораи Аҳмади Дониш сар карда будам...ният дорам то якуми ноябр тамом карда супорам. Аз ҳама бештар нияту азми ман, майли ман ба навиштани чизи бадеӣ дар бораи А.Дониш маро ором намегузорад. Аз ин сабаб бештар материалҳои таърихиро меомӯзам, романҳои таърихӣ мехонам. Агар ба амал баровардани ин ният муяссар шавад, бахти калон бароям мешуд." (23 октябр, 1956).

Дар ҳамин солҳо дар "Садои шарқ" мақолае бо имзои Аҳмад Қосимзода аз Бухоро чоп шуд. Муаллиф дар бораи Мираточони танбӯрӣ, ки аз ҳамнишинони охирини Аҳмад-махдуми Дониш будааст, нақли ҷолиб намуда буд. Ман адреси ин шахсро пайдо намуда, номае навишта пурсидам, ки агар ба Бухоро сафар даст диҳад, оё бо Мираточони танбӯрӣ ва шоҳидони дигари

охири ҳаёти Дониш мулоқот намудан имкон дорад. Қосимзода номаи муҳаббатомез навишта моро ба Бухоро даъват намуд ва таъкид кард, ки он чи аз дасташ меояд, дар ҷамъ намудани маводи зарурӣ дар бораи Аҳмади Дониш кӯмак хоҳад кард.

Бо иҷоза ва таъмини молии Мирзоев як гурӯҳи хурди илмӣ дар ҳайъати Абӯбакр Зуҳуриддинов ва аккосу садобардор 15-ми маи соли 1958 ба Бухоро рахти сафар бастем. Дар мадрасаи Девонбегии Лаби Ҳавз манзил кардем. Ин мадрасаро бе тағйири имороташ ба меҳмонхона табдил дода буданд. Ба ман ҳуҷраи кунҷакии шимолу шарқро ҷудо карданд ва аз ин ҳуҷра ба замони зиндагии Аҳмади Дониш қадам ниҳодам. Бале, бе ҳеч муболиға! Охир дар паҳлӯи рости мо мадрасаи Кӯкалтош буд, ки дар як ҳуҷраи он чанд сол Дониш зиндагӣ кардааст.

Субҳи рӯзи дигар Аҳмад Қосимзода ҳозир шуд. Ин марди қоматбаланди сияҳҷурдаи пургӯшт моро бо табассуми шарорбори чашмони сиёҳаш хайра мақдам гуфт ва бо меҳмондӯстии бухорӣ ба чои кабуду қаймоқи овозадори Бухоро ба Лаби Ҳавз (номи мукаммалаш Лаби Ҳавзи Девонбегӣ) даъват кард. Боди сарди саҳарӣ, оби шаффофи ҳавз аз лӯлаобҳои шаҳр, ду мадраса ва Хонақоҳи девонбегӣ аз тарафи ғарб гӯшаи дилкаши Бухороро таҷассум мекард. Бухорое, ки солҳо аз дур тасаввур мекардаму дар орзуи диданаш будам. Суханҳои меҳмоннавозонаи мизбон, гуфтугӯи тоҷикии бухориёни гирду атрофи ҳавз акси садои шаҳри тоҷикони асрҳои қадими таърихи мо буд...

Қосимзода нақшаи барномаи сайри Бухороро ба тақриб муайян кард. Дидор ва мулоқоти аввалини мо бояд бо Мираточон Миризомов сурат гирад. Ва мо баъд аз як рӯз ба ҳавлии ин мӯйсафеди навваду дусола рафтем. Мӯйсафед, ки қаблан аз омадани мо хабар дошт, дар меҳмонхонаи ҳавлии берунаш мунтазири мо будааст. Нагузоштем, ки ба пешвоз аз ҷой бархезад. Зуд рафта даст ба даст салому алайк ба ҷо овардему рӯи кӯрпачаҳо нишастем. Мирато-бобо дар яктаҳи оҳарии сафед ва дастори докаи қадимаи пишоварӣ аз пешгоҳ менишаст. Чеҳраи сафедгуна, ангуштони борику мутаносиб ва ҷуссаи резаустухони ин пирамард мисли тасвирҳои минотурӣ пеши назар зебо ва хушранг муҷассам мешуд. Мираточон-бобо аз қасди омадани мо хабар ёфта хеле хурсанд шудааст ва ба қавли худаш "анча ҷон гирифтааст".

— Солҳои ҷавонӣ ба ёд омад, гардам. Даврањои базму тараб дар ҳавлии махдуми бузургамон ба хотир омад.

Мираточон чанд бор бо устодаш Қорӣ Каромати Дилкаш ба даврањои сӯҳбати дӯстони Дониш расидааст. Ва як бор бо тавсияи устодаш пеши Махдум танбӯр навохта аз он кас фотиҳа низ гирифтааст. Осори пирӣ дар хотири мӯйсафед ҳувайдо буд. Вай гузаштаро зуд ва ба ҳам марбут ба ёд оварда наметавонист. Дар рафти сӯҳбат нохост воқеае ё мулоқоте ба ёдаш меомаду ба садои нарму нозукаш ҳикоя мекард. Баъд хомӯш мешуду дар андешаву хаёл мемонд. Ва боз ҳикояти дигаре сар мекард. Боре ба тарзи шӯхӣ гуфт:

– Вақти пеш муллоҳо донам надонам худро бедилшинос гирифта, дар маҳфилҳо шарҳи шеъри Бедил гуфта худнамой мекарданд. Як вақт дар сӯҳбати ҳамин хел мулло будам. Як байтро худам бофта хондам ва шарҳашро

пурсидам:

Сафоли кӯҳна аз миқрози ҳасрат гӯзаҷаллобӣ кунад, Бедил,
Агар носул гардад кӯр, гирди мокиён гардад.

Он мулло "баҳ-баҳ" гӯён аз ин байт ба ваҷд омаду қариб як соат ба шарҳи он машғул шуд.

Мираторҷон аслан заргари гулдаст буда, ба ҳунари танбӯрнавозӣ аз кӯдакӣ шавқ доштааст. Баъд аз он ки дар ин ҳунар тавфиқ меёбад, яке аз ошноён ӯро ба шоир ва танбӯрии машҳури замон Қорӣ Каромати Дилкаш шинос мекунад. Бо сарпарастии Дилкаш Мираторҷон дар танбӯрнавозӣ чирадаст ва ба лақаби "нохунтилло" машҳур мегардад.

— Вақтҳои мо ба танбӯр симҳои махсуси нозук мекашиданд, ки дар навохтан хеле нарму форам садо медод. Агар садои танбӯр аз меъёр баландтар шавад, Қорӣ мегуфтанд, ки "танбӯрро хуррамтар навозед, ки гӯшхарош набошад". Махдуми бузургвор ҳар бор ки Қорӣ танбӯр навохта мешуданд, мегуфтанд: "танбӯрро ёд гирифтан як илм асту онро гӯшнавоз навохта тавонистан боз илми дигар аст".

Баъд аз ду рӯз дар меҳмонхонаи Мираторҷон маҳфили мусиқӣ барпо гардид. Ду-се нафар дуториву торӣ ва сатонавозу рубобчӣ ҷамъ омаданд. Мираторҷон имрӯз хеле бардаму чобук буд. Ба мусиқиён навохтани навоҳои Шашмақомро фармоиш медод. Бо танбӯри қадимаш Мухаммаси Насруллоӣ ва бо Маъруфҷони танбӯрӣ "Чӯли Ироқ"-ро навохт. Дар ин соатҳо дар меҳмонхонаи мунаққашу гачкории Мираторҷон симои Дониш ва гӯшаи ҳавлии меҳмоннавози вай зинда гашт.

Дар тӯли даҳ рӯз ҷойҳои таърихии Бухороро, ки бо номи Аҳмади Дониш марбут буд, тамошо кардем. Аҳмад Қосимзода ҳамеша ҳамроҳамон буд ва ҳар мушкили моро зуд осон мекард. Баъд аз сафари Бухоро низ бо Қосимзода мукотиба доштам. Вай бо меҳру ҷонфишонӣ ҳар чи аз Дониш пайдо мекард, зуд хабар медод. Соли 1979 моҳи май дар Бухоро будам. Як бегоҳ ба дидори Қосимзода рафтам. Занаш як сол пеш даргузашта ва ӯ танҳо мондааст. Гуфтам, ки баъд аз расидан ба Душанбе ба навиштани роман сар мекунам. Аз шодӣ дар чашмонаш ашк дамид, гуфт, ки бист сол пеш, ки бо ҳам шинос шудем, дилам гувоҳӣ медод, ки шумо дар бораи ин марди бузург асари арзанда хоҳед навишт.

Баъд аз як сол шунидам, ки Аҳмад Қосимзода гузаштааст. Худо раҳмат кунад!

Баъд аз Бухоро ба омода сохтани маҷмӯаи нави осори Аҳмади Дониш сар кардам. Дар ин вақт фотокӯпии "Наводир-ул-вақоеъ" ба хати худи муаллиф аз ганҷинаи дастнависҳои Ленинград дар даст буд. Аз ин нусха ду боби душворро падарам ба тарзи мунтахаб ба хати имрӯза гардонд (бобҳои никоҳу хонадорӣ ва васияти фарзандон). Рисолаи таърихиро низ бо андаке ихтисор ба ин маҷмӯа мундариҷ сохтем. Ба китоб "Асарҳои мунтахаб" ном ниҳодам. Китобро ба чоп супурдаму беморие рух дод ва ҳолати хондани корректураро надоштам. Аз Камол Айнӣ хоҳиш намудам, ки ин корро ба ҷои ман иҷро кунад. Ишон дар аввали китоб ибораи "Дар зери таҳрири Камол Айнӣ"-ро илова намуда, корректураро дуруст нахондааст ва китоб дар имлои

калимаву таъбироти мушкила бо саҳву хато аз чоп баромад (соли 1959). Бо вуҷуди ин китоб зуд байни хонандагон маҳбубият пайдо кард.

Баъд аз як сол мунтахаби осори ба забони тоҷикӣ нашршудаи Донишро дар тарҷумаи Муҳаммад Нурӣ Османов бо номи "Путешествие из Бухары в Петербург" бо муқаддимаву тавзеҳоти муфассал аз чоп баровардам (нашри дувуми ин китоб соли 1976 сурат гирифт). Ба ин восита Аҳмади Дониш ба доираи хонандагони рус низ роҳ ёфт.

Дар тӯли чор сол (1956-1960) кори бисёр ба сомон расид. Аммо марзи мақсуд ҳоло ба назар намерасид. Заҳмату ковишҳои фаровон дар пеш буд. Барои он ки китоби илмие дар аҳвол ва осори Аҳмади Дониш таълиф гардад ва романе ҳам аз рӯзгори ин нобиға ва замони зиндагии вай таълиф шавад, роҳҳои пурпечу тоб ва нопаймударо тай намудан лозим буд. Эътиқоду имон қавӣ буд, ки дар ин роҳ бозёфтҳои ачибу пуразиш насиб хоҳад гашт. Ба ҳамин тариқа, қадамҳои нав ва устувор бардоштану пеш рафтан бояд!

АЗ ОРЕНБУРГ ТО ПЕТЕРБУРГ

Дар байни ҳуҷҷатҳои Архиви сиёсати берунии Русия санадҳои бисёре ба назар расид, ки маъмурони сиёсиву ҳарбии Оренбург дар мавзӯъи муносибатҳои Бухорову Русия ба ҳукуматдорони Петербург навишта буданд. Аз ин номаҳо натиҷа ҳосил мешуд, ки фиристодагони амир пеш аз Петербург чанд муддат дар Оренбург иқомат мекардаанд. То солҳои ҳафтодуми қарни 19 Оренбург дар марзи ҷанубии империтории Русия қалъаи ҳарбӣ ва шаҳри восила бо Қазоқистону Осиёи Миёна буд. Ҳуҷҷатҳои Архиви Маскав бе тардид далолат ба он мекард, ки дар архивҳои Оренбург оид ба сафоратҳои амири Бухоро ва муносибатҳои сиёсиву тиҷоратии ду кишвар санадҳои муҳим нигаҳдорӣ мешавад.

Охири тобистони соли 1964 фурсати мусоид даст доду ба Оренбург сафар кардам. Дар меҳмонхонаи маркази шаҳр ҷой гирифтаму рӯзи дигар дар Архиви вилоятии Оренбург ба кор сар кардам. Гувоҳии дилам ва тахминҳои қаблӣ аз чашмдошти ман борҳо афзунтар буд. Ҳам дар тафсили сафари элчиёни Бухоро, ҳам дар хислату кирдори шахсии аъзои ҳайъати сафорат, ҳам дар муносибатҳои ошкору пинҳонии тоҷирони бухории муқими Оренбург ба муносибатҳои Русияву Бухоро ва казо ва казо маводи ниҳоят фаровон ва ҷолиб паси ҳам кушода мешуд. Ба санаду ҳуҷҷатҳо дар давоми зиёда аз сад сол ба ҷуз кормандони Архив касе даст нарасонидааст. Даҳ рӯз бе танаффус ин маводро меомӯхтам, иттилооти пуразиш ва то ин дам номаълумро дар дафтарҳо сабт мекардам, қисми дигарро дар мошинка чоп кунонида мегирифтам. Ҳамзамон бо маводи Архиви Маскав ба шарофати ҳуҷҷатҳои Архиви Оренбург давраи ниҳоят муҳим, мураккаб ва тақдирсози мардуми мо ба забон даромад. Акнун ҳиммату кӯшой, заҳмату худфидой лозим буд, ки он чи таърих мегӯяд, ба тариқи илмӣ таҳқиқ ва таълиф гардад ва дар саҳифаҳои қиссаҳову достону романҳо ба либоси бадеӣ дарояд. Дертар ин ҳама вскеаву ашхоси таърихӣ дар ду романи ман тасвир ва мунъакис гардид.

Дар рӯзҳои истироҳат ва соатҳои фориғ аз архив Оренбургро тамошо

мекардам. Бештар ба таърихи шаҳр тааммуқ мекардам. Дар фазои шаҳр садои таърихро мешунидаму рӯҳи асрҳои гузаштаро дар замири дил медидам. Тасвири сеҳромезу пурҷилои Пушкин дар қиссаи "Духтари капитан" ҳамеша пеши назар буд. Баробари ин симои тоҷирону мубоширони бухориву самарқандӣ, тошкандиву хӯқандӣ дар либоси рангорангу дасторҳои мулавван, шутуру аспҳои пурбор ва тиму сароҳои савдогарони русу тоҷику қазоқу тотору бошқирд ...гуфтугӯи мардуми гуногунзабон, садои азони мусалмонӣ ва зангӯлаҳои калисоҳои масеҳиён ҳини сайру гашти шаҳр дар тафаккур мутасаввир мегашт. Ин шаҳр ҷангҳои харобиовар ва кушторҳои мудҳишро надидааст. Зимомдорону генералҳои рус ин шаҳрро ҳамчун ҳалқаи ба ҳам пайвастани шарқу ғарб, ҳамчун қалъаи истеҳкоми муносибатҳои мусолиматомези Русия бо кишварҳои ҳамсояи ҷанубӣ истифода мебурданд. Шаҳр худ маркази миллату қавмҳои гуногун буд. Тоҷирон ва коргузорони Осиёи Миёна дар маҳалле сукунат доштаанд, ки машҳур ба "Гузари Бухориён" будааст. Кӯчае ки дар соли сафарам бо номи "Бухарская" дар маҳалли ободи шаҳр воқеъ буд, шояд бозмондаи ҳамон гузар бошад. Ҳавлиҳои кӯча тарҳи биноҳои шарқиро маҳфуз дошта буданд.

Аз сафари Оренбург бо як ҷаҳон таассурот бозгаштам. Ин сафар азму нияти маро боз ҳам қавитар кард, ки дар бораи Аҳмади Дониш, дар бораи Бухорои он давр, дар бораи муносибатҳои Русияву Бухоро на як китоб, балки чанд асари илмӣ ва роману қиссаҳои таърихӣ навиштан лозим аст.

Омӯзиши Аҳмади Дониш танҳо иборат аз ҷустучӯҳои рӯзгору фаолияти илмию давлатии вай набуд. Ин ҳама зоҳири масъала буд. Баробари ҳамин ба ҷаҳони тафаккуру андеша ва эътиқоду ақоиди ин шахс, ба ҷаҳони шинохти масъалаҳои иҷтимоиву сиёсии асраш ворид гаштан лозим буд. Барои ин осори бозмондаи Донишро пайдо кардан, онро саҳифа ба саҳифа, сатр ба сатр хондан ва фаҳмидан калиди ҳамаи мушкилот ба шумор мерафт. Вақте ки ба ин кор шурӯъ карда будам, дар илм ба ҷуз "Наводир" боз ду-се рисолаи вай маълум буду бас. Дар ҷараёни кор аз захираи дастнависҳои Институти шарқшиносии Тошканд чанд дафтари хотирот ва ёддоштҳои мухталифи муаллиф ба даст омад. Боз як дастнависи асари мукаммали иборат аз бобу фаслҳои гуногун пайдо шуд, ки кормандони китобхона шартан "Баёзи мансур" номгузорӣ карда буданд. Ин нусха ва ду дафтари ёддошт ва хотираҳои муаллифро фотокопӣ намудам. Ҳама ин маводи пуразриш ва пурмӯҳтаво донишу иттилооти маро дар шинохти Дониш тавсиа ва такмил дод.

Вале ҳамаи ин ҳанӯз заминаи аслии фаҳмидани ақоид ва афкори Дониш набуд. Кушоиши ҷаҳони маънавии Аҳмади Дониш танҳо дар натиҷаи хондан ва *фаҳмидани* (инро махсусан таъкид мекунам) асари асосии вай "Наводир-ул-вақоеъ" даст медиҳад. Ба ин бовари қатъӣ пайдо кардам ва ба ин кор азму ҷазми сахт намудам.

Ба хондану омӯхтани "Наводир" соли 1956 шурӯъ карда будам. Баъд аз ба табъ расонидани пораҳои ин асар соли 1957 пайваста ба омӯхтани асар машғул будам. То соли 1966 "Наводир"-ро панҷ ё шаш маротиба хонда баромадам. Ва ҳар бор аз маънӣ ва мазмуни асар амиқтар огаҳӣ ва дониш ҳосил менамудам. Барои дурусттар ва боз ҳам зиёдтар фаро гирифтани мундариҷоти асар таълифоти мутафаккир ва файласуфони гузаштаро, аз

қабили Форобӣ, Ибни Сино, Ғаззолӣ, Насириддини Тусӣ, Саъдӣ, Румӣ, Бедил ба қадри ҳолу донишам мутолиа менамудам. Дар натиҷа метавон гуфт моҳият ва мавзӯъу мӯҳтавиёти ин асарро аз худ намудам. Дар ин кор аз дониши пухтаи падарам дар Қуръону фалсафаи Румиву Бедил низ баҳрабардор будам.

Хулосаи сухан ин аст, ки дар миёнаҳои солҳои шастум ба навиштани китоби илмӣ дар бораи Аҳмади Дониш худро омода медидам. Фақат шароиту вазъи мусоиде зарур буд, ки ба ин кор шурӯъ кунам. Баъд аз он ки охири соли 1965 шодравон Абдулғанӣ Мирзоев пешниҳод намуд, ки таҳқиқоти дар адабиёти қарни 19 анҷом додаамро дар шакли рисолаи докторӣ таълиф намоям, аз таҳқиқоти зиёда аз понздаҳ солаам ба хулосае омадам, ки мавзӯъи рисолаи докториам ҳатман бояд Аҳмади Дониш ва давраи навини адабиёти тоҷик марбут ба номи ин нависанда ва мутафаккир бошад.

Дар риштаи илмӣ Аҳмади Дониш ва "Наводир"-и ӯро ду нафар олими номдори мо омӯхта буданд: академик Зариф Раҷабов ва академик Алоуддин Баҳоуддинов. Ман бо рисолаҳои доктории онҳо дар ин мавзӯъ солҳои таҳсили аспирантура шинос будам. Дертар бо ин олимон ошно шудам ва тарҳи дӯстиву бародарӣ байни мо густурда шуд.

Зариф Раҷабов аслан аз тоҷикони Хуҷанд буд. Вай дар Тошканд таҳсили илм намуда, дар ҳамон ҷо дар риштаи тадқиқ ва омӯзиши адабиёт ва ҷунбиши "ҷадидизм" кор мекард ва дар ин соҳа донишманди намоёни ӯзбек буд. Соли 1948 Раҷабов бо амри дил ва даъвати Бобоҷон Ғафуров ба ватани аслии тоҷикиаш бозгашт. Баъд аз ташкили Донишгоҳи нахустини тоҷик ректори ин донишсаро таъин гардид. Баъд аз ташкили Академия Раҷабов ба узвияти он интихоб шуд ва чандин сол сарпарастии Институти таърих ва баъд роҳбарияти шӯъбаи илмҳои иҷтимоии Академияро дар ӯҳда дошт.

Раҷабов асарҳои илмиашро ба забони русӣ таълиф мекард. Дар аввали соли дувуми ба Сталинобод омаданам бо хоҳиши нашриёт ва илтимоси ғоибонаи Раҷабов китобчаи ӯро аз русӣ ба тоҷикӣ гардондам. Дар ҷараёни кор чанд бор бо Раҷабов мулоқот иттифоқ афтод. Олими номдор ва ректори Донишгоҳ ба ин ҷониб бо ҳусни таваҷҷӯҳ муносибат мекард. Аз ҳамин ҷо байни мо дӯстиву бародарӣ барқарор шуд, то он ҷое ки гоҳо маро ба маҳфилҳои хоссаи худ даъват мекард ва ба дӯстону меҳмононаш бо эҳтиром муаррифӣ менамуд.

Баъд аз чоп шудани китоби аввалини маҷмӯаи осори Дониш муносибати дӯстонаи вай ба ин ҷониб зиёдтар шуд. Мегуфт, ки танҳо як тарафи осори Донишро иртиботан бо афкори сиёсиву иҷтимоии нависанда омӯхтааст. Иқрор мешуд, ки вай "Наводир"-ро аз аввал то охир нахондааст ва ин корро бояд ҷавонон кунанд. Зариф Раҷабов дар бораи афкор ва фаолияти Дониш чанд китоб ва мақола таълиф намудааст. Ҳамчун мутафаккир ва ходими пешқадами давлатӣ тавҷеҳ намудани шахси Дониш аз тарафи олими номдор ва коммунисти санҷидашуда барои эътироф гардидани Аҳмади Дониш дар ҷомеаи шӯравӣ аҳамияти калон дошт. Банда инро қадршиносӣ мекардам. Ба муносибати ҷашни 60-солагии Раҷабов дар бораи арзиши ин риштаи фаолияти илмии вай мақола навишта будам.

Зариф Раҷабов ба ҷуз омӯзиш ва таблиғи Дониш дар ташкил ва чопи

таърихи панҷилдаи халқи тоҷик, тадриси таърих дар Донишгоҳ ва таҳқиқи таърихи маданият ва маорифи давраи шӯравӣ бо муваффақият кор мекард. Ва замоне расид, ки вай бо исрор ва ташвиқи ҳамсараш (яҳудизан) якбора хонаи пуршукӯҳи худро ба квартираи Маскав иваз намуда ба он шаҳр кӯчид. Баъд аз ин иштирок ва самараи корҳояш дар илми ҷумҳурӣ суст шуд. Аз баъзе рафиқон мешунидам, ки худи вай ҳам дар Маскав ҷудо аз ватану муҳити илмӣ дилтангу дилгир аст. Бори охир бо ӯ соли 1986 дар Маскав мулоқот намуда будам. Ба хонааш телефон карда, як нусхаи хуби "Наводир"-ро барои фотокӯпӣ аз вай ба амонат хостам. Мувофиқат кардем, ки дар назди китобхонаи Ленин ҳамдигарро мебинем. Дар соати муқаррар омад, каме сӯҳбат кардем. Медидам, ки шитоб дорад. Гуфт, ки дар хона ҳама ба кор мераванд ва нигаҳбонии набераҳо дар зиммаи ӯст. Рафт. Дар чеҳраи рангпарида ва қомати хамидааш осори пирӣ ва бештар акси дилтангиву танҳоӣ намудор буд. Баъд аз як сол даргузаштааст. Аз фавти вай дӯстону шогирдон ва аҳли илм дертар хабардор шуданд. Шунидаму ба рӯҳаш фотиҳа хондаму бас.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи Аҳмади Дониш донишманди файласуф Алоуддин Баҳоуддинов низ ҳиссае гузоштааст. Тадқиқоти ӯро дар омӯзиш ва таблиғи Дониш ҳамчун файласуф ва мутафаккири маорифпарвар ҳанӯз дар соли 1951 дар китобхонаи Институти фалсафаи академияи СССР хонда будам. Баъд аз бозгашт ба Душанбе бо ин шахс ошно шудам. Ҳарчанд мулоқоту ҳамнишинӣ нисбатан камтар воқеъ мешуд, аммо байни мо риштаи дӯстиву эҳтиром вуҷуд дошт. Баҳоуддинов шахси ниҳоят нотиқ ва соҳиббалоғат, ба русиву тоҷикӣ хуб сухан мекард. Одами тез ва ниҳоят ҷасуру далер буд. Вай дар замони ҳокимияти мутлақи идеологияи коммунистӣ таърихи фалсафаи даврони исломии тоҷикро зинда кард. Файласуфони ҷавонро ба омӯхтани осори фалсафии гузаштагон далер намуд. Мактаби фалсафии ӯ ва махсусан китоби пуразришаш дар таърихи афкори фалсафии тоҷикон доираи таҳқиқот ва масъалаҳои муҳимтарини омӯзиши мероси фикрииии гузаштаи моро густариш дод. Ба номи шодравон гузошта шудани Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи академия нишони эътирофи хидматҳои ӯст дар равнақу ривоҷи илми фалсафаи тоҷик. Баҳоуддинов дар аҳвол ва осори Дониш ҳамчун файласуф китоби махсус таълиф накардааст, аммо дар таърихи фалсафаи мо ва халққои СССР дохил гардидани Аҳмади Дониш ба тавассути пешниҳодот ва ташвиқи ҳамин кас сурат гирифта буд.

Соли 1969 дар Маскав дар мавзӯъи Аҳмади Дониш ва адабиёти давраи ӯ дар тараддуди дифоъ буданамро шунида хеде шод шуд. Ваъда кард, ки ҳатман ба рӯзи дифоъ расида меояд ва агар зарур афтад, ба сифати оппоненти расмӣ баромад ҳам мекунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Бобоҷон Ғафуров аз омадани Баҳоуддинов ба Шӯрои илмии Институти шарқшиносӣ хурсанд шуд. Баъд аз тамом шудани маҷлиси дифоъ Баҳоуддинов ва боз чанд дӯстони дигарашро ба кабинет даъват намуда, қадаҳҳои шароби ноб оварад. Ҳатто барои хотира аккосро даъват намуда, аз ин мулоқот аксҳо бардошт. Чанде аз ин аксҳо ҳоло чун хотираи лаҳзаи хуби зиндагиам дар дасти ман аст.

Пеш аз дифоъ Баҳоуддинов дар меҳмонхонаи намояндагии Тоҷикистон

ҷой гирифта буд. Банда ҳам бо ҳамсарам дар он ҷо будам. Бегоҳиҳо дар хонаи Баҳоуддинов бо Шавкат Ниёзӣ аз сӯҳбати ширину гуфторҳои риндонаи вай лаззат магирифтем. Вале ҳис мекардем, ки Баҳоуддинов беморие дораду мехоҳад баъд аз дифоъ дар бемористони Кремл барои муолиҷа хоб кунад. Рӯзи 17 январ ӯро то бемористони Кремл (собиқ дачаи Сталин) гусел кардам. Дар роҳ фаҳмидам, ки бемории ҷиддӣ дорад. Ин беморӣ баъдтар зиёдтар шуд. Дар асари ҳамин беморӣ Баҳоуддинов 2-ми феврали соли 1970 дар Душанбе дар синни 59 сол ин ҷаҳонро падруд гуфт. Раҳматуллоҳи алайҳи!

ҲОСИЛИ РАНҶИ СИСОЛА

Аз соли 1967 ба навиштани тадқиқоти нав дар аҳвол ва осори Аҳмади Дониш шурӯъ кардам. Ҳадафи ниҳоӣ он буд, ки ин таҳқиқотро ба сони рисолаи докторӣ ба дифоъ пешниҳод кунам. тамоми соли 1967 ва аввали 68 то моҳи апрел ба навиштани ҳамин асари илмӣ гузашт. Асарро ду нусха барои баррасӣ ва матраҳи донишмандони Институти шарқшиносии Маскав омода кардам. Охири моҳи май бо аҳли оила ба Маскав рафтему дар хонаи дӯстам Муҳаммад Нурӣ Османов иқомат гузидем.

Тобистони соли 1968 дар Маскав хеле хуб омад. Ману ҳамсарам бо фарзандон бегоҳиҳо баъд аз кор дар боғу марғзори сабзу хушҳавои Ленинские гори гардиш мекардем. Гоҳе имкон пайдо карда, ба дохили Донишгоҳ роҳ ёфта, ба Фарангиси ёздаҳсола ва Фаредуни нӯҳсола ҷойҳои таҳсили модарашонро нишон медодем. Гоҳ дар хиёбон ва гулгашту фаввораҳои зебои атрофи сафоратхонаи Чин тафарруҷ менамудем.

Дар Маскав рисоларо таҳриру тасҳеҳи охирин бароварда ба муҳокима омода кардам. Охири моҳи июн бо иштироки зиёда аз 25 нафар донишмандони Шӯъбаи адабиёт муҳокимаи рисола барпо шуд. Хеле ба тафсил ва бо ҳусни таваҷҷӯҳ қариб чаҳор соат баррасӣ карданд ва ба як раъй мувофиқат карданд, ки монографияи банда ба номи "Аҳмади Дониш ва адабиёти маорифпарвории тоҷик" барои дифоъ ба Шӯрои илмии Институти шарқшиносӣ пешниҳод шавад.

Баъд аз ин боз ду моҳ дар Маскав бо таҳриру такмили рисола ва таълифи автореферат машғул шуда, ҳамаро ба дастгоҳи мудирияти Институт супорида ба Душанбе бозгаштам ва мунтазири он будам, ки рӯзи баргузории Шӯрои илмӣ муайян гардаду ман барои дифоъ ба Маскав равам.

Муносибат ва дӯстии муҳаққиқони Институти шарқшиносии Маскав бо олимони тоҷик ва муассисаҳои илмии Тоҷикистон ниҳоят самимиву ғамхорона буд. Чунин робитаҳои дӯстона ҳанӯз дар замони зиндагии шодравон Бертелс вуҷуд дошт. Дертар чунин муносибату алоқаҳои дӯстона дар шахси Брагинский ва донишмандони насли мо боз ҳам мустҳкамтар гардид. Баъд аз ба директории Институт баргузида шудани Бобоҷон Ғафуров ба рӯи олами Шарқ дари ин боргоҳи улум васеътар кушода шуд. Барои мо, тоҷикон, Институт, директори он ва муҳаққиқони эроншинос дӯстони ҷонӣ ва такягоҳи мӯътамад буданд. Аз чанде донишмандони Институт дар сафаҳоти гузашта ба қадри тавону имконам ҳикоят кардам. Ин ҷо мехоҳам боз аз шахси хеле намоёни ҳамин пажӯҳишгоҳ – аз муршиди ҷавонон ва дӯсти дерини тоҷикон Комиссаров чанд сухан гӯям.

Даниил Самуилович Комиссаров донишманди риштаи адабиёти давраи навини Эрон аст, вале доираи фаолият ва таҳқиқоти вай васеътар аз тахассуси маҳдуди ӯст. Комиссаров солҳои 1928-30-ми қарни гузашта дар Тоҷикистон барои ба роҳ мондани мактабу маорифи ҷумҳурӣ хидмат кардааст. Дар ин ҷо забони тоҷикиро – илова ба забони эронии муосир – хеле хуб омӯхта, ба оину русуми мардум хуб ошной дошт. Аз зиёиёни тоҷик ва маъмурони ҳизбию давлатии рус дӯстон ва ҳамкорони зиёд пайдо карда, то охир бо онҳо дар робитаи наздики рафиқона буд. Комиссаров дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Ленинград таҳсили илм ва дертар тадрис мекард. Дӯстии ниҳоят меҳрубононаи вай бо Александр Болдирев ҳамоно аз ҳамин ҷо сар шудааст. Солҳои 1940-50 дар Эрон маъмурияти дипломатӣ дошт. Баъд аз ин дар қатори бисёр дипломатҳои хориҷӣ ба гумон ва гуноҳҳои номаълум маҳбус шуд. Баъд аз озодӣ аз маҳбас аз соли 1954 то имрӯз дар Институти шарқшиносии Академияи Россия ба фаолияти илмӣ машғул аст (ҳоло 97 сол дорад).

Комиссаров аз аввали солҳои шастуми а.г. зуд-зуд ба Душанбе меомад, дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳ аз адабиёти навини Эрон дарс мегуфт, бо муассисаҳои илмии Академия ҳамкорӣ мекард, дар ҷашну идҳои ҷумҳурӣ ширкат менамуд.

Комиссаров роҷеъ ба адабиёти маорифпарварӣ ва муосири Эрон чандин китобу мақмӯаҳои пуразриш ба чоп расонидааст. Аммо ин ҳама кору фаолияти вай на ба дараҷаи ҷонфишонии аз ҳад берун (чунончи мисли Брагинский), балки ба як тартибу низоми устувор анҷом мегирифт. Дар зиндагӣ ва низоми рӯзгузаронӣ ҳам тартиби соату фароғатро риоя менамуд. Дар маҳфилу сӯҳбат маъракаоро ва хушгуфтор аст, аз ҳар гӯшаву мавзӯъ нақлҳои марғуб менамуд, аммо аз солҳои фаолияти дипломатӣ ва рӯзгори сиёҳи маҳбусиаш нашунидаам, ки ҳарфе зада бошад.

Тирамоҳи соли 2003 дар Маскав будам, мехостам ба дидораш расам, вале гирифториҳои дигар монеъ шуд. Бо телефон сӯҳбат кардам – хаёл кардам аз мулоқоти охирини мо на понздаҳ сол, балки як ё ду сол гузаштааст. Пирамарди наваду шашсола мисли солҳои пеш бо овози бардаму ноларзон сӯҳбат мекард. Осори пирӣ аз дур эҳсос намешуд.

Моҳи декабр барои иштирок дар мақлиси Шӯрои танқиди Иттифоқи нависандагони СССР ба Маскав даъват карданд. Баъд аз тамом шудани мақлис ба назди Бобоҷон Ғафуров рафтам. Хеле хуш қабул кард. Гуфт, ки рӯзи дифоъ ба 16 январ соли 69 таъйин шудааст. Шӯрои илмӣ бо сарварии худи вай барпо мегардад. Дигар Бобоҷон Ғафуров дар бораи Аҳмади Дониш ва мақоми бузурги вай дар таърихи тоҷикон сухан кард.

— Ман хурсандам, ки ба шарофати рисолаи доктории шумо дар бораи Аҳмади Дониш асари мукаммал таълиф гардид. Лекин ин аввали кор аст. Аҳмади Донишро дурусттар, амиқтар ва аз паҳлуҳои гуногун омӯхтан лозим аст. Айнӣ бе асос ин шахсро дар асри сарду торики Бухоро ба ситораи тобон ташбеҳ накардааст. Ин шахс ифтихори таърихи маданияти мост. Аз ин сабаб шумо баъд аз дифоъ ҳам омӯхтани Донишро давом диҳед. Дигарон ҳам бояд ба шумо ҳамроҳ шаванд.

13-ми январи соли 1969 бо Баширахон ба Маскав омадем. Аз

меҳмонхонаи Тоҷикистон дар кӯчаи Шчусев (ҳоло сафоратхонаи мо дар Россия) ҷой гирифтем. Ҳамон рӯз бегоҳӣ Алоуддин Баҳоуддинов низ расида омад. 16-ми январ дар Шӯрои илмии Институти шарқшиносӣ дифоъи рисолаи докториам барпо гардид. Расо понздаҳ сол пеш дар ҳамин толор рисолаи номзадӣ дифоъ карда будам. Дар тӯли понздаҳ сол ҳамоно далеру нотарс шудаам, ки ин дафъа дар дил тарсу биму изтироб набуд. Ҳамагӣ хуб гузашт.

Баъд аз пазироии дӯстона дар ҳузури Бобоҷон Ғафуров дар яке аз толорҳо ресторани Хонаи адибон (ТсДЛ) дар зиёфати оростаи ин ҷониб ҷамъ шудем. То ними шаб хурсандиву майнӯшиву сурудхонӣ кардем. Бо ҳамин ба заҳмату меҳнати чандсола таммат билхайр гузоштем.

"Ситорае дар тирашаб". Соли 1960 Абдулғанӣ Мирзоев матни илмию интиқодии Рисолаи таърихии Донишро ба табъ расонд. Соли 1967 тарҷумаи русии Рисоларо Инна Наҷафова дар нашриёти "Дониш" аз чоп баровард. Дар аввали солҳои ҳафтодум шунидам, ки Шӯъбаи фалсафа (ҳоло Институти фалсафа ва ҳуқуқ) ба тартиб додани матни илмию интиқодии Аҳмади Дониш ба ҳуруфоти кириллӣ шурӯъ намудааст. Маълум буд, ки илми донишшиносӣ вусъат пайдо мекунад.

Таҷрибаи солҳои гузашта собит намуд, ки барои бештар интишор додани маъруфияти Дониш дар доираи васеъи аҳли илм ва дар байни мардум, барои боз ҳам бештар нашр гардидани осори ӯ ҷашни зодрӯзи нависандаро ҳам дар доираи Ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он баргузор намудан лозим аст.

Дар аввали моҳи марти соли 1974 ба Кумитаи марказии ҳизби Тоҷикистон дар бораи зарурати гузаронидани ҷашни 150-солагии таваллуди Аҳмади Дониш аз номи Институти забон ва адабиёт нома фиристодем. Ба мактуб дар бораи нашри китобҳои ҷашн ва рӯзи таҷлили соҳибҷашн лоиҳаи қарорро низ илова намудем.

Моҳҳо гузашту аз нашри қарор хабар набуд. Ман назди Холмурод Шарифов, ки роҳбарии шӯъбаи маданияти Кумитаи марказиро дар ӯҳда дошт ва мо бо ҳам наздик будем, барои ҳалли масъала рафтам. Холмурод Шарифов асли сабаби ба таъхир афтодани имзои қарорро ба тарзи ғайрирасмӣ шарҳ дод. Гап дар он буд, ки дар ин вақт Шароф Рашидов, дабири аввали ҳизби Ӯзбекистон, дар назари саронии роҳбарияти Маскав мартабаи калон дошт. Аз ин сабаб сарварони ҳизби Тоҷикистон дар таҷлили ҷашни Дониш, ки зодаи Бухоро – шаҳри дохили хоки Ӯзбекистон аст, андеша кардаанд, ки ӯро бе восита тоҷик гӯянд. Роҳбарони воломақом гуфтаанд, ки Аҳмади Донишро донишманди Осиёи Миёна гуфтан беҳтар аст. Гузашта аз ин ба ҷашн ҳатман як-ду нафар олими намоёни ӯзбек ва чанд нафар донишмандони бухориро даъват намудан лозим аст. Гуфтам, ки ин ҳама супоришҳо ба назар гирифта мешавад.

Ниҳоят рӯзи ҷашнро ба 15 декабр 1976 таъин карданд. Баъд аз суханронии раиси кумитаи ҷумҳуриявии тадорукоти ҷашн, муовини сарвазир Рустамбек Юсуфбеков ба меҳмонони ӯзбек сухан доданд. Баргузории ҷашн дар рӯзномаам сабт шудааст ва роҷеъ ба суханронии файласуфи номдори ӯзбек Музаффар Хайруллоев навиштаам, ки "як нутқи носамимона кард", ки ҳозирон сард қабул карданд. Нутқи ба забони тоҷикӣ эрод кардаи устоди

институти педагогии Бухоро Тоҷиддин Қароевро аҳли толор бо кафкӯбиҳои дунболадор истиқбол намуд.

Ба муносибати ҷашн маҷмӯаҳои нави асарҳои Дониш ба забони тоҷикиву русӣ, матни интиқодии "Рисола дар назми тамаддун ва таовун", китобҳои Зариф Раҷабов ва ин ҷониб дар рӯзгор ва осори Дониш ба чоп расид.

Қаблан хабар расида буд, ки дар Шӯъбаи ленинградии Институти шарқшиносӣ ҳамоиши илмии ҷашни 150-солагии Дониш барпо хоҳад шуд. Барои ширкат дар ин маҷлис бо Ғаффор Ашӯров ба Ленинград рафтем. 20-ми декабр дар толори эроншиносии муассисаи мазкур ҳамоиши ҷашн барпо гардид. Дар ин ҳамоиш ба ҷуз мову кормандони эроншинос профессор Болдирев суханронӣ кард.

Дар Институти педагогии ба номи .Айнӣ дар шаҳри Самарқанд низ 4-ми январ маҷлиси бо шукӯҳе ба ифтихори ҷашни Дониш барпо гардид. Дар маҷлис, ки тоҷикони фидокори шаҳр Абдулмӯъмин Фаттоҳов ва Раҳимҷон Муқимов барпо карда буданд, қариб тамоми зиёиёни тоҷику ӯзбеки шаҳр иштирок намуданд.

Ниҳоят бо роҳнамоии Бобоҷон Ғафуров 2-ми марти соли 1977 дар Институти шарқшиносии Маскав таҷлилӣ ҷашни Аҳмади Дониш барпо гардид. Ба сабаби оризае Ғафуров натавонист дар маҷлис ширкат кунад. Дар ин маърака ғайр аз донишмандони институт нависандагону мутарҷимони рус, зиёиёни тоҷики муқими Маскав ва донишҷӯёну аспирантҳои тоҷикистонӣ ширкат доштанд. Аз Тоҷикистон ба сифати меҳмон ва нотиқон Муҳаммад Осимӣ, Зариф Раҷабов ва банда даъват шуда будем. Дар ҳамоиш олимони Институт Федор Гирс, Иосиф Брагинский ва Комиссаров гузоришҳои хуб ироа доштанд.

Ин буд ҳусни хотимаи ҷашни бошукӯҳи 150-солагии Аҳмади Дониш. Ҷашн на танҳо маъруфияти Донишро интишор дод, балки ба адабиёту тамаддуни тоҷик мансубияти узвӣ доштани ӯ, бузургии шахси ӯ, тафаккуру андешаи ӯро собит намуд. Дар таҷлили ҷашни Дониш, дар интишори осори вай бе шак иштироки аҳли илму адаби мо калон буд. Ҳамчун як нафар донишманд ва муҳаққиқи Дониш фахр мекардам, ки дар муддати даҳ сол саъю кӯшиши ман дар таблиғ ва бузургдошти Дониш асаре аз худ боқӣ гузошт.

Ба назар чунин мерасид, ки дар омӯхтану таблиғи Аҳмади Дониш он чи аз дастам омад,анҷом додам, акнун ба кори дигар шурӯъ кардан ҳам мумкин аст. Лекин садои дил мегуфт, ки ҳоло такопӯй дар ин роҳ тамом нашудааст. Орзуи асари бадеъии таърихӣ дар бораи Аҳмади Дониш ва замони ниҳоят пурҳаводиси вай навиштан маро ором намегузошт. Дар давоми даҳ солу дувоздаҳ сол ҳуҷҷату санадҳои таърихӣ чунон зиёд ба даст даромад, ки чанд достону қиссаҳо сохтан мумкин буд.

11-ми августи соли 1965 дар рӯзномаам навиштаам: "...Дар Иттифоқ (и нависандагони СССР) Ҷалол Икромиро дидам. Гуфт, ки "Ҳодизода, ман нони шуморо нимта карданӣ, дар бораи Аҳмади Дониш роман навиштанӣ ҳастам". Ҷавоб додам: "Дар адабиёти мо дар як мавзӯъ, чунончи дар мавзӯъи "Лайлӣ ва Маҷнун" чандин достон навиштаанд ва ҳеч кас ба касе халал нарасондааст." Гуфт: "Оё шумо ягон чизи калон навиштанӣ ҳастед?" Гуфтам: "Охири соли 1964 ба нашриёт заявка дода будам, ки қисми аввали романи

таърихии "Ситораи саҳарӣ"-ро тамом карданӣ ҳастам. Ман одат дорам, ки дар бораи чизҳои менавиштагиам ба касе сухан намекунам". Гуфт: "Не, не, навиштан гиред". Намедонам ин суҳанро ба чӣ маънӣ гуфт".

Бо Ҷалол Икромӣ муносибатҳои ҳасана доштем. Мақоми романнависии ӯро эътироф ва эҳтиром мекардам. Аммо яқин доштам, ки дар бораи Аҳмади Дониш роман навишта наметавонад. Зеро барои ин на танҳо қудрати нависандагӣ, балки тафаккури тадқиқгарона ҳам лозим аст. Албатта, мани ҷавон ба нависандаи пуркор чунин сухани густохона гуфта наметавонистам.

Ростӣ ки худам ҳам ба қудрати дар бораи Дониш роман навиштанам шакк доштам. Дар ин солҳо чанд қиссаву ҳикояҳои таърихӣ навишта, ҳарчанд ба маҳбубият ва эътирофи аҳли сухан ва хонанда сазовор шуда будам, вале дар мавриди навиштани романи таърихӣ ба имконот ва таҷрибаи эҷодии худ бовар камтар буд.

Чӣ шуду худои мутаол дар роҳи мушкилотам кушоиш ато намуд. Аз бахши адабиёти бачагони нашриёт супориш шуд, ки дар бораи Аҳмади Дониш қиссаи илмию бадеъӣ таълиф намоям. Ин супоришро ба ҷон қабул кардам, зеро дар таълифи ин асар имкон доштам нақли илмиро бо тахайюлоти бадеӣ ҳамоҳанг созам. Ин қадаме буд ба навиштани романи оянда.

Қиссаи илмию бадеии Аҳмади Дониш соли 1967 ба табъ расид ва хонандагон онро хуб пазируфтанд. Боз мавридҳо шуду "давлат мусоид омаду иқбол чокарам". Аз студияи Тоҷикфилм хоҳиш намуданд, ки дар сохтани филм дар бораи Аҳмади Дониш ба як нафар муаллифи филмнома ёрию мушоварат кунам. Муаллифи филмнома Валентин Максименков ном ҷавони мутахассиси санъати кино маҳсуб мешуд, лекин аз рӯҳу асли моҳияти Дониш ва эҷодиёти ӯ хеле дур буд. Баъд аз хондани сенарий рӯи рост гуфтам, ки дар ин асар Аҳмади Дониши таърихӣ нест ва бо машварату тасҳеҳ корро ба ифоқа оварда намешавад. Хулоса, аз ҳамкорӣ ва мушовирии филм даст кашидам.

Баъд аз ин коргардони филм Абдусалом Раҳимов ба миёна даромад. Абдусалом Раҳимов ходими ба чашм намоёни санъати театри тоҷик буд. Вай дар саҳнаи театри тоҷик чандин нақшҳои барҷастаро офарида, инчунин дар сохтани чанд намоишнома ба сифати коргардон низ ҳунарнамой кардааст. Дар охири солҳои шасту аввали ҳафтоди асри гузашта бештар дар студияи Тоҷикфилм ба сони ҳунарпеша ва коргардон кор мекард. Абдусалом Раҳимов забони русӣ ва адабиёти русро хуб медонист. Дар консертҳои калон ва радиову телевизион ашъори шоирони рус ва классикони шеъри тоҷикро ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба русӣ ниҳоят хуб мехонд. Гуфтан метавон аз ҳунарпешагони хеле хушмутолиа ва огаҳ аз адабиёти гузаштаву муосир буд. Абдусалом Раҳимов хушодоб, хушсухан ва дар муошират муомила намунаи шахси пешқадам ва ибратбахши ҷомеа ба шумор меомад. Ҳарчанд ҳамкориву ҳамнишинӣ надоштем, вале дар мулоқоту баъзе маҳфилҳо ба ҳам эҳтирому иродат иброз менамудем.

Ҳамин Абдусалом Раҳимов ба миёна даромада хоҳиш намуд, ки банда аз муаллифони асосии филмнома бошам. Сухани Раҳимовро рад карда натавонистам. Фақат шарт гузоштам ва дар шарҳи шарти худ гуфтам:

— Шумо медонед, навиштани сенарии филм кори махсусест, ки гумон аст дар ин сохту шакл чизе навишта тавонам. Беҳтар ин аст, ки қиссае нависам

бо назардошти сохту хусусиятҳои филми бадей. Аз рӯи қисса бигузор Валентин Максименков ва шумову режиссёри дигар сенарий дуруст кунед. Он гоҳ ин филмномаро якҷоя баррасӣ карда ба қароре меоем ва шумо ба сохтани филм шурӯъ мекунед.

Пешниҳод қабул шуд. Ман бо он тавону қудрати нависандагӣ, ки доштам, ба навиштани асари аввалини бадей дар бораи Аҳмади Дониш нишастам. Дар охир қиссае ба миён омаду "Сапедадам" ном гирифт. Аз рӯи қисса сенарий сохтем ва Абдусалом Раҳимов бо ҳамкории режиссёри Ленфилм Игор Усов филм бардоштанд. Филм дар аввали соли 1970 бо номи "Звезда в ночи" ("Ситорае дар торикистон") ба экрани умумииттифоқӣ баромад. Филм дар баъзе лаҳзаҳо аз қисса ва умуман аз назароти ман дур, аммо аз ҷиҳати санъати кино ба дараҷаи филмҳои студияҳои марказӣ буд. Афсӯс ки ин филм ҳоло фаромӯш шудааст.

"Сапедадам"-ро киноповест ном ниҳода будам. Баъд аз мунташир гардидан дар "Садои шарқ" бисёр рафиқон гуфтанд, ки ин асар повести ҳақиқӣ аст ва дар нашрҳои оянда ба ҳамин унвон ояд, беҳтар аст. Соли 1976 дар нашриёти "Ирфон" бо ҳамин ном маҷмӯаи қиссаҳои ман нашр гардид. Соли 1978 дар Маскав дар нашриёти "Советский писател" дар маҷмӯаи "Струны танбура" низ ин қисса мундариҷ гардид. Дар маҷмӯъа пеш аз ҳама симои Аҳмади Дониш мавриди таваҷҷӯҳи аҳли адаби рус гардид. Чунончи шоир ва мутарҷими номвар Семён Липкин баъд аз хондани китоб дар номааш навишта буд: "Барои китоби "Струны танбура" ташаккур. Дар ин китоб шумо ҳамчун Тинянови хоссаи тоҷикон зуҳур мекунед, ки вай дар шахси худ олим ва нависандаро таҷассум намудааст. Барои ман повести Аҳмади Дониш махсусан шавқовар буд. Умедворам, ки ҳалвои шӯҳрат ба шумо зарар намеорад ва ваъда медиҳам, ки ... агар муяссарам шавад, дар бораи ин китоб ҳатман чизе хоҳам навишт". (7 феврал, 1979).

Оммаи хонандаи рус ҳам ба андозае аз ин шахси баргузидаи миллати тоҷик огаҳӣ ёфт. Аз Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) коргари оддии рус пас аз хондани китоби "Струны танбура" чунин нома ирсол карда буд: "Салом, Расул Ҳодизодаи азиз! Китобатон "Струны танбур"-ро хондам ва аз рӯи самимият мегӯям, ки китоби мазкур Шуморо дар назари ман чун нависандаи мумтоз ва ниҳоят ҷолиб ҷилвагар намуд. Қиссаи "Сапедадам" маро бо адиби ниҳоят пурҷозиба ва шахсияти замони гузашта Аҳмади Дониш шинос намуд. Номи ӯро дар адабиёти рус ҳатто нашунида будам. Ҳол он ки мо русҳо ин номро ҳатман бояд донем...6 феврали 79".

Аз хайрхоҳӣ ва суханҳои холисонаи дӯстон тасмим гирифтам, ки имкону тавони таълифи роман пайдост. Бисёр лаҳзаву воқеаҳои роман аз соли шурӯъ намуданам ба навиштани "Сапедадам" дар фикру зеҳн пайдо мешуд, шакле ба худ мегирифт. Дар ин хусус дар рӯзномаам ҳини сафар бо аҳли оила ба Ленинград соли 1967 навиштаам:

"Барои истироҳат 19.07 ба шаҳри Пушкин рафтем. Дар ин ҷо хубтар истироҳат кардам... Дар лаҳзаҳои хуруҷи қувваи рӯҳиву ҷисмонӣ майлу хоҳиши исроркоронаи навиштани асари бадей аз ҳаёти Аҳмади Дониш маро ором намегузорад. Ҳарчанд худро ба корҳои дигар машғул медоштам, аммо симои Дониш ҳамеша дар пеши назарам пайдо мешуд. Лаҳзаҳои ҷудогонаи

ҳаёти ӯ ва муҳити зиндагии вай пасӣ ҳамдигар чун қиссаҳои тайёр дар сару сина сайру гашт мекарданд... Шояд ки ба навиштани асар дар ҳамин наздикиҳо шурӯъ кунам. Шуур худдорӣ карданӣ мешавад, аммо дил маро ором намегузорад".

Охири ҳамин моҳ ба Маскав омадем ва дар хонаи Османов манзил гузидем. Баширахону бачаҳо дар сайру тамошои Маскав мегузарониданд, ман бештар дар китобхонаи Ленин кор мекардам. Дар рӯзномаам навиштаам: "Ҳавои Маскав ниҳоят хуб аст. Дар китобхона оид ба робитаҳои Русияву Бухоро бисёр китобҳои муҳим пайдо шуд. Материалҳои он ҳам барои роман ва ҳам барои монорафия ниҳоят пураҳамият ва муфид аст" (26 июл 1967).

Беқарорию нооромӣ барои навиштани роман махсусан баъд аз дифъаи рисолаи докторӣ шиддат мегирифт. Мисли мурғе ки фарёдзанон ба ҳар сӯй медавад, то ҷои орому осуда пайдо кунаду тухме гузорад. Фурсат набуд, макону замони мусоид даст намедод. Ду сол ба омодагӣ ва баргузории ҷашни Дониш гузашт. Ду соли дигар аз масъулини баргузории ҷашни ниҳоят пуршукӯҳи Айнӣ будам.

Дар охири соли 1978 азми қатъӣ намудам, ки вазифаи мудири бахши таърихи адабиётро муваққатан ба зиммаи шогирд ва муовинам гузошта, аз гирифториҳои маъмурият озод мешавам ва аз соли оянда ба навиштани роман нишинам. Боз ба рӯзнома муроҷиат мекунам: "Орзуи деринаи навиштани роман дар бораи А.Д. то имрӯз амалӣ нашудааст. Албатта дар ин набудани фурсату шароит сабабгор буд. Аммо ба назарам, ман гӯё ба ин кор бо тамоми вуҷудам тайёр набудам. Инак ҳоло зарурат ва талаботи зудтар ба ин кор шурӯъ намуданро ҳис мекунам. Гӯё вақт маро ба ин водор мекунад, фурсат аҷала мекунад Корҳое ки дар зарфи 25 сол дар бораи А. Д. гузаронидам, он ҷизе ки дар бораи муносибатҳои Р. ва Бухоро дар ин муддат хондам, як марҳилаи муҳимми гузашти таърихи халқи моро пеши назар равшан кард, симои шахси бузург А. Д.-ро барои ман ба вуҷуд овард. Акнун, ба назарам, вақти ба ин кор шурӯъ кардан расидааст". (4-1-79).

Аз аввали сол ба сари миз нишастану навиштан даст надод. Боз ба маҷлиси ҳеле шукӯҳманди донишмандону ходимони давлатию ҳизбии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дар мавзӯъи инқилоби октябр ва тантанаи дӯстии байналмилалии халқи шӯравӣ бо гурӯҳи намояндагони Тоҷикистон ба Тошканд сафар кардам. "Хилват дар анҷуман" доштаму ҳамеша дар ёди асари оянда будам. Аз ин сафар ба Душанбе бо қатор бозгашт намудам. Дар Рӯзномаам навиштаам: "Дар рӯзҳои дар Тошканд будан дар соатҳои фароғат ва танҳоии сайругаштҳои ором воқеа ва банду басти романро фикр мекардам. Аз байни пардаҳо оҳиста-оҳиста тарҳи асар намудор мешуд. Имрӯз аз саҳар, ки дар купе танҳо менишастам, боз фикру андеша дар атрофи ин асар банд буд. Се давра, се қисми асар муайян мешуд. ("21 февр. 79)

Бале, шаҳри пуршӯри Бухоро, тиму бозору растаҳои пуродам, масҷиду мадрасаҳои паҳлӯ ба паҳлӯ пасӣ ҳамдигар биногашта, мазору марқадҳои аз мурури замон харобу рангпарида, шаклу шамоили сарварони давлату ҳукумат, симои дилкаши уламову фузалои аср ва дар ин миён чеҳраи дурахшони Аҳмади Дониш – ҳама ва ҳама пасӣ ҳам пеши назар ва гирди сар мутасаввир мегарданд. Бале, романро сар кардан лозим аст. Сатри аввалин

унвони нахустинро бояд аз куҷо оғоз намуд. Намедонистам, ки ба чунин мушкилот рӯ ба рӯ мешавам. Аз куҷо шурӯъ намудан лозим аст, ки ҳамчун мақнотис хонандаро зуд ба худ ҷалб намояд ва ҳам дебочаи рамзии китоб бошад. Ҳанӯз ин андешаҳо дар сар нопухта 22 апрел ба маҷлиси мунаққидон ба Маскав даъват намуданд. Фурсатро ғанимат дониста қариб понсад саҳфа маводи мухталифро аз китобҳои сайёҳон ва муаррихони рус нусхаи ксерокс карда гирифтам, ки шояд дар ҷараёни кор ба онҳо зарурат афтад.

Дар Маскав худ аз худ дар дил ҷозибаи Бухоро пайдо шуд. Пеш аз Душанбе хостам чанд рӯз дар Бухоро бошам. Аз рӯҳи поки Донишу ҳаммаслакони вай имдод талабам, ки дар бардоштани бори зиндагиам дуои хайр диҳанд. Дил гувоҳӣ медод, ки кушоиши кор дар Бухорост.

2-ми май ба Бухоро парвоз кардам. Аз хӯтали пуршукӯҳи маҳаллаи навсохти шаҳр ҳуҷраеро ба иҷора гирифтам. Панҷ рӯз ба касе телефон накардам, хостам, ки танҳо дар кӯчаҳои шаҳр қадам занам, ҷойҳои таърихӣ ва махсусан дохили Аркро, ки Аҳмади Дониш аз онҳо ёдовар шуда, муддате он ҷо хидмат ё иқомат кардааст, бубинам, дар лавҳи хотир мунаққаш созам. Хулоса, мехостам, Бухоро чунон дар зеҳн ҷойгузин гардад, ки вақти навиштани роман шаҳр ҳамеша дар паҳлӯям бошад ё ман дар дохили он бошам.

Рӯзе субҳ ба сӯи Регистон мерафтам, ки дар болои гунбади Масҷиди Калон лонаи лаклакро дидам. Лаклаке болҳои сафеду паҳноияшро кушода ба чӯчаҳояш хӯрок медод ва дар фосила ба атроф назар меафганд. Чунин лонаҳо дар замонҳои пеш дар ҳар манораву гунбади баланди шаҳр воқеъ будааст. Аввали фасли баҳорон лаклакҳо ба лонаҳои худ омада онро тоза мекарданд, тухм мегузоштанд ва то аввали сардиҳо ин ҷо иқомат доштанд. Вақтҳои охир, ки ҳавзаи Зарафшон дар атрофи Бухоро камоб шуда, сайдгоҳи лаклакон торафт маҳдуд мегашт, омадани лаклакон ҳам камтар шудааст. Дар он сол чанд лонаи ба шумури лаклакон дар дохили шаҳр ба назар мерасид.

Дақиқаҳо машғули тамошои лаклаку лонаи ӯ будам. Оё ин паранда ва наслҳои он аз кадом аср ин гунбаду манораҳоро кошонаи худ қарор дода бошад. Чаро барои кошонаву наслгузорӣ на Самарқанд, балки Бухороро интихоб кардааст. Аз куҷо омадаасту ва боз ба куҷо бармегардад... Ғариқи ин хаёлот будам, ки ногаҳ дар сар фикре барқ зад – оё ҳамин лаҳзаро оғози роман қарор додан мумкин нест? Бале, оғози роман ҳамин баҳори Бухорову омадани ҳамин мурғи хушсурату хушбашорат бояд бошад. Овони ҷавонии Аҳмади Дониш ва орзуву умедҳои ҷавононаи вай дар роҳи ҳаёти оянда...

Баъд аз боздид ва мулоқоти дӯстон 10-ми май ба Душанбе баргаштам. Рӯзи дигар сари миз нишастаму дар машинка саҳифаи аввалини романро навиштам:

Баҳори Бухоро аз омадани лаклакҳо сар мешавад...

Сатр паси сатр, саҳифа паси саҳифа навишта мешуд ва таъриху соҳибони таърих гӯё мешуданд, ба ҷунбиш меомаданд. Таълифи роман бе монеа, бе фосила давом мекард. Агар сафаре пеш ояд, чанд дафтари мактабиро бо худ мегирифтаму дар соатҳои мусоид навиштанро идома медодам. Дар дафтарҳои мактабӣ навиштанро аз устод Айнӣ омӯхта будам. Вақтҳои охир медидам, ки ишон таълифоташро дар дафтарҳои мактабӣ менавишт. Нигаҳдорӣ ва тартибу танзими дафтарҳо осон буд.

Дар ҷараёни таълиф як бор ба сафари дур рафтам – ба Қизил Ӯрдаи Қазоқистон. Дар роҳи Оренбург корвони тоҷирон ва сафирони амири Бухоро дар ин шаҳр ва атрофи он таваққуф мекарданд. Саҳрои сабзу хуррам ва маскани мардуми бодиянишинро ба чашми худ дидан лозим буд, то тасвири он муҷассаму муассир бошад.

Навиштани роман аз чашмдошти ман тезтару сареътар мерафт. Дар давоми ду-се соли охир воқеаҳои роман ва симову саргузашти ашхоси китоб ба қадре дар сар пухта буд, ки онҳоро ба чорчӯб ва танзими банду басти роман андохтан мушкил набуд. Албатта дар рафти таълифи роман тафсилу ҷузъиёти нав ва хислату рафтори тозаи ашхоси асар пайдо мешуд. Инҳо низ аз заминаи асосии роман ба миён меомад ва дар хатти ҳаракати умумии воқеаҳо ва характери қаҳрамонон тағйироти куллӣ ворид намекард.

Хулоса расо баъд аз як сол, дар миёнаҳои моҳи маи соли 1980 ба сатри охирини роман нуқтаи таммат гузоштам. Дар ду моҳ ба шиддат таҳрир ва тасҳеҳи онро анҷом дода, барои чопи тоза ба мошинисткаи чобукдаст супоридам.

Барои чопи роман қаблан бо нашриёт шартнома имзо накарда будам. Ба маҷаллаҳо низ иттилооти қаблӣ барои табъу нашри роман эълом надоштам. Дар ҳар сурат дар дил камтар бовар буд, ки оё ин асар дар мақоми роман мақбулият пайдо мекарда бошад.

Роҳи пайдо кардани ҷавоби ин суолро низ ёфтам. Нусхаи аввалини покнависро ба нависанда Ҷалол Икромӣ бурдам. Хеле хурсанд шуд ва гуфт, ки романро ҳар чи зудтар мехонаду фикру андешаҳояшро хоҳад гуфт. Фикру андешаҳои Икромӣ барои ман хеле муҳим буд. Аввал ин ки Икромӣ ҳамчун романист дар кишвари мо ва берун аз он ҳам шинохтаву мӯътараф ба шумор меомад. Аз тарафи дигар Икромӣ баъд аз Айнӣ дуввумин симое буд, ки дар бораи Бухоро чандин роману қиссаҳо иншо намудааст. Саввум ин ки вай хоҳишманди дар бораи Дониш навиштани роман буд. Фикри чунин шахс ҳам муҳимму ҳам хеле ҷолиб буд.

Муносибати Икромӣ ба ин ҷониб хуб ва мусбат буд. Вай ба хонадони Шаҳобовҳо нисбати хешовандӣ дошт ва аз инҷо ба сони домоди "худӣ" меҳри хешовандӣ дошт. Мо бо ҳам дар маҳфилу маъракаҳои бухориён бисёр ҳамнишину ҳамсӯҳбат будем. Берун аз ватан низ, хусусан дар Маскав, дар маҷлису ҳамоишҳои адабӣ ҳамроҳ будем. Хеле сӯҳбатҳо мекардем. Аммо сӯҳбатҳо аксар вақт дар мавзӯъи зиндагии ҳамарӯзаву хонадонӣ буд. Дар хотир надорам, ки Икромӣ дар мавзӯъи эҷоди худ ё асарҳояш, инчунин дар бораи ҳикояту қиссаҳои ман, ҳатто роҷеъ ба мавзӯъҳои "бухории" чанде ҳикояҳоям чизе гуфта бошад. Икромӣ дар муомилаву муошират одобу русуми ашрофонаи Бухороро дошт. Шахси нармсухан ва хуштавозӯъ буд. Бо ҳамсараш Саодатхон (Икромӣ ӯро "Саодат" ном мегирифт) ба меҳрубониву мувофиқати том ба сар мебурд. Саодатхон солҳои сол дар китобхонаи давлатии Фирдавсӣ кор мекард, вале бо вуҷуди машғулӣ дар ифои вазифа дар таъмини шароити кори эҷодии шавҳараш фурӯгузорӣ намекард.

Икромӣ нависандаи пуркору пурбор буд. Ҳамеша ва билкул бо кори эҷодӣ машғул буд. Оғози нависандагии вай аз ҳикояву қиссаҳои хурд сар гирифта буд. Ҳикоя, қиссаву сафарнома, намоишномаву филмнома менавишт, аз

русиву ӯзбекӣ роману қиссаҳо тарҷума мекард. Аммо маъруфият ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷик мавқуф ба романҳои вай, махсусан ба романҳои сегонааш (трилогияаш) "Дувоздаҳ дарвозаии Бухоро" ("Духтари оташ", "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро", "Тахти вожгун") буд.

Як моҳ нагузашта буд, ки Икромӣ телефон кард. Гуфт, ки "романро хондам ва бисёр кайф кардам". Маро табрик кард. Аз садояш ва оҳанги суханаш маълум буд, ки хеле шоду хурсанд аст. Рӯзи дигар ба хонаи Икромӣ рафтам. Хеле хушнудона ва самимона сӯҳбат кард ва аз роман ситоишҳо намуд. Аз рӯи мизаш варақи коғазеро гирифта дод, ки мухтасаре дар бораи роман буд. Гӯё муроҷиат ё тавсияи Икромӣ буд ба онҳое, ки асарро хоҳанд хонд. Чанд пораи навиштаҳои Икромӣ ин аст:

"Умуман асар ба ман хеле маъқул шуд. Кас аз ин асар на фақат таассуроти бадеӣ-эстетикӣ мегирад, балки донишу малака ҳосил менамояд. Зеро Расулхон дар тараддуди навиштани ин асар хеле кор карда, тадқиқоти бисёре гузаронидааст. ...Бинобар ин Ҳодизода дар асари худ ба таври максималӣ, ба таври амиқ ҳамон давра, асри нуздаҳро, давраи ҳокимияти амир Насруллоро тасвир карда, хонандаро бо воқеа ва ҳодисаҳои муҳимми таърихӣ, бо шахсони муҳимми таърихӣ ошно мекунад.

Як ҷиҳати хуби асар дар ин аст, ки осуда, ором меравад. Ҳассосият ва оташи аз ҳад афзун нест. Инчунин дар асар муаллиф ягон образро бо тенденсияи худ, бо муносибати худ ба вай, сиёҳ ё сафед карда нишон намедиҳад. Ҳамаро чунончи ҳаст, чунончи буд, тасвир мекунад.

Аҳмади Донишро ҳам аз аввал "авлиё" карда нишон намедиҳад. Ин образи марказии ӯ дар қатори дигарон пеш меравад ва оҳиста-оҳиста, бо рафти замону ҳодисаҳои ҳаёт ва таҳаввулоти вай дар мафкураи ӯ каму беш дигаргуниҳо пайдо мешавад...Чӣ гӯям, ки хубиву ҷиҳатҳои мусбати асар бисёр аст ва ман тавсия медиҳам, ки ин асар ба зудӣ чоп шавад."

Баъд аз ду-се рӯз Сотим Улуғзода телефон кард. Икромӣ ба ишон аз роман хабар дода, чанд сухани таърифӣ ҳам гуфтааст. Хост, ки дастнависи романро ба ишон ҳам бидиҳам. Кӯр чӣ мехоҳад?- ду дидаи бино! Ман аз ҷон хуштар дастнависро ба ишон расонидам. Медонистам, ки ӯ чанд солҳо пеш бо Аҳмади Дониш машғул шуда, китобчае ҳам таълиф карда буд. Гузашта аз ин Улуғзода аз ҳаёти Рӯдакиву Ибн Сино филмномаю намоишномаҳои хуб навишта буд.

Сотим Улуғзода романро аз Икромӣ ҳам зудтар хонда фуровард. Ҳанӯз дар ҷараёни хондан ба шогирди ман, ки ба ҳайси ҳамдиёрӣ ба хонаи ишон рафту омад дошт, гуфтааст:

— Устодатон романи хуб навиштаанд. Гиру мону қаламрониҳояшон дар пайравии Толстой гӯям мешавад.

Хулоса Сотим Улуғзода ҳам дастнависро ба ман бозгардонида, дар сифати асар суханҳои нек ва холисонаву дӯстона гуфт. Акнун боварам қатъӣ ва имонам комил шуд, ки романи ҳақиқӣ аз заҳмату кӯшишҳои бисту панҷсолаам ба ҳусул расидааст. Акнун бе ҳеҷ "тарсу ларз" онро ба рӯи об баровардан мумкин аст.

Пеш аз он ки ба навиштани роман шурӯъ кунам, чанд мушкилу муаммоҳо пеш омад. Мушкили умда он буд, ки тасвири таърихи ҷомеаи Бухоро ва

ҷомеаи Россия ба тарзе воқеъӣ ва ба сурате бадеӣ бошад, ки муҳити иҷтимоии миллии мову Русия пеши назари хонанда зиндаву муҷассам намоён гардад.

Тасвири муҳити ҷомеаи Бухоро барои ман осонтар буд. Ба ҷуз он ки саҳифаҳои таърих пеши назар буд, ба сӯҳбату дидори шахсони намоёнгари Бухорои охири қарни 19 ва аввали асри 20 расида будам. Дар симои онҳо бухорои таърихӣ ва хислати аҳли ҷомеаи он даврро медидам. Дар ин маврид тахайюли бадеӣ аз заминаи воқеӣ дур намерафт. Тасвири муҳити таърихӣ ва вазъи табақаҳои гуногуни ҷомеаи Бухоро ба ҳамин тартибу низом бунёд ёфтааст.

Мушкилоти зиёдтар дар тасвири ҷамъият, табақаи ашроф ва доираи ҳукмрони Петербург буд. Дар ин симат он чи иттилоот доштам, аз мутолиоти китобҳои таърихии рус, филму намоишномаҳо ҳосил шуда буд. Дар тасвири муҳити ашроф ва атрофиёни подшоҳи рус манбаъи огаҳӣ ва мавриди пайравии тасвир романи бузурги Лев Толстой "Ҷанг ва сулҳ" буд.

Хислат ва кирдору рафтори ашрофонаи русро аз шахсони зинда дар симои ду нафар ошноёни худ медидам. Инҳо Михаил Николаевич Боголюбов ва Александр Николаевич Болдирев – устодони донишгоҳи Петербург дар риштаи шарқшиносӣ буданд. Ҳар ду ҳам қади баланди мавзуну рост ва садои фораму гуворои гуфтори русиву форсию тоҷикӣ доштанд. Шеъри форсиро хеле хуб ва дар вазни бехатои арӯз мехонданд. Хулоса, агар ин ҳар ду марди хушсурату хушсиратро паҳлу ба паҳлу медидед, гумон мекардед, ки онҳо ду тан бародаронанд, ки дар як оила, дар як шаҳр ва дар як мактаб ба воя расидаанд. Бо Боголюбов мулоқот камтар воқеъ мешуд. Ишон аз рӯи ихтисос аз мо, пайравону мӯътақидони адабиёти форсии нав дур буд ва ба Душанбе низ ба нудрат сафар мекард. Бо ин ҳама ҳар мулоқоту дидори мо пур аз эҳтирому дӯстӣ ва муҳаббату маваддат буд.

Тақдир ва гузашти айём маро бештар бо Болдирев ҳамкору дӯсту бародар сохт. Аз ин сабаб месазад, ки бо ёди ин шахси софтинату хушсират сафаҳоти хотиротро пурнур намоям.

Александр Николаевич Болдирев дар Петербург соли 1908 мутаваллид шудааст. Вай ба хонадони ашрофи рус – табақаи дворянҳо тааллуқ дошт. Лекин насаби худро то охири умр ошкор намекард. Зеро табақаи дворянҳо дар замони шӯравӣ на танҳо мақбулияти ом надошт, балки ба таъқибу табъиди коммунистон маҳкум буд. Пас аз даргузашти Болдирев муаллифони муқаддимаи китоби рӯзномаи солҳои муҳосираи Ленинград навиштаи вай мансубияти ӯро ба дворянҳои рус ошкор таъйид намуданд.

Болдирев баъд аз хатми донишкадаи шарқшиносии Ленинград чанд муддат дар Сталинобод ба омӯзиши адабиёт ва фолклори тоҷик машғул шуд ва намунаи аввалини намунаҳои фолклори тоҷикро ба чоп расонд. Дар солҳои иқоматаш дар Сталинобод бо равшанфикрони тоҷик, аз ҷумла бо Раҳим Ҳошим, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ҳамкорӣ ва дӯстиву бародарӣ дошт.

Охири солҳои сивуми а.г. Болдирев ба Ленинград бозгашт. Чанд муддат дар бахши шарқии Эрмитаж ба пажӯҳиш машғул буд. Баъдан дар факултаи шарқии Донишгоҳи Ленинград ба ҳайси устоди адабиёти форсу тоҷик ва

дертар дар вазифаи сарпарасти бахши (кафедраи) филологияи эрон то охири умр кор кард.

Болдирев то дами охири зиндагиаш бо Тоҷикистон ва донишмандони тоҷик робитаҳои илмиву дӯстона дошт. Зуд-зуд ба Душанбе сафар мекард, дар конфронсу ҳамоишҳои илмӣ ширкат менамуд, дар таълифу тадвини китобҳои дарсӣ ва нашри осори илмӣ иштирок дошт. Дар Ленинград ба кори илмии бисёр ҷавонони тоҷик дар риштаи таърихи адабиёти классикӣ устоди роҳнамо буд.

Бори аввал бо Болдирев баҳори соли 1950 дар Тошканд дар соли охирини таҳсили донишгоҳ шинос шуда будам. Вай дар зимни тадриси таърихи адабиёти форсу тоҷик ба рисолаи дипломиам роҳбарӣ менамуд. Ба ин восита ҳамзамон бо шунидани дарсҳои хеле ҷолиби вай ба сӯҳбатҳои устодона ва хеле гарму меҳрубононаи вай расидам.

Баъд аз хатми донишгоҳ ва омадан ба Сталинобод дигар бо Болдирев дидору мулоқот иттифоқ наафтод. Дар охири соли 1956 китоби нав аз чоп баромадаамро, ки дар асл рисолаи номзадиам буд бо номи "Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX в." ба Ленинград ба номи Болдирев ирсол доштам. Як моҳ нагузашта буд, ки аз ишон номаи мухтасари ниҳоят гарму самимона гирифтам: " Рафиқи азиз Ҳодизода. Ташаккури зиёд барои китобатон. Онро бо лаззати том хондам. Ин асари ҷиддии муфассал бе шубҳа дар адабиёти маъхазомӯзии илми шарқшиносӣ мақоми шоистаро соҳиб хоҳад шуд. Бо китоб баъзе рафиқонро, ки бо масъалаи тазкирашиносӣ машғуланд, шинос кардам – ҳама бо таваҷҷӯҳи хосса ба он изҳори назар доштанд. Охиру охирон ба доираи пургиреҳи ин масъалаҳо равшание ворид гардидааст. Ба нуктаҳои асосии китоб ва ба сохтори он эроде нест. Баъзе мулоҳизаҳои камаҳамият, албатта, ҳаст – охир дар кучо ин мулоҳизаҳо нестанд? Вале дар бораи ин мулоҳизаҳо дафъаи дигар имконе рух диҳад, гап задан мумкин аст. Ба шумо хайру баракат! А. Болдирев. 27 январи 57".

Чопи китоби аввалин ва нахустин арзёбии ҷиддиву илмии китоб аз ҷониби донишманди номдори мактаби шарқшиносии Петербург – зиёдтар аз ин хурсандиву ифтихорро тасаввур кардан муҳол буд.

Аз аввали солҳои 60 а.г. мулоқот ва дидору сӯҳбатҳои мо бештар воқеъ мегардид. Ман зуд-зуд ба Ленинград мерафтам ва бо Болдирев дар сари таълифи таърихи адабиёти форсу тоҷик машварату мубодилаи афкор мекардем. Бо гузашти айём миёни мо тарҳи улфату дӯстӣ устувор шуд. Ишон дар сафарҳои худ ба Душанбе ба хонаи мо меҳмон мешуд ва бо ҳамсару фарзандонам мисли падар муомилаву муносибат дошт. Дар Ленинград борҳо худам ва баъзан бо аҳли оилаам дар хонаи шаҳрии ишон ва гоҳо дар бӯстонсароиш дар Ушково меҳмон мешудем. Ҳамсари Болдирев Виктория Степановна Гарбузова – устоди забону адабиёти туркии усмонӣ дар факултаи шарқ – зани хандонрӯву хушзабон ҳамеша бо дастурхони пур аз нозу неъмат ва лазиз пешвоз мегирифт. Ба ҳамин тариқа, шиносоии аввалин ва робитаи номанависии ғоибона ба гузашти айём ба дӯстиву ҳамкорӣ ва муҳаббати бародариву рафоқат мубаддал гашт.

Болдирев дар таҷрибаи зиндагиву донишу таҳқиқи илмӣ бе шак аз ман

муқаддамтар буд. Вале вай дар бисёр масъалаҳои илмӣ худро калон нагирифта бо ин ҷониб машварат мекард, маслиҳату изҳори назар мепурсид. Дар таълифи таърихи адабиёти форсу тоҷик фасли тасаввуфро ба Болдирев вогузор карда будем. Болдирев пеш аз ва баъд аз навиштани фасл номаҳо навишта, дар мазмуну сохтори фасли тасаввуф фикру андешаҳои ин ҷониб ва Мирзоевро мепурсид.

Болдирев аз корҳои илмиам мепурсид, дар мавридҳои зарурӣ машварату маслиҳат медод. Баробари ин аз тарзи зиндагиам низ хабардорӣ мекард, аз шахсони шинос ҷӯё мешуд. Шунидааст, ки гоҳо аз ҳадди эътидол зиёд кор мекунам, дар номае навишта буд, ки илм албатта ҷонфишониву фидокориро тақозо мекунад, вале баробари ҳамин қуввати рӯҳу ҷисмро низ ҳифз намудан лозим аст. Дар мавриди дигар баъд аз насиҳати бародарона навишта буд: "Хоҳишмандам аз ман наранҷед. Охир ман ин суханҳоро аз рӯи муҳаббатам ба шумо ба нияти ғамхорӣ дар ҳаққи шумо мегӯям". (1.апр. 65).

Болдирев қомати баланди мавзун ва чеҳраи кушоду чашмони нуронии табассумпош дошт. Ниҳоят нармгуфтор ва хушодоб ва дар нишасту бархост ҳаракоти аз тавозуъ моломол дошт. Суханро андешидаву санҷида ва калимоту таъбиротро чидаву гузида мегуфт. Ва гуфтори ӯ ба садои мулоиму равшан боз ҳам зеботару дилработар мегашт. Ҳангоме ки ӯро медидаму мешунидам, ҷаҳони ашрофи Петербург дар тасвири Толстою Тургенев пеши назар ҷилвагар мешуд.

Болдирев бо вуҷуди дониши бузург дар адабиёти форсиву ҷаҳонӣ, бо вуҷуди мақоми мӯътабару мӯҳтарам дар миёни шарқшиносон шахси ниҳоят хоксору фурӯтан буд. Аз ситоишҳои нобаҷо ва ифротӣ дурӣ меҷуст ва агар касе дар ин мавқеъ муболиға кунад, онро ба тамаллуқу риё ҳамл менамуд. Ба муносибати 70-солагии зодрӯзаш хостем маҳфиле дар Душанбе созмон диҳему ӯро низ даъват кунем. Болдирев номае навишта, аз меҳрубонии мо арзи ташаккур намуд ва таъкид намуд, ки ин корро накунем. Ба шогирдони ленинградиаш низ фармудааст, ки маҷлиси махсуси ҷашн ташкил накунанд. Бо вуҷуди ҳамин мо чанд нафар аз шогирдон ва мухлисонаш дар маҷаллаву рӯзномаҳо мақола навишта, ба муносибати 70-солагӣ суханҳои дӯстиву табрикӣ гуфтем ва аз хидматҳои ӯ дар тадқиқи таърихи адабиёти форсу тоҷик холисона арзёбӣ кардем. Баъд аз хонданаш ин мақолаҳоро Болдирев номаи мухтасари шукрона фиристод, ки он ҷо навишта буд:

"Рафиқон ба ман чанд шумораи рӯзномаи "Маориф ва маданият"-ро ирсол доштаанд, ки он ҷо мақолаи шумову Каримов дарҷ гардидааст. Ин аз ҳамаи мақолаҳое, ки ҳамкоронам – дӯстони ҳамкасбам маро сарфароз намуда буданд, қалонтарин ва илмитарин мақола аст. Дар бахши санадҳо ҳама дуруст аст, аммо дар арзёбии хидматҳои хоксоронаи банда Шумову У.Каримов, албатта, аз рӯи эҳсоси дӯстӣ муболиға кардаед. Ҳар чи ҳам бошад, аз Шумо ва У.Каримов хоҳишмандам, ки миннатпазирии маро аз самими қалб қабул фармоед. Шуморо аз ҷону дил ташаккур мегӯям, ки бо таваҷҷӯҳи зиёде ба ин ҷониб ба асарҳои аз камолот дури банда бо муболиға бошад ҳам, баҳои баланд додаед. Ҳадафи ягонаи асарҳоям бо вуҷуди нуқсу камбудаш он буд, ки заррае аз ҳақиқати бузурги инсониро дар худ дошта

бошад. Агар дар ин ҷода коре карда бошам, зиндагӣ беҳуда нагузаштааст. Таваҷҷӯҳи дӯстон маро дар ин ақида тақвият мебахшад". (25 июни 79). Ин суханҳои Болдирев изҳори фасоҳату фазилат набуд. Коре, ки ишон дар охири умр кард, исботи равшани мақсуди ҳаёти ишон буд.

Июли соли 1981 ҳангоми сафарам ба Ленинград рӯзе ба дидори Болдирев рафта ва ҳамон рӯз дар рӯзномаам навиштаам: "24-ми июл бегоҳ назди А.Н. рафтам. Дар шаҳр дар квартираи худ истироҳат мекарданд. Ҳар боре ки шахс ин одамро бинад, гӯё як нури осмонӣ дар чеҳраашон метобад. Бо вуҷуди ин синну сол хеле бардаму солим менамоянд. Аз мудирияти кафедра озод шуда, ҳоло оромона ба мутолиаву таълиф машғуланд. Хеле сӯҳбат кардем. Гуфтанд, ки мехоҳанд дар бораи Хоҷа Аҳрор таҳқиқ кунанд. Дар адабиёт. махсусан дар адабиёти бадеӣ ӯро чун шахси қабеҳ, бадкирдор ва фитнагар тасвир мекунанд. Аммо Ҷомӣ ӯро эҳтироми бузург дошт. Мумкин нест, ки чунин як шахси бузургу пок мисли Ҷомӣ қабоҳати ин одамро пай набурда, ба вай бо чунин эҳтирому эътиқод муносибат кунад".

Болдирев бо тамоми ҷиддият, ҷасорат ва эҳтиёт ба ин кори наҷиб шурӯъ кард. Бале, ба ин кори наҷиб ҷасорати илмӣ лозим буд. Дар солҳои мардудияти дин аз тарафи давлат ва билхосса ҳамчун намояндаи иртиҷоъи динӣ ва қотили ҳокими донишманд Улуғбек маҳкум гардидани Хоҷа Аҳрори Валӣ аз як гӯшаи илми шарқшиносӣ ба ҳимояи ин шахси "мутаассиб" сар бардоштани донишманде кори осон ва бехатар набуд. Дар Ӯзбекистон таъқиби Хоҷа Аҳрор билхосса шадид буд. Аз маркази ноҳияи Самарқанд ва боғоти машҳур номи Хоҷа Аҳрорро бардошта, он маҳалро ба Улуғбек номзад карданд. Фаолияти раиятпарварона ва ҳимоятгаронаи Хоҷа Аҳрорро инкор намуда, номи ӯро ба муртаҷеъ ва адуви илму фарҳанг баровардаанд.

Болдирев аз рӯи шоҳидҳои таърихӣ ва асноду иттилооти сарчашмаҳо ба сӯи Хоҷа Аҳрор роҳи нав кушод. Бо далелҳои раднопазир исбот намуд, ки Хоҷа Аҳрор дар таърихи нобасомон ва бенизоми бозмондагони Темур дар Хуросону Мовароуннаҳр симои дурахшоне буд, ки ба ҳимояи мардуми заҳматкаш ва аҳли зиёву фарҳанг ҷонсупорӣ менамуд. Болдирев ақидаҳои навро дар ҳамоиши ҳарсолаи хотираи Бартолд соли 1982 ба арз расонд.

Ман аз кашфи илмии Болдирев хабар ёфта, нусхаи мақолаи ӯро гирифта дар маҷаллаҳои илмӣ ва адабии Душанбе мунташир намудам. Баъд аз Болдирев донишманди фақид Аълохон Афсаҳзод ва дертар Ботурхон Валихоҷаеви самарқандӣ ба ҳимоя ва таблиғу ташвиқи осор ва рӯзгори Хоҷа Аҳрор бархостанд. Болдирев ниҳоят хурсанд буд, ки иқдоми ӯро донишмандони ҷавон давом ва тақвият доданд. Дар мулоқоте баъди ин воқеаҳо Болдирев ба ман гуфт:

— Дар ҷустуҷӯи ҳақиқати илмӣ дар охири умр мақсуд ба даст омад. Акнун мехоҳам ба Самарқанд сафар кунаму ба зиёрати қабри мутабарраки Хоҷа Аҳрор расам. Ниятам он аст, ки кафе аз хоки марқади поки ҳазрат бо худ гирам, то рӯзи дафн он хокро болои қабри ман резанд.

Дар чашмони Болдирев ашк пайдо шуд...Болдирев тобистони соли 1992 дар синни ҳаштоду панҷ аз ҷаҳон чашм пӯшид. Ҳарҷу мараҷе ки он солҳо дар хоки шӯравии собиқ ва доругирҳое, ки дар Тоҷикистон ангеза дошт, имкон надоданд, ки ба видоъи охирини вай бирасам. Вале ёди вай ҳамеша дар

гўшаи дил фурўзон аст. Охири июни соли 2004 дар Душанбе бо ибтикори донишманди риштаи фалсафа, шоирди фақир Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев (муаллифи рисолаи охирин роҷеъ ба Хоҷаи Аҳрор) конфронси байналмилалии ёдбуди 660-умин солгарди таваллуди Хоҷа Аҳрор Созмон ёфт. Дар ин конфронс борҳо номи Болдирев ба забони ширкаткунандагон меомад ва ҳама ўро ба сони нахустин шахси зиндакунандаи Хоҷа Аҳрор ёдовар мешуданд. Ин ҷониб суханронии худро ба ёди Болдирев ва заҳамоти Хоҷа Аҳроршиносии вай тахсис намудам. Раҳмату иноятн худовандӣ қабри ишонро чароғон кунод!

"На ситораҳо мерезанд". "Ситорае дар тирашаб" аввал бо каме ихтисорот дар маҷаллаи "Садои шарқ" дарҷ гардид. Ҳайати таҳририя ва билхосса сардабири он Лоиқ Шералӣ романро хуб пазируфтанд ва аз муҳокимаи аввалин ба чоп супориданд. Соли 1983 роман дар нашриёти "Адиб" аз чоп баромад. Сифати коғаз ниҳоят бад буд. Баъдтар фаҳмидам, ки муаллиф қаблан бояд худаш назорат ва пофишорӣ кунад, ки асараш дар коғази хубтар ба чоп расад.

Бисёр дӯстону рафиқонам ҳанӯз аз хондани варианти маҷаллавии роман дар мулоқот ва ба воситаи телефон дар бораи роман суханҳои гарм мегуфтанд. Баъзе бародарон, мисли Маҳмуд Исмоили растанишинос, Камол Афзалии рӯзноманигор, Эшонхон Нӯъмонови кимиёшинос, Рауф Баротови геолог романро таърифу ситоиш менамуданд. Баъд аз ду-се моҳ тақризи муфассали Валӣ Самад чоп шуд, ки аз рӯи таомули танқиди адабӣ ҷиҳатҳои "мусбат ва манфии" романро таҳлил ва таҷзия намуда буд.

Бо вуҷуди ин ҳама пазироиҳои хуби ҷомеа мехостам нуқтаи назари доираҳои расмии адабӣ (Иттифоқи нависандагон дар назар аст) ва танқиди касбиро донам. Оё онҳо чӣ мегуфта бошанд? Арзёбии холисона ва мунсифона мешуда бошад ё истиқболи сарду муғризона?

Мутаассифона дар арсаи танқиди "расмӣ ва касбӣ" нисбат ба "Ситора..." хомӯшӣ ҳукмфармо буд. 20-ми январ дар Рӯзномаам навиштаам: "Имрӯз бароӣ хариди китоби худам ба магазини назди "Ватан" даромадам. Дар рафи магазин китоб набудааст. Фурӯшанда аз дарун панҷ нусха бароварда дод. "Китоби шумо ва...(боз як китобро ном гирифт)-ро хеле хуб харидорӣ мекунанд"- гуфт духтари фурӯшанда. Мунаққидон ва адибон хомӯшанд...Лекин ҳамин сухани духтарак гӯё мукофоте буд барои он ранҷе ки дар таълифи он роман кашидам". (соли 1984).

Боз дар Рӯзнома саҳифаи 24 октябри соли 1984-ро хондам. "Чанд рӯз пеш бо Шукуров (Муҳаммадҷон) сари мизи зиёфат сӯҳбат доштам. Ӯ бо узрхоҳӣ гуфт, ки романи "Ситора..-"ро то имрӯз нахондааст. Шахсе ки худро омӯзгор ва довари ягонаи насри имрӯза мепиндорад... Бо навиштани як китоб машғул будааст, баъд мехондааст. Доктор Абдунабӣ Сатторов рӯзе гуфта буд: "Бисёр нависандаҳои рус ва ғарб дар умри худ 20-30 роман менависанд. Дар адабиёти мо то имрӯз (даврони советӣ) ҳамагӣ 24 (ё 25 гуфт) роман ба вуҷуд омадааст"...Ва мутахассиси №1 мо то имрӯз романи маро нахондааст(аз нашри аввали он дар журнал се-чор сол ва аз нашри китоб қариб ду сол гузаштааст.) Кучо шуд ғамхорӣ дар бораи адабиёт?.. Як адабиёти хурд дорем, ҳаминро ҳам нахондан, аз ҳоли якдигар бехабар будан ва фақат худро хондану ба худ болидан!?"

Ниҳоят аз доираҳои расмии адабиёт низ садо баромад ва ба роман баҳои "ҷиддиву коршиносона" доданд. "Тааҷҷуб дар он аст. ки донишмандон ва ашрофи рус мисли мансабдорони бухорӣ тӯлонӣ ва бо пургӯй сухан мекунанд. Ин ба дарк намудани асолати маводи фаровони таърихии гирд овардаи Р.Ҳодизода халал ворид мекунад. Баробари ҳамин ба намозу салот муттасил машғул гаштани (ашхоси роман) ба густариши воқеаҳои роман монеъ мегардад." (Мӯъмин Қаноат. "Главный фактор надежды". Мақола дар асоси маърӯзаи Пленуми саввуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон таълиф шудааст. Маҷаллаи "Памир", 1987, № 9). Ин буд таҳлил ва тақдири романи нави адабиёти тоҷик, ки дар он давраи муҳимтарини таърих ва сарнавишти халқи тоҷик ва симои нобиғаи он давр Аҳмади Дониш тасвир ёфтааст.

Дар анҷумани нависандагони Тоҷикистон дар маърӯзаи Мӯъмин Қаноат айби боз ҳам вазнинтар ба муаллифи роман дода шуд, яъне гӯё ман дар бисёр ҷоҳо хилофи ҳақиқати таърихӣ рафта бошам. Албатта бо чунин таҳлил ва арзёбиҳои номунсифона банда мувосо накардаам. Бо Мӯъмин Қаноат дар ин хусус сӯҳбате доштам ва ӯ дар варианти мақолааш дар "Адабиёт ва санъат" чунин айбномаҳоро то андозае ислоҳ намуд. "Имрӯз субҳ газетаи АС – дидам. Тасҳеҳи ман дар қисми "камбудии асар" дохил шудааст ва тӯҳмати "бемаврид" ба унвони роман аз байн бардошта шуд".(Рӯзнома, 3.04.86).

Худоро шукр, ки баъзе аз мунаққидон ва нависандагони рус тарҷумаи таҳтуллафзии романро хонда фикру андешаҳои холисона ва фараҳбахшашонро ҳам ба воситаи нома ва ҳам дар матбуот баён намуданд. Нависандаи номии рус Александр Боршаговский баъд аз хондани дастнависи тарҷумаи русии таҳтуллафз тақриз ва таҳлили муфассале ба ман ирсол дошт. Фикру мулоҳизаҳои вай дар мақолае ки ба муносибати ҷашни 60-солагиам навишта буд, мухтасар баён ёфтааст. Аз ҷумла:

"Пай бурдан душвор набуд, ки мавзӯъи меҳварӣ, эҳсосоти умдаи (Ҳодизода), *хати қирмизии* эҷодиёти ӯ Аҳмади Дониш, симои ӯ , рӯзгори пур аз воқеаҳои пуршиддату гоҳо бузургворонаи ин шахс буду ҳаст. Чунин ҷустуҷӯи ҷонсупорона, чунин гоми устуворона ба сӯи мақсуд мумкин набуд, ки натиҷаи ҷиддиву вазндоре ба бор наёварад. Дар муддати бист сол муаллиф қадам ба қадам ба мақоми ин мавзӯъ роҳ мепаймуд, заҳмат мекашид ва бо ҷиддият онро меандешид ва дар ниҳояти кор ҷилди аввали роман - эпопеяи сахтбунёд ба номи "Ситорае дар тирашаб" ба вуҷуд омад... Оё ба Расул Ҳодизода халале ворид гардид, ки вай дар тӯли солҳои дароз дар бораи Аҳмади Дониш садҳо (агар ҳазорҳо нагӯем) саҳифа таълифоти таҳқиқотӣ навишт? Агар халале ворид шуда бошад ҳам, хеле ночиз аст ва он ҳам иборат аст аз он ки гоҳо маводу асноди таърихӣ аз будаш зиёдтар оварда мешавад ва баъзан муаллиф пургӯй мекунад, гӯё ба неруву имкони сухани *бадеӣ* ва мундариҷоти бе мислу монанду ҳайратовари он камтар бовар дорад. Бо вуҷуди ҳамин мо соҳиби китобе шудем, ки дар он мазмун ва ихтилофоти пургирехи давраи мураккаби таърихӣ бори аввал ҳақиқатгароёна акс ёфтааст..." (Маҷаллаи "Памир", 1988, № 4).

Баъд аз чанде дар маҷаллаи мӯътабари "Литературное обозрение" (Маскав) мақолаи хонуми мунаққиди ба ман ношинос Н.Костржевская чоп

шуд. Мақола бо ин ҷумла шурӯъ мешавад: "Дар пеши назари мо фазои бузург, гуногунранг ва пурҷозибаи шарқи мусулмонии асри 19, аморати Бухоро". Муаллиф бо меҳру муҳаббат ва суханҳои гарм романро таҳлил ва арзёбӣ мекунад, ашхоси гуногун ва воқеаҳои замонро ба хонанда шарҳ медиҳад. Дар ин зимн ба унвони муаллиф ишоратан баъзе муболиғаҳо мекунад: "Ҳаким-оими ҳукмраво, модари амир, ба дасти як писар кушта шудани писари дигарашро чӣ гуна аз сар гузаронид – аз доираи ҳикояти роман берун мемонад. Аммо ин зан нисбат ба Насрулло меҳру дилгармӣ дорад, ҳар рӯзу ҳар соат ӯро дуо мекунад – сужеи шекспирӣ!" ("Ахмад Дониш или Возвышенный ум", Маҷаллаи мазкур, 1988, №5).

Умуман дар доираи адабии ба тоҷикону Тоҷикистон наздики Маскав аз роман истиқболи хуш карданд ва дар садади он шуданд, ки ба русӣ ҳар чи зудтар чоп шавад. Дӯсти фақидам Юрий Суровтсев аз Ленинград Валентин Тублин ном нависанда ва тарҷумонро барои тарҷумаи роман пайдо кард. Пас аз заҳмати дусола роман бо номи "Звезда во мгле" соли 1986 дар нашриёти "Советский писатель" аз чоп баромад.

Албатта дар Тоҷикистон ҳам берун аз доираи танқиди адабӣ ва доираи расмии адабиёт шахсони бонуфуз фикру муоҳизаҳои хуб нисбат ба роман изҳор мекарданд. Дар сӯҳбате Миршакар гуфта буд: "Ин роман на фақат барои имрӯз, балки барои фардову оянда навишта шудааст" (Рӯзнома, 29.07.87). Шодравон Сотим Улуғзода дар маҳфили адибону дӯстон дар хонаи Ниёзӣ 2 маи соли 85 ба ташаббуси худ сухан пурсида, ба саломатии ман ва барои роман қадаҳ пешниҳод намуд, ки барои ман ғайри чашмдошт ва дар айни замон хеле гуворо буд.

Аз соли 1984 дар фикру хаёли навиштани романи дуввум – давоми "Ситорае дар тирашаб" будам. Тарҳу мундариҷаи роман дар лавҳи тафаккур пайдо шуда, тадриҷан ташаккул меёфт. 8-ми январи 1984 двр Рӯзнома навиштаам: "мароссими чили Аҳрорӣ буд. Бо Улуғзодаву Абдураззоқ Ғаффоров рафтем. Улуғзода бегоҳ моро ба хона даъват карданд. Қариб то соатҳои даҳи шаб нишаст кардем. Раҳим Ҳошим дар зимни сӯҳбат борҳо такрор мекарданд, ки "Сотим, қаламат буррост, вақти чизҳои калон навиштани туст." Аммо Улуғзода ҳар бор узр меоварданд, ки "ҳавсала нест." Ба ман муроҷиат карда гуфтанд: "Шунидам, ки шумо "давоми романро наменависам" гуфтаед. Ҳаргиз ин корро накунед, зеро китоби дуввум бояд аз аввалааш беҳтар шавад." Гуфтам, ки "ман ба касе ин сухан нагуфтаам. Қисми дуввум, яъне китоби дуввуми романро ҳатман хоҳам навишт." Вақти хайру хуш ҳам таъкид карданд, ки ман бояд китоби дуввумро нависам. Ва ман аз азми қатъии худ гуфтам."

Сотим Улуғзода дар мавридҳои муносиб бо хислати кам гуфтану бисёр донистанаш дар бораи роман фикри равшану қотеъи мусбати худро мегуфт. Боре Раҷаб Амонов дар зимни мақолае аз пургӯӣ ва диалогҳои бисёри роман айбҷӯӣ карда буд. Ба ин муносибат мухбире аз Улуғзода фикри ӯро пурсид. Улуғзода гуфт: "Ман романро дар дастнавис хонда будам. Қалами нависанда бақувват ва буррост. Давраи зиндагии Аҳмади Донишро ҳамаҷониба ба риштаи таҳқиқи бадеӣ гирифтааст. Дарозии баъзе параҳо арзиши романро кам намекунад. Ҳар як нависанда услуби хоси худро дорад". ("Комсомоли Тоҷикистон", 9 декабри 1987).

Фикри Улуғзодаро чун баҳои холисонаву ғамхорона дар бораи адабиёт қабул намудам. Мо бо ишон ҳарчанд дӯстиву рафоқат доштем, дар тамйизи ҳаққу ботил сухани риё намегуфтем.

Улуғзода ба ҳаёти кӯдакии ман соли 1939 дохил шуда буд. Рӯзе дар як маҷаллаи адабии Сталинобод мақолаи ӯро дар бораи Ҷорҷ Гордон Байрон хонда хеле мутаасир шудам. Аз китобхонаи язнаам Масъудхоҷа Беҳбудӣ китоби шеъри шоирро пайдо карда, русиро донам-надонам зӯр зада хондам. Дертар романи "Занбӯр"-ро хондам. Ҳаёти Артур ва набарду ишқи вай дар лавҳи эҳсоси наврасиам сахт нақш баст. Тарҷумони асар Улуғзода буд. Баробари мазмун забони асар низ касро мафтун мекард. Гумон мекардам асарро на Войнич, балки Сотим Улуғзода навиштааст.

Баъд аз чанд сол Улуғзодаро дар Тошканд дар меҳмонии Фотеҳ Ниёзӣ дидам. Ин ошноӣ ҳарчанд тӯлонӣ набуд, аммо чӣ тавре ки мегӯянд, ҳамоно дар ҳамин ҷо "ситораҳоямон ба як дигар рост омаду" байни мо муносибати гарм ба вуҷуд омад. Пеш аз ин қалами ишон дар дили ҷавонам меҳре бедор карда ва акнун сурати дилкаши он кас ин меҳрро гармтару улфатпазир намуд.

Улуғзода қади болову мавзун ва чеҳраи сафеди зебо дошт, мӯйҳои сиёҳи каме марғулаомезаш ситораи ӯро гарму марғуб мекард. Вай шахси зоҳиран ором буд, ба таанниӣ сухан мегуфт, бо фасоҳат гап мезад, дар маҷлису маҳфил камтар улфату унс зоҳир менамуд. Ин хислаташ ӯро дар назар мутакаббир нишон медод, вале дар ҳини сӯҳбат медидед, ки фурӯтан аст. Ба касе фикру ақидаашро бор намекард, назари ҳамсӯҳбатро ба эҳтирому ҳамдилӣ қабул мекард. Боре аз телефон дар зимни сӯҳбат ба фикри ишон дар арзёбии "Шоҳнома" номувофиқии худро гуфтам. Улуғзода аз тарафи худ дар тасдиқи фикраш орому ба таанниӣ далел меовард. Баъд аз ду рӯз дар маҷлисе бо ҳам рӯёрӯй омадем. Табассумкунон бо ман салом карду гуфт: "Воқеан шумо он рӯз ба ин ҷониб дуруст эрод гирифта будаед."

Аз оғози солҳои панҷоҳум марҳилаи шукуфоии эҷодии Улуғзода шурӯъ гардид. Дар ин солҳо вай чанд қиссаву роман, сенарий ва намоишномаҳо навишт. Ҳамсари ӯ Клавдия Улуғзода-Благовешченская – зани шарқшинос ва донишманди хуби забони тоҷикӣ ба корҳои эҷодии шавҳараш ёрӣ медод ва худ ҳам дар тайёр ва тарҷума намудани насри фолклори тоҷик фаолият дошт.

Котиби кумитаи марказии ҳизби Тоҷикистон Ӯлҷабоев нисбат ба нависанда муносибати хуб дошт. Барои иқомати оилааш ба Улуғзода аз маҳаллаи нави сокинони ходимони илму санъат ҳавлии васеъ ва хуш обу ҳаво тахсис намуд.

Ба назарам, ин солҳои беҳтарини зиндагии шахсӣ ва фаолияти эҷодии Сотим Улуғзода буд. Соли 1964 ҳамсари меҳрубон ва бонии рӯзгори нависанда Хонум Клавдия дар асари бемории ногаҳонии саратон аз олам гузашт. Ҳанӯз доғи мусибати фавти ҳамсараш аз дил нарафта буд, ки боз балои ногаҳонӣ ба сараш омад. Баъд аз ду-се соли даргузашти Хонум Клавдия фарзанди ноқобили онҳо, донишҷӯи Донишгоҳи Маскав, ғайри чашмдошти падар ба Инглистон фирор карда, аз ҳукумати он ҷо паноҳгоҳи сиёсӣ ҷуст. Чунин иқдоми бебокона дар он солҳо хиёнати нобахшуданӣ маҳсуб мешуд ва накбати он доғи лаънат барои оила буд. Дар асари гуноҳи фарзанд

Улуғзодаро аз сафи ҳизби коммунистӣ хориҷ карданд. Номи Улуғзода ба сони нависанда ба забон гирифта намешуд. Чопи китоб ва намоиши драму филмҳои вай мамнӯъ гардид. Нависанда на танҳо гирифтори таъқиби сиёсӣ, балки аз манбаи таъмини зиндагӣ низ маҳрум шуд. Вай ба Маскав ба манзили ҳамсари наваш рафт ва дар ҳамон ҷо барои таъмини маош ба тарҷумаву корҳои эҷодӣ машғул гардид. Дар ин солҳо романи "Дон Кихот" ва "Саргузашти Улиншпигел"-ро аз русӣ ба тоҷикӣ гардонд. Тарҷумаи "Занбӯр"-и Войничро бо таҷдиди назар ба табъ расонид. Нақли мансури "Шоҳнома"-и Фирдавсиро дар ду ҷилд аз чоп баровард. Ин ҳама корҳои калони муфиде буд, ки каси дигар дар сатҳи Улуғзода анҷом дода наметавонист. Улуғзода ҳам, агар бо ҳамон шиддату ғайрати пешин ба эҷоди қиссаву романҳо машғул мешуд, гумон аст ки ин корҳои зимниву туфайлиро ба ӯҳда гирад.

Дар аввали солҳои ҳаштодуми а. г. боре ба дидори Улуғзода ба манзили маскавии ӯ рафтам. Улуғзода ба вазъи нави худ ҳамоно одат карда буд, ки хеле ором ва хушҳолона сӯҳбат мекард. Бештар дар бораи тарҷумаи "Дон Кихот" ва бузургии Сервантес гап мезад. Ишорае ба нақшаҳои эҷодии худ намекард. Ман ҳам дар ин мавзӯъ ба хомӯшӣ мегузаронидам. Лекин дар дил ҳеч гоҳ бовар намекардам, ки ин шахси эҷодкор ва донишманд орзуи таълифи қиссаву достонҳоро тарк карда бошад.

Дар ҳамин солҳо буд, ки Улуғзода ба Душанбе бозгашт ва дар ҳавлии воқеъ дар ҳамсоягии нависандагон боз иқомат ихтиёр кард. Гирифториву машғулиҳои аз ҳад зиёд имкон надод, ки ба муборакбоди бозгашти вай равам. Ниҳоят фурсате барои дидор даст дод, ки онро дар Рӯзнома сабт кардаам:

"Рӯз каме истироҳат карда, бегоҳӣ ба хонаи Улуғзода бо Фаредун рафтем. Нусхае аз романи "Ситорае дар тирашаб"-ро ба он кас тақдим кардам, зеро хонандаи аввалини мусаввадаи ман он кас буданд. Баъд ҳар ду аз ҳар дар сӯҳбат кардем. Чанде аз шеърҳои худро ба он кас хондам. Аз ҷумла мухаммас бар ғазали Ҳофизро. Он кас ҳам аз баъзе шеърҳои худ хонданд. Аз корҳои эҷодӣ бошад, - "ба ҷуз чизҳои хурд ба ягон чизи калони бадеӣ даст назадаам - гуфтанд. – "Фирдавсиро роман карданӣ будам, аммо ғайр аз афсонаву ривоятҳо фактҳои дақиқ кам ба даст омад. Дар бораи ин шахси бузург аз афсонаву ривоятҳо роман сохтан хуб нест, Бинобар ин аз ин кор даст кашидам..." (21.11.83).

Баъд аз ин Улуғзода чанд бор ба Институт меомад ва дар кабинети ман аз замони Маҳмуди Ғазнавӣ ва муҳити адабии он давр гап мекушоду баъзе иттилооту санадҳои аз маъхазҳо хондаашро нақл мекард. Ҳис мекардам, ки ӯ дар ин масъала фикру ақидаи маро донистанӣ аст ва он чи дар ин мавзӯъ маълум буд, ба ишон мегуфтам. Пай бурдам, ки аз нақшаи навиштани достони Фирдавсӣ билкулл даст накашидааст.

Муддате гузашту романи "Фирдавсӣ" дар маҷалла чоп шуд ва баъдан китоб ҳам шуда баромад. Ин китобро ба ҷоизаи давлатии Рӯдакӣ пешниҳод карданд. Улуғзода бовар надошт, ки китоби вай ҷоиза мегирад. Ба ман аз ин хусус дарди дилашро гуфт. Он вақт ин ҷониб котиби илмии Кумитаи ҷоизаи Рӯдакӣ будам ва рӯҳияи мусбати Кумита ба ман маълум буд. Улуғзодаро ором мекардам, ки китоб ҳатман сазовори ҷоиза хоҳад шуд. Дар воқеъ ҳам аъзои Кумита ба як раъй романи нависандаро сазовори ҷоизаи Рӯдакӣ

донистанд. Ин воқеа дар ҳаёти Улуғзода гардиши бузург ва фараҳбахше ба сӯи эҳёи рӯҳонӣ ва эҷодӣ буд.

Улуғзода дар роҳи нави зиндагӣ акнун қадам гузошта буд, ки воқеаҳои хунини моҳи феврали 1990 ба вуқӯъ омад. Қувваҳое рӯи об баромаданд, ки гӯё Тоҷикистонро ба роҳи озодии миллӣ ва демократия ҳидоят мекунанд. Ҷавононе ба майдон омаданд, ки дирӯз худро муборизи сохти шӯравӣ ва ақоиди коммунистӣ мешумориданду акнун якбора мунодии озодӣ ва "худшиносии миллӣ" гардиданд. Чанде аз ин ҷавонон гирди Улуғзода гашта, ӯро ба сони қурбонии беадолатии даврони шӯравӣ ҳисобида, аз вай барои худ байрақ сохтанӣ шуданд. Улуғзода ҳам бехабар аз асли ҳадафи онҳо ба ҳиммати миллӣ ва демократихоҳии онҳо майле дошт. Боре дар рӯзнома бо яке аз ин ҷавонони "навбаромад" сӯҳбати ӯро хонда зуд телефон кардам. Гуфтам, ки "мартабаву манзилати шумо болотар аз он аст, ки бо чунин шахсе ҳамсӯҳбат бошед."

Дере нагузашту воқеаҳо ранги фоҷеавӣ гирифтанд. Болои одамони бегуноҳи нодониста ба ин тараф ё он тараф моилшуда хатари ҷон таҳдид мекард. Улуғзода боз ба Маскав кӯч баст. Аз иқоматаш дар он шаҳр як сол нагузашта хун ба сараш заду фалаҷ шуд. Зиёда аз ду сол бистарӣ буд, ноҷунбон мехобид, дуруст гап зада наметавонист. Баъд аз фавташ бо фармони президент Эмомалӣ Раҳмонов ҷасади ӯро ба Душанбе оварда, бо посу эҳтироми шоиста ба хок супурданд.

Ҳаёти Улуғзодаро гоҳо ба андешаву тафаккур аз пеши назар мегузаронам. Ин шахси орому вазнин як умри пур аз ташвишу таҳлукаро сипарӣ намудааст. Дар кӯдакӣ талхии ятимиву бепарастарӣ; баъд ҷусту ҷӯи ҳаёти нав ба воситаи таҳсилу омӯзиш дар мактабҳои нав; ҳанӯз меваи ин заҳмат ночашида солҳои сиву ҳафту сиву ҳашти пурдаҳшат меояд; мегӯянд, ки дар саркӯб намудани "душманони халқ" Улуғзода аз силсилаҷунбонони полиси махфӣ будааст. Боре Раҳим Ҳошим гуфта буд: "Расулхон, шумо бояд донед ва дар ягон ҷо навишта монед, ки Сотим дар гиру дори бисёр касон, аз ҷумла ман ҳам дар он солҳо даст дошт." Баъд аз ин гапи маҳрамонаи Раҳим Ҳошим дар шумораи 2-ми октябри соли 1937 рӯзномаи "Тоҷикистони сурх" мақолаи калони Улуғзодаро ба муқобили душманони халқ хондам. Аксари онҳое, ки Улуғзода ном мегирад, ё дар ҳабс буданд ё ҳабс карда шуданд. Баъд аз чанд вақт ҳамин ҳамла ба сари худи Улуғзода меояд ва мегӯянд, ки ӯ аз тарси ҳабсу қайд ба тарафҳои Қазоқистон фирор карда буд. Ман шахсан дар он солҳо дар "корҳои суханчинӣ ва ҷосусӣ" касеро айбдор намедонам. Солҳое омаданд, ки ҳама дангу гаранг шуданд, дидаҳо нобино, гӯшҳо кар ва дилҳо пур аз ғишова буд. Ба онҳо мегуфтанду онҳо амал менамуданд – вале намедонистанд, ки чӣ кор мекунанд!

Улуғзода чунин ҳаёти пуршӯрро ба сар бурду оқибат ба зери хок ба ороми абадӣ рафт. Вале аз зери хок гӯё садои ӯ мерасад:

Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст,
Фурсати умр ҳамин миқдор аст.
Мурда ҳам фикри қиёмат дорад –
Орамидан чӣ қадар душвор аст!!

* * *

Нақшаи таълифи романи дуввум, гуфтан мумкин аст, пеш аз сар кардани "Ситорае..." вуҷуд дошт. Ба романи якум нуқта гузоштаму фикри романи дуввум пайдо шуд. Дар ин мавзӯъ дар Рӯзнома навиштаам:

"1981, 31 январ. Дар бораи китоби ояндаи "Ситорае дар тирашаб" фикр мекунам. Аз ин пеш қарор шуда буд, ки на китоби дувуми роман, балки романи дуввумро дар ин мавзӯъ навиштан лозим аст. Навиштани китоби дуввум давоми воқеаҳои ин роман аст. Ҳол он ки ман мехоҳам романи дуввум воқеаҳоро аз солҳои 1866 сар карда (арафаи ҷанги Русияву Бухоро) дар бар гирад. Солҳои 1860—65 воқеаҳо чандон драматикӣ нест. Дар ин вақт сарнавишти А.Д. ҳам чандон равшан нест. Номи шартии роман ҳам ба сар омад. "Ситора тобон аст". Дар ҳар сурат дар романи дуввум мафҳуми "нур", "тофтан", "ситора" бояд бошад."

Солҳои 1981—84 бо таҳриру тасҳеҳ, табъу нашр ва ҷараёни тарҷумаи романи "Ситора..." машғул будам. Ба навиштани романи дуввум бевосита аз охири соли 1985 шурӯъ намудам. Навиштани романи дуввум душвортар шуд ва қариб се сол тӯл кашид. Сабаби аввал ин буд, ки вақти вуқӯъи воқеаҳои романи дуввум қариб понздаҳ сол буд – даҳ сол зиёдтар аз муддати воқеаҳои романи якум. Сабаби дуввум ин буд, ки воқеаҳои сиёсиву дипломативу ҳарбӣ байни Россияву Бухоро ниҳоят мураккаб буд. Ҳамаи инро дар роман гунҷонидан лозим буд, вале ҳаҷми асар набояд аз романи аввал зиёдтар бошад. Вагарна хондан ва ҳазм намудани роман барои хонанда душвор ва дилгир хоҳад шуд. Барои ин кӯшишу заҳамоти зиёде ба харҷ додам, ки рафти воқеаҳо пуршиддат ва мазмуни онҳо равшантар ва кӯтоҳтару пургунҷоиш тасвир гардад. Ба назарам, ба ин ҳадафи асосии худ расида тавонистам.

Дар рӯзҳои нахусти соли 1987 романи дуввумро бо номи "На ситораҳо мерезанд" ба поён расонидам. Дар Рӯзнома навиштаам: "8.01.Панҷшанбе. Дирӯз романро ба охир расонидам. Кор ҳанӯз дар пеш бисёр аст. Аммо як кӯҳи калон аз китф бардошта шуд. Як оромӣ, ризоият, қаноатмандӣ вуҷуди маро оромишу осоиш медод. Гӯё аз гирдобу гирдоби воқеаҳо, ҳодисаҳои хушу нохуш, занозанӣ ва дар ҳам фитоданҳо, аз оҳу нолаи ранҷурону ҷафодидагон, аз муҳити разилу пуркасофати дарбор, аз роҳҳои дуру дарози сафарҳо...- аз ҳама чиз берун баромадам. Мисли Аҳмади Дониш ҳама чизро тарк карда, ба як гӯшаи осоиш баромадам."

Дар аввали соли 1990 дастнависи романро ба нашриёти навтаъсиси "Адиб" супоридам. Дар аввали соли 1991 роман аз чоп баромад. Ин соли оғози воқеаҳои фоҷеангези Тоҷикистон буд, ки дӯконҳои китобу матбуотро оташ мезаданд, дар митингу ҳамоишҳои пурташаннуҷ муқобилони давлати қонунӣ мардумро гумроҳ месохтанд, ҳамаи самараҳои маънавии даврааи шӯравиро таҳқир менамуданд. Намедонам, ки китоби нави ман ба оромӣ ба фурӯш рафт ё ба талаву торочу сӯхтор гирифтор гардид. Фақат ҳаминро медонам, ки то имрӯз бисёр касон аз чопи романи дуввум бехабаранд. Худи ман тавонистам аз анбори Тоҷиккитоб даҳ нусхаи романро харида гирам ва дигар нусхаеро ба даст овардан мумкин нашуд.

Романро ба забони русӣ Иван Уханов ном нависандаи рус тарҷума кард.

Баъд аз муқобала ва муқоясаи тарҷума бо асл дастнависро ба нашриёти "Советский писатель" супоридем. Корректураи аввали романро Уханов ба даст гирифта машғули хондан буд, ки Иттифоқи Шӯравӣ аз ҳам пош хӯрд ва тамоми сохторҳои бузургу хурди он низ аз байн рафт. Нашриёти номбурда бе соҳиб ва чопи романи банда ҳам дар нимароҳ монд. То имрӯз имкон пайдо нашудааст, ки тарҷумаи русии романи "На ситораҳо мерезанд" ба табъ расад.

Хулосаи сухан ин аст, ки дар аввали солҳои навадум ба таҳқиқу омӯзиш ва ҷустуҷӯйҳои илмиву эҷодии зиёда аз сисола дар аҳвол ва осори Аҳмади Дониш таммат билхайр гузоштам. Он чи дар доираи қудрат ва тавону донишам буд, ба харҷ додам, то симои ин намояндаи бузурги миллат ба асри мо, ба замони мо наздиктар ва нурафшонтар гардад.

Аҳмади Дониш шахси бузурги таърихист, ки омӯзиш ва таблиғи вай дар доираи заҳамоти донишмандони як насл тамом намешавад. Аминам, ки ояндагони илму фарҳанги мо осори пуразрзишу арҷманди Аҳмади Донишро ҳамчун ифтихор ва парчами тобандаи таърихи маънавии мо боз ҳам васеътар, амиқтар ва ба фоидаи ҷомеаи мо судмандтар таҳқиқ ва таблиғ хоҳанд кард.

РӮДАКӢ

Соли 1926 китоби устод Айнӣ ба номи «Намунаи адабиёти тоҷик" интишор ёфт. Ин китоб дар марҳилаи аввали ташкили ҷумҳурии Тоҷикистон санади муҳимми соҳибияти халқи тоҷик ба мероси бузурги фарҳангиаш гардид. Саҳифаи аввали китоб бо номи «Устод Абулҳасани Рӯдакӣ» ифтитоҳ ёфт. Дар фазои ҷумҳурӣ номи Рӯдакӣ чун рамзи маданияти гузаштаи мо сабт гардид. Номи Рӯдакӣ дар давоми асрҳо дар маъхазу осори илмӣ ҳамчун сардафтари адабиёти форсу тоҷик шӯҳрат дошт. Вале дар таърих бори аввал буд, ки миллате ба номи тоҷик ин шоирро ҳамчун намоёнгари мероси маънавии худ эътироф ва таъйид намояд. Солҳо сипарӣ шуданд. Номи Рӯдакӣ барои тоҷикон азизу гиромӣ буд. Аммо саҳифаҳои рӯзгор ва осори шоир барои мардуми тоҷик пӯшида буд. Соли 1940 устод Айнӣ бори нахуст дар бораи Рӯдакӣ мақолае навишта, хонандаи тоҷик ва аҳли илму адаби ҷумҳуриро бо муҳити адабии замони Рӯдакӣ ва рӯзгору осори шоир ошно намуд. Каме дертар устод Айнӣ бо номи мақолааш "Устод Рӯдакӣ" маҷмӯаеро бо ширкати Абдусалом Деҳотӣ ба чоп расонд. Ин китоб гуфтан мумкин аст дар омӯхтани Рӯдакӣ заминаи илмие ба вуҷуд оварда. Дар маҷмӯа устод ашъори Рӯдакиро то он ҷо ки он вақт мумкин буд, ҷамъ оварда ба табъ расонд. Муҳимтар аз ҳама он буд, ки устод Айнӣ натиҷаи бозёфти қабри Рӯдакиро пас аз ҷустуҷӯйҳои дуру дароз ба олами илм арз намуд.

Пеш аз таҳқиқоти Айнӣ Рӯдакӣ ва доираи адабии замони Сомониён ба тавассути тадқиқоти донишмандони русу урупой, аз ҷумла китоби пурарҷи шодравон Бертелс "Шеъри форсӣ дар Бухорои қарни 10" дар илми шарқшиносӣ маъруфият дошт. Вале дар интишори шӯҳрати Рӯдакӣ дар миёни мардуми тоҷик китоби Садриддин Айнӣ аҳамияти калон касб намуд.

Ҳамзамон дар ҳамин солҳо олими Эрон шодравон Саид Нафисӣ натиҷаҳои ковишҳои илмии чандинсолаашро дар омӯзиши муҳити адабии Рӯдакӣ ва гирдоварии ашъори боқимондаи шоир ва муосиронаш дар се ҷилд солҳои 1930—1940 аз чоп бароварда. Лекин асари Нафисӣ солиёни дароз ба аҳли илми тоҷик маълум набуд.

Солҳои панҷоҳум а.г. давраи эҳёи навини миллии тоҷикон маҳсуб мешуд, ки пешвои он шодравон Бобоҷон Ғафуров буд. Бо ташаббуси шахсии номбурда соли 1955 қарори Кумитаи марказии ҳизб ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар бораи таҷлили ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ интишор ёфт. Тамоми ҷумҳурӣ барои истиқболи ҷашн ба омодагӣ шурӯъ намуд.

Яке аз тадбироти муҳимми ҷашн ба ҳуруфи форсии арабӣ ва кириллии тоҷикӣ таҳия намудани осори манзуми боқимондаи Рӯдакӣ ва муосирони вай буд. Ин вазифаи муҳим ба зиммаи адабиётшиносони ҷавони Институти забон ва адабиёти Академия бо роҳбарии шодравон Абдулғанӣ Мирзоев вогузор шуд.

Миқдори абёти боқимондаи ашъори Рӯдакӣ дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои тӯлонии Саид Нафисӣ қариб ба ҳазор расида буд. Ба ин миқдор байтҳои бозёфтаи устод Айнӣ ва дигар донишмандони тоҷик илҳоқ шуду теъдоди умумии шеъри шоир наздик ба ҳазору ду сад байт шуд. Ба абёти шеърҳои муосирони Рӯдакӣ низ байту пораҳои нав илова шуд. Ба ҳамин тариқа, нашри тозаи осори Рӯдакӣ ва муосирони вай пас аз понздаҳ соли китоби Айнӣ ба ҳуруфоти имрӯзаи тоҷикӣ ва алифбои форсии арабӣ ба чоп расид, ки тӯҳфаи шоистае буд ба ҷашни пуршукӯҳи шоир.

Ба ифтихори ҷашн Абдулғанӣ Мирзоев тадқиқоти муфассале дар аҳвол ва таҳқиқи осору орои Рӯдакӣ анҷом дод. Муҳаққиқони шинохтаи тоҷик Шарифҷон Ҳусейнзода ва Холиқ Мирзозода низ дар омӯзиши Рӯдакӣ саҳме гузоштанд. Олимони ҷавони тоҷик ва донишмандони Русия маҷмӯаи мақолоти илмии худро ба табъ расониданд, ки иборат аз санаду иттилооти тозае дар аҳвол ва осори Рӯдакӣ буд.

Ин ҷониб дар таҳқиқ ва таҳлили санъати шеъри Рӯдакӣ мақолае таълиф намудам. Ҳикояи аввалини таърихиам низ нақли воқеаи эҷоди қасидаи машҳури Рӯдакӣ бахшида шуда ва ба «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» мавсум гардид.

Ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ аз рӯи қарордоди қаблӣ мебоист тирамоҳи соли 1957 таҷлил гардад. Вале ба муносибати ниҳоят вусъат ёфтани тадорукот ва тадбирҳои идона мӯҳлати ҷашн ба тирамоҳи 1958 мавқуф гузошта шуд.

Ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ дар Сталинобод 14-ми октябри соли 1958 бо шукӯҳи тамом оғоз ёфт. Бо ташаббус ва даъвати Турсунзода иштирокчиёни Конфронси аввалини ходимони илму маданияти кишварҳои Осиёву Африко аз Маскав ба Сталинобод барои иштироки ҷашн омаданд. Меҳмонони олиқадр дар маросими кушоиши муҷассамаи Рӯдакӣ иштирок карданд, ба Панҷакент сафар карданд, ба зиёрати мақбарае, ки дар Панҷруд болои қабри шоир бино шуда буд, рафтанд ва он ҷо иди шеъру суруд оростанд.

1100 – солагии Рӯдакӣ дар ҷумҳурии мо аввалин ҷашни пуршукӯҳе буд, ки дар ёдбуди намояндаи мероси бузурги шеъру адаби форсу тоҷик ҳамчун иди умумихалқӣ барпо гардид. Гуфтан мумкин аст, ки тамоми аҳолии ҷумҳурӣ

ин ҷашнро омода карданду онро ба тарзи оммавӣ гузарониданд. Дар ташкили ҷашн хидмати ходими намоёни давлатӣ Абдулаҳад Қаҳҳоров ба сифати Раиси Кумитаи тадорукот калон буд. Ин мард зодаи шаҳри Конибодом буд. Аз ҷавонӣ дар вазифаҳои мухталифи ҳизбиву давлатӣ кор мекард. Пилла ба пилла то мақомоти олии роҳбарии ҷумҳурӣ расида буд. Дар арафа ва рӯзҳои таҷлили ҷашни Рӯдакӣ дар маснади раёсати Кумитаи давлатии иқтисодӣ буд. Қаҳҳоров дар миёни роҳбарони давлатию ҳизбии он солҳо ба адабиёту фарҳанг бештар мухлису мӯътақид буд. Аз осори классикони адабиёти гузашта мутолиоти хуб дошт, асарҳои адибони муосирро низ хуб медонист. Қаҳҳоров ҳамчун болонишини мақомоти давлатӣ дар гузаронидани ҷашни Рӯдакӣ ва аз ҷиҳати маблағу пул таъмин намудани хароҷоти ҷашни бузург хеле озод ва саховатманд буд. Ростӣ гӯям, дар он солҳо ба сари корҳои муҳимми давлатӣ омадани шахсони фарҳангшиносу фарҳангдӯст хеле кам воқеъ мешуд. Аз ин ҷиҳат ба раёсати Кумитаи ҷашни Рӯдакӣ мансуб гаштани Абулаҳад Қаҳҳоров дар ҳалли бисёр масъалаҳои моливу ташкилии ҷашни пуршукӯҳи миллии мо аҳамияти калон дошт.

Дар гузаронидани ҷашни Рӯдакӣ мехоҳам хидмати хоксорона, вале муҳимми як нафар марди фаромӯшшударо зикр кунам. Ин мард Ҳикмат Раҳматуллоев буд. Аслан аз Самарқанд буду аз аввали солҳои сивум ба Сталинобод омада, дар соҳаи маорифу маданияти ҷумҳурӣ фаъолона хидмат кардааст. Солҳои аввал Раҳматуллоев дар тарҷума ва нашри китобҳои дарсии мактабҳои миёна ширкат дошт. Сипас ӯ ба сарпарастии Кумитаи санъати ҳукумати ҷумҳурӣ маъмур гашт. Дар ин самт Раҳматуллоев ба равнақи санъати мусиқӣ ва театр, ташкили гуруҳҳои санъаткорони ҷавон ва таъсиси мактабҳои мусиқӣ саҳми шоистае гузошт. Баъд аз соли 1941 дар ҷабҳаҳои ҷанги бузурги ватанӣ иштирок намуд ва дар охири ҷанг бо нишонҳои ифтихорӣ ва имтиёзоти хосса ба Сталинобод бозгашт. Дар аввали солҳои панҷоҳум Раҳматуллоев дабири масъули Ҷамъияти дӯстӣ ва равобит бо кишварҳои хориҷӣ интихоб шуд. Дар ин созмони навтаъсис Раҳматуллоев барои таҳким ва тавсиаи равобити фарҳангӣ бо мамолики хориҷ бо кӯшишу саъйи шоиста хидмат кард. Ба ҷуз қобилияти кордониву коршиносӣ хислатҳои шахсии вай – меҳрубонӣ ва чеҳраи кушод, хушсуханиву одоби неки муошират дар равнақи дӯстӣ бо ходимони маданияту фарҳанги мамолики хориҷӣ омили муҳимме буд. Дар пазироии меҳмонони хориҷии ҷашни Рӯдакӣ, дар роҳбаладӣ ва мулозимати онҳо Раҳматуллоев дар ниҳояти одобу тавозӯъ буд. Дар он солҳо бо меҳмонони хориҷӣ кор кардан, омадани онҳо ба ҷумҳуриҳои миллӣ ба иҷоза ва ба воситаи Маскав мушкилиҳои зиёд дошт. Раҳматуллоев дар ин мавридҳо мушкилкушои мо буд. Ёд дорам, соли 1964 дар бузургдошти 550-солагии таваллуди Ҷомӣ дар даъвати меҳмонони эронӣ ва дар рӯзи муайян расиданашон ба Душанбе ба воситаи Маскав мушкилоти нокушуданӣ пеш омад. Раҳматуллоев илоҷе ёфта, зуд ба шаҳри сарҳадии Озарбойҷон – Ҷулфа парвоз кард ва дар андак муддат донишмандони Эронро бо поезд пешвоз гирифта, як рӯз пеш аз ҷашн ба Душанбе расонд. Раҳматуллоев ҳамчун шахси таҷрибадори идораҳои давлатӣ дар таҳким ва тавсиаи фаолияти Ҷамъияти дӯстӣ ва равобит бо мамлакатҳои хориҷӣ кӯшишу ҳиммати зиёд ба харҷ дод.

Дар аввали солҳои ҳафтодум Раҳматуллоев – соҳиби нафақаи хосса бо даъвати Президенти Академия роҳбарии ташкилоти маҳаллии «Дониш»-ро ба ӯҳда гирифт. Дар андак муддат ин гӯшаи сокити Академия «ҷон гирифт». Кор ҷӯш мезад, мардум ба ҷунбуҷӯл даромад. Ӯтоқи хурди кории Раҳматуллоев ба маҷмаи донишмандон табдил ёфт. Дар ин ҷо кор мекарданд ва ҳам аз сӯҳбати ширин ва чеҳраи сурхинаи ҳамеша хандони Раҳматуллоев шод буданд.

Раҳматуллоев бо илтимоси ин ҷониб ба Кумитаи ҷашни Айнӣ ҳам кӯмак мекард. Таҷриба ва кордонии вай дар рафъи бисёр мушкилоти мо давои ҷонбахш буд. Раҳматуллоев шахси шинохтаи ҷумҳурӣ, шахси фурӯтан ва хоксор буд, бе иддао барои маданияти мо хидмати холисона ва ҷонсупорона мекард. Аз ин ҷост, ки меарзад мо ёди ӯро пос дорем ва ба хотираш арҷ бигзорем.

Чунон ки гуфтам, ҷашни Рӯдакӣ ҳамчун иди аввалини миллии маданияти тоҷик бо шукӯҳу азамати шоиста гузашт. Суннату расму оини ин ҷашн барои баргузории бисёр ҷашнҳои баъдии шеъру адаб ва фарҳанги тоҷик намуна ва пояи пайравӣ гашт.

Бале, ҷашни хубе, олие баргузор гардид, вале чанд сол аз ҷашн гузашту мо Рӯдакиро фаромӯш кардем. Рӯдакиву адабиёти давраи Сомониён гӯё билкул таҳҳиқу тадқиқ шуда бошад, омӯзиши аҳвол ва осори Рӯдакӣ ва муосиронаш қатъ гардид. Баъд аз нашри на чандон мӯътамади шеъри Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ дигар ба табъу интишори мероси гаронбаҳои кам таҳқиқ шудаи давраи Сомониён машғул нашудем. Ҳол он ки дар ҷумҳуриҳои дигар омӯхтани намояндаҳои барҷастаи адабиёташон баъд аз ҷашн ҳам идома меёбад, вусъат мегирад ва ёдбуди ҳарсолаи онҳо барпо мешавад. Солонаи Навоӣ дар Ӯзбекистон, Низомӣ дар Озорбойҷон, Руставели дар Гурҷистон…

Боре бо Абдулғанӣ Мирзоев дар ин мавзӯъ сӯҳбат кардам. Аз фурӯгузорӣ дар омӯхтани Рӯдакӣ таассуф кардем, вале иқрор шудем, ки ин ҷо шояд тақсири мо ҳам бошад. Азм кардем, ки тирамоҳи соли 1971 Конфронси донишмандони ҷумхурӣ ва берун аз ҷумҳуриро дар мавзӯъи масъалаҳои омӯзиши Рӯдакӣ ва адабиёти асри 10 дар Душанбе даъват кунем.

Дар вақти муайяншуда Конфронсро даъват кардем. Дар ин ҳамоиш донишмандони берун аз ҷумҳурӣ низ даъват шуданд. Конфронс натиҷаҳои ковиш ва омӯзиши олимони тоҷик ва шарқшиносонро дар омӯхтани мероси адабии давраи Сомониён ва билхосса шеъри Рӯдакӣ ҷамъбаст ва баъзе мавзӯъҳои муҳимми тадқиқи ояндаи ин соҳаи таърихи адабиётамонро муайян намуд. Дар ин ҷо мавқеъи Саид Нафисӣ ҳамчун муҳаққиқи ниҳоят пурмаҳсул ва пуркори аҳвол ва осори Рӯдакӣ ва адабиёти давраи Сомониён таъйид гардид. Конфронс нишон дод, ки дар Рӯдакишиносӣ на танҳо кори устод Айнӣ ва Саид Нафисиро идома додан, балки роҳҳои навин ва усули тозатарини илмиро кашф намудан ва аз рӯи он кор бастан лозим аст.

Саид Нафисӣ дар ин солҳо дар Тоҷикистон на танҳо бо осори илмиаш дар омӯхтани Рӯдакӣ ва замони вай маъруфият пайдо карда буд. Саид Нафисӣ бо робитаҳои бевоситааш бо олимони тоҷик дар таййи сафарҳояш ба кишвари мо миёни зиёиёни тоҷик машҳур ва маҳбуб гашта буд.

Саид Нафисӣ дар арафаи ҷашн аз омодагии муҳаққиқони тоҷик дар

омӯхтан, гирд овардан ва нашри осори Рӯдакӣ ба тавассути мукотиба огаҳӣ дошт. Аз бозёфтҳои навини ашъори Рӯдакӣ изҳори хурсандӣ ва ташаккур менамуд. Аз заҳамоту хидмати устод Айнӣ дар таблиғи Рӯдакӣ ва хусусан аз пайдо намудани вай қабри Рӯдакиро дар мақолаву суханрониҳояш арзи сипосу миннатгузорӣ менамуд.

Моҳи сентябри соли 1960 Кунгураи 25 –ми навбатии шарқшиносони ҷаҳон бо даъвати Бобоҷон Ғафуров дар Маскав созмон ёфт. Сатҳи илмӣ, доираи ширкаткунандагон ва шукӯҳу ҳашамати Кунгра олӣ буд. Расми кушоди Кунгра дар толори бузурги Донишгоҳи давлатии Маскав сурат гирифт. Аз номи Ҳукумати шӯрави дар ин маросим Анастас Микоян ширкат ва нутқи табрикӣ эрод намуд. Маҷлисҳои бахшҳои илмии Кунгра дар маҷлисгоҳҳои мухталифи Донишгоҳ мегузашт. Дар поёни Кунгра Бобоҷон Ғафуров аз номи ҳукумат ва Кумитаи ташкилӣ дар Қасри калони Кремл зиёфати шукӯҳманде орост, ки ҳусну мартабаи ҳамоиши байналхалқиро як бар чанд афзуд.

Дар Кунгра дар ҳайати донишмандони тоҷик ин ҷониб ҳам ворид будам. Дар маҷлису фосилаҳои он бо чандин олимони шарқшиноси ҷаҳон, ки номашонро шунида дар орзуи дидор будам, ошно шудам. Аз ҷумла бо устоди фақид Саид Нафисӣ ошно шуда, чанд рӯз шарафманди ҳамсӯҳбатии ишон будам. Ин марди мавзунқаду чолоки камгӯшт на танҳо бо дониши пурдомана ва беҳамтояш, балки бо хоксориву улфатгузинӣ ва хушсӯҳбатиаш низ касро ба худ зуд ҷалб мекард. Ҳаққо ки

Ҷӯши нутқ аз дил нишони дӯстист,
Бастагии нутқ аз беулфатист.

Саид Нафисӣ бо сабабе ба ҷашни Рӯдакӣ омада натавониста буд.

Бинобар ин баъд аз Кунграи Маскав бо ҳамсараш ва ҳамроҳи эроншиноси франсавӣ Жорж Лазар ба Сталинобод омад. Банда бо супориши маъмурияти академия ба меҳмонон ҳампой кардам. Саид Нафисӣ дар ин сафар бо донишмандони тоҷик мулоқот дошт. Ганҷинаҳои нусхаҳои хаттии китобхонаҳоро аз назар гузаронд. Ба Панҷакент ва ба зиёрати қабри Рӯдакӣ рафт. Таассуроти вай махсусан аз мулоқот бо мардуми оддӣ, алалхусус сокинони Панҷруд хеле хотирмон буд. Мегуфт, ки "ман Рӯдакиро дар миёни мардуми тоҷик ва хусусан сокинони Панҷруд зинда дидам. Симои мӯйсафедон ҳар яке симои Рӯдакӣ буд. Суханҳои онҳо ҳар яке шеъри Рӯдакӣ буд!" Саид Нафисӣ дар ин ҷо, дар Эрон ҳам борҳо мегуфт, ки забони тоҷикони Моваруннаҳр имрӯз забони тозаи форсӣ аст, забоне ки асолати давраи сомониёнро ҳифз намудааст.

Хулоса, ҳам Конфронси аввалини Рӯдакишиносӣ ва ҳам конфронсҳои баъдӣ ҳамеша бо ёдоварӣ ва посдории ёди устод Айнӣ ва Саид Нафисӣ баргузор мегардид.

Баъд аз он ки Шӯъбаи таърихи адабиёти тоҷик бо сарварии ин ҷониб ба Институти забон ва адабиёт интиқол ёфт, ташкили ҳамоишҳои илмии Рӯдакӣ дар ихтиёри Абдулғанӣ Мирзоев монд. То вақте ки Мирзоев дар ҳаёт буд, конфронсҳои илмӣ ҳар сол баргузор мегардид. Конфронсҳо бештар ёдбуди зоҳирии Рӯдакӣ дар шаҳрҳои Хуҷанду Панҷакенту Қӯрғонтеппа буд. Масъалаҳои муҳимми Рӯдакишиносӣ ҳамчунон нокушода монд. Намедонам,

шояд Мирзоев аз рафтани мо аз муассисаи вай ранҷида буд, ки маро ба Конфронсҳои Рӯдакӣ даъват намекард. Ман ҳам бо корҳои худ гирифтор будаму дар ширкати конфронсҳо майл намекардам, вале хурсанд будам, ки кӯшишҳои илмӣ дар омӯхтани Рӯдакӣ ва адабиёти давраи Сомониён хомӯш нашудааст.

Соли 1976 моҳи август Мирзоев даргузашт ва бо ҳамин "Рӯдакихонӣ" дар Институти шарқшиносӣ ҳам қатъ гардид. Дар Институти забон ва адабиёт мо ба таълифи силсилаи китобҳои таърихи адабиёти тоҷик машғул будем. Бо вуҷуди ҳамин аз шогирдони фақир Усмон Каримов ва Садрӣ Саъдиев бо роҳнамоии Муҳаммад Нурӣ Османов ва банда маҷмӯаи нави шеъри Рӯдакиро аз рӯи чопи нави китоби Саид Нафисӣ ва тасҳеҳу иловаҳои худ соли 1974 ба табъ расониданд.

Шеъри Рӯдакӣ ҳарчанд ба дасти мо кам расидааст, аммо пораҳои дурахшону муҷаллои он пеши назар қасри бузурги ибтидои назми форсиро муҷассам менамуд. Аз тамошои таҳқиқгаронаи пораҳои боқимондаи қасри шеъри Рӯдакӣ дур шуда наметавонистам. Мехондаму дар ҳар мисраъи он тааммуқ мекардам.

Дар охирҳои солҳои ҳафтодум ба ин ҷониб пешниҳод шуд, ки тарҷумаи осори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯро ба забони русӣ барои интишороти хеле бонуфуз ва маъруфи Ленинград дар силсилаи "Китобхонаи шоир" таҳия намоям. Нашрия соли 1934 бо ташаббуси Горкий таъсис шуда буд. Дар ин сисила намунаҳои беҳтарини мероси адабиёти ҷаҳон ба чоп мерасид. Ба ин силсила дохил шудани ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони вай нисбат ба адабиёти форсу тоҷик эҳтиром ва эътирофи бузург ва барои мо ифтихори миллӣ буд. Таҳияи китобро аз ин ҷониб хоҳиш намуданд. Ба ин муносибат ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, инчунин тарҷумаҳои русиро ба диққату ҳавсалаи том аз назар гузаронидам.

Натиҷаи мутолиот ва мушоҳидоти банда ин буд, ки дар шеъри Рӯдакӣ ва дар тарҷумаи он муҳаққиқон ва тарҷумонҳо хатову иштибоҳоти зиёде доранд ва ин ҳама таҳрифот аз як нашр ба нашри дигари ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони вай мегузарад. Дар ин мавзӯъ мақолаи муфассал навишта, соли 1982 ба чоп расондам. Донишмандон ва аҳли адаб мақоларо дуруст пазируфтанд ва нуктаҳои интиқодии онро тасдиқ намуданд. Александр Болдирев дар бораи мақола дар номааш навишта буд:

"Дар он мактуб ман ба Шумо на танҳо қаноатмандӣ, балки таассуроти беҳтарини худро, ки аз хондани мақолаатон ҳосил шуд, баён карда будам. Ниҳоят олими забардасту далер пайдо шудааст, ки ба лӯъбатаки безеби "Осори Рӯдакӣ", инчунин ба сели нохуши дурӯғу бебокиву таҳрифот, ки дар мо маъмулан "тарҷумаи бадей" меноманд, зарбаи сахт дода шудааст. Ман дар бораи се мақола (Амонов, Мухторов ва ин ҷониб - Р.Ҳ.), инчунин роҷеъ ба нашри мактубҳои Ҷомӣ аз тарафи Ӯрунбоев дар кафедра гузориши махсуси китобиёт кардам. Дар зимни ин роҷеъ ба "табадуллоти Рӯдакишиносӣ", ки мақолаи Шумо эълон ва оғоз намудааст, таваҷҷӯҳи махсусе иброз доштам". 15.06.83.

Шояд "табаддулот" гуфтани шодравон Болдирев муболиға бошад, вале ҳаминаш ҷолиб аст, ки баъд аз мақолаи ман боз навиштаҳои ҷиддие мисли мақолаҳои А. Афсаҳов, А. Ҳакимов, Ҷ. Гиунашвили чоп шуд, ки дар он роҷеъ

ба тасҳеҳ ва такмили шеърҳои Рӯдакӣ андешаҳои пуразриш баён ёфт. Хулосаи мубоҳисаҳову андешаҳо ин буд, ки осори манзуми хаттии Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯро амиқтару васеътар ва бо усулҳои нави илми матншиносӣ омӯхтан лозим аст. Чунин омӯзишро бо машварат ва иштироки муҳаққиқони тоҷик ва кишварҳои дигар анҷом додан лозим аст.

Охири соли 1983 ба Институт ва Президиуми Академия бо пешниҳоде мурочиат кардам, ки дар охири соли 1984 ҷашни 1125-солагии таваллуди Рӯдакиро дар миқёси ҷумҳурӣ созмон диҳем. Ташкили ҷашн моро боз ба Рӯдакӣ бармегардонад ва метавонем дар муассисаҳои илмиамон Рӯдакишиносиро ба маънои васеъи он ба роҳ монем. Пешниҳоди қаблӣ зуд қабул шуд. 14 ноябр дар ҳузури Муҳаммад Осимӣ Раиси Иттифоқи нависандагон Мӯъмин Қаноат, директори Институти Рӯдакӣ ва ин ҷониб барои маслиҳати пешакӣ ҷамъ омадем. Қарор шуд, ки ҷашнро дар тирамоҳи соли 1984 бо омодагии шоиста гузаронем.

Дар аввали соли 1984 мактуби расмӣ аз номи Академия ва Иттифоқи нависандагон бо пешниҳоди ташкили ҷашни 1125-солагии таваллуди Рӯдакӣ ба Кумитаи марказии ҳизб ирсол гардид. Аз дастгоҳи Бобосодиқова, ки котиби масъули корҳои идеологӣ ва маданӣ буд, хабари қабул шудани пешниҳод расид. Тадбироти гузаронидани ҷашн низ тартиб ва тасвир ёфт. Дар Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ ва муассисаҳои дигари марбутаи Академия ба Конфронси илмӣ омодагӣ оғоз шуд. Ман бо ҳамкории Ансор Афсаҳов маҷмӯаи шеъри Рӯдакиро бо номи «1000 мисраъи Рӯдакӣ» - «1000 строк Рудаки» ба забонҳои тоҷикию русӣ интишор намудем. Дар ин китобча аксари саҳву хатоҳои чопҳои пешина ислоҳ шуд. Маҷмӯаи мақолаҳо дар бораи Рӯдакӣ ва адабиёти давраи Сомониён ба нақша гирифта шуд. Барои иштирок дар ин маҷмӯа ва ҳамоиши илмии академия ба Рӯдакишиносони Маскаву Ленинрад ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя даъватномаҳо фиристодем. Ба кори мо Шӯъбаи маданият ва илми Кумитаи марказии ҳизб назорату роҳбарӣ мекард. Рӯзи тақрибии ҷашнро ба аввали моҳи октябр таъйин намудем. Ҳама ба ҷашн тайёр шуда буд. 10 сентябр соати 10 ба ман хабар доданд, ки аз Шӯъбаи илми Кумитаи марказӣ телефон кардаанд, ки ҷашни Рӯдакӣ гузаронида намешавад ва Академия бояд дар ин хусус ба меҳмонони даъватшуда огаҳӣ диҳад. На машварате, на маслиҳати қаблӣ бо Академияву Иттифоқи нависандагон.Ва аз сабаби ин ҳодиса на хабаре. Дертар ба воситае огаҳ шудем, ки котиби ҳизб Бобосодиқова ба сабаби баъзе рӯйдодҳои сиёсии Афғонистон ба манъи таҷлили ҷашн ишора фармудааст.

Ин амал барои мо хеле зарбаи сахт буд. Зеро дар натиҷаи амри носанҷида ва нохирадмандона соҳаи пурмазмуни ҳаёти маънавии мо – омӯзиш ва пажӯҳиши давраи муҳимтарини таърихи адабиёти тоҷик боз сокиту хомӯш гардид. Дар ин хусус дар Рӯзнома навиштаам:

"Рӯҳи бузуги Рӯдакӣ ва эҳсоси он ки чунин як кореро дар арафаи ҷашни республика гузаронидан лозим ва ба маврид буд, касро ором намегузорад.

Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,
Гул бирезад – нарезад аз вай бӯй.

Бале, бӯйҳои гули шеъри Рӯдакӣ асрҳо атрфишонӣ кард. Аммо аз он

касе ки ин корро кардааст, чӣ асар мемонда бошад?!" (10. 09. 84).

Хушбахтона, гули шеъри Рӯдакӣ боз атрфишонӣ кард. Соли 1985 маҷмӯаи калони ашъори Рӯдакӣ ва муосиронаш ба забони русӣ бо муқаддима ва таълиқоту тавзеҳоти ман дар Ленинград ба чоп расид.

Таҳияи китоб бароям мактаби Рӯдакишиносиро аз нав боз намуд. Пеш аз ҳама бо нашри илмиву интиҳодии марҳум Саид Нафисӣ ва нашри тоҷикии ашъори Рӯдакӣ амиқтар ошно шудам. Дуввум тамоми тарҷумаҳои ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯро бо асл муқоиса намудам. Натиҷаи мутолиот ин буд, ки матни ниҳоят пуркорона гирдовардаи Саид Нафисӣ нуқсу камбудиҳои ҷиддӣ дорад. Ноширони баъдӣ на танҳо Нафисиро тасҳеҳ накардаанд, балки саҳву хатоҳои ӯро такрор ва боз ҳам печидатар намудаанд. Натиҷаи мутолиот ва мулоҳизоти банда дар ҳамон мақолаи пештар зикршуда баён ёфта буд.

Ин ҳама омилу бурҳон маро ба омӯхтани минбаъдаи Рӯдакӣ бо роҳи навин далер намуд. Азм намудам, таҳқиқоти ояндаи бахши таърихи адабиёти Институтро дар омӯзиши Рӯдакӣ ва адабиёти давраи Сомониён мутамарказ созам. Ҳанӯз ба ин кор пой наниҳода, воқеаҳои фоҷеангези аввали солҳои навадуми асри 20 рух дод. Дар натиҷа вазъи илму дониш хароб шуд ва шароити идома додани пажӯҳиш дар атрофи масъалаҳои умдаи илмӣ ба табоҳӣ рӯй ниҳод.

Бо вуҷуди ин носозиҳо дар охири солҳои навадум проблемаи Рӯдакишиносиро ба нақшаи илмии Институт хостам дохил намоям. ..Аммо ғайри чашмдошт ва бе ҳеч асоси ҷиддиву илмӣ бо таҳрики Абдулқодир Маниёзов Шӯъбаи таърихи адабиёти тоҷик баста шуду ин ҷониб аз роҳбарияти илмии ин бахш дур афтодам. На танҳо ба проблемаи Рӯдакишиносӣ, балки ба омӯзиши илмии таърихи адабиёти классикии тоҷик зарбаи илоҷнопазир ворид гардид.

Бо ин ҳама орзуву умед боқӣ буд. Рӯҳи Рӯдакӣ ва бузургони адабиёти классикӣ ба мо нерӯи умеду эътиқод мебахшид. Мегуфтам:

Пиндошт ситамгар, ки ситам кард ба мо,
Бар гардани ӯ бимонду бар мо бигзашт.

Дар воқеъ ҳам умедҳо бар абас нарафт. Соли 1996 Президенти мамлакат ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов дар бораи ҷашн гирифтани 1100-солагии бунёди давлати Сомониён қарор қабул кард. Ин қарори таърихӣ барои пасу эҳтироми давраи тақдирсози халқи тоҷик, барои омӯхтани ҷараёни ташаккул ва равнақ ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар асри 10 ва бузургдошти мероси гузаштаи мо аҳамияти калон дошт. Қарори Президент маро далер сохт, ки бори дигар барои омӯхтани Рӯдакӣ ва адабиёти замони вай омиле ба вуҷуд оварам. Моҳи апрели соли 1999 ба Шӯрои илмии Институт пешниҳод намудам, ки барои таҷлил, таблиғ ва тадқиқи осор ва рӯзгори Рӯдакӣ, инчунин адабиёти давраи салтаи Сомониён созмоне ба номи Маҳфили Рӯдакӣ ташкил гардад. Ин пешниҳодро қабул нокардан мумкин набуд. Маҳфили Рӯдакӣ ташкил гардид ва ба сарпарастии он банда маъмур гардидам. Ин иқдом пас аз лағв намудани бахши адабиёти классикӣ ғалабаи калоне буд дар зинда сохтани омӯзиши мероси классикии мо.

5-ми октябри ҳамон сол маҷлиси аввалини Маҳфили Рӯдакӣ бо иштироки доираи васеи муҳаққиқони тоҷик ва кормандони сафорати Эрон бо сардории сафир ҷаноби Саййид Расули Мусавӣ созмон ёфт. Дар ҳамоиш Маҳфили Рӯдакӣ Бунёди Рӯдакӣ ном гирифт. Қарордоде қабул шуд, ки ҳамоиши нахустини Бунёди Рӯдакӣ бо иштироки донишмандони эронӣ дар Панҷакент ба унвони «Ёди Рӯдакӣ дар диёри Рӯдакӣ» баргузор гардад.

Як сол омодагии баргузории ёдбуди Рӯдакиро медидем. Ҳукумати шаҳри Панҷакент низ пешниҳоди моро ба ҳусни истиқбол дастгирӣ кард. 11-ми октябр дар шаҳри Панҷакент дар толори музеи кишваршиносии Рӯдакӣ ҳамоиши аввалини Бунёди Рӯдакӣ барпо гардид. Дар ҳамоиш гурӯҳи донишмандони баргузидаи Эрон бо роҳбарии Муовини Вазири корҳои хориҷӣ ҷаноби доктор Сайид Ҳусайни Харрозӣ иштирок намуданд. Дар поёни маҷлис муроҷиати ширкаткунандагон (матни онро пешакӣ дар Душанбе тартиб дода будам) ба Президент Эмомалӣ Раҳмонов эълон гардид. Дар поёни нома пешниҳод шуд, ки аз соли оянда ҳар сол 22-уми моҳи сентябр Рӯзи Рӯдакӣ эълон шавад. Нома ва пешниҳодро ширкаткунандагони ҳамоиш гарму ҷӯшон қабул карданд. Баъд аз маҷлис ва маросими қабули ҳукумати шаҳр дар Панҷруд дар боғи мақбараи Рӯдакӣ базми шеъру суруд бо ширкати сокинони деҳа барпо шуд. Ҳамоиши аввалини Бунёди Рӯдакӣ ба ҳамин шукӯҳи идона ва мазмуни амиқи илмӣ гузашт.

Соли дигар дар айни омодагии маҷлиси навбатӣ оризаи сахте ба ин ҷониб рух дод ва ҷарроҳии мураккаб аз сар гузашт. То охири сентябр дар бемористон будам. Ҳамоиши ба нақша гирифташуда мавқуф монд. Натиҷаи пешниҳоди мо низ бе ҷавоб буд. Бемории ногаҳонӣ ва таъвиқи қарордоди таъйин гардидани Рӯзи Рӯдакӣ дар дил яъсу навмедӣ андохт.

Хушбахтона «кулбаи эҳзон охир гулистон" шуду аввали ноябр дӯстон аз дастгоҳи Президент ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олӣ муждагонӣ доданд, ки Рӯзи Рӯдакӣ дар радифи идҳои ҷумхурӣ ба тасвиб расидааст. Ҷисми бемор қувват гирифт, рӯҳи хаста боз ба парвоз омад. Акнун Рӯзи Рӯдакиро чун иди аввалини миллӣ ба шукӯҳу таҷаммул ва ҳамоиши Бунёдро бо баррасиҳои масъалаҳои калони илмӣ баргузор кардан лозим буд. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Ба Рӯзи Рӯдакӣ ва ҳамоиши илмии навбатӣ тибқи мувофиқат бо сафорати Эрон донишмандони Фарҳангистони забону адаби форсии Теҳрон бо сардории Ҳаддоди Одил даъват шуданд.

Рӯзи Рӯдакиро Президент Эмомалӣ Раҳмонов бо номаи худ табрик гуфт. Маҳфилу базмҳои шеъру суруд дар толори Иттифоқи нависандагон, назди пояи муҷассамаи Рӯдакӣ, дар боғи шаҳр барпо шуд. Дар толори Академияи илмҳо ҳамоиши илмии Бунёди Рӯдакӣ баргузор гардид.

Дар аввали соли 2004 Бунёди Рӯдакӣ ба Созмони мустақили ғайридавлатии ҷамъиятӣ табдил дода шуд ва бо тасвиби Вазорати адлия шаҳодатнома гирифт. Гурӯҳи муассисон ба ҷомеаи Тоҷикистон бо ин хабари хуш муроҷиат кард. Суратҳисоби Бунёд низ кушода шуд. Аммо ҷомеаи мо ҳамоно ба дараҷаи шуури миллии матлуб нарасидааст – касе аз соҳибкорон ва муассисаҳои доро ёрии пулӣ ба амал наовардааст.

Худи ҳамин сол Созмони тарвиҷ ва ҳамкории Шветсария тибқи барномаи

мо кӯмаки пулӣ тақдим дошт. Ба ин маблағ мо тавонистем маҷмӯаи шеърҳои Рӯдакиро бо тарҷумаи русӣ ба чоп расонем. Дар Панҷакент ва дар Панҷруд 22 сентябр ба ифтихори Рӯзи Рӯдакӣ ҷашнвораи суруду мусиқӣ созмон додем. Дар Душанбе дар мавзӯъи «Шӯҳрати ҷаҳонии Рӯдакӣ» ҳамоиши илмӣ ташкил намудем.

Ба Бунёди Рӯдакӣ ҳукумати шаҳри Панҷакент, ширкати Вавилон-Т низ кӯмаки ҷиддӣ расониданд. Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ барои мо хонаи кор ҷудо кард. Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев барои тармиму таъмири қароргоҳи Бунёд фармоиш дод.

Сафоратҳои Олмону Фаронса ба мақсади пурқувват кардани ҷиҳати моддии Бунёд кӯмаки пулӣ намуданд. Умед дорем, ки дар оянда соҳибони корхонаву ширкатҳои калон ба Бунёди Рӯдакӣ ҳамчун созмони миллии худ кӯмакҳои хайрия хоҳанд кард.

Бунёди Рӯдакӣ дар омӯзиш ва нашри осори Рӯдакӣ ва умуман адабиёти давраи ҳукумати Сомониён нақшаҳои калон дорад. Иҷрои нақшаҳо на танҳо ба саъю кӯшиши донишмандон, балки ба мададу дастгирии ҷомеаи Тоҷикистон вобаста аст. Рӯдакӣ ифтихори миллии мост. Рӯдакӣ шоири миллии мост. Рӯдакӣ таҷассуми таърих ва ҳастии маънавии тоҷикон аст.

АЙНӢ

Номи Айнӣ ва тамоми зиндагии бошууронаву фаолияти пурбаракати адабӣ, маорифпарварӣ ва хидматҳои ҷамъиятии вай бо таърих ва тақдири халқи тоҷик сахт пайванд аст. Ҷавоне ки дар саҳрои озод бо табъ ва хислати озодона устухонаш сахт шуда буд, ба Бухоро омад. Дар ин шаҳри қадими ворису таҷассуми тамаддуни пурсарвати мусалмонӣ ва ватани аслии мардуми эрониюласли тоҷик илму дониш омӯхт. Баробари чароғи дониш, ки дидаи хирадро равшан намуд, нури ҳақиқат низ лозим буд, ки роҳи ояндаи Айниро равшан созад ва мақсади зиндагиро нишон диҳад. Айнӣ бо кӯшиву саъю ҳиммат дар ҷусту ҷӯи ҳақиқат ва машъалаи роҳи оянда буд. Ба бахти Айнӣ ва муосирони ҳамфикру тараққипарвари вай чунин нури ҳақиқат дар симои Аҳмади Дониш пеши назари онҳо қад барафрошт. Айнӣ аз осори Дониш калиди дари мушкилҳоро пайдо кард. Роҳи ҳақиқат ва маърифат ба чашми вай кушода шуд ва устуворона аз ҳамин роҳ қадам гузошт. Аз ташкили мактабҳои нав ва таълифи китобҳои таълимӣ барои "танвири" (таъбири Айнӣ ба маънии равшан ва ҳидоят намудан) шуури ҷомеаи Бухорои ибтидои қарни 20 то дами вопасини худ дар таҳрири ёддоштҳояш Айнӣ дар хидмати халқ, дар хидмати ватан буд.

Дар бораи Айнӣ ва осору рӯзгори вай сафаҳоту китобҳои бисёре таълиф шудааст. Вале ҳанӯз ҳам саҳифаҳои нонавишта ва лаҳзаҳои омӯхтаношудаи зиндагиномаву корномаи Айнӣ бисёр аст. На танҳо насли имрӯза, балки наслҳои оянда дар бораи Айнӣ на як китобу ду китоб хоҳанд навишт. Ҳар як насл ва ҳар як қарн Айниро аз назари худ, ба муқтазои замони худ меомӯзад, вале заминаи асосӣ барои ҳар насл ва ҳар замону марҳила ҳақиқати рӯзгор ва осори вай хоҳад буд.

Айнӣ шогирдони зиёдеро тарбия намудааст. Ман онҳоеро дар назар

дорам, ки на дар ғайб, на аз осору мактаби эҷодии устод таълим гирифтаанд, балки бевосита дар паҳлӯи ӯ буданд, ҳам ба роҳнамоии илмиву адабӣ ва ҳам ба ғамхориву парвариши падаронаи ӯ камолоти маънавӣ ёфтанд. Мисли Раҳим Ҳошим, Абдусалом Деҳотӣ, Раҳим Муқимов шогирдоне буданд, ки дар сӯҳбат ва дар хонаводаи Айнӣ ворид буданд. Мисли Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзода, Фотеҳ Ниёзӣ шогирдону мухлисон буданд, ки бо Айнӣ мулоқотҳо доштанд, эҳтирому меҳру бузурге ба ӯ мегузоштанд, аз ӯ ибрат ва омӯзиш меёфтанд, ҳарчанд аз Самарқанд дур буданд.

Дар зиндагӣ саодати онро доштам, ки аз овони наврасӣ дар илму адаб устоди роҳнамо Айнии бузургвор буд. Метавонам гӯям, дар як гӯшаи ҳаёти вай ҷое ҳам доштам. Зиёда аз ин дар хонаводаи Айнӣ мисли хешованд будам. Панҷоҳ сол сипарӣ шудааст аз даргузашти Айнӣ, вале рӯҳи вай, осори вай имрӯз ҳам дар ҳаёти ман, дар фаолияти ман зинда аст. Панҷоҳ сол гузашту худ ба синни Айнӣ расидам. Дар ин марҳилаи умр кас на танҳо солҳои сипаришуда, балки корвони гузаштагонеро, ки ҳамроҳу ҳампо ё пайраву думболагири онҳо будааст, ба хотир меорад. Дар роҳи ин корвон Айнӣ ба сони қофиласолор дар пеши назар мучассам мегардад.

Дар бораи тақдири Айнӣ, роҳи паймудаи вай дар таърихи тоҷикон фикру андеша мекунам. Тақдир дар роҳи зиндагии вай бисёр душвориҳо, монеаҳо ва ҳатто фоҷеаҳо гузошт. Қадами устувор, иродаи матин, ҳақбиниву ҳақгӯй, гоҳо тасодуфи ғайри чашмдошт ва ниҳоят иноятӣ ҳимояти илоҳӣ ӯро аз мушкилу дармондагиҳо ба саломат берун овард. Парвардигор ба вай истеъдоди фитрии эҷодкориро ато намуда буд. Айнӣ қадри ин неъмати илоҳиро хуб фаҳмид ва дар дил азму нияти қатъӣ парварид, ки бо ҳамин нерӯи маънавӣ барои инсон, барои ҷомеа, барои миллат хидмат кунад.

Айнӣ ҳамзамони одамони бузурги миллати мо буд. Ҳамроҳ, ҳаммаслак, ҳамнабарди Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва Абдурауфи Фитрат дар интишори мактабу маорифи нав ва равшан намудани шуури мардум буд. Мисли онҳо, баробари онҳо барои бедории миллат хидмат менамуд. Ба ин ду тан баргузидагони даврон эҳтиром ва эътиқоди самимӣ дошт. Вале ҳазорон афсӯс, ки онҳо дар нимароҳи мақсуду мароми худ монданд. Яке ба тарзи фаҷеъ кушта шуд, дигаре роҳи дуруст пайдо карда натавонисту низ ба қатл расид. Хушбахтии Айнӣ дар он аст, ки бо талошу мубризаҳо, бо заҳмату хадамоти ҷоннисоронааш пилла ба пилла ба манзили мақсуду мароми худ расид.

Оё сабаби ин дар чӣ бошад — гоҳо фикр мекунам ман. Кӯшиш мекунам дар доираи фаҳмам ба ин суолҳо ҷавоб пайдо кунам. Фитрат суханвари бузурги тоҷик буд. Асарҳои насри вай дар ибтидои асри 20 дар ҷомеаи Осиёи Миёна инқилоби фикриву ислоҳотчӯёна ба вуҷуд овард. Ин асарҳо ба забони форсии тоҷикии асил иншо шуда буданд. Ба забони тоҷикони Бухоро, ба забони модарии Фитрат. Вале Фитрат бо таъсири маорифпарварии турк ва бо ҳусни таваҷҷӯҳ ба давлати мутараққии Туркия худро ба тарзи сунъӣ ба ирқи турк мансуб кард. Дар муқаддимаи «Оила» навишта буд, ки аслан лозим буд китобашро ба забони ирқии худ –туркии чиғатой нависад, аммо шароит бар он дошт, ки ба забони форсии тоҷикӣ таълиф намояд. Инро шахсе навиштааст, ки Айнӣ осори ба тоҷикӣ навиштаи

ўро оғози адабиёти навини инқилобии тоҷик гуфта буд. Баъд аз ин Фитрат худро ба гурӯҳи ҷавонбухориён андохт. Баъд аз ғалабаи инқилоби Бухоро дар ҳайати ҳукумати ҷумҳурии халқии Бухоро вазири молия шуд ва пулҳои қоғазии бонк бо имзои вай ба муомила баромаданд. Фитрат баъд аз ташкили Ӯзбекистон барои адабиёти ӯзбек камари хидмат баст. Китобҳои таърихи адабиёти ӯзбек бори аввал ба қалами вай таълиф гардид, барои тарбияи адибу олимони ҷавони ӯзбек иттиҳодияи адабии «Чиғатой гуруми» ташкил кард. Дар бораи Бедил ва арӯзи тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ рисолаҳои илмӣ навишт... Дар охир тарбиятёфтагони Фитрат ӯро ба миллатгарой ва пантуркистӣ айбдор карданд. Ҳангоме, ки Фитрат ба лонаи худ бозгашту аввалин драмаи тоҷикии «Шӯриши Восеъ», аввалин китоби дарсии тоҷикии алифбои лотиниро таълиф кард, Тоҷикистон ӯро ба оғӯши кушод пешвоз гирифт. Ҳанӯз роҳи худро дуруст муайян накарда аз ин сӯ ба он сӯ мерафт, ки тундбоди террори сталинӣ ӯро ба коми худ кашид. Шояд гумроҳиҳо аз он будааст, ки Фитрат аз аввал шоҳроҳи мақсуду маромро интихоб карда натавонист. Фитрат дар таърихи маданияти мо шахси баргузида буд ва дар роҳи ташаккули маънавиёти мо нақши равшане боқӣ гузоштааст. Лекин вай ба мақоми Айнӣ расида натавонист. Ин на танҳо амри қазову қадар, балки хатои роҳи интихоб кардаи Фитрат буд.

Айнӣ аз сатҳи толибилмии мадраса то мақоми саркотиби маънавии миллат роҳи дуру дароз ва пурпечу тобро тай намуд. Роҳи мақсаду мароми вай аз аввал то охир тағйир наёфт – балки торафт васеътар, равшантар ва барои мардуму ҷомеа боровару судмандтар мешуд. Роҳи зиндагӣ ва эҷодии Айнӣ ба мардум омӯхтани фарҳангу маърифат, бо сухан ва қалами худ барои бунёд намудани ҷомеаи одилона ва башаргароёнаи миллат хидмат кардан буд. Сиёсатро хуб медонист, барномаҳои оқилона ва одилонаи гурӯҳҳои сиёсӣ, сохтор ва мавқеъҳои одилонаи сотсиалиро хуб мефаҳмид, ба тарафдорӣ ва истеҳкоми заминаҳои иҷтимоии ҷомеаи пешқадам устувор меистод. Аммо аз сиёсатбозиву ихтилофҳои ҳизбӣ дурӣ меҷуст. Инро худи вай гуфтааст: "Зотан фақир аз сиёсиёт мутанаффир будам. Ин ҳама фаҷоеъро аз суъи ҳаракати сиёсиюни Бухоро, бо вуҷуди тадохули худ, кашидам. (С. Айнӣ. "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро", Теҳрон, Суруш, 1381, саҳ. 144)

Бузургии Айнӣ дар хирадмандии ӯ буд. Хирадмандие, ки бо гузашти айём ва таҷрибаи рӯзгор қавитар, равшантар ва бештар ҳидоятгар мешуд. Шакке нест, ки хирад атои Худовандист ва хирадмандӣ хислати шахсист. Такомули хираду хирадмандӣ вобаста ба он аст, ки соҳиби хирад то чи андоза ба ҳаёт наздик аст ва то чӣ андоза аз рӯзгор таҷриба бардоштаву андӯхта метавонад. Биёед чунин хираду таҷрибаро дар ҳаёти Айнӣ дар зоқеаи мушаххаси таърихи мо бисанҷем.

Баъд аз инқилоби феврали Русия дар ҷомеаи Бухоро ҷунбиши фикриву ислоҳотхоҳӣ ба вуҷуд омад. Дар асари таҳрику машваратҳои беруна ва тарсу бим аз шӯълаҳои аввалини бедории шуури иҷтимой амир Олимхон ба зълони фармони "Ҳуррият" иқдом намуд. Гурӯҳи калони тараққипарварон, ки чунин иқдоми амирро ғалабаи ҷунбишҳои фикрии худ мепиндоштанд, ба аксари раъй қарор доданд, ки намоиши шукрона ташкил намуда, ба даст

байраќи сурх бардоранд (дар тақлиди инқилоби рус).

Айнӣ, ки низ дар сафи тараққихоҳон буд, ба тарзи қатъӣ ба қарордоди намоишгарон муқобил баромад. Дар фикру ақидааш то андозае устувор буд, ки аксари тараққихоҳон, ҳатто дӯсту шарикаш Абдулвоҳиди Мунзим, аз вай тарки алоқа намуданд. Айнӣ дар тасдиқи фикру мавқеи худ далелҳои хеле мустаҳкам дошт, аммо ҳамроҳу ҳамсафони вай нафаҳмиданд. Дар ин мавқеъ далелҳои Айниро аз забони худи вай иқтибос мекунам.

"Ин сулуки (роҳи) тараққипарварон ба ҳиссиёти миллия бисёр гуворо буд; ҳайфо ки дар ин гуна иқдомоти бузург асбобашон ноқис ва ҳозириашон мафқуд (гум) буд; фақат дар ҳиссиёт фирефта шуда, лофу боди бисёре мезаданд; қонуни табиатро иқрор намекарданд. Ба аҳволи рӯҳияи ҳукумат ва раия воқиф набуданд ва гумон мекарданд, ки ҳар ташаббуси хайрхоҳонаашонро ҳукумат "бале", раия "оре" гуфта ёрмандӣ қабул менамоянд. Ба фикри фақир асли миллатпарварӣ он аст, ки ба коре, ки қувваташон намерасад, иқдом накунанд. Балки ба танвири (равшан кардани) афкор кӯшанд, то ки аҳолӣ доно ва ҳозир шаванд. Зеро агар бо вуҷуди нуқсони қувват ба корҳои бузург тадохул ва иқдом намоянд, рӯзе маҷбур мешаванд, ки барои ҳифзи ҳаёти худ ба аҷнабиён илтиҷо баранд, баъд аз он маҷбур мешаванд, ки ба риояи хотири аҷнабиён (хориҷиён) ё бо эътимод ва такя бар қуввати ишон кардан, ба фалокатҳои азима худро ва ватанро гирифтор намоянд. ...Гумон наравад, ки фирқае, ки ҳозир худро тараққипарвар меноманд, ҳамаи ишон мунавварулфикр ва боқӣ аҳолӣ нодонанд. Не! Аксари ҳамин фирқаи тараққипарварон низ нодон буданд. Хусусан аз сиёсиёт ҳеч хабаре надоштанд. Дар инқилоботи сиёсиҳое, ки ба таворих хондаанд, кӯркӯрона тақлид мекарданд. Дар фикре, ки имрӯз иҷро карданӣ мешаванд, фардои онро андеша намекарданд."

Дар мавқеъи дигар: "Фақир гуфтам: "Зотан ман ислоҳоти Бухороро ба шароити ҳозира мумкин намедонам. Бинобар ин ба суханҳои элчихона ва қушбегӣ фирефта шуда, аз паси ин кор гаштани шуморо бе нафъ, балки зарарнок медонам. Зеро қоидаи арбоби ҳукумати Бухоро ин аст, ки кореро карданӣ шуда касеро худ дар майдон меадозанд. Вақте ки аз он раъяшон мунқалиб шуд (баргашт), дар сари он касе, ки худ дар майдон андохтаанд, балоҳоро меоранд".

Ба Абдулвоҳиди Мунзим мегӯяд: "Шумоён дар масъалаи ислоҳот хеле аҳамият доданӣ, ҳатто ба рӯзи бурузи (эълони) фармони амир намоиши шодиёна карданӣ будетон. Касоне, ки дар муқобили шумоён ҳастанд, мегуфтаанд, ки: агар тараққипарварон намоиш кунанд ва байрақ бардоранд, то як қатра хун дорем, муқобалат хоҳем кард. Бинобар ÷ин ба хотири ман мерасад, ки дар ин кор ба эҳтиёт ҳаракат кардан лозим аст. Байрақбардорӣ кори муҳимме нест. Барои як амри ғайри муҳимм сабаби аксулҳаракат шудан кори одами оқил нест" (Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Теҳрон, Суруш, саҳ. 98-99, 108, 109).

Он чи Айнӣ пешгӯй ва пешбинӣ карда буд, рух дод. Қуввахои иртиҷоӣ мардуми нодонро ба по хезонданд, намоиши тараққипарваронро торумор карданд. Сарони намоишгарон фирор карданд, Айнии бегуноҳро дастгир карда, ваҳшиёна ҷазо доданд.

Пешгӯй ва пешбинии Айнӣ аз ҳирадмандии вай буд. Вале ин ақлу заковати муҷаррад набуд, ақлу хираде, ки бо таҷрибаи ҳаёт ва ташхиси ҳаёти мардум ва таҳлили иҷтимоию сиёсии ҷомеаи Бухоро ба камолот расида буд. Айнӣ дар байни табақоти гуногуни мардум буд, зиндагонӣ ва ниёзмандиҳои халқро хуб медонист. Аз аввали қарни бистум таҳаввулот ва тараққиёти риштаҳои гуногуни муҳити иҷтимоию сиёсии ҷомеаи Бухороро нағз мешинохт.

Абдурауфи Фитрат солҳои дароз дар Бухоро набуд. Дар Туркия таҳсил мекард. Қувваҳои пешқадами инқилобӣ ва тараққихоҳонаи турк ба афкору ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи Фитрат таъсири мусбат гузоштанд. Осори тараққихоҳона ва ислоҳотталабонаи Фитрат, ки баъд аз бозгашт таълиф намуд, дар ҷомеаи Бухоро бе муболиға ҷӯшу ҷунбише ба вуҷуд овард. Аммо дар лаҳзаи пурмасъулияти таърих Фитрат шароити воқеии Бухороро нафаҳмид ва ба ҳисоб гирифта натавонист. Вай зоҳири усули ҷунбиши инқилобии кишвари дигарро дар Бухоро ҷорӣ карданӣ шуд. Сахт хато кард.

Хиради бузурги Айнӣ дар хидмати қаҳрамононаи ӯст барои миллат, барои кишвар, барои ояндаи халқи тоҷик. Хиради бузурги Айнӣ дар тамоми осори бадеии насру назми вай падидор аст. Хиради бузурги Айнӣ дар таҳқиқ ва омӯзиши мероси бузурги адабиёт ва умуман маданияти мо чароғи равшан аст. Ман на бо худситоӣ, балки бо ифтихори самимона мегӯям, ки неъмати бузурге будааст, ки аз сояи хиради бузурги Айнӣ дар зиндагиву корҳои худ баҳрабардор будаам. Инро дар синни ҳафтоду ҳашт мегӯям, ки синни мубораки Айнӣ мебошад. Кас ба қадри неъмат мерасад, лекин қувваи бузурги неъматро сол ба сол зиёдтар мефаҳмад ва ба фаҳму ақли комилтар тавҷеҳ менамояд. Айнӣ дар бистсолагиаш "Наводирулвақоеъ"-и Донишро хонда буд. Баъд аз панҷоҳ сол, дар айёми камолоти маънавӣ он чи аз мӯҳтавиёти ин асар ҳосил карда буд, инқилоби фикрӣ номид. Дар ҳамон сол орзу карда буд, ки мисли Аҳмади Дониш нависандаи ҳақиқатнигор шавад. Дар чилсолагӣ ба орзуи худ расиду қиссаи аввалинашро ба номи "Ҷаллодони Бухоро" таълиф намуд. Зиндагӣ ба он ҷодае рафт, ки Айнӣ ҳамеша сояи Аҳмади Донишро дар паҳлӯи худ медид.

Номае, ки устод барои ман ба Маскав фиристода буд, дар боло мукаммал иқтибос шуд. Ба маънии ин нома имрӯз ба диққат тааммуқ намудам. Маълум мешавад, ки устод танҳо барои олими комил шуданам ғамхорӣ накардааст. Балки вай умеде доштааст, ки барои миллатамон дар хидмат ҳамсафи пешқадамони зиёёнамон бошам. Агар дар фикри худ хато накарда бошам, тибқи умеди устод ҳар чи дар доираи қудрату тавонам буд, барои миллатамон хидмате карда тавонистам. Илова бар ин барои амалӣ гаштани орзуҳои устод, ки аз сӯҳбату осораш дармеёфтам, низ саҳме гузошта тавонистам. Устод маро ба омӯхтани адабиёти қарни 19 ва ибтидои асри 20 ҳидоят намуд. Ин корро иҷро кардам. Устод симои Аҳмади Донишро бузург медошт ва ояндагонро ба омӯзиши ин бузургвор ташвиқ менамуд. Ман сӣ соли умри худро ба омӯзиш, таҳқиқ ва бозёфтани мероси Аҳмади Дониш сарф кардам ва ҳосиле низ бардоштам, ки рӯҳи устод қонеъу розӣ бошад. Устод вазифа гузошта буд, ки забони адабии худро такмил диҳам ва дар риояи тозагии забон барои дигарон намуна бошам. Аз аввал то имрӯз саъйи ман дар такмилу тазкияи забони худ сарф шудааст ва бо мақолаву тарғибот барои покизагии забонамон мекӯшам.

Мартабаи Айнӣ чунон бузург аст, ки тавсифу таърифи ман пасттар аз он аст. Аммо он чи дар замири дилам ҳаст, натавонистам ба хотиру ёди устод нагӯям. Шояд ин чун хӯшае бошад, ки малах ба унвони армуғон ба боргоҳи Сулаймон бурда буд. Тақсире бошад, аз бандаву худо маъзарат мехоҳам.

Дар таҷлилу бузургдошти Айнӣ хидмати Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода ниҳоят бузург аст. Саъю кӯшиши онҳо дар таблиғи Айнӣ иборат аз он буд, ки ин шахси бузургро на танҳо дар ватанамон, балки берун аз марзҳои кишварамон ҳамчун таҷассуми миллат, ҳамчун парчами тоҷикон бишносанд. Боре дар сӯҳбати Бобоҷон Ғафуров будам бо Шавкат Ниёзӣ. Дар айни гармии сӯҳбат аз Айнӣ гап кушод:

—Айнӣ инсони бузурги миллати мост. Мо ҳар қадар Айниро таблиғ ва таҷлил карда тавонем, ба ҳамон андоза ҷойгоҳи тоҷиконро дар таърих намоиш дода метавонем. Мо Академияи илм ташкил намудем. Ин иқдом дар қатори ташкили академияҳои миллии советӣ амри қонунӣ ва муқаррарӣ буд. Вале ба Президентии Академия интихоб гардидани Айнӣ ҳам шукӯҳи илми мо, ҳам шукӯҳи миллати моро афзунтар кард. Хуб, гуфтем, ки ба таълифи "Ёддоштҳо" ман сабабе шудам. Аммо ин кори бузургро Айнӣ барои ман накардааст. Ин ёдгори ниҳоят пуразриши домулло аст, ки на танҳо барои мо, балки барои мардуми шарқ аҳамияти калон дорад.

Соли 1975 кумитаи марказии ҳизб ва ҳукумати Тоҷикистон дар бораи ҷашн гирифтани 100-солагии Айнӣ қарор қабул кард. Бо сарварии раиси ҳукумат Раҳмон Набиев Кумитаи бонуфузи тадорукоти ҷашн ташкил гардид. Дар ин Кумита роҳбарони вазоратҳои дахлдор ва ходимони намоёни илму адабиёт шомил буданд. Вазифаи котиби масъули Кумита ба зиммаи Атахон Сайфуллоев – адабиётшиноси номдор вогузор гардид. Ман ки дар он сол ба сабаби доштани доғи ҷазои (ноҳаққи) ҳизбӣ аз назари калонҳо афтода будам, ба Кумита дахл надоштам. Вале огаҳ будам, ки омодагии ҷашн дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ бо дастгирии Кумитаи ҳизби марказии Маскав таҷлил мегардад. Дар ин ҷо хидмат ва мавқеъи Мирзо Турсунзода ниҳоят калон буд. Вусъати таҷлили ҷашн чорабиниву тадбироти омодагии онро дар Кумитаи тадорукот пурбор ва густурдатар кард.

Намедонам дар муддати як сол Кумита чи корҳоеро анҷом дод. Вале тасодуфан фаҳмидам, ки омодагии баргузории ҷашн ниҳоят суст ва дур аз нақшаҳои пешбинишуда ҷараён дорад. Чоруми май соли 1977 Президенти Академия Муҳаммад Осимӣ маро ба ҳузури худ даъват кард. Гумон кардам роҷеъ ба корҳои дохилии Институт супорише дорад. Ба рағми интизорӣ вай аз ҷои дигар сухан сар кард.

—Шуморо барои як муҳимме даъват кардам. Корҳои тадорукоту омодагии ҷашни Айнӣ ниҳоят хароб аст. Хавфи он аст, ки ҷашни бузургвори худро дар сатҳи баланд гузаронида наметавонем. Бо Мирзо Турсунович машварат кардем ва қарор додем, ки вазифаи Котиби масъули Кумитаи ҷашнро шумо ба ӯҳда гиред ва аз фардо биловосита ба кор шурӯъ кунед. Айнӣ устоди ҳамаи мост, аммо шумо шогирду дастпарварди бевоситаи устод ҳастед. Аз ҳар ҷиҳат ба ин кор сазовор ва мувофиқ ҳастед. Илова бар ин дар гузаронидани ҷашнҳои Рӯдакиву Аҳмади Дониш таҷриба ҳам доред.

Пешниҳод барои ман кушоиши рӯҳиву ҷисмонӣ буд. Нахуст ин ки дар

тадорукоти ҷашни устодам дар мақоми сарвару ташкилгари корҳо хоҳам буд. Дуввум ин ки маълум мешавад мақомоти олии ҷумҳурӣ маро аз қайди таъқибу тардид озод намуда, мисли пешин боз ба ҷомеа роҳ кушодаанд. Бо вуҷуди ин биму андешаи он буд, ки оё аз ӯҳдаи чунин кори бузургу пурмасъулият баромада метавониста бошам.

— Дудилагии шумо, албатта, асос дорад. Вале далер бошед, зеро дар ҳама кор аз номи ҳукумат, Академия ва Иттифоқи нависандагон амал хоҳед кард. Чунин ҳуқуқ барои шумо таъмин шудааст. –Ин буд қароре ки Осимӣ аз номи Кумита эълон дошт.

Рӯзи дигар аз паҳлӯи кабинети Президенти Академия ду хонаро барои ситоди Кумитаи Айнӣ тахсис намуданд. Аз 7 май ба кор шурӯъ кардем. Бо корҳои то имрӯз анҷомёфта шинос шудам ва нақшаи мукаммал ва муфассали корҳои ояндаро дар панҷ рӯз тартиб дода, аз назари Турсунзода ва Осимӣ гузаронидам. Ба вазоратҳои марбута ва ташкилотҳои ба мо дахлдор мактуб навишта, аз нақшаи умумии кор ва саҳми онҳо дар ташкили ҷашн иттилоъ додам. Корҳо ба тартибу танзими муайян хуб мерафт. Мақоми Кумитаи тадорукот мустаҳкам ва муассир гашт. Ҳамаи ташкилот ва вазоратҳои дахлдор бо масъулият ва маҳбубият саҳми худро барои ҷашни устод бе каму кост иҷро мекарданд. Мирзо Турсунзода хеле қонеъ ва розӣ буд. Вале дар ташвиш буд, ки маҷлиси бонуфузи Кумитаи умумиттифоқӣ хеле ба таъхир уфтод. Аз ин сабаб аз моҳи май ӯ шахсан барои ташкили маҷлиси умумииттифоқӣ саъю кӯшиш менамуд. Натиҷаи кӯшишҳои Турсунзода буд, ки Кумитаи умумиттифоқӣ низ бо сарварии дабири аввали Иттифоқ Георгий Марков ва котиби масъули Кумита Шавкат Ниёзӣ ба фаолияти самарабахш шурӯъ намуд. Акнун дар моҳи июл маҷлиси аввали Кумитаро баргузор намудан лозим буд. Ба ташкили маҷлис Турсунзода аҳамияти ниҳоят калон медод. Мегуфт, ки ҳамин маҷлис бояд дар миқёси Иттифоқи шӯравӣ ба тарзи шукӯҳмандона таҷлил гардидани ҷашни устод замина гузорад.

Маҷлиси бошукӯҳе, ки 18 июл дар Иттифоқи нависандагон бо сарварии нахустдабир Георгий Марков ташкил шуд, дар воқеъ ҳам дар тадорукоти умумииттифоқӣ дар Маскав ҷунбише ба вуҷуд овард. Тамоми вазоратҳои марбута, нашриётҳои номдор, радиову телевизиони марказӣ нақшаҳои мушаххас ва пурбори худро ба арз расониданд ва, гуфтан мумкин аст, аз рӯзи дигар ба амалӣ сохтани тадбироту чорабиниҳо шурӯъ намуданд. Комитети советии ЮНЕСКО дар Маскав ба маркази ин ташкилот дар Порис мактубе ирсол дошта, аз амалиёти Кумитаи тадорукот ахбор дод ва аз номи Кумита директори ташкилоти мазкурро ба тарзи расмӣ ба рӯзҳои тантанавӣ даъват намуд. Бояд тазаккур диҳам, ки бо тавсияи Ҳукумати Тоҷикистон ЮНЕСКО ҷашни Айниро ба тақвими санаҳои таърихии сол дохил карда буд.

Кори Кумитаи мо низ баъд аз ин ҳам ривоҷ ёфту ҳам осон гардид. Ҳар номаву тақозое ки аз номи Кумита бо имзои Осимӣ ва билхосса Мирзо Турсунзода мерафт, зуд ба маърази иҷро мерасид. Ҳатто номаҳои ҷузъие, ки ин ҷониб имзо мекардам, дар мақоми ҷавобу савоб буд.

Шод будам, ки корҳо ба равнақ мераванд, хушбахт будам, ки яке аз ташкилотчиёни ҷашни устоди худ ҳастам. Ҳар соату ҳар дақиқа симои он кас, ёди он кас, нафаси мутабарраки ишонро дар паҳлӯям медидаму ҳис мекардам.

Ба ҷуз он ки дар ташкили ҷашн фаъолона ширкат мекардам, азму ният ҷӯш мезад, ки дар бораи устод ва рӯзгору осори ишон чизе нависам. Сараввал мақолае навиштам ба номи «Пеш аз тӯфон» дар бораи фаолияти эҷодиву иҷтимоии Айнӣ дар арафаи инқилоби октябр. Дар ин мақола хостам марҳилаи аввали маорифпарварии Айниро бо назари нав таҳлил кунам. Андеша ва нияти худро ҳамон рӯзҳо дар Рӯзнома чунин навиштаам:

"Аз 16 июн мувофиқи нақшаи худ ба навиштани мақолаи "Айнӣ ва муҳити адабию иҷтимоии ибтидои асри 20» шурӯъ кардам. То ин асарҳои худи Айнӣ ва махсусан "Материалҳо барои таърихи инқилоби Бухоро"–ро хонда баромадам. Маълум шуд, ки тадқиқотчиёни Айнӣ махсусан дар таҳқиқи фаолияти тоинқилобии ӯ хеле саҳлангорӣ ва мусоҳилакорӣ намудаанд. Домулло И.С Брагинский бошанд, чизҳои ба ҳама маълум, чунончи тарҷумаи ҳоли домулло ва "Таърихи инқилоби Бухоро" – ро дурустакак нахондаанд ва дар болои он фикр накардаанд. Дар натиҷа Айнӣ дар он аср як шахси аз назарҳо афтода ва дар пеши фаолияту эҷодиёти Фитрату Беҳбудиҳо як каси камфаолият шуда мондаанд. Ман дар ин корҳо надидам, ки С. Айнӣ чӣ гуна "Марш ҳуррият"-ро навиштаанд. Охир ба он кас аз осмон ваҳӣ наомада буд. Хулоса, қарор додам роҳи Айниро то ба "Марши ҳуррият" муайян кунам. Роҳи шахси мубориз, устувор.. зеро бе ин навиштани чунин шеър душвор буд... Қариб дар муддати 10 рӯз 50 саҳифа навиштам. Ба фикрам, он чи мехостам, исбот карда тавонистам." (28 июн 1977).

Мақоларо бо номи "Пеш аз тӯфон" дар «Садои Шарқ» ва ба забони русӣ дар «Памир» ба чоп расондам. Дигар, драмае навиштам дар бораи фаъолияти маорифпарварии Айнӣ ба номи «Ба пешвози офтоб», ки дар арафаи ҷашн ба воситаи телевизион ва радио пахш гардид. Ҳамин драмаро бо таҳрир ва иловаҳои нав барои намоиш дар театри русии Маяковский бо номи «Бахт чи маънӣ дорад...» («Что есть счастье...») омода намудам, ки чанд рӯз пеш аз ҷашн ба рӯи саҳна баромад.

Ба муносибати ҷашн мусаввирон, оҳангсозон, ҳунармандон ва ҳайкалтарошон осори зиёди пуразриш эҷод намуданд. Аз ҷумла, китоби мусаввара ва мустанад аз рӯзгори устод ба номи «Книга жизни Айни» дар чопхонаи Лейптсиг матбӯъ гардид. Муҷассамаи Айнӣ дар майдони мавсум ба номи вай гуфтан мумкин аст шоҳкори хотиравии ҷашни устод Айнӣ буд.

Ба ифтихори ҷашн нашрияҳои Маскав тарҷумаҳои наву беҳтарини Айниро ба забони русӣ ба табъ расониданд. Дар ҷумҳуриҳои дигар низ дар омодагии таҷлили ҷашни Айнӣ корҳои бисёре ба сомон мерасид. Дар Осиёи Миёна барои таҷлили ҷашни Айнӣ бештар аз ҷумҳуриҳои дигар омодагӣ медиданд. Дар Самарқанд ҳавлии истиқоматии устодро барои музеи хотиравӣ аз нав таъмиру тармим карда, расми ифтитоҳи онро дар аввали моҳи сентябр муқаррар карда буданд. Мухтасари ин воқеа чунин аст.

Дар аввали сентябри соли 1977 аз Бюрои таблиғоти адабиёти Иттифоқи нависандагон пешниҳод намуданд, ки бо гурӯҳи адибон ба водии Зарафшон сафар кунам, ба ҳамин восита дар бораи Айнӣ ва ҷашни наздики ӯ бо сокинони шаҳрчаву деҳот сӯҳбат барпо намоем. 6-ми сентябр ҳамроҳ бо Сотим Улуғзода, Убайд Раҷаб ва Ҳабибуллоҳ Файзулло ба роҳ баромадем. Ду рӯз дар мулоқоту сӯҳбатҳои ширину гарм ниҳоят хуш гузашт. 8-ми сентябр

баъд аз Дардару Мадму Вишкант ба Урметан омадем. Соати 16.30 дар мактаби миёнаи Урметан мулоқот бо сокинони деҳ барпо шуд. Соате аз ҳамоиш нагузашта намояндаи кумитаи ҳизби райони Айнӣ расида омад ва хабар дод, ки фардо дар Самарқанд расми кушоди музеи Айнӣ ва нимпайкараи устод бо сарварии шахси аввали Ӯзбекистон Шароф Рашидов барпо мешавад. Аз Кумитаи марказии ҳизб аз Душанбе телефон шудааст, ки ин ҷониб ҳатман аз номи Тоҷикистон дар ин маърака ширкат кунам. Ҳамон шаб бо ҳамраҳон хайру хуш карда, ба Самарқанд роҳ гирифтам.

Рӯзи дигар маълум кардам, ки ифтитоҳи музей ва ҷашни 70-солагии таъсиси Донишгоҳи Самарқанд паси ҳам таҷлил мешавад. Ба маъракаҳои муҳимми шаҳр Шароф Рашидов ва тамоми ҳайати Дафтари сиёсии Ӯзбекистон омада буданд. Субҳ пас аз поягузории бинои нави Донишгоҳ ба Музеи Айнӣ омадем. Дар ин ҷо маросими кушоиши нимпайкараи устод дар назди Музей барпо гардид. Сипас меҳмонони олиқадр бо сардории Шароф Рашидов ба ҳавлӣ даромаданд, расми ифтитоҳи Музейро ба ҷо оварда, ба тамошои хонаву экспонатҳо сар карданд. Дар зимни тамошо бо Шароф Рашидов сӯҳбати мухтасаре ҳам воқеъ шуд. Ишон изҳори хушнудӣ кард, ки Ҳукумати Тоҷикистон ва шахсан Мирзо Турсунзода ба маъракаи муҳимми ҳаёти мадании Ӯзбекистон намоянда фиристодааст.

Шароф Рашидов (1917 – 1987) зодаи ноҳияи Ҷиззахи музофоти Самарқанд буд. Таҳсили олӣ ва камолоти маънавии худро дар Самарқанд гирифтааст. Устод Айниро ҳанӯз аз солҳои донишомӯзӣ, ки шеъру ҳикояҳо менавишт, мешинохт ва баъдҳо, вақте ки ба мансабу маснадҳои олӣ расид, борҳо ба сӯҳбати ишон расида буд. Шароф Рашидов дар соли ҷашни Айнӣ котиби якуми ҳизби коммунистии ҷумҳурӣ, номзад ба узвияти дафтари сиёсии ҳизби коммунистии шӯравӣ ва соҳиби бисёр унвону нишонҳо буд. Бо сарварони Тоҷикистон, хусусан бо Мирзо Турсунзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ муносибатҳои ҳасана дошт. Таҷлили устод Айниро ҳамчун рамзи дӯстии тоҷикону ӯзбекон ва ҳусни муҳаббат ба устод Айнӣ шахсан худаш созмон дода буд.

Дар охири моҳи сентябр, яъне 24 ҳамин моҳ Мирзо Турсунзода чашм аз чаҳон пӯшид. Дар айни ҷӯшу хурӯши омодагии ҷашн фавти ин шахси бузург барои мо ниҳоят сахт мусибат буд. Шодравон умеди калон дошт, ки ба омодагии маъракаи ҷашн то охир роҳбарӣ мекунаду ҷашни устоди гиромиашро ба чашмаш мебинад. Аммо дареғо ки ба ин рӯзи фирӯз нарасид. Мактуби охирине, ки вай дар айни шиддати бемориаш ба исрор зуд нависонда имзо кард, ба номи вазири тиҷорати баҳрнавардӣ буд бо хоҳиши ба номи Айнӣ мавсум намудани яке аз киштиҳои вазорати мазкур. Хоҳиши Турсунзода бо эҳтиром баъд аз даргузашти вай пазируфта шуд.

Таҷлили ҷашни Айнӣ бо шукӯҳи тамом ва иштироки меҳмонони ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва кишварҳои хориҷӣ 14-15 апрел дар Душанбе созмон ёфт. Мо, кормандони ситод, дар ин маърака мунтазам иштирок карда натавонистем, ҳамеша дар сари кор будем. Як соат – ду соат фурсат пайдо карда ба тамошои маърака мебаромадем — дар воқеъ ҳам тантатанаи бузурги идона ва ҷашнвораи мардумӣ буд.

Маъракаҳои ҷашн дар Душанбе тамом шуду дафъатан ба омодагии

тантанаҳои ҷашни Маскав сар кардем. Дар муддати қариб ду сол ташкили тадбироти омодагии ҷашн ба ӯҳдаи дӯстам Шавкат Ниёзӣ — котиби масъули Кумитаи умумииттифоқӣ буд. Мо бо ҳам қариб ҳар рӯз ба воситаи телефон дар тамос будем. Тибқи қарордоди Кумитаи умумииттифоқӣ маҷлиси ҷашни Айнӣ дар Большой Театри машҳури Маскав бояд ташкил гардад. Ин воқеан эҳтирому посдории бузурги Маскав нисбат ба адабиёту маданияти тоҷик ва намояндаи шоистаи он устод Айнӣ буд.

Дар аввали моҳи май бо даъватномаҳои муталлову мунаққаш ва барномаи консерт ба Маскав раҳсипар шудам. Шабу рӯз бо Шавкатҷон дар таку даву тараддуди ташкили ҷашн гузашт. Ташкили консерт хусусан заҳмати зиёдеро тақозо мекард. Дар консерт баробари ҳунарпешагони варзидаи тоҷик артистони номдори рус даъват шуданд. Ниҳоят рӯзи 25 май дар толори пурҳашамати мунаққашу мусаввари Большой Театр маросими таҷлили ҷашн барпо гардид. Дар даромадгоҳи театр ба баландии сутунҳои мӯҳташами бинои азими театр тасвири Айнӣ насб шуда буд. Ин намоиши бузургии Айнӣ, бузургии бахти тоҷикон, азамати тамаддуни ҷовидонии мо буд.

Рӯзи дигар дар Хонасарои нависандагон дар кӯчаи Гертсен зиёфати калоне барпо карданд. Ман чунон хаставу шалпар шуда будам, ки маҷоли зиёфат рафтану нишастан надоштам. Ба касе чизе нагуфта дар утоқи худам дар меҳмонхонаи «Москва» дар хомӯшиву оромӣ хоби сахту роҳат рафтам. Бегоҳ дӯстон омаданд, музтарибу парешон буданд, ки аз чизе ё касе ранҷидаам, ки ба зиёфат нарафтам. Узр овардам, пазируфтанд.

Тантанаҳои ҷашн ба охир расид. Ман аз Институт таътили дусола гирифта ба навиштани романи «Ситорае дар тирашаб» нишастам. Аммо акси садои ҷашн то хеле вақт гӯши маро, ҷисми маро роҳату оромиш эҳдо мекард. Хусусан вақте ки дӯстону наздикон маъракаи ҷашнро ба хотир оварда, аз заҳмату таку давҳоям ба некӣ ёд мекарданд, як ҷаҳон хурсандӣ ба подоши хидматҳоям арзонӣ мегардид.

Дар ташкил ва баргузории ҷашни Айнӣ шахси аввали ташаббускор ва аламбардор зиндаёд Мирзо Турсунзода буд. Аз сӯҳбатҳое, ки бо Турсунзода дар бораи Айнӣ доштам, натиҷа ҳосил кардам, ки муҳаббат ва ихлоси ӯ ба Айнӣ аз ду ҷиҳат буд. Турсунзода Айниро ҳамчун нависанда, устод, шахси поку самимӣ ва дӯсти бефараз дӯст медошт. Зиёда аз ин Мирзо Турсунзода Айниро ҳамчун намояндаи баргузида ва таҷассуми маънавии таърихи миллати тоҷик пос медошт. Чунин муҳаббат ва посдории самимии Турсунзода дар достони вай «Чароғи абадӣ» ниҳоят равшану боварибахш баён ёфтааст.

Солҳои ҳафтодуми асри гузашта ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи равнақу ривоҷи иқтисодиву сиёсиву фарҳангӣ буд. Турсунзода медонист, ки дар ин марҳила таҷлили ҷашни Айнӣ намоиши шукуфоӣ ва ободиву маъмурии кишвари мо дар пеши ҷаҳониён буд. Шодравон аз ин хусус суханпардозиву ифтихори зоҳириро дӯст намедошт. Вале тамоми ҳиммату саъйи вай ва ёдовариҳояш аз Айнӣ баёнгари ҳамин фикру эътиқод буд. Ман имрӯз бо боварии комил гуфта метавонам, ки дар миқёси умумиттифоқӣ бо шукӯҳу ҳашамат гузаштани ҷашни Айнӣ ба андозаи зиёд ба мақому манзилат ва нуфузи Турсунзода дар назари саронии ҳизбиву давлатии Маскав мавқуф буд. Ҳоло ки дар ин сафаҳот аз чигунагии баргузор гаштани ҷашни Айнӣ

мухтасар нақл кардам, наметавонам аз ёди ин шахси бузурги миллатамон, ки солиёни дароз дӯстиву рафоқат ва ҳамкориву ҳамроҳӣ бо вай доштам, ба хомӯшӣ гузарам.

Чунон ки дар боло зикр шуд, шиносоии аввалам бо Турсунзода тобистони соли 1947 дар сафари Сталинобод сурат гирифта буд. Аз ин сол сар карда то поёни умри шодравон бо ӯ ҳамеша мулоқоти кориву эҷодӣ, сӯҳбатҳои дӯстонаву риндона, муколамаву табодули назар дар масъалаҳои мухталифи адабӣ доштам. Дар муддати сӣ сол Турсунзодаро ҳамчун инсон, шоир ва ходими давлатию сиёсӣ, роҳбару роҳнамои хирадманди созмони иттиҳодияи адабӣ, пайвандгари миллату мардуми гуногунзабону мухталифэътиқод шинохтам. Бо хирадмандӣ ва хислатҳои поки инсониаш барои равнақи миллат хидматҳои беминнату бедареғ кардааст.

Турсунзода шахси ниҳоят ором ва вазнину бо виқор буд. Надидаам, ки дар лаҳзаҳои душвор ва баҳсҳои оташафрӯз садояшро баланд карда, сахт ва ба шиддат сухан карда бошад. Гапи касеро, ҳатто ҳарифашро, ки нораво мегӯяд, намебурид, хомӯш, бе ҳеҷ асари асабоният гӯш мекард. Агар ба ин суханҳо ҷавоб гуфтанӣ шавад, чунон оромона ба гап сар мекард, ки гӯё суханҳои ноҳақ ва беадабонаи ҳарифро нашунида бошад. Ба ҳамин оромӣ фикру андешаҳояшро дар муқобили ҳарифаш ба далелу бурҳони қотеъ баён мекард. Турсунзода ниҳоят хушгап ва дар мавридҳои муносиб зариф буд. Дар сӯҳбати дӯстон байтҳои шойгони классиконро далел ва ба тақвияти фикраш меовард. Табассуми шинам ва хандаи латиф аз дилу ҷон дошт. Бо ин хислатҳо дӯстонро ба худ қаринтар ва дили ошноёни навашро тасхир мекард. Ин буд, ки Турсунзода дар ватани худ ва берун аз марзҳои он дили дӯстонро зуд меёфт, мухолифони фикриро ба ифоқа меовард ва ҳамоишҳои пуршиддату пурихтилофро ба маҳфили дӯстона мубаддал менамуд.

Хислатҳои шоистаи шахсии Турсунзода ба тавфиқи фаолияти иҷтимоиву давлатиаш ва ҳалли мусбати бисёр мушкилоти ихтилофот роҳ мекушод. Дар ифои вазифаи пурмасъулият ва судманди Раиси Кумитаи ҳамраъйии Осиёву Африко на танҳо кордониву сиёсатиношӣ, балки хислатҳои некӯи инсонии Мирзо Турсунзода омили муҳимме буд. Боре шунида будам, ки дар мувофиқати яке аз масъалаҳои ҳамзистиву ҳамкории кишварҳои Осиёву Африқо миёни ходимони намоёни фарҳангу илму адаб ихтилоф пайдо шуда, касе роҳи бартараф намудани онро эҷод карда натавонистааст. Дар ҳамоише, ки дар Кипр барпо шудааст, Мирзо Турсунзода тавонистааст ширкаткунандагони ҳамоишро ба мувофиқаву мусоламат бирасонад.

Дар сафарҳои хориҷӣ ва дар тӯли роҳбарияташ дар Кумитаи ҳамраъйӣ Турсунзода дӯстони бисёре пайдо кард, ки тарҳи маводдату рафоқат бо онҳо ба иҷрои пурсамари вазифаи расмиаш мусоидат менамуд. Чунин шахсони варзидаи илму фарҳангу адаб, мисли Файз Аҳмад Файз аз Покистон, Нозим Ҳикмат аз Туркия, Мао Дун аз Чин, Мукерҷӣ аз Ҳиндустон, на танҳо ҳамкорон ва ҳаммаслакон, балки дӯстони наздики вай буданд, ки баъд аз вафоташ хотираашро пос медоштанд.

Турсунзода ҳеҷ гоҳ манфиату суди худро аз хотиру поси дӯстон, билхосса ҷавонони мустаиду қобил боло намегузошт. Ба тасдиқи гуфтаам як воқеаи хеле ибратомӯзи ба чашми худ дидаамро нақл кардан айни маврид аст.

Боре дар сафари Маскав бо Мирзо Турсунзода дар меҳмонхона

ҳамманзил будам. Баъд аз ду-се рӯз, ки аз корҳои Кумита фориғ шуд, бо Шавкат Ниёзӣ ва ин ҷониб барои хабар ёфтан аз вазъи нашри китобҳои нависандагони тоҷик хост бо маъмурони нашриётҳо мулоқот кунад. Нахуст ба нашриёти «Советский писатель» – «Совпис» рафтем. Ин нашриёт махсус барои нашри осори адабиёти муосири нависандагони шӯравӣ ташкил гардида буд. Ходимони шӯъбаи нашри осори нависандагони адабиётҳои миллӣ Турсунзодаро мисли он ки бародарашон ё хеши наздикашон омада бошад, гарму ҷӯшон пешвоз гирифтанд. Турсунзода ҳам гӯё ба хонаи худ расида бошад. бо хандаву зарофат аз дӯстон салому ҳолпурсӣ менамуд, барои хонумон байтҳои шойгони классиконамонро хонда тарҷума мекарду аз истиқболи онҳо завқ мебурд. Сипас як-ду соат вазъи чопи асарҳои нависандагони тоҷикро бо мудири шӯъба муҳокима намуд, чанд асари нави адибони ҷавонро ба нақшаи нашриёт тавсия намуд.

Баъд аз пешин ба нашриёти «Художественная литература» — «Худлит» (Адабиёти бадеӣ) рафтем. Ин нашриёти бузург ва мӯътабари давлатӣ осори нависандагони классику муосири рус ва ҷаҳонро бо теъдоди зиёд ба чоп мерасонд. Дар интихоб ва чопи осори адабиёти миллии шӯравӣ хеле ҷиддӣ ва гулчин буд.

Турсунзода нахуст роҷеъ ба нашри мунтахаби шишҷилдаи устод Айнӣ сӯҳбат кард ва илтимос намуд, ки ин мунтахаботи аввалин ва нисбатан мукаммали устод то ҷашни 100-солагии адиб ба чоп расад. Сипас тавсия намуд, ки романҳои Ҷалол Икромӣ ва Фотеҳ Ниёзӣ барои чоп ба нақша гирифта шавад. Бо хоҳиши мудири шӯъба дар масъалаи нашри классикони адабиёти тоҷик баъзе пешниҳод ва тавсияҳояшро ба арз расонд. Дар охир мехост бо арзи ташаккур ба ходимони нашриёт худоҳофизӣ кунад, хонум – мудири шӯъба гуфт:

— Мирзо Турсунович, охир шумо роҷеъ ба маҷмӯаи худ чизе нагуфтед. Мо ду сол боз дастнависи китобатонро мунтазир ҳастем.

Мирзо Турсунзода каме тааммул намуду гуфт:

— Гапатон дуруст. Канӣ китоби Айнӣ чоп шавад, то он вақт кӯшиш мекунам, ки дастнависамро тайёр карда супорам.

Ин маҷмӯаи на чандон калони ашъори Мирзо Турсунзода охиру охирон бо заҳмати Шавкат Ниёзӣ баъд аз вафоти шоир ба муносибати 70-солагии таваллуд аз чоп баромад.

Ҳамин худдориву волоҳимматии дур аз тамаъ буд, ки Турсунзода зиндагии хеле оддиву хоксорона ба сар мебурд. Баъзе дӯстону ҳамсафонаш ба ҳиммати худ ё ба ёрии давлат соҳиби ҳавлиҳои калони муҷаҳҳазу маъмур шуданд. Турсунзода ба пули худ иморате рост кард, ки шароити зиндагӣ дар он чандон мусоиду мувофиқ набуд. Бинобар ин ба квартираи чорҳуҷрагӣ кӯчиду бо аҳли оилааш ором зиндагӣ мекард. Баъд аз вафот ҳавлии ӯро ба музеи ёдгорӣ табдил дода васеъ карданд, дару дарвозаҳои хуб шинонданд, асбоби гармидиҳандаву санитариро насб карданд. Хулоса ҳавлиро ба ному мақоми Турсунзода шоиставу мувофиқ намуданд. Ҳар боре ки аз назди ҳавлӣ мегузарам, ба худ мегӯям, ки ҳамин корро дар зиндагии шоир кардан мумкин буд, то ки дар ин манзил ба коми дил умр ба сар барад.

Соли 1965 ҳукумати Тоҷикистон барои Иттифоқи нависандагони тоҷик аз дараи Варзоб дар маҳалли Чорбед бӯстонсарое эҳдо намуд. Бе муболиға ин ҳама саховат ва эҳтиром ба хотири хоҳиш ва мартабаи Турсунзода буд. Дар бӯстонсаро хонаҳои ҷудогона барои нависандагон бино шуда буд ва дар яке аз онҳо Турсунзода манзил гирифт. Ҳаққо, ки манзили Турсунзода дар вусъату таҷҳиз аз хонаҳои дигар фарқе надошт, ҳатто нисбатан андаке камтару хурдтар ҳам буд. Соли 1967 ба маблағи хазинаи адабии СССР дар ноҳияи Қараболо коттеҷҳои дутабақа бо боғчаву айвонҳои тобистона бино карданд. Турсунзода хонаҳоро барои нависандагону шоирони тоҷик тахсис намуду худ ҳамчунон дар квартираи шаҳр зиндагӣ мекард. Ӯ метавонист ба ин ҷо манзил гираду квартираро ба яке аз фарзандонаш диҳад. На, барои вай ифтихор буд, ки нависандагони тоҷик соҳиби ҷою манзили мувофиқ ҳастанду меҳмоне аз кишварҳои дигар биёяд, кирои пазироиву намоиш мекунад.

Турсунзода дар сӯҳбат озоду лоубол ва бо ҳама баробар буд. Ҳангоме, ки дар сӯҳбаташ менишастед, мақоми баланд ва шӯҳрату номварии вай шуморо дар истиҳолаву бегонагӣ намегузошт. Улфату муомилаи хоксоронааш касро зуд ба худ ҷалб мекард ва зуд бо вай унсу рафоқат ба миён меомад. Бисёр набошад ҳам ман дар сӯҳбати ҳамсафону ҳампояҳои ӯ будам: Расул Ғамзатов, Мирзо Иброҳимов, Мухтор Ауезов... Онҳо низ аз одамони хокӣ буданд, вале дар Турсунзода як кашиши аҷиби одамият буд. Шояд ин аз одобу муомилот ва ахлоқи ҳамидаи суннатии тоҷикон маншаъ гирифта буд. Ин хисоли инсонии Турсунзодаро дар рӯзҳои ҷашни пуршукӯҳи 60-солагиаш бештар ва наздиктар дидаву ҳис карда будам.

Соли 1971 Турсунзода ба шаст қадам монд. Қарордод буд, ки ҷашн нахуст дар Маскав баргузор ва дар Душанбе идома ёбад. Барои таҷлили ҷашн ҳукумати Тоҷикистон гурӯҳи ҳунарпешагони варзида ва шоиру нависандагонро ба ҳамроҳии шоир ба Маскав фиристод. Қисме аз рафиқон дар меҳмонхонаи «Москва» ҷойгир шуда буданд. Ман дар сафари Италия будам. Пеш аз сафар аз тайёрии ҷашн хабар доштам ва медонистам, ки дар ҳайати вакилони Тоҷикистон шомил ҳастам.

21-уми сентябр ба Маскав расидам ва аз фурудгоҳ рост ба меҳмонхона омадам. Ба ман аз табақае ки соҳибҷашн ва ҳамроҳони вай иқомат доштанд, ҷой доданд. Рӯзи дигар субҳ ҳама барои ношито дар ресторан ҷамъ шудем. Маълум шуд, ки пеш аз маҷлиси тантанавӣ Турсунзода ба чанд китобхонаву муассисаҳои илмиву таълимӣ ба мулоқоти хонандагон даъватӣ будааст. Имрӯз дар китобхонаи ба номи Некрасови шаҳр бо хонандагони ҷавон мулоқот таъйин шудааст. Турсунзода бо ҳама оромона ва меҳрубонона сӯҳбат мекард, шитоб надошт, дигаронро низ ба шитоб намеангехт, ки мулоқоти ҷиддӣ дар пеш аст. Ба ҳамин оҳистагӣ ва таннӣ либос мепӯшид, ба рафиқон зарофат мегуфт. Ҳар бор ки ба оҳистагиву ба таннӣ омодаи мулоқот ё маҷлис шудани ӯро бинам, дар ботин мегуфтам, ки «домулло охир ба мулоқот дер мекунад». На, вай дар соати муайян ба роҳ мебаромад ва дар соати ваъдагӣ ба мақсуд мерасид.

Дар табақаи Турсунзода – он чи имрӯз дар хотир мондааст – Фотеҳ Ниёзӣ, Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Маҳмуд Воҳидов, Ҷӯрабек

Муродов – мезистанд. Ҳуҷраи ҳама, мисли ҳуҷраи соҳибҷашн ба як тарзу гуна буд. Бегоҳӣ, агар маъракаи ҷашнӣ набошад, ба навбат дар утоқи ҳамдигар ҷамъ мешудем. Таъмини маоши аҳли сӯҳбат ба ӯҳдаи соҳибхона буд. Чанд соат шеърхонӣ, суруду наво барпо мешуд. Турсунзода бо ҳама баробар то охири маҳфил менишаст, аз классикон байтҳои шойгону обдор мехонд (хеле кам дар сӯҳбатҳо медидам, ки Турсунзода шеъри худро хонда бошад). Ҳеҷ гоҳ ба баҳона овардани хастагӣ ё мулоқоти рӯзи дигар сӯҳбатро тарк карда ба истироҳат намерафт.

Рӯзе навбати ташкили маҳфил ба ин ҷониб расид. Ман ду рафиқи худ – Неъматзода ва Абдуллоҷон Ғаффоровро, ки дар докторантура буданд, низ даъват намудам. Онҳо каме пештар омаданд ва ҳар лаҳза изҳори хиҷолат мекарданд, ки дар сӯҳбати чунин одами бузург мисли Турсунзода нишастан осон нест. Аз дақиқаҳои аввалин Турсунзода бо онҳо мисли ошноёни дерин гап сар кард ва хиҷолату шармгинии онҳо бардошта шуд.

Фикру андешаи Турсунзода, ғамхориву ташвиши ӯ хамеша марбут ба вазъи адабиёти тоҷик ва тарбияи насли навраси он буд. Ин ҷо сухан дар бораи нутқу маърӯзаҳои ниҳоят пурмазмун ва самимонаву ғамхоронаи ӯ намеравад – инҳо ҳама ба чоп расидаанд ва ҳама хуб медонанд. Гап дар ҷои дигар аст. Турсунзода дар сӯҳбатҳои дӯстона, дар маҳфилҳои ғайри расмӣ тамоман озодона, бе шиору худнамой бо ғамхории самимона ва табий аз вазъи адабиёт гап мекушод. Фикри худашро мегуфт ва бе таъкиду даъват ҳамсӯҳбатонашро ба ибрози фикру андешаҳо меовард. Чанде аз сӯҳбатҳоямонро бо Турсунзода дар хотир дорам ва хушбахтона дар Рӯзнома ҳам мухтасар мазмуни онҳоро навиштаам.

Зимистони соли 1965 дар хонаи Шавкат Ниёзӣ дар Маскав чанд тан аз дӯстон дар сӯҳбати Турсунзода ҷамъ омадем: Атахон Сайфуллоев, Фазлиддин Муҳаммадиев ва банда. Аз шеъру шоирон, аз гузаштагону устодон сӯҳбат мекардем. Дар зимни сӯҳбат шеър мехондем – аз Саъдиву Ҳофиз, Румиву Бедил, аз Лоҳутиву Пайрав... Турсунзода гоҳо аз ғазалҳои шойгон таассуроту андешаҳояшро мегуфт, хотираву мулоқотҳояшро аз Лоҳутиву Пайрав нақл менамуд. Аз Айнӣ ҳам лаҳзаи ҷолиби мулоқоташро ҳикоят карду сипас нафас рост карда оромона ба хондани мухаммаси машҳури устод бар ғазали Яғмо шурӯъ кард. Чанд банди мухаммас ин аст:

Ба ҳичрон хушклаб ҷон медиҳам, эй ашк, тақтире!
Ниҳонӣ то ба чандин сӯхтан, эй оҳ, ташҳире!
Ба навмедӣ талаф шуд умр, эй уммед, табшире!
“Ба ҷонон рози дил ногуфта монд, эй нутқ, тақрире!
Забонро нест ёрои сухан, эй хома, таҳрире!”

Расондам то фалак шаб то саҳар фарёду афғонро,
Ниёзам то расад шояд ки гӯши нози ҷононро.
Ба рӯи хоки зорӣ хома карда килки мижгонро,
“Рақам кардам ба хуни дида шарҳи рӯзи ҳичронро,
Ба сӯи ӯ надорам қосиде, эй бод, шабгире!”

Задӣ тегам, намегӯям, ки ҷонам додай барбод,
Чу мурғи нимбисмил метапам дар хун, вале дил шод!
Хуш он ошиқ, ки аз захми паёпай ҷон ба ҷонон дод,
"Ба як захм аз ту қонеъ нестам, таъҷил, эй сайёд!
Ба ҷон муштоқи захми дигарам, эй умр, таъхире!"

Турсунзода шеърро тамом карду дақиқае хомӯш монд, донаҳои аракӣ пешониашро пок карду гуфт:

—Шеъри олӣ. Айнӣ дар воқеъ шоири баландпарвоз буданд. Ғазалҳои хуби ошиқона доранд. Лекин фаразан дигар шеър наменавиштанд, бо ҳамин мухаммас дар сафи шоирони ошиқ мемонданд.

Дар ин лаҳза нақли шодравон Абдусалом Деҳотӣ, ки рӯзҳои охирини зиндагии Айнӣ қариб ҳамеша сари болини бемор буд, ба хотирам омад. Деҳотӣ дар маҳфиле ҳикоят карда буд:

—Устод ду рӯз пеш аз нафаси охирин, айёми ҷавонӣ, хусусан тангиҳои рӯзгори мадрасагиашонро ба ёд оварда, дар охир мухаммаси худро бар ғазали Яғмо аз аввал то охир хонданд.

Тобистони 1965 дар Маскав бо аҳли оила истироҳат мекардам. 9-ми август бо оила хостем бо киштӣ ба саёҳати канали Маскав бароем. Билетҳоро гирифта дар навбат истода будем, ки Турсунзодаро дидам, ки бо завҷааш ва писараш Парвиз каме аз мо пештар дар сафи сайёҳон истодааст. Ҳар ду ҳам аз ҳамроҳӣ дар саёҳатамон хурсанд шуда ба киштӣ нишастем. Ҳамсарону бачаҳо дар каютаи дигар мову Турсунзода дар каютаи ҳамсоя ҷой гирифтем. Аз киштӣ тамошои манзараҳои бешаҳои сабзу хуррами атроф ва ҳавои дарёву марғзорҳо табъро хушоянду димоғро фараҳафзо буд. Турсунзода гуфт, ки як моҳ аст, ки дар Маскав адои вазифаи навбатии дабири Иттиҳоди нависандагонро дар ӯҳда дорад. Дар квартираи Иттиҳодия воқеъ дар хиёбони Калинин (ҳоло Новоарбатский) бо ҳамсараш иқомат дорад. Боз як моҳ дар Маскав хоҳад буд. Чанд рӯз пеш дар маҷлиси ҳайати таҳририяи силсилаи дусадҷилдаи адабиёти ҷаҳон ширкат доштааст. Гуфт, ки барои бештар ҷой гирифтани адабиёти тоҷик дар ин силсила хеле талош кардааст. Дар ин зимн сухан аз адабиёти гузаштаамон ба миён омад. Турсунзода изҳори қаноатмандӣ кард, ки солҳои охир дар тадқиқу нашри осори классикон олимони тоҷик, махсусан ҷавонон заҳмати фаровон мекунанд. Солҳое ки адабиёти гузаштаро адабиёти дарбориву феодалӣ гуфта омӯхтанашро фурӯ гузошта буданд, ба хотир овард. Ман дар бораи нақшаҳои таълифи таърихи адабиёт дар Институти шарқшиносӣ ба ӯ иттилоъ додам. Хуллас дар таййи зиёда аз ду соат ҳам саёҳати ҷонфазову ҳам сӯҳбати дилкушои шеъру адаб кардем.

Дар аввали декабри соли 1968 Фотеҳ Ниёзӣ гуфт, ки Турсунзода сафари Маскав доранд, аммо ин навбат саломаташон чандон хуб нест, мехоҳанд, ки аз наздикон касе ҳамроҳашон бошад ва оё ман дар ин моҳ азимати Маскав надорам. Хушбахтона дар ҳамин моҳ ба Конференсияи масъалаҳои маорифпарварӣ даъват шуда будам, гуфтам, ки метавонам ҳамсафари Турсунзода бошам. Дар Маскав рӯзонаҳо ба кори худ будему бегоҳиҳо аксар бо Турсунзодаву Шавкатҷон ҳамроҳу ҳамнишинӣ доштем. Як бегоҳ барои

шом ба ресторани ошёнаи саввум фуромадем, ғизову шаробу газакҳо супориш додему соате сӯҳбат мекардем, ки Ҷаббор Расулов ва котиби Кумитаи ҳизбии Бадахшон Назаршоев ба ресторан даромаданду бе он ки нигоҳашон ба мо афтад, дар мизе нишастанд. Мо ки пештар омада будем, пештар хестему вақти баромадан аз рӯи эҳтиром ба саломи онҳо рафтем. Ҷаббор Расулов ба нишастан даъват кард.

— Хайр, Шавкатҷон, Ҳодизода, биёетон каме нишинем, дар Душанбе ин хел тасодуфҳои дилхоҳ камтар воқеъ мешавад.

Нишастем. Турсунзода ба чанде лутфу зарофат соҳибони мизро ба сӯҳбат гарм кард. Дар рафти сӯҳбат гап аз адабиёт ва хусусан танқиди адабӣ кушода шуд. Албатта дар ҳузури котиби аввали ҳизб сухан дар мавзӯъи идеянокии адабиёт мерафт. Турсунзода сухани роҳбари ҳизбиро қабул кард ва таъкид намуд, ки яке аз омилҳои баланд бардоштани идеянокии адабиёт танқиди адабист. Дар ин ҷо суханро ба он оварда, ки мо барои ривоҷи танқиди адабӣ ба ёриву мадади ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ ниёз дорем. Чунон ки дар Рӯзномаам навиштаам, "умуман сӯҳбати хубе шуд!"

8-ми апрели соли 1969 дар Хонаи марказии адибони Маскав ба ифтихори 75-солагии нависандаи машҳури туркман Берди Карбобоев маҷлиси пуршукуҳе созмон ёфт, ки ин ҷониб низ ширкат доштам. Дигар аз Рӯзнома: "Маҷлис соатҳои 7 тамом шуд ва баъд Турсунзода ману Шавкатро ба хонаи худ (квартираи Иттифоқи нависандагон, бинои 20 табақа дар проспекти Калинин) даъват карданд. Занашон оши палав кардаанд. Хӯрда нӯшида чақ-чақ кардем. Аз вазъи ҳозираву ояндаи адабиёт сухан кардем. Турсунзода ба таври ҳаққонӣ мегуфт, ки ояндаи насри мо чандон хуб не. Айнӣ дар вақташ ҳам асарҳои калон эҷод мекард ва ҳам ҷавононро тарбия менамуд. Аммо нависандагони имрӯзаи мо ба навиштани фақат асарҳои худ саргарм шуда, аз тарбияи ҷавонон худро дур гирифтаанд..."

"13 декабр, соли 1968. Соати 4 дар Гослитиздат – интишороти адабиёти бадеӣ бо ҳамроҳии Турсунзода, Брагинский ва Шавкат ва ходимони Шӯъба масъалаи нашри осори мунтахаби Айниро дар шиш ҷилд муҳокима намудем. Соати 5 дар Вазорати маданият маросими супоридани грамотаи (шарафномаи) ҷоизаи Ҷавоҳирлол Неҳру барпо гардид. Бо Шавкат барои табрики Турсунзода рафтем. Ҳуҷҷатҳои ҷоизаро Фуртсева – вазири маданият аз номи раиси фахрии Кумитаи ҷоиза Алексей Николаевич Косигин супорид. Аз он ҷо баромада дар ресторани "Маскав" ҷоизаро "шустем", то бевақтии шаб нишастем, сӯҳбатҳои шоирона кардем."

Вақте ки мо нишаст доштем, дидем, ки Ҷаббор Расулов, Бобоҷон Ғафуров, Абдулаҳад Қаҳҳоров (сарвазири Тоҷикистон) ва Ҳотам Солеҳбоев (намояндаи Тоҷикистон дар Маскав) ба ресторан даромаданду баъд аз салому алайк бо моён ба толори хосса рафтанд. Баъд аз он ки сӯҳбати мо поён ёфт, Турсунзода пешниҳод намуд, ки аз рӯи одоб назди "калонҳо" даромада баъд ба хона равем. Албатта омадани Турсунзода барои онҳо хеле писанд буд. Мо ҳам "аз пушти шолӣ" ба сӯҳбати "акобир"расидем. Ба назарам, зиёфатро Ғафуров ташкил карда буд ба муносибати он ки таваллуди вай дар ҳамин моҳ буд. Сӯҳбат дар доираи риояи одобу русуми "давлатӣ"

буд. Дар зимни сӯҳбат Турсунзода ба шарафи Ғафуров қадаҳе гуфт бо арзи ташаккур барои хидматҳои бузурге, ки имрӯз вай барои маданияту илму адабиёти Тоҷикистон мекунад ва хусусан барои тайёр кардани мутахассисони ҷавони шарқшинос ғамхории самимона мекунад. Дар ин миён ба тарзи мисол ба дифоъи ояндаи ин ҷониб ишора ҳам кард. Баъд аз ин Ғафуров ба ман рӯй оварда гуфт, ки қарори рӯзи дифоъ имзо шуд, фардо ба Институт даромада ҳуҷҷатро гиред.

"1975, 29.07 якшанбе. Соати 4 бо Шавкат ба бемористони Кунтсево ба дидани Турсунзода рафтем. Занашон ва писарашон Масъуд он ҷо буданд. Пас аз сафари Кипр бо илтҳоби шуш ба бемористон хобидаанд ва муддати дароз бистарӣ будаанд. Аз омадани мо ҳеле шод шуданд. Рӯзҳои беморӣ чанд шеър иншо кардаанд, ки бо илҳоми саршор ба мо хонданд. Шеърҳои "Русия", "Кӯҳистониям", "Илоҷам чист?" ва чанде ғазалҳои ошиқона. Аз ҷашни дар пеш истодаи Айнӣ сӯҳбат карданд. Гуфтанд, ки ин ҷашнро хуб гузаронидан ва шӯҳрати адабиёти худро баланд бардоштан лозим аст".

Турсунзода дар ин суханҳои худ содиқу устувор буд. Ӯ мо, аҳли илму адаб ва ходимони ҳизбию давлатиро тарғиб менамуд, ки ҷашни Айниро ҳамчун иди адабиёти маданияти тоҷик таҷлил кунанд. Ва на танҳо тарғибу ташвиқ менамуд, балки худ яке аз хидматгузорони ҷонфишони иди миллии мо буд. Турсунзода саъю ҳиммати вофире ба кор бурд, ки ҷашни Айнӣ дар сатҳи умумииттифоқӣ ба дараҷаи баланди ҷашнҳои баргузидагони адабиёти ҷаҳон баргузор гардид.

Дар яке аз рӯзҳои аввали июн ба Иттифоқи нависандагон ба дидани Турсунзода рафтам. Дар кабинет бо телефон гап мезад. Даромадам. Ба нишастан ишора кард. Нишастам. Ҳамчунон ба гуфтугӯй бо телефон идома медод.

— Ҷаббор Расулович, ин маҷлиси якумини умумиттифоқӣ аст, Раҳмон Набиевич бояд иштирок кунанд. Ин барои Маскав аҳамияти калон дорад. Илтимос, илтимоси бандагии ман ҳам ҳамин аст. Ташаккур, ташаккур, саломат бошед!

Турсунзода гӯшакро монду як уф гуфту аракӣ ҷабинашро пок кард.

— Бо Ҷаббор Расулович гап задам. Дирӯз шунидам, ки ба Набиев иҷозат надодаанд, ки ба Маскав раванд. Ин ҷо кор бисёр будааст. Ҳозир масъаларо фаҳмондам, розӣ шуданд, ки Набиев раванд. Рафтани Набиев барои Кумитаи умумиттифоқӣ, барои аҳли илму адаби Маскав аҳамияти калон дорад. Ин кас ҳам раиси Кумитаи ҷумҳуриявии ҷашн, ҳам садри аъзам ҳастанд. Хайр, акнун кор хуб мешавад. Дирӯз бо Марков сӯҳбат кардам, гуфт, ки маҷлисро ба 18 июл таъйин кардааст.

Имсол барои истироҳат бо аҳли оила дар Гагра роҳҳати пешакӣ доштам. Ба Турсунзода гуфтам, ки ба кушода шудани маҷлис як рӯз пеш аз Гагра расида меоям. Акнун меҳоҳам нақли баъдиро аз рӯи рӯзномаи худ давом диҳам.

"11-ми июли с. 1977 ба тарафи Гагра бо Фарангис парвоз кардем. Гармои ҳавои Душанбе ниҳоят сахт буд ва торафт тоқатфарсо мешуд. Ду-се рӯз пеш аз сафар аз гармию аз хастагӣ каме нохушӣ ҳам рӯй дод. Аз ин сабаб ба ин сафар бо камоли майлу шавқу ташнагии истироҳат мерафтам.

Соати 10 шаб ба аэропорти Сочи расидем, соати 12.30 шаб ба манзил

омада, аз хонаи 34 (ошёнаи 3) корпуси 1 ҷой гирифтем. Рӯзи дигар бедор шудем, ки ҳавои баҳру насими кӯҳсор асабҳоро навозишкорона мемолиду мебӯсид. Бегоҳӣ соати нӯҳ ба пешвози Баширахону Фаредун баромадем. Онҳо низ сиҳҳат ва саломат омаданд.

Ҷои хеле хушҳавою хушманзарае будааст Гагра. Чӣ тавре ки ҳар вақт дар рӯзҳои аввали ба истироҳат омаданам мешуд, дар ин ҷо низ ду-се рӯзро ба хобҳои пай дар паи роҳатбахш гузаронидам. Рӯзонаҳо аксар вақт дар соҳили баҳр будему оббозӣ мекардем, ҳавои хуши обу кӯҳро мемакидем, китоб мехондем. Чандин шумораҳои имсолаи "Иностранная литература"-ро ҳамроҳ гирифта будам. Ҳамагӣ — аҳли оила роману повесту ҳикояҳои онро бо навбат мехондем.

Каме ба худ омада будам, ки оҳанги сафар ба сар афтод ва қарор додам, ки ба маҷлиси аввалини Комитети умумииттифоқии ҷашни С.Айнӣ биравам. Ба назарам чунин намуд, ки дар воқеъ ҳам ин як рӯзи таърихии маданияту адабиёти мост ва дар он – хусусан дар сурате ки даъват шудаам – иштирок кардан шарафи бузургест. 17 июл соати 11 аз аэропорти Сочи парвоз карда сотаҳои 1 рӯз ба Москва расидам ва аз корпуси нави меҳмонхонаи "Москва" ҷой гирифтам.

Бегоҳӣ Р. Набиев – Раиси Совети вазирон ва раиси комитети республикавии ҷашн, Ибодат Раҳимова, котиби Комитети марказии ПК Тоҷикистон, М. Турсунзода омаданд. Шавкат ба пешвози онҳо баромаду ман натавонистам. Рӯзи дигар субҳ ба М.Турсунзода телефон кардам. Аз он кас хабари вафоти Фединро шунидам, дар ташвишу изтироб буданд, ки мабодо ки маҷлиси Комитетро мавқуф гузоранд. Ба наздашон рафтам. Ба ҷоҳои зарурӣ ва шахсони дахлдор телефон кардем – хабар доданд, ки маҷлис дар соати мавъуд барпо хоҳад шуд."

Рӯзи 18 июл соати 10 Набиев, Турсунзода, Раҳимова ва ин ҷониб ба Иттифоқи нависандагон рафтем. Георгий Марков дар кабинеташ аз мо истиқбол кард. Дар ин ҷо баъзе масъалаҳоро то кушода шудани маҷлис машварат кардем. Қарор шуд, ки рӯзҳои ҷашн дар Душанбе 14-15 апрел ва дар Маскав 24-25 май баргузор хоҳад шуд. Шаби тантанавии ҷашн дар Маскав дар Болшой Театр созмон хоҳад ёфт. Баъд аз ин соати 11 дар Толори калони Иттифоқ бо сарварии Марков маҷлиси Кумитаи умумииттифоқии ҷашни Айнӣ кушода шуд, ки мазмуни мухтасари он дар боло нақл шуд.

Баъд аз маҷлис ба меҳмонхона омадем. Турсунзода ба соати 7 ба хӯроки шом даъват карду ба истироҳат рафт. Турсунзода хеле хаста шуда буд. Вале дар рухсорааш асаре аз хурсандиву қаноатмандии натиҷаи ҳамоиши имрӯза падидор буд. Вай ҳамоно мехост, ки имшаб роҳати ҳосили заҳматҳои кашидаашро бе шиквае аз хастагиву мондагӣ бичашад. Барои мо коняк фармуд. Худаш як қадаҳ шароби сурх нӯшиданӣ шуд – духтурҳо ба вай ҳамин навъи шаробро тавсия кардаанд – мутаассифона дар чунин ресторани номдор имшаб шароби сурх набудааст. Каме шароби сафед фармуд. Турсунзода ҳарчанд худро далер мегирифт, вале осори хастагӣ намоён буд. Ҳатто нишонае аз беморӣ ҳувайдо буд.

Рӯзи дигар субҳ барои хайру хуш ба утоқи Турсунзода рафтам. Бо телефон бо ҳамсараш гап мезад. Гӯшакро монду гуфт:

— Намедонам чӣ шуд, ки ин сафар ба Маскав барои ман вазнинӣ кард. Ҳоло ба муносибати ҷашн сафарҳо дар пеш аст, наход ҳар бор вазъи нохуш рӯй диҳад.

Ба таври худ тасаллӣ додам, ки нохушиҳо мегузарад. Он лаҳза худи вай ва ман ҳам намедонистем, ки ин сафари охирини ӯст ба Маскав.

Дар охири август аз Гагра ба Душанбе бозгаштам. Шунидам, ки Турсунзодаро баъд аз омаданаш аз Маскав дар беморхона хобонидаанд. Чанд иллатҳои ҷиддӣ ба ҷисми вай ҳамлавар буданд: заъфи дил, баландии қанд, илтиҳоби гурда. Аммо бардам буд ва умед дошт, ки ӯро аз чанги бемориҳо начот медиҳанд. Ба назди вай бештар Фотеҳ Ниёзӣ бо корҳои Иттифоқ ва ин ҷониб бо муҳиммоти Кумитаи ҷашн мерафтем. Ниёзӣ чун бародари дерин соатҳо пеши бемор менишаст, пойҳои варамидаи ӯро массаж мекард, бо сӯҳбату хандаҳояш дардҳоро таскин медод. Турсунзода ба ҳуҷҷатҳои зарурии Кумита, ки бештар ба Маскав ирсол мешуд, имзо мекард. Бо ташаббуси вай ба пешвози ҷашни Айнӣ дар охири сентябр дар ҷумҳурӣ гузаронидани Рӯзҳои адабиёти шӯравӣ таъйин шуда буд. Умед дошт, ки то он вақт каме сиҳҳат меёбад ва ақаллан дар расми кушод иштирок мекунад.

Номаи охирине, ки ба имзои вай бурдам, ба номи Вазири дарёнавардии шӯравӣ буд бо пешниҳоди ба яке аз киштиҳои тиҷоратӣ додани номи Айнӣ. Номаро хеле ба диққат таҳрир намуд ва ниҳоят имзо карду маро ба сафари Самарқанд иҷоза дод. Дар Самарқанд маҷлиси мунаққидон ва адибони умумииттифоқ баргузор мегардид ва ширкаткунандагони он ба Душанбе ба Рӯзҳои адабиёт мебоист биёянд. Турсунзода гуфт, ки ҳарчи зудтар бозгардам – ҳатто пеш аз анҷом ёфтани маҷлис. Кор ниҳоят бисёр асту то ҷашн вақт кам мондааст.

То охири маҷлис наистода 24-уми сентябр ба Душанбе бозгаштам. Хоҳарзодаам Шоҳрух Беҳбудӣ, ки корманди Кумитаи марказии ҳизб буд, маро пешвоз гирифт. То мошин хомӯш омад ва ниҳоят гуфт:

—Тағо, имрӯз субҳ Турсунзода гузаштанд.

Бо шунидани ин хабар аъзои баданам суст шуд, чи гуфтанамро надонистам. Охир ҳамагӣ чор рӯз пеш бо Турсунзода дар сиҳҳату офият хайру хуш карда ва ҳатто дар гӯшаи хаёл наомада буд, ки ӯро дигар зинда намебинам.

Урфу русуми пеш аз дафнро дар ҳавлии марҳум адо карданд. Баъд аз такфин намояндагони ҳукумату ҳизб ба салоти ҷаноза иҷоза надоданд. Аммо ҳамсари марҳум исрор намуд, ки салоти ҷаноза ҳатман адо шавад. Пинҳонӣ аз чашми мардум муллоҳо ба хонаи дарун даромада салоти ҷаноза хонданд. Пас ҷасади Турсунзодаро ба театри Айнӣ барои видоъи мардум бурданд.

Вафоти Турсунзода мотами миллӣ буд. Дар маросими мотам тамоми намояндагони адабиёти миллатҳои гуногун, ки барои баргузор намудани рӯзҳои адабиёти шӯравӣ ба Душанбе омада буданд, ширкат намуданд.

Саломатии Турсунзода баъд аз панҷоҳсолагиаш чандон хуб набуд. Дар ҳудуди ҳамин синн ба иллати дарди сахти даруни рон ҷарроҳии сахте

гузаронида буд. Ин иллат сиҳҳат ёфта бошад ҳам, аммо асари вай боқӣ буд. Ба болои ин бемории қанд пайдо шуд, ки шиддати он торафт зиёдтар мешуд. Аммо Турсунзода бе шикваю шикоят аз ин бемориҳо ҳамеша хандону болидарӯҳ буд, дар тамоми корҳои давлатӣ ва эҷодӣ фаъолона ширкат мекард. Ҳеҷ гоҳ бемориашро баҳона оварда дар кор фурӯгузорӣ намекард. Дар гузаронидани маҷлиси Кумитаи ҷашни Айнӣ низ ҳамин тавр шуд. Касе гумон намекард, ки Турсунзода сахт бемор асту сафари дуру пурташвишро ба дӯш гирифтан барои вай вазнин аст.

Ин буд зиндагии Турсунзода — шахси бузург, ки тамоми ҳастии худро барои миллат, барои осоиши инсоният ва рафоҳияти мардум вақф намуда буд. Худованд ба вай биҳишти адно ва раҳмати ҷовидониро ато фармояд! Омин!

* * *

Дар ин боб аз се тан бузургони миллатамон – Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода то тавонистам аз рӯи меҳру садоқат суханҳои диламро гуфтам. Ин се тан бузургон парчами миллат, ифтихори таърихи мо ва чароғи роҳи пешрафти мардум мебошанд. Боиси ифтихори мост, ки ин се тан абармарди халқ бо фармони Президент ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов шоистаи унвони олии нахустқаҳрамонони халқ гардиданд.

ФАСЛИ ҲАФТУМ. ДУШАНБЕ – МАСКАВ

Ҳаёти илмӣ, адабӣ ва фарҳангии мо бо Россия, махсусан бо пойтахти умумии Иттиҳоди Шӯравӣ – Маскав сахт марбут буд. Равнақу ривоҷ ва заминаи иқтисодии илму маданиятамонро бе мадади мақомоти дахлдори Маскав тасаввур кардан муҳол буд. Институтҳои илмии Академия, хусусан институтҳои техникию биологӣ ва тиббӣ фақат бо таҷҳизоти лабораторӣ ва асбоби гуногуни таҷрибавии гаронбаҳову нодир, ки ба маблағҳои калон аз Маскав меомад, кор мебурданд.

Ба ҳамин қиёс Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз идораи молии Иттиҳодияи нависандагони СССР - Литфонд (Фонди адабӣ) барои рафъи эҳтиёҷоти идорӣ ва шахсии нависандагон ҳар сол маблағҳои зиёд мегирифт. Ҷунончи барои муолиҷаи нависандагон дар бемористони ҳукумати ҷумҳурӣ Литфонд ҳар сол зиёда аз даҳ ҳазор сӯм ба суратҳисоби бемористон интиқол менамуд. Нависандагони тоҷик дар осоишгоҳ ва хонаҳои эҷодии Литфонд худашон ва бо оилаашон истироҳат ва кор мекарданд. Барои нависандагон арзиши роҳхат тахфиф дошт ва илова ба ин қисме аз хароҷоти роҳ низ аз тарафи Литфонд пардохт мешуд. Ба нависандагон барои сафарҳои эҷодӣ пул ҷудо мешуд, ки нисбат ба пули сафарҳои хидматии идораҳову муассисаҳои илмӣ зиёдтар буд. Ба нависандаҳои эҳтиёҷманд кӯмакҳои гуногун мерасид. Адибон барои варақаҳои рӯзҳои беморӣ аз рӯи нархҳои баланди Литфонд пул мегирифтанд...

Нашрияҳои Иттифоқи нависандагони СССР, маҷаллаҳои адабии он асарҳои беҳтарини нависандагони тоҷикро ба забони русӣ гардонда чоп менамуданд. Ин амали нек аз як тараф ҷиҳати моддии нависандагонро беҳтар месохт, аз тарафи дигар дар таблиғ ва интишори осори адабиёти муосири тоҷик омили муҳимме буд. Умуман, ба воситаи забони русӣ асарҳои калони чунин нависандагон, мисли Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Ҷалол Икромӣ... ба забонҳои халқҳои СССР ва забонҳои кишварҳои хориҷӣ ба чоп расид.

Дар интишор ва таблиғи осори классикони тоҷику форс ба забони русӣ ва ба тавассути русӣ ба забонҳои хориҷӣ тарҷума шудани ин осор низ кӯмаки Маскав аҳамияти калон дошт. Китобҳои адибони классики тоҷик бо тиражҳои калон, бо тазйину ороиши зебо дар нашрияҳои Маскав чоп мешуданд ва дар байни хонандагони рус ва миллатҳои дигар шӯҳрату маҳбубияти хосса пайдо мекарданд.

Робитаҳои адабии Тоҷикистон бо Маскав махсусан баъд аз солҳои ҷанг – дар охири солҳои 40-уми асри гузашта тавсиа пайдо кард. Дар ин кори хайру муҳим хидмати Мирзо Турсунзода ва ҷонибдории Бобоҷон Ғафуров ба сифати котиби аввали ҳизби ҷумҳурӣ нақши бузурги таърихӣ дошт. Турсунзода мутарҷимони забардаст ва ҷавони русро ба тарҷумаи осори адабиёти тоҷик ҷалб намуд. Дар натиҷа дар Маскав гурӯҳи устувор ва мактаби номвари тарҷумонҳои асарҳои адабиёти тоҷик ташаккул ёфт. Мирзо Турсунзода бо нуфуз ва хислатҳои самимонаи одамияташ мунаққидон ва адабиётшиносони русро ба омӯзиш ва таблиғи адабиёти тоҷик тарғибу ташвиқ

намуд. Шоиру нависанда ва мунаққиду адабиётшиносони ҷавонро ба комиссияҳои эҷодӣ ва иттиҳодияҳои мухталифи адабии Маскав шомил мекард. Ба ин восита робитаҳои шахсии адибони русу тоҷик густариш ва истеҳком меёфт, донишу таҷрибаи адибони тоҷик мукаммал мегашт. Турсунзода намояндагони адабиёти тоҷикро, аз ҷумла ҷавононро, ба ҷашну ҷашнвораҳои адабӣ ва анҷуманҳои ҷумҳуриҳои миллӣ мефиристод, то ки робитаву ҳамкориҳои адибони мо бо адабиётҳои гуногунзабони шӯравӣ таҳким ёбад. Ин тадбирҳои хирадмандонаи шахсан Турсунзода ва умуман фаолияти Иттифоқи нависандагони мо равнақу ривоҷи адабиёти тоҷик ва шӯҳрату маъруфияти онро меафзуд.

Табиист, ки аз ин ҷараёни умумии адабӣ ман ҳам бебаҳра набудам. Дар робитаҳои эҷодии адабиёти тоҷику рус ва халқҳои ҷумхуриҳои миллӣ фаъолона иштирок мекардам. Бо супориши Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ё бо даъвати Маскаву иттифоқҳои нависандагони ҷумҳуриҳои бародарӣ дар ҷашнҳои адибон, таҷлили ёдбуди нависандагони муосир ва классикон ширкат доштам. Аз соли 1972 бист сол узви Шӯрои танқид ва адабиётшиносии Иттиҳодияи нависандагони СССР будам. Шӯрои мазкур пас аз қарори ҳизби коммунистии шӯравӣ дар аввали соли 1972 роҷеъ ба ривоҷи танқиди адабӣ ташкил шуда ва дар сохтори Иттиҳодияи нависандагон мақоми мӯътабар дошт. Маҷлиси аввалини Шӯро моҳи апрели соли 1972 даъват шуд ва аз ҷумхурии мо шарафи ширкат дар ин ҳамоиш насиби ман гардид. 27-уми апрел дар миқёси кишвари шӯравӣ 100-солагии таваллуди Максим Горкий таҷлил гардид. Ба ин муносибат дар Қасри кремлӣ (он вақт Қасри кремлии анҷуманҳо ном дошт) маҷлиси мӯҳташаме бо иштироки аъзои бюрои сиёсии ҳизби коммунистӣ бо сарварии Леонид Брежнев баргузор гардид. Эътибори Шӯрои танқид ба дараҷае буд, ки ширкаткунандагони маҷлиси аввалин ба шаби тантанавӣ даъват шуданд. Рӯзи дигар дар Кремл ба шарафи ёдбуди Горкий кумитаи марказии ҳизб ва ҳукумати шӯравӣ зиёфати мутантане доданд. Ба ин зиёфат дар қатори шахсони олимақоми давлатию ҳизбӣ мо, ширкаткунандагони маҷлиси Шӯрои танқид, ҳам даъват шуда будем.

Раиси Шӯрои танқид Виталий Михайлович Озеров буд. Шахси пурдон ва нотиқи забардасте буд, ки солҳо вазифаи муовини сардабири рӯзномаи овозадори «Литературная газета» ва сардабири маҷаллаи бонуфузи адабиётшиносии русро ифо менамуд. Аз соли 1967 ба ҳайси яке аз дабирони Иттиҳодияи нависандагони шӯравӣ соҳаи адабиётшиносӣ ва танқиди адабиро сарварӣ менамуд. Озеров чун ходими адабии ҳизбӣ дар назари сарони ҳукумат ва ҳизби шӯравӣ обрӯи калон дошт. Дар муддати бист соли роҳбарии Озеров Шӯрои мазкур ба созмони назариявӣ ва роҳнамои афкори танқиди адабӣ табдил ёфт. Озеров бо вуҷуди мақому эътибори баландаш шахси хоксор, меҳрубон ва ғамхор буд. Ба ин ҷониб ҳам ҳусни таваҷҷӯҳ дошт ва дар масъалаҳои танқиди адабии тоҷик фикру мулоҳизаҳои бандаро ба эътибор мегирифт.

Иттифоқи нависандагони СССР роҷеъ ба масъалаҳои эҷодиву ташкилии ҳар ҷумҳурӣ Шӯро дошт. Ин Шӯроҳо Раиси ифтихорӣ ва котиби масъул доштанд. Котибони масъул дар идораи марказии Иттифоқ ба ҳайси

мушовирони доимии адабиётҳои миллӣ вазифа доштанд ва ҳамарӯза дар ҷои кори худ ҳозир буданд. Ин ашхос дар ташкили тамоми корҳои эҷодӣ ва робитаҳои адабии Маскав бо ҷумҳуриҳои миллӣ масъул ва маъмур буданд. Раиси Шӯрои адабиёти тоҷик чанд муддат шодравон Семён Липкин ва баъдтар Брагинский буданд. Котиби масъули Шӯро ва Мушовири адабиёти тоҷик аз соли 1956 то имрӯз дӯсту бародарам Шавкат Ниёзӣ мебошад.

Мутарҷимон ва мутахассисони рус, ки бо таъриху ҳаёти муосири адабиёти тоҷик машғул буданд, бо ҳаёти ҷумҳурӣ ва ҷараёни адабӣ нағз ошно буданд, ба ҷумҳурӣ зуд-зуд сафар мекарданд, бо адибону ходимони илму фарҳанги мо дӯстиву бародарӣ доштанд. Яке аз дӯстони дерин ва наздики адабиёти тоҷик ва адибони тоҷик, дӯстдору донишманди адабиёти тоҷик, рафиқу бародари Мирзо Турсунзода шоир ва тарҷумони машҳури рус Семён Израилович Липкин (1911 – 2002) буд.

Липкин аз зумраи шоирони солҳои аввали сиввуми асри гузаштаи адабиёти рус буд, ки дар ҳаёти адабии он давр нақши бориз доштанд. Липкин соли 1934 бо тарғиби Максим Горкий ба кишвари Қафқоз барои ба русӣ тарҷума кардани шоирони маҳаллӣ меравад. Шеърҳои шоири номбардори он солҳои Доғистон Сулаймон Сталро тарҷума мекунад. Баъд аз ин на танҳо шӯҳрати Сулаймон Стал интишор меёбад, балки Липкин низ чун мутарҷими чирадаст шинохта мешавад. Липкин бо аксари шоирони намоёни солҳои сивуми рус ошно буд. Вай шоҳиди муборизаҳои мафкуравии адабиёти он солҳо буд. Дасти пурқудрати Сталин ва ҳизби коммунистӣ то чи андоза адабиёт ва адибонро дар зери ҳокимияти мафкуравии коммунистӣ нигоҳ медоштанд – ҳамаро худ дидаву шунида буд.

Тобистони соли 1966 дар хонаи эҷодии Ялта кор ва истироҳат мекардам. Семен Липкин низ дар ҳамин ҷо буд. Бештари соатҳои фароғат аз кор ҳар ду дар соҳили баҳр дар шиновариву ҳавохӯрӣ ҳамроҳ будем. Сӯҳбатҳои дилнишину дӯстона доштем. Дар зимни сӯҳбат Липкин гоҳо аз муҳити адабии солҳои сиввум ва лаҳзаҳои мулоқоташ бо шоирони он давр нақлҳои ҷолиб мекард. Гуфтан мумкин буд, ки вай таърихи зиндаи он солҳои пурташвиш буд ва маро ба оромиву хирадмандӣ бо саҳифаҳои таърих ошно мекард.

Липкин аз аввали солҳои панҷоҳум бештар ба тарҷумаи осори классикони адабиёти тоҷику форс машғул шуд. Одатан аксари мутарҷимон шеъри форсию тоҷикиро аз рӯи тарҷумаҳои таҳтуллафзии мутахассисони адабиёти форсӣ ба қолаби шеъри русӣ медароварданд. Липкин бо чунин тарзи тарҷума маҳдуд нашуд. Вай аз Брагинский дарси забони форсӣ гирифт ва ин забонро дар сатҳи хондану фаҳмидани осори манзум аз худ кард. Ба ин восита Липкин дар тафовут аз мутарҷимони дигар ба асли табиати шеъри форсӣ роҳ ёфт.

Липкин дӯсти наздик ва тарҷумони асосии шеърҳои Турсунзода буд. Аммо шеъри классикии форсӣ майдони дӯстдоштаи тарҷумонии вай буд. Дар яке аз сӯҳбатҳо диққати Липкинро ба шеъри Анварӣ ҷалб кардам. Гуфтам, ки агар мо ин шоирро ба русӣ баргардонем, на танҳо барои хонандаи рус, балки ба хонандаи доираи васеи миллатҳо саҳифаи нави шеъри форсӣ кушода мешавад. Липкин ба тарҷумаи Анварӣ шавқманд шуд. Ба вай намунаи чанд шеъри Анвариро дар тарҷумаи худам фиристодам. Ба воситаи мукотиба

нақшаҳои ояндаи корро муайян кардем. Аммо ин ҷо воқеае рух доду ин кори мо дар оғозаш қатъ гардид.

Мухтасари воқеа ин аст. Дар аввали солҳои ҳаштодум қариб бист тан шоирони озодфикр маҷмӯаи шеърҳои худро интишор мекунанд дар бораи озодии афкор ва сухан дар Иттиҳоди шӯравӣ. Дар ин маҷмӯа чанд шеъри Липкин ҳам мундариҷ буд. Муддате нагузашта таъқиб ва таҳрими соҳибони маҷмӯа оғоз шуд. Чанд нафаре бо «тавба» аз хашму ғазаб наҷот меёбанд. Гурӯҳи дигар аз ақидаи худ вопас намегарданд ва онҳоро аз узвияти Иттиҳоди нависандагон хориҷ мекунанд. Липкинро ҳам аз узвият маҳрум мекунанд. Аз ин баъд номи ӯ аз сафҳаҳои китоб сутурда мешавад, нашри шеър ва тарҷумаҳои ӯ мамнӯъ мегардад, ӯро аз раёсати Шӯрои адабиёти тоҷик сабукдӯш мекунанд. Ҳатто аз энсиклопедияи тоҷик номи Липкин берун мемонад. Ҳангоме ки китоби шеъри Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯро барои чоп тайёр мекардам, маро маҷбур карданд, ки тарҷумаҳои хеле хуби Липкинро соқит намуда, тарҷумаҳои нави на чандон олии ашъори маҷмӯаро ба табъ расонам. Липкин аз назари аҳли адаб дур шуд. Хонанишин буд, дар сафарҳои Маскав ӯро намедидам.

Моҳи январи 1989 дар Переделкино истироҳат мекардам. Баъд аз ҳашт сол Липкинро бори аввал ин ҷо дидам. Ду-се сол пеш дар асари сиёсати Горбачёв Липкин аз "гуноҳҳо" тоза шуда буд. Ҳарчанд аз ҳаштод гузашта буд, аммо мисли пеш бардам, ором, хушсӯҳбат буд. Дар соатҳои фароғат сӯҳбат доштем, аз "балои" ба сараш омада ҳарфе намезад, бештар дар бораи шеъри форсӣ ва шоирони форсу тоҷик фикру ақидаҳояшро мегуфт.. Боре дар бораи Фирдавсӣ сухан оғоз кард. Гуфт, ки дар вақти тарҷумаи достони Баҳроми Чӯбина бозёфтҳои аҷибе карда будам. Чунончи, баъзе ташбеҳоти аҷиби шоирону адибони русу урупо, ки дертар зистаанд, дар шеъри Фирдавсӣ дида мешавад. Дар як шеъри шоири ибтидои қарни 20 тавсифи "барфи осмониранг" буд. Ноқидони шеър гуфтанд, ки "барф осмониранг" намешавад. Барои қазоват ба мусаввири машҳури рус Репин рӯй овардаанд. Пурсидаанд ранги барф чӣ гуна мешавад, гуфтааст – осмониранг. Тавсифи "осмониранг" нисбат ба барф ҳазор сол пеш дар шеъри Фирдавсӣ корбурд шудааст ва ба чашми Липкин расидааст. Дар "Макбет" – и Шекспир сарлашкари шоҳи мазкур Дунхан аз беша мерафт, ки ҷодугарзане пешгӯй мекунад, ки зуд бошад вай ба тахти шоҳӣ соҳиб мешавад. Чунин воқеаро Фирдавсӣ понсад сол пеш аз Шекспир тасвир намудааст. Рӯзе Баҳроми Чӯбина дар бешазоре буд, ки ҷодугарзане аз пеши ӯ баромада мегӯяд, ки зуд бошад, ки вай тахти шоҳаншоҳиро соҳиб хоҳад шуд.

Соли 1990 бо Липкин боз дар Переделкино мулоқот доштам. Акнун ӯ хеле озоду моломол аз нақшаҳои эҷодӣ буд. Дар бораи таъқиботи мақомоти КГБ ҳикоят мекард, бо истеҳзо ва танз ҳикоят мекард. Ҳарчанд таъқибу таҳримҳо ӯро хаста карда буд, рӯҳаш қавӣ буд. Бо истеҳзо нақл кард, ки чӣ тавр ходимони КГБ пинҳонӣ ба квартираи вай роҳ ёфта, қоғазу китобҳояшро кофтуков кардаанд. Ин мулоқоти охиринам бо Липкин буд. Шунидам, ки моҳи апрели соли 2003 дар синни 92 –солагӣ даргузаштааст.

Дар тарҷумаи назми тоҷик, махсусан осори шоирони классик хидмати Владимир Державин низ калон буд. Бо вай мулоқот камтар воқеъ шуда буд.

Дар вақти таҳия намудани маҷмӯаи рӯбоиҳои классиконамон бо Державин мукотиба ва ҳамкорӣ доштам, аммо дере нагузашта фавт карду баъзе нақшаҳои мо бо вай амалӣ нагашт. Мегуфтанд шоири хуб ва тарҷумони чирадаст буд. Майхораи гузаро низ буд, ки охир ба ин иллат ҷисмаш хароб гашт.

Тарҷумони дигари фаъол дар тарҷумаи ашъори шоирони тоҷик Яков Козловский буд. Козловский нисбат ба Липкину Державин ҷавонтар буд. Вай дӯсти наздиктарин ва тарҷумони ҳамешагии шоири шаҳир Расул Ғамзатов буд. Бо Шавкат Ниёзӣ дӯст буд ва ба тарғиби вай ба тарҷумаи шоирони муосири тоҷик низ рӯй оварда. Солҳои ҳафтод як силсила шеърҳои лирикии Турсунзодаро тарҷума кард ва тарҷумааш хуб ҳам буд.

Бо Козловский ба тавассути Шавкат Ниёзӣ шинос шуда, бо ҳам улфат шудем. Барои гуногунрангӣ хостам Козловскийро ба тарҷумаи классикони тоҷик ҷалб намоям. Пешниҳод кардам, ки рубоиҳои Бедилро ба русӣ баргардонад. Дар бораи Бедил ва сабки хоссаи вай ҳикоят кардам. Хеле шавқ пайдо кард ва қариб дусад рубоии Бедилро дар тарҷумаи таҳтуллафзии худ ба вай фиристодам. Шеъри классикӣ ва билхосса сабки Бедил барои ӯ тоза ва мушкил буд, ки тарҷумаро хеле ба таъхир андохт. Чанд мӯҳлату ваъдаҳо гузаштанду охир ба вай номаи гилаомез навиштам. Козловский ба ваъдаи қатъӣ дар иҷрои кор номае ирсол дошту дар поёни он ба мазмуни узрхоҳӣ шеъри шӯхиомез низ илҳоқ намуда буд. Он шеър ин аст:

Я слышу гнева гул
За вежливостью фраз.
И говорю: Расул,
Вы правы тысячу раз!
Повинной головы
Не снес бы я,
Но вы
Великодушней всех
Мне отпускали грех.
Я сам себя корю,
А Вас благодарю,
И Вам даю зарок
Закончить дело в срок (31.10.80)

Тарҷумааш: Дар ибораҳои хушоянд акси садои хашме мешунавам. Ва мегӯям, ки Расул, Шумо ҳазорон бор ҳаққед. Ман бо ин сари пургуноҳ қомат рост карда наметавонистам, вале Шумо ба олиҳиммати аз гуноҳи ман гузашт кардаед. Худамро сад бор маломат мекунаму ба Шумо ташаккур мегӯям. Ва қавл медиҳам, ки корро дар мӯҳлаташ тамом хоҳам кард.

Соли 1978 дар интишороти «Совпис» маҷмӯаи аввалини қисса ва ҳикояҳоям ба чоп расид. Ин ҷо драмаи «Маздак» низ шомил буд. Тарҷумони он мутарҷими нисбатан ҷавон Георгий Ашкинадзе буд. Ашкинадзе чанд сол дар маҷаллаи «Азия и Африка сегодня» таҳти сарпарастии Бобоҷон Ғафуров кор мекард. Ғафуров ӯро чанд бор ба Тоҷикистон барои ошной бо ҷумҳурӣ ва омода намудани маводи нашрия фиристода буд. Мо бо ҳам дар ҳамин ҷо

ошно шудем. Ҷавони хеле хуштавозӯъ ва некухисол буд. Шеъри русиро нағз медонист ва бо ёрии дӯстони тоҷикаш чанд шеъри шоирони муосирро ба русӣ баргардонд. Хоҳиш намуд, ки ӯро ба тарҷумаи ашъори классикони тоҷик ворид созам.

Дар ҳини таҳияи маҷмӯаи русии ҳикояҳоям барои Маскав зарурати пайдо кардани тарҷумони «Маздак» ба миён омад. «Маздак» ба забону услубе дар салиқаи насри классикӣ ва оҳанги шеър иншо шуда буд. Тарҷумаи он ба сабки оддии насри русӣ услуби хоссаи забони асарро гум мекард. Дар ин хусус бо Ашкинадзе машварат кардам. Гуфт, ки ин асарро ба шеъри озоди русӣ тарҷума кардан лозим аст ва агар ба ӯ бовар кунам, метавонад ин корро анҷом диҳад. Тарҷумаи Ашкинадзе аз ҷониби мутарҷимони касбӣ хуб пазируфта шуд. Сипас Ашкинадзе бо тавсия ва пешниҳоди ин ҷониб ба тарҷумаи ашъори классикон шурӯъ кард ва тарҷумаҳои вай дар маҷмӯаҳои мухталиф ба чоп расид.

Ашкинадзе дар зиндагии шахсиаш чандон тавфиқ надошт. Модараш, ки ягона парастору ғамхори вай буд, фавт кард. Муошиқа ва издивоҷаш бо духтари туркман ба оқибати номатлуб овард. Ҳамаи ин ба корҳои адабиаш халали куллӣ овард. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ шунидам, ки ба Исроил рафта, ҳамон ҷо дар асари сактаи дил даргузаштааст. Хеле ғамгин ва мутаассиф шудам. Ёдаш ба хайр бод!

Тарҷумони дигаре, ки солҳои ҳаштодуму навадуми а.г. бо вай ҳамкорӣ ва дӯстӣ доштам, Татьяна Стрешнева буд. Дертар оилаи ман низ бо вай дӯсти қарин шуд ва солҳо ба меҳмонии ҳамдигар рафту ой доштем. Татьяна Стрешнева хатмкунандаи Институти адабии Иттифоқи нависандагони СССР буд ва аз иншои шеърҳои русӣ оғози фаъолияти адабӣ намуда буд. Баъдтар бо шоирони озарбойҷонӣ дӯстиву ҳамкорӣ дошт. Классикони Озарбойҷониро ба русӣ бармегардонд. Солҳои охир бо супориши ҳукумати ин ҷумхурӣ чанд достони Низомиро ба русӣ тарҷума карда буд.

Шиносоии ғоибонаам бо Стрешнева ба воситаи Турсунзода воқеъ гашта буд. Ишон маҷмӯаи русии шеърҳои мунтахаби Зебуннисоро дар дастнавис ба ин ҷониб дода хоҳиш намуд, ки бо асл муқоиса намуда тасҳеҳ кунам ва агар ба чоп тавсия шавад, ба китоб сарсухан нависам. Ишон муаррифӣ намуд, ки мутарҷим ҳамсари шоири шаҳири рус Ярослав Смеляков аст ва дар тарҷумаи шеъри классикии форсӣ собиқа ҳам дорад. Баъд аз тасҳеҳу тавсияи ман китоб чоп шуду Стрешнева номаи миннатпазирона ба ман навишт.

Дар аввали соли ҳаштодум а.г. хостам мунтахаботи ғазалиёт ва ҳикоятҳои Маснавии Ҷалолиддини Румиро ба забони русӣ интишор намоям. Липкин дар ин солҳо дар таъқибу таҳрим буд. Аз тарҷумонҳои пуртаҷриба дар шеъри форсӣ Стрешнева буд, ки шеъри Румиро метавонистам бо бовар ба вай биспорам. Ӯро ба ин кор даъват намудам, бо камоли хурсандӣ розӣ шуд. Тарҷумаи таҳтуллафзи маҷмӯаро Фаредун – писарам таҳти назарам таҳия намуд. Стрешнева бо шогирдаш Дмитрий Виноградов дар ду сол тарҷумаро анҷом дод. Нашриёти «Адиб» китобро дар 40 000 нусха интишор намуд. Китоб дар «як мижа задан» ба фурӯш рафт.

Дар вақти таҳияи маҷмӯаи «Рӯдаки и поэты его времени» нашри тарҷумаҳои Липкин мамнӯъ буд. Дар ин ҷо ҳам Стрешнева мушкили моро

осон карду тарҷумаи шеърҳои Рӯдакиро нав сохт ва мо тавонистем китобро бо сифати хуб дар вақташ ба чоп расонем.

Татяна Стрешнева зани доно, хушзабон, дар сӯҳбат зарифу латиф ва дар дӯстӣ анису шафиқ буд. Дар Душанбе ба ҷуз мо дугонаву шиносҳои бисёре дошт, ки ҳар бор омадани ӯро ба ҷон интизорӣ мекашиданд. Худаш ҳам дар меҳмонпазирӣ беҳамто буд. Пазандаи хуб, мизбони кушодадасту кушодарӯй буд. Риндона менишастему шоирона сӯҳбат меоростем. Овози вай, чеҳраи ҳамеша хандону ҷозибаш пеши назари мо - завҷааму фарзандонам ҷилвагар аст. Стрешнева дар зиндагӣ гуфтан мумкин аст камбудие надошт. Дар Переделкино дар коттеҷи маъмуру пуршукӯҳи шавҳари марҳумаш мезист. Ронандааш ҳамеша дар хидмати вай буд. Ташвишу ғами ягонааш писари ноқобилаш Алексей буд. Ҷавони пурдону хушодоб иллати майхорагӣ дошт. Стрешнева ҳазор чораву тадбир меандешид, ки ӯро ба машғулиятҳои адабӣ ҷалб кунад, аммо саъю кӯшиши модари бечора бар абас буд. Охири кор писар аз сактаи дил (дар асари араққхӯрӣ) ногаҳон фавтид. Марги фарзанд ғаму ғуссаи бедармон буд барои модар. Баъд аз ин Стрешнева ҳарчанд вонамуд намекард, хаставу пажмурда гардид. Дар сафари соли 1985 ба Душанбе чанд рӯз дар бемористон мариз хобид ва ногаҳон хилофи чашмдошт ва пешгӯии духтурон вафот кард. Ҷасадашро ба Маскав бурда ба хок супурданд. Дӯстон дар ҳузну яъси вафоти вай дилсӯхтаву сина пурхун монданд.

* * *

Дар замони шӯравӣ тамоми сафарҳои хидматӣ ва туристии хориҷӣ ба воситаи Маскав сурат мегирифт. Ҳуҷҷатҳои сафар дар ҷумҳуриҳо тартиб ва тасвиб меёфтанд. Вале иҷоза ва визаи сафар дар Маскав содир мешуд. Омода кардани ҳуҷҷатҳои сафар хеле мушкил ва тӯлонӣ буд. Нахуст анкетаи махсус, тарҷумаи ҳол ва ҳашт акс тайёр карда, аз ҷои кор тавсияи ташкилоти ҳизбӣ ва иттифоқи касабаро мегирифтанд. Сипас ҳуҷҷати чанд духтур, аз ҷумла духтурҳои бемористони касалиҳои руҳӣ ва силро ба даст меоварданд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба комиссияи махсуси кумитаи ҳизбии ноҳия ирсол мешуд. Баъд аз чанд рӯз шахси сафариро ба комиссия даъват карда дониши сиёсӣ ва хислатҳои ахлоқии ӯро месанҷиданд. Сипас ҳуҷҷатҳо ба Кумитаи марказии ҳизб барои баррасии боз ҳам ҷиддитар фиристода мешуд. Шахси дой то як моҳ мунтазир мешуд. Агар натиҷа мусбат бошад, ба ӯ ҷавоб меомад. Баъд аз ин ҳуҷҷатҳо ба Маскав ба идораҳое, ки хароҷот ва даъвати шахси сафариро дар ӯҳда дорад, фиристода мешуданд. Пас аз ҷавоби мусбат шахси дой ба Маскав рафта, аз идораи марбутааш шиносномаи хориҷӣ ва виза ба даст оварда ба сафар мебаромад. Баъд аз бозгашт шиносномаҳои хориҷиро супорида, шиносномаҳои дохилиашро гирифта ба ватан бозмегашт. Дар ҳар сафар ҳамин азобу уқубату мушкилиҳо такрор мешуд.

Дар Иттиҳодияи нависандагони СССР Комиссияи хориҷӣ вуҷуд дошт, ки робитаҳои корӣ ва шахсии нависандагони Шӯравиро бо созмонҳои адабии хориҷ аз кишвар идора мекард. Дар Комиссияи хориҷӣ дар риштаи адабиётҳои мухталифи хориҷӣ – чунончи, араб, форсӣ, туркӣ, олмонӣ ва ғ. мушовирҳо кор мекарданд, ки дар забону адабиёти ин кишварҳо тахассуси

хуб доштанд. Дар ҷараёни ташкили чанде аз Симпозиумҳои байналхалқии адабиёти Шарқ ин ҷониб бо Комиссия ҳамкорӣ ва бо мушовирони он ошноӣ доштам. Боре бо мушовири адабиётҳои кишварҳои араб Игор Ермаков оид ба робитаҳои эҷодӣ бо адибони араб сӯҳбат кардам. Дар зимни сӯҳбат хоҳиш намудам, ки дар мавриди муносиб ба яке аз мамлакатҳои араб дар ҳайати вакилони адабиёти шӯравӣ маро шомил кунад. Пешниҳод қабул шуд ва мунтазири даъват будам.

Сафари аввалин ба Урдуни Ҳошимия бо ҳамроҳии Дабири Иттиҳодияи нависандагон Олег Шестинский ва шоираи балкарӣ Асфат Балкарова моҳи апрели соли 1986 сурат гирифт. Дар Урдун балкарҳо аз асри гузашта дар асари муҳоҷират аз Русия сукунат доштанд ва дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат соҳиби мақом ва нуфузи бориз буданд. Ба ҷуз иштирок дар мубоҳиса ва маҳфилҳои адабӣ мо дар Уммон ва чанде аз шаҳрҳо осори бостонии тамаддуни руму юнон ва арабро тамошо кардем. Кишваре, ки хоки ҳосилхези онро дар соҳили ғарби руди Урдун Исроил забт карда ва хавфи таҷовузи яҳуд аз байн нарафта буд, хеле осоишта ва дар фаровонӣ зиндагӣ ба сар мебурд. Давлатмандони гурезаи фаластинӣ дар тиҷорату иқтисоди кишвар мавқеи калон доштанд. Сафари як ҳафтинаи мо хуб гузашт ва аз натиҷаҳои он Комиссияи Иттиҳодия хеле қонеъ гардид.

Натиҷаи хуби сафар буд, ки Комиссия дар аввали декабри соли 1989 маро бо шоираи рус Марина Тарасова ба Яман фиристод. Дар он солҳо Яман ба ду қисм ҷудо шуда буд. Дар шимол сохти феодалии теократӣ вуҷуд дошт ва пойтахти он шаҳри таърихию бостонӣ Санъо буд. Сафири шӯравӣ чанд сол дар Санъо ходими давлатии тоҷик Мирзо Раҳматов буд. Ходимони сафорат ва баъзе шахсони расмии Яман ӯро ба некӣ ёдовар мешуданд. Дар муддати сафирии вай муносибатҳои тарафайн дӯстона гашта ва бинои сафорат ҳам хеле ободу маъмур шудааст.

Дар ҷануби Яман коммунистҳои шӯравипараст ҷумҳурии халқии демократиро ба зӯрӣ ва ба тарзи сунъӣ ташкил дода буданд. Пойтахти ин «давлат» бандари ҳарбию тиҷоратии Адан буд. Ба ҷуз тафовути сиёсии ду қисми мутақобили Яман дар урфу одат ва рӯҳияи мардум низ тарзи гуногун ба назар мерасид. Барои тасдиқи гуфтаам ҷузъиётеро аз мушоҳидаи худ мехоҳам нақл кунам.

Дар шимол суннатҳои дини ислом сахт риоя мешуд. Аз ҷумла истеъмоли шароб билкул манъ буд. Баъд аз чанд рӯз ба Ямани ҷанубӣ дар мошин раҳсипар шудем. Дар сарҳад моро намояндагони Иттиҳодияи нависандагон пешвоз гирифтанд. Яке аз онҳо чунон маст буд, ки ба пой ба зӯр рост меистод. Ҳамроҳонаш узр оварданд, ки ин шахс шоири тавоно ва номдор аст, лекин майхораи гузарост. Ба Адан расидем. Аз меҳмонхона ҷой доданд ва ба ресторан даъват карданд. Дар ресторан мизи пурнозу неъмат омода буд. Дар миёни дастурхон аракҳои тозаи русӣ ва шишаҳои оби ҷав меистод. Мизбонон хушомади моро ба қадаҳи арақ муборак гуфтанд. Пазироии шӯравӣ, русӣ...

Дар нимаи дуввуми апрели соли 1990 бо нависандаи украин ба сафари дуҳафтинаи Ироқ рафтам. Сафари хеле хуб, пурмазмун ва натиҷабахш буд. Бо нависандагони Ироқ сӯҳбатҳои судманду пурмазмун ба вуқӯъ омад. Ин

ҷониб барои тартиб ва тарҷумаи ашъори шоирони Ироқ маводи зарура ҷамъ кардам. Қарордод шуд, ки дар васфи Ироқу Бағдод мунтахаби ашъор ва осори классикони форсу тоҷикро ба забони арабӣ нашр кунем. Дар саёҳати мамлакат ба шаҳрҳои Бобули қадим, Басра, Мосул, Наҷаф, Карбало сафар кардем.

Сафар хеле хуб буд. Вале дар тӯли сафар дар ҳама ҷо нақши парастиши шахси Саддом Ҳусайн ба кас таъсири бад меовард. Дар ҳар қадам, дар ҳар кӯча, дар майдону сайронгоҳҳо тасвиру муҷассамаи Саддом, шиору шодбошҳо дар ситоишу бузургдошти Саддом ҳамчун пешво, «пайғамбар» ва роҳнамо касро хаста мекард. Хастагии кас зиёдтар мешуд аз он ки парастиши беандозаи Саддом бо зиндагии на чандон озоду фаровони умуми мардум мувофиқат намекард. Дар муқобили тирезаи ман магазини калони озуқаворӣ буд, ки аз субҳ анбӯҳи мардум, хусусан занҳои чодирпӯш атрофи онро иҳота мекарданд. Тарҷумонамон шарҳ дод, ки ин магазини давлатӣ аз рӯи корт ба ходимони идораҳои маъмурӣ ба андозаи муайян озуқаворӣ медиҳад.

Аз сафари Ироқ бо нақшаву азму ниятҳои хуби ҳамкорӣ бо адибони ин мамлакат бозгаштам. Дар ин хусус ба раёсати Комиссия иттилооти муфассал навиштам ва аз ҷонибдории онҳо тавфиқ ёфтам. Ҳанӯз ба амалӣ кардани нақшаҳо сар накарда будам, ки таҷовузи Ироқ ба Кувейт рух доду ҳамаи нақшаҳо барбод рафт. Баъд аз ин Иттиҳоди шӯравӣ аз байн рафт, Иттиҳодияи нависандагон бо тамоми сохтараш пош хӯрд. Робитаҳои муназзам ва мураттаби адабӣ бо кишварҳои хориҷӣ тамом шуд. Ҳоло биноҳои маъмурии саҳни ҳавлии собиқ Иттиҳодияи нависандагон ба ресторанҳои арманиву озарбойҷонӣ ба иҷора фурӯхта шудааст. Дар ӯтоқҳое, ки дунёи шеъру адаби ҷаҳон ба ҳам мепайваст, соҳибкорони сарватманди навбаромад майнӯшӣ мекунанд, дилкушоӣ бармеангезанд. Нигоҳ мекунаму аз буқаламунии дунё аз дида обу аз дил хун мерезам.

Иттиҳодияи нависандагони СССР дар шукуфоӣ ва равнақи адабиёти тоҷик (инчунин адабиётҳои миллӣ) нақши калон дошт. Чунин таъсиру нуфуз худ аз худ ба амал намеомад. Дар ин ҷо мавқеи шахсони ҷудогона вуҷуд дошт. Яке аз чунин шахсони бонуфуз ва ҷонсупор дар робитаҳои ҳасанаи адабии Маскаву Душанбе Шавкат Ниёзӣ буд. Бо Шавкат Ниёзӣ дар сафари аввалини Сталинобод соли 1947 шинос шуда будам ва дар муддати қариб шаст сол мо дӯсту бародари қарину ҷонӣ ҳастем.

Шавкат Ниёзӣ соли 1956 дар Маскав рисолаи ном,зодиро дар риштаи адабиёти муосири тоҷик дифоъ намуд. Баъд аз дифоъ бо тавсия ва тарғиби Мирзо Турсунзода ба симати мушовири адабиёти тоҷик дар Иттиҳодияи нависандагони СССР маъмур гардид. Ҳоло қариб панҷоҳ сол мешавад, ки дар Маскав иқомат дорад, қариб панҷоҳ сол мешавад, ки ӯ ҳамарӯза ба иморати таърихии «Хонаи Ростовҳо» («Дом Ростовых», ки дар романи «Ҷанг ва сулҳ»-и Лев Толстой тасвир шудааст) бинои Иттиҳодияи нависандагон меояду боз бегоҳ пас аз анҷоми соати кор аз ин бино мебарояд.

Панҷоҳ сол – ба гуфтан осон аст, вале дар панҷоҳ сол дар ҷаҳон чи воқеаҳое рӯй медиҳанд, одам дар гузашти рӯзгор чи пасту баландиҳоро мебинад – хулоса як даврест ним қарн аз шумори солҳо мегузарад. Панҷоҳ

сол Шавкат Ниёзӣ барои адабиёти тоҷик кор кард, барои нашру чопи асарҳои нависандагон ҷон коҳонд, ба нависандагони ҷавон кӯмак намуд, дар мушкилиҳо дасти ёрӣ дароз кард, роҳи эҷодии онҳоро осон сохт. Дар ташкили ҷашнҳои адибони мумтоз дар Маскав, дар оростани мизҳои мудаввар, ташкили рӯзҳои адабиёти тоҷик дар ҷумҳуриҳои бародарӣ, дар тавсиаи иртиботи адабиёти тоҷик бо кишварҳои хориҷӣ заҳмати пурҳосил ба харҷ дод. Он чи Шавкат Ниёзӣ мекарду ва ҳоло ҳам мекунад, баршумурдан ин ҷо муҳол аст, он чи гуфтам, муште аз хирвор аст.

Иҷрои корҳое, ки ба дӯши Шавкат Ниёзӣ буд ва боз худи вай ба ташаббусу хости дилаш ба зимма мегирифт, албатта қобилияти хуби кордонӣ, хирадмандӣ ва мудабирриро тақозо мекард. Вале барои ин корҳо фақат хислатҳои кордонӣ кам буд. Шавкат Ниёзӣ ҳамчун инсони комил хислатҳои марғуби шахсӣ дошт. Вай дар одобу муошират ниҳоят нозук, дар муомилаву рафтор бо дӯстон шафиқу меҳрубон, дар ҷалб намудани рафиқони нову шарикон, дар машварату иҷрои корҳои ҳамдастона шахси ҷаззобу улфатгузин аст. Ин хислатҳои шахсӣ ҳамоно аз тарбияи модари меҳрубон ва хушсалиқаи вай (ин зани хушсурати хушсиратро ман дидаам) ва падари зиёивуслу маърифатпарвараш (дар бораи вай аз зиёиёни самарқандӣ бисёр шунидааму худ надидаам) ирсан гузашта бо мурури айём боз ҳам ба камолот расидааст.

Шавкат Ниёзӣ солҳои дароз муаллими Донишгоҳи давлатии Маскав дар тадриси адабиёти тоҷик буд. Дар студияҳои тоҷикии Институти санъати театрии Маскав ба шогирдони тоҷик аз адабиёти тоҷик ва ҳусни забон дарс мегуфт. Ҳамзамон бо тарҷумаи асарҳои драмавӣ ва таълифи рисолаву мақолаҳои танқидиву адабӣ машғул буд. Бо ин ҳама фаолияти асосии вай бо ҳаёти ҳаррӯзаи Иттифоқи нависандагон вобаста буд.

Шавкат Ниёзӣ чун корманди собиқадори Иттиҳодияи нависандагон муаллим ва маслиҳатгари мушовирони ҷавони адабиётҳои дигар аст. Ба ин восита вай бо ҷараёни адабиётҳои миллӣ, билхосса Осиёи Миёна хуб ошно аст. На танҳо мушовирони ҷавон, балки бисёр адибони номвару машҳур Шавкатро чун ғамхор ва дӯсти адабиётҳои миллӣ эҳтиром мекунанд, зиёда аз ин ӯро мисли бародар медонанд. Шавкат Ниёзӣ дар ҳар кору муҳиммоти дӯстонаш ҳамеша омода буд. Қайсин Кулиеви кабарда, Мустай Каримии бошқирд, Эркин Воҳиду Пиримқул Қодирови ӯзбек, Давид Кугултинови қалмиқ, Владимир Солоухини рус, Мирзо Иброҳимови озарбойҷонӣ, Олжас Сулаймонов ва Анвар Алимҷонови қазоқ... номи ҳамаи дӯстону устодони Шавкатро ин ҷо гунҷоиш додан душвор аст.

Дар ин миён дӯстиву бародарии Шавкат Ниёзӣ бо шоири шаҳири доғистонӣ Расул Ғамзатов ниҳоят муассир ва самимӣ буд. Ман шоҳидам, ки Шавкат Ниёзӣ дар таҷлили 80-солагии Ғамзатов тирамоҳи соли 2003 дар Маскав ҳамеша ҳамроҳ ва дидбони шоири пиру бемор буд. Пас аз маросимҳои ҷашн Расул Ғамзатов моҳи ноябр дар бемористон барои муолиҷа бистарӣ шуд. Дар ин рӯзҳо ягона Шавкат буд, ки ба ҷои бародарони дури шоир ва ҳамсари даргузаштаи вай аз бемор хабардорӣ мекард. Рӯзи шанбе 1 ноябр Расул Ғамзатов аз бемористон телефон кард, ки (ман дар хонаи Шавкат дар меҳмонӣ будам) ҳоли вай беҳтар асту рӯзи душанбе ӯро бо

ҳавопаймо ба Махачқалъа мерасонанд. Рӯзи душанбе 3 ноябр соати даҳи субҳ мо дар кабинети Шавкат бо коре машғул будем. Занги телефон шуду Шавкат гӯшакро бардошт. Гӯшакро медошту дасташ ларзид, рангаш канд ва баъди чанд дақиқа гӯшакро гузошту бо чашмони пурсиришк гуфт: "Ҷӯраҷон, Расул гузаштааст!" Дигар маҷоли сухан надошт ва танҳо ашкҳои равонашро беист пок мекард...

Пош хӯрдани давлати шӯравӣ ва билхосса фурӯ рафтани Иттиҳодияи нависандагон чун мусибати калони шахсӣ дар дили Шавкат Ниёзӣ доғ гузошт. Вай хароб гаштани бинои мӯҳташами иттиҳоди бузурги нависандагонро ба чашми худ дид. Гӯё ҳамлаи муғул буд, ки ҳаштсад сол пеш аз ин хилофати арабро бо замин яксон кард. Ду-се сол гузашту як гурӯҳ нависандагони фидокор ба қиёси Иттиҳодияи пешин Иттиҳоди байналхалқии иттифоқҳои нависандагонро таъсис намуданд. Шавқат Ниёзӣ яке аз ҷонсупорони ин гурӯҳ буд. Дар Иттиҳодия аксари иттифоқҳои навсиандагони ҷумҳуриятҳои собиқ Иттифоқи шӯравӣ дохил шуданд.

Хиёнати моливу маънавии раиси собиқи иттиҳодия Темур Пулодов наздик буд созмонро ба ҳалокат расонад. Мавқеъи бо субот ва оштинопазири Шавкат Ниёзӣ буд, ки нависандагон тавонистанд Темур Пӯлодовро аз кор барканор намоянд ва созмонро ҳифозат намоянд. Раиси Иттиҳод нависандаи номии рус Сергей Михалков дар таҷлили ҷашни 75-соллгии Шавкат Ниёзӣ хидмати бузурги номбурдаро дар ҳифзи Иттиҳодияи байналхалқӣ махсусан таъкид намуд.

Соли 2002 моҳи декабр ин ҷониб бо даъвати Ройзании фарҳангии Эрон ва Иттиҳод ба Маскав сафар кардам. Баъд аз фосилаи ёздаҳ сол сафари аввалинам ба Маскав буд. Маскав хеле тағйир ёфта буд. Дар зоҳир зеботар, маъмуртар ва фаровонтар буд. Аммо Маскави пул, Маскави тиҷорату бизнесс, Маскави соҳибдавлатону сарватмандони бузурги ҷаҳоншумул шуда буд. Иттиҳодияи тавонои нависандагон дигар вуҷуд надошт. Вале Иттиҳоди байналхалқии иттифоқҳои нависандагон чароғи адабиёти ҷумҳуриҳои мустақилро фурӯзон нигоҳ медорад. Дар бинои мутабарраки пешини «Хонаи Ростовҳо» роҳбарони собиқу нави созмони нависандагон бо сарпарастии Сергей Михалков заҳмат мекашанд. Бо садоқат, самимият ва ҷонфишонӣ. Шавкат Ниёзӣ низ дар ҳамин хонаи қадиму ба дилу ҷон наздикаш ба ҳайси муовини раиси Иттиҳод ифои вазифа мекунад. Бо умеду орзу ва эътиқоди тамом, ки боз рӯзҳои фараҳу шодии иттиҳоди мустаҳками адабиётҳои миллии ба ҳам бародар хоҳад расид. Иншолло мегӯям ман.

ФАСЛИ ҲАШТУМ. ДУШАНБЕ – САМАРҚАНД

Моҳи сентябри соли 1970 дар ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷашни 2500-солагии Самарқанд бо шукӯҳи тамом таҷлил гардид. Дар ҷашн бо даъвати давлати Ӯзбекистон ҳайати вакилони мӯътабари Тоҷикистон ба тарзи расмӣ, инчунин теъдоди зиёди самарқандиёни муқими Тоҷикистон ва зиёиёни ғайрисамарқандӣ ба ҳайси тамошобин ва сайёҳ ширкат доштанд.

Ба муносибати ҷашн дар матбуоти илмиву адабии Тоҷикистон дар бораи мақоми Самарқанд дар таърихи тамаддуни ҷаҳон, аз ҷумла фарҳангу адаби тоҷикон мақолаҳои зиёде чоп шуд, китобу маҷмӯаҳои адибону донишмандони тоҷик ба табъ расид. Аз ҷумла дар шумораи 9 соли 1969 маҷаллаи «Садои шарқ» мақолаи ин ҷонибро ба унвони «Мақоми Самарқанд дар адабиёти тоҷик» мундариҷ сохт.

Самарқанд ба ҷуз он ки дар давоми асрҳои мутамодӣ аз марказҳои муҳимми адабиёту забони форсӣ буд, дар оғози асри 20, дар даврони бедории Осиё дар ҷунбиши ислоҳотхоҳӣ ва маорифпарварӣ нақши муҳимме бозидааст. Мактабҳои аввалини усули нави тоҷикиро Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Сайид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ ва Абдулқодири Шакурӣ ташкил намуданд. Китобҳои дарсии мактабҳои ҷадидро Ҳоҷӣ Муини Меҳрӣ, Абдулқодири Шакурӣ ва Исматулло Раҳматуллозода тартиб доданд. Ба ин восита дар забони адабии тоҷик низ сабку услуби нав ба вуҷуд омад ва аз такаллуфот ва муракабботи асрҳои пешин озод шуд.

Самарқанд аз шаҳрҳои аввалини тоҷикнишин буд, ки соли 1917 инқилоби октябр дар ин ҷо зафар ёфт ва ҳокимияти шӯрой эълон гардид. Аввалин маҷаллаи тоҷикии шӯроиву болшевикӣ ҳам бо номи «Шӯълаи инқилоб» дар Самарқанд интишор ёфт. Сардабири "Шӯълаи инқилоб" Саид Ризо Ализода аз мардони равшанфикри эрониюласли самарқандӣ буд. Дар маҷалла бо мақолаҳои сиёсиву маърифатомӯзӣ ва тарғибу мактабу маориф Садриддин Айнӣ фаолона иштирок мекард.

Баъд аз инқилоби октябр дар Самарқанд шумораи мактабҳои тоҷикӣ хеле афзуд. Дар ташкил ва тавсиаи мактабу маорифи тоҷик баробари муаллимони то инқилобии тоҷик - Абдулқодири Шакурӣ, Аҷзӣ ва Раҳматуллозода хидмати муаллимони ҷавони навбаромад низ калон буд. Падарам, ки дар радифи ҷавонмуаллимон буд, нақл мекард, ки ба иҷоза ва машварати яке аз сарварони Ӯзбекистон Йӯлдош Охунбобоев – раиси Кумитаи Иҷроияи ҷумҳуриявӣ – муаллимон гузар ба гузар, гашта аз мардум ба ташкили мактабҳои тоҷикӣ раъй мепурсиданд. Дар натиҷа бо хоҳишу майли мардум дар шаҳр ва деҳоту боғоти атроф ба тарзи оммавӣ мактабҳои тоҷикӣ ташкил гардид. Дар ин маврид мехоҳам номи чанде муаллимони фидокори тоҷики Самарқандро ин ҷо зикр намоям – онҳоеро, ки дидаам ё нақле аз онҳо шунидаам. Аъзамхон Шаҳидиву Аъламхон Шаҳидӣ, Қорӣ Осим Исматӣ, Вафохон Усмонӣ, Фахриддин Маъруфӣ, Ҷӯрақул Комилӣ, Аҳмад Камолӣ, Мақсудхон Беҳбудӣ, Ҳайдархон ва Ризохон Ҳодизода, Абдураҳмон Ҷомеъ, Кенҷа Ҳомидӣ, Маҳмудҷон Исмоилӣ, Турақул Зеҳнӣ, Наберахоҷа Валихоҷаев, Ҳақбердӣ Усмонӣ...

Нашриёти давлатии тоҷик барои мактабҳои ҳам Самарқанд ва ҳам

Тоҷикистон китобҳои дарсиву таълимӣ чоп мекард. Дар атрофи нашриёт бо роҳбарии Айнӣ мактаби мутарҷимону муаллифони китобҳои дарсӣ, доираи адабии нависандагону шоирони ҷавони тоҷик ба вуҷуд омад.

Ин ҳама шукуфаҳои нави фарҳангу илму адаби тоҷик дар Самарқанд барои илму маданияти нави ҷумҳурии тоҷикон намунаи ибрат ва пайравӣ буд. Илова бар ин намояндагони зиёиёни Самарқанд рафту омадро ба кӯҳистони тоҷик, хусусан Панҷакенту Фалғар сар карданд. Дар натиҷа заминаи мустаҳками робитаҳои ояндаи фарҳангии Самарқанду Тоҷикистон ба вуҷуд омад.

Декабри соли 1929 Тоҷикистон дар ҳайати СССР ҷумҳурии мустақил шуд. Дар ин вақт сохтмони роҳи оҳани Тирмиз - Душанбе ба охир расид ва Тоҷикистон ба фазои умумии СССР ва ба ин восита ба ҷодаи муносибатҳои байналхалқӣ баромад.

Ташкили давлати мустақил бо номи Тоҷикистон орзуи деринаи на танҳо тоҷикони марзҳои ҷуғрофии Тоҷикистон, балки ҳамаи тоҷикони Осиёи Миёна буд. Аз ин ҷост, ки тоҷикони шаҳрҳои мутамаддини қадими Ӯзбекистон ба ёрии ободу маъмур намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ватани нави худ омаданд. Аз солҳои бисту чаҳоруму бисту панҷум чанд ҳизбиёни ҷавони Самарқанд барои иҷрои вазифаҳои ҳукуматӣ ва ҳизбии Тоҷикистон омаданд. Дар сафи ин шахсон Яҳё Афзалии ҷавон то марги нобаҳангомаш дар соли 1928 дабири кумитаи ҳизби вилояти Ҳисор буд.

Аз аввали солҳои сиввум ҳиҷрати зиёиёни самарқандӣ ба Душанбе ҳеле қувват гирифт. Инҳо ҳама ҷавонони таҳсилдида дар донишкадаву донишгоҳҳои тоҷикии Самарқанд буданд. Ба заҳамоту ҳиммату кӯшиши онҳо равнақи мактабу маориф, санъати мусиқиву театр ва адабиёти муосири тоҷик нерӯи тоза пайдо кард. Ин ҷавонҳо манзилу хонаҳои ободу маъмур ва рӯзгори осудаву фаровонро сарфи назар намуда, ба шаҳраки хомӯшу ноободи Душанбе омаданд, дар хонаҳои сарду хаспӯшу заминкан ҷой гирифта, дар кӯчаҳои пургилу хокбези шаҳр роҳ ёфта, орому осоиш ва рӯзгори пурнозу неъматро фаромӯш карда, дар тангдастиву эҳтиёҷ бо дили гарму шавқи саршор барои таъмиру ободии кишвари тоҷикон камарро сахт бастанд. Ҷои он аст, ки номи чанде аз ин фидоиёнро барои насли имрӯза зикр кунам, то онҳоро ба сипосу гиромидошт ёдовар бошанд.

Абдуллоҷон Абдухолиқов, писаронаш Ғаниву Рашид Абдулло, духтараш Музаффара ва домодаш Қосимов, Аъзам Камолов, Зиёдулло Шаҳидӣ, Шариф Бобокалонов, Самад Ғанӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Маъруф Расулӣ, Абдулҳамид Ниёзов .

Таъсири мусбати зиёиёни шаҳрҳои мутамаддин, аз ҷумла Самарқандро, имрӯз донишмандони зодаи кӯҳистони тоҷик ба тарзи мунсифона эътироф ва тасдиқ мекунанд. Чунончи профессор Худойназар Асозода навиштааст: "Як падида мусаллам аст, ки бо пирӯзии Инқилоби Октябр ва ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам таълиму тарбияи толибилмони Бухорои Шарқӣ ва дигар маҳаллу вилоятҳои Тоҷикистонро хатмкунандагони омӯзишгоҳҳои педагогии Бухоро, Самарқанд, Тошканд ба ӯҳда гирифтанд. ...Ин ҳақиқат аст. Ҳоло баъзан кӯшиш мекунем, ки шаҳру ноҳияҳои хешро фарҳангиву маркази илмиву адабӣ эълон бидорем, вале аз воқеият дур рафтан лозим нест" (Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ, Душанбе, 2004, с. 84).

Дар солҳои сиввум то охири солҳои шастум дар Самарқанд аксари

мактабҳои миёна тоҷикӣ буд. Дар атрофи Самарқанд, дар деҳу боғот – Хоҷа Аҳрор, Даштаки боло, Равонак, Боғи баланд, Оҳалик, Хишрав, Хоҷа Ғулом, Раҷаб Амин, Тайлоқ, Бахшитеппа, Боғи майдон, Мотрид, Қӯшмасҷид низ мактабҳо тоҷикӣ буданд. Ин ҷо чанде аз мактабҳои тоҷикии шаҳрро – он чи дар ёд мондааст – бо номи гузарҳо номбар мекунам. Мактаби машҳури рақами 5 дар гузари Мирзо Пӯлод (дертар дар ноҳияи навбунёди Хоҷа Абдуи дарун), рақами 15 дар гузари Фақеҳ Абуллайс, рақами 3 дар гузари Дегчабирён, рақами 2 дар Растаи нав, рақами 6 дар наздикии Чорраҳа, рақами 8 дар наздикии Булвар, рақами 22 дар гузари Сӯзангарон, рақами 1 дар гузари Қӯшҳавз, рақами 11 дар гузари Шарбатдор, рақами 32 дар наздикии дарвозаи Хоҷа Аҳрор…

Дар ин мактабҳо муаллимону мудирони ҷавон кор мекарданд, ки ба насли саввуми зиёиёни омӯзгор шомил буданд. Ҷои он аст, ки номи чанде аз ин муаллимон ин ҷо зикр гардад, зеро шогирдоне, ки тарбияи онҳоро дидаанд, на танҳо дар риштаҳои гуногуни ҷомеаи шаҳри худ, балки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию мадании Тоҷикистон кор кардаанд ва ҳоло ҳам мактабу омӯзгоронашонро ба арзи миннатдорӣ ба хотир меоранд. Инак: Зебӣ ва Хайрӣ (ҳамсари шаҳиди ҷанги ватанӣ шоир Ҳабиб Юсуфӣ ва баъд дар издивоҷ бо драмнависи тоҷик Ғанӣ Абдулло буд) Тошпӯлодоваҳо, Анзурат Раҷабова, Шимъунова аз яҳудиёни маҳаллӣ, Ҳумоюнхон Ҳодиева, Сулаймонхон Солеҳов, Азимхон Солеҳов, Шарофиддинов, Фозил Муллоқандов, Ҳабибахон Хоҷаева, Собирова, Маҳвашхон Ҳодиева, Қиёмов…

Соли 1947 аз тарафи вазорати маорифи Тоҷикистон Институти педагогии дусолаи тоҷикӣ кушода шуд, то эҳтиёҷи мактабҳои маҳаллҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон ва ноҳияҳои ҳамҷавори Тоҷикистонро бо муаллимон таъмин намояд. Ректори Институт Абдулҳамид Ниёзов, аз равшанфикрони Самарқанд, додархонди Фотеҳ Ниёзӣ буд, ки солҳои сол (аз солҳои сивум) дар Сталинобод дар вазифаҳои масъул кор мекард. Роҳбари маънавии донишгоҳ Садриддин Айнӣ ба тадриси Институт муаллимони беҳтарини таҷрибадори шаҳрро ҷалб намуд. Мавҷудияти Институт дер напоид, вале кадрҳои педагогии ин таълимгоҳ солҳои сол дар мактабҳои Тоҷикистон дар хидмати омӯзгорӣ буданд.

Дар охири солҳои панҷоҳум дар Донишгоҳи Навоии Самарқанд факултаи забону адабиёти тоҷик ташкил гардид. Ин факулта то имрӯз фаъолият дорад. Хатмкунандагони факултаи мазкур бо роҳҳат ё ба ихтиёри худ ба риштаҳои гуногуни илму маданияти тоҷик ба Душанбе ба кор меомаданд.

Дар охири солҳои 80-уми а.г. Институти педагогии ба номи Садриддин Айнӣ ташкил гардид. Мегуфтанд, ки асли ҳадаф ташкили институти тоҷикӣ будааст, вале муассисон донишкадаро ҳамчун таълимгоҳи ӯзбекӣ ташкил намуданд. Дар Институт ба ҷуз факултаи забону адабиёти тоҷик факултаҳои улуми табиию риёзӣ низ ба забони тоҷикӣ ташкил ёфта буд. Пас аз бист сол тамоми факулта ва устодону донишҷӯёни Институт ба Донишгоҳи Самарқанд илҳоқ гардид.

Мактабу маорифи тоҷик ва зиёиёни соҳаҳои гуногуни илму маданияти Самарқанд дар шукуфоии ҳаёти маънавии шаҳри худ, дар равнақи риштаҳои илмиву маданиии Тоҷикистон низ саҳми муайян ва нақши боризе доштанд. Аз тарафи дигар, заминаи ҳаёти маънавии Самарқанд бо рӯҳу забони тоҷикӣ дар истеҳкоми робитаҳои илмиву адабии ин шаҳри бостонӣ бо Душанбе пояи устувор буд.

Дар ин маврид ҷои тазаккур аст, ки робитаҳои дӯстонаи Ӯзбекистону Тоҷикистон дар замони шӯравӣ ниҳоят густурдаву поядор буд. Ин ҷониб, ки худ дар робитаҳои тарафайн аз ҷавонӣ шоҳиди фаол будам, метавонам гуфт, ки дӯстие, ки мову ӯзбекон доштем, дар чунин сатҳу вусъат бо ҷумҳуриҳои дигари ҳамҷавор вуҷуд надошт. Дар ин майдон робитаҳои Самарқанду Душанбе миқёси бештару пурвусъаттар дошт.

Дар аввали солҳои панҷоҳум, ки ба давраи эҳёи мадании тоҷикон номзад кардан мумкин аст, гурӯҳи калони хатмкунандагони Донишгоҳ ва Институти тиббии Самарқанд барои таҳсили аспирантура ба Душанбе раҳсипар шуданд. Гурӯҳи калони мутахассисони ҷавон пас аз таҳсили аспирантура аз Маскаву Ленинград ба Душанбе даъват шуданд. Нсму унвони чанде аз онҳоро ин ҷо зикр намудан мавриди муносиб дорад.

Муҳаммадқул Нарзиқулов, Эшонқул Усмонов, Акобир Адҳамов, Баҳрулло Назруллоев, Маҳмуд Исмоилов, Исроил Исмоилов, Фотеҳ Ҳакимзода, Ислом Абдусаломов, Раззоқ Ғаффоров. Донишмандони соҳаи тиб, ки хатмкунандагони Институти тиббии Самарқанд буданд: Ҳамид Мансуров, Минҳоҷ Ғуломов, Неъмат Усмонов, Барот Раҳматов.

Дар риштаи адабиёт ва адабиётшиносӣ низ марказҳои илмиву таълимии Самарқанд ба тавассути кадрҳои ҷавони худ саҳми арзанда гузоштааст. Хатмкунандагони мактабҳои олии тоҷикии Самарқанд дар соҳаҳои гуногуни улуми инсонӣ ба кор меомаданд ва дар омӯзиши таърихи адабиёт ва адабиёти муосир таҳқиқоти муҳимме анҷом додаанд.

Чанде аз хатмкунандагони Донишгоҳи Самарқанд ҳамчун рӯзноманигор ва нависанда дар рушду равнақи адабиёти муосири тоҷик хидматҳои судманде ба харҷ доданд. Дар тасдиқи ин фикр номи Фазлиддин Муҳаммадиевро зикр намудан басанда аст, ки эҷодиёти шодравон дар адабиёти муосири тоҷик саҳифаи дурахшон аст.

Дар муддати чиҳил сол (солҳои панҷоҳуму навадуми а.г.) байни Душанбею Самарқанд робитаҳои илмиву адабӣ ниҳоят вусъат ёфта буд. Донишмандони тоҷики Самарқанд ба ин робитаҳои судманд муҳаққиқон ва адибони ӯзбекро ҷалб менамуданд. Дар Душанбею Самарқанд бо иштироки олимони варзидаи ӯзбеку тоҷик мизҳои мудаввар, сессияҳои илмӣ ва маҳфилҳои ҷашни нависандагони гузаштаву муосир барпо мешуд. Яке аз маҳфилҳои шукӯҳманд ҷашни 125-солагии таваллуди Сайид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ буд, ки соли 1990 дар Донишгоҳи Самарқанд созмон ёфт.

Дар Донишгоҳи Самарқанд солҳои сол Шӯрои илмии дифоъи рисолаҳои илмӣ барои дарёфти унвони номзадӣ аз рӯи ихтисоси адабиёти ӯзбеку тоҷик вуҷуд дошт. Дар Шӯро чандин олими ҷавони Душанбе рисолаҳои номзадӣ дифоъ карда буданд. Дар Шӯрои илмии Академия ва Донишгоҳи Душанбе донишмандони ҷавони Самарқанд дар мавзӯъҳои адабиёти тоҷик рисолаҳои номзадиву докторӣ ҳимоя мекарданд. Шӯъбаи самарқандии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон дар таҳкими робитаҳои адабии ӯзбеку тоҷик ва равнақи эҷодиёти шоиру нависандагони тоҷики Самарқанд хидматҳои шоиста мекард. Нависандагони Душанбе дар семинарҳои адибони ҷавон ширкат доштанд. Нависандагони ӯзбеки Самарқанд бо адибони ӯзбеки Тоҷикистон дар робитаҳои қавии эҷодӣ буданд.

Дар пайванди дӯстиву рафоқат ва ҳамкориву мубодилаҳои эҷодӣ гурӯҳи калони зиёиёни Самарқанд аз ҷумлаи муаллимону ходимони соҳаҳои дигар хидмати ҷонсупорона мекарданд. Номи чанде аз онҳоро бо сипосу эҳтиром ёдовар мешавам.: Воҳид Абдулло, Раҳимҷон Муқимов, Абдулмӯъмин Фаттоҳов, Мавлон Эгамбердиев, Атоев, Иброҳимов, Раҳим Эгамбердиев, Ботурхон Валихоҷаев.

Аз ин гурӯҳ мехоҳам дар бораи се тан донишмандон, ки пешгом ва ташкилотчии бисёр маъракаҳои мо ва нигаҳдори суннатҳои тоҷикӣ буданд, мухасар нақл кунам: Воҳид Абдулло, Раҳимҷон Муқимов ва Абдулмӯъмин Фаттоҳов.

Узви Академияи илмҳои Ӯзбекистон, доктори илми филология, профессор Воҳид Абдулло дар миёни зиёиёни баъди солҳои сиввум а.г. дар Самарқанд маъруфтарин шахс буд. Вай на танҳо бо унвону рутбаҳои илмӣ, балки бо хислатҳои инсониаш - билхосса бо фурутанӣ, хушсӯҳбатӣ, шӯхиву зарофатгарӣ ва улфату унспазироияш ҳар касро зуд ба худ ҷалб мекард. Воҳид Абдулло ҳангоми ҷавонӣ дар техникуми машҳури Бозори Ниҳол таҳсил карда буд. Дар техникум бисёр зиёиёни номдори шаҳр дар ҷавонӣ таҳсил карда буданд. Аксари онҳо тоҷикони самарқандӣ буданд, таҳсил ҳам ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ буд. Падари ин ҷониб чанд сол ба ҳайси мудир ва муаллим дар техникум кор мекард. Шогирдонаш, аз ҷумла Воҳид Абдулло, ки баъд ба пояҳои баланди илму маърифат расида буданд, то охири умр устоди худро эҳтиром мекарданд, ба вай муҳаббати шогирдона доштанд.

Воҳид Абдулло аввалин адабиётшиноси самарқандӣ буд, ки соли 1936 дар Ленинград дар мавзӯи «Навоӣ дар Самарқанд» барои дарёфти унвони номзади илм рисолаи илмӣ дифоъ намуд. Дар он вақт чунин соҳибунвонҳои илм ангуштшумор буданд ва дар Самарқанд Воҳид Абдулло дар ин шумор ягонаву аввалин буд. Аз ҳамон сол сар карда Воҳид Абдулло дар донишгоҳи номдори Самарқанд ба ҳайси устоди таърихи адабиёти ӯзбек дарс мегуфт. Дар ҳамин донишгоҳ тадқиқоти илмии худро давом дод. Дар солҳои ҷанги ватанӣ, вақте ки Донишгоҳи Самарқандро муваққатан бастанд (ба биноҳои Донишгоҳ госпиталҳои ҳарбӣ ва курсҳои Академияи ҳарбии СССР ҷой гирифтанд), Воҳид Абдулло бештар ба тадқиқоти илмӣ машғул буд. Дар ҳамин солҳо рисолаи илмиашро дар атрофи адабиёти ӯзбек дар доираи Хоразм ба анҷом расонид. Дар он вақт падарамро зуд-зуд ба хонааш мебурд ва ишон хеле дер ба хона бармегашт. Мегуфт, ки бо Воҳид баъзе маводҳои адабиро мехонанду баррасӣ мекунанд. Баъдтар фаҳмидам, ки Воҳид Абдулло падарамро барои равшан намудани баъзе ҷойҳои душворфаҳми шеъру насри классикӣ ба хона даъват мекардааст.

Шӯҳрату маъруфияти Воҳид Абдулло баъд аз дифоъи вай аз рисолаи докторӣ дар Донишгоҳ ва баъдтар берун аз зодгоҳаш афзуд. Хусусан баъд аз он ки Шароф Рашидов - шогирди донишгоҳии вай ба роҳбарияти олии Ӯзбекистон расид, ба устодаш қадршиносиҳо кард. Воҳид Абдулло узви Академияи Ӯзбекистон интихоб гардид ва чанд сол ба маъмурияти Ректори донишгоҳи Самарқанд мансуб шуд.

Воҳид Абдулло тоҷики асили Самарқанд буд, ҳарчанд мисли баъзе тоҷикон инро ба забон намегуфт. Аммо барои пешрафти зиёиёни ҷавони

Самарқанд дар риштаи тадқиқи адабиёти ӯзбеку тоҷик саъю кӯшиши балиғ мекард. Дар тавсиаи робита ва муносибатҳои донишмандони Душанбеву Самарқанд низ ҳамеша тарафдориву ҷонибдорӣ менамуд. Марказҳои тоҷикии таълиму тадқиқоти Самарқандро ҳимоят менамуд, ҳарчанд дар ташкил ва таъсиси онҳо назди бародарони ӯзбек кӯшиши ошкоро ба харҷ намедод. Дар солҳои ректор буданаш чандин адабиётшиносони Душанбе бо ҳимояти вай дар Донишгоҳи Самарқанд соҳиби унвонҳои илмӣ шуданд.

Воҳид Абдулло дар бисёр ҷашнҳои классикони тоҷик дар Душанбе ба ҳайси намояндаи аҳли илми Ӯзбекистон ширкат мекард, ба забони тоҷикӣ суханрониҳои самимона менамуд. Ёд дорам дар ҷашни 650-солагии милоди Ҳофиз нутқи зебое ба забони тоҷикӣ эрод намуда, мавриди таҳсину табрики аҳли маҷлис ва билхосса меҳмонони эронӣ шуда буд.

Бо Воҳид Абдулло нигоранда дӯстиву улфати самимӣ доштам. Дар ҳар сафари Самарқанд мулоқотҳои дӯстона ва сӯҳбатҳои илмӣ мекардем. Ҳар бор бо меҳру миннатгузорӣ аз падарам ёдовар мешуд. Ҳоло чанд сол аз фавти ӯ гузаштааст, вале ёди вай дар дилу дидаи дӯстонаш, шогирдонаш ва ҳамкоронаш боқист. Эзидатаоло раҳматаш кунад.

Дар таҳким ва тавсиаи робитаҳои адабию илмии Самарқанду Душанбе хидматҳои бедареғи дӯст ва бародари шодравонам Раҳимҷон Муқимовро (1922-2002) махсусан бояд таъйид кунам. Муқимов дар оилаи зиёии тоҷики Самарқанд тарбия ёфта буд. Баъд аз хатми мактаби миёна дар омӯзишгоҳи номдори тоҷикии Самарқанд, ки борҳо аз он ёдовар шудаам, таҳсил намудааст. Омӯзишгоҳ ба ҷуз дониши хуб ба шогирдон рӯҳ ва суннатҳои беҳтарини миллии тоҷикиро талқин менамуд.

Баъд аз таҳсили омӯзишгоҳ Муқимов ба факултаи забон ва адабиёти ӯзбеки Донишгоҳи Самарқанд дохил мешавад. Вай дар муддати панҷ соли таҳсил дар забону таърихи адабиёти ӯзбек ба дараҷае дониши хуб ҳосил мекунад, ки ӯро ба сони шогирдони беҳтарин барои давоми таҳсил ба аспирантура тавсия мекунанд. Муқимов таҳти роҳбарии устод Айнӣ дар мавзӯи рӯзгор ва осори Гулхании Хуқандӣ рисолаи номзади илмиро дифоъ мекунад.

Муқимов аз соли 1950 дар факултаи забону адабиёти ӯзбек ба ҳайси устод ва баъдтар дар вазифаи сарпарасти факулта хидмат намудааст. Дар аввали солҳои 60-и а.г. Муқимов дар ташкили шӯъбаи тоҷикии факултаи забон ва адабиёти ӯзбек аз муассисони фаъол буд. Баъд аз ташкили шӯъба ва баъдтар ба факултаи забону адабиёти тоҷик табдил ёфтани он Муқимов мудири бахши адабиёти тоҷик буд. Баъдан ба сони сарпарасти факултаи тоҷикӣ низ ифои вазифа намуд.

Муқимов ҳанӯз дар замони устодиаш дар риштаи адабиёти ӯзбек ва хусусан баъд аз ташкили факултаи забону адабиёти тоҷик дар таҳким ва густариши робитаҳои адабию илмии Самарқанду Душанбе хидмат ва ҳиммати зиёд ба харҷ дод.

Муқимов узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон буд. Ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ мақолаҳои танқидӣ, драмаву новеллаҳо ва ба забони ӯзбекӣ шеър менавишт. Чанд сол котиби масъули шӯъбаи самарқандии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон буд. Дар муддати фаъолияти худ дар ин маъмурият Муқимов қувваҳои адабии тоҷикони шаҳрро муттаҳид намуд, бо

Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон робитаҳои мустаҳкам барқарор намуд.

Бо вуҷуди пиронсолӣ Муқимов ғайрати ҷавононаашро ҳифз намуда буд. Ӯ то охири солҳои 80-уми а.г. дар факултаи забон ва адабиёти тоҷик устод ва парастору машваратчии муаллимони ҷавон буд.

Бо Муқимов гуфтан метавон ҳанӯз аз охирҳои солҳои чилум, аз замони шогирдиамон дар омӯзишгоҳ дӯсту рафиқи наздик будем. Дӯстии мо то охири умри шодравон барқарору устувор буд. Зиндаёд маро барои тадрис дар факултаи забон ва адабиёти тоҷик даъват менамуд. Дар зимни тадрис маҳфилҳои адабӣ ва маҷлисҳои дӯстонаву рафиқона барпо мешуд. Дар Самарқанд ба хонаҳои ҳамдигар меҳмон мешудем. Падарам Муқимовро ба хотири шогирди хушсалиқааш дар омӯзишгоҳ дӯст медошт ва ҳар бор аз омаданаш ба ҳавлии мо шод мешуд. Модарам низ ӯро чун фарзанд пазирой мекард.

Дар аввали солҳои навадум Муқимов ба сабабҳои оилавӣ ба Маскав рафту ҳамон ҷо муқим гашт. Дар солҳои пош хӯрдани шӯравӣ ва аз ҳам ҷудо гаштани ҷумҳуриҳо робитаҳои ҳатто мукотибавии ману Муқимов қатъ шуд. Муқимов дар Иттиҳодияи байналхалқии иттифоқҳои нависандагони ҷумҳуриҳои муштарак-ул-манофеъ ба ҳайси мушовири адабиёти ӯзбек кор мекард. Аз дӯстам Шавкатҷон, ҳангоми сафараш аз ҳоли Муқимов ва аҳли оилаи вай огаҳӣ меёфтам, баъзан як - ду китоби ба расми ёдгор фиристодаашро мегирифтам. Соли 2002 баъд аз чанд моҳи фавташ аз даргузашти вай иттилоъ ёфтам, ба ҷуз «сӯзи дилу ашки равону нолаи шабу оҳи саҳар» дар сӯгвории ӯ садое аз ман намебаромад. Имрӯз дуои ман он аст, ки дӯсти азизам ба раҳмати Ҳақ бирасад.

Имрӯз вақте ки рӯзҳои нишотангези робитаҳои дӯстони самарқандиву душанбегиро ба хотир меорам, дар қатори рафиқони дерину фақидам Абдулмӯъмин Фаттоҳов ба ёдам мерасад. Ман бо номбурда дертар шинос шуда будам. Вақте ки дар Тошкент мехондаму дар радио кор мекардам, рӯзе ба ҷои корам омаду худро шиносонд. Аз ҳамон соат тарҳи дӯстӣ ба миён омаду то охири дами ҳаёташ улфату рафоқат мояи фараҳу шодии дили мо буд.

Абдулмӯъмин Фаттоҳов дар синну сол аз ман бузургтар буд. Вай фарзанди нахустини шахси маъруфи Самарқанд Абдуфаттоҳ Абдуллоев буд, ки дар боло зикре аз вай карда будам. Абдулмӯъмин дар Ҷанги бузурги ватанӣ иштирок карда, дар асари захме аз ҷабҳаи ҷанг баромада, чанд муддат дар идораҳои давлатии Самарқанд кор кардааст. Дар аввали соли 1946 ӯро барои кор ба яке аз вазоратҳои Тошкент маъмур карда буданд ва ба ин сабаб чанд сол дар ин шаҳр истиқомат намуд. Дар Тошкент ба воситаи ин ҷониб ва дӯсту ҳамгузараш Мардон Насимов – устоди консерваторияи Тошкент ба мафҳилу маҷлиси мо – тоҷикони Тошкент роҳ ёфт ва аз дӯстони наздику қарини ҳамаи мо шуд.

Баъд аз муддате ба Самарқанд баргашту аз вазифаҳои маъмурӣ даст кашид ва дар Донишгоҳ ба ҳайси устоди дараҷаи нахуст ба тадрис машғул шуд. Дар зимни тадрис Фаттоҳов дар таърихи пайдоиши мактабҳои нави тоҷикӣ ва муаллимҳои аввалини таълими усули ҷадид таҳқиқоти хуб анҷом дод ва соҳиби унвони номзади илми педагогӣ шуд. Фаттоҳов бо тадқиқоти

худ саҳифаҳои торик ва фаромӯшшудаи таърихи маорифи тоҷикро барои илм ва ҷомеа кашф намуд. Дар солҳое, ки шахспарастии сталинӣ ҳукмрон буд, омӯхтани фаъолияти маорифпарварии Абдулқодири Шакурӣ, Исматулло Раҳматуллозода ва шоиру нависандаи «ҷадид» Аҷзӣ кори саҳл набуд. Ҷасорати фитрии Абдулмӯъмин ва садоқати вай ба маданияту илми тоҷик буд, ки чунин кори муҳимми илмӣ ва сиёсиро хуб анҷом дод. На танҳо анҷом дод, балки яке аз муҳаққиқон ва мубаллиғони таърихи мактаб ва маорифи тоҷики шаҳри Самарқанд шуд.

Пас аз кушода шудани Институти омӯзгории (он вақт педагогии) Самарқанд Фаттоҳов ба сарпарастии бахши таърих ва назарияи педагогика маъмур гардид. Дар муддати чанд солҳо Фаттоҳов дар Институт, ки қариб 50 дар сади он тоҷикӣ буд, гуфтан мумкин аст муҳофиз ва муборизи ҳуқуқи тоҷикон маҳсуб мешуд. Дар ин роҳ хислати ҷангварона ва баробари ҳамин одамгароёнаи вай нақши муҳимме дошт. Бисёр маъракаҳои робитаҳои дӯстонаи Самарқанду Душанбе дар Институт бо ташаббус ва роҳбарии вай сурат мегирифт. Ҷашни 150-солагии Аҳмади Дониш дар Институт бо иштироки аҳли ҷомеаи Самарқанд мавқуф ба ташаббус ва иродати вай буд.

Солҳои охир (аввали навадум) сиҳҳати Абдулмӯъмин Фаттоҳов хуб набуд ва ҳатто муддате чанд бистарӣ шуд. Бо вуҷуди ин бисёр шогирдон ва муаллимони ҷавон дар ҳалли мушкилоти худ назди вай мерафтанд. Ба маслиҳату роҳнамоияш кор мебастанд.

Шунидам, ки соли 2001 дар синни 80 ҷаҳони фониро падруд гуфтааст. Пок парвардигоро ба раҳмати худ қабул фармояд.

ХОТИМАИ ҒАЙРИ ЧАШМДОШТИ ИН ФАСЛ

Зиндагии тоҷикони Самарқанд ва робитаи Душанбеву Самарқанд ба ҳамин минвол бе тағйироти куллӣ то охири солҳои 80 а.г. ҷараён дошт. Албатта, дар ин миён мушкилиҳо ва пасту баландиҳо рух медод, аммо роҳбарияти ҳизбӣ ва давлатии Маскав роҳ намедод, ки манфиати миллии як миллат аз тарафи миллати дигар ошкоро таарруз ёбад. Дар он замонҳо ҳеч тоҷики Самарқанд ҳатто ба хаёл намеовард, ки тақдир дар оянда нақшҳое бурун меорад, ки дар тасаввури мо гунҷоиш дошта бошад.

Дар охири соли 80 дар ҷомеаи шӯравӣ боди хуши озодиву ошкорандешӣ рух дод. Ин воқеаи таърихиро бо номи Михаил Горбачев марбут медонанд. Горбачев дар ин ҷо танҳо сабаб буд, аммо мусаббиб ва омили асосӣ рафти воқеъи таърих буд.

Озодии баёни афкор ва ба қавли Горбачев «тафаккури нав» ба озодии ҳисс ва шинохти миллӣ низ оварда. Он чи мардуми кишварҳои миллии СССР шуури аслии миллиро дарк намуданд ва дорои ифтихори миллӣ гаштанд, дар гузаштаи коммунистӣ гуноҳи сиёсии миллатгароӣ ва миллатчигии буржуазӣ қаламдод мегашт.

Боди муроди озодии миллӣ то Самарқанд ҳам расид. Инро пеш аз ҳама ва беш аз ҳама мардуми тоҷик эҳсос намуд. Дар байни зиёиёни тоҷик ҷунбиши миллие пайдо шуд, ки ба он бе тарсу бим ва ифтихору сарбаландӣ ҳар фарди тоҷик ҳамроҳ мешуд. Яке аз зуҳуроти аввалини ифтихори миллӣ дар шиносномаҳо барқарор намудани миллияти шахсии тоҷик буд. Дар

чойхонаву муассисаҳо гурӯҳҳое ташкил шуданд, ки шахсони хоҳишмандро ба рӯйхат гирифта, ба ислоҳи миллияти онҳо кӯмак менамуданд. Дар натиҷа қисми зиёди аҳолӣ, махсусан аз зиёиён, дар шиносноми миллияти худро ба «тоҷик» ислоҳ намуд.

Зуҳуроти равшан ва оммавии шуури тоҷикӣ дар ҳамоиши умумишаҳрии тоҷикон дар стадиони "Спартак" намоён гашт. Дар намоиш, ки тоҷикони ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва ҳатто намояндагони тоҷикони самарқандии Душанбе иштирок намуданд, даъват ба иттиҳод ва рушду камолоти мактабу маорифи тоҷикии Ӯзбекистон садо дод. Ин ҳама тадбирот ва зуҳуроти ҷунбиши миллӣ хеле ором ва бе таъррузе ба нафси миллии ӯзбекон ҷараён мегирифт. Аз ин сабаб ба чунин бедории миллии тоҷикон аз тарафи сарони давлати Ӯзбекистон халале ворид нагардид. Албатта, дар «оромиву хомӯшии» мақомоти олии ҷумхурӣ сояи назорати Маскав низ омили муҳим буд.

Дар аввали соли 90 а.г. давлати шӯравӣ суқут кард. Ҷумҳуриҳои миллии собиқ паси ҳамдигар истиқлолият эълон карданд. Баробари истиқлолият демократия низ дар тартибу танзими давлатдорӣ ҷорӣ гардид. Аммо чунон ки дар кишварҳои озоди демократии Аврупо ва Америка воқеъ шуда буд, дар ҷумҳуриҳои нави мустақил ҳуҷҷатҳои заминадор дар бораи принсипҳои истиқлол ва демократия муайян ва мушаххас эълон нагардид. Аз ин сабаб дар истиқлоли баъзе ҷумҳуриҳо нақши идораи унитарӣ ва дар демократия бештар зоҳирпарастӣ боздид гардид.

Баъд аз эълони истиқлоли Ӯзбекистон ва мақоми давлатӣ гирифтани забони ӯзбекӣ пеш аз ҳама таарруз ба забони тоҷикӣ ва мактабҳои тоҷикӣ зоҳир гашт. Дар Самарқанд бе ҳеҷ таҳлил ва бозпурсии раъйи умум мактабҳои тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ гузаронида шуд. Аз кӯчаву мактабҳо ва ҷойҳои оммавӣ эълону нишонҳо ба забони тоҷикӣ нопадид гардид. Кор ба ҷое расид, ки дар ҷамъомадҳои расмӣ, ҳатто ғайри расмӣ ба забони тоҷикӣ баромад кардани тоҷикон мамнӯъ гашт.

Шодравон Раззоқ Ғаффоров воқеаи нохушеро (ҳатто гуфтан метавон нангинро) нақл карда буд. Соли 1996 нависандагону донишмандони Самарқанд шаби таҷлили нависандаи тоҷик Болта Ортиқовро ташкил мекунанд. Суханронии маҷлиси ҷашнро дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти нависанда ба зиммаи Ғаффоров мегузоранд. Ғаффоров қариб як моҳ заҳмат кашида, суханронии муфассал таҳия мекунад. Дар арафаи маҳфил маъмурияти Иттифоқи нависандагон ба Ғаффоров эълон мекунад, ки суханрониашро ба забони ӯзбекӣ эрод кунад. Ғаффоров, ки барои ин кор ҳам фурсату ҳам дониши забони ӯзбекӣ надошт, аз суханронӣ даст мекашад. Ниҳоят шахси дигар ба забони «давлатии ӯзбекӣ» сухани ҷашнӣ эрод мекунад. Дуд аз ниҳоди кас мебарояд, ки дар шаҳри тоҷикон, дар маҳфили аҳли илму адаби тоҷик ва дар бораи нависандаи тоҷик ба забони тоҷикӣ сухан кардан мамнӯъ бошад!

Маҳдудият ва таарруз нисбат ба ҳуқуқи тоҷикони Самарқанд тадриҷан ба ҳисси адоват ва хусумати пинҳониву ошкоро мубаддал гашт. Баъд аз он ки ҳукумати Ӯзбекистон ба баҳонаи пешгирӣ намудани вуруди қувваҳои зидди давлатӣ гӯё аз Тоҷикистон марзҳои худро баст ва тартиби виза ҷорӣ намуд, таҳқир ва поймоли ҳуқуқи тоҷикон боз бештар вусъат ва шиддат пайдо кард.

Акнун самарқандиён барои зиёрати қабрҳои аҷдоду наздиконашон, барои тӯю сур ва сӯгу мотами хешовандон бе виза озод рафту омад карда наметавонанд.

Мақомоти давлатии Ӯзбекистон марзҳоро миназор карданд ва мардуми ноогаҳ ба тасодуфе ба ин минаҳо бархӯрда, аз таркиш ба ҳалокат мерасанд. Шунидам, ки ҳатто чанд деҳи тоҷикнишини кӯҳистони Сариосиёро ба тӯҳмати он ки аз қувваҳои зиддидавлатӣ ҷонибдорӣ кардаанд, ба зӯру тааддӣ ба даштҳои хушку бегиёҳ муҳоҷир кардаанд. Ин дар замоне воқеъ мешавад, ки инсонияти тараққихоҳ дар солҳои ҳукмронии Сталин аз ватани худ бадар шудани халқҳои Қриму Қафқозро маҳкум мекунад.

Дар чунин шароити пурмусибати тоҷикони Ӯзбекистон ва хусусан Самарқанд баъзе донишмандон аз қавми "соф тоҷик" мардуми ҳамхуни худро айбдор ба буздиливу тарсугӣ мекунанд, ки гӯё хоку миллати худро ҳимоя карда натавониста бошанд.

Мардуми тоҷику ӯзбек аз қадимулайём дар як ватан, дар як сарзамин паҳлӯ ба паҳлӯ зиндагӣ кардаанд. Таърих санаде надорад, ки дар байни халқҳои тоҷику ӯзбек ҷангҳои хунин ба вуқӯъ пайваста бошад. Баръакс ҷангҳои нанговар миёни халқҳои туркнажод борҳо воқеъ шудааст. Ҷанги фоҷиангез, ки шайбониҳо ба сари темуриён оварда буданд, саҳифаи даҳшатангези таърих мебошад. Дар оянда барои ҷудой андохтан байни тоҷикону ӯзбекон дар пеши таърих кӣ ҷавобгар мешуда бошад?

Воқеаҳое, ки нақл шуд, робитаҳои адабию фарҳангии Самарқанду Душанберо тамоман барбод дод. Ба ҷашну маъракаҳои фарҳангие, ки дар Самарқанд барпо мегардад, донишмандону адибони тоҷик даъват намешаванд. Ба ҷашну ҳамоишҳои илмиву адабӣ мо дӯстону ҳамкорони самарқандиамонро даъват мекунем, лекин омадани онҳо ба сабабҳои гуногун сурат намегирад.

Моҳи декабри соли 1999 Гулчеҳраи Сулаймонӣ ва Абдулҳамид Самадов ва ин ҷониб ба муносибати ҷашни 100-солагии Пайрав Сулаймонӣ ба Самарқанд ба зиёрати қабри шоир сафар кардем. Ният доштем, ки бо аҳли адаби Самарқанд ва донишҷӯёни факултаи тоҷикии Донишгоҳ мулоқот мекунем, маҳфилҳои адабӣ ташкил медиҳем. Моро хуш қабул карданд, аз меҳмонхонаи давлатӣ ҷой доданд. Дӯстону рафиқоне, ки омадани моро шунида буданд, ба дидору сӯҳбати мо расиданд. Вале намояндаи Иттифоқи нависандагон ба сад баҳона нагузошт, ки мо бо аҳли илму адаби тоҷик мулоқот кунем. Гӯё мо марази СПИД дошта бошем.

Ҳоло дар Самарқанд дар донишгоҳ факултаи қадими забон ва адабиёти тоҷик, рӯзномаи вилоятии «Овози тоҷик» вуҷуд дорад. Баъзе фаъолон маҷмӯаҳои шеъру ҳикоя ва мақолаҳои тоҷикиро ба саъю кӯшиши зиёд ба чоп мерасонанд. Шунидам, ки дар Донишгоҳ баъзе факултаҳои риёзиву табий гурӯҳҳои тоҷикӣ доранд. Аммо ҳамаи ин дар муҳити шиддати муносибатҳои сарди давлатӣ мисли гулу ниҳолҳое ба назар мерасанд, ки аз чаману гулзорҳо ҷудо шуда, дар тубакҳои хонагӣ нумӯъ доранд.

Дар ин солҳо рафту омадам ба Самарқанд камтар шуд, аммо қатъ наёфт. Ҳамаи ҳодисоти нохуш дар пеши назари ман мегузашт. Вале аз иқдомҳои носанҷида ва ноандешида худдорӣ мекардам. Ба воқеаҳои сиёсӣ дахолат

намекардам, дар баёни ақидаву афкори худ таанни менамудам. Ҳис мекардам, ки як сухани бечо ё як иқдоми бемавқеи ман, ки шахрванди ҷумҳурии дигар ҳастам, рафти воқеаҳоро тундтар ва вазъи дӯстонамро муташанниҷ метавонад кард. Дар воқеъ ҳам дахолати баъзе «пешсафони» нави миллат, ки аз дур ё дар вақти сафарҳояшон бо баъзе чаправони тоҷики Самарқанд ҳамзабони карда, зиёдтар аз онҳо ба мақомоти давлати Ӯзбекистон «ақл меомӯхтанд» ё пешниҳодҳои «ҷасурона» мекарданд, муносибатҳои тарафайни ду ҷумхуриро пурташвиштар ва мавқеъи тоҷикони Самарқанд, ҳатто берун аз Самарқандро суст намуд. Ман инро хуб ҳис мекардам. Зеро аз синни ҷавонии донишҷӯй дар радио барои ҳуқуқи қисмати тоҷикон ба андозаи имкон ва ақли худ кор карда, бо мувосо ва таҳаммулу бурдборӣ мавқеи барномаҳои тоҷикиро тавонистам, ки бияфзоям.

Андешаҳои худро ба «пешсафони навбаромади миллат» гуфта наметавонистам, чун онҳо маро аз шинохти миллӣ дур медонистанд. Аз ин мавзӯъ дар вақти сафарҳои Самарқанд бо Раҳимҷон Муқимов ва Абдулмӯъмин Фаттоҳов бисёр сӯҳбат мекардем.

Дар Душанбе дӯсти ҳамрозу ҳамфикрам Фотеҳ Ниёзӣ буд. Чунон ки дар боло зикр шуд, Ниёзии таҷрибадори ҷаҳондида ва мани ҷавони ба арсаи зиндагии бошуурона акнун қадамниҳода дар Тошкент мухторияти тоҷикии худро доштем. Бо мувосою мадоро муносибатҳои тоҷикону ӯзбеконро дар доираи имкон ва фаъолияти худ дар ҳадди эътидол нигоҳ доштем ва то тавонистем мавқеъи миллатамонро дар «мухторияти» худ мустаҳкам ва муштаҳир созем.

Дар ин мавриди муносиб мехоҳам ба поси дӯст ва бародарам шодравон Фотеҳ Ниёзӣ (1914-1992) чанд сатри хотиравӣ ба расми ёдбуд сабт намоям.

Ниёзӣ дар Самарқанд дар гузари Сӯфи Розиқ мутаваллид шудааст. Падараш Муҳаммад Амин тоҷир ва аз шахсони мӯътабари шаҳр буд. Вай бо бисёр зиёёни шаҳр ошнову ҳамнишину ҳамсӯҳбату ҳамақида буд. Баъд аз инқилоб дар идораҳои маъмурияти шаҳр дар вазифаҳои масъул, аз ҷумла чанд муддат дар вазорати маорифи вилоят иҷрои вазифа кардааст.

Ниёзӣ ба мададу тарғиби падар соҳиби маълумоти хуб шуда, муддате дар матбуоти шаҳр кор мекард ва ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ шеъру ҳикояву мақолаҳо менавишт. Дар аввали солҳои сивум Ниёзӣ бо гурӯҳи калони адибу рӯзноманигорони самарқандӣ ба Сталинобод омад. Аз ҳамон вақт то охири умр зиндагӣ ва фаолияти вай бо ҳаёти сиёсиву фарҳангии Тоҷикистон пайваст гашт. Дар рӯзномаҳои марказӣ хидмат мекард ва ҳамзамон ба фаолияти адабӣ низ машғул буд. Соли 1941 ба тарзи ихтиёрӣ ба ҷабҳаи ҷанги бузурги ватанӣ рафт ва дар фронтҳои Белорусияву Сталинград дар қисмҳои сиёсиву таблиғотӣ хидмати ҳарбиро адо менамуд. Соли 1944 бо амри идораҳои ҳарбӣ ба Тошканд омада, дар вазифаи дабири бахши тоҷикии газетаи ҳарбии "Фрунзеветс" кор кард. Соли 1949 бо даъвати Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода ба Душанбе омад. Аввал сардабири маҷаллаи "Шарқи сурх" (дертар "Садои шарқ") ва баъд котиби Иттифоқи нависандагон таъйин гардид. Дар ин вазифа гуфтан мумкин аст то охири умр бо ҷонфишониву садоқат кор кард. Душвориҳои машғулиятҳои маъмурият ва гоҳо тангии иқтисоди рӯзгор монеъ нашуданд, ки Ниёзӣ дар корҳои эҷодӣ аз адибони пурмаҳсул бошад.

Дар ин солҳо аз воқеаҳои ҷанги бузурги ватанӣ ва иштироки ҷанговарони тоҷик дар муҳорибаҳои зидди фашизм чанд роману қисса ва драмаҳо навишт. Дар адабиёти тоҷик асарҳои Ниёзӣ ҳамчун солномаҳои ҷанги бузурги ватанӣ мавқеи шоистае доранд.

Аз рӯзе, ки Ниёзиро шинохтаам, чунин тасаввуроте дорам, ки вай бо се хислати худ зиндаву пурнур буд. Якум, фаолияти эҷодӣ ва ҳамнафасию ҳамқадамӣ бо ҷомеа. Вақте ки вай дар ҷӯши илҳоми эҷодӣ буд, вақте ки барои ҷомеа судеву манфиате мерасонд, ӯро шоду хуррам, бо чеҳраи хандону шукуфон ва қадамҳои бардами ҷавонона медидед.

Хислати дигари марғубу дилкаши Ниёзӣ самимияту садоқат дар дӯстиву бародарӣ буд. Дӯстони ҳамқаламу ҳамкораш ҳамеша аз ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳи софдилонаи вай бархурдор буданд. Ба ҷуз ин Ниёзӣ дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ дӯстону рафиқони бисёре дошт, ки дар маъракаҳои вай аз роҳҳои дур меомаданд ва ӯро бародарвор пос медоштанд. Чанд соли охир бо Ниёзӣ айёми зимистон ба Переделкино мерафтем. Коргарону хидматгузорони ин ғӯшаи зебову ба дилҳо наздик баробар шодиву сурур мекарданд, ки "Фотеҳи мо омадаст, Ниёзии мо омадаст!" Дар рӯзҳои муайян дӯстонаш аз Маскав меомаданд: Верченко, Расул Ғамзатов, Солоухин, Козловский, Дзасохов... Ғӯшаи хомӯши Переделкино тарабхона, хароботи муғон ва хонаи хаммори риндон мешуд. Гули сари сабади маҳфил Фотеҳ Ниёзӣ буд.

Ниҳоят хислати саввуми Ниёзӣ он буд, ки вай Иттифоқи нависандагонро дӯст медошт. Ин ҷо хонаи дуввуми вай буд. Барои хонаводааш чӣ қадар ҷонсӯзӣ кунад, ба хонаи дуввумаш низ ба ҳамон андоза ғамхориву нигаҳбонӣ мекард.

Солҳои охир Ниёзӣ мехост дар бораи Самарқанд китобе нависад. Ба ин мақсад ӯ зуд - зуд ба Самарқанд мерафт ва ҳафтаҳову моҳҳо дар он ҷо мемонд. Иқомат дар ҳавлии додарзодагон ҳар чанд бе малол буд, аммо барои корҳои эҷодӣ на чандон мусоидат мекард. Дӯсти ҳамсабақ ва айёми ҷавониаш Шароф Рашидов, роҳбари баландпояи Ӯзбекистон, аз нияти дӯсташ огаҳӣ ёфта, ба вай аз биноҳои навсохти шаҳр хонаи маъмуру мувофиқро тӯҳфа намуд. Ниёзӣ дар ин хона як моҳ - ду моҳ истиқомат мекард, ба таълифу тасниф машғул мешуд, барои асари ояндааш аз архив маводи зарурӣ ҷамъ мекард, дар соатҳои фароғат дӯстонашро пазирой менамуд, ба хонаи онҳо меҳмон мешуд.

Корҳояш хуб мерафт. Ногаҳон, ғайри чашмдошт, мисли тӯфони бало воқеаҳои мусибатноку фоҷеаангези ҷумҳурии мо сар зад. Фотеҳ Ниёзӣ, ки ҳамчун коммунисти содиқ ва нависандаи покдил дар роҳи рафоҳият ва муваффақиятҳои ҷумҳурӣ аз муборизони ҷонфишон буд, воқеаҳои мудҳиш, алалхусус ба пояҳои иқтисоду фарҳанг ҳамла овардани гурӯҳи мухолифонро дида, сахт асабӣ мешуд, дилаш чок-чоку синааш пурхун мегашт. Ба болои ин ҳама балову вабо вазъи нобасомони тоҷикони Самарқанд ва муносибати адоватангези мақомоти ӯзбекия ӯро сахт ба изтиробу ҳаяҷон меовард. Ҳар бор ки аз ин ҳолот сухан мекард, аъзои баданаш ларзида, дар чашмонаш ашк пайдо мешуд.

Тобистони 1991 вай ба Самарқанд сафар кард. Ният дошт, ки як моҳ ё зиёдтар он ҷо бимонад – шояд ба навиштани китоби Самарқанд шурӯъ кунад.

Ба ман нагуфт, ки мавзӯи китобаш чист, вале пай мебурдам, ки дар бораи солҳои аввали инқилоб ва ҳокимияти шӯравӣ, аз рӯзгору кори зиёиёни шаҳр роман навиштанӣ аст.

Ду ҳафта нагузашта аз сафар бозомад. Бегоҳ ба ман телефон зад. Омаданашро муборак гуфтам. Пурсидам корҳо чи тавр, Самарқанд дар чи ҳол аст. Гуфт, биёед , гуфтаниҳо бисёр аст, дар сӯҳбати якка ба якка мегӯям. Ман ки рӯзи оянда рафтагори бӯстонсаро будам, ваъда кардам, ки пас аз ду рӯз бозмегардаму ба сӯҳбати вай хоҳам шитофт.

1-юми сентябр бегоҳӣ омадам. Қариби хуфтан телефон шуд. Гумон кардам Ниёзӣ аз рӯи ваъда телефон мекунад. Гӯшакро гирифтам, келинаш бо гиряи ҳойҳой мегӯяд, ки имрӯз субҳ падарамон ногаҳон аз сактаи дил ҷон доданд.

Рӯзи дигар субҳ ба ҳавлии Ниёзӣ рафтам. Хешону хешованд он, пайвандон, ҳамсоягон, нависандагону донишмандон, ҳамяроқону ҳамсолон... ҷамъ омада буданд. Бо ашкони шашқатор, бо дили гирён ба хона даромадам. Ниёзӣ дар ҳалқаи наздиконаш дар бистари марг ором хобидааст. Чашмҳо пӯшидаву лабҳо хомӯш. Абрувон дар ҳам гирифта – ё ба назарам чунин намуд. Ба вай менигаристам. Хомӯш буд. Садои ӯро дар гӯш танҳо ман мешунидам.

— Гиря накунед, дӯстон. Ман аз зиндагии худ бо дили ҷамъу виҷдони пок меравам. Ҳаёти пурсабзу гулпӯш сохтем, агар гуле дар ин бӯстон аз ман ба ёдгор монда бошад, ман сарфарозам. Аммо ман тоқати дидан надоштам, ки ин гулзору чаманамонро ба дасти худ харобу хористон кунем. Ман тоқати дидани чунин манзараи мудҳишро надоштам. Аз ин сабаб аз ҷаҳон чашм пӯшидаму ба абадият рахти сафар бастам. Вале ман мисли ҳамеша некбину некандеш ҳастам. Бовар дорам, ки ин ҳама тундбоди ногаҳонӣ хомӯш мешавад, боз офтоб нурпошӣ хоҳад кард, боз обҳои мусаффои чашмаву дарёҳо ҷорӣ хоҳанд шуд ва бӯстони мо боз шукуфою сабзу хуррам мешавад. Шакке нест, ҳамин тавр хоҳад шуд!

Ман гоҳо ба зиёрати қабри Ниёзӣ меравам. Пораи санги кӯҳҳои мо чун бори гарон ва посбон ӯро аз газанди гетӣ нигаҳдорӣ мекунад. Вай дар зиндагӣ бори гарони ҳаёт, бори гарони набардҳои бунёдкориву эҷодӣ, бори гарони муҳорибаҳои шадиди зидди фашизм, бори гарони муборизаҳои дунёи навро бардошта тавонист. Аз ин бори гарон шикоят накард, балки аз тақдир ва нерӯи ба вай атошуда розиву шокир буд. Вай осониву хомӯшиву оромиро намеҷуст – ҳамеша дар ҷунбиш, дар ҳаракат, дар ҷустуҷӯй буд.

Фасли охирини хотироти худро пеш аз сухани вопасин ба ёди дӯст ва бародари азизам Фотеҳ Ниёзӣ эҳдо мекунам.

ХОТИМА.
ХУДОЁ, ХУДРО БИШНОСАМ

Ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу.
– Ҳар кӣ худро шинохта бошад, худои худро бишнохта бошад.

Ҳар як адибу нависанда таълифи роман, ҳикоя ё қиссаҳои худро чанд солҳо пеш дар фикру андешааш мепазонад, ҳангоме ки асар ҳам дар мундариҷаву ҳам дар шакл тарҳи тақрибӣ пайдо кард, нависанда ба навиштан шурӯъ мекунад. Вале навиштани китоби хотирот , ба назарам дар эҷодиёти ҳар нависанда ба вазъи гуногун сурат мегирад. 19 январи соли 1977 бо муҳимме бо Шавкат Ниёзиву Муҳаммадҷон Шукуров дар сӯҳбати зиндаёд Бобоҷон Ғафуров будем. Сӯҳбати хуб аз ҳар боб ба вуқӯъ пайваст. Бобоҷон Ғафуров ба муносибате гуфт, ки фикри навиштани ёддоштҳоро ба устод Айнӣ Ғафуров пешниҳод кардааст. Айнӣ пириву гирифториҳои зиёдеро узр овардааст. Вале ҳамин фикри Ғафуров шояд сабабе шудааст, ки Айнӣ ниҳоят ба навиштани "Ёддоштҳо" азм намудааст.

Ғайр аз омилҳои берунӣ ба навиштани хотирот таҳрику тарғибҳои дигар пайдо мешаванду таълифи чунин асар чун воҷиботи ботинии нависанда пеш меояд. Чунин зарурат ва ҳолати рӯҳонӣ дар ман баъд аз синни ҳафтоду панҷ пайдо шуд – худ аз худ, бе ҳеҷ андешаву тафаккуроти қаблӣ, аммо ба тақозои замон ва расидани марҳилаи муайяни зиндагӣ.

Тақозои замону макони навиштани хотирот дар вақти таълифи "Самарқанднома" хеле ҳассос буд. Зеро дар китоби мазкур на танҳо таърихи Самарқанд аз рӯи асноду иттилооти сарчашмаҳо баён мешуд, балки хотираҳои айёми ҷавонӣ ва солҳои баъдии ман то охири асри гузашта дар бораи Самарқанд таърихи ин шаҳрро такмил медод. Қисми зиёди ин "такмилаҳо" дар ҳеч китоби матбӯъи таърихнависон сабт нагардидааст.

Ҳар чи бештар дар бораи Самарқанд менавиштам, ба ҳамон андоза майлу азм зиёд мешуд, ки китобе таълиф кунам аз хотираҳои худ. Кор ба ҷое расид, ки аз таълифи китоби дуввум ба номи шартии "Мардуми Самарқанд" сарфи назар намудам ва тақдир маро ба таълифи китоби хотирот водор намуд.

Пеш аз он ки ба таълифи хотирот шурӯъ кунам, ҳолат ва вазъи аҷиби рӯҳонӣ ҳис мекардам. Фикру андеша ва назари таҳқиқ ҳамчунон ба ёди хотираҳои зиндагии гузаштаам равона мешуд. Аҷибаш ин ки дар ин синну сол воқеаҳои гузашта, симои шахсоне, ки бо онҳо будам, ба маънию мазмуни дигар, ба тасаввуру тафаккури нав ва гоҳо ба намои ғайри чашмдошт пеши назар ҷилвагар мегардад.

Дар ин ҳолоту лаҳзаҳо беихтиёр шукрона мекунам, ки тақдир маро дар таййи умри сипаришуда ҳамеша бо шахсони нексирату некандеш ва нисбат ба ин ҷониб хайрхоҳу муҳиб дӯсту рафиқу аниси меҳрубон ва ҳамсӯҳбату ҳамнафас кардааст. Аз ин ҷиҳат аз тақдир розӣ ҳастам.

Оё ҳамчунин мафҳум ва лавҳи азалӣ мисли тақдир ё чунон ки дар китобҳои

фалсафию динии гузашта омадааст, "қазову қадар" вуҷуд дорад? Мо насле, ки дар фалсафаи моддиюн, яъне материёлистӣ тарбия ёфтаем, қазову қадарро эътироф намекардем ва бовар ҳам надоштем. Мо ба қувваи инсон ва мафкураи материалистӣ бовар доштем, ки коммунистон бо қувваи идеяҳои худ қодиранд ҷаҳонро ба хосту диди худ тағйир диҳанд. Ленин гуфта буд, ки файласуфони пеш аз Маркс ҷаҳонро ба тарзу усули гуногун мефаҳмиданд ва ба гунаи мухталиф шарҳ медоданд. Қудрати марксизм дар он аст, ки вай на танҳо моҳияти ҷаҳонро шарҳу таблиғ мекунад, балки роҳҳои тағйир додани ҷаҳонро эҷод менамояд ва таълим медиҳад. Марксизм бо ин таълимот ба зӯриву тааддӣ ва инқилоби сунъӣ тағйир додани сохтори ҷомеа ва мустақар намудани ҳокимияти (диктатураи) пролетариро як амри қонунӣ ва зарурии таълимоти коммунистӣ медонист.

Бо вуҷуди ҳамин марксизм қонунҳои объективии тараққиёти ҷамъият ва рӯйдоди воқеаҳои иҷтимоиро инкор намекард. Аз рӯи ин таълимот рӯйдоди воқеаҳои иҷтимоӣ дар замонҳои пеш аз диктатураи пролетарӣ бидуни хоҳиши инсон ба вуқӯъ мепайваст. Аммо файласуфони пешин қувваи дарк намудан ва тағйир додани ин воқеаҳоро намедонистанд. Маркс ва таълимоти марксизм қонуни вуқӯъи ин ҳодисотро кашф мекунад ва ба тартибу танзими муайян ҷомеаи сотсиалистӣ ва сипас зина ба зина ҷомеаи идеалии озоди инсонӣ, яъне "кохи баланди" коммунизмро меафганад. Марксизм барои он ки ин таълимотро мустақар созад ва ба тафаккуру шуури одамон бе чуну чаро талқин намояд, тамоми фалсафаю тафаккуроти пешиниёнро рад намуд, билхосса мафкураи диниро афсона ва бофидаи дурӯғ ба қалам дод.

Ин буд, ки мо тарбиятёфтагони замони коммунистӣ на ба тақдир, яъне қазову қадар, балки ба неруи дигаргунсозандаи коммунизм бовар доштем. Агар аз қазову қадар сухане ба миён ояд, инро идеализм ва хурофоти динӣ мегуфтанд. Мо, зиёиёни донишманд ва эҷодкор, шогирдонро, пайравонро, хонандагонро ба ҳамин эътиқод илқо менамудем. Аммо дар як гӯшаи дил имон ба қазову қадар ҳозир буд.

Имрӯз дар натиҷаи озодии андешаву тафаккур ва таҷрибаи рӯзгори тӯлонӣ эътиқоду бовар ба қазову қадар ҳосил шуд. Бале, як қувваи ғайбӣ вуҷуд дорад, ки ҳаракоти осмонро ва раванди зиндагии ҷомеа ва шахсро бидуни хоҳишу неруи шахс идора мекунад. Дар асри 12 дар замони қудрати давлати хоразмшоҳиён магар касе тасаввур мекард ё пешгӯӣ метавонист намуд, ки чанд соле мегузараду аз дашту саҳроҳои бодиянишин қавме ба номи тотор ё муғул хуруҷ намуда, мисли тундбод сарзамини ободу шукуфо ва ҳокимони муқтадири онро аз буну бех сарнагун месозад. Магар худи Чингиз пешгӯӣ карда буд, ки ӯ соҳиби тавоноие мешавад, ки ҷаҳони мутамаддин аз сояи вай ба тарсу бим ларзон хоҳад шуд. Ин ҳама қазову қадари осмонӣ буд! Анварӣ солҳо пеш аз ин воқеаҳои мудҳиш умр ба сар бурдааст, қувват ва нақши қазову қадарро дар ташбиби қасидааш ниҳоят мутафаккирона ва шоирона баён сохта буд:

Агар муҳаввили ҳоли ризоиён на қазост,
Чаро муҷории аҳвол бар хилофи ризост?
Бале, қазост ба ҳар неку бад инонкаши халқ,
Бад-он далел ки тадбирҳои ҷумла хатост!

Ҳазор нақш барорад замонаву набувад
Яке чунон ки дар оинаи тасаввури мост.
Касе зи чуну чаро дам ҳаме наёрад зад,
Ки нақшбанди ҳаводису рой чуну чарост!
Тафовуте ки дар ин нақшҳо ҳаме бинӣ,
Зи хомаест, ки дар дасти ҷунбиши обост.
Ба дасти мо чу аз ин ҳаллу ақд чизе нест,
Ба айши нохушу хуш гар ризо диҳем сазост,
Ки зери гунбади хазро чунон тавон будан,
Ки иқтизои қазоҳои гунбади хазрост...

Ҳар кас сарнавиште дорад, ки "қазои гунбади хазро" аз аввал онро муайян намудааст ва касро берун омадан аз амри қазо маҷол нест. Аҳмади Дониш дар ҷое аз хотираҳои худ овардааст, ки мурод аз омӯхтану фаро гирифтанаш ҳунари наққошиву хаттотиро ин будааст, ки дар сафи меъморони гулдаст дар сохтани имороти оливу пуршукӯҳи давронаш аз саромадони рӯзгор бошад. Ӯ ҳеҷ гумон накарда ва хоҳише низ надоштааст, ки аз аҳли дарбор ва муқарработи давлат шуда, ҳатто дар умури давлатӣ нақше боқӣ мегузорад. Борҳо шудааст, ки мехост дар узлату инзиво бошад, вале сабабе пеш меомаду ӯро боз ба иҷрои умури давлат меовард. Дониш аз амри қазо сар напечид ва пеши қазо бешуурона сар фуруд наовард. Вай аз амри тақдир хирадмандона истифода намуд ва тавонист дар он муддат, ки дар дарбору доираи амир буд, ба кишвару мардум манфиате аз вай оид гардад.

Банда аз кӯдакӣ ба навиштану хондан шавқи зиёде доштам. Ҳаваси наврасона дар дил мепарваридам, ки дар таърихи кишварамон, хусусан Самарқанд, ба ҳайси олиме кор кунам. Дар ин миён ҷанг сар шуду ҳама орзуву ормонҳо бар абас шуданд ва ман аз навмедӣ тараддуди мактаби техникиро дидам. Аммо кор омад намекард. Иттифоқо дар Тошканд факултаи шарқшиносӣ кушода шуда аз паси орзуҳои худ ба Тошканд ба таҳсили эронишиносӣ рафтам. Ҳанӯз хонданро тамом накарда ба сари ман таҳдиди таъқиби мақомоти махфӣ омад. Хонданро тарк намуда, хостам роҳи дигаре пеш гирам. Ба тасодуфе қазо боз маро ба Донишгоҳ овард. Чунин лаҳзаву марҳилаҳои навмедиву маъюсӣ ва бастагиву қабзи корҳо воқеъ мешуд, вале сарнавишт маро боз ба даргоҳи илму эҷод меовард. Хулоса аз қазову қадар, ки роҳи зиндагиамро муайян намудааст, ҷои гурез набуд.

Борҳо шудааст, ки дар лаҳзаҳои дармондагӣ ва лоилоҷӣ дар роҳи наҷоту кушоиши кор бовару эътиқод ба қазову қадар имонро маҳкам мекард ва умедвориву некбинӣ дар охири корҳо падид меовард. Ман чунин қувваю эътиқодро ба қазову қадар дар воқеаи зиндагиам, ки ҳамагӣ чаҳор сол пеш аз ин рух дода буд, дидаму эҳсос намудам. Қиссаи мухтасари воқеа чунин аст.

Дар охири соли 2000 оризае дар гузаргоҳи рӯдаҳо ҳис кардам. Табиби мутахассиси ҷарроҳ дар духтурхонаи ҳукуматӣ баъд аз ташхис бемориеро муайян кард, ки бо давою муолиҷа аз он раҳой ёфтан мумкин будааст. Ҳарчанд медонистам, ки дар баъзе мавридҳо роҳи ҷарроҳӣ василаи беҳтарини аз ин ориза берун омадан аст, вале нахостам, ки ба таъбири чанде рафиқон "зери корд" хоб кунам.

Қариб як сол сипарӣ мешуду дар сиҳҳат аз беморӣ беҳбудие намедидам, балки ҳол бадтар мешуд. Муоянаи охирин, ки моҳи маи соли 2001 табиби ман гузаронид, боз ҳамон бемориро тасдиқ намуд. Лекин дил гувоҳӣ медод, ки дар ҳар сурат ба мутахассиси беҳтарин муроҷиат намудан лозим аст. Ниҳоят ба профессор Қаҳҳоров, ки дар ҷарроҳии чунин бемориҳо чирадаст мегуфтанд, муроҷиат кардам. Номбурда баъд аз муоянаи кӯтоҳ гуфт, ки "хуб, ҳама чиз равшан аст!". Баъд аз ин ҳар ду аз ҳар дар сӯҳбат мекардем, аммо аз куҷое ҳис кардам, ки бемории ҷиддиеро ба чашмаш дидааст. Вақте ки ба дастам коғазе доду ба маркази бемориҳои саратон (онкология) роҳӣ кард, гумонам ба ҳақиқат наздик мешуд.

Ҷои пинҳон кардан нест, худи номи беморхона дар дил биму ҳарос бармеангезад. Дар ин ҷо бо мутахассисони номӣ мулоқот надоштам. Духтуреро ба номи Миралӣ барои таҳлилу таҷзияҳо маъмур намуданд. Дар охири ин корҳо омаду рафти аъзои оила ва сӯҳбатҳои маҳрамонаи онҳо бе ман бо духтур маро мӯътақид мекард, ки дар воқеъ ҳам бемории ниҳоят ҷиддие ба ман хатар дорад.

Охир духтурон консилиум кардаанд. Хостаанд, ки барои ба арз расонидани натиҷаи машварати худ ба хона, назди ман биёянд. Баъд аз зӯҳри 31 июл сардухтур Асадулло Зарифов, ҷарроҳи хеле хуби бемористон дотсент Ҳайдаралӣ Саидов ва пизишки ман Миралӣ омаданд. Сари дастурхон нишастем. Таом хӯрдем, як қадаҳӣ шароб нӯшидем. Сипас сӯҳбати тахассусӣ шуд. Ҳайдаралӣ Саидов, ки ӯро бори аввал медидам, ниҳоят ба тавозуъ ва оромӣ ҷиддияти бемориро шарҳ дод ва гуфт, ки илоҷи беҳтарини нақот ёфтан ва аз такрори беморӣ ҳифозат намудан танҳо ҷарроҳӣ мебошад.

Ба ҷарроҳӣ розӣ шудам. Қазову қадар ҳамин будааст. Дар аввали беморӣ аз ҷарроҳии хурд худдорӣ карда будам, вале сарнавишт ҳамин будааст. "Омад ба сарам, ҳар он чи метарсидам". Фикр мекардам ва ба касе намегуфтам. Хуб, ба ҷарроҳӣ бурданд, агар дар сарнавишт боз чанд сол зиндагӣ бошад, аз хоби сунъии наркоз ба саломат бархостан мумкин аст. Агар баъд аз хоби сунъӣ ба хоби абадӣ равам, худ ин даргузаштро намефаҳмам, вале барои бозмондагон фоҷеае хоҳад шуд. Ҳавола ба қазову қадар бояд кард.

Ният доштам, ки дар нимаи дуввуми соли 2001 ба навиштани китоби хотирот шурӯъ мекунам. Аз хоби гарони ҷарроҳӣ, ки сар набардоштам, хотирот бо ман зери хок меравад. Фикре пайдо шуд, ки то рӯзи ҷарроҳӣ лоақал пешгуфтори китобро нависам. Бо хоҳиши ман Асадулло Зарифов ба ҳуҷраам мизи корӣ, чароғи рӯи миз оварда. Ба навиштани муқаддима шурӯъ кардам. Эътиқод ба қазову қадар дигар биму ҳарос ва фикрҳои ботилро аз сар дур кард. Инак чанд пора аз Рӯзномаи он рӯзҳо:

18.08, Шанбе. Соати 10.30. ...Фардо шояд маро баъд аз зӯҳр барои ҷарроҳӣ омода кунанд. Ҳоло худро ҷисман ва рӯҳан барои ҷарроҳӣ омода мебинам. Дил гувоҳӣ медиҳад, ки "аз зери корд" ба саломат мехезам. Агар фаразан нашуд, инро ман намефаҳмам, аммо барои бозмондагон хеле душвор хоҳад омад. Ноумед шайтон аст. Худо бо нури худ онҳоро, ки мехоҳад, ҳидоят мекунад (ояти 31, Сураи Нур). Соати 2.30. Сари рул худам нишаста, бо

Баширахон ба хона омадем. Хўрок хўрдем, ТВ тамошо кардем...Навиштани муқаддимаи китоби ояндаи хотираҳо маро хеле машғул медорад ва хеле шавқангез аст. Онро давом додан лозим аст.

19.08. Якшанбе, бемористон, соати 19.15 ...Аҷаб хуб шуд, ки ман ба навиштани ин муқаддима шурўъ кардам. Дар ҳар сурат консепсияи китоб барои ман муайян шуд. Ин сафҳаро хеле бо шавқ ва илҳом менавиштам. Тарҳи ояндаи китоб аз дур пеши назар меомад. Китоби бад нахоҳад шуд. Соати 2 Фарангис бо Чипу Ромину Шоҳин омад. Аз ҳар дар сўҳбат мекардем. Ман хеле ором ва кушодарўй будам. Чизе маро дар изтироб намегузошт...Вақти рафтан, ҳангоме ки Фарангис маро бўсид, дар чашмонаш осори ашк дидам...Соати 4 Фаредун омад. Бо мошин соати 4.30 ба бемористон расидем.

20.08. Душанбе, соати 6.20. Бемористон. Имшаб бо доруи духтур зуд хоб бурд. Хоб дидам, ки мўйсафеде омада мужда дод, ки "корҳо ҳозир осон шуд, он чи ки барои он чанд соат лозим аст, дар чанд дақиқа анҷом мегирад." Ба ин хабари хуш бедор шудам. Дидам соат ҳоло 2. Боз хоб бурд. Дар хоб ҳамон шахсро дидам...Соати 5.50 бедор шудам, вузўъ кардам, намозро мукаммал гузоридам. Ҷисму рўҳ ором аст, дил равшану тоза аст".

Соати 8 маро ба ҷарроҳй бурданд. Гуфтанд, амали ҷарроҳй ҳашт соат давом кардааст. Дасти исавиасари Ҳайдаралй Саидов "аз зери кордҳо" маро ба саломат берун овард. Баъд аз ҷарроҳй низ одамият ва хулқу атвори ҳамидаи Ҳайдаралй Саидов, ғамхорй ва таку дазҳои ҷонсўзонаи Асадулло Зарифов, посбонии Миралй, шафқати хоҳаронаи тиббй буд, ки маро ба по рост кард. Ҳама ба некй анҷом ёфт. Баъзеҳо мегуфтанд, ки нодонии духтури аввал ҷиноят аст, ўро ба суд кашидан лозим аст. Гуфтам: "Бале, нодонии вай сабаби гирифториҳо шуд. Аммо ин қазову қадар аст, табиби нодон фақат сабаб шуд".

Инак ман мўътақиди қазову қадар ҳастам. Аммо чунон ки дар китобҳо омадааст, таслими қазову қадар ин нест, ки шахс аз саъю кўшиш ва талошу ҷаҳд дар зиндагй даст кашида бошад. Саъдй дар ин маънй гуфтааст:

Ризқ ҳар чанд бе гумон бирасад,
Шарти ақл аст чустан аз дарҳо.
Гарчи кас бе аҷал нахоҳад мурд,
Ту марав дар даҳони аждарҳо.

Бале, қазо сарнавишт аст. Аммо баробари ҳамин Худо дар ниҳоди инсон ақлу хирад ва неруи кўшоиро ато фармудааст. Инсон бо кўшишу саъю ҳиммат ба камолоти маънавию ахлоқй мерасад, на аз итоати бешуурона дар пеши қазову қадар. Дар ин маънй Мавлоно Ҷомй фармудааст:

Одамиро асли фитрат омад соф,
Аз сафо қобили ҳама авсоф.
Ҳар сифатро ки мешавад толиб,
Мешавад бар ниҳоди ӯ ғолиб.
Гар ба хубии фариштa орад рўй,
Зуд гардад фариштасират хўй.
В-ар занад феъли дев аз вай сар,

Шавад аз феъли бад зи дев баттар.
Ҷаҳд кун, ҷаҳд, то ба олами дил
Малакоти малак кунӣ ҳосил.

Мирзо Абдулқодири Бедил, ки ба қазову қадар мӯътариф ва мӯътақид буд, ба ҷидду ҷаҳд ва талоши одамӣ, ба қуввату қудрати бунёдкории инсон бовар дошт. Инсон агар ҳиммат кунад, метавонад мӯъҷизаҳо биёфарад.

Дар таҷрибагоҳи олами сулҳу набард
Ҳиммат ҳалли кадом мушкил ки накард!
Ҷаҳди Инсон бар ин наёмад, в – ар на
Гардунро низ бар замин меовард.

Хулосаи калом ин аст, ки аз неъмати қазову қадар ва тақдиру сарнавишт қонеъ ва дар ризо ҳастам, ки маро дар ҳалқаи одамони нексирату некхоҳу некбин ва хайрхоҳу хайрандеш андохт ва аз дидори "ёрони номутаносиб" дур медошт ва агар тақаррубе ба ин қавм пеш ояд, тавфиқе ато мекард, ки аз онҳо доманкашон гузарам. Ин аст имону эътиқоди ман ба қазо.

Имону эътиқод ба қазо худ аз худ пайдо намешавад. Чунин натиҷаву ҳосил ба мурури замону ба гузашти рӯзгор ҳосил шудааст. Фикру андешаҳои имрӯзи банда низ на чиҳилу панҷоҳ сол пеш, балки дар марҳилаи қариб ҳаштод соли умр ба ҳусул расидааст. Вале бо ин ҳама эътиқод ба қазову қадар аз имону парастиш ба худову пайғамбар ва китоби осмонии Қуръони маҷид манша мегирад. Ин масъала хеле муҳим аст. Ба ин масъала шояд мардуми кишварҳои дигари мусалмон чандон аҳамият намедиҳанд, зеро худову расул ва Қуръон аз аввали зиндагӣ то охири умр бо онҳост. Барои мо, ки як умри дароз дар муҳити ҳукмронии ақидаҳои зиддидинӣ ва худоношиносӣ (атеизм) будем, дар ин масаъала баҳс кардану равшанӣ андохтан аз иқтизои замону макон аст. Дар ин мавзӯъ фикру ақидаҳои худро гуфтан аз воҷиботи вичдон ва софии эътиқод аст.

Бале, мо атеист ва ҷомеаи мо на танҳо дунявӣ, балки зидди динӣ буд. Вале таблиғу тарғиби ҳафтодсолаи коммунистӣ ислом ва эътиқоди мусалмониро аз байни мо, аз дили мо бардошта натавонист. Мардуми мо дар дил, дар тафаккури худ мусалмон буд. Вай пинҳонӣ ё аланӣ намоз мехонд, рӯза медошт, суннати хатна ва салоти ҷаноза ва фотиҳаи мурдаву хутбаи никоҳро риоя менамуд, идҳои рамазону азҳоро гиромӣ медошт. Ҳатто коммунистони мӯътақиди сахт аз хурдон то роҳбарон ду суннат – хатна ва салоти ҷанозаро пинҳонӣ бошад ҳам адо мекарданд. Боре мусалмоне аз кишвари ҳамсоя гуфт:

-- Шумо аз мо мусалмонтаред. Он чи мо аз суннатҳои мусалмонӣ анҷом медиҳем, аз воҷиботи ҷомеаи мост, аммо шумо дар ҷомеаи зиддидинии коммунистӣ бо вуҷуди манъу таъқиб пояҳои асосии мусалмониро нигоҳ доштаед, чунончи намоз мегузоред, рӯза мегиред, суннатҳои идҳои фитру азҳоро риоят мекунед.

Бале, ислом дар дили ҳар яки мо собит буд ва ҳар кӣ ба қадри донишу имонаш худро мусалмон мегуфт. Дар ин шумор банда ҳам ворид будам. Шуюи дин аз кӯдакӣ ба дилу дидаи ман рӯшной меафганд. Хоҳарону додарам низ аз ин нур бенасиб набуданд. Ҳамаи ин аз таъсиру файзи модаркалони

падариам – зани ниҳоят поку тақводору мутадайян буд. Риёзату ибодати шабонрӯзй, дуову ниёиш ва қироати Қуръону достонҳои динӣ ва панду ҳикмат ва ҳикоят аз паямбарону аиммаи гузашта ба дилу андешаҳои мо бетаъсир набуд. Аз ин файзи нафасҳои мутабарраки марҳума бештар ман баҳрабардор будам ба сабаби он ки меҳраш ба ман зиёдтар буду бештар ҳамроҳу ҳамдамаш будам.

Гузашта аз ин суннату иродати динпарварии авлоди мо низ дар ин ҷо нақши боризе дошт. Аз кӯдакӣ медонистам, ки гузаштагони мо арбоби дин набуданд, аммо дар усулу фурӯъи дин донишманду мӯътақид буданд. Аксари онҳо мударрис, қозиву муфтӣ ва ҳатто дар мақоми шайхулисломӣ буданд. Падар аз ин хусус ба тақозои замон камтар гап мезад ва ҳеч гоҳ ба ин насабу мансаби гузаштагон худнамой намекард. Аз он ки худи падарам низ дар улуми дин ва Қуръон дониши хуб дорад, хеле дер огаҳ шудам. Дар солҳои ахир, ки дар таҳия намудани осори классикон ва шарҳу баёни афкору ақоиди симоҳои бузурги адабиётамон, аз ҷумла Бедилу Аҳмади Дониш ба ман кӯмак мекард, ба тадриҷ огаҳ мешудам, ки шодравон дар кушодани маъниҳои Қуръон ва тафсиру шарҳи он дониши хуб дорад. Вай намегуфт, вале ҳис мекардам, ки мусалмони комил аст. Пеши назари мо намоз намегузошт, лекин модарам мегуфт, ки ӯ дар соатҳои махсус намоз ҳам мегузорад. Боре болои мизи кориам дид, ки чанд китоб болои Қуръон гузошта шудааст. Қуръонро гирифту аз назар гузаронд ва ба овози паст оёте аз он қироат карду Қуръонрс болои китобҳо гузошту "Қуръон бояд болои китобҳо бошад, на зери онҳо" гуфт. Ин на зоҳирпарастӣ, балки парастиши самимонаи Қуръон буд.

Солҳо сипарӣ мешуданду дар зимни таҳсилу пажӯҳишҳои илмӣ эътиқод ба дину усулу русуми он бештар мешуд. Ҳангоме ки дар охири солҳои 60 ва авоили 70 ба хондану омӯзиши Қуръон тавфиқ ёфтам, ҷаҳони нави рӯҳонӣ ва фазои равшани маънавӣ пеши назарам боз шуд. Акнун эътиқодам ба дини Муҳаммадиву Қуръони маҷид маҳкамтару комилтар шуд.

Барои инсон ба ҷуз қаноатмандӣ дар эҳтиёҷоти моддиву ҷисмонӣ қаноатмандӣ ва осоиши рӯҳонӣ низ лозим аст. Дар замони шӯравӣ барои мо, тарбиятдидагони усули коммунистӣ идеалҳои коммунизм ғизои рӯҳонӣ ва осоиши маънавӣ буд. Баъд аз он ки эътиқоду имон ба коммунизм дар як фурсати мижа бар ҳам задан нопадид гашт, олами дил холиву тираву торик монд. Хушо ки дар гӯшаи дил ахгаре аз оташи дини муҳаммадӣ боқӣ мондааст, ки дар лаҳзаи вомондагиву парешонӣ ба рӯҳ қуввату рӯшной бахшид.

Пас аз ин дар дил на танҳо чароғи таърих ва таълимоти Ислом фурӯзонтар гашт, балки тамаддун ва билхосса адабиёти классикии форсу тоҷик ба либоси дигар, ба мазмуни дигар, ба асолату ҳақиқати нав ҷилвагар гардид. Он чи мепиндоштам, ки мероси бузурги гузаштаамонро дуруст (хусусан дар партави материализми диалектикӣ) омӯхтаам, саҳву хато будааст. Фаҳмидам, ки ботину моҳияти адабиётамон, асолату ҳақиқати он бе таъриху таълимоти ислом кашф нахоҳад гардид.

Ҳар қадар ки дар таҳқиқи ислом ва дар таърихи дин бештар тафаҳҳус ва тааммуқ менамудам, бовариам зиёдтар мешуд, ки дин неъмат ва ганҷинаи бузургест дар таърихи тамаддун, ки даҳои инсонӣ онро кашф ва вазъ

намудааст. Аз парастиши аҷроми осмонӣ, ҳайвону рустанӣ дар замони ваҳшонияти инсонӣ то зуҳури динҳои буддоиву зардуштӣ, яҳудиву насронӣ ва ниҳоят то шуюи дини мубини ислом инсон ҳамеша ба қувваи ғайбӣ, қувваи нодиданиву ношуниданӣ ва ғайри маҳсус эътиқоду имон дорад. Оину русум ва усулу тарзи парастиш гуногун, аммо мабдаи парастиш қувваи умумии ғайбист. Инсоният бо ҳамин парастиш вуҷуд дорад, ҳастии олам ва бақои насли одам ба ҳамин парстишу имону эътиқод бунёд ёфтааст.

Ислом дину мазҳаби мост. Ҳамаи мо бояд асосҳои ислом, таърихи мухтасари он, сияри паямбарон ва билхосса зиндагии пайғамбарамон Муҳаммадро бидонем. Дар он сурат раияти равшанфикр ва огоҳу ҳушёри кишвару миллат шуда метавонем. Боиси хурсандист ва ифтихор аст, ки имрӯз сарони давлату соҳибони мансабу мақомоти давлатӣ ба худову расули он бовару эътиқод доранд. Билхосса саркори мамлакат Эмомалӣ Раҳмонов на танҳо мусалмони асил аст, балки дар мавридҳои муносиб аз Қуръону ҳадисҳои пайғамбар далелу бурҳон дар таъйиду тасдиқи масъалаҳои муҳим меорад. Сазовор аст, ки мардум ва махсусан зиёиён дар ин бобат аз саркори давлат ибрат гиранд. Зеро гуфтаанд, ки "ан-носу ало дини мулукиҳим" – яъне мардум пайрави дину русуми подшоҳи худ ҳастанд.

Ман мусалмонам. Чун узви ҷомеаи бузурги мусалмонони ҷаҳон ман ҳақ дорам ва ҳатто вазифадор ҳастам, ки дар бораи вазъи олами ислом ва шахсоне, ки худро пешвои мардуми мусалмон медонанд, андешаву фикр кунам ва хулосаҳои худро дошта бошам. Дар соатҳои тафаккури танҳоӣ маро тафриқаву ҷудоии ҷомеаи ислом дар ҳайрат ва ташвиш мегузорад. Имрӯз мебинем, ки ҷомеаи исломро шахсони ҷудогона ё гурӯҳҳои алоҳида ба аҳзобу ҷамъиятҳои мухталиф тақсим кардаанд. Яке даъвои озод намудани ислом, дигаре аз нав зинда сохтани ислом ва саввумӣ иддаои ҷиҳоду ғазваи навро дорад. Фоҷеа дар он аст, ки ин ҳама мусалмонон на танҳо ба куштори бегонадинон бархостаанд, балки бародарони худ – мӯъминону муслимонро мекушанд, ба тарзи ваҳшиёна ба қатл мерасонанд. Агар ба ҳокимият расанд, аз "душманони" худ бе раҳму шафқат ниқор мечӯянд. Оё онҳо аз Қуръони муқаддасу осмонӣ ояте дар тасдиқи кирдорҳои ношоистаи худ оварда метавонанд?! Оё онҳо аз ахлоқи ҳамида ва хислатҳои инсонпарварона пайғамбарамон ибрате бардошта наметавонанд?! Ёд доред, ҳангоме ки паямбарамон дар соле ки исломро дар пояи маҳкам гузошта аз ояти шарифаи "ин йансиркум оллоҳу ва ло ғолиба лакум" "Агар Парвардигор ба шумо нусрат диҳад, касе ба шумо ғолиб шуда наметавонад" (Оли Имрон, 160) қудратманд шуда буд, бо ҷамоаи муслимин ба Макка расид. Мардуми Макка дарвозаҳои шаҳрро кушода ба нишони қабули исломият паямбарро ба шукӯҳи тамом пешвоз гирифт. Паямбари ислом, ки аз аҳли Макка ранҷу ҷафоҳои бисёр дида буд, кинаҷӯй накард, балки бо дили кушоду чеҳраи тобон ба шаҳр дохил шуда, бо душманони дирӯзаи худ намоз гузорид ва сипас ба Мадина бозгашт. Оё ин ибрате нест ба кинаҷӯёни ба сари қудрат расида?!

Дар соатҳои танҳоии тааммулу тааммуқ кас аз сарони муддаии "исломӣ" дилсард мешавад ва дар сояи рӯҳи поки орифону мутасаввифони пешин паноҳу наҷот мечӯяд. Дар байти Ҳофиз таскину тасаллӣ мебинад:

Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ,
Чун надиданд ҳақиқат, раҳи афсона заданд.

Мавлонои Рум ин ҳама ҷангу сулҳро хаёли бебунёд мешуморад ва ба рағми муддаиёни таҳзибу тағйири ислом_валии покдилу поктинати орифро роҳнамои роҳи ҳақиқату Ҳақ мешуморад.

Бар хаёле сулҳашону ҷангашон,
В-аз хаёле фахрашону нангашон.
Он хаёлоте ки доми авлиёст,
Акси маҳрӯёни бӯстони Худост.
Нури Ҳақ зоҳир бувад андар валӣ,
Некбин бошӣ, агар аҳли дилӣ.
Он валии Ҳақ чу пайдо шуд зи дур,
Аз сару пояш ҳаме метофт нур.

Дар таърихи ислом омадааст, ки дар замонҳои ташаннуҷу ҳарақҷу марақҷои сиёсиву тахтталабиҳо ва ҳуҷуми лашкари ғосибону бедодгариҳо аҳли илму дониш ва мусалманони покдил, мардуми бечораву дармонда дар ирфону тасаввуф наҷоти рӯҳӣ ва қуввати истодагарӣ ба муқобили даҳшату фоҷеаҳои замон меҷустанд. Тасаввуф на танҳо таскину оромиши рӯҳ, балки покии ахлоқ ва рӯшноиву кушоди дил аст.

Майлу таваҷҷӯҳи ман ба тасаввуф ҳанӯз дар солҳои донишҷӯиам пайдо шуда буд. Он солҳо бори аввал ба тавассути таҳқиқоти шарқшиносони русу ғарб ба даричаи ганҷинаи фалсафаву андешаҳои орифона роҳ ёфтам. Дар он айём симоҳои тасаввуфи қарнҳои аввали он, мисли Ҳасани Басрӣ, Робиаи Адавийя, Боязиди Бастомӣ ва Мансури Ҳаллоҷ маро бо самимият ва ҷонсупориашон дар роҳи Ҳаққу ҳақиқат мафтун ва маҷзуб карда буд. Онҳо дар фақру риёзат умр ба сар мебурданд, дар сар хаёли созмон додани ҳизбу ҷамъият надоштанд, онҳо шӯҳрату ном, ганҷу сарват намеҷустанд. Танҳо бо риёзату ибодат ва ахлоқи поку беолоиш исломи ноб ва тамҷиди пайғамбару Қуръонро таблиғ менамуданд. Лекин таблиғу тарғиби онҳо аз муҳофизакориҳои уламои расмии дин ва мутакаллимону мударрисони хушкмизоҷ тафовут дошт. Чизе буд, ки тасаввуф мардумро, мардуми заҳматкашу ҳунармандро ба худ ҷалб мекард. Дертар дар марзҳои Эрону Мовароуннаҳр шоирони бузург ба тасаввуф гаравиданд, шеърҳои пуршӯру пурмазмуни ахлоқиву ишқӣ, достонҳои фалсафиву ирфонӣ ва инсонпарваронаву озодандешона суруданд. Саноӣ, Аттор, Саъдӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил – инҳо ҳама ё муббалиғ ё мутафаккир ё мухлису пайрав ё сарояндаи орову афкори тасаввуф буданд.

Солҳо мегузаштанд ва он донаи тухме, ки дар ҷавонӣ дар мазраи синаи ман аз файзи ирфону тасаввуф афтода буд, сабзае шуд, ниҳоле гашт ва ба сони дарахт сар барафрошт, ки шоху баргҳояш маро соя афганд, диламро хуррамӣ бахшид, рӯҳамро поку озод аз васвосу дағдағаҳои дунё кард. Ба ҳамин минвол хӯшачини орифону мутассавифони бузургу мутабаррак гаштам.

Тасаввуф албатта пеш аз ҳама ахлоқи ҳамидаву пок ва беолоиш аст. Аввал покизагии тинату сират ва сипас тоату ибодат аст. Ҳофиз гуфтааст:

Ғӯта дар ашк задам, к-аҳли тариқат гӯянд:
Пок шав аввалу пас дида бар Он пок андоз.

"Он пок" Худои мутаол аст. Инсон пеш аз он ки ба "он пок" рӯй оварад, бояд дар тинату ботин пок бошад. Шакке нест, ки руҷӯъ ба покизагии тинату сирати инсон аз Қуръони маҷид мабдаъ гирифтааст. Дар Қуръон борҳо таъкид шудааст, ки покизагии нафси инсон ва тазкияи рӯҳу ҷисму ҳастӣ ба саъю ҳиммати шахс вобаста аст. Шарти мусалмонӣ баробари имон овардан ба Худову Расули вай ҳамеша ба кирдори покиза (амал – ус – солеҳот) гаравидан мебошад. Онҳо парҳезгоронанд (ал-муттақин), яъне ба корҳои ношоиста ва хилофи ислом даст намезананд. Ҳангоме ки шахс покизаву парҳезгор шуд, дар ҳолат ва вазъи растагорӣ зиндагонӣ мекунад. Дар Қуръон бисёр омадааст, ки мӯъминоне ки нафсу ҷисми худро парҳезгорона покиза (тазкия, мутазакко – аз феъли зако) намуданд, онҳо муфлиҳон яъне растагоронанд. Растагор ба маънии озод, аз бадиҳову зиштиҳо наҷотёфта, шахси аз қайду бандҳои олоиши ҷаҳон раҳоӣ ёфта мебошад.

Дар таъйид ва тасдиқи ин гуфтаҳо чанд оёти шарифаи Қуръонро дар тарҷумаи форсӣ ҳамчун мабдаъ ва маншаи андешаҳои худ дар поён иқтибос меорам.

"Он биҳиштҳои аднӣ, ки доим зери дарахтонаш наҳрҳо ҷорист, он ҷо немату ҳаёти абадист ва ин биҳишт подоши касест, ки худро поку покиза гардонад". (Сураи Тоҳо, ояти 76).

"Ва ҳар кас худро ки поку муназзаҳ сохт, барои нафсу (саодати) худ поку муназзаҳ мегардад ва роҳи бозгашт ба сӯи Худост". (Сураи Фотир – Малоика, охири ояти 18).

"Ҳаққо озодиву растагорӣ ёфт он касе ки тазкияи нафс кард". (Сураи Аъло, ояти 14). Аз тарҷумаи Қуръон ба қалами шодравон Маҳдӣ Илоҳии Қумшаӣ истифода шуд.

Аҳли ирфон дар рӯзгори ҳамарӯзаи худ ва дар таблиғу мавъизаташон дар ахлоқи инсонӣ аз ҳамин мазмунҳои муқаддаси Қуръони шариф мабдаъ илҳом гирифтаанд. Ин ахлоқи улвӣ ва олиест, ки Худои мутаол барои инсон арзонӣ доштааст, барои инсоне ки ба сурати аҳсан офаридааст, инсоне ки осмону заминро барои ӯ офаридааст, инсоне ки малоик ба амри Парвардигор пеши вай ба саҷда уфтоданд, инсоне ки Худои мутаол баъд аз халқ карданаш ӯро ба вай аз рӯҳи худ дамидааст (нафахту фиҳ мир-рӯҳӣ Сураи Сод, ояти 72) ва ниҳоят инсоне ки Оллоҳ ӯро дар замин халифаи худ қарор дод (Сураи Бақара, ояти 30, Сураи Фотир, ояти 39).

Ҳар фарди ҷомеаи мо ба роҳи дурусту савоб меравад, агар ин фармудаҳои Худои мутаолро дар Қуръони маҷид пайравӣ кунад ва дастури зиндагии имрӯзаи худ қарор диҳад. Риоят ва муқаддасу пок нигоҳ доштани ин фармудаҳо боз аз он ҷиҳат муҳим ва лобуд аст, ки имрӯз дар ҷомеаи мо идеологияи зӯровари фишор диҳанда нест ва мо озод ва мухтор ҳастем ба риоя намудан ва пайравӣ кардани нуктаҳои муқаддаси ахлоқи инсонӣ.

Банда аз кӯдакӣ дар оила дар ҳамин рӯҳи диёнату покдоманӣ, ки аз бибиҳо ва падару модари некхисол ирсан ба тинату сиратам андарун шудааст, ба ҳаёт қадам гузоштаам. Таъсири тарбияи оила ва баъдан нақши мутолиаву тааммуққо дар осори орифон ва уламои покдоману муттақӣ дар хислату сират

ва ахлоқу одоби ин ҷониб дарси ибрату мактаби зиндагӣ гардид. Намегӯям, ки ман дар ҷайб ё дар ҷузъгирам ҳамеша китобе буду дар лаҳзаи зарурӣ ба он нигоҳ карда аз рӯи он кор мебастам. На, он чи бо шири модар "андарун шуд", ба илҳому файзи ғайбӣ ва таҷрибаи зиндагӣ такомул ёфт ва ин гӯё баҳрае аз тақдир буд, ки роҳи зиндагии маро пурнур ва дилу дидаамро ҳамеша равшан менамуд. Зиндагӣ барои ман осон буд, зеро ҷуз накуиро ба назар намегирифтам ва худ ҳам ҷуз накӯӣ ба шахсу ба ҷомеа кори дигаре накардаам. Аз ин ҷост, ки қадам ниҳодан дар рӯи замин барои ман осон буд. Дар корҳои илмиву эҷодӣ низ ҳамин гуна осониву кушодагии рӯҳ ҳамроҳу роҳнамо буд. Ба наздикӣ Баширахони азизам сафҳаеро, ки аз Рӯзномаам навишта кардааст, ба ман дод:

8 феврал 1987. То соати 2 дар Библиотека (китобхонаи Ленини Маскав манзур аст) будам. Аҷаб ҷоест ин боргоҳи бузурги дониш! Ҳангоме ки ба ин ҷо қадам мениҳам, гӯйё ҷаҳони сифлӣ дар паси ман мемонаду ба олами улвӣ мебароям. Ҳама пастиҳо, андешаҳои ботилу дил ғашкунанда дар паси ин дар мемонаду покиву озодагӣ кушода мешавад. Аз рӯзҳои аввал – аввали солҳои 50-ум бори аввал ба ин даргоҳ қадам гузошта будам – ин эҳсос пайдо шуду то имрӯз зиёдтар мешаваду кам не! Илҳоми пурҷӯш, фикрҳои наҷиб, андешаҳои нек дар ин ҷо касро иҳота мекунад."

Шакке нест, ки зиндагӣ бе пасту баландӣ ва навмедиҳову дармондагиҳо сурат намегирад. Дар зиндагии ин ҷониб низ лаҳзаҳои яъсу андӯҳ ва вомондагиву парешониҳо будааст. Аммо худо шоҳид, ҳарчанд ин лаҳзаҳо бароям вазнин буд, вале ҳамеша умед ва эътиқод ба кушоди корҳо таскину тасаллии ман буд. Ва ҳамин тавр ҳам мешуд. Ба ин сидқан бовар доштам. Зеро парвардигор ба шахсони покизадилу поктинат раҳмату иноят ато мекунад ва аз паси басту қабзи рӯҳӣ кушоду кушоиши мушкилҳо мефиристад. Дертар дар Қуръони маҷид оёте аз сураи Иншироҳ хондаму боварам ба ин боз ҳам қавитар шуд.

Хитоб ба Муҳаммад (с) дар мавриди лаҳзаи навмедии ӯ: "Магар мо синаи туро кушоиш ато накардем? Ва бори гарони туро аз болои сарат бардоштем. Боре ки бар пушти ту вазнинӣ меовард. Ва зикри туро (дар забонҳо) баланд бардоштем. (Ин аст, ки) бо ҳар сахтӣ албатта осонӣ ҳаст. Ҳар оина бо ҳар сахтӣ бешак осонӣ ҳаст. Пас ту чун аз намозу тоат пардохтӣ, барои дуо ҳиммат гумор ва ба сӯи Худои худ ҳамеша мутаваҷҷеҳ ва муштоқ бош!" (истифода аз тарҷумаи Қуръон ба қалами Маҳди Илоҳӣ).

Некбинӣ, нафаси нек ва боварӣ ба кушоди кор ва тавфиқу комёбӣ шахсро дар ҳаёт далеру зиндадил мекунад ва ӯро ба иқдомҳои судманду ҷасурона барои манфиати ҷомеа ва хайри мардум раҳнамун мегардад. Инро дар ҳаёту фаолияти худ санҷида ва дидаам, бинобар ин ба ҷавонони саодатманд ва шахсони пандпазир ин роҳи дурахшонро тавсия ва таблиғ мекунам.

Барои инсон ҳасуд ва ғайбату суханчинӣ балои азимест. Ҳасуд ангезаи бадӣ ва хиёнат ба шахсу ҷомеа аст. Вақте ки фарде ба шахси муваффақ дар кору зиндагӣ бе ҳеч сабаб ҳасуд мепарварад, дур нест, ки аз ин ҳасаду буғзу кина ба бадкорӣ дар ҳаққи он фард қадам мегузорад ва ин кирдори зиштро ҷуз хиёнат ба амали дигар ҳамл намудан душвор аст. Ин хислати зишт на

танҳо дар рӯзгор ва осори аҳли ирфон, балки умуман дар адабиёти классикии мо мавриди маломат ва мазаммати сахт гардидааст.

Кинаварӣ, гумони бад, кунҷковӣ дар аҳволи касон ва сипас суханчиниву хабаркашӣ низ аз хислатҳои зишт аст, ки дар осор ва гуфтори аҳли тасаввуф ва умуман адибони классики мо мазаммат шудааст. Шакке нест, ки ин ҳама таблиғи хислати нек ва таҳрими зиштиҳои ғайбату суханчинӣ аз Каломуллоҳ маншаъ гирифтааст. Чунончи дар ояти 12 аз сураи Ҳуҷарот омадааст:

"Эй аҳли имон аз бисёр пиндорҳо (гумонҳои бад) дар ҳаққи якдигар канора гиред, ки бархе гумону пиндорҳо (ботил ва бе ҳақиқат ва) гуноҳ аст ва низ ҳаргиз аз ҳоли дарунии ҳамдигар ҷустуҷӯй макунед (ва ҷосус бар аҳволи мардум бармагуморед) ва ғайбати якдигарро раво мадоред. Оё шумо дӯст медоред гӯшти мурдаи бародари худро хӯред? Албатта кароҳат ва нафрат аз он доред (пас бидонед, ки масали ғайбати мӯъмин ба ҳақиқат ҳамин аст) ва аз Худо битарсед (ва тавба кунед), ки Худо бисёр тавбапазир ва меҳрубон аст."

Гумони бад ва нобоварӣ байни ҳамдигар, суханчинӣ ва ҷосусӣ нисбат ба ҳамгинону наздикон на танҳо дӯстиву бародарии одамонро аз бун халалдор мекунад, балки дар ҷомеа нифоқу ихтилоф ва ҷудоиву парешонӣ бармеангезад, ки оқибати он ба ташаннуҷу даргириҳои сиёсиву иҷтимоӣ метавонад расонад. Аз ин сабаб ба зуҳуроти чунин хислатҳои зишти инсонӣ бояд аз зинаҳои аввалин ва аз шарораҳои нахустини он роҳ надиҳем, тарбия ва тазкияи ахлоқро аз синни ҷавонӣ, аз байни наврасону навҷавонони ҷомеа бояд шурӯъ кунем.

Дар хонадонамон падару модар ва бибиҳову амуён худ таҷассуми некиву хайрхоҳӣ нисбат ба одамон, намунаи муносибати беғаразонаву сулҳҷӯёна буданд ва ҳамин муҳити зиндагӣ ба ин ҷониб аз кӯдакӣ нақши хайр гузошт. Осори файзбори орифон ва умуман адабиёти классикиамон, ки худ як ҷаҳони бо баракоти ахлоқи ҳамида аст, хислатҳои замимаи дар боло зикршударо гуфтан метавон, аз ниҳодам пок сохт. Аз ғайбати хусуматбор, аз суханчинии фитнаангез, аз кунҷковӣ ва таҷассуси кинаварона ва адоватхез парҳезгору доманкаш будам. Ҳоло ба гузашта назар андохта воқеаеро омехта ба ин ҷурму гуноҳ дар зиндагии худ ба ёд оварда наметавонам. Шояд ихтилоф ва номувофиқати ман бо фармудаҳои мақомоти идораҳои махфӣ низ дар ҳамин буд, ки боиси ҳодисаҳои нохуши ҷавониам шуд. Ҳатто вақте ки ин мақомот соли 1959 боз ҳамон сенарии соли 1948-ро нисбат ба ман такрор карданд, азоби вичдон қариб ба ҳалокат расонида буд.

Ғайбат ва махсусан ғайбате, ки ба манзури таҳрик ба иқдоми ниқоргирӣ назди ман оғоз мекарданд, шуниданаш бароям кароҳатангез буд ва то метавонистам сухани ғайбатпешаро зуд қатъ намоям ва агар мавриде бошад ба панду насиҳаташ пардозам.

Боре дӯсти деринам, ки ба Самарқанд кӯч баста он ҷо иқомат мекард, дар сафарам ба ин шаҳр ба дидори ман омад. Дар зимни сӯҳбат сухан аз шахсе ба миён омад, ки он ҳар ду байни худ рафоқату маваддат барқарор доштанд. Бароям ғайри чашмдошт аз хислати бади дӯсти худ дар кинаварзиву бадхоҳӣ нисбат ба одамон шикоят ва ғайбат кард. Шунидани ин суханҳо чун риёкорӣ садо дод, ки бо дӯстиву ҳамдамии гузаштаи ин ду нафар мувофиқат намекард. Он вақт, ки дӯстам аз бадиҳои ниҳонии ин шахс дар ҳаққи ман низ сухан гуфт, дар дил ғашёне пайдо шуд ва гуфтам:

-- Он чи гуфтед, шояд дуруст бошад. Аммо он чи мегўед, ки вай душмани ман аст, чандон дуруст нест. Вай душмани ҷони худ аст. Чунин ашхос одамони гумроҳ ҳастанд. Худои мутаол гумроҳонро дар Қуръон ҳамчун ба ғазаби парвардигор гирифтор омадагон тавсиф кардааст. "Ғайрил- мағзуби алайҳим ва ло – з –золлин" яъне роҳи дуруст ғайр аз гумроҳон ва ба ғазаб гирифтор шудагон ба бандаҳои нек эҳдо мешавад.

Ман ба дўсти деринам қиссаи сангпушту каждумро аз китоби "Анвори Суҳайлӣ" нақл кардам.

Омадааст, ки миёну сангпушту каждум тарҳи дўстиву ҳамнишинӣ афтода ва он ҳар ду аз ҳамнишиниву ҳамдамии якдигар шоду хуррам буданд. Каждум дар соҳили сабзу дарахтзори соҳили баҳр ва сангпушт дар ҷазираи миёни баҳр иқомат дошт. Сангпушт ҳамеша ба шиноварӣ назди дўсти ҷониаш меомад, боре дар мавриди сўҳбат гуфт:

-- Дўсти азиз, агар гилаомез сухане гўям бигзор малоли хотири ту нагардад. Банда ҳамеша ба дидори муборaки ту фарсаххо роҳ тай карда меоям, то аз сўҳбату нафаси атрогинат баҳрае бардорам. Охир чӣ мешуд, ки ту ҳам боре ба кулбаи ман қадам ранҷа куниву маскани маро ба нури дидору қудумат мунаввар намоӣ.

-- Эй дўсти ба ҷон баробар, – гуфт дар ҷавоб каждум, – охир ту шиноварӣ медонӣ ва ба меҳмонии ман омаданат аз тариқи баҳр мушкил нест. Бандаи оҷиз чӣ метавонам кард, ки шиновар нестам ва аз ин роҳи об гузаштанам муҳол аст.

-- Агар малоли хотири отир набошад, банда илоҷи мушкили ту пайдо мекунам, – гуфт сангпушт. – илоҷ ин аст, ки туро болои ҷавшанам менишонам ва ба саломат ба манзилам мерасонам.

Каждум ба шодиву сурур пешниҳоди дўсташ қабул кард ва болои ҷавшани сангпушт нишаст. Сангпушт ба ҳазор шукронаи бахти аз осмон расида каждумро болои худ савор карда сўи манзилаш роҳ гирифт. Ҳанўз масофае чанд тай накарда ногаҳон дар ҷавшани худ садои нешҳои каждумро пай бурд. Аз кирдори дўсташ малолате дар дили пурсурураш пайдо шуду бо хотири ранҷида гуфт:

-- Эй дўсти дерин ва эй рафиқи мўънису қарин, ин чӣ кирдорест, ки аз ту дар ҳаққи худ мебинам. Куҷо шуд он аҳди қадими дўстӣ, ки ту бегонасифат бар пушти ман неши пурзаҳри худ мезанӣ?

-- Эй мўъниси кунҷи танҳоӣ ва эй ёри дамсоз, ки дар вафо беназиру яктоӣ. Охир неш заданам аз бадхоҳии ман ба нисбати ту нест, балки аз тинату сирати ман аст. Ин неши ҷафо, ки дорам, дар сооту фурсати муносиб ба ёру хешу ағёру дарвеш мезанам ва дар ин кор ихтиёр дар дасти ман нест.

-- Эй ҷинси бадкирдору оқибатозор, охир беҳтар он нест, ки бо ин тинати зишту палид ба вартаи ҳалокат биравӣ! – гуфт сангпушт ва каждумро аз болои худ ба ғарқоби дарё андохт.

Дўстам аз нақли ин ҳикоят ба андеша фурў рафт. Гуфтам:

-- Ин масал ба он овардам, ки тинати бад дар табиати баъзе ашхос мисли каждум фитрӣ аст. Фақат фарқ дар он аст, ки каждум ин корро бо савқи табиӣ бешуурона мекунад. Одами бадсиришт ин кирдорро дониставу амдан мекунад. Бинобар ин зарари чунин шахс аз газанди неши каждум бештар ва

ҳалокатовартар аст. Агар ғазанду бадкорӣ ба муқобили шахсе равона шуда бошад, ки мақоме дар ҷомеа дорад, зарар ба ҷомеа низ мерасад. Агар дӯсти шумо танҳо ба ман ғазанд расонида бошад, чандон хатарангез нест, аммо хатар дар он аст, ки ин шахс бо тинати зишти худ ба дигарон ва аз ин ҷо ба ҷомеа зарари ҷиддӣ мерасонад. Аз ин сабаб ин қабил одамон на танҳо ба ғазаби худо, балки ба ғазабу нафрини кулли ҷомеа гирифтор ҳастанд.

Ин миқдор сухан на аз пургӯй ва худдонамӣ гуфтам, балки чун шахсе ки дар остонаи синни ҳаштод сол таҷрибаи зиндагӣ андӯхтаам, ба тариқи насиҳат ва панду мавъиза барои ҷавонон арза доштам. Агар ҷавонон саодати панд шунидану аз рӯи он кор бастанро дошта бошанд, шояд аз ин гуфтаҳо баҳрае бардошта тавонанд. Дар ҳадиси набавӣ омадааст, ки хушбахт он аст, ки аз ғайри худ панд гирад. "Ассаиду ман иттааза мин ғайриҳи". Ҳофиз дар ин маънӣ байти шойгон дорад:

Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.

Ахлоқи хуҷаста дар инсон ҳиммати олӣ ва эҳсосоти поку наҷибро бедор мекунад. Инсонпарварӣ, адолат, ҳақиқатҷӯй, сидқу вафо дар зиндагӣ, роҳи росту садоқату сафо дар хонадориву тарбияи фарзанд аз тазкияи рӯҳу покиза доштани ҷисму ҷон шуюъ мекунад. Эҳсоси олитарин ва нодиртарин - ҷавҳари ҳастии одам - ИШҚ низ аз ахлоқи софу беғубори инсонӣ маншаъ мегирад. Аз ин ҷост ки Ишқ дар таълимоти тасаввуф мақоми воло дорад ва онро на танҳо падидаи шавқи ҷисмонии инсон тавҷеҳ намудаанд, балки ҳамчун асоси ҳастии олам аз паҳлуҳои гуногуни назарӣ низ таҳқиқу баррасӣ кардаанд.

Ишқ мафҳуми муҷаррад нест. Ишқ дар ҳастии инсон таҷассум меёбад. Одам доранда ва ҷойгоҳу намоёнгари Ишқ аст. Ишқу муҳаббати Инсон сараввал нисбат ба Худо дар дили ӯ пайдо мешавад. Инсон на танҳо бандаи Худост, балки дӯстдори Худост. Аз он ҷо ки Инсон Худоро дӯст медорад, Худо низ дӯстдори Инсон аст. Дар ояти 30 Сураи Оли Имрон омадааст: "Эй Муҳаммад ба уммати худ бигӯ: агар шумо Худоро дӯст доред ва ба ман пайравӣ кунед, Худо шуморо дӯст хоҳад дошт". Худо Одамро офарид, ба вай аз рӯҳи худ дамид ва ниҳоят ба вай қобилият ва қудрати дӯст доштан – Ишқро ато намуд. Ин Ишқи Инсонӣ дар дигар махлуқоти ҷаҳон, ҳатто дар малоики осмонӣ пайдо нест. Дар ин маънӣ Ҳофиз гуфтааст:

Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,
Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад.
Ҷилвае кард рухат, дид малак – ишқ надошт,
Айни оташ шуд аз ин ғайрату бар одам зад.

Аз рӯи таълимоти ирфонӣ тамоми олам партави таҷаллии зоти илоҳӣ мебошад. Мо дар ҳама ҷо, дар олами мавҷудот таҷаллӣ - ҷилваи ҷавҳари Оллоҳро мебинем. Таҷаллии зоти илоҳӣ ҷаҳонро аз адам ба ҳастӣ овард. Аз ин ҷост, ки олам ва билхосса Одам акси ҷило ва таҷаллии Худо мебошад. Мавлоно Румӣ гуфтааст:

Одам устурлоби гардуни улуст,
Васфи Одам мазҳари оёти Ӯст.

Ҳар чи дар вай менамояд, акси Ӯст,
Ҳамчу акси моҳтоб дар оби ҷӯст.

Ҳар чи дар симои одам, дар ҳастии ӯ таҷассум гардидааст, акси таҷаллии зоти илоҳӣ аст. Ин таҷаллӣ дар синаи Инсон ҳамчун Ишқ ҷой гирифт. Ҳамон рӯз ки парвардигор оламро биёфарид, Ишқ низ пайдо шуду насиби одамизод гардид. Ва ин ишқ пеш аз ҳама ҳамчун муҳаббат ва дӯстдорӣ нисбат ба манбаъ, маншаъ ва таҷаллигоҳи Ишқ – яъне нисбат ба парвардигор синаи Инсонро равшан ва гарм намуд.

Ишқи бузурги ҷаҳонро Инсон на бо ақл, балки бо дили худ, ки ҷойгоҳи кулли эҳсоси одамӣ ва илова бар ин назаргоҳи худовандӣ аст, ҳис мекунад. Ақл қобили дарки Ишқ нест. Танҳо Инсон ва эҳсоси вай маҳрами рози ҷаҳонӣ, яъне Ишқи ҷаҳонӣ мебошад. Орифону сӯфиён, ки бо риёзату ибодат худро пок сохтаанд, баргузидагони ҷамъияти мардуманд, ки роздони Ишқ мебошанд. Ҳофиз дар ғазале ки ҳамин ҳоло ду байт аз он иқтибос шуд, ин маъниро дар байтҳои баъдӣ чунин назм кардааст:

Ақл мехост к-аз он шӯъла чароғ афрӯзад,
Барқи ғайрат бидурахшиду ҷаҳон бар ҳам зад.
Муддаӣ хост, ки ояд ба тамошогаҳи роз,
Дасти ғайб омаду бар синаи номаҳрам зад.

Рози Ишқ ҳамон қувваи илоҳист, ки мавҷудоти олам аз он Ҳаст аст ва аз он дар ҷунбиш аст. Рамзи Ишқ дар эҳсоси одамӣ ниҳон аст. Ин эҳсосро бо чашм, бо гӯш, бо даст, бо машом пайдо кардан наметавон. Онро танҳо бо Дил ҳис кардан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки ба ҷамоли илоҳӣ расидан ба чашм дидани Оллоҳ ё партави илоҳӣ нест, балки дар дил эҳсос намудани қурби илоҳӣ, иноятии илоҳӣ, меҳрубонии илоҳӣ мебошад. Сӯфиёну орифон ҳаргиз даъвои ба ҷамоли илоҳӣ ҷисмонан расиданро надоранд, балки онҳо файзи илоҳӣ ва раҳоиши рӯҳро аз иноятии илоҳӣ ҳис мекунанд. Дар ин маънӣ ғазали орифона ва шодиёнаи Ҳофиз аз эҳсоси ҷамоли илоҳӣ хеле ҷолиб аст:

Дӯш вақти саҳар аз ғусса наҷотам доданд,
В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд.
Бехуд аз шаъшаъаи партави зотам карданд,
Бода аз ҷоми таҷаллии сифотам доданд.
Чӣ муборак саҳаре буду чӣ фархунда даме,
Он шаби қадр, ки ин тоза баротам доданд.
Баъд аз ин рӯи ману оинаи васфи ҷамол,
Ки дар он ҷо хабар аз ҷилваи зотам доданд.

Бубинед, Ҳофиз шӯру ҳаяҷони қалбу рӯҳи худро аз он ки дар худ таҷаллии зоти илоҳиро тасаввур ва тахайюл мекунад, дар шеър бо садову суруди сурурангези дилаш тасвир мекунад.

Инсон ҷаҳони асғар (микрокосмос) ва мавҷудоти олам ҷаҳони акбар (макрокосмос) аст. Ҳастӣ ва ҷунбиши ин ду ҷаҳон аз қувваи илоҳист, ки орифон онро рамзан ба Ишқ мавсум кардаанд. Мавлонои Рум мегӯяд, ки гардиши ин ҷаҳон аз Ишқ аст ва агар Ишқ намебуд, дунё аз ҳаракот бозмемонд.

Даври гардунро зи мавҷи ишқ дон,
Гар набудӣ ишқ, бифсурдӣ ҷаҳон.
Кай ҷамодӣ маҳв гаштӣ дар набот,
Кай фидои рӯҳ гаштӣ номиёт!
Рӯҳ кай гаштӣ фидои он даме,
К-аз насимаш ҳомила шуд Маряме.
Ҳар яке бар ҷо фусурдӣ ҳамчу ях,
Кай будӣ паррону ҷӯён чун малах!

Низомии Ганҷавӣ Ишқи ҷаҳониро на танҳо қувваи ҷунбиш, балки кашиши мавҷудоти олам донистааст. Олам дар ҷунбиш аст, баробари ҳамин қувваҳои мутақобил ва ба ҳамдигар мутамоил байни худ қувваи кашиш доранд.

Ба мақнотис агар ошиқ набудӣ,
Бад-он шавқ оҳанеро кай рабудӣ!
Ҳар он ҷавҳар, ки ҳастанд аз адад беш,
Ҳама доранд майли маркази хеш!
Табоеъ ҷуз кашиш коре надонанд,
Ҳакимон ин кашишро Ишқ хонанд.
Гар андеша кунӣ аз роҳи биниш,
Ба ИШҚ аст истода офариниш.
Гар аз ИШҚ осмон озод будӣ,
Куҷо ҳаргиз замин обод будӣ!

Кашиши Ишқ Инсон ҳам ҳаст. Инсон кашиши мавҷудаи ҷаҳонро ба чашм мебинад ё ба зеҳн тасаввур мекунад. Аммо кашиши Ишқро инсон дар худ ҳис мекунад. Ин Ишқ ба гунаҳои рангоранг дар Инсон зуҳур мекунад: яке ба ҳунар, дигаре ба мусиқӣ, яке ба шеър, дигаре ба илм, яке ба тиҷорат, дигаре риёзат ва... Аммо кашише ҳаст барои ҳамаи зоти Инсон умумӣ ва ягона аст. Ин кашиш ба зоти мутақобила, яъне кашиши зан ба марду кашиши мард ба зан аст. Ин кашиш Ишқ, ишқи инсонист. Ин Ишқ бинои мустаҳками насли одамӣ ва баробари ҳамин заминаи пойдорӣ ва ободии ҷаҳон аст.

Марказ ва таҷассуми ҳам ишқи ирфониву илоҳӣ ва ҳам ишқи заминиву ҳаётӣ Инсон аст. Инсон дар асли фитрат ва офариниши худ софу пок аст. Вай бо ҳиммату саъю кӯшиш метавонад чун фариштаву малоик пок бошад ва баробари ҳамин аз нодониву ҷаҳолат ба кирдори бад гаравида, мисли деву ифрит шуму бадном гардад. Мавлоно Абдурраҳмони ҷомӣ гуфтааст:

Одамӣ з-асли фитрат омад соф,
Аз сафо қобили ҳама авсоф.
Ҳар сифатро, ки мешавад толиб,
Мешавад бар ниҳоди ӯ голиб.
Гар ба хӯи фариштаорад рӯй,
Зуд гардад фариштасират хӯй.
В-ар занад феъли дев аз вай сар,
Шавад аз феъли бад зи дев баттар.

Инсон бояд кӯшад, ки покиву софии асли худро нигаҳ дорад, хислатҳои зишт ва кирдорҳои ношоистаро аз беху бун дур созад. Яъне некиву бадии инсон ба дасти худи вай аст. Давоми гуфтаҳои Мавлоно Ҷомиро гӯш кунем:

Эй нагашта зи фитрати аввал,
Фитрати хешро макун мубдал.
Ҷаҳд кун, ҷаҳд, то ба олами дил
Малакоти малак кунӣ ҳосил.
Насупорӣ инон ба ҳилаву рев,
Нашавӣ корхонаи даду дев!

Ба ҳамин қиёс Инсон бояд дар покизагии эҳсоси Ишқ ҳамеша ҳиммату мор ва кӯшову ҷаҳдфишон бошад. Мо Ишқро ба маънои ниҳоят бузург ва васеъ дар назар дорем. Ишқ ба зиндагиву ба заҳмату кордорӣ, ишқ ба ҷуфтҳои зебову ҳамнишин, ишқ ба ҳамсару фарзандон, ишқ ба ҳунару машғулиятҳои худ, ишқ ба хондану таҳсили илму дониш, ишқ ба шеъру мусиқӣ ва ҳунарҳои зебо, ки ҷаҳони маънавиро ғаниву рангин месозад, ишқ... ишқ...ишқ...

Инсон дар сиришти худ бо Ишқ таваллуд мешавад. Ин Ишқ аз гаҳвора то дами вопасин ҳамроҳ ва ҳамдами инсон аст. Агар одам Ишқро пок ва пос дорад, саодати зиндагиро ҳосил намудааст. Ишқу муҳаббат зиндагиро равшан, осон, дурахшон, зебо мекунад, дардҳоро даво ва мушкилҳоро раво месозад. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар ин мавзӯъ басо шевою зебо гуфтааст:

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.
Аз муҳаббат дурдҳо софӣ шавад,
В-аз муҳаббат дардҳо шофӣ шавад.
Аз муҳаббат хорҳо гул мешавад,
В-аз муҳаббат сиркаҳо мул мешавад.
Аз муҳаббат сиҳн гулшан мешавад,
Бе муҳаббат равза гулхан мешавад.
Аз муҳаббат нор нуре мешавад,
В-аз муҳаббат дев ҳуре мешавад.
Аз муҳаббат суқм сиҳҳат мешавад,
В-аз муҳаббат қаҳр раҳмат мешавад.
Аз муҳаббат мурда зинда мешавад,
В-аз муҳаббат шоҳ банда мешавад.

Имрӯз аз қуллаи синни ҳафтоду анд ба умри гузашта бо тааммуқ назар меандозам ва бо камоли шукргузорӣ мегӯям, ки эзид таоло аз синни хурдӣ Ишқе дар ниҳодам ато кардааст. Ин ишқ дар марҳилаҳои мухталифи зиндагӣ ба гунаҳову туғёнҳои пасту баланд маро ҳамроҳу роҳбалад будааст. Ёд дорам ёздаҳ-дувоздаҳсола будам. Ба тамошои театр ҳамеша бо падару модарам мерафтам. Намоишномаи "Ҳалима" дар бораи ишқи нокоми духтару маҳбубаш Неъмат ба ман таассуроти амиқ гузошта буд. Баъд аз ин тасвири муҳаббати Одинаву Гуландоми хору зор шуда боз ҳам муассиртар буд. Ишқи шодкомонаву дар муборизаҳо санҷидашудаи Гулнору Ёдгори "Дохунда" маро болу пар бахшид. Бо орзуи бачагона намоишномае навиштанӣ шудам. Аз дафтар китобча сохта онро ба ҳам дӯхтам. Болояш номамро чун муаллиф навиштам. Дигар номи намоишнома – Маҳрабо. Чашми падарам ба ҷилди китоб афтод. Чаро Маҳрабо, Марҳабо не. Зеро ин духтар чунон зебост, ки нуру рӯшноиро аз моҳ рабудааст! Маҳраборо босмачиҳо медузданд ва аз

ёру дилдораш ҷудо мекунанд. Аммо духтари зебо қаҳрамон ҳам буд. Вай сардори босмачиёнро ба фиребу ҳиял кушта, ба дастаи аскарони сурх, ки сардораш маҳбуби вай буд (ёд надорам чӣ ном гузошта будам), кӯмак мекунад, ки дастаи ғоратгаронро торумор кунанд.

Аввали соли ҷанг манзумаи дуру дарозе навиштам, ки нақли он дар боло гузашт. Қаҳрамони манзума духтари деҳотист, ки ба ҷои маҳбуби ба ҷанг рафтааш сари трактор нишаста ба саҳро мебарояд. Трактор меронаду ёди ёраш, лаҳзаҳои висолаш мекунад. Дар ҳангоми пазмониву ёдоварӣ мактуби ёри ҷанговараш мерасад...Саҳро гул мекунад ва аз ҳар гул бӯи висоли ёр меояд...

Ишқе буд, муҳаббате буд аз сарҳадоти синну соли ман берун, вале дили ман, рӯҳи ман аз он равшану мунаввар буд. Имрӯз фикр мекунам, ки шояд ин нури муҳаббат дар дилам аз иноятии илоҳӣ пайдо шуда буд. Дар Қуръон дар ояти 18 аз сураи Анфол ишорае ба Муҳаммад омадааст: "Из рамайта мо рамайта" "он ки ба сӯи кофирон тир андохтӣ, на ту будӣ ки тир андохтӣ, балки Худованд (ба дасти ту) тир андохт". Он ки дар синни сиғр Ишқе доштам, на Ишқи ман, балки Ишқе аз иноятии Худои мутаол дар дил фуруд омада буд. Ишқи озод, Ишқи нурофарину мусаффо, Ишқи ҳамеша ҳамдаму ёвар, ки осоре аз яъсу навмедӣ ва ҳузну андӯҳро ба ҷисму ҷон роҳ намедод. Гоҳо шодӣ меафзуд, ки аз он ёру дӯстону наздикон баҳраманд буданд, гоҳо байту мисраъҳое аз сина берун меомад, ки ҳарчанд нуқсе дар сохтори шеър бездид мешуд, аммо самимиву оташин буданд, ки рӯзҳову моҳҳо "дили рамидаро рафиқу мӯънис" мешуданд.

Ҷу хоби тифл гузашту рафт дame ки бо ту будаам,
Дами нашот, дами фарог,
Даме ки з-ин ҷаҳони худ бурун шуда
Дар оғуши гарми орзу будаам.
Ба рӯи ман насими ту чу зиндагӣ ба бӯи хуш ҳамерасид,
Дил аз нигоҳи равшанат зи сина парзанон
Ба сӯи ту ҳамепарид...

Ишқ чун олиҳаи пок ба сафҳаҳои қиссаву ҳикояҳо, роману драмаҳо ва новеллаву намоишномаҳо парзанон медаромад. Ишқ буд, ки маро дар вақти таълиф гоҳо ба самавот мебурд, гоҳо ҳамроҳу ҳамдами ошиқону маъшуқон шаҳди висол мечашидам ва гоҳо дар яъсу навмедии онҳо ғамгусору ёри шафиқу мӯънис мешудам. "Имрӯз аз субҳ ба навиштани саҳифаҳои Нуруллою Кӯмуш нишастаам. Аҷабо, ҳангоми навиштани ин саҳифаҳо як эҳсоси аҷиби ишқи нокоми онҳо дили маро фишор медиҳад. Худам намедонам, ин нокомӣ ба чӣ меанҷомад, лекин ҳис мекунам, ки ин ишқи сода, пок, беолоиши ду дилдодаи софтинат охир пажмурда мешавад, зери пой мегардад, беасар меравад. Худи эҳсосе ки ояндаи онҳо маълум аст, дили маро мефушурад, қариб аст ки дар дидаҳо ашк пайдо шавад. Гумонам қавист, ки чунин ишқу муҳаббат кам пайдо мешавад. Ишқи Аҳмаду Рухсора низ бузург аст. Вале он ишқи китобӣ, фалсафӣ... Ишқи Нуруллою Кӯмуш монанди гулҳои саҳроӣ худӣ ба худӣ зебост. Касе ба ин гулҳо об намедиҳад, - аз борони осмон шуставу озодаанд, касе замини онҳоро ковок намекунад, аммо решаи онҳо аз нами сарду нарми кӯҳҳо об мегирад... Рангу тобиши

онҳо аз осмони лоҷувардӣ, аз офтоби тиллоӣ, аз абрҳои сафеди моҳтобӣ, аз нури ситораҳои дури тобанда... Вале, ҳайҳот зуд тафбоде мевазаду ин зебоиро зеру забар мекунад!!!" (9-ми март, 1980, Переделкино).

Саҳифаҳои Ишқи Саноиву Аттор, Саъдиву Румӣ, Ҳофизу Ҷомиро аз назари асли ирфонӣ мехондам ва дар дил нури Ишқи ирфонӣ медамид, ошёни қалб баландтар мебаромад, шаъшаъаи сафаҳоти шеъри орифон ва гӯшаи узлати сӯфиён кошонаи синаро равшан мекард. Гоҳо воқеъ мегардид, ки болу пари Ишқи покдилон маро ба табақоти осмон мебурд, сурури фараҳи фазои кушоду беғубор дилу дидаро равшан мекард ва пеши назар намоҳои мутабарраки орамидагони табақоти малакутӣ ҷилва менамуд, ашки шодиву шукрона рӯҳро покиза мекард, ҷисмро аз банди тааллуқи заминӣ озод менамуд. Аз паси шоирони тавоно мисраъҳои оҷизонаамро ба ҳам мепайвастам, то шарҳи ҳоли ман бошад:

Шукр, дар хонаи ғам сабру суботам доданд,
Оби уммед ба гулбарги наботам доданд,
Муждае аз бари ёр баҳри нишотам доданд,
"Дӯш вақти саҳар аз ғусса наҷотам доданд,
В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд".

Аз маи софи бақо бар самаватам карданд,
В-аз сафои маҳу хуршед биситам карданд,
Дар сарои малакут ҷои нишотам карданд,
"Бехуд аз шаъшааи партави зотам карданд,
Бода аз ҷоми таҷаллии сифотам доданд".

Пас садое расид аз дур зи ширин лабе,
Гуфт: Ин ҷо бигӯй ҳар чи ту дорӣ талабе,
Ту малак гаштӣ кунун, гарчи зи одам насабӣ!
"Чи муборак саҳаре буду чи фархунда шабе,
Он шаби қадр, ки ин тоза баротам доданд"

Додам овоз ба шукрона, ки "ёраб, ёраб,
Натавонам сухане кард бурун беш зи лаб,
Он чи лутф аст зи ту, беш буд аз ҳадди талаб,
"Ман агар комраво бошаму хушдил чи аҷаб,
Мустаҳиқ будаму инҳо ба закотам доданд!"

Ин дили шефтаро шодӣ ҳеҷ рух нанамуд,
Ғами ҳиҷрон дар ин сина нишастаст чу дуд,
Гарчи аз шикваи ман ҳеҷ намеомад суд,
"Ҳиммати Ҳофизу анфоси саҳархезон буд,
Ки зи банди ғами айём наҷотам доданд."

Боре дар ин сайронгоҳи осмонӣ таҷассуми Ишқ пеши назар омад. Чун афсона, чун қиссаҳои овони кӯдакӣ. Афсонае буд намои он дили тифлмизоҷи маро ба афсун банд кард. Дар ин афсона ҷодаи ҳақиқат меҷустам. Аммо ҳамаи он афсона буду бас. Афсона рафту ҳақиқат бозмонд. Сурат рафту

маънӣ дар ҷойгоҳи худ буд. Зоҳир рафту ботин дар ниҳод пойдор аст.

Ва ин афсона танҳо дар лавҳи хотир монд. Шамъ рафту Офтоб ҳамчунон тобанда аст. Чун зарра дар нури Офтоб нопадидам, лекин ба туфайли он ҳастам. Рӯҳ ҳамчунон дар парвози само аз Офтоби Ишқ нур мегирад. Рӯшноии Ишқ аст, ки имрӯз хонаи маро гарму пурнур мекунад. Дар рӯшноии ин Ишқ дар гӯшае аз замини парвардигор симои ҳамсарамро мебинам. Дар гармии ишқ нафаси ҳамраҳи зиндагиамро эҳсос мекунам. Ва ба шукронаи ин соату рӯзу солҳои зиндагии бо ҳам чанд мисраи шеъри оҷизонаи худро, ки боре дар дурии сафар иншо шуда буд, мехонам.

Агар ишқи ту намешуд,
В-агар оташат намесӯхт,
Агар аз вуҷуди покат
Тани хокиам намеруст,
Магар ин забони оҷиз,
Магар ин баёни ночиз
Сухане зи ишқ мегуфт?
Дураре зи ишқ месуфт?

Дар гӯшаи ороми ишқпарвар дар соатҳои андешаву тафаккур боз ба олами покиву сафои тану ҷон сайр мекунам. Дар чунин лаҳзаҳо беихтиёр зиндагии сипаришуда ба ёд меояд ва беихтиёр ба таҳлилу танқеҳи шахси худ мегузарам. Оё зиндагӣ бар ҳадар нарафтааст, оё барои одамон ва ҷомеа манфиате аз ман расида бошад, оё дар ҳаққи касе ноинсофию беадолатӣ ва ҳатто бадӣ накарда бошам, оё ҳадди худро ҳамеша дониставу санҷида амал карда бошам, оё ба он ҷизе ки қудрат ва ҳунар нест, даъвогару муддаӣ нашуда бошам, оё барои суди худ ва унвону дасти тамаъ дароз кардаву сари силамуштоқӣ хам накарда бошам?

Ин фикру андешаҳо касро беихтиёр ба ҷодаи ХУДШИНОСӢ мебарорад. Ин ҷода ҳамвору равшан аст, аммо охири он ба чашм намерасад ва ҷуръати он нест, ки гӯям ба ниҳояти ин роҳ хоҳам расид. Вале дар ҷодаи худшиносӣ қадам ниҳодан ва баҳрае аз сайри он бардоштан ба тазкияи рӯҳ ва софии ахлоқ мададгор мешавад.

Худшиносӣ дар таърихи инсоният, гуфтан мумкин аст, аз марҳилае ки дар ҷомеа шууру муносибатҳои мутақобилаи одамон ва тоату ибодат ба неруҳои ғайбӣ арзи вуҷуд кард, аз шартҳои аввалин дар шинохти ҳазрати маъбуд буд. Мегӯянд, ки дар Юнони қадим болои тоқи маъбади Олимп навишта шуда буд: "Худро бишнос!" Ин навиштаҷот чунин маънӣ дошт, ки худшиносӣ аз тоату ибодати худоёни юнонӣ муқаддамтар аст.

Дар таълимот ва фалсафаи ислом, билхосса дар тасаввуф худшиносӣ мавқеи муҳимме дорад. Ҷанбаи фалсафаи худшиносӣ дар ислом ба Қуръон ва аҳодиси набавӣ, ва дар тасаввуф ба таълимоти ваҳдати вуҷуд асос ёфтааст. Фалсафаи ислом мегӯяд, ки шинохти Худо ба воситаи шинохти худ муяссар мешавад. Аз ин ҷост, ки мегӯянд: "Ман арафа нафсаҳу фа қад арафа раббаҳу" – "Он касе ки худро шинохт, Худои худро бишнохта бошад". Худро шинохтан пеш аз ҳама мақоми худро дар олами вуҷуд шинохтан аст. Парвардигор Инсонро ҳамчун ҷонишини худ дар замин, ҳамчун посбон ва имораткунандаи ҷаҳон офарид. Ниҳоят дар Инсон аз рӯҳи худ дамид. Ҳамаи

ин ба дӯши Инсон вазифаи бузурги обод доштани ҷаҳон ва ба ҷо овардани ибодати офаридагори худро мегузорад. Инсон аз неъматҳои ҷаҳон тани худро ороста ва солим нигоҳ медорад. Аммо барои худшиносӣ танҳо саломати тан кам аст, балки тарбия ва камолоти рӯҳ – нафс – ҷон зарур аст. Инсон бояд на танҳо тани худро пок дорад, балки рӯҳи худро покиза нигаҳдорӣ кунад, зеро тан фонӣ ва рӯҳ боқӣ аст, пас аз марг на тан, балки рӯҳ ба асли худ бозмегардад. Дар маънии назофат ва шарофати Рӯҳ – Ҷон Саъдӣ хуб гуфта ва таъкид намудааст, ки мақоми Одамият, яъне худшиносии Инсон ба шарофати Ҷон аст:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшӯ бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.
Хӯру хобу хашму шаҳват шагаб асту ҷаҳлу зулмат,
Ҳаявон хабар надорад зи ҷаҳони одамият.
Ба ҳақиқат одамӣ бош, ва гар на мурғ бошад,
Ки ҳамин суҳан бигӯяд ба забони одамият.
Агар ин дарандаҳӯӣ зи табиатат бимирад,
Ҳама умр зинда бошӣ ба равони одамият.
Расад одамӣ ба ҷое ки ба ҷуз Худо набошад,
Бингар ки то чӣ ҳадд аст макони одамият.
Таярони мурғ дидӣ, ту зи пойбанди шаҳват
Бадар ой, то бубинӣ таярони сдамият.
На баёни фазл кардам, ки насиҳати ту гуфтам,
Ҳам аз одамӣ шунидам баёни одамият.

Мафҳум ва тавҷеҳи худшиносӣ назди аҳли ирфон – тасаввуф аз таълимоти мутакаллимин тафовут дорад. Тафовут дар он замина аст, ки орифон – аҳли тасаввуф ба таҷаллии зоти илоҳӣ дар тамоми мавҷудоти олам эътиқод доранд. Худо бо таҷаллии зоти хеш дар тамоми табиат ва олами ҳастӣ, аз ҷумла дар Инсон низ мунъакис аст. Гузашта аз ин дар сифоти Инсон тамоми оёти худовандӣ инъикос гардидааст. Дар олати илми нучум – дар устурлоб тамоми коинот мунъакис мегардад ва дар Инсон низ ҳамчун устурлоб оёти илоҳӣ мунъакис гардидааст.

Мартабаи Инсон ҳамин қадар бузург аст ва Инсон бояд ба дараҷаи шинохти худ, яъне Худшиносӣ бояд расад. Мо Худоро берун аз худ ва дар доираи тахайлоти номумкин ҷустуҷӯ мекунем. Ҳол он ки Худо дар мост ва бо мост. Мо Худро ки шинохтем, вуҷуди Худоро дар худ, дар Дили худ мешиносем. Ҳофиз дар як ғазали орифона, ҳатто доҳиёнаи худ гуфтааст, ки Дил солҳост, ки акси Худоро (ҷоми Ҷамро) аз бурун ҷустуҷӯй мекард, он чи худ дошт, аз бегона талаб мекард, гавҳари аз садафи ин ҷаҳон берунро, аз ношиноварони лаби уқёнус мепурсид.

Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,
Он чи худ дошт, зи бегона таманно мекард.
Гавҳаре к-аз садафи кавну макон берун аст,
Талаб аз гумшудагони лаби дарё мекард.

Ошиқе дар ҳама аҳвол Худо бо ӯ буд,
Худ намедидашу аз дур "Худоё!" мекард.

Мансури Ҳаллоҷ солҳо дар паи Худшиносӣ буд, ибодат кард, риёзат кашид ва ниҳоят ба дараҷаи камолоти одамият расид ва гуфт: "ана-л ҳақ!" Гумроҳон гумон карданд, ки ӯ даъвои Худоӣ мекунад. На, ӯ чунин даъвои бебокона накардааст. Мансур манзалати худро ҳамчун Инсони комил шинохт ва дар ин манзалати маърифат Худои худро шинохт. Шинохт, ки таҷаллии Худо дар ӯст ва бо ӯст. Ин буд хештаншиносии Ҳаллоҷ! Ин аст Худшиносии орифон, яъне мутасаввифон – соликони тариқати сӯфия.

Он чи гуфтем дар боби Худшиносӣ ҳама дар доираи тафаккури фалсафӣ ва назарӣ буд. Аммо тафаккуроти назарӣ ва таълимоти диниву фалсафӣ дар ташаккули шахси Инсон ва худшиносии амалии вай таъсир ва нақши ҳалкунанда дорад. Одам дар доираи чунин дониш ё бо таъсири чунин таълимот бояд худшиносии амалӣ ва ҳаётӣ дошта бошад. Ҳар як шахс ва ҳар фарди ҷомеа дар зиндагӣ нияте, мақсаде, ҳадафе дорад. Аз кӯдакӣ падару модар ӯро ба воя мерасонанд. Бо кӯмаки оила ва мададгириву тарбияи мактаб кӯдак ба дараҷаи балоғат ва роҳи мустақили зиндагонӣ дохил мешавад. Инак, дар ҳамин синну сол марҳилаи худшиносии Инсон оғоз меёбад. Вай дар роҳи ояндаи худ касбу ҳунар интихоб мекунад. Дар интихоб на танҳо шавқу ҳавас, балки қобилияту истеъдод низ нақши муҳим дорад. Ҳар кас худро месанҷад, худро меомӯзад, дигаронро мебинад ва ба худ аз рӯи ибрат назар меандозад. Ана ҳамин аст марҳалаи аввали худшиносӣ. Дар ин марҳила шавқу ҳавас ва истеъдоди фитрӣ низ аҳамияти калон дорад. Яке ба мусиқӣ шавқу ҳавас ва истеъдод дорад, дигаре ба мусаввириву нақшакашӣ, яке ба рақсу овозхонӣ, дигаре ба меъмориву кандакорӣ. Агар дар ин марҳила Инсон худро хуб шинохта бошад, дар зиндагӣ роҳи ӯ ҳамвору осон мегардад. Баъдтар одам ба чӣ кору корнамоӣ қодир будани худро дар зиндагӣ ва амалия мебинад. Ман дар ин ҷо мансабу маснади ҳукуматдориву роҳнамоии ҳизбиро дар назар дорам. Ҳамаи соҳибони мартабаи ҳукумату давлат аз мактаб гувоҳномае барои идораи мамлакат нагирифтаанд. Онҳо касбу илму дониш омӯхтанд. Тадбири давлатдориро ба онҳо воқеоти замон ва таҷрибаи ҳаёт омӯзонд. Бобоҷон Ғафуров донишманд ва таърихшинос буд. Гузашти рӯзгор ва ҷараёни воқеот ӯро ба маснади роҳбари тавонои ҳизбу давлат гузошт. Гумон меравад, ки шинохти қудрат ва мудаббирии худ дар Ғафуров тадриҷан, аз қадамҳои аввалин дар маъмурияти иҷрои вазифаҳои давлатӣ пайдо шуд. Ӯ ҳис кард ва бовар ҳосил намуд, ки дар маснади давлатӣ роҳбарии мамлакатро метавонад иҷро намояд. Ва ин кори бузургро бо худшиносии комил, бо хирадмандиву мудаббирӣ тавонист ба иҷро расонад.

Худшиносӣ ҳатто ба пайғамбарон низ бевосита ва дар як соати муайян муяссар нашудааст. Пайғамбари акрами мо (с) то чиҳилсолагӣ худро ҳамчун расули Худо нашинохта буд. Аввалин панҷ оёти Қуръон, ки дар сураи Алақа гирд омада ва дар ғори кӯҳи Ҳиро ба Муҳаммад (с) нозил шуда буд, ваҳӣ аз рисолат буд. Лекин сарвари олам ҳанӯз дарк накарда буд, ки ӯ ба мақоми Расули Худо баргузида шудааст. Ба ибораи худамон гӯем, вай ба марҳилаи "худшиносӣ" нарасида буд. Худи сарвари олам нақл намудааст: "Дар замони

нузули ваҳй ба роҳе мерафтам. Ногоҳ аз осмон овозе шунидам. Чашм боло кардам, дидам, ки ҳамон Малак, ки дар ғори Ҳиро ба ман омада буд, бар курсӣ нишастааст миёни замину осмон. Аз сатвату ҳайбату азаматаш хавфе бар ман вуруд кард. Ба хона омадам ва гуфтам: "маро бипӯшонед!" Ҷомаҳо бар ман пӯшониданд. Ва ман дар хаёлу андеша будам, ки Ҳазрати зулҷалол ваҳй фиристод:

"Ало эй Расуле, ки худро ба либосу ҳайрату фикрат дар печидай! Бархез ва ба андарзу панд халқро худотарс гардон. Ва Худойро ба бузургиву кибриё ёд кун! Ва либоси ҷону танро аз ҳар айбу олоиш поку покиза нигоҳ дор. Аз нопокии буту бутпарастон ба куллӣ дурӣ гузин. Ва ба ҳар кӣ эҳсон кунӣ, абадан миннат магузор ва ивази афзун махоҳ. Ва ҳар чи дар таблиғи рисолат аз халқ озор бинӣ, барои Худо сабру шакибой пеш гир." (Сураи ал-Мудассир дар тарҷумаи Маҳдӣ Илоҳӣ.)

Бубинед Худшиносӣ барои баргузидагон ва бузургон то чи андоза лобуд ва амри воҷиб будааст. Барои одамони муқаррарӣ низ худшиносӣ дар мартабаву мақоми худ заррур ва лобуд аст. То ҳар кас тавонад қазоват кунад, ки ӯ кист, барои чӣ омада ва ба чи кору амалиёти муфид барои ҷомеа қодир аст. Агар чунин нашавад, он фард ҳам худро ва ҳам ҷомеаро гумроҳ мекунад.

Банда дар ин маврид бисёр андешаву тафаккур мекунам на танҳо дар бораи худ, балки дар бораи дигарон низ. Зеро аз дигарон, - аз ҳамрангон, ҳамсолон, ҳамкорон ҳамсафон - кас ибрат мегирад. Ва дар мавҷи тафаккуроту андешаҳо оғози солҳои наввадум ба хотир меояд, ки дар ҷомеаи мо ташаннуҷу ҳарачу мараҷе пайдо шуд ё худамон ба вуҷуд овардем. Ман аз оқибатҳои фаҷеи ин воқеаҳо ҳоло ба хомӯшӣ мегузарам. Вале воқеаҳои аҷибу ғарибе ки аз чанде зиёиёну равшанфикрони баодобу ҳалиму шафиқ ба вуқӯъ пайваст, ҳам сабаби ҳайрату ҳам боиси афсӯсу ҳисси дилсардӣ нисбат ба онҳо гаштааст.

Дар айни таҳоҷуми нофаҳмиву бегонагӣ байни мардум баъзе аз олимону адибон худро роҳнамову пешвои миллат гумон мекарданд ё ҳатто ба қалам медоданд. Дар гирдиҳамоиҳо, ба воситаи матбуот ё аз радиову телевизион дар бораи фурӯ рафтани сохтори кӯҳани давлату таблиғи сохторҳои нави номаълуму мавҳум суханҳо мегуфтанд. Ба назар чунин мерасид, ки ҳамин ҳоло ба ташвиқу тарғибу таҳрики ишон пояи ҷомеа фурӯ мераваду онҳо қадом як сохтори давлативу ҳизбӣ месозанд. Гоҳ аз демократия, гоҳ аз Курушу Маздак, гоҳ аз ислому гоҳ аз "дини мубин" (бе таҳорату талаффузи дурусти калимаи шаҳодат) суханрониҳои бе сару нӯг мекарданд. Вақте ки диданд тирашон хато хӯрд, номардона ба кишварҳои дигар фирор карданд, ба ҷои он ки айби худ бифаҳманду ба гуноҳашон иқрор кунанд. Ҳоло ҳам чанде аз онҳо аз дур роҳи хатои моро нишон дода, ба ҷодаи рост даъват мекунанд. Баъзе аз онҳо табдили ақидаву назар ва ҳатто тағйири либос намуда (чунончи ба ҷои сарбандҳои эронӣ кулоҳҳои аврупой) ба ҷомеаи мо бозгашт намуда, гӯё дар дунё чизе рух надода бошад, чобукдастиву чолокфикрӣ мекунанд.

Боз аз аъҷубаҳои замон ин аст, ки баъзе аз зиёиёну донишмандон илму таълимро ғундошта монданду ба таҳлилу танқиди сохтори шӯравӣ (сохторе ки тарбияи онро гирифта аз неъматҳояш баҳраҳои фаровон бардоштаанд) пардохтанд. Баробари ҳамин ба ислоҳу тазкияи ҷомеаи мо рӯй оварда, роҳи

давлатдорӣ, ба кадом кишвар алоқа бастану аз кадом мамлакат тарки алоқа намудан, чӣ тарз сохтани тартиби таълиму тарбия ва маорифи кишварро бо арзи хирадмандӣ ва иддаои роҳнамоӣ ба сарони давлат омӯхтанӣ мешаванд.

Дар ин мавридҳо банда дар масъалаи худшиносӣ ба қадри қудрати тафаккуру андешаам тааммуқ намуда, ба худ суол медиҳам, ки оё шахсоне ки ҳоло зикрашон рафт, дар бораи худшиносӣ тасаввуре доштанд? Ё дар шинохти худ ва тавони ақлу хиради худ боре андешаву тааммул намудаанд?

Оллоҳ-оллоҳ, агар дар ин маврид аз худ чизе гуфтаму нодуруст гуфтам, аз даргоҳи эзид таоло мағфирату пӯзиш мехоҳам. Дар бораи худ гуфта метавонам, ки шояд ба мақоми олии худшиносӣ нарасидаам, аммо аз он марҳилаи умр, ки ба ҳудуди муносибот ва муомилоти бошуурона дастрасӣ ёфтам, ҳамеша кӯшидаам, ки дар доираи шинохти қудрату имконоти худ ба ҳар кор иқдом намоям. Ҳеч гоҳ ба коре ё рутбае муддаӣ набудаам, вале он гоҳ ки шавқе дар дил пайдо шуд ва фаҳме ба имкони ифои коре дар сар омад, ба амале ё касбе кӯшову ҷӯё мешудам. Агар ба коре ё маъмурияте тарғибу ташвиқ менамуданд ва ман аҷзи худ ё адами иштиёқ дар он кор эҳсос менамудам, узре оварда аз васвоси мартабаву маъмурияти берун аз хоҳишу қудратам вопас менишастам. Аз ин ҷост ки ба ҳар кор бо шинохти худ, бо шавқу иштиёқи дил машғул мешудам. Худоро шукр ки дар натиҷа бо рӯҳбаландиву сарфарозӣ ва шодиву сурури дил дар ҳар вазифаву маъмурият шодкому муваффақ мешудам. Натиҷаи шодкомиву тавфиқ беҳтар аз ҷоизаҳову унвонҳову номаҳои тақдир сабаби ифтихору сарбаландӣ мегардид. Аз ин ҷост ки банда ҳамеша аз сарнавишту гузашти рӯзгор розиву сарбаланд ҳастам ва ҳеч гоҳ касе нашунидааст, ки аз тақдиру қазову қадар шиква зада, ба ягон лаҳзаи умр ҳайфу дареғ гуфта бошам.

Аз баъзе касон мешунавам, ки мегӯянд: оҳ, кош солҳои ҷавонӣ биёяду лаззати зиндагии имрӯзаро моломол бичашам. Дар ин маврид мегӯям: на, ман орзуи бозгашти ҷавониро надорам. Ба қуллаҳои барфпӯши зиндагӣ расида роҳати ширинии онро чашидан худ баҳраи беминнати илоҳист. Имрӯз аз баландии қуллаҳои умр ба фарозу нишеби сабзпӯши водии зиндагии гузашта нигоҳ мекунаму чашмонам нур мегирад. Гулҳои шукуфону фурӯзони сабзазорҳо, дарахтони пурсамари шоху барг барафрохта, чашмаҳои мусаффову пурҷилои равон – ин ҳама манзару намоҳои дилкашу дилрабо шодиву сурури роҳи тайкардаи сафари ин ҷаҳонро эҳдо мекунад. Чунин роҳату осоиш неъмати худовандӣ аст, ки ба бандагон арзонӣ шудааст.

Дар ин марҳилаи умр орзуи ягона он аст, ки худро бишносам, то парвардигори худро шинохта бошам. Бо ин покиву покизагии шинохт – маърифати Эзиди мутаол аз сафари ҷаҳони хокӣ ба фазои малакутӣ ва ба асли худ парвоз кунам. Аз ин ҷост ки мукаррар мегӯям: Худоё, худро бишносам! Садои дил аст, ки аз қаъри сина мебарояд ва дар фазо акси садо пайдо мекунаду чун хитоби Олами ғайб ба замин мерасад ва мужда медиҳад, ки дуои муқими боргоҳи аҷз мустаҷоб хоҳад шудан, ки мегӯяд:

Худоё, худро бишносам!

августи 2001

марти 2005

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 3

ФАСЛИ ЯКУМ. САМАРҚАНД 9
ГУЗАРИ ҚОЗӢ КАЛОН 13
ПАДАРАМ 15
МОДАРАМ 17
МОДАРКАЛОНҲОЯМ 20
АМАКҲОИ МАН 23
ГУЗАРИ "МАДАНИЯТ" 30
ҚИССАИ БОҒИ ҚАВОЛА 36
ПАНҶАКЕНТ 38
МАНЗИЛИ МО ДАР ПАНҶАКЕНТ 40
ОМӮЗИШГОҲИ ПАНҶАКЕНТ. 42
БОЗГАШТ БА САМАРҚАНД 50
ОМӮЗИШГОҲИ ТОҶИКИИ САМАРҚАНД 53
МАН ДАР ОМӮЗИШГОҲ 62
СОЛИ МУДҲИШИ 1937 64
РОҲ БА СӮИ МАКТАБИ ОЛӢ 66

ФАСЛИ ДУВВУМ. ТОШКАНД 75
ФАКУЛТАИ ШАРҚШИНОСӢ 75
РАДИО 90
РАВНАҚИ БАРНОМАҲОИ ТОҶИКӢ 97
БАРНОМАҲОИ АДАБИИ ТОҶИКӢ 102
ҲУНАРПЕШАГОНИ БУХОРИИ ТЕАТРИ "ҲАМЗА" 104
САФАР БА СТАЛИНОБОД 110
ҚИССАИ ФОТИМАХОН 117
МУТАВАККИЛ БУРҲОНОВ ВА ҶАҲОНИ МУСИҚИИ МАН 128
РАСИДА БУД БАЛОЕ - ВАЛЕ БА ХУБӢ ГУЗАШТ 143
СОЛИ ОХИРИН ДАР ТОШКАНД 147
УСТОД АЙНӢ ВА РОҲИ НАВИНИ ЗИНДАГИИ МАН 150

ФАСЛИ САВВУМ. СТАЛИНОБОД 163
АСПИРАНТУРА 168
АКАДЕМИЯИ ФАНҲО 180
ШИНОСОӢ БО БУХОРИЁНИ СТАЛИНОБОД 190
САФАР БА МАСКАВУ ЛЕНИНГРАД 196

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ. МАСКАВ 207
АЗ ИЛЙИНКА БА ШАҲР 213
ДЎСТОНУ РАФИҚОНИ ҲАМТАҲСИЛИ МАН 215
ПЕШ АЗ БОЗГАШТ БА СТАЛИНОБОД 225
ХОТИМАИ ФАСЛИ "МАСКАВ" 232

ФАСЛИ ПАНҶУМ. СТАЛИНОБОД - ДУШАНБЕ 241
БОЗГАШТ БА ИНСТИТУТ 246
ҲОСИЛИ ОМЎЗИШИ ДАСТНАВИСҲО 254
ХОТИМАИ ФАСЛ 257

ФАСЛИ ШАШУМ. ДУШАНБЕ 261
АҲМАДИ ДОНИШ 262
АЗ ОРЕНБУРГ ТО ПЕТЕРБУРГ 268
ҲОСИЛИ РАНҶИ СИСОЛА 272
РЎДАКӢ 293
АЙНӢ 302

ФАСЛИ ҲАФТУМ. ДУШАНБЕ – МАСКАВ 322

ФАСЛИ ҲАШТУМ ДУШАНБЕ – САМАРҚАНД 333
ХОТИМАИ ҒАЙРИ ЧАШМДОШТИ ИН ФАСЛ 340
ХОТИМА. ХУДОЁ, ХУДРО БИШНОСАМ 346

Расул Ҳодизода

ХУДОЁ, ХУДРО БИШНОСАМ

Тарроҳи компутер: Бунафша Ҷабборова

Дар рӯи муқова мусаввараи рассоми муосири
Испания Салвадор Дали бо номи "Намои мутақобила" акс ёфтааст.

Ба матбаа 10.10.2005 супорида шуд. Ба чоп 20.02.2006 имзо шуд.
Когази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 23.37.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр 500 нусха.
Супориши № 19. Нархаш шартномавӣ.

Нашриёти «Деваштич»
ш. Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47
Тел: 23-56-66, 27-61-47
E-mail: devashtich@tojikiston.com

ISBN 99947-36-05-1

